АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ ВА МЕРОСИ ХАТТӢ

**АБӮАБДУЛЛОҲ МУҲАММАД**

**ИБНИ ИСМОИЛ АЛ-БУХОРӢ**

# САҲЕҲИ АЛ-БУХОРӢ

(АЛ-ҶОМЕЪУ-Л-МУСНАДУ-С-САҲЕҲУ-Л-МУХТАСАР МИН УМУРИ РАСУЛИ-Л-ЛОҲИ, САЛЛА-Л-ЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ ВА СУНАНИҲИ ВА АЙЁМИҲИ)

**ДАР 6 ҶИЛД**

НАШРИЁТИ «НАУКА»

**АБӮАБДУЛЛОҲ МУҲАММАД**

**ИБНИ ИСМОИЛ АЛ-БУХОРӢ**

# САҲЕҲИ АЛ-БУХОРӢ

**ҶИЛДИ 1**

*АЗ АРАБӢ ТАРҶУМАИ*

*МУҲАММАДҶОН УМАРОВ ВА ФАЙЗУЛЛО БОБОЕВ*

МОСКВА – 2002

ББК

Аз арабӣ тарҷумаи
***Муҳаммадҷон УМАРОВ ва Файзулло БОБОЕВ***

Муҳаррирон:
***Саиднуриддин ШАҲОБУДДИНОВ ва Салоҳуддин СОЛЕҲОВ***

**Б-22** **Ал-Бухорӣ**, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил. Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Дар 6 ҷилд / Аз арабӣ тарҷумаи Умаров М. ва Бобоев Ф. – М.: Наука. – 2002. – Ҷ.1. – 536 саҳ.

Матни комили «Саҳеҳ»-и ал-Бухорӣ (а.IX) бори нахуст ба забони модарии муаллиф – тоҷикӣ тарҷума ва нашр мешавад. Ҷилди 1 аз китоби «Оғози ваҳӣ» то китоби «Ҷанозаҳо»-и «Саҳеҳ»-ро дарбар мегирад.

© Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев, 2002

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# АСАҲҲУ КИТОБИН БАЪДА КИТОБИ-Л-ЛОҲ – САҲЕҲТАРИН КИТОБ БАЪДИ КИТОБИ ХУДО

Ва omaну би мо нуззила ало Муҳаммадин ва ҳува-л-ҳаққу мин Раббиҳим (47:2). – Ва ба он чӣ бар Муҳаммад фуруд оварда шуд – ва он рост аст – (омада) аз Парвардигорашон – мӯътақид шуданд.

Сипосу ситоиш Он Худоеро, ки ба ҷаҳониён фармуд: “Неъмати Худро ба шумо тамом кардам ва исломро барои шумо дин баргузидам” (5:3). Ва дуруду ниёиш бар он пайғамбаре, ки ба сӯи ин ҷаҳониён аз ҷониби Худо раҳмат фиристонида шуд: “Ва Мо туро нафиристодем, магар аз рӯи меҳрубонӣ бар оламиён” (21:107). Мақому манзалат ва фаъолияти пайғамбарии ӯро низ Худо муайян фармуд: “Касоне(-ро меҳрубонии Ман фаро хоҳад гирифт), ки он пайғамбарро пайравӣ мекунанд, ки набии уммӣ аст ва он ки наъташро наздики хеш дар Таврот ва Инҷил навишта меёбанд; онҳоро ба кори писандида мефармояд ва аз кори нописандида манъ мекунад ва барои онҳо покизаҳоро ҳалол месозад ва нопокизаҳоро ҳаром мекунад ва бори гарони онҳоро ва он машаққатҳоеро, ки бар онҳо буд, аз онҳо фурӯ мениҳад. Пас, касоне, ки ба ӯ имон оварданд ва ӯро таъзим карданд ва ба ӯ ёрӣ доданд ва нуреро, ки ҳамроҳи ӯ нозил шудааст, пайравӣ карданд – ҳамоно онҳо растагоронанд” (7:157).

Ва ризвону раҳмати Худо бар он олимон – сарсупурдагон ва ҷон фидо кардагони роҳи улуми исломӣ, ба хусус, Каломи Худои Таъо-

ло ва суннату ҳадиси пайғамбари Ӯ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бод, ки Худо дар шаъни онҳо оят нозил кардааст: “Ва ин достонҳо(-и Қуръон)-ро барои мардумон баён мекунем ва онро ба ҷуз доноён касе ба ақл дар намеёбад” (29:43). Ва Худо аз соҳиби ин китоби “Саҳеҳ” хушнуду бар равони ӯ меҳрубон бод, ки пешвои он доноён ва имоми олимони ислом дар ҳамаи давру замон буда, китобаш “Аҷаллу кутуби-л-ислом ва афзалуҳо баъда Китоби-л-Лоҳи Таъоло” (Ҷалилтарин ва беҳтарин кутуби ислом баъди Китоби Худои Таъоло) аст.

Дини мубини ислом дини умумибашарист. Ва қавмҳои гуногуни арабу аҷам дар муносибати худ ба ислом як ё якчанд ифтихор доранд: яке бо он ки дар густариши ҷуғрофии ин дин аз соҳили уқёнуси Атлас то соҳили уқёнуси Ором ҷиҳод кардааст, дигарӣ дар мудофиаи марзу буми Дору-л-ислом (сарзамини ислом) дар муқобили бераҳмтарин душманон (кофирон, салибдорон, истеъморгарон ва ғайра) ҷангидааст, сеюмӣ дар эълои сухани Худо ва ривоҷу равнақи улуми исломӣ кӯшидааст, чаҳорумӣ ақоиди исломиро аз ҳуҷуми тафриқаандозон ва соҳибони ақоиди ботила (аз қабили илҳод, ибоҳия ва ғайра) ҳимоя намудааст... Дар ин муомила ҳар гоҳ аз мояи ифтихорот ва саҳми мардуми Мовароуннаҳру Хуросон, умуман мусулмонони арабу ғайри араб сухан доир шавад, ҳатман пеш аз ҳама ва беш аз ҳама номи имом ал-Бухорӣ ва китоби “Саҳеҳ”-и ӯро ба забон меоранд.

* * *

Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни ал-Муғира ибни Бардизбеҳ ибни ал-Аҳнаф ал-Ҷуъфӣ ал-Бухорӣ машҳур ба Имом ал-Бухорӣ 13 шавволи соли 194 ҳиҷрии қамарӣ (21 июли 810) рӯзи ҷумъа дар Бухоро дар хонадони бухороии тоҷик таваллуд шудааст. Ниёгони ӯ пайравони дини зардуштия буданд, нахуст бобои падараш ал-Муғира ислом пазируфт. Падараш низ олими ҳадис будааст, вале дар овони кӯдакии ал-Бухорӣ вафот кард ва тарбияи ӯро модараш, ки аз занони бомаърифати замони худ буд, ба ӯҳда гирифт. Ал-Бухорӣ аз синни даҳсолагӣ ба фаро гирифтани улум ва ҳифзу омӯзиши ҳадиси набавӣ пардохт. Ӯ таҳсили илмро нахуст дар назди шайхони Бухоро Муҳаммад ибни Саломи Байкандӣ, Муҳаммад ибни Юсуфи Байкандӣ, Абдуллоҳ ибни Аҳмади Маснадӣ, Иброҳим ибни Ашъас ва дигарон оғоз кард. Дере нагузашта ал-Бухорӣ ҳамчун олими шинохта ва варзидаи шаҳри худ маъруфият пайдо кард, то ҷое, ки баъзе муаллифон, ҳатто шайхони

худи Имом (аз ҷумла Муҳаммад ибни Саломи Байкандӣ) китобҳояшонро аз назари ӯ мегузарониданд. Ал-Бухорӣ навиштааст: "Вақте ки ба синни 16-солагӣ расидам, китобҳои Ибни ал-Муборак ва Вакеъро аз бар кардам ва ба каломи асҳоби раъй сарфаҳм рафтам. Баъди он ҳамроҳи модару бародарам ба сафари ҳаҷ баромадам". Баъди адои маносики ҳаҷ модару бародари Имом ба ватан баргаштанд, вале худи ӯ дар он ҷо барои идомаи таҳсили илм монд ва дар назди шайхони Макка, аз қабили Имом Абулвалид Аҳмад ибни ал-Азрақӣ, Абдуллоҳ ибни Язид, Исмоил ибни Солим ас-Соиғ, Абӯбакр Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр, Аллома ал-Ҳумайдӣ ва дигарон дарс хонд. Баъди он дар синни 18-солагӣ рӯй ба Мадина ниҳод ва илми худро дар назди Иброҳим ибни ал-Мунзир, Мутарраф ибни Абдуллоҳ, Иброҳим ибни Ҳамза, Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ал-Увайсӣ ва дигарон такмил дод. Дар ин сафар мусаввадаи китоби "ат-Таъриху-л-кабир фӣ лаёлӣ-л-муқмира" (Таърихи бузург дар шабҳои моҳтобӣ)-ро ба анҷом расонид.

Сипас ба Басра мусофират кард ва дар он ҷо аз Абӯосим ан-Набил, Сафвон ибни Исо, Бадал ибни Муҳаббар, Ҳарамӣ, Аффон ибни Муслим, Абулвалид ат-Таёлисӣ, Орим ва дигарон ҳадис шунид. Ӯ чаҳор маротиба ба Басра сафар кардааст. Ҳамчунин ба Куфа рафта, аз Абдуллоҳ ибни Мӯсо, Исмоил ибни Абон, Абӯғассон ва доираи илмии онҳо дарси ҳадис гирифт. Пасон Имом вориди Бағдод шуд ва дар он ҷо аз Аҳмад ибни Ҳанбал, Муҳаммад ибни Исо ас-Саббоғ, Шурайҳ ибни ан-Нӯъмон ва доираи илмии онҳо ҳадис шунид. Чун барои видоъ назди Имом Аҳмад ибни Ҳанбал рафт, ӯ бо дарду алам гуфт: "Илму аҳл(-и илми ин ҷо)-ро тарк карда, ба Хуросон меравӣ". Баъди он ба Шом сафар кард ва дар он ҷо аз ал-Фарёбӣ, Одам ибни Иёс, Ҳаёт ибни Шурайҳ ва дигарон дарс гирифт. Сипас ба Миср рафт ва дар назди Усмон ас-Соиғ, Саъид ибни Абӯмарям, Абдуллоҳ ибни Букайр, Аҳмад ибни Шабиб, Асбағ ибни ал-Фараҷ ва дигарон дарс хонд.

Ҳамчунин дар ал-Ҷазира (шимоли Сурия) низ будааст ва аз дарси Аҳмад ибни Абдулмалик ал-Ҳарронӣ, Аҳмад ибни Язид ал-Ҳарронӣ, Амр ибни Халаф, Исмоил ибни Абдуллоҳ ар-Раққӣ ва дигарон баҳра бардошт. Аз шаҳру ноҳияҳои Хуросону Ироқи Аҷам – монанди Марв, Балх, Ҳирот, Нишопур, Рай, Кӯҳистони Хуросон ва манотиқи дигар тақрибан ҷое намондааст, ки ӯ нарафта ва аз олимони он ҷойҳо ҳадис нашунида бошад. Имом ал-Бухорӣ гуфтааст: "Аз ҳазор бештаранд шайхоне, ки ман аз онҳо ҳадис шунидам. Ва назди ман ҳадисе нест, ки исноди онро дар ёд надошта бошам".

Ниҳоят, Имом ал-Бухорӣ ба ватани худ – Бухоро баргашта, бо

таҳқиқу тадрису таълиф машғул гардид, вале дар чанд масъала миёни ӯву ҳокимони ондавраи Бухоро ихтилофоте рӯй доданд. Имом маҷбур шуд, ки тарки ватан кунад. Азбаски мардуми Самарқанд чандин бор намоянда фиристода ӯро барои таҳқиқу тадрис ба шаҳри худ даъват карда буданд, ӯ аз зодгоҳаш берун омада ба сӯи ин шаҳр раҳсипор гардид. Имом дар деҳаи Хартанг (дар дуфарсахии Самарқанд), ки роҳ аз он мегузашт, дар хонаи яке аз хешовандонаш тавaққуф кард ва мусофирати худро ба поён нарасонида, дар ҳамон деҳа рӯзи 30 рамазон (шаби иди Фитр)-и соли 256 ҳиҷрии қамарӣ (31 августи 870) аз олам чашм пӯшид. Рӯзи ид баъди намози пешин ӯро ба хок супурданд. Номи имрӯзаи ин мавзеъ Пойариқ буда, мазори Имом дар он ҷо то алҳол мавҷуд аст ва дар солҳои охир хеле обод гардид. Ин ҷой дар Осиёи Миёна ягона мазорест, ки дар тамоми олами ислом маъруф буда, онро ҳар як мусулмон – хоҳ олим, хоҳ омӣ – медонад ва дар орзуи зиёрати он аст.

Дар бораи Имом ал-Бухорӣ сарчашмаҳо ҳам аз забони худи ӯ ва ҳам аз забони олимони мавриди эътимод нақлу ривоятҳои зиёде овардаанд. Аз ҷумла нақл кардаанд, ки ӯ дар кӯдакияш кӯр шуд ва табибон аз муолиҷаaш оҷиз монданд. Модараш дар хоб ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳро дид, ки ба ӯ гуфт: “Ба шарофати дуоҳои бисёрат Худо ба писарат биноияшро бозгардонид”. Модар чун ҳамон шаб аз хоб бархост, дид, ки биноии писараш – Муҳаммад барқарор шуда, нур ба чашмонаш баргаштааст. Аз забони худи Имом чунин овардаанд, ки ӯ дар хоб дид, магас аз рӯи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, меронад. Баъд ин хоби ӯро чунин таъбир карданд, ки ӯ аз ҷумлаи ҳадисҳои мансуб ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, тамоми дурӯғ, маҷъулу машкукро дур ронда, аз байни онҳо фақат ҳадису суннати саҳеҳро ҷудо хоҳад кард. Ҳамчунин қиссаи аз сахттарин имтиҳони олимони Бағдод сарбаландона гузаштан ва ҳамаро дар ҳайрат гузоштани ӯ дар аксари сарчашмаҳо дарҷ аст. Боз ривоят кардаанд, ки аз хоки марқади ӯ муддати мадиде монанди мушк бӯи хуше меомад.

Хатиби Табрезӣ аз Абдулвоҳид ибни Одам ат-Тавовисӣ нақл мекунад, ки гуфтааст: “Дар хоб пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, як гурӯҳ саҳобагон ҳамроҳаш буданд ва ӯ дар мавзеъе мунтазир меистод. Ман ба ӯ салом додам, ӯ ҷавоби саломи маро баргардонид, пас гуфтам: “Эй пайғамбари Худо, чаро ин ҷо (мунтазир) истодаӣ?” Гуфт: “Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухориро мунтазирам”. Ва чун баъди гузашти айёме хабари марги ӯ ба ман расид, нигаристам ва чунин (ҳақиқатро) дарёфтам: ӯ дақиқан дар

ҳамон соате вафот кардааст, ки ман дар он пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар хоб) дида будам".

Ва боз чанде дигар аз ин қабил нақлу ривоятҳо дар манбаъҳо сабтанд. Ва ҳоло аз пояҳои воқеии ин нақлу ривоятҳо як ҷанбаи дигари онҳо барои мо аҳамияти бештаре дорад. Барои касоне, ки дар тӯли таърихи тақрибан 1200-сола бо "ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ"-и Имом ал-Бухорӣ сару кор доштанду доранд, сабку услуб ва усули эҷоди ин асар мисли як мӯъҷиза ҷилвагар аст. Аз нигоҳи ҳамаи олимони исломию ғайриисломӣ (бидуни ҷонибдорӣ ё кинадории мазҳабӣ нисбат ба "Саҳеҳ") ин кори бузургро танҳо шахсе ба анҷом расонида метавонист, ки илова ба истеъдод, қариҳа ва қудрати азими эҷодкорӣ боз бархурдори таъйиди илоҳӣ бошад.

* * *

Имом ал-Бухорӣ боре суханронии шайхаш Исҳоқ ибни Роҳавайҳро шунид, ки ба шогирдон мегуфт: "Кошки шумо китоби мухтасари суннати саҳеҳи пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҷамъ меовардед! " Ал-Бухорӣ гуфтааст: "Ин сухан дар дили ман ҷой гирифт ва ба ҷамъ овардани (китоби) "ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ" пардохтам". Имом 16 соли умри азизашро дар роҳи ҷамъоварӣ, гузиниш ва нигориши ҳадисҳои ин китоб сипарӣ кард. Ва ҳар ҳадисеро, ки бо дақиқтарин усулу шурут бар мегузид, танҳо баъди ғусл карда, ду ракъат намоз хонда аз Худо истихора намудан дар китобаш ҷой додааст. Ал-Бухорӣ ба китобаш фақат ҳамон аҳодисеро аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам дохил кардааст, ки аз назари худаш саҳеҳ, санадҳояшон муттасил ва ровиёнашон ба сидқ, адолат ва инзибот машҳур бошанд. Ӯ фақат бо шунидани ягон ҳадиси устоди муосир аз забони шогирд иктифо нанамуда, худ рафта он устодро дида, аз забонаш шунида, баъд ба саҳеҳ будан ё набудани ин ё он ҳадис мутмаин гардидааст. Бинобар ин китоби ӯ ҳам аз лиҳози вақту замон, ҳам аз ҷиҳати мақому манзалат ва ҳам аз нуқтаи назари қимати илмӣ нахустин, беҳтарин ва дурусттарин китоби суннат буд, ки дар он фақат ҳадисҳои саҳеҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо усули дақиқ ва шартҳои махсус баргузидаву дарҷ гардидаанд.

Муҳаққиқон дар мавриди ба шӯъбаву шохаҳо тақсим шудани илм, ба хусус илми фиқҳ аз як тараф ва ба китобҳо ва бобҳо дастабандӣ гардидани "Саҳеҳ"-и Имом ал-Бухорӣ аз тарафи дигар, мувофиқату ҳамоҳангиро ба мушоҳида гирифтаанд. Дар ин ҷо низ дақиққорию борикбинии Имом зоҳир аст: китобҳо ва бобҳои

“Саҳеҳ”-ро чунон номгузорӣ намудааст, ки мӯҳтавои ҳадис ё ҳадисҳои ҳар боб бо унвони он комилан мувофиқат дорад. Фақат дар баъзе ҳолатҳо хонанда дар асоси ҳамин мувофиқати номи бобу мӯҳтавои аҳодис ҳадисеро дар бобе ҷустуҷӯ мекунад, вале ғайри чашмдошт онро аз боби дигар меёбад. Ин ҳолат ва рабти мантиқии онҳоро шореҳони сершумори “Саҳеҳ” ба дараҷаи қонеъкунанда тавзеҳ додаанд. Имом бисёре аз калимаву иборот ва мазмуни ҳадисҳоро худ шарҳ дода, пайванди маъноии байни ҳадис ва оёти қуръониро тафсир кардааст. Ин шарҳу тафсирҳои Имом ал-Бухорӣ дар матни китоб бештар баъди ибораи «Абӯабдуллоҳ гуфт» омадааст. Фатвову баёноти саҳобагон, тобеъин ва фикру андешаҳои олимон низ барои тақвияти матлаб оварда шудаанд. Баъзан ал-Бухорӣ ҳадисеро ба чанд порча тақсим карда, ҳар якеи онро аз рӯи мавзӯъ дар боби муносибу мувофиқ дарҷ намудасст.

Муҳаққиқон теъдоди ҳадисҳои “ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ”-и Имом ал-Бухориро аз 7200 то 7400 нишон додаанд. Вале дар нашри 15 ҷилдаи академии “Фатҳу-л-Борӣ би шарҳи “Саҳеҳи-л-Бухорӣ” ли-л-Ҳофиз Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ. – Бейрут, “Дору-л-Фикр”. – 1990 ин теъдод 7563 ҳадис ва ба истисноии ҳадисҳои такроршуда 4000 ҳадис мебошад. Имом ал-Бухорӣ, ба эътирофи худаш, ин теъдодро аз миёни 600000 ҳадис, ки 200000 онро аз ёд медонистааст, баргузида, дар нӯҳ ҷузъ (ҷилд), 97 китоб ва 3450 боб дастабандӣ кардааст. Китоби Имом ал-Бухорӣ бо номи “Саҳеҳ” ё “ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ” машҳур мебошад, вале унвони пурраи он чунин аст: “ал-Ҷомеъу-л-муснаду-с-саҳеҳу-л-мухтасар мин умури расули-л-Лоҳи, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва сунаниҳи ва айёмиҳи” (Маҷмӯаи мухтасари иснoддори дуруст аз умур, суннатҳо ва рӯзгори пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам). Китоби Имом ал-Бухорӣ аз вақти навишта шуданаш то имрӯз аз тарафи олимони исломӣ (ва ғайри исломӣ низ) мавриди иноят, омӯзиш, баррасӣ, шарҳу тавзеҳ, ихтисору интихоб қарор гирифт. Танҳо адади шарҳҳои ин асар болиғ ба 82 аст, ки 11-тои он ба чоп расидааст. Ва то ҳол 28 нафар бар “Саҳеҳ”-и ал-Бухорӣ тавзеҳот навиштаанд, 15 нафари дигар онро хулоса намуда, 16 нафар бар он муқаддима навиштаанд. Мухтасари “Саҳеҳ” ё мунтахаби ҳадисҳои он аз қадим то имрӯз ба забони форсӣ-тоҷикӣ борҳо тарҷума ва шарҳу тавзеҳ шудааст. Чанде аз шарҳҳои машҳури “Саҳеҳ”-и ал-Бухориро дар ин ҷо феҳриствор номбар мекунем:

1. “Фатҳу-л-Борӣ би шарҳи “Саҳеҳи-л-Бухорӣ”-и Ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ (вафоташ соли 1428).

2. “Умдату-л-қорӣ фӣ шарҳи-л-Бухорӣ”-и Маҳмуд Бадруддин ал-Айнӣ (вафоташ соли 1451).

3. “Ат-тавшеҳ ала-л-Ҷомеъи-с-Саҳеҳ“-и Ҷалолуддин ас-Суютӣ (вафоташ соли 1505).

4. “Иршоду-с-сорӣ ли шарҳи “Саҳеҳи-л-Бухорӣ”-и Абулаббос ал-Қасталонӣ (вафоташ соли 1517).

Баъд аз Имом ал-Бухорӣ шогирдону пайравонаш кори ӯро идома доданд ва худ маҷмӯаҳои аҳодиси набавӣ баъзе бо номи “Саҳеҳ” ва бархеи дигар бо номи “Сунан” таълиф кардаанд. Аз байни ҳамаи ин таълифот 5 китоб машҳур аст, ки дар маҷмӯъ бо “Саҳеҳ”-и ал-Бухорӣ” “Сиҳоҳи Ситта” – “Шаш Китоби “Саҳеҳ”-ро ташкил медиҳанд. Ва ин шаш китоби ҳадиси аҳли суннат ва ҷамоат аст, олимон, фақеҳон, муҳаддисон бар он эътимод доранд ва аркони асосии илми ҳадис аст. Ва он панҷи дигар ин аст:

1. “Ал-муснаду-с-саҳеҳу-л-мухтасар мина-с-сунан би нақли-л-адли ани-л-адли ан расули-л-Лоҳи, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам” (Китоби исноддори саҳеҳи мухтасар аз суннатҳо бо нақли ровии одил аз ровии одил, аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам)-и Имом Абулҳусайн ибни ал-Ҳаҷҷоҷ ибни Муслим ибни Вард ибни Кӯсоз ал-Қушайрӣ ан-Нисобурӣ (вафоташ соли 875), ки бо номҳои мухтасари “Саҳеҳ”-и Муслим ва “ал-Муснаду-л-Кабир” машҳур аст.

2. “Ал-Ҷомеъу-л-Кабир”-и Имом Абӯисо Муҳаммад ибни Исо ибни Сура ибни Мӯсо ас-Суламӣ ал-Буғӣ ат-Тирмизӣ (вафоташ соли 892), ки бо номҳои мухтасари “Саҳеҳ”-и ат-Тирмизӣ ва “ас-Сунан”-и ат-Тирмизӣ машҳур аст.

3. “Китобу-с-Сунан”-и Имом Абӯдовуд Сулаймон ибни ал-Ашъас ибни Исҳоқ ибни Башир ал-Аздӣ ас-Сиҷистонӣ (вафоташ соли 889), ки бо номи “ас-Сунан”-и Абӯдовуд машҳур аст.

4. “Китобу-с-Сунани-л-Кубро”-и Имом Абӯабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуъайб ибни Алӣ ибни Синон ибни Баҳр ибни Динор ал-Хуросонӣ ан-Насоӣ (вафоташ соли 915), ки бо номи “ас-Сунан”-и ан-Насоӣ машҳур аст.

5. “Китобу-с-Сунан”-и Имом Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язид ибни Моҷа ар-Рабъӣ ал-Қазвинӣ (вафоташ соли 887), ки бо номи “ас-Сунан”-и Ибни Моҷа машҳур аст.

Албатта, гули сари сабади ин “Сиҳоҳи Ситта” ба эътирофи умум китоби “ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ”-и Имом ал-Бухорӣ мебошад. Аз ин мавқеъ олимон ҳамаи ҳадисҳоеро, ки саҳеҳ (яъне дуруст) дониста

шудаанд, ба 7 намуд тақсим кардаанд:

1) ҳадисҳое, ки онҳоро ҳам Имом ал-Бухорӣ ва ҳам Имом Муслим ривоят кардаанд; 2) ҳадисҳое, ки онҳоро фақат Имом ал-Бухорӣ ривоят кардааст; 3) ҳадисҳое, ки онҳоро фақат Имом Муслим ривоят кардааст; 4) ҳадисҳое, ки онҳоро на Имом ал-Бухорӣ ва на Имом Муслим ривоят накардаанд, лекин ҷавобгӯи шартҳои ҳар ду Имом мебошанд; 5) ҳадисҳое, ки ҷавобгӯи шартҳои Имом ал-Бухорӣ мебошанд; 6) ҳадисҳое, ки ҷавобгӯи шартҳои Имом Муслим мебошанд; 7) ҳадисҳое, ки онҳоро имомони дигар "саҳеҳ" гуфтаанд.

Олимон фазилати Имом ал-Бухорӣ ва баъди ӯ Имом Муслимро дар он мебинанд, ки онҳо дар таълифи китоби худ танҳо ба ҳадиси саҳеҳ эътимод кардаанд. Бинобар ин китоби ҳар дуро дар якҷоягӣ "Саҳеҳайн" ва худашонро Шайхайн мегӯянд. Ин чунин маъно дорад, ки ба ҷуз саҳеҳ боз ҳадис будааст. Бинобар ин аз ҷиҳати радду қабул ҳамаи ҳадисҳоро ба се қисм ҷудо кардаанд: саҳеҳ (дуруст), ҳасан (хуб) ва заиф (суст).

1. Саҳеҳ. Барои ҳадиси саҳеҳ ба ғайр аз он 7 намуди дар боло зикршуда, ки бо номи Имом ал-Бухорӣ ва "Саҳеҳ"-и ӯ иртибот дорад, боз чунин таъриф овардаанд, ки силсилаи санадаш мушаххас бошад ва ровии одили дақиқ аз ровии одили дақиқи дигар нақл кунад то ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ё манбаи аслии он – саҳобӣ ё поинтар аз он – тобеъӣ интиҳо ёбад бад-он шарт, ки шозз[1] ё маъюб[2] набошад. Ҳадиси саҳеҳ ду навъ аст: саҳеҳи зотӣ, ки худ ба худ саҳеҳ аст; саҳеҳи аразӣ, ки қаринае ё амре хориҷӣ саҳеҳ будани ҳадисро эҷоб кунад.

2. Ҳасан – ҳадисест, ки силсилаи санадаш ба воситаи ровиёни одил яке пас аз дигаре то ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ё саҳобӣ расад ва ровиёни ин гуна аҳодис ба дараҷаи диққат ва муҳкамкории ровиёни ҳадиси саҳеҳ наздик бошанду ҳадисашон шозз ва маъюб набошад. Ҳадиси ҳасан низ ду навъ аст: ҳасани зотӣ, яъне худ ба худ ҳасан (хуб) аст; ҳасани аразӣ, ки амри берунӣ мӯҷиби мақбул будани ҳадис бошад, чунон ки яке аз ровиёнаш маҷҳул бошад, яъне шоистагӣ ё ношоистагии ӯ

---

[1] Шозз – ҳадисест, ки ровии он шахси мавриди бовар ва эътимод бошад, аммо ривояти ӯ аз ривояти ровиёни дигар, ки низ ҳама мавриди бовар ва эътимод ҳастанд, фарқ дошта бошанд.

[2] Маъюб (муаллал) – ҳадисест, ки он як айби махфӣ дошта бошад, чунончи ровӣ аз касе ривоят кунад, ки ҳаргиз ӯро надидааст. Олимони ҳадисшинос монанди ин боз айбҳои дигарро номбар кардаанд.

собит нашуда бошад, вале ба ғафлату дурӯғ муттаҳам набошад. Илова ба ин ривояти дигар аз ҷиҳати алфоз ё маъно он ҳадисро тасдиқ кунад.

3. Заиф – ҳадисе аст, ки ҷавобгӯи шартҳои дар ҳадисҳои саҳеҳ ва ҳасан зикршуда набошад. Ҳадисро ба он сабаб заиф номидаанд, ки ё дар иснод ва ё дар матнаш маншаи заъф вуҷуд дорад. Ҳадиси заиф чандин навъ дорад, чунончи: мурсал, мунқатеъ, шозз, мункар, муаллал, музтариб, мақлуб ва ғайра. Ҳамаи онҳо дар китобҳои илми ҳадис муфассал баён шудаанд. Байни муҳаддисон маъруф аст, ки қабл аз Имом ат-Тирмизӣ тақсимбандии аҳодис ба ақсоми сегона вуҷуд надошт. Имом ат-Тирмизӣ ҳангоми таълифи "ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ"-и худ ҳадисро ба ақсоми сегонаи мазкур тақсимбандӣ кард.

Матни китоби "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ, шарҳҳои мухталифи он, мухтасару мунтахаботи он, тарҷумаҳои он ба забонҳои гуногуни ҷаҳон ҳамасола дар олами ислом ва берун аз он бо теъдоди зиёд чоп мешавад. Таълими "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ ба барномаи таълимии тамоми таълимгоҳҳои олию миёнаи исломии ҷаҳон дохил шудааст.

Ба ғайр аз китоби "ал-Ҷомеъу-л-муснаду-с-саҳеҳу-л-мухтасар мин умури расули-л-Лоҳи, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва сунаниҳи ва айёмиҳи" боз таълифоти зерин ба қалами Имом ал-Бухорӣ тааллуқ дорад: Таъриху-л-Кабир; Таъриху-л-Авсат; Таъриху-с-Сағир; ал-Ҷомеъу-л-Кабир; Халқу афъоли-л-ибод (Халқи кирдорҳои бандагон); Китобу-з-зуъафои-с-Сағир; ал-Муснаду-л-Кабир; ат-Тафсиру-л-Кабир; Китобу-л-ҳиба (бахшоиш); Асомӣ-с-саҳоба; Китобу-л-вуҳдон (соҳибони як ҳадис); Китобу-л-илал; Китобу-л-куно (куняҳо); Китобу-л-фавоид; Китобу-л-мабсут; ал-Адабу-л-муфрад; Ҷузъу рафъи-л-ядайн (Ҷузъ дар бораи бардоштани ду даст); Бирру-л-волидайн (Некӯии падару модар); Китобу-л-ашриба (Нӯшокиҳо); Ҷузъу-л-қироати халфа-л-имом (Ҷузъи қироат (дар намоз) аз пушти сари имом); Китобу-р-риқоқ (Бандагон).

* * *

Чунон ки зикр шуд, матни "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ, шарҳ, хулоса ва тарҷумаҳои он нусхаҳои дастхату чопии бешумор низ доранд. Аз ин рӯ ҳангоми тарҷума кардани матни "Саҳеҳ" ба забо-

ни тоҷикӣ барои интихоби нусха ва эътимоду иттико бар он мушкилӣ ба миён намеояд. Ҳангоми тарҷума асосан ба матни ду чопи академии шарҳи он "Фатҳу-л-Борӣ"-и Ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ эътимод карда шуд:

1. "Фатҳу-л-Борӣ би шарҳи "Саҳеҳи-л-Бухорӣ" ли-л-Ҳофиз Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ (773-852 ҳ./ 1362-1449 м.) / Табъатун мусаҳҳаҳатун ало иддати нусахин ва ани-н-нусхати-л-латӣ ҳаққақа усулаҳо ва аҷозаҳо-ш-Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз, "Дору-л-Фикр" ли-т-тибоъати ва-н-нашри ва-т-тавзеъ. – Байрут, Лубнон. – 1411 ҳ./ 1991 м. – 15 муҷалладан. ("Кушоиши Худо ба шарҳи "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ"-и Ҳофиз Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ (773-852 ҳ./ 1362-1449 м.) / Чопи тасҳеҳшуда бар якчанд нусха ва аз нусхае, ки Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз усули онро таҳқиқ карда (ба чоп) иҷозат додааст, (муассисаи) "Дору-л-Фикр" барои чоп, нашр ва паҳн кардан. – Байрут, Лубнон. – 1411 ҳ./ 1991 м. – 15 ҷилд.)

2. "Фатҳу-л-Борӣ би шарҳи "Саҳеҳи-л-Бухорӣ" ли-л-Имоми-л-Ҳофиз Абилфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ (773-852 ҳ./ 1362-1449 м.) / Тамма-т-таҳқиқу ва-л-мурочаъату ва-л-фаҳрасату. Ал-Қоҳира, "Дору Абӣ Ҳайён". – 1416 ҳ./ 1996 м. – 16 муҷалладан. ("Кушоиши Худо ба шарҳи "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ"-и Имоми Ҳофиз Абулфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ (773-852 ҳ./ 1362-1449 м.) / Бо таҳқиқи матн, мурочиат (ба сарчашмаҳо) ва таҳияи феҳристҳо. – Қоҳира, "Дору Абӣ Ҳайён". – 1416 ҳ./ 1996 м. – 16 ҷилд).

Табиист, ки ин ду чоп ба унвони матни асл аст ва доираи сарчашмаҳои мавриди истифодаву эътимод ҳаргиз ба он маҳдуд набудааст. Зеро мусаллам аст, ки анҷом додани коре мисли тарҷумаи "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ ба забони тоҷикӣ бидуни эътимод ба тамоми нусхаҳову шарҳҳои дастраси матн, бидуни ҷалби матни тарҷумаи китоб ба забонҳои мухталиф, аз қабили англисию ӯзбекӣ (ҳар ду тарҷумаи матни комил) ва русию форсӣ (ҳар ду тарҷумаи ҳадисҳои мунтахаб) имконпазир нест. Вале ин пешгуфтор маҷолу ниёзи онро надорад, ки дар бораи ҳар як нусха, шарҳ, хулоса (яъне мухтасар ё мунтахаб) ва тарҷумаи матни "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ таҳлили матншиносӣ ва маълумоти библиографӣ дода шавад. Дар ҳамаи тарҷумаҳо, бе истисно, фақат матни ҳадис бо зикри номи охирин манбаи аслии пеш аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам – саҳобӣ ё тобеъӣ оварда шудааст. Мо дар ин кори худ бори

аввал ҳамроҳ бо матни ҳадис исноди онро низ тарҷума кардем. Илова бар он, Имом ал-Бухорӣ дар бисёр мавридҳо бевосита баъди унвони боб баъзе фатвоҳову баёноти саҳобагон, тафсиру шарҳ, тавзеҳи худаш ё аз они ин ё он олими машҳурро овардааст, ки мо ин порчаҳоро низ тарҷума кардем. Яъне бар хилофи ҳамаи тарҷумаҳои дигар мо фақат бо матни ҳадис маҳдуд нашуда, тамоми матни "ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ" – номи китобҳо, унвони бобҳо, тафсир, шарҳ, тавзеҳот, иснод, таҳвилҳои иснод – қабл аз матни ҳадис; таълиқот ё эзоҳоти ровиён ё худи муаллиф дар зимни матни ҳадис; пайравиҳои айнӣ ё бо каме тағйироти ровиён дар ривояти ин ё он ҳадис ё ҷузъи ҳадис ба якдигар – баъди матни ҳадисро аз ғайри ихтисор кардан бе каму кост тарҷума намудем. Албатта, барои тарҷумаи иснод ва таҳвилҳои он малакаву маҳорати зиёди тарҷумонӣ даркор нест ва барои оммаи васеи хонандагон ин кор шояд лузуме ҳам надошта бошад. Лекин бо таваҷҷӯҳ ба ин нукта, ки иснод худ яке аз нишондиҳанда ва шартҳои асосии саҳеҳ ё ғайри саҳеҳ будани ин ё он ҳадис аст; ва низ азбаски гоҳо дар зимни иснод барои ҳадис маълумоти хеле муҳиму муфид оварда мешавад; ва дар ниҳояти кор иснод, тафсир, шарҳ, тавзеҳот, таълиқот ва маънидодҳои иловагии ҳошияи ҳадис низ ҷузъи ногусастании матни китоби "Саҳеҳ"-и Имом аст, мо тарҷумаи онро зарур донистем.

Олимон, муҳақиқон ва пажӯҳишгарони илми ҳадис медонанд, ки ҳар як ҳадис ва суннати пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зимни хутбае, бинобар муносибате, вобаста ба ҳодисае, ҷавобан ба суоле, вокуниш ба амале ва ҳаракате ба вуҷуд омадааст. Ва то замоне ки ҳадис алоқамандона бо хутба, ҳодиса, пурсиш, падида, амал ва ассотсиатсияҳои дигари худ дар ҳофизаҳо монда буд, мардум онро мефаҳмиданд ва ниёзе ба шарҳу тавзеҳи иловагӣ набуд. Вале бо мурури замон ин нуктаҳо аз ёдҳо сутурда шуданд ва ҳам касоне, ки онҳоро дар ёд доштанд, аз миён рафтанд. Дар ин мавқеъ аксари ҳадисҳо бидуни шарҳ, тавзеҳу маънидоди иловагӣ номафҳум гардид. Шарҳҳои бешумори "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ ва умуман "Сиҳоҳи Ситта", ба фикри мо, дар радифи сабабҳои дигар ба тақозо ва эҷоби чунин вазъият низ навишта шудаанд. Аз ин ҷиҳат тарҷумаи хушки матни ҳадис бо вуҷуди аз лиҳози ҳар ду забон – аслу тарҷумашаванда – дурусту саҳеҳ будан бе калимоту ибороти тавзеҳӣ барои хонандаи имрӯза чандон фаҳмо нахоҳад буд. Дар ҳамаи тарҷумаҳои забонҳои мухталиф дар зимни матни ҳадис ё берун аз он дар шакли ёддоштҳо дар поварақӣ ё охири китоб шарҳу тавзеҳоте аз тарафи тарҷумонон оварда шудааст. Мо ҳам аз ин кор

гузир надоштем ва ҳар як калимаву ибораи барои ин ё он калимаву ибораи тавзеҳталаби ҳадис афзудаамон ва ҳар як тарҷумаи порчаҳои арабии дар матни тоҷикӣ буда1о (гоҳо такроран) дар ҳамон мавқеи истифода шуданаш дар байни қавсайн ҷой додем. Ин кор барои мо душвории дигар ба миён овард: мо назди худ шарт гузоштем, ки дар сурати бо ё бе афзудаҳои байни қавсайни мо хондани матн ҳам ҷумлаҳои аз лиҳози сарфу наҳв ва мантиқ ба ҳам марбут ба даст ояд. Он ҳама “-и”-ҳои изофӣ ва пасванду пешвандҳои дигар, ки ба воситаи дефис аз калимаи асосӣ ҷудо шуда ё байни қавсайн ё берун аз он ҷой гирифтаанд, ба хотири ҷавобгӯи ҳамин шарт будан ба вуҷуд омаданд. Дар ин раванд як “васваса” ҳам пайдо шуд, ки ҳамон афзудаҳои худамонро бе қавс нависем. Аз як нигоҳ ин “васваса” бе асос ҳам набуд: он афзудаҳо, ки мо бо даҳони пур “аз они мо” мегӯем, чандон аз они мо нест. Асли ҳақиқат дар он аст, ки барои ҳар як калима, ибора, ҷумла, ном ва умуман матни шарҳталаби ҳадис дар китобҳо чандин варианти шарҳу тавзеҳ овардаанд ва мо аз рӯи фаҳмиш ва салоҳдиди худ яке аз он вариантҳоро маъқулу мақбул шумурда, ба унвони афзудаҳои худамон ба матни тарҷума дохил кардем. Ва дар сурати бе қавс навиштани он афзуда мо муртакиби ду амали нораво хоҳем буд: 1) тағйири матни асл; 2) таҳмили фаҳмиши худамон ба хонанда. Бо ин мулоҳиза фавран “ло ҳавла”-гӯён он васвасаро аз худ дур сохта, қарор додем, ки он афзудаҳоро “аз они мо” гӯем ва дар байни қавсайн ҷой диҳем. Мунтаҳо, бо ин кор мо лоақалл ба хонанда як варианти шарҳ (ё фаҳмиш)-ро пешниҳод мекунем.

Барои ифодаи ду калимаи арабӣ – “расул” ва “набӣ” як муодили тоҷикии онҳо – “пайғамбар” кор фармуда шуд; ва марбут ба ин нукта “расулу-л-Лоҳ” ва “набийю-л-Лоҳ” низ бо як ибора – “пайғамбари Худо” тарҷума гардид. Дар ҳама ҷо “пайғамбар” ва “пайғамбари Худо” (ба истисnои ҷонишини “ӯ” (ё “вай”), ки ба пайғамбар оид аст) бо “салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам” ҳамроҳ омадаанд. Ҳамаи оятҳои қуръонии дар “Саҳеҳ” омадаро мутобиқи мавзӯи матни аҳодис тарҷума намудем. Китобҳо, бобҳо ва ҳадисҳои “Саҳеҳ”-и ал-Бухорӣ дар асоси матни “Фатҳу-л-Борӣ”-и Ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ рақамгузорӣ карда шуд. Дар матни тарҷума китобҳо бо рақами римӣ ва бобу ҳадисҳо бо рақами арабӣ ишора шуданд. Роҷеъ ба бобҳо бояд тазаккур дод, ки онҳо дар дастхату чопҳои мӯътабари собиқ рақам надоранд. Бинобар ин дар баъзе чопу тарҷумаҳои навин рақами бобҳо дар қавсайн ҷой дода шудаанд. Мо низ ҳамчунин

кардем. Бо мақсади ҳосил кардани возеҳияти бештар ва махсусан барои осон намудани мутолиаи тарҷума барои чопи унвонҳои китобҳову бобҳо, матни исноду ҳадисҳо ҳуруфи дорои шаклу дуруштиҳои мухталиф истифода шуд. Матни худи ҳадис бо ҳарфҳои моил (курсив) ҳуруфчинӣ шуд. Ба нақша гирифтаем, ки матни комили "ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ"-и Имом ал-Бухорӣ дар 6 ҷилд чопу нашр шавад. Ва-л-Лоҳу-л-Муваффиқу ва-л-Ҳодӣ ли савои-с-сабил. (Ва Худо Тавфиқдиҳанда ва Раҳнамо ба сӯи роҳи рост аст).

* * *

Фикри тарҷума ва нашри "ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ"-и Имом ал-Бухорӣ ва онро ҳамчун намунаи олии муқаддасоти мусулмонони ҷаҳон ва мероси тиллоии илму фарҳанг ва оини ниёгон дар дастраси тоҷикон қарор додан даставвал ба Самихон Қурбонов тааллуқ дорад. Ҳамин марди хидматгузори илму фарҳанги миллат дастгирии моддии чопу нашри матни тарҷумаи тоҷикии китобро ба ӯҳда гирифт. Вақте ки ин фикр ба мо – иҷрокунандагон – пешниҳод гардид, онро пазируфтем ва дар навбати худ ин фикрро ба Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Тоҷикистон, ки кормандони ин даргоҳи илмем, пешниҳод намудем. Сарвари Институт – узви вобастаи АУ Тоҷикистон, доктори илмҳои филология Ҷӯрабек Назриев ва мудири шӯъбаи Шарқи Миёнаи ҳамин Институт Зоҳир Аҳрорӣ ин фикрро ба хубӣ қабул карданд ва тавассути дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо тарҷумаи "ал-Ҷомеъу-с-Саҳеҳ"-и Имом ал-Бухорӣ бо қарори Шӯрои илмии Институт ҳамчун мавзӯи кори илмӣ-тадқиқотии мо тасдиқ гардид. Бад-ин васила заминаи маънавӣ ва ҳуқуқии кори тарҷумаи китоб низ таъмин шуд.

Мо ба Самихон Қурбонов, Ҷӯрабек Назриев ва Зоҳир Аҳрорӣ сипосу миннатдории худро иброз медорем, ки ҳар чӣ аз ин кор таҳаққуқ ёфтааст, бо дастгирии моддию маънавӣ ва ҳуқуқии онҳо муяссар гардидааст. Ба дӯсти донишмандамон Ҳоҷӣ Нарзулло Назаров миннатдорӣ баён мекунем, ки барои ҳалли мушкилоти илмию луғавии кори тарҷума дониши амиқи шарқшиносию исломшиносии худ ва китобхонаи ғанӣ аз сарчашмаҳои мӯътабари улуми исломиашро бе дареғ дар ихтиёри мо гузошт.

Ҳамчунин ба сарвари Донишгоҳи Исломии Тоҷикистон ба номи Имом Тирмизӣ – Ҳоҷӣ Абдуҷалол Ализода, ки чопи илмии лубнонии китоби "Фатҳу-л-Борӣ"-ро аз китобхонаи Донишгоҳ

ва ба имом-хатиби масҷиди ҷомеи Сари Осиёи шаҳри Душанбе Ҳоҷӣ Ҳабибуллоҳ Аъзамхон, ки чопи мисрии ин китобро аз китобхонаи шахсии худаш бо камоли ризоят ба дасти мо супориданд, ташаккур мегӯем.

Дар охир ба таври махсус бояд тазаккур диҳем, ки муҳаррири илмӣ, балки роҳбари илмии ин кор Саиднуриддин Шаҳобуддинов мебошанд. Устод аз муқаддима то охирин нуқтаи тарҷума ҳамаро бо диққату ҳавсалаи тамом, бо қалами дар ин гуна мавридҳо "бераҳми" ба аҳли илм маълуми худ хонда, таҳрир карданд ва қалами моро аз лағзишу заллатҳо эмин доштанд. Танҳо бо исрори худи устод номашон дар варақаи унвони китоб навишта нашуд. Мо ба ояти «подошаш назди Парвардигораш аст» (2:112) умед баста, фармоишашонро ба ҷо овардем.

Умед дорем, ки Худои Таъоло ба тарҷумаву нашри ҷилдҳои дигари ин китоби аҳодиси Ҳабиби худ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, моро муваффақ хоҳад кард. Ва охиру даъвоно ани-л-ҳамду ли-л-Лоҳи Рабби-л-оламин (Ва поёни дуоямон сипосу ситоиш Худорост – Парвардигори оламҳо).

*МУҲАММАДҶОН УМАРОВ*
*ФАЙЗУЛЛО БОБОЕВ*

# САҲЕҲИ АЛ-БУХОРӢ

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# I. КИТОБИ ОҒОЗИ ВАҲЙ

Шайхи имоми Ҳофиз Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни ал-Муғира ал-Бухорӣ, Худои Таъоло раҳматаш кунад, омин, гӯяд:

## (1) Боб. Оғози ваҳй ба сӯи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна буд

*Ва сухани Худо, ҷалла зикруҳу, ки ин аст: «Ба дурустӣ ки Мо ба сӯи ту ваҳй фиристодем, чунон ки ба сӯи Нӯҳ ва пайғамбарони пас аз вай ваҳй фиристодаем» (4:163).*

**1.** Ал-Ҳумайдӣ Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ал-Ансорӣ ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Иброҳим ат-Таймӣ ба ман хабар дод, ки ӯ аз Алқама ибни Ваққос ал-Лайсӣ шунидааст, ки мегуфт: аз Умар ибни ал-Хаттоб, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидам, ки бар минбар буд, гуфт: аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: *«Ҷуз ин нест, ки амалҳо ба ниятҳо вобаста аст ва ҷуз ин нест, ки ҳар мардро он ният бошад; ва ҳар касро, ки ҳиҷраташ ба сӯи дунё бошад, то онро ба даст орад ё ба сӯи зане бошад, ки ӯро ба никоҳ дарорад, пас ҳиҷрати ӯ ба сӯи ҳамон чиз аст, ки ба он сӯй ҳиҷрат кардааст».*

## (2) Боб

**2.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша – модари мӯъминон, разия-л-Лоҳу анҳо, ки ал-Ҳорис ибни Ҳишом, разия-

л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол карда гуфт: *«Эй пайғамбари Худо, ваҳй ба ту чӣ гуна меояд?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Гоҳо ба (гӯши) ман (садое) мисли овози зангӯла меояд ва он сахттарин ваҳй аст ва ҳангоме қатъ мегардад, ки ман он чиро, ки гуфта мешавад, фаҳмида бошам. Гоҳо фаришта ба гунаи марде намудор шуда, бо ман сухан мегӯяд. Ва ман он чиро, ки мегӯяд, мефаҳмам». Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: «Ба ростӣ, ман ӯро дар рӯзи сармои сахт дидаам, ки ба ӯ ваҳй нозил мешуд ва дар мавриди қатъ гардиданаш пешонии ӯ арақшор буд».*

## (3) Боб

**3.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва ибни аз-Зубайр, аз Оиша – модари мӯъминон, разия-л-Лоҳу анҳо, ки ӯ гуфт: *«Нахустин чизе аз ваҳй, ки барои пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оғоз ёфт, рӯъёи некӯ дар хоб буд ва ӯ ҳар хобе, ки медид, чун равшании субҳ рост мебаромад. Сипас ӯ ба гӯшаи танҳоӣ дил баст ва дар ғори Ҳиро хилват гузид. Ва пеш аз он ки ба назди аҳли хонааш бозояд, дар он «таҳаннус» мекард, ки он тафаккуру ибодати шабҳои тӯлонӣ аст. Ва барои ин тӯшае бо худ мегирифт. Сипас, ба назди Хадиҷа бармегашту чун дафъаи пешин тӯша мегирифт, то вақте ки Ҳақ ӯро дар ғори Ҳиро дарёфт. Фаришта пешаш омад ва гуфт: «Бихон!» Гуфт: «Ман хондан наметавонам». Гуфт: «Пас маро бигирифту чунон фишурд, ки зӯру тавонам намонд. Сипас маро раҳо карду гуфт: «Бихон!» Гуфтам: «Ман хондан наметавонам». Пас маро бори дуюм бигирифту фишурд, то зӯру тавонам намонд. Сипас маро раҳо карду гуфт: «Бихон!» Гуфтам: «Ман хондан наметавонам». Маро бори сеюм бигирифту фишурд, сипас раҳо карду гуфт: «Бихон ба номи Парвардигори худ, ки одамиро аз хуни баста офарид. Бихон! Ва Парвардигори ту Бузургвор аст» (96:1-3). Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо он (суханҳо) баргашт ва дилаш сахт метапид. Пас ба назди Хадиҷа бинти Хувайлид, разия-л-Лоҳу анҳо, даромад ва гуфт: «Маро бо ҷома бипечонед, маро бо ҷома бипечонед!» Ӯро бо ҷома бипечонданд, то тарсу бим аз вай бирафт. Ва ба Хадиҷа хабарро расониду гуфт: «Аз худ хавф бурдам». Хадиҷа гуфт:*

*«Ҳаргиз не, валлоҳ, ки Худо туро ҳеҷ гоҳ хор нахоҳад кард. Ба дурустӣ ки ту пайванди хешовандиро нигоҳ медорӣ, гаронии аҳлу иёлро бармедорӣ, бо касб рӯзӣ ба даст меорӣ, меҳмонро пазироӣ мекунӣ ва ба мардум дар гирифториҳои барҳақ ёрӣ мерасонӣ». Хадиҷа ӯро бо худ назди писари амакаш Варақа ибни Навфал ибни Асад ибни Абдулуззо бурд. Ва он мард дар ҷоҳилият дини насрониро қабул карда буд ва аз Инҷил ба забони ибронӣ он чиро менавишт, ки Худо навиштани онро фармуда буд. Ва ӯ пири куҳансолу нобино буд. Хадиҷа ба ӯ гуфт: «Эй писарамак, аз писари бародарат бишунав, (ки чӣ мегӯяд)». Пас, Варақа ба ӯ гуфт: «Эй писари бародар, ту чӣ мебинӣ?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хабари он чиро, ки дида буд, ба ӯ бозгуфт. Варақа ба вай гуфт: «Ин ҳамон «Номус» аст, ки Худо ба Мӯсо фуруд оварда буд. Кошки ман ҷавон мебудам ва он вақт, ки туро қавмат берун мекунанд, зинда мебудам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Оё онҳо маро берун хоҳанд кард?» Гуфт: «Оре, ҳаргиз чунин набудааст, ки касе мисли ту чизе (ваҳй) оварда бошаду қавмаш ба ӯ душманӣ накарда бошанд. Ва агар ман ба он рӯз расам, туро некӯ ёрӣ хоҳам дод». Дере нагузашта Варақа фавтид. Ва дар ваҳй вақти фатрат расид».*

**4.** Ибни Шиҳоб гуфт: Абӯсалама ибни Абдурраҳмон ба ман хабар дод, ки Ҷобир ибни Абдуллоҳ ал-Ансорӣ гуфт: (пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳоле ки дар бораи фатрати ваҳй нақл мекард, дар ҳадисаш гуфт: *«Ҳангоме ки ман роҳ мепаймудам, аз осмон овозеро шунидам, ба боло нигаристам ва ногаҳон фариштаеро дидам, ки дар Ҳиро ба ман намудор шуда буд, миёни осмону замин бар курсӣ менишаст. Аз ӯ тарсидам ва бозгаштаму гуфтам: «Маро бо ҷома бипечонед!» Пас Худои Таъоло нозил кард: «Эй ҷома бархудпечида! Бархезу битарсон...» – то ин суханони Худо: «ва палидиҳоро дур кун» (74:1-5). Пас ваҳй устувор шуд ва пайваста омадан гирифт».*

Абдуллоҳ ибни Юсуф ва Абӯсолеҳ (дар ривояти ин ҳадис ба Яҳё ибни Букайр) пайравӣ кардаанд; ва ҳамчунин Ҳилол ибни Раддод, ба ӯ пайравӣ кардааст, аз аз-Зуҳрӣ. Ва Юнусу Маъмар (ба ҷои «фуодуҳу», яъне «дилаш») «баводируҳу» (яъне «болои китфу гарданаш») гуфтаанд.

## (4) Боб

**5.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл карда гуфт: Мӯсо ибни Абуоиша ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Ҷубайр ба мо нақл кард, аз Ибни Аббос, ки ӯ *дар бораи суханони Худои Таъоло – «Барои зуд аз ёд кардан забони худро ба такрори Қуръон маҷунбон» (75:16) – гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои аз ёд кардани ваҳй сахт саъй мекард ва бинобар ин лабон меҷунбонид». – Боз Ибни Аббос гуфт: «Пас ман ҳам онҳоро барои шумо ҳамонанди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, меҷунбонам». Ва Саъид гуфт: «Ман ҳам меҷунбонам, чунон ки дидам Ибни Аббос онҳоро меҷунбонид». Пас лабон биҷунбонид. – Бинобар ин Худои Таъоло нозил кард: «Барои зуд аз ёд кардан забони худро ба (такрори) Қуръон маҷунбон. Ба дурустӣ ки ҷамъ кардани Қуръон ва хондани он бар (ӯҳдаи) Мост» (75:16/17). – Гуфт: «Ҷамъ кардани он», яъне дар синаи ту ва «хондани он», яъне бар забони туст. – «Пас, чун онро (бар забони фаришта) бихонам, хондани онро пайравӣ кун» (75:18). – Гуфт: (яъне) «Ба он гӯш кун ва бишунав». – «Сипас, ба дурустӣ ки возеҳ кардани он бар ӯҳдаи Мост» (75:19). – (Яъне) сипас, ба дурустӣ ки хондани он ба забони ту бар ӯҳдаи Мост. – «Пас, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъд аз он ҳар гоҳ, ки Ҷабраил меомад, гӯш медод ва чун Ҷабраил мерафт, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, онро мехонд, чунон ки ӯ (Ҷабраил) хонда буд».*

## (5) Боб

**6.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ; ва (ба исноди дигар) Бишр ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Юнус ва Маъмар (ҳадиси) монанди инро ба мо хабар доданд, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ба ман хабар дод, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, олиҳимматтарини мардумон буд ва дар моҳи Рамазон, вақте ки бо Ҷабраил вомехӯрд, олиҳимматтар мешуд. Ва ҳар шаби моҳи Рамазон Ҷабраил бо вай вомехӯрд ва бо ӯ Қуръон меомӯхт. Ба дурустӣ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар некӯӣ аз боди ба ваҷҳи нек ваaзанда ҳам олиҳимматтар буд».*

## (6) Боб

**7.** Абулямон ал-Ҳакам ибни Нофеъ ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд ба ман хабар дод: Абдуллоҳ ибни Аббос ба ӯ хабар дод, ки Абӯсуфён ибни Ҳарб ба ӯ хабар дод, ки *ҳангоми бо корвоне аз Қурайшиён ҳамроҳ буданаш Ҳерақл ба вай расул фиристод ва онҳо дар Шом ба сифати бозаргонон буданд. Дар он муддат пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо Абӯсуфён ва кофирони Қурайш дар сулҳ буд. Онҳо ба наздики Ҳерақл омаданд ва ӯ дар Илиё (Байтулмуқаддас) буд. Онҳоро ба маҷлиси худ даъват кард ва бузургони Рум дар атрофи ӯ буданд. Сипас онҳоро ва тарҷумони худро даъват карда гуфт: «Кадоме аз Шумо бо ин мард, ки даъвои пайғамбарӣ дорад, аз рӯи насаб наздиктар аст?» Абӯсуфён гуфт: «Пас гуфтам: «Ман ба ӯ аз рӯи насаб наздиктарам». Ӯ гуфт: «Ӯ (Абӯсуфён)-ро пештари ман оред ва ёронашро наздик кунеду аз пушти ӯ гузоред». Сипас ба тарҷумонаш гуфт: «Ба онҳо бигӯ, ки ман дар ин бора аз ин мард мепурсам, агар ба ман дурӯғ гӯяд, ӯро дурӯғгӯй шуморед». Ва ба Худо, ки агар шарм аз он намебуд, ки дурӯғи маро овоза мекунанд, дар бораи ӯ дурӯғ мегуфтам. Сипас нахуст чизе, ки дар бораи ӯ аз ман пурсид, он буд, ки гуфт: «Насаби ӯ дар миёни шумо чӣ гуна аст?» Гуфтам: «Ӯ дар миёни мо соҳибнасаб аст». Гуфт: «Пас оё ҳаргиз касе аз шумо пеш аз ӯ ин суханро гуфтааст?» Гуфтам: «Не». Гуфт: «Оё аз падарони ӯ касе подшоҳ буд?» Гуфтам: «Не». Гуфт: «Оё ӯро мардуми ашроф пайравӣ мекунанд ё мардуми бечора?» Гуфтам: «Мардуми бечора». Гуфт: «Оё онҳо зиёд мешаванд ё кам?» Гуфтам «Зиёд мешаванд». Гуфт: «Оё касе аз рӯи кина баъди ба дини ӯ дохил шудан аз он бармегардад?» Гуфтам: «Не». Гуфт: «Оё шумо ӯро пеш аз он ки ин суханашро гӯяд, дар дурӯғ муттаҳам кардаед?» Гуфтам: «Не». Гуфт: «Оё ғадр мекунад?» Гуфтам: «Не. Ва мо муддатест, ки аз ӯ дурем, намедонем, ки ӯ (дар ин) муддат чиҳо кардааст». Абӯсуфён гуфт: «Ва маро имкон набуд, ки ғайри ин сухан дар он чизе ворид кунам». Ҳерақл гуфт: «Оё шумо бо вай ҷанг кардаед?» Гуфтам: «Оре». Гуфт: «Ва ҷанги шумо бо вай чӣ гуна буд?» Гуфтам: «Дар ҷанге, ки миёни мову ӯ буд, пирӯзӣ гоҳ моро, гоҳе ӯро буд ва ӯро аз мо чизе мерасиду моро аз ӯ чизе». Гуфт: «Вай шуморо чӣ мефармояд?» Гуфтам:*

*«Мегӯяд: Худои Ягонаро парастиш кунед ва бо Вай чизеро анбоз макунед ва он чиро, ки падарони шумо мегӯянд, тарк кунед. Ва ба мо намозу ростӣ ва покию нигоҳ доштани пайванди хешӣ мефармояд». Пас ба тарҷумон гуфт: «Ба вай бигӯ: «Аз ту дар бораи насаби ӯ пурсидам, ту гуфтӣ, ки ӯ дар миёни шумо соҳибнасаб аст, ҳамин тавр, пайғамбарон бо насаби қавми худашон фиристода мешаванд». Ва аз ту пурсидам: «Оё касе аз шумо ин суханро гуфтааст?» Ту гуфтӣ, ки не. Ва ман гуфтам: «Агар касе ин суханро пеш аз ӯ гуфта бошад, албатта, мегуфтам: марде сухане овардааст, ки пеш аз ӯ овардаанд». Ва аз ту пурсидам: «Оё аз падарони ӯ касе подшоҳ буд?» Гуфтӣ, ки не. Гуфтам: «Агар аз падарони ӯ касе подшоҳ мебуд, мегуфтам: марде тахти падарашро талаб дорад». Ва аз ту пурсидам: «Оё шумо ӯро пеш аз он ки ин суханро гӯяд, дар дурӯғ муттаҳам карда будед?» Ту гуфтӣ, ки не. Ва ман медонам, ки чунин касе набувад, ки дар ҳаққи мардум дурӯғе нагуфта бошаду дар ҳаққи Худо дурӯғ гӯяд». Ва аз ту пурсидам: «Оё ӯро мардуми ашроф пайравӣ мекунанд ё мардуми бечора?» Ту гуфтӣ, ки мардуми бечора. Ва ҳол он ки онҳо пайравони пайғамбаронанд». Ва аз ту пурсидам: «Оё онҳо зиёд мешаванд ё кам?» Ту гуфтӣ, ки онҳо зиёд мешаванд. Ва кори имон ҳамчунин аст, то ки комил шавад». Ва аз ту пурсидам: «Оё касе аз рӯи кина баъди дохил шудан ба дини ӯ аз он бармегардад?» Ту гуфтӣ, ки не. Ва имон низ, вақте ки ҳаловати он дар дилҳо ҷо мегирад, ҳамчунин аст». Ва аз ту пурсидам: «Оё ғадр мекунад?» Ту гуфтӣ, ки не. Ва ҳамчунинанд пайғамбарон – ғадр накунанд». Ва аз ту пурсидам: «Шуморо чӣ мефармояд?» Ту гуфтӣ: ӯ мефармояд, ки Худоро парастиш кунем ва бо Вай чизеро анбоз накунем. Ва аз парастиши бутҳо манъ мекунаду ба намозу ростию покӣ мефармояд. Агар суханони ту ҳақ бошад, вай ба зудӣ ҷои истодаи маро аз они худ хоҳад кард. Ва ман дониста будам, ки ӯ берун омадааст, гумон надоштам, ки ӯ аз шумо аст. Ва агар ман медонистам, ки ба ӯ пайваст шуда метавонам, ба мулоқоташ мешитофтам ва агар дар наздаш мебудам, пойҳояшро мешустам».*

*Сипас номаи пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, талаб кард, ки Диҳя ба бузурги шаҳри Бусро оварда буду онро ба Ҳерақл дод. Пас онро бихонд ва дар он чунин омадааст:*

*«Ба номи Худои Бахшояндаи Меҳрубон. Аз Муҳаммад – бандаи Худо ва пайғамбари Ӯ ба Ҳеракл – бузурги Рум. «Ва салом бар касе, ки пайравии роҳи ҳидоят кунад» (20:47). Аммо баъд. Ман туро ба ислом даъват мекунам. Ислом биёр, ҷон ба саломат бар, Худо туро дучандон подош диҳад. Ва агар рӯй гардонӣ, гуноҳи раъият бар туст. «Ва эй аҳли Китоб, ба сӯи сухане баробар миёни мову шумо биёед, ки ба ҷуз Худо чизеро напарастем ва ба Вай чизеро шарик насозем; ва баъзе аз мо баъзеи дигарро ба ҷуз Худо Парвардигор нахонад. Агар рӯй гардонанд, бигӯед: «Гувоҳ бошед, ки мо мусулмон ҳастем» (3:64). Абӯсуфён гуфт: «Вақте ки суханонашро гуфт ва аз қироати нома фориғ гашт, дар назди ӯ ғавғо бисёр шуд ва овозҳо баланд гардиданд. Ва моро берун карданд. Вақте ки берун шудем, ба ёронам гуфтам: «Ба дурустӣ ки кори писари Абӯкабша ба ҷое расидааст, ки подшоҳи банӣ Асфар (Рум) аз ӯ метарсад. Ва ман ҳамеша яқин доштам, ки ӯ ба зудӣ зоҳир хоҳад шуд ва вақте ки Худо исломро ба дили ман андохт, он яқинро ошкор кардам».*

*Ибни Нотур – ҳокими Илиё (Байтулмуқаддас) ва гумоштаи Ҳеракл, ки усқуфи насрониёни Шом буд, нақл мекунад, ки Ҳеракл вақте ба Илиё (Байтулмуқаддас) омад, як саҳар бо табъи хира бархост. Ва баъзе аз битриқҳояш (патриарх) гуфтанд: «Аз чӣ табъи ту хира аст?» Ва Ибни Нотур гуфт, ки Ҳеракл ба фол бовар дошт ва ба ситораҳо нигоҳ мекард. Вақте ки аз ӯ пурсиданд, ба онҳо гуфт: «Имшаб ҳангоме ки ба ситорагон менигаристам, подшоҳи хатнакунандагонро дидам, ки зоҳир шудааст. Пас, аз ин уммат кӣ хатна мекунад?» Гуфтанд: «Ба ҷуз яҳудиён касе хатна намекунад ва кори онҳо барои шумо чандон аҳамият надорад. Ба шаҳрҳои мамлакат нома фирист, то ҳар яҳудиро, ки дар он ҷойҳо аст, бикушанд». Дар он ҳангом ки онҳо машғули кори худ буданд, ба назди Ҳеракл мардеро оварданд, ки подшоҳи Ғассониён фиристода буд, то хабари пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бирасонад. Вақте ки Ҳеракл хабарро шунид, гуфт: «Бираведу бибинед, ки оё ӯ хатнакарда аст ё не». Хабар оварданд, ки хатнакарда аст. Ва аз ӯ дар бораи араб бипурсид. Ӯ гуфт: «Онҳо хатна мекунанд». Ҳеракл гуфт: «Пас зоҳир шуд, ки ин мулк аз они ин уммат аст». Сипас Ҳеракл ба яке аз дӯстонаш ба Румия, ки дар илм ҳамтои ӯ буд, нома на-*

*вишт. Ҳерақл ба Ҳимс рафт. Ва ҳанӯз аз Ҳимс нарафта буд, ки номае аз дӯсташ расид ва ӯ гуфтааст, ки бо Ҳерақл дар бораи берун омадани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва пайғамбар будани ӯ ҳамраъй аст. Ҳерақл бузургони Румро дар қароргоҳи худ дар Ҳимс гирд овард, бифармуд, то дарҳоро бибастанд. Сипас бархосту гуфт: «Эй румиён, агар шумо хоҳед, ки рушду некӯаҳволӣ дошта бошед ва мулки шумо пойдор монад, ба ин пайғамбар байъат кунед». Онҳо (бузургон) чун рамидани харони ваҳшӣ ба сӯи дарҳо давиданд ва дарҳоро баста ёфтанд. Вақте ки Ҳерақл аз ин байъат безор будани онҳоро дид, аз имон овардани онҳо навмед шуд, гуфт: «Онҳоро ба назди ман бозгардонед». Ва гуфт: «Ман он суханонро гуфтам, то ки устувории шуморо дар динатон биозмоям. Ва ба дурустӣ ки бидидам». Пас ба ӯ саҷда карданду аз ӯ хушнуд шуданд. Ва ин поёни кори Ҳерақл буд».*

Ин (ҳадис)-ро Солеҳ ибни Кайсон, Юнус ва Маъмар ривоят кардаанд, аз аз-Зуҳрӣ.

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# II. КИТОБИ ИМОН

## (1) Боб. Сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Бунёди ислом бар панҷ аст»

Ва имон гуфтору кирдор аст ва зиёду кам мешавад.

Худои Таъоло фармудааст: «То имоне ба имони собиқашон зиёда шавад» (48:4). «Ва Мо ба онҳо зиёда ҳидоят додем» (18:13). «Ва Худо ба роҳёфтагон ҳидоятро зиёда медиҳад» (19:76). «Ва (Худо) ба онон, ки роҳёб шуданд, ҳидоят зиёда кард ва ба онҳо парҳезгориашонро ато кард» (47:17). «Ва то мӯъминон дар имони худ зиёда шаванд» (74:31). Ва сухани Ӯ: «Ин сура дар ҳаққи кадоме аз шумо имонро афзун кардааст? Аммо дар ҳаққи аҳли имон дар ҳақиқат имонро зиёда кардааст» (9:124). Ва сухани Ӯ, ҷалла зикруҳу: «Аз онҳо битарсед. – Ин сухан имони онҳоро зиёда кард» (3:173). Ва сухани Ҳақ Таъоло: «Ва ин (моҷаро) дар ҳаққи онҳо ба ҷуз бовар доштан ва гардан ниҳодан (чизе) наафзуд» (33:22).

Ва дӯст доштану кина варзидан барои Худо аз ҷумлаи имон аст. Ва Умар ибни Абдулазиз ба Адӣ ибни Адӣ навишт: «Имон фаризаву шариату ҳудуду суннатҳо дорад ва ҳар кӣ онҳоро мукаммал иҷро кунад, имонро мукаммал кардааст ва ҳар кӣ онро мукаммал иҷро накунад, имонро мукаммал накардааст. Ва агар ман зинда монам, онҳоро барои шумо возеҳ хоҳам кард, то ки аз рӯи он амал кунед ва агар бимирам, пас рағбате ба сӯҳбати шумо надорам». Ва Иброҳим (алайҳи-с-салом) гуфт: «Валекин мехоҳам, ки дили ман ором гирад» (2:260). Ва Муъоз гуфт: «Соате бо мо бинишин, то бигаравем». Ва Ибни Масъуд гуфт: «Яқин

доштан ҳамаи имон аст». Ва Ибни Умар гуфт: «Банда ба ҳақиқати парҳезгорӣ намерасад, то шубҳаҳои дар қалбаш бударо берун накунад». Ва Муҷоҳид дар (тафсири ояти) «Худо барои шумо оин муқаррар кард» (42:13) гуфт: «Эй Муҳаммад, ба ту ва ба ӯ (Нӯҳ) як динро фармудем». Ва Ибни Аббос гуфт: «Шариате ва роҳе (5:48) – роҳе ва суннате муқаррар кардам».

## (2) Боб. Дуои шумо имони шумост

Бинобар суханони Ӯ Таъоло: «Бигӯ: агар дуои шумо набошад, Парвардигори ман шуморо боқадр намешуморад» (25:77). Ва маънои «дуо» дар луғат имон аст.

**8.** Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳанзала ибни Абӯсуфён ба мо хабар дод, аз Икрима ибни Холид, аз Ибни Умар разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: Пайғамбари Худо салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам гуфт: «Бунёди ислом бар панҷ (чиз) аст: гувоҳӣ додани он ки нест маъбуде ба ҷуз Худо ва он ки Муҳаммад пайғамбари Худо аст; ва барпо доштани намоз; ва додани закот; ва ҳаҷ; ва рӯзаи моҳи Рамазон».

## (3) Боб. Андар умури имон

Ва суханони Худои Таъоло: «Некӯкорӣ он нест, ки рӯи худро ба тарафи машриқу мағриб мутаваҷҷеҳ кунед; валекин некӯкор он аст, ки Худо ва рӯзи қиёмат ва фариштагон ва Китоб ва пайғамбаронро бовар дорад; ва молро – бо вуҷуди онро дӯст доштанаш – ба хешовандону ятимон ва фақирону мусофирон ва суолкунандагон бидиҳад ва барои (озод кардани) бардаҳо харҷ кунад; ва намозро барпо дорад; ва закотро бидиҳад; ва чун аҳд кунанд, ба аҳди хеш вафокунандагонанд; ва дар тангдастию сахтӣ ва ба вақти корзор сабркунандагонанд; инҳо ростгӯёнанд ва ҳам инҳо парҳезгоронанд» (2:177). «Ба дурустӣ ки мӯъминон растагор шуданд» (23:1) – оят.

**9.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абӯомир ал-Ақадӣ ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ибни Билол ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Динор, аз Абӯсолеҳ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Имон шасту анд бахш ва ҳаё бахше аз имон аст».*

## (4) Боб. Мусулмон касест, ки мусулмонон

**аз забону дасти ӯ солим бимонанд**

**10.** Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Абуссафар ва Исмоил, аз аш-Шаъбӣ, аз Абдуллоҳ ибни Амр, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Мусулмон касест, ки мусулмонон аз забону дасти ӯ солим бимонанд; ва муҳоҷир касест, ки аз он чӣ Худо манъ кардааст, дур шавад».*

Абӯабдуллоҳ гуфт: ва Абӯмуъовия гуфт: Довуд ба мо нақл кард, аз Омир, ки гуфт: аз Абдуллоҳ ибни Амр шунидам, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам; ва Абдулаъло гуфт, аз Довуд, аз Омир, аз Абдуллоҳ, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (5) Боб. Аз (миёни аҳли) ислом кӣ бартар аст?

**11.** Саъид ибни Яҳё ибни Саъид ал-Қурашӣ ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо нақл карда гуфт: Абӯбурда ибни Абдуллоҳ ибни Абӯбурда ба мо нақл кард, аз Абӯбурда, аз Абӯмӯсо, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, аз (миёни аҳли) ислом кӣ бартар аст?» Гуфт: «Касе, ки мусулмонон аз забону дасти ӯ солим бимонанд».*

## (6) Боб. Таом додан аз ислом аст

**12.** Амр ибни Холид ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Язид, аз Абулхайр, аз Абдуллоҳ ибни Амр, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки марде аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пурсид: *«Кадом (хислати дар) ислом беҳтар аст?» Гуфт: «Ҳамон ки ба мардум таом ва ба ҳар шиносу ношинос салом диҳад».*

## (7) Боб. Аз ҷумлаи имон он аст, ки кас барои бародари худ он чиро хоҳад, ки барои худ мехоҳад

**13.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Қатода, аз Анас разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам; ва (бо исноди дигар) аз Ҳусайн ал-Муъаллим, ки гуфт: Қатода ба мо нақл кард, аз Анас, аз пайғамбар салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар кадоми шумо то он чиро, ки ба худ раво мебинад, ба бародараш раво*

*набинад, ҳанӯз имон наовардааст».*

## (8) Боб. Дӯст доштани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ҷумлаи имон аст

**14.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дода гуфт: Абуззинод нақл кард, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Қасам ба Он, ки ҷони ман ба дасти Ӯст, то он ки ман барои касе аз шумо маҳбубтар аз падару фарзандаш набошам, ин шахс ҳанӯз имон наовардааст».*

**15.** Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ибни Улайя ба мо нақл кард, аз Абдулазиз ибни Суҳайб, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам; (таҳвил).

Ва Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас, гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«То он ки ман барои касе аз шумо маҳбубтар аз падару фарзанд ва ҳамаи мардумон набошам, ин шахс ҳанӯз имон наовардааст».*

## (9) Боб. Андар ҳаловати имон

**16.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ас-Сақафӣ ба мо нақл карда гуфт: Айюб ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Касе ҳаловати имонро дарёбад, ки дар ӯ се хислат бошад: Худо ва пайғамбари Ӯ барояш аз ғайри ин ду маҳбубтар бошанд; касеро агар дӯст дорад, фақат барои Худо дӯст дорад; бозгаштан ба куфрро нохуш донад, он чунон ки ба оташ афканда шуданро нохуш донад».*

## (10) Боб. Аломати имон дӯст доштани ансор аст

**17.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Ҷабр ба ман хабар дода гуфт: аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидам, ки аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Нишонаи имон дӯст доштани ансор ва нишонаи мунофиқӣ кина доштан ба ансор аст».*

## (11) Боб

**18.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз

аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Абӯидрис Оизуллоҳ ибни Абдуллоҳ ба ман хабар дод, ки Убода ибни ас-Сомит, разия-л-Лоҳу анҳу – ва ӯ (ҷанги) Бадрро дидаву дар Лайлату-л-Ақаба яке аз нақибон буд, – гуфт, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми дар ҳалқаи ёрон будан, гуфт: *«Ба ман бо ин шарт байъат кунед, ки бо Худо чизеро шарик муқаррар намекунед; ва дуздӣ намекунед; ва зино намекунед; ва фарзандони худро намекушед; ва сухани дурӯғ пеш намеоред, ки онро дар миёни дасту пойҳоятон барбаста бошед; ва дар кори нек нофармонӣ намекунед. Ва ҳар кӣ аз шумо вафо кунад, подоши ӯ бар (ӯҳдаи) Худо аст. Ва ҳар кӣ ба яке аз ин корҳо даст занад, дар дунё уқубат мешавад ва он каффорати ӯст. Ва ҳар кӣ ба яке аз он корҳо даст занаду сипас Худо онро пӯшонда бошад, ҳаволааш ба Худост, агар хоҳад, бар ӯ бибахшад ва агар хоҳад, ӯро уқубат кунад»*. Ва мо бар он бо ӯ байъат кардем.

## (12) Боб. Дурӣ ҷустан аз фитнаҳо аз ҷумлаи (корҳои) дин аст

**19.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон ибни Абӯсаъсаъа, аз падараш, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, ки ӯ гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ғолибан беҳтарин моли мусулмон гӯсфанди ӯ бошад, ки паи он ба фарози кӯҳҳо ва ҷойҳои селгузар меравад ва бо дини худ аз фитнаҳо дурӣ меҷӯяд»*.

## (13) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ман дар шинохти Худо донандатарини шумо ҳастам»; ва он ки маърифат кори дил аст

*Бино бар сухани Худои Таъоло: «Валекин Худо барои он чӣ ки дилҳоятон қасд кардааст, муохиза мекунад» (2:225).*

**20.** Муҳаммад ибни Салом ал-Байкандӣ ба мо нақл карда гуфт: Абда ба мо хабар дод, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, гуфт: *«Агар пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мусулмонон кореро амр карданӣ мешуд, ба онҳо чизе мефармуд, ки тоқати онро доштанд. Онҳо гуфтанд: «Ҳамоно мо дар хилқат монанди ту нестем. Эй пайғамбари Худо, ба дурустӣ ки Худо аз гуноҳи ту он чиро, ки собиқан гузашт ва он чиро, ки баъдан воқеъ шуд, биомурзид». Пас вай ба ҳадде хашмгин мегашт, ки*

*осори он дар қиёфааш ҳувайдо мешуд. Сипас мегуфт: «Ман парҳезгортарин ва дар шинохти Худо донотарини шумо ҳастам».*

## (14) Боб. Аз ҷумлаи имон аст, ҳар гоҳ касе бозгаштан ба куфрро нохуш донад, он чунон ки ба оташ партофта шуданро нохуш медонад

**21.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Касе ҳаловати имонро дарёбад, ки дар ӯ се хислат бошад: он кӣ Худо ва пайғамбари Ӯ барояш аз ғайри ин ду маҳбубтар бошанд; ва он кӣ бандаеро дӯст дорад, ӯро ҷуз барои Худо дӯст надорад; ва он кӣ баъди наҷот додани Худо ӯро (бо имон) бозгаштан ба куфрро нохуш донад, он чунон ки ба оташ партофта шуданро нохуш медонад».*

## (15) Боб. Бартарӣ доштани аҳли имон аз якдигар дар корҳои нек

**22.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Амр ибни Яҳё ал-Мозинӣ, аз падараш, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Аҳли ҷаннат ба ҷаннат ва аҳли дӯзах ба дӯзах меараванд. Сипас Худои Таъоло мегӯяд: «Ҳар киро, ки дар дилаш ҳамсанги донаи сипанд имон бошад, аз дӯзах берун оред», пас онҳо дар ҳоле аз он берун оварда мешаванд, ки сиёҳ гаштаанд. Пас ба рӯди Ҳаё ё Ҳаёт андохта мешаванд»* – Молик шак кардааст. – *«Пас онҳо ҳамчун донае мерӯянд, ки дар канораи сел мерӯяд. Оё надидӣ, ки он (донаи) зардранг ба ҳам печида мерӯяд?»*

Вуҳайб гуфт: Амр ба мо нақл кард: «Ҳаёт». Боз гуфт: «Як донаи сипанд аз некӣ».

**23.** Муҳаммад ибни Убайдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз Солеҳ, аз Ибни Шиҳоб, аз Абӯумома ибни Саҳл, ки ӯ аз Абӯсаъид ал-Худрӣ шунидааст, ки мегуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Вақте ки ман хоб будам, одамонеро дар хоб дидам, ки онҳоро ба ман нишон медоданд. Ва онҳо дар тан пероҳанҳо доштанд, ки баъзе то сина мерасиду баъзеи дигар пасттар аз*

*он; ва Умар ибни ал-Хаттобро ба ман нишон доданд ва ӯро пероҳане буд, ки домани он ба замин мерасид». Гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, ту онро чӣ таъбир кардӣ?» Гуфт: «Дин».*

### (16) Боб. Ҳаё аз ҷумлаи имон аст

**24.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ибни Анас ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Солим ибни Абдуллоҳ аз падараш, *ки пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, назар бар марде аз ансор афтод, ки бародари худро дар ҳаё накӯҳиш мекард. Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ӯро бигузор, ки ҳаё аз ҷумлаи имон аст».*

### (17) Боб. «Пас агар тавба кунанд ва намоз барпо доранд ва закотро бидиҳанд, онҳоро ба ҳоли хеш бигузоред» (9:5)

**25.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Муснадӣ ба мо нақл карда гуфт: Абӯравҳ ал-Ҳарамӣ ибни Умора ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Воқид ибни Муҳаммад, гуфт: аз падарам шунидам, аз Ибни Умар нақл мекард, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ман амр шудааст, ки бо мардумон ҷанг кунам, то гувоҳӣ диҳанд, ки нест ҳеҷ маъбуде ҷуз Худо ва Муҳаммад пайғамбари Худост; ва то он ки намоз барпо доранд ва закот бидиҳанд. Агар чунин кунанд, хунҳо ва молҳои худро аз ман боз хоҳанд дошт, вагарна ба ҳаққи ислом (муҷозот мешаванд) ва ҳисоби эшон (дар охират) бар Худои Таъолост».*

### (18) Боб. Дар бораи он кас, ки гӯяд: «Ба дурустӣ ки имон айни амал аст»

*Бино бар сухани Худои Таъоло: «Ва ин он биҳишт аст, ки ба шумо – ба сабаби он чӣ амал мекардед – ато карда шуд» (43-72); ва чанде аз аҳли илм дар бораи сухани Худои Таъоло: «Пас қасам ба Парвардигори ту, албатта, аз ҳамаи онҳо якҷо аз он чӣ амал мекарданд, суол мекунем» (15:92/93) – гуфтанд: «(Мурод аз «амал» дар ин оят) «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» гуфтан аст». Ва (Худо) гуфт: «Пас амалкунандагон бояд, ки барои инчунин неъмат амал кунанд» (37:61).*

**26.** Аҳмад ибни Юнус ва Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфтанд: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл карда гуфт: Ибни Шиҳоб ба мо нақл кард, аз Саъид ибни Мусайяб, аз Абӯҳурайра, ки аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пурсиданд: *«Кадом амал беҳтар аст?» Гуфт: «Имон овардан ба Худо ва пайғамбари Ӯ». Гуфтанд: «Боз кадом?» Гуфт: «Ҷиҳод дар роҳи Худо». Гуфтанд: «Боз кадом?» Гуфт: «Ҳаҷҷи мабрур».*

## (19) Боб. Агар ислом овардан аз рӯи ихлосу ҳақиқат набошад, пас он ногузир ба сабаби таслим шудан ё аз тарси кушта шудан хоҳад буд

*Бинобар сухани Ҳақ Таъоло: «Аъробиён гуфтанд: «Имон овардем». Бигӯ: «Имон наовардаед, валекин бигӯед: ислом овардем» (49:14); ва агар бар ҳақиқат бошад, пас он бинобар сухани Ӯ, ҷалла зикруҳу, аст: «Ба дурустӣ ки дин наздики Худо ислом аст» (3:19).*

**27.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Омир ибни Саъд ибни Абӯваққос ба ман хабар дод, аз Саъд, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба гурӯҳе (моли закотро) тақсим мекард – ва Саъд он ҷо нишаста буд. – Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба яке аз онҳо, ки ӯ ба назари ман мақбултаринашон буд, чизе надод. Гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, чаро ба фалонӣ чизе надодӣ? Қасам ба Худо, ки ҳамоно ман ӯро мӯъмин ёфтаам». Ӯ гуфт: «Балки мусулмон». Чанде хомӯш мондам. Сипас он чӣ ман дар бораи ӯ медонистам, маро ором нагузошт, ба он суханҳоям бозгаштаму гуфтам: «Чаро ба фалонӣ чизе надодӣ? Ва қасам ба Худо, ки ҳамоно ман ӯро мӯъмин ёфтаам». Ӯ гуфт: «Балки мусулмон». Сипас он чӣ дар бораи ӯ медонистам, маро ором нагузошт, ба он суханҳоям бозгаштам. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баргашту гуфт: «Эй Саъд, ман ба ҳар мард аз тарси он мол додам, ки то Худой ӯро нагунсор дар оташ наафканад, дар сурате, ки дигарӣ барои ман аз ӯ маҳбубтар буд».*

Ва инро Юнус, Солеҳ, Маъмар ва бародарзодаи аз-Зуҳрӣ ривоят кардаанд, аз аз-Зуҳрӣ.

## (20) Боб. Ба ҳама салом додан аз ҷумлаи ислом аст

*Ва Аммор гуфт: «Се чиз аст, ки ҳар кас онҳоро ҷамъ орад, ба дурустӣ ки имонро ҷамъ оварда бошад: инсоф аз худ; ва додани салом ба оламиён; харҷ кардан дар роҳи Худо, агарчи нодорам аст».*

**28.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Язид ибни Абӯҳабиб, аз Абулхайр, аз Абдуллоҳ ибни Амр, *ки марде аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пурсид: «Кадом ислом беҳтар аст?» Гуфт: «Ҳамон ки ба мардум таом ва ба ҳар шиносу ношинос салом диҳӣ».*

## (21) Боб. Андар носипосӣ ба шавҳар ва куфри қариб ба куфр(-и мутлақ)

*Дар ин бора ривоят кардаанд, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, аз пайғамбар салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

**29.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор, аз Ибни Аббос, ки гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ман (оташи) дӯзахро нишон доданд, бинам ки бештари аҳли он занҳоеанд, ки носипосӣ мекардаанд». Гуфтанд: «Оё ба Худо носипосӣ мекарданд?» Гуфт: «Ба шавҳар ва ба некӣ носипосӣ мекарданд. Агар ба касе аз онҳо як умр некӣ кунию сипас аз ту қадре нохушӣ бинад, гӯяд: «Аз ту ягон хубӣ надидам».*

## (22) Боб. Маъсиятҳо аз ҷумлаи корҳои ҷоҳилият аст ва маъсияткунанда бо содир кардани он ба куфр ҳукм карда намешавад, магар он ки ширк оварад

*Бинобар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ҳамоно ту онӣ, ки дар ту ҷоҳилият аст». Ва сухани Худои Таъоло: «Ба дурустӣ, Худо онро, ки барои Ӯ шарик муқаррар карда шавад, намеомурзад; ва ғайри онро барои ҳар кӣ хоҳад, меомурзад»* (4:48).

**30.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Восил ал-Аҳдаб, аз ал-Маърур, гуфт: *дар Рабаза ба Абӯзар дучор омадам, ки дар тани ӯ ва ғуломаш ҷома(-и якранг) буд. Ман аз вай дар ин хусус пурсидам. Ӯ гуфт: «Ман мардеро таҳқир кардам ва модарашро дашном додам. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам. ба ман гуфт: «Эй Абӯзар, оё модаршро дашном додӣ? Ҳамоно ту онӣ, ки дар ту ҷоҳилият аст.*

*Ғуломонатон бародарони шумоанд, ки Худо онҳоро зердасти шумо сохтааст. Ва ҳар киро бародар зердасти ӯ бошад, ӯро аз он чӣ ки худ мехӯрад, бояд бидиҳад ва аз он чӣ ки худ мепӯшад, бипӯшонад. Ва кореро, ки ба он қувваташон намерасад, ба онҳо нафармоед ва агар фармоед, ёриашон диҳед».*

## (23) Боб. «Ва агар ду гурӯҳ аз мӯъминон бо якдигар ҷанг кунанд, миёни онҳо сулҳ кунед» (49:9)

*(Ва Худо дар ин оят муқотилонро) «мӯъминон» номидааст.*

**31.** Абдурраҳмон ибни ал-Муборак ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл карда гуфт: Айюб ва Юнус ба мо нақл карданд, аз ал-Ҳасан, аз ал-Аҳнаф ибни Қайс, ки гуфт: «Ман ба ёрии ин мард (Алӣ ибни Абӯтолиб) рафтанӣ будам. Ва Абӯбакра ба ман дучор омад ва гуфт: «Куҷо рафтан мехоҳӣ?» Гуфтам: «Ба ёрии ин мард». Гуфт: «Бозгард, зеро ман аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: *«Агар ду мусулмон бо шамшерҳояшон рӯ ба рӯ шаванд, (ҳам) қотил ва ҳам мақтул сазовори оташи дӯзаханд». Гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, ин ки кушанда аст, чаро (ҳоли) кушташуда низ чунин бошад?» Гуфт: «Зеро ӯ низ бар куштани ёри худ озманд буд».*

## (24) Боб. Ситами фурӯтар аз ситам(-и мутлақ)

**32.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда (таҳвил) гуфт: ва Бишр ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Сулаймон, аз Иброҳим, аз Алқама, аз Абдуллоҳ, гуфт: *«Вақте ки (ин оят) нозил шуд – «Касоне, ки имон оварданд ва имони худро ба ситам наомехтанд» (6:82), – ёрони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтанд: «Кадоме аз мо ситам накардааст?» Пас Худо нозил кард: «Ба дурустӣ ки ширк ситаме бузург аст» (31:13).*

## (25) Боб. Аломатҳои мунофиқ

**33.** Сулаймон Абуррабеъ ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Ҷаъфар ба мо нақл карда гуфт: Нофеъ ибни Молик ибни Абӯомир Абӯсуҳайл ба мо нақл кард, аз падараш, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Нишонаи*

*мунофиқ се аст: чун сухан гӯяд, дурӯғ гӯяд; ва чун ваъда диҳад, вафо накунад; ва чун ба ӯ амонат гузоранд, хиёнат кунад».*

**34.** Қабиса ибни Уқба ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Абдуллоҳ ибни Мурра, аз Масруқ, аз Абдуллоҳ ибни Амр, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Чаҳор чиз аст, дар ҳар кӣ бошад, он кас яқин мунофиқ аст; ва ҳар кӣ дар ӯ яке аз онҳост, то онро тарк накунад, дар ӯ нишонае аз мунофиқӣ бошад: чун ба ӯ амонат гузоранд, хиёнат кунад; ва чун сухан гӯяд, дурӯғ гӯяд; ва чун паймон бандад, ғадр кунад; ва агар пархош кунад, нобакорӣ намояд».* Шуъба (дар ривояти ин ҳадис ба Суфён) пайравӣ кардааст, аз ал-Аъмаш.

### (26) Боб. Шабзиндадории шаби Қадр аз ҷумлаи имон аст

**35.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дода гуфт: Абуззинод ба мо нақл кард, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ дар шаби Қадр аз рӯи имон ва эҳтисоб бо Худо шабзиндадорӣ кунад, ҳамаи гуноҳони қаблан содиркардааш омурзида мешаванд».*

### (27) Боб. Ҷиҳод кардан аз ҷумлаи имон аст

**36.** Ҳарамӣ ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: Умора ба мо нақл карда гуфт: Абӯзуръа ибни Амр ибни Ҷарир ба мо нақл карда гуфт: аз Абӯҳурайра шунидам, ки аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Худо (дуои) касеро, ки дар роҳи Ӯ (ба ҷиҳод) рафта бошад, иҷобат намуда гӯяд: «Ӯро, ки ҷуз имон ба Ман ва барҳақ донистани пайғамбарони Ман чизе дигар ба ҷиҳод равона накарда бошад, (агар зинда монад), бо подош ё ғанимате, ки ба даст овардааст, бозмегардонам (ё агар кушта шавад), ба биҳишт медарорам». Ва агар аз пеш омадани душворӣ бар умматам парво намедоштам, дар паси гурӯҳи размандагон наменишастам; ва албатта, мехостам, ки ман дар роҳи Худо кушта шавам, боз зинда шавам, боз кушта шавам, боз зинда шавам, боз кушта шавам».*

### (28) Боб. Бо намози нафл зинда доштани (шабҳои) Рамазон аз ҷумлаи имон аст

**37.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Ҳумайд, аз Абдурраҳмон, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ (шабҳои) Рамазонро аз рӯи имон ва эҳтисоб бо Худо зинда дорад, ҳамаи гуноҳони қаблан содиркардааш омурзида мешаванд».*

## (29) Боб. Рӯзаи моҳи Рамазон ба умеди савоб аз ҷумлаи имон аст

**38.** Ибни Салом ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Фузайл ба мо хабар дода гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл кард, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ дар (моҳи) Рамазон аз рӯи имон ва эҳтисоб бо Худо рӯза дорад, ҳамаи гуноҳони қаблан содиркардааш омурзида мешаванд».*

## (30) Боб. Дин осонӣ аст

*Ва сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, «маҳбубтарин дин назди Худо ҳанифияи сабукгиранда аст».*

**39.** Абдуссалом ибни Мутаҳҳар ба мо нақл карда гуфт: Умар ибни Алӣ ба мо нақл кард, аз Маън ибни Муҳаммад ал-Ғифорӣ, аз Саъид ибни Абӯсаъид ал-Мақбурӣ, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ба дурустӣ ки дин осонӣ аст. Ва касе дини худро душвор нахоҳад гирифт, магар он ки бар ӯ зӯр ояд ва ӯро аз роҳи дин боздорад. Пас дурусткор бошед, ба такмил(-и корҳои дин) наздикӣ ҷӯед ва (аз он) хушҳол бошед (бо гузоридани намоз) ба аввали рӯзу баъд аз завол ва соатҳое аз шаби торик (аз Худо) имдод талабед».*

## (31) Боб. Намоз гузоридан аз ҷумлаи имон аст

*Ва сухани Худои Таъоло: «Ва Худо гаравидани шуморо зоеъ намекунад» (2:143) – яъне намозеро, ки шумо дар назди хонаи Каъба (рӯй ба Байтулмуқаддас) гузоридед.*

**40.** Амр ибни Холид ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл карда гуфт: Абӯисҳоқ ба мо нақл кард, аз ал-Баро, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар аввали ба Мадина омаданаш ба назди аҷдод ё хешони модарии худ омад ва ба сӯи Байтулмуқаддас шонздаҳ ё ҳабдаҳ моҳ намоз гузорид. Ва хоҳиши*

*ӯ он буд, ки қиблааш Каъба бошад. Ва нахустин намозе, ки ӯ (рӯ ба сӯи Каъба) гузорид, намози аср буд ва қавм бо ӯ намоз гузориданд. Пас марде аз ҷумлаи касоне, ки бо ӯ намоз хонданд, берун баромад ва бар аҳли масҷиде бигузашт, ки дар рукӯъ буданд, гуфт: «Қасам ба Худо, ман гувоҳӣ медиҳам, ки бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯ ба сӯи Макка намоз хондам». Онҳо низ ҳамчунон рӯй ба сӯи Каъба гардониданд. Яҳудиён ва аҳли Китобро аз он писанд омада буд, ки (пайғамбар) рӯй ба сӯи Байтулмуқаддас намоз мегузорид. Ва чун рӯ ба сӯи Каъба гардонид, онҳо инро инкор карданд.*

Зуҳайр гуфт: Абӯисҳоқ дар ин ҳадиси худ ба мо нақл кард, аз ал-Баро, *ки чандин касон пеш аз он ки мо таҳвили қибла кунем, бар он қибла мурданд ва кушта шуданд. Ва мо намедонистем, ки дар бораи онҳо чӣ гӯем. Пас Худои Таъоло нозил кард: «Ва Худо гаравидани шуморо зоеъ намекунад» (2:143).*

## (32) Боб. Бо сидқу ихлос ислом овардани шахс

**41.** Молик гӯяд: Зайд ибни Аслам ба ман хабар дод: Ато ибни Ясор ба ӯ хабар дод: Абӯсаъид ал-Худрӣ ба ӯ хабар дод, ки ӯ аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидааст, ки мегуфт: *«Агар банда ислом оварад ва исломаш хуб бошад, Худо аз ҳар як кори баде, ки ӯ кардааст, даргузарад ва баъд аз он подоши амал диҳад: ба ҳар кори нек аз даҳ чанд то ҳафтсад чанди он; ва ба ҳар кори бад ҳамчанди он, ба шарте, ки Худо онро набахшида бошад».*

**42.** Исҳоқ ибни Мансур ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо нақл карда гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз Ҳаммом, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Агар касе аз шумо исломи худро сидқан некӯ дошта бошад, подоши ҳар некии ӯ аз даҳ баробар то ҳафтсад баробари он навишта мешавад. Ва сазои ҳар кори ношоистаи ӯ ба монанди он, баробар навишта мешавад».*

## (33) Боб. Беҳтарин дин (тоату ибодат) назди Худо бардавомтарини он аст

**43.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл кард: Яҳё ба мо нақл кард, аз Ҳишом, гуфт: падарам ба ман хабар дод, аз Оиша, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, назди ӯ даромад ва*

*зане он ҷо буд. Гуфт: «Ин зан кист?» Гуфт: «Фалона» ва аз намозгузориҳои (зиёди) ӯ ёд кард. Гуфт: «Бас кун! (Аз корҳои некӯ) он чиро бикунед, ки тоқати онро доред; ва ба Худо қасам, ки Худо (аз додани савоб) малул намешавад, магар ки шумо (аз адои он корҳо) малул нашавед; беҳтарин дин (тоату ибодат) назди (пайғамбар) он буд, ки онро соҳибаш бардавом адо кунад».*

## (34) Боб. Андар зиёду камии имон

*Ва сухани Худои Таъоло: «Ва мо ба онҳо зиёда ҳидоят додем» (18:13); «ва то мӯъминон дар имони худ зиёда шаванд» (74:31). Ва (Худо) гуфт: «Имрӯз бароятон дини шуморо комил кардам» (5:3). Ва агар чизе аз камол фурӯ гузошта шавад, он (дин) нотамом аст.*

**44.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: Қатода ба мо нақл кард, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар кӣ гӯяд: «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» ва дар дилаш ҳамвазни як ҷав некӯӣ бошад, аз оташ(-и дӯзах) берун меояд; ва ҳар кӣ гӯяд: «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» ва дар дилаш ҳамвазни як гандум некӯӣ бошад, аз оташ(-и дӯзах) берун меояд; ва ҳар кӣ гӯяд: «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» ва дар дилаш ҳамвазни як зарра некӯӣ бошад, аз оташ(-и дӯзах) берун меояд».*

Абӯабдуллоҳ гуфт: Абон гуфт: Қатода ба мо нақл кард: Анас ба мо нақл кард, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ба ҷои *«аз имон» «аз некӯӣ»* (гуфт).

**45.** Ал-Ҳасан ибни ас-Саббоҳ ба мо нақл кард, ки аз Ҷаъфар ибни Авн шунидааст: Абулъумайс ба мо нақл кард: Қайс ибни Муслим ба мо хабар дод, аз Ториқ ибни Шиҳоб, аз Умар ибни ал-Хаттоб, *ки марде аз яҳудиён ба ӯ гуфт: «Эй амирулмӯъминин, дар Китобатон ояте ҳаст, ки онро мехонед. Агар он оят ба мо – ҷамъияти яҳудиён, нозил мешуд, он рӯзро ид мегирифтем». Гуфт: «Кадом оят?» Гуфт: «Имрӯз бароятон дини шуморо комил кардам ва неъмати Худро бар шумо тамом кардам ва исломро бароятон дин ихтиёр кардам» (5:3). Умар гуфт: «Ба дурустӣ ки мо он рӯз ва он ҷои ба пайғамбар нозил шудани ин оятро медонем, ки ӯ рӯзи ҷумъа дар Арафот истода буд».*

## (35) Боб. Закот (додан) аз ҷумлаи ислом аст

*Ва сухани Ӯ Таъоло: «Ва ба онҳо фармуда нашуд, магар он ки Худоро чунон парастиш кунанд, ки парастиширо барои Ӯ холис созанд ва ба роҳи Иброҳим равандагон бошанд; ва намоз барпо доранд ва закот бидиҳанд. Ва ин (аҳкоми) дини дуруст аст» (98:5).*

**46.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ибни Анас ба ман нақл кард, аз амакаш Абӯсуҳайл ибни Молик, аз падараш, ки ӯ аз Талҳа ибни Убайдуллоҳ шунидааст, ки мегуфт: *«Марде аз аҳли Наҷд бо мӯйҳои парешон назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад, овози баландаш ба гӯш мерасид, вале фаҳмида намешуд, ки чӣ мегӯяд. Пас наздик омад ва аён шуд, ки ӯ дар бораи ислом суол мекунад. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «(Ислом) панҷ вақт намоз дар як шабонарӯз аст». Пас гуфт: «Ба ғайр аз он боз чизе бояд кунам?» Гуфт: «Не, ба ҷуз он намозе, ки ба ихтиёри худ адо кунӣ». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ва рӯзаи моҳи Рамазон аст». Гуфт: «Ба ғайр аз он боз чизе бояд кунам?» Гуфт: «Не, ба ҷуз он рӯзҳое, ки ба ихтиёри худ рӯза дорӣ». (Ровӣ) гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ закотро зикр кард». Ӯ гуфт: «Ба ғайр аз он боз чизе бояд кунам?» Гуфт: «Не, ҷуз садақае, ки ба ихтиёри худ диҳӣ». Гуфт: «Пас он мард бозпас гашт ва мегуфт: «Қасам ба Худо, ки ба ин ҳеҷ чиз зиёду кам намекунам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Агар рост гӯяд, растагор бувад».*

## (36) Боб.Аз паси ҷаноза рафтан аз ҷумлаи имон аст

**47.** Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ал-Манҷуфӣ ба мо нақл карда гуфт: Равҳ ба мо нақл карда гуфт: Авф ба мо нақл кард, аз ал-Ҳасан ва Муҳаммад, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ аз паси ҷанозаи мусулмон аз рӯи имон ва эҳтисоб бо Худо биравад, то хонда шудани намози ҷаноза ва то фориғ гардидан аз дафн бо он бимонад, ҳамоно ӯ бо ду қирот аз савоб бармегардад, ки ҳар қироте ҳамчанди (кӯҳи) Уҳуд аст. Ва ҳар кӣ бар он намоз хонаду пеш аз дафн бозгардад, ӯ бо як қирот (савоб) бармегардад».*

Дар ривояти ҳадисе ба ин монанд Усмон ал-Муаззин (ба Равҳ) пайравӣ карда гуфт: Авф ба мо нақл кард, аз Муҳаммад, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (37) Боб. Хавф бурдани мӯъмин аз он ки шояд амалаш бекор шуда бошаду лекин ӯ намедонад

*Ва Иброҳим ат-Таймӣ гуфт: «Ман аз тарси он ки дурӯғгӯ шавам, боре ҳам дар байни қавлу амалам хилоф накардаам». Ва Ибни Абӯмулайка гуфт: «Ман сӣ нафар аз саҳобагони пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки ҳама аз он тарс доштанд, ки кореро аз рӯи нифоқ карда бошанд». Аз онҳо касе набуд, ки гӯяд: «Ҳамоно ӯ бар имони Ҷабраилу Микоил аст». Ва аз ал-Ҳасан зикр шудааст: «Аз нифоқ касе наметарсад, магар мӯъмин ва касе хотирҷамъ нест, магар мунофиқ. Ва касе бе он ки тавба кунад, аз исрор бар нифоқу исён барҳазар нест, бинобар сухани Худои Таъоло: «Ва бар он чӣ кардаанд, дониста исрор наварзидаанд» (3:135).*

**48.** Муҳаммад ибни Аръара ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Зубайд, ки гуфт: аз Абӯвоил дар бораи мурҷииён суол кардам, ӯ гуфт: «Абдуллоҳ ба ман нақл кард, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дашном додани мусулмон фисқ ва куштани ӯ куфр аст».*

**49.** Қутайба ибни Саъид ба мо хабар дод: Исмоил ибни Ҷаъфар ба мо нақл кард, аз Ҳумайд, аз Анас, гуфт: «Убода ибни ас-Сомит ба мо хабар дод, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои расонидани хабари шаби Қадр берун баромад. Ва ду марди мусулмон якдигарро дашном медоданд. Гуфт: «Ҳамоно ман барои расонидани хабари шаби Қадр ба шумо берун баромадам. Ва фалону фалон якдигарро дашном доданд, бинобар он (аз ёди ман) бардошта шуд. Ва шояд ин (бардошта шудан) барои шумо беҳтар бошад. Онро дар шабҳои ҳафтум, нӯҳум ва панҷум(-и даҳаи сеюм) нигарон бошед».*

## (38) Боб. Суол кардани Ҷабраил аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам дар бораи имон, ислом, эҳсон ва вақти қиёмат

*Ва ҷавоби пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ. Сипас (дар баёни он ки чун) ӯ гуфт: «Ҷабраил алайҳи-с-салом омад, то ки ба шумо динатонро биомӯзад», пас ӯ ҳамаи онро дин сохт; ва онро низ, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз имон ба намояндагони қабилаи Абдулқайс баён кард. Ва сухани Ҳақ Таъоло: «Ва ҳар кӣ ғайри ислом динеро талаб кунад, ҳаргиз аз ӯ қабул карда нахоҳад шуд» (3:85).*

**50.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Иброҳим ба мо нақл кард: Абӯҳайён ат-Таймӣ ба мо хабар дод, аз Абӯзуръа, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Рӯзе пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо гурӯҳе нишаста буд, марде бар ӯ омад ва гуфт: «Имон чист?» Гуфт: «Имон он аст, ки ба Худо ва фариштагони Ӯ, ба дидори Ӯ ва пайғамбарони Ӯ бовар дошта бошӣ. Ва ба растохез бовар кунӣ». Гуфт: «Ислом чист?» Гуфт: «Ислом он аст, ки Худоро парастиш кунӣ ва ба Ӯ ширк наорӣ ва намозро барпо дорӣ ва закоти фарзиро адо кунӣ ва моҳи Рамазон рӯза дорӣ». Гуфт: «Эҳсон чист?» Гуфт: «Он аст, ки Худоро чунон парастиш кунӣ, ки Ӯро мебинӣ. Ва агар ту Ӯро набинӣ, Ӯ туро мебинад». Гуфт: «Қиёмат кай бошад?» Гуфт: «Дар ин бобат ҷавобдиҳанда аз суолдиҳанда донотар нест. Ман ба ту аз нишонаҳояш хабар медиҳам: вақте ки каниз (зан) хоҷаи худро зояд: ва вақте ки шутурбонони камбағал ҳам дар сохтмони иморат бо якдигар сабқат кунанд; дар панҷ чиз аст, ки онҳоро ба ҷуз Худо касе намедонад». Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, тиловат кард: «Ҳамоно Худо, ки илми қиёмат наздики Ӯст...» – оят (31:34). Сипас он шахс бозпас гашт. Пас (пайғамбар) гуфт: «Ӯро бозгардонед!» – онҳо (чун таъқиб карданд) ҳеҷ касро надиданд. Баъд гуфт: «Ин шахс Ҷабраил буд, ки омад, то ба мардум диношонро биомӯзад».* Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ин ҳамаро аз ҷумлаи имон гардонид».

## (39) Боб

**51.** Иброҳим ибни Ҳамза ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз Солеҳ, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ, ки Абдуллоҳ ибни Аббос ба ӯ хабар дода гуфт: *Абӯсуфён ба ман хабар дод, ки Ҳерақл ба ӯ гуфт: «Аз ту пурсидам: оё пайравони ин дин зиёд мешаванд ё кам? Ту гуфтӣ, ки онҳо зиёд мешаванд. Ва имон низ ҳамчунин аст, то ки пурра шавад. Ва аз ту пурсидам: оё касе аз рӯи кина баъди дохил шудан ба дини ӯ аз он бармегардад? Ту гуфтӣ, ки не. Ва имон низ ҳамчунин аст, вақте ки хушии он бо дилҳо дармеомезад, касе ба ӯ кина намегирад».*

## (40) Боб. Андар фазилати касе, ки диншро аз нуқсон пок созад

**52.** Абӯнуъайм ба мо нақл кард: Закарийё ба мо нақл кард, аз Омир, гуфт: аз ан-Нӯъмон ибни Башир шунидам, ки мегуфт: аз

пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: *«Ҳалол яқини ошкор аст ва ҳаром яқини ошкор; ва дар байни онҳо чизҳои шубҳаноке ҳастанд, ки онҳоро бисёр мардумон намедонанд. Ва ҳар кӣ аз чизҳои шубҳанок парҳез кунад, барои дину обрӯи худ аз гуноҳ пок шавад. Ва ҳар кӣ дар (банди) шубҳаҳо афтад, монанди чӯпонест, ки (чорпои) худ дар гирди ҳарими дигарон мечаронад ва дур нест, ки дар он (ҳарим) ворид шуда бошад. Огоҳ бошед, ба дурустӣ ки ҳар подшоҳеро ҳаримест; огоҳ бошед, ба дурустӣ ки ҳарими Худо дар замин (чизҳои) ҳаромкардаи Ӯст; огоҳ бошед, ба дурустӣ ки дар бадан пораи гӯште ҳаст, ки агар он дуруст бошад, тамоми бадан дуруст мешавад; ва агар он табоҳ бошад, тамоми бадан табоҳ мешавад; огоҳ бошед, ки он (гӯштпора) дил аст».*

## (41) Боб. Адои хумс аз ҷумлаи имон аст

**53.** Алӣ ибни ал-Ҷаъд ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо хабар дод, аз Абӯҷамра, гуфт: «Бо ибни Аббос нишаста будам ва ӯ маро бар сарири худ нишонду гуфт: «Назди ман бош, то аз моли худ бароят ҳиссае муқаррар кунам». Ду моҳ бо ӯ будам. Сипас гуфт: *«Ба дурустӣ, вақте ки намояндагони (қабилаи) Абдулқайс назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаданд, гуфт: «Ин қавм кистанд?» – ё «Ин намояндагон кистанд?» – Онҳо гуфтанд: «(Қабилаи) Рабиа». Гуфт: «Марҳабо ба ин қавм – ё «Ба ин намояндагон» – ба ҷуз онон, ки расво шудаанд ва пушаймон бошанд». Пас гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, ҳамоно мо назди ту ҷуз дар моҳи ҳаром омада наметавонем. Ва миёни мову ту ин ҳаййи кофирони қабилаи Музар аст. Ба мо (аз дин) корҳое бифармой, ки аз он ба моварои қабилаи худ хабар диҳем ва бо (адои) он вориди биҳишт шавем». Ва аз ӯ дар бораи нӯшокиҳо суол карданд. Пас онҳоро чаҳор чиз фармуд ва аз чаҳор чиз манъ кард. Ба имон овардан ба зоти Худои Якто фармуд. Гуфт: «Оё медонед, ки имон овардан ба зоти Худои Якто чист?» Гуфтанд: «Худо ва пайғамбари Ӯ беҳтар донанд». Гуфт: «Шаҳодат додан ба он, ки нест маъбуде, ҷуз Худо ва он ки Муҳаммад пайғамбари Худо аст; ва барпо доштани намоз; ва додани закот; ва рӯзаи моҳи Рамазон; ва он ки аз ғанимат хумс бидиҳед». Ва онҳоро аз чаҳор чиз манъ кард: аз ҳантам, дуббоъ, нақир ва музаффат – ё эҳтимол гуфт: «муқайяр» (инҳо ҳама номҳои зарфҳое буданд, ки*

*дар онҳо май пухта ё нигоҳ дошта мешуд). Ва гуфт: «Ҳамаи инро ҳифз кунед ва ба моварои (қабилаи) худ бирасонед».*

## (42) Боб. Андар он чӣ ки омадааст: «Амалҳо ба нияту эҳтисоб вобаста аст ва ҳар мардро он бошад, ки ният кардааст»

*Ва ба ин имон, вузӯ, намоз, закот, ҳаҷ, рӯза ва аҳком(-и шаръ) дохиланд. Ва Худои Таъоло гуфт: «Бигӯ, ҳар кас бар тариқаи худ кор мекунад» (17:84), яъне бар нияти худ. Нафақае, ки мард ба хонаводааш аз рӯи эҳтисоб мекунад, садақа аст. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «(Баъди фатҳи Макка ҳиҷрат нест), балки мусофират барои ҷиҳод ва нияти он аст».*

**54.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Яҳё ибни Саъид, аз Муҳаммад ибни Иброҳим, аз Алқама ибни Ваққос, аз Умар, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Амалҳо ба ният вобаста аст ва ҳар мардро он бошад, ки ният кардааст. Ва ҳар касро, ки ҳиҷраташ ба ҷониби Худову пайғамбари Ӯ бошад, ҳиҷрати ӯ ба ҷониби Худову пайғамбари Ӯст; ва ҳар касро, ки ҳиҷраташ барои дунё бошад, то онро ба даст орад ё барои зане бошад, ки ӯро ба занӣ гирад, пас ҳиҷрати ӯ ба сӯи ҳамон чиз аст, ки ба он сӯй ҳиҷрат кардааст».*

**55.** Ҳаҷҷоҷ ибни Минҳол ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Адӣ ибни Собит ба ман хабар дода гуфт: аз Абдуллоҳ ибни Язид шунидам, аз Абӯмасъуд, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ мард аз рӯи эҳтисоб ба хонаводааш нафақа мекунад, он аз тарафи ӯ садақа аст».*

**56.** Ал-Ҳакам ибни Нофеъ ба ман нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Омир ибни Саъд ба ман нақл кард, аз Саъд ибни Абӯваққос, ки ӯ ба вай хабар дод, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳамоно ту ҳаргиз харҷе намекунӣ, ки дар он рӯи Худоро талабида бошӣ, магар он ки савоби онро ёфта бошӣ, ҳатто савоби он луқмаро, ки дар даҳони занат мегузорӣ».*

## (43) Боб. (Дар баёни) сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки «Дин насиҳат (некхоҳӣ кардан) аст аз барои Худо, пайғамбари Ӯ,

**пешвоёну оммаи мусулмонон»**

*Ва сухани Ӯ Таъоло: «Чун бо Худову расули Ӯ некхоҳӣ кунанд» (9:91).*

**57.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Исмоил, гуфт: Қайс ибни Абӯҳозим ба ман нақл кард, аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар барпо доштани намоз, додани закот ва некхоҳ будан ба ҳар як мусулмон байъат кардам».*

**58.** Абӯнуъмон ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Зиёд ибни Илоқа, гуфт: аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ шунидам, ки мегуфт: «Рӯзе, ки ал-Муғира ибни Шуъба мурд, ӯ (Ҷарир) ба минбар боло шуд ва Худоро ҳамд гуфту бар ӯ сано хонд ва гуфт: *«Ба шумо лозим аст, ки танҳо аз Худои Ягона, ки шарике надорад, битарсед ва бо виқору тамкин бошед, то ба шумо (ба ҷои ин амир) амире (дигар) биёяд. Ӯ ҳамин замон, албатта, хоҳад омад». Сипас гуфт: «Барои амиратон афв талабед, ки ӯ пайваста афв кардан дӯст медошт». Баъд гуфт: «Аммо баъд. Ба дурустӣ ки ман назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омадаму гуфтам: «Бо ту барои ислом байъат мекунам». Ӯ ба ман чунин шарт гузошт: «Ва (байъат мекунӣ) бар некхоҳ будан ба ҳар як мусулмон». Пас ман бар ин (шарт) бо ӯ байъат кардам. Қасам ба Худованди ин Масҷид, ки ман ҳамеша некхоҳи шумоам. Сипас омурзиш талабиду аз минбар поин омад».*

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# III. КИТОБИ ИЛМ

## (1) Боб. Андар фазилати илм

*Ва суханони Худои Таъоло: «То Худо ононеро аз шумо, ки имон овардаанд ва ононеро аз шумо, ки илм ато карда шудааст, ба мартабаҳо баланд кунад. Ва Худо ба он чӣ мекунед, Хабардор аст» (58:11).*

*Ва сухани Ӯ азза ва ҷалла: «Эй Парвардигори ман, маро дониш биафзой» (20:114).*

## (2) Боб дар бораи касе, ки ҳангоми суханронӣ аз ӯ дар бораи илм суол карданд ва ӯ суханрониро ба анҷом расонида сипас ба суолкунанда ҷавоб дод

**59.** Муҳаммад ибни Синон ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ба мо нақл кард (таҳвил).

Ва Иброҳим ибни ал-Мунзир ба ман нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Фулайҳ ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл карда гуфт: Ҳилол ибни Алӣ ба ман нақл кард, аз Ато ибни Ясор, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Ҳангоме ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар маҷлисе ба қавм сухан мегуфт, аъробие назди ӯ омаду гуфт: «Қиёмат кай бошад?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамчунон суханрониашро давом дод. Баъзе аз қавм гуфтанд: «Ӯ сухани он аъробиро шунид ва онро нохуш дошт». Баъзеи дигар гуфтанд: «Балки нашунид». Чун суханрониашро ба итмом расонид, гуфт: «Он кӣ дар бораи қиёмат суол кард, куҷост?» Гуфт: «Ман ин ҷо ҳастам, эй пайғамбари Худо». Гуфт: «Ҳар гоҳ амонат (аз ҷаҳон) гум ша-*

*вад, қиёматро нигарон бош». Гуфт: «Гум шудани он чӣ гуна бувад?» Гуфт: «Ҳар гоҳ ки (зимоми) корҳо ба дасти ноаҳлон афтод, қиёматро нигарон бош».*

### (3) Боб дар бораи касе, ки (дониста) илмро бо овози баланд гӯяд

**60.** Абуннӯъмони Орим ибни ал-Фазл ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Абӯбишр, аз Юсуф ибни Моҳак, аз Абдуллоҳ ибни Амр, ки гуфт: *«Дар як сафар, ки ҳамроҳ будем, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз мо ақиб монд. Ҳангоме моро дарёфт, ки вақти намози аср фаро расида буд ва мо вузӯ мекардем. Ва пойҳои худро масҳ мекашидем. Ва ӯ бо овози баланд, (то амр кунад, ки пойҳоро бишӯем), ду ё се бор нидо кард: «Вой бар пошнаҳое, ки тӯъмаи оташи дӯзах мешаванд».*

### (4) Боб. Андар сухани муҳаддис: «Ба мо нақл кард» ё «ба мо хабар дод» ва «моро огоҳонид»

Ва ал-Ҳумайдӣ ба мо гуфт: «Дар назди Ибни Уяйна сухан аз «ба мо нақл кард» ва «ба мо хабар дод» ва «моро огоҳонид» ва «аз яке шунидам» рафт». Ибни Масъуд гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо нақл кард. Ва ӯ ростгӯест, ки ростгӯии ӯро ҳама эътироф кардаанд»; Шақиқ гуфт, аз Абдуллоҳ: «Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сухане шунидам»; ва Ҳузайфа гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо ду ҳадис нақл кард»; ва Абулъолия гуфт, аз Ибни Аббос, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар он чӣ ки «аз Парвардигораш, азза ва ҷалла, ривоят мекунад»; Анас гуфт, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки «онро аз Парвардигораш, азза ва ҷалла, ривоят мекунад»; ва Абӯҳурайра гуфт, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки «онро аз Парвардигори шумо, азза ва ҷалла, ривоят мекунад».

**61.** Қутайба ба мо нақл кард: Исмоил ибни Ҷаъфар ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Динор, аз Ибни Умар, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дар миёни дарахтон дарахте ҳаст, ки барги он намерезад ва ба дурустӣ ки он масали мусулмон аст. Ба ман бигӯед, ки он кадом дарахт аст?» Мардум дарахтони биёбонро як-як баршумурданд. Абдуллоҳ гуфт: «Аз дилам гузашт, ки дарахти хурмо аст, вале*

*шарм доштам, ки бигӯям». Сипас суол карданд: «Эй пайғамбари Худо, ба мо бигӯ, он кадом дарахт аст?» Гуфт: «Дарахти хурмо аст».*

## (5) Боб. Имом масъаларо дар миёни ёрони худ матраҳ кард, то дараҷаи илми онҳоро биозмояд

**62.** Холид ибни Махлад ба мо нақл кард: Сулаймон ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ибни Динор ба мо нақл кард, аз Ибни Умар, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Дар миёни дарахтон дарахте ҳаст, ки барги он намерезад ва ба дурустӣ ки масали он чун масали мусулмон аст; ба ман бигӯед, ки он кадом дарахт аст?» Гуфт: «Мардум дарахтони биёбонро як-як баршумурданд». Абдуллоҳ гуфт: «Аз дилам гузашт, ки дарахти хурмо аст». Сипас суол карданд: «Эй пайғамбари Худо, ба мо бигӯ, он кадом дарахт аст?» Гуфт: «Дарахти хурмо аст».*

## (6) Боб. Он чӣ дар бораи илм омадааст ва суханони Ӯ Таъоло: «Ва бигӯ: «Эй Парвардигори ман, маро дониш биафзой» (20:114); (ҳукми) қироат ва арзи ҳадис бар муҳаддис

Аз нигоҳи ал-Ҳасан, ас-Саврӣ ва Молик қироат(-и ҳадис) ҷоиз аст. Абӯабдуллоҳ гуфт: аз Абӯосим шунидам, ки ӯ аз Суфён ас-Саврӣ ва Молик чунин ёд кард, ки онҳо қироат ва самоъро ҷоиз медонистаанд. Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл кард, аз Суфён, ки гуфт: «Агар ба муҳаддис хонда шавад, боке нест, ки гӯяд: «Ба ман нақл кард» ва «ман шунидам». Баъзеи онҳо барои исботи аз назари олим гузаронидани қироат ҳадиси Зимом ибни Саълабаро ҳуҷҷат овардаанд, ки ӯ ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Оё Худо ба ту фармудааст, ки намозҳоро бигузорӣ?» Гуфт: «Оре». Гуфтанд: «Пас ин бар пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, қироат аст». Зимом ба қавми худ аз ин хабар дод. Ва онҳо инро аз ӯ пазируфтанд. Ва Молик чакеро ҳуҷҷат овардааст, ки бар қавм хонда мешавад ва онҳо мегӯянд: моро фалонӣ шоҳид кардааст. Ва он чиз хонда, аз назари онҳо гузаронида мешавад. Ва дар пеши қории Қуръон низ хонда мешавад ва хонандаи он гӯяд: дар пеши фалон қорӣ хонда гузарондам. Муҳаммад ибни Салом ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни ал-Ҳасан ал-Воситӣ ба мо нақл кард, аз Авф, аз ал-Ҳасан,

ки гуфт: «Дар пеши олим хонда аз назараш гузаронидан боке надорад». Ва Муҳаммад ибни Юсуф ал-Фирабрӣ ба мо хабар дод ва Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл кард, аз Суфён, гуфт: «Агар дар пеши муҳаддис хонда аз назараш гузаронида шавад, равост, ки гӯяд: «ба ман нақл кард». Гуфт: Аз Абӯосим шунидам, ки мегуфт, аз Молик ва Суфён: «Дар пеши олим қироат кардан баробари хондани худи олим аст».

**63.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Саъид, ки ӯ ал-Мақбурист, аз Шарик ибни Абдуллоҳ ибни Абӯнамир, ки ӯ аз Анас ибни Молик шунидааст, ки мегуфт: *«Ҳангоме ки мо бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар масҷид нишаста будем, марде шутурсавор даромад ва шутурро дар масҷид бихобонид ва миҳораш бибаст. Сипас ба онҳо гуфт: «Кадоме аз шумо Муҳаммад аст?» Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам дар миёни онҳо ба бозуи худ такя зада менишаст. Гуфтем: «Ана, ин марди сафедрӯи такязада аст». Он мард ба ӯ гуфт: «Эй писари Абдулмутталиб!» Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Гӯшам ба туст». Он мард ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ман ба ҷиддияту шиддат аз ту суол мекунам, бар ман хашм магир». Ва гуфт: «Ҳар чӣ туро хуш ояд, бипурс». Гуфт: «Туро ба Парвардигорат ва Парвардигори пешиниёнат савганд дода, аз ту суол мекунам: «Оё Худо туро ба ҳама мардумон фиристодааст?» Гуфт: «Оре, Худо шоҳид аст». Гуфт: «Ба Худо туро савганд медиҳам, оё Худо ба ту фармудааст, ки дар як шабонарӯз панҷ вақт намоз хонӣ?» Гуфт: «Оре, Худо шоҳид аст». Гуфт: «Туро ба Худо савганд медиҳам, оё Худо ба ту фармудааст, ки дар ин моҳи сол рӯза дорӣ?» Гуфт: «Оре, Худо шоҳид аст». Гуфт: «Туро ба Худо савганд медиҳам, оё Худо ба ту фармудааст, ки ин садақаро аз тавонгарони мо биситонӣ ва бар бечорагон қисмат кунӣ?» Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Оре, Худо шоҳид аст». Он мард гуфт: «Ба он чӣ ки ту овардӣ, бигаравидам ва ман фиристодаи мардуми моварои қавми худ ҳастам ва ман Зимом ибни Саълаба, бародари банӣ Саъд ибни Бакр ҳастам».*

Мӯсо ва Алӣ ибни Абдулҳамид ҳамчунин ривоят карданд, аз Сулаймон, аз Собит, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (7) Боб. Он чӣ дар бораи даст ба даст гардонидан, бурдани китоб ва дониши аҳли илм ба кишварҳои дигар зикр шудааст

Ва Анас гуфт: «Усмон аз Мусҳаф нусхаҳо бардошт ва онҳоро ба ҳар сӯ фиристод». Ва Абдуллоҳ ибни Умар, Яҳё ибни Саъид ва Молик онро ҷоиз шумурданд. Баъзе аз аҳли Ҳиҷоз барои даст ба даст гардонидани ҳадиси пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳуҷҷат оварданд, ки ба амири сарийя (гурӯҳи размандагон) мактубе навишта дар он гуфта буд: «То ба фалон ҷо нарасӣ, онро нахон». Пас вақте ки ба он ҷо расид, онро бихонд ва аз хусуси фармони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мардум хабар дод.

**64.** Исмоил ибни Абдуллоҳ ба ман нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба ман нақл кард, аз Солеҳ, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд, ки Абдуллоҳ ибни Аббос ба ӯ хабар дод, ки *пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мардеро бо нома фиристод ва ба ӯ фармуд, ки онро ба ҳокими Баҳрайн супорад. Пас, ҳокими Баҳрайн онро ба Кисро супорид. Кисро чун номаро бихонд, бидаронд. Ва ба гумонам Ибни Мусайяб гуфтааст: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳаққи онҳо чунин дуо кардааст, ки (мулкашон) пора-пора шавад».*

**65.** Муҳаммад ибни Муқотил Абулҳасан ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Шуъба ба мо хабар дод, аз Қатода, аз Анас ибни Молик, гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, номае нависонд – ё хост, ки нависонад. Ба ӯ гуфтанд: «Онҳо номаеро, ки мӯҳр надошта бошад, нахоҳанд хонд». Пас ӯ барои худ хотаме сохт аз нуқра, ки чунин нақш дошт: «Муҳаммад расулуллоҳ». Ва ҷилои сафедии хотами дасти ӯ то ҳанӯз пеши назари ман аст». Ва ба Қатода гуфтам: «Кӣ гуфт, ки нақши он «Муҳаммад расулуллоҳ» аст?» Гуфт: «Анас».*

## (8) Боб дар бораи касе, ки дар поини ҳалқаи аҳли маҷлис бинишаст; ва касе, ки дар ҳалқа ҷои холӣ ёфта, дар он бинишаст

**66.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа, ки Абӯмурра – мавлои Ақил ибни Абӯтолиб ба ӯ хабар дод, аз Абӯвоқид ал-Лайсӣ:

*«Ҳангоме, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар масҷид нишаста буд ва мардум ҳамроҳаш буданд, се нафар омаданд. Ва ду нафари онҳо рӯ ба рӯи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаданд ва яке аз онҳо бирафт. Гуфт: «Ва он ду нафар, ки дар пеши пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, истоданд: яке аз он дар халқа ҷои холиро дид ва он ҷо нишаст; ва дигарӣ дар қафои онҳо биншаст; ва сеюмӣ бозпас баргашту рафт. Ва чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фориғи сӯҳбат гардид, гуфт: «Оё ба шумо дар бораи ин се нафар хабар диҳам? – Яке аз онҳо ба Худо паноҳ бурд ва Худо ӯро ба паноҳаш гирифт. Дигарӣ (аз баргашта рафтан) шарм дошт, Худо ҳам (аз азоб додани ӯ) ҳаё кард. Ва сеюмӣ рӯй гардонид, Худо низ аз ӯ рӯй гардонд».*

### (9) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Шояд касе, ки ба ӯ гуфтаҳои маро мерасонанд, аз касе, ки суханамро ба гӯши худ мешунавад, маъниҳои бештареро ба ақл дарёбад»

**67.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Бишр ба мо нақл карда гуфт: Ибни Авн ба мо нақл кард, аз Ибни Сирин, аз Абдурраҳмон ибни Абӯбакра, аз падараш, *ки пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ёд кард, ки ба шутураш нишаст ва касе миҳори – ё лаҷоми – онро ба даст гирифт. Сипас гуфт: «Имрӯз кадом рӯз аст?» Мо сукут варзидем ва гумон кардем, ки ӯ он рӯзро дигар хел ном мебарад. Гуфт: «Оё имрӯз рӯзи Қурбон нест?» Гуфтем: «Бале». Гуфт: «Ва ин моҳ кадом моҳ аст». Мо сукут варзидем ва гумон кардем, ки ӯ он моҳро дигар хел ном мебарад. Пас гуфт: «Оё Зулҳиҷҷа нест?» Гуфтем: «Бале». Гуфт: «Пас ба дурустӣ ки ҳурмати хуни шумо, моли шумо ва шарафи шумо дар байни шумо монанди ҳурмати ин рӯзи шумо, ин моҳи шумо ва ин шаҳри шумо аст. Бигузор ҳар каси ҳозиру шоҳид ба шахси ғоиб ин хабарро расонад. Ва шоҳид шояд хабарро ба касе расонад, ки ӯ дар фаҳмидан(-и маънии хабар) бартар (аз шоҳид) бошад».*

### (10) Боб. Илм бар қавлу амал муқаддам аст

Бинобар сухани Худои Таъоло: «Бидон, ки ҷуз Худо ҳеҷ маъбуде нест» (47:19) – бо «дониш» («бидон») оғоз шудааст. Ва он ки олимон ворисони пайғамбаронанд, ки илмро ба мерос гу-

зоштанд; ҳар кӣ онро гирифта бошад, чизҳои фаровон насиби ӯ шудааст; ва ҳар кас, ки роҳеро дар талаби илм паймояд, Худой барои ӯ роҳеро ба сӯи ҷаннат ҳамвор мекунад. Ва Ӯ, ҷалла зикруҳу, гуфт: «Ҷуз ин нест, ки аз бандагони Худо олимон аз Ӯ метарсанд (35:28). Ва Ӯ гуфт: «Ва онро ҷуз доноён касе намефаҳмад» (29:43). «Ва гӯянд: «Агар мо мешунидем ё мефаҳмидем, дар зумраи аҳли дӯзах дохил намешудем» (67:10). Ва Ӯ гуфт: «Оё онон, ки медонанд ва онон, ки намедонанд, баробар мешаванд?» (39:9). Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Худо барои касе некӯӣ хоҳад, ӯро донишманди дин мегардонад ва ҷуз ин нест, ки дониш аз омӯхтан аст». Ва Абӯзар гуфт: «Агар шамшерро ба ин ҷо гузоред» – ӯ ба пушти гарданаш ишора кард – «ва ман донам, ки калимаи аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаамро пеш аз он, ки шамшер ба гарданам фурӯ нишонед, гуфта тавонам, албатта, мегуфтам». Ва Ибни Аббос гуфт: «Раббонӣ бошед» (3:79) – (яъне) ҳаким, фақеҳ ва олим бошед». Ва гуфтаанд: «Раббонӣ» он касест, ки мардумро нахуст бо илмҳои осон, сипас бо илмҳои душвор тарбия мекунад».

## (11) Боб. Андар он ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, соатҳои ваъзу илмро риоя мекард, то мардум (дилгир шуда) нараванд

**68.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз ал-Аъмаш, аз-Абӯвоил, аз Ибни Масъуд, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, соатҳои ваъзро риоя мекард, то мо хаста нашавем».*

**69.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Абуттайёҳ ба ман нақл кард, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«(Корро) осон кунед, на душвор; ва мужда диҳед ва (аз ислом) нарамонед».*

## (12) Боб. Дар бораи касе, ки барои аҳли илм рӯзҳои махсус таъйин кунад

**70.** Усмон ибни Абӯшайба ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Абӯвоил, ки гуфт: *«Абдуллоҳ рӯзҳои панҷшанбе ваъз мегуфт. Ва марде ба ӯ гуфт: «Эй Абӯабдур-*

*раҳмон, ман мехоҳам, ки ту ҳар рӯз ба мо ваъз гӯӣ». Гуфт: «Аз ин кор маро монеъ он аст, ки намехоҳам ба шумо хастагӣ оварам ва ман ба шумо вақти ваъзро муайян мекунам, чунон ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақти онро ба мо муайян мекард, то дилгир нашавем».*

## (13) Боб. Худо барои касе некӯӣ хоҳад, ӯро донишманди дин мегардонад

**71.** Саъид ибни Уфайр ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба мо нақл кард, аз Юнус, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Ҳумайд ибни Абдурраҳмон гуфт, аз Муъовия шунидам, ки дар хутба мегуфт: аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: *«Худо дар ҳаққи ҳар кас, ки некӯӣ хоҳад, ӯро донишманди дин мегардонад; ва ҷуз ин нест, ки Худо ато мекунаду ман тақсим мекунам. Ин уммат то даме, ки ба фармони Худо устувор аст, то фаро омадани амри Худо мухолифати касе бар онҳо зарар намерасонад».*

## (14) Боб. (Андар фазилати) дарки илм

**72.** Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯнуҷайҳ ба ман гуфт, аз Муҷоҳид, ки гуфт: «Ибни Умарро то Мадина ҳамроҳӣ кардам ва аз ӯ нашунидам, ки аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳадисе нақл карда бошад, магар як ҳадис, ки гуфт: *«Дар назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будем, ки ба ӯ равғани дарахти хурмо оварданд. Гуфт: «Дар миёни дарахтон дарахте ҳаст, ки масали он чун масали мусулмон аст». Пас ман хостам, ки гӯям: «Дарахти хурмо аст». Вале азбаски ман хурдтарини он қавм будам, сукут варзидам. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Он дарахти хурмо аст».*

## (15) Боб. Пужҳон бурдан (ба орзу нигаристан) ба кас дар илму ҳикмат

Ва Умар гуфт: «Пеш аз он ки сарварӣ ёбед, дониш омӯзед». – Ва Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ва баъди он ки сарварӣ ёбед». – «Ба дурустӣ ки саҳобагони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар калонсолиашон илм омӯхтанд».

**73.** Ал-Ҳумайдӣ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Абӯхолид ғайри он чӣ ки аз аз-Зуҳрӣ ба мо нақл карда буд, ба мо нақл карда гуфт: аз Қайс ибни Абӯҳозим шунидам, ки гуфт: аз Абдуллоҳ ибни Масъуд шунидам, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳасад бурдан ҷуз ба ду кас раво нест: ба марде, ки Худо ба ӯ мол дода бошад ва Ӯ тавонад, ки ҳамаи онро дар роҳи ҳақ харҷ кунад; ва ба марде, ки Худо ба ӯ ҳикмат(-и Қуръон) дода бошад ва ӯ бо он ҳукм кунад ва онро таълим диҳад».*

## (16) Боб. Он чӣ дар рафтани Мӯсо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар баҳр сӯи Хизр зикр шудааст

*Ва сухани Ӯ Таъоло: «Оё пайравии ту кунам, ба шарте, ки ҳар чӣ аз роҳёбӣ омӯхтаӣ, маро биомӯзонӣ?» (18:66).*

**74.** Муҳаммад ибни Ғурайр аз-Зуҳрӣ ба мо нақл карда гуфт: Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Солеҳ, аз Ибни Шиҳоб, нақл кард, ки Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ба ӯ хабар дод, аз Ибни Аббос, ки ӯ бо ал-Ҳурр ибни Қайс ибни Ҳисн ал-Фазорӣ дар бораи ёри Мӯсо баҳсу мунозира кард. Ибни Аббос гуфт: «Ӯ Хизр аст». Ва Убай ибни Каъб аз пеши онҳо гузашт, Ибни Аббос ӯро бихонду гуфт: «Ман бо ин ёри худ дар бораи ёри Мӯсо, ки Мӯсо дар талаби дидори ӯ роҳ меҷуст, баҳсу мунозира кардам. Оё аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаӣ, ки чизе дар шаъни ӯ зикр карда бошад?» Гуфт: «Оре, аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: *«Ҳангоме ки Мӯсо дар байни гурӯҳе аз банӣ Исроил буд, марде назди ӯ омаду гуфт: «Оё касеро медонӣ, ки аз ту донотар бошад?» Мӯсо гуфт: «Не». Пас Худо ба сӯи Мӯсо ваҳй фиристод. «Бале, бандаи Мо Хизр (донотар аст)». Мӯсо тариқи ба ӯ расиданро пурсид. Худо моҳиро барои ӯ нишона сохт ва ба ӯ гуфта шуд: чун моҳӣ аз назарат гум шавад, бозгард. Ва албатта, ту ӯро хоҳӣ ёфт. Ва аз паи моҳӣ дар баҳр мерафт. Ва ба Мӯсо навҷавонаш гуфт: «Оё дидӣ, чун лаҳзае ба он санг такя карда ором гирифтем, ман моҳиро фаромӯш кардам? Ва аз он ки қиссаи онро ёд кунам, ҷуз Шайтон (касе) маро фаромӯш насохт». (Мӯсо) гуфт: «Ин ҳамон чизест, ки меҷустем». Пас бар нақши қадамҳои худ ҷустуҷӯкунон бозгаштанд» (18:63/64). Ва Хизрро ёфтанд. Дар шаъни онҳо ҳамон чизест, ки Худои азза ва ҷалла дар Китобаш қисса кардааст».*

## (17) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Бор Худоё, ба ӯ (Ибни Аббос) Китобро биомӯз»

**75.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Холид ба мо нақл кард, аз Икрима, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо маро оғӯш карду гуфт: «Бор Худоё, ба ӯ Китобро биомӯз».*

## (18) Боб. Дар кадом синну соли хурдсол аз ӯ ҳадис шунидан дуруст аст?

**76.** Исмоил ибни Абӯувайс ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба, аз Абдуллоҳ ибни Аббос, ки гуфт: *«Ман савори модахаре омадам ва он рӯзҳо қариб ба синни эҳтилом расида будам. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Мино, ки дар рӯ ба рӯяш деворе набуд, намоз мегузорид. Ва аз пеши баъзе аз саф(-и намозгузорон) гузаштам. Модахарро раҳо кардам, то бичарад ва ба саф даромадам. Инро касе ба ман инкор накард».*

**77.** Муҳаммад ибни Юсуф ба ман нақл карда гуфт: Абӯмусҳир ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҳарб ба ман нақл кард: аз-Зубайдӣ ба ман нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Маҳмуд ибни ар-Рабеъ, ки гуфт: *«Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ёд дорам, вақте ки ман панҷсола будам, ӯ аз сатил як ҷуръа об ба даҳон гирифта ба рӯи ман пошид».*

## (19) Боб. Берун рафтан дар талаби илм

Ҷобир ибни Абдуллоҳ ба якмоҳа роҳ ба сӯи Абдуллоҳ ибни Унайс барои як ҳадис ба сафар баромад.

**78.** Абулқосим Холид ибни Халӣ ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: ал-Авзоъӣ гуфт: аз-Зуҳрӣ ба мо хабар дод, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд, аз Ибни Аббос, ки ӯ бо ал-Ҳурр ибни Қайс ибни Ҳисн ал-Фазорӣ дар бораи ёри Мӯсо баҳсу мунозира кард. Ва Убай ибни Каъб аз пеши онҳо гузашт, Ибни Аббос ӯро бихонду гуфт: «Ман бо ин ёри худ дар бораи ёри Мӯсо, ки Мӯсо дар талаби дидори ӯ роҳ меҷуст, баҳсу мунозира дорам. Оё аз пайғамбар,

салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаӣ, ки чизе дар шаъни ӯ зикр карда бошад?» Убай гуфт: «Оре, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки дар шаъни ӯ мегуфт: *«Ҳангоме ки Мӯсо дар байни гурӯҳе аз банӣ Исроил буд, марде назди ӯ омаду гуфт: «Оё касеро медонӣ, ки аз ту донотар бошад?» Мӯсо гуфт: «Не». Пас Худои азза ва ҷалла ба сӯи Мӯсо ваҳй фиристод. «Бале, бандаи мо Хизр (донотар аст)». Мӯсо тариқи ба ӯ расиданро пурсид. Ва Худо моҳиро барои ӯ нишона сохт ва ба ӯ гуфта шуд: чун моҳӣ аз назарат гум шавад, бозгард. Ва албатта, ту ӯро хоҳӣ ёфт. Ва Мӯсо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз паи моҳӣ дар баҳр мерафт. Ва ба Мӯсо навҷавонаш гуфт: «Оё дидӣ, чун лаҳзае ба он санг такя карда ором гирифтем, ман моҳиро фаромӯш кардам? Ва аз он ки қиссаи онро ёд кунам, ҷуз Шайтон (касе) маро фаромӯш насохт». Мӯсо гуфт: «Ин ҳамон чизест, ки меҷустем». Пас бар нақши қадамҳои худ ҷустуҷӯкунон бозгаштанд» (18:64). Ва Хизрро ёфтанд. Дар шаъни онҳо ҳамон чизест, ки Худои азза ва ҷалла дар Китобаш қисса кардааст».*

### (20) Боб. Дар фазилати касе, ки илмро худ омӯхт ва (ба дигарон) омӯзонд

**79.** Муҳаммад ибни ал-Ало ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Усома ба мо нақл кард, аз Бусайд ибни Абдуллоҳ, аз Абӯбурда, аз Абӯмӯсо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Масали он чӣ аз ҳидоят ва илм, ки Худо маро бо он фиристодааст, чун масали борони бисёр аст, ки ба замине боридааст. Ва аз он ҷумла замини ҳосилхез аст, ки обро меҷаббад ва рустанию гиёҳи бисёре мерӯёнад; ва аз он ҷумла замини сахт аст, ки обро нигоҳ медорад ва Худо бо он ба мардумон нафъ мерасонад, аз он худ менӯшанд ва (ба чорпоён) медиҳанд ва кишту кор мекунанд; ва низ он (борон) ба қисми дигар меборад, ки он замини ҳамвор аст, на обро нигоҳ медорад ва на гиёҳе мерӯёнад. Ва (аввалӣ) масали он касест, ки дар дини Худо донишманд шуд ва аз он чӣ Худо маро бо он фиристодааст, баҳраманд шуд. Ва илмро худ омӯхт ва ба дигарон омӯзонд; ва (дуюмӣ) масали он касест, ки аз он рӯй гардонида, ба худ ва ба дигарон бо он нафъе нарасонидаасту ҳидояти Худоро, ки ман бо он фиристода шудаам, қабул накардааст».* Абӯабдуллоҳ гуфт, ки Исҳоқ «аз он ҷумла заминест, ки обро меошомад» гуф-

тааст; «қоъ» заминест, ки об аз болои он гузашта биравад; ва «сафсаф» замини ҳамвор аст.

## (21) Боб. Аз миён рафтани дониш ва падид омадани нодонӣ

Ва Рабиъа гуфт: «Касе, ки баҳрае аз илм дошта бошад, насазад, ки худро зоеъ кунад».

**80.** Имрон ибни Майсара ба мо нақл карда гуфт, Абдулворис ба мо нақл кард, аз Абуттайёҳ, аз Анас, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба дурустӣ ки аз миён рафтани дониш, пойдор шудани нодонӣ, нӯшидани шароб ва ошкоро даст задан ба зино аз аломатҳои қиёмат аст».*

**81.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Қатода, аз Анас, ки гуфт: «Ман ба шумо ҳадисеро нақл кунам, ки касе баъд аз ман ба шумо нақл нахоҳад кард. Аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: *«Аз аломатҳои қиёмат аст, ки дониш коста гардад, нодонӣ падидояд, зино ошкоро шавад ва занҳо зиёду мардҳо кам шаванд, то он ки барои панҷоҳ зан як марди қоим ба умури оила бимонад».*

## (22) Боб. Дар фазилати илм

**82.** Саъид ибни Уфайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба ман нақл карда гуфт: Уқайл ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Ҳамза ибни Абдуллоҳ ибни Умар, ки Ибни Умар гуфт: аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки гуфт: *«Дар хоб (дидам, ки) ба ман қадаҳе шир доданд. Ва онро нӯшидам, то аз нохунҳоям берун омадани тарии он ширро мушоҳида кардам. Сипас боқимондаи ширро ба Умар ибни ал-Хаттоб додам». Гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, онро чӣ таъбир кардӣ?» Гуфт: «Илм».*

## (24) Боб. Фатво додани касе, ки савори маркаб ё дар ҷое истода бошад

**83.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Исо ибни Талҳа ибни Убайдуллоҳ, аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни ал-Ос, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳаҷҷату-л-вадоъ дар Мино барои мардум истода*

*буд, аз ӯ суол мекарданд. Ва марде назди ӯ омаду гуфт: «Надониста пеш аз қурбонӣ кардан мӯи сарамро тарошидам». Гуфт: «Қурбонӣ кун, гуноҳе нест». Ва дигаре омаду гуфт: «Надониста пеш аз санг андохтан (дар Ҷамра) қурбонӣ кардам». Гуфт: «(Санг) андоз ва гуноҳе нест». Ва ба ҳар суоле, ки ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз хусуси амали пеш ё пас воқеъшуда медоданд, мегуфт: «Бикун, гуноҳе нест».*

### (24) Боб дар бораи касе, ки бо ишораи дасту сар ба фатвопурсандагон ҷавоб медод

**84.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: Айюб ба мо нақл кард, аз Икрима, аз Ибни Аббос, *ки аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳаҷҷату-л-видоъаш суолкунандае суол карду гуфт: «Пеш аз санг андохтан (дар Ҷамра) қурбонӣ кардам». Ва бо дасташ имо кардду гуфт: «Гуноҳе нест». Гуфт: «Пеш аз қурбонӣ кардан мӯи сар тарошидам». Бо дасташ имо кард: «Гуноҳе нест».*

**85.** Ал-Маккӣ ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ҳанзала ибни Абӯсуфён ба мо хабар дод, аз Солим, гуфт: аз Абӯҳурайра шунидам, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Илм аз миён меравад ва нодонию фитна падидор мешавад ва ҳарҷ афзун мегардад». Гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, «ҳарҷ» чист?» Гуфт: «Дасташро инчунин ҳаракат дод, гӯё мехост куштанро нишон диҳад».*

**86.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Фотима, аз Асмо, ки гуфт: *«Ба назди Оиша рафтам, намоз мехонд. Гуфтам: «Ба мардум чӣ шуд?» Пас ӯ ба осмон ишорат кард. Дидам, ки мардум ба намоз истодаанд. Оиша гуфт: «Субҳона-л-Лоҳ». Гуфтам: «Аломат(-и қиёмат) аст?» Пас бо сараш ишорат кард, яъне: оре. Пас ман то аз ҳуш рафтан ба намоз истодам ва ба сарам об рехтан гирифтам. Пас пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Худойро, азза ва ҷалла, ситоиш кард ва бар Ӯ сано гуфт. Сипас гуфт: «Чизе намондааст, ки ба ман онро нишон надода бошанд, магар он ки онро дар мақоми худ дидам, ҳатто биҳишт ва дӯзахро. Ва ба сӯи ман ваҳй фиристода шуд, ки шумо дар кабрҳоятон (ба чизе) шабеҳи – ё наздик ба – намедонам, ки кадом аз ин (ду калима)-ро Асмо гуфт – фитнаи Масеҳи Даҷҷол*

*гирифтор мешавед. Гӯянд: «Аз ин мард чӣ медонӣ?» Аммо он кас, ки имон – ё яқин – дорад – намедонам, ки кадом аз ин (ду калима)-ро Асмо гуфт – хоҳад гуфт: «Ӯ, Муҳаммад, пайғамбари Худо аст, ки бо нишонаҳои возеҳ ва ҳидоят ба сӯи мо омад. Ва мо ба ӯ иҷобат ва пайравӣ кардем. Ӯ Муҳаммад аст» (се бор мегӯяд). Пас гӯянд: «Ту шоистакорӣ, бихоб. Ба хубӣ мо донистем, ки ту ба ӯ яқин доштӣ ва аммо мунофиқ – ё орандаи шак – намедонам, ки кадом аз ин (ду калима)-ро Асмо гуфт – хоҳад гуфт: «Намедонам, аз мардум шунидам, ки чизе мегӯянд ва ман ҳам гуфтам».*

## (25) Боб. Водор намудани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намояндагони қабилаи Абдулқайсро бар он, ки имон ва илмро ҳифз кунанд ва касони моварои (маҳалли сукунати) худро хабардор созанд

Ва Молик ибни ал-Ҳувайрис гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо гуфт: «Ба назди аҳли хонадони худ бозгардед ва онҳоро биомӯзонед».

**87.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абӯҷамра, ки гуфт: миёни Ибни Аббос ва мардумон тарҷумонӣ мекардам. Ӯ гуфт: *«Ба дурустӣ ки намояндагони қабилаи Абдулқайс ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаданд. Гуфт: «Ин намояндагон кистанд?» – ё «Ин қавм кистанд?» – Онҳо гуфтанд: «Қабилаи Робиъа». Гуфт: «Марҳабо ба ин қавм – ё «ба ин намояндагон» – «ба ҷуз онон, ки расво шудаанд ва пушаймон бошанд». Гуфтанд: «Ҳамоно мо аз ҷойҳои дур назди ту меоем ва миёни мову ту ин ҳаййи кофирони Музар аст ва ба назди ту ҷуз дар моҳи ҳаром омада наметавонем, ба мо аз дин коре бифармой, ки аз он ба касони моварои қабилаи худ хабар диҳем ва бо он ба биҳишт дароем». Пас онҳоро чаҳор чиз фармуд ва аз чаҳор чиз манъ кард. Фармуд, ки ба Худои Якто, азза ва ҷалла, имон оранд. Гуфт: «Оё медонед, ки имон овардан ба Худои Якто чист?» Гуфтанд: «Худову пайғамбари Ӯ беҳтар донанд». Гуфт: «Шаҳодат додан ба он, ки нест ҳеҷ маъбуде ҷуз Худо ва ба он, ки Муҳаммад пайғамбари Худо аст; ва барпо доштани намоз; ва додани закот; ва рӯза доштан дар моҳи Рамазон; ва он ки аз ғанимат хумс бидиҳед». Ва онҳоро аз инҳо манъ кард: дуббоъ,*

*ҳантам, музаффат. – Шуъба гуфт: «Шояд гуфта бошад: «нақир»; ва шояд гуфта бошад: «муқайяр». Гуфт: «Инро ҳифз кунед ва ба моварои қабилаи худ бирасонед».*

## (26) Боб. Сафар кардан барои (ҳалли) масъалаи ба миён омада ва таълими хонавода ба он

**88.** Муҳаммад ибни Муқотил Абулҳасан ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Умар ибни Саъид ибни Абӯҳусайн ба мо хабар дода гуфт: Абдуллоҳ ибни Абӯмулайка ба ман нақл кард, аз Уқба ибни ал-Ҳорис, *ки ӯ ба духтари Абӯиҳоб ибни Азиз издивоҷ кард. Ва зане назди ӯ омаду гуфт: «Ба дурустӣ ки ман ба Уқба ва ба он кас, ки бо ӯ издивоҷ кардааст, шир додаам». Уқба ба ӯ гуфт: «Ман намедонам, ки ту ба ман шир додаӣ ва маро аз ин хабардор накардаӣ». Пас савор шуду ба сӯи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Мадина рафт ва аз ӯ пурсид. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Чӣ гуна (ӯро зан) мекунӣ, чун (ба ту) гуфта шуд, (ки ӯ ҳамшираи туст)». Уқба аз вай ҷудо шуд ва ӯ ба никоҳи марде дигар даромад».*

## (27) Боб. Бо навбат гирифтани илм

**89.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ (таҳвил).

Абӯабдуллоҳ гуфт: ва Ибни Ваҳб гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯсавр, аз Абдуллоҳ ибни Аббос, аз Умар, ки гуфт: *«Ман ва як ҳамсоям аз ансори қабилаи банӣ Умайя ибни Зайд, ки аз (маҳаллаи) Аволии Мадина аст, бо навбат ба назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мерафтем: як рӯз ӯ мерафт, як рӯз ман. Ва ҳар гоҳ, ки ман мерафтам, ба ӯ хабари ваҳйи он рӯз ва ғайрaро мерасондам. Ва агар ӯ мерафт, айнан ҳамин корро мекард. Ин дӯсти ансории ман рӯзи навбаташ рафт. Пас (аз омадан) дари маро ба шиддат кӯфту гуфт: «Ӯ ин ҷост?» Ман тарсидаму назди ӯ берун омадам, ӯ гуфт: «Кори бузурге рӯй додааст. Ман назди Ҳафса даромадам, дидам, ки ӯ мегирист. Гуфтам: «Оё шуморо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, талоқ кардааст?» Гуфт: «Намедонам». Сипас ба назди пайғамбар, салла-л-*

*Лоҳу алайҳи ва саллам, даромадам ва дар ҳоле, ки истода будам, гуфтам: «Занонатро талоқ додӣ?» Гуфт: «Не». Гуфтам: «Аллоҳу акбар».*

## (28) Боб. Ҳангоми ваъзу таълим аз дидани нохушие ба ғазаб омадан

**90.** Муҳаммад ибни Касир ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз Ибни Абӯхолид, аз Қайс ибни Абӯҳозим, аз Абӯмасъуд ал-Ансорӣ, ки гуфт: *«Марде гуфт: «Эй пайғамбари Худо, он намозҳоеро, ки фалонӣ (имом шуда) бо мо ба дарозо мегузорад, қариб дар намеёбам». Ва ман пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳаргиз ҳангоми ваъз дар шиддати ғазаб надида будам, чунон ки он рӯз дидам. Ӯ гуфт: «Эй мардумон, ба дурустӣ ки шумо одамонро аз худ дур мекунед; ва ҳар кӣ бо мардум (имом шуда) намоз гузорад, бояд ки сабук бигузорад, зеро ки дар миёни онҳо бемор, заиф ва ҳоҷатманд ҳаст».*

**91.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абӯомир ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ибни Билол ал-Мадинӣ ба мо нақл кард, аз Рабиъа ибни Абӯабдурраҳмон, аз Язид – мавлои ал-Мунбаъис, аз Зайд ибни Холид ал-Ҷуҳанӣ, *ки марде аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи луқата (чизи ёфташуда) суол кард. Ӯ гуфт: «Барои худ дуруст равшан кун, ки дар чӣ чиз печонида шудааст» – ё гуфт: «дар чӣ зарф аст ва дар чӣ built аст». – «Сипас як сол мардумро аз он огоҳ кун, сипас аз он баҳраманд шав. Ва агар соҳибаш биёяд, онро ба ӯ бозпас бидеҳ». (Мард) гуфт: «Шутури гумшуда чӣ?» Ӯ ба хашм омад, то ҳадде, ки ду рухсорааш сурх шуд – ё гуфт: «рӯяш сурх шуд». – Гуфт: «Туро ба он чӣ кор? Шутур ташна мемонад ва пои рафтан дорад, об меёбад ва аз гиёҳҳо чаро мекунад. Онро бигузор, то соҳибаш биёбад». Гуфт: «Гӯсфанди гумшуда чӣ?» Гуфт: «Он аз они ту ё аз они бародарат ё аз они гург аст».*

**92.** Муҳаммад ибни ал-Ало ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Бурайд, аз Абӯбурда, аз Абӯмӯсо, ки гуфт: *«Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи чизҳои барои ӯ нохуш суол карданд. Чун бисёр пурсиданд, ба хашм омад ва ба мардум гуфт: «Аз ман ҳар чӣ хоҳед, бипурсед». Марде гуфт: «Падари ман кист?» Гуфт: «Падари ту Ҳузофа аст». Пас дигаре бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, падари ман кист?»*

*Ӯ гуфт: «Падари ту Солим – мавлои Шайба аст». Ва чун Умар дар чеҳраи ӯ хашмро дид, гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба дурустӣ ки мо ба Худои азза ва ҷалла тавба мекунем».*

## (29) Боб. Дар бораи касе, ки дар пеши имом ё муҳаддис ба ду зону нишаст

**93.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Анас ибни Молик ба ман хабар дод, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун омад, пас Абдуллоҳ ибни Ҳузофа бархосту гуфт: «Падари ман кист?» Ӯ гуфт: «Падарат Ҳузофа аст». Сипас чандин бор мегуфт: «Аз ман бипурсед». Умар ба ду зону биншасту гуфт: «Худоро Парвардигор, исломро дин ва Муҳаммадро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пайғамбар пазируфтем». Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам сокит монд.*

## (30) Боб. Дар бораи касе, ки ҳадисро се бор такрор кард, то онро аз ӯ бифаҳманд

Ва гуфт: «Огоҳ бошед, аз сухани дурӯғ (дурӣ ҷӯед)». Ва инро беист такрор мекард. Ва Ибни Умар гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Оё (рисолати Худоро ба шумо) расонидам?» – се бор.

**94.** Абда ба мо нақл карда гуфт: Абдуссамад ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Сумома ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, *ки ӯ ҳар гоҳ салом медод, се бор салом мекард; ва ҳар гоҳ сухане мегуфт, онро се бор такрор мекард.*

**95.** Абда ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Абдуссамад ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Сумома ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, *ки ӯ ҳар гоҳ сухан мегуфт, онро се бор такрор мекард, то он фаҳмида шавад; ва ҳар гоҳ назди қавме мерафт ва ба онҳо салом медод, се бор салом мекард.*

**96.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Абӯбишр, аз Юсуф ибни Моҳак, аз Абдуллоҳ ибни Амр, ки гуфт: *«Дар як сафар, ки ҳамроҳ будем, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз мо ақиб монд. Пас моро вақте дарёфт, ки намози аср фаро расида буд. Ва мо вузӯ ме-*

*кардем ва пойҳои худро масҳ мекашидем. Ӯ бо овози баланд ду ё се бор нидо кард: «Вой бар пошнаҳое, ки тӯъмаи оташи дӯзах мешаванд».*

## (31). Боб. Андар таълим додани мард канизак ва хонаводаи худро

**97.** Муҳаммад – ӯ Ибни Салом аст – ба мо хабар дода гуфт: ал-Муҳорибӣ ба мо нақл карда гуфт: Солеҳ ибни Ҳайён ба мо нақл карда гуфт: Омир аш-Шайбӣ гуфт: Абӯбурда ба ман нақл кард, аз падараш, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Се касро подош дучандон аст: шахсеро аз аҳли Китоб, ки ба пайғамбари худ ва ба Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, имон овардааст; бандаи мамлукро, ки ҳаққи Худо ва соҳибони худро ба ҷо оварад; шахсеро, ки канизак дорад ва ӯро адаб омӯзад – некӯ адаб омӯзад ва ба ӯ илм омӯзад – некӯ илм омӯзад. Сипас ӯро озод кунад ва ба занӣ гирад, ӯро подош дучандон бувад». Сипас Омир гуфт: «Ба ту ин (масъала)-ро ройгон ёд додем ва ҳол он ки барои (ҳалли масъалаи) хурдтар аз ин сафари Мадина мекарданд».*

## (32) Боб. Занҳоро панд додани имом ва таълими онҳо

**98.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Айюб, гуфт: аз Ато шунидам, ки гуфт: аз Ибни Аббос шунидам, ки гуфт: бар пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гувоҳӣ медиҳам – ё Ато гуфт: бар Ибни Аббос гувоҳӣ медиҳам, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун омад ва Билол бо ӯ буд. Ва гумон кард, ки суханонашро занҳо нашуниданд. Пас ба онҳо панд дод ва онҳоро ба садақа амр кард. Ва занон гӯшвораву ангуштаринҳои худро партофтан гирифтанд. Билол онҳоро дар бари ҷомааш ҷамъ мекард.*

Ва Исмоил гуфт, аз Айюб, аз Ато ва гуфт, аз Ибни Аббос: гувоҳӣ медиҳам ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (33) Боб. Андар майлу рағбати зиёд доштан ба ҳадис

**99.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ба ман нақл кард, аз Амр ибни Абӯамр, аз Саъид ибни Абӯсаъид ал-Мақбурӣ, аз Абӯҳурайра, *ки ӯ гуфт: гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, дар рӯзи қиёмат аз хушбахттарини мардумон,*

*ки сазовори шафоати ту бошанд, кист?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эй Абӯҳурайра, азбаски ба ҳадис майлу рағбати зиёд доштани туро медонистам, гумон мекардам, ки аз ман дар бораи ин ҳадис касе пештар аз ту суол нахоҳад кард. Дар рӯзи қиёмат хушбахттарини мардумон, ки сазовори шафоати ман бошанд, касест, ки холисан аз таҳти дил – ё ҷон – гӯяд: «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ».*

## (34) Боб. Илм чӣ гуна нест мешавад?

Умар ибни Абдулазиз ба Абӯбакр ибни Ҳазм навишт: «Ҳар чӣ аз ҳадиси пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аст, бинигар ва онро бинавис. Тарси ман аз нобудшавии илм ва аз дунё рафтани олимон аст. Ва ба ҷуз ҳадиси пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чизеро набояд пазируфт, илмро ошкоро кунанд ва (дар маҷлиси илм) бинишинанд, то ҳар кӣ илм надорад, омӯзонда шавад. Ба ростӣ ки илм – агар пӯшидаву пинҳон набошад, – нест намешавад.

Ал-Ало ибни Абдулҷаббор ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Муслим онро ба мо аз Абдуллоҳ ибни Динор нақл кард, яъне ҳадиси Умар ибни Абдулазизро то суханаш: «аз дунё рафтани олимон».

**100.** Исмоил ибни Абӯувайс ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни ал-Ос, ки гуфт: аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: *«Ба дурустӣ ки Худо илмро ба таври берун кашидан аз синаҳои бандагон намегирад, балки онро бо марги уламо аз байн мебардорад; ва он гоҳ ки олиме боқӣ намемонад, мардум сарварони худро аз ҷоҳилоне бармегузинанд, ки аз онҳо масъалаҳо пурсанд, чизеро надониста ҷавобу фатво медиҳанд ва худрову дигаронро гумроҳ мекунанд».*

Ал-Фирабрӣ гуфт: Аббос ба мо нақл карда гуфт: Қутайба ба мо нақл кард: Ҷарир ҳадисе монанд(-и ҳадиси Молик)-ро ба мо нақл кард, аз Ҳишом.

## (35) Боб. Оё ба занон барои омӯхтани илм рӯзи алоҳида муайян мешавад?

**101.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Ибни ал-Исбаҳонӣ ба ман нақл карда гуфт: аз Абӯсолеҳи

Заквон шунидам, ки аз Абӯсаъид ал-Худрӣ нақл мекард: *«Занон ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтанд: «Азбаски мардон (бо омаду рафт) ба назди ту бар мо ғолибият доранд, барои мо рӯзеро аз худат ҷудо кун». Ва ба онҳо рӯзеро ваъда кард, ки он рӯз бо онҳо вохӯрад ва панду фармонашон диҳад. Ва аз ҷумлаи он чӣ ба онҳо гуфта буд, ин аст: «Ҳаргиз чунин нашавад, ки аз миёни шумо занеро се нафар аз фарзандонаш мурда бошаду ӯро аз оташи дӯзах сипаре набошад». Зане гуфт: «Ва агар ду нафар?» Гуфт: «Ва ду нафар ҳам».*

**102.** Ҳамин (ҳадис)-ро Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни ал-Исбаҳонӣ, аз Заквон, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

Ва (Шуъба) гуфт, аз Абдурраҳмон ибни ал-Исбаҳонӣ: аз Абӯҳозим шунидам, ки аз Абӯҳурайра гуфт: *«Се нафаре, ки ба балоғат нарасида бошанд».*

## (36) Боб. Дар бораи касе, ки чизеро шунидаву барои (саҳеҳ) донистани он дубора мурочиат кунад

**103.** Саъид ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Нофеъ ибни Умар ба мо хабар дода гуфт: Ибни Абӯмулайка ба ман нақл кард, *ки Оиша зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, агар чизеро мешунид, ки онро намедонист, барои донистани он, албатта, дубора мурочиат мекард. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳар кӣ (дар охират) ҳисоб карда шавад, азоб карда мешавад». Оиша гуфт: «Гуфтам: «Оё Худои Таъоло нагуфтааст: «Ба зудӣ ба ӯ ҳисоб карда шавад – ҳисоби осон» (84:8). Оиша гуфт: «Гуфт: «Ин нишон додани номаи аъмол аст; валекин ҳар кас, ки (дар ҳисоби аъмол) мунокиша кунад, ҳалок шавад».*

## (37) Боб. Бигузор шахси ҳозир илмро ба ғоиб расонад

Инро Ибни Аббос гуфтааст, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

**104.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба ман нақл карда гуфт: Саъид ба ман нақл кард, аз Абӯшурайҳ, ки ӯ ба Амр ибни Саъид, дар ҳоле, ки намояндагонро ба Макка мефи-

ристод, гуфт: «Эй амир, ба ман иҷозат деҳ, то ба ту суханеро нақл кунам, ки онро пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фардои рӯзи Фатҳ хитоб карда гуфтааст; онро ба ду гӯшам шунидаму дилам онро фаро гирифт ва ду чашмам онро бидид, вақте ки онро ба забон овард; пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Худоро ситоиш кард ва бар Ӯ сано хонд, сипас гуфт: *«Маккаро на мардумон, балки Худо муҳаррам сохтааст. Касеро, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, дар Макка рехтани хуне ва буридани дарахте раво набувад. Ва агар касе раво донад, ки монанди ҷанги пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Макка ҷанг кунад, бигӯед: «Ба ин ҷанг Худо ба пайғамбараш иҷозат додааст ва ба шумо иҷозат нададааст». Худо ба ман дар Макка танҳо чанд соате дар рӯзи Фатҳ иҷозати ҷанг дод. Ва акнун имрӯз муҳаррамии Макка чун пештара барқарор шуд. Ва бигузор инро ҳар каси ҳозир ба ғоиб расонад».*

Ба Абӯшурайҳ гуфтанд: «Амр чӣ гуфт?» Гуфт: «Эй Абӯшурайҳ, ман аз ту беҳтар медонам, ки Макка ба исёнгаре ва ба қотиле, ки гурехтааст ва ба дузде, ки фирор кардааст, паноҳ намедиҳад».

**105.** Абдуллоҳ ибни Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Муҳаммад, аз Ибни Абӯбакра, аз Абӯбакра, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар ҳадисе) ёд шуд, ки гуфт: *«Ба дурустӣ ки (рехтани) хуну (гирифтани) моли шумо»* – Муҳаммад гуфт: «ба фикрам, ки боз гуфт: «Ва (бурдани) обрӯи шумо» – *бар шумо монанди ин рӯзу моҳе, ки мову шумо дар онем, ҳаром аст. Бигузор, ҳозирони шумо ин гуфтаҳои маро ба ғоибон бирасонанд».* Муҳаммад мегуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рост гуфт, ки огоҳ бошед, оё ман пайғоми Худоро ба шумо расонидам?»* – ду бор.

## (38) Боб. Андар гуноҳи касе, ки бар пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дурӯғ бандад

**106.** Алӣ ибни ал-Ҷаъд ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо хабар дода гуфт: Мансур ба ман хабар дода гуфт: аз Рибъӣ ибни Ҳирош шунидам, ки мегуфт: аз Алӣ шунидам, ки мегуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Бар ман дурӯғ мабандед ва ба дурустӣ, ҳар кӣ бар ман дурӯғ бандад, албатта,*

*ба оташи дӯзах дарояд».*

**107.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Ҷомеъ ибни Шаддод, аз Омир ибни Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр, аз падараш, ки гуфт: ба аз-Зубайр гуфтам: «Ман нашунидаам, ки ту аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳадис нақл карда бошӣ, чунон ки фалону фалон нақл мекунанд?» Гуфт: «Дар ҳақиқат ман аз вай ҳаргиз ҷудо нашудаам, валекин аз ӯ шунидам, ки мегуфт: *«Ҳар кас, ки бар ман дурӯғ бандад, бигузор дар оташи дӯзах нишеман гирад».*

**108.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл кард, аз Абдулазиз, ки гуфт: Анас гуфт: «Ба дурустӣ, он чӣ ки маро аз нақл кардани ҳадиси бисёр бароятон боз медорад, он аст, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст: *«Ҳар кӣ ба ман дидаву дониста дурӯғ бандад, бигузор дар оташи дӯзах нишеман гирад».*

**109.** Маккӣ ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Абӯубайд ба мо нақл кард, аз Салама ибни ал-Акваъ, ки гуфт: аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: *«Ҳар кӣ бар ман он чиро гӯяд, ки ман нагуфтаам, бигузор дар оташ(-и дӯзах) нишеман гирад».*

**110.** Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Абӯҳасин, аз Абӯсолеҳ, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Номи маро (ба фарзандонатон) гузоред, кунияти маро кунияти магиред; ва ҳар кӣ маро дар хоб бинад, ба дурустӣ ки маро дидааст, зеро Шайтон ҳаргиз дар сурати ман намоён намешавад ва ҳар кас, ки бар ман дидаву дониста дурӯғ бандад, бигузор дар оташ(-и дӯзах) нишеман гирад».*

## (39) Боб. Сабт кардани илм

**111.** Муҳаммад ибни Салом ба мо нақл карда гуфт: Вакеъ ба мо хабар дод, аз Суфён, аз Мутарриф, аз аш-Шаъбӣ, аз Абуҷуҳайфа, ки гуфт: *ба Алӣ гуфтам: «Оё шумо китобе доред?» Гуфт: «Не, ба ҷуз Китоби Худо ё фаҳме, ки ба марди мусулмон дода шудааст ё он чӣ ки дар ин саҳифа аст». Гуфт: «Гуфтам: дар ин саҳифа чӣ ҳаст?» Гуфт: «Хунбаҳо; озод кардани асир; ва ба қасоси кофире кушта нашудани мусулмон».*

**112.** Абӯнуъайм ал-Фазл ибни Дукайн ба мо нақл карда гуфт:

Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, ки қабилаи Хузоъа дар соли Фатҳи Макка мардеро аз банӣ Лайс ба қасоси шахсе аз онҳо, ки банӣ Лайс кушта буданд, бикуштанд. Ва аз он ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хабар дода шуд. Ва ӯ ба шутураш савор шуду хитобкунон гуфт: *«Дар воқеъ Худо Маккаро аз куштор – ё (лашкари) «фил» – нигоҳ дошт. –* Абӯабдуллоҳ шак овард. – *Ва бар онҳо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва мӯъминон дастболо шуданд. Огоҳ бошед, ба дурустӣ ки ҷанг пеш аз ман ба касе раво набуд ва баъд аз ман низ ба касе раво нахоҳад буд; огоҳ бошед, ба дурустӣ ки он барои ман чанд соате дар рӯз(-и Фатҳ) раво гардид; огоҳ бошед, ба дурустӣ ки ҷанг баъди он соатҳо ҳаром аст; хори Макка канда намешавад, дарахти он шикаста намешавад; чизи афтода (аз замин)-и он бардошта намешавад, магар аз барои огоҳ кардани мардум; ва ҳар кас, ки кушта шавад, барои хешовандони ӯ аз ду яке равост: ё хунбаҳои кушташударо ситонанд, ё қасоси ӯро гиранд». Ва марде аз Яман омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, инро барои ман навис». Гуфт: «Барои Абӯфалон нависед». Пас марде аз Қурайш гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба ғайр аз гиёҳи изхир, ки мо онро дар хонаҳоямон ва рӯи қабрҳоямон мегузорем». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ба ғайр аз гиёҳи изхир».* Абӯабдуллоҳ гуфт: «Мегӯянд: «юқоду» бо «қоф», (яъне «қасос мегиранд») аст. Ба Абӯабдуллоҳ гуфтанд: «Барои ӯ чиро навишт?» Гуфт: «Барои ӯ ҳамин хутбаро навишт».

**113.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Амр ба мо нақл карда гуфт: Ваҳб ибни Мунаббеҳ ба ман хабар дод, аз бародараш, ки гуфт: аз Абӯҳурайра шунидам, ки мегуфт: *«Аз ёрони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, касе нест, ки аз ман бисёртар ҳадис гуфта бошад, ба ҷуз он чӣ ки аз Абдуллоҳ ибни Амр буд, зеро ки ӯ ҳадисро менавишту ман наменавиштам».*

Маъмар дар ривояти ин ҳадис (ба Ваҳб ибни Мунаббеҳ) пайравӣ кардааст, аз Абӯҳурайра, аз Ҳаммом.

**114.** Яҳё ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба ман нақл карда гуфт: Юнус ба ман хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Ҳангоме ки дарди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шиддат гирифт, гуфт: «Ба ман варақ биёред, бароятон номае нависам, то*

*шумо баъдан гумроҳ нашавед». Умар гуфт: «Дард бар пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ғалаба кардааст ва ҳамроҳи худ Китоби Худоро дорем, ки моро басанда аст». Ва ихтилоф карданд ва шӯру ғавғо бархост. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Аз пеши ман бархезед, раво нест, ки дар пеши ман низоъ кунед». Пас Ибни Аббос берун омаду гуфт: «Ба дурустӣ ки ин мусибат аст – мусибати сахт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, навиштанӣ бошаду ӯро боздоранд».*

## (40) Боб. Омӯзонидани илм ва гуфтани вазъ ҳангоми шаб

**115.** Садақа ба мо нақл карда гуфт: Ибни Уяйна ба мо хабар дод, аз Маъмар, аз аз-Зуҳрӣ, аз Ҳинд, аз Умм Салама. Ва (ба исноди дигар) Амр ва Яҳё ибни Саъид гуфтанд, аз аз-Зуҳрӣ, аз Ҳинд, аз Умм Салама, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабе аз хоб бедор шуду гуфт: «Субҳона-л-Лоҳ! Чӣ басо фитнаҳо, ки дар ин шаб нозил шуд! Ва чӣ басо (дари) хазинаҳо, ки кушода шуд! Эй соҳибони ҳуҷраҳо, бедор шавед! Чӣ басо ҷомапӯшони дунё, ки бараҳнагони охират бошанд!»*

## (41) Боб. Ҳангоми шаб аз илм сухан гуфтан

**116.** Саъид ибни Уфайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба ман нақл карда гуфт: Абдурраҳмон ибни Холид ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Солим ва Абӯбакр ибни Сулаймон ибни Абӯҳасма, ки Абдуллоҳ ибни Умар гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар охири умраш намози хуфтанро бо мо хонд. Вақте салом доду бархост, гуфт: «Оё ин шаби худро медонед?! Ба дурустӣ ки баъди гузаштани сад сол аз мардуме, ки имрӯз дар рӯи замин ҳастанд, касе боқӣ нахоҳад монд».*

**117.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: ал-Ҳакам ба мо нақл карда гуфт: аз Саъид ибни Ҷубайр шунидам, ки аз Ибни Аббос гуфт: *«Шабе дар хонаи холаам Маймуна бинти ал-Ҳорис, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мондам. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, он шаб дар хонаи ӯ буд. Пас пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози хуфтанро (дар масҷид) бихонд. Сипас ба манзилаш омада чаҳор ракъат намоз гузорид. Бихуфт, сипас аз хоб бархост. Гуфт: «Бачаро хоб бурд» – ё калимае ба ҳамин монанд.*

*Сипас аз ҷо бархост ва ман ҳам аз ҷониби чапи ӯ истодам. Ӯ маро ба ҷониби росташ гузошт. Ва панҷ ракъат намоз хонд. Пас аз он ду ракъат хонд. Сипас хоб рафт, то ман хуррок кашиданашро шунидам. Баъди он барои адои намози (бомдод) берун рафт».*

## (42) Боб. Андар ҳифз кардани илм

**118.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Ба дурустӣ ки мардум мегӯянд: «Абӯҳурайра ҳадиси бисёр нақл мекунад. Агар дар Китоби Худо ин ду оят намебуд, ҳаргиз ҳадисе нақл намекардам». Сипас тиловат мекард: «Касоне, ки он чиро аз суханони равшан ва ҳидоят фуруд овардем, мепӯшонанд» – то ин ҷои оят – «Меҳрубонам» (2:159/160). Бародарони муҳоҷири мо дар бозорҳо машғули хариду фурӯш ва бародарони ансори мо дар заминҳои мулкиашон машғули киштукор буданд. Ва танҳо Абӯҳурайра бо шиками сер қонеъ гашта, доимо пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳӣ мекард. Он ҷо, ки ӯ ҳозир мешуд, муҳоҷиру ансор ҳозир намешуданд ва он чӣ ӯ ҳифз мекард, муҳоҷиру ансор ҳифз намекарданд».*

**119.** Аҳмад ибни Абӯбакр Абӯмусъаб ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Динор ба мо нақл кард, аз Ибни Абӯзиъб, аз Саъид ал-Мақбурӣ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, пайваста ман аз ту ҳадиси бисёр мешунавам, ки онро фаромӯш мекунам». Гуфт: «Доманатро густурда дор!» Ман онро густурда доштам. (Абӯҳурайра) гуфт: «Ӯ бо ду каффи худ (чизеро) дар он афканд ва гуфт: «Доманатро ба худ печон!» Ман онро ба худ печондам; ва баъд аз он чизеро фаромӯш накардам».*

Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯфудайк ба мо инро нақл кард – ё гуфт: «Бо ду каффи худ (чизеро) дар он афканд».

**120.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: бародарам ба ман нақл кард, аз Ибни Абӯзиъб, аз Саъид ал-Мақбурӣ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду навъ (аз дониш)-ро ҳифз кардам. Ва яке аз онҳоро (то ҳол) паҳн кардам ва аммо агар дуюмиро паҳн мекардам, ин балъум (ҳалқум) бурида мешуд».*

Абӯабдуллоҳ гуфт: «Балъум» гузаргоҳи таом аст.

### (43) Боб. Хомӯш гӯш ниҳодан ба (сухани) уламо

**121.** Ҳаҷҷоҷ ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Алӣ ибни Мудрик ба ман хабар дод, аз Абӯзуръа, аз Ҷарир, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳаҷҷату-л-вадоъ ба ӯ гуфт: «Мардумро барои гӯш фаро ниҳодан хомӯш кун!» Пас гуфт: «Чун даргузарам, ба кофирӣ барнагардед, то гардани ҳамдигар ба шамшер назанед».*

### (44) Боб. Барои олим писандида он аст, ки чун суол шавад: «Донишмандтарини мардумон кист?» – донистани онро ба Худо ҳавола кунад

**122.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Амр ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Ҷубайр ба ман хабар дода гуфт: «Ба Ибни Аббос гуфтам, ки Навф ал-Баколӣ мепиндорад, ки Мӯсо Мӯсои банӣ Исроил нест, ӯ Мӯсои дигар аст». Ва гуфт: «Душмани Худо дурӯғ гуфт». Убай ибни Каъб ба мо нақл кард, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Мӯсо-пайғамбар дар банӣ Исроил барои хутба бархост. Аз ӯ пурсиданд: *«Донишмандтарини мардумон кист?» Гуфт: «Ман донишмандтаринам». Пас Худо бар вай итоб кард, зеро ки донистани онро ба Худо ҳавола накард. Ва Худо ба ӯ ваҳӣ фиристод, ки яке аз бандагони Ман дар маҷмаъу-л-баҳрайн (миёни ду баҳр) мебошад, ки аз ту донишмандтар аст». Гуфт: «Эй Парвардигори ман, чӣ гуна ба кӯи ӯ роҳ ёбам?» Ба ӯ гуфта шуд: «Дар сабад моҳӣ (бо худ) бигир ва ҳар ҷо, ки онро гум кардӣ, ӯ (Хизр) он ҷост». Ва (Мӯсо) бо навҷавони худ Юшаъ ибни Нун ба роҳ баромад ва онҳо дар сабад моҳӣ бо худ гирифтанд, то ба харсанге расиданд. Ва сар ниҳоданду бихуфтанд. Моҳӣ аз сабад берун лағжид, «ва дар дарё монанди нақбе роҳи худ гирифт» (18:61). Ва барои Мӯсо ва навҷавони ӯ аҷаб буд. Боқии он шаб ва рӯзи дигар роҳ паймуд. Чун бомдод шуд, Мӯсо ба навҷавони худ гуфт: «Бароямон таоми чошт биёр; ҳамоно аз ин сафари худ ранҷ ёфтем» (18:62). Ва ба Мӯсо дигар ранҷе нарасид, то аз ҷое, ки ба ӯ фармуда шуд, бигузашт. Навҷавонаш ба ӯ гуфт: «Оё дидӣ, чун ба санг такя карда ором гирифтем, ман моҳиро фаромӯш кардам» (18:63). Мӯсо гуфт: «Ин ҳамон чизест, ки меҷустем». Пас бар асари қадамҳои худ ҷустуҷӯкунон*

*бозгаштанд» (18:64). Ва чун ба санг расиданд, мардеро диданд худро ба ҷома пӯшида – ё гуфт: ҷома пӯшидааст. Мӯсо салом кард. Хизр ба ӯ ҷавоб гуфт: «Ин кишвар чӣ ҷои салом аст?» Гуфт: «Ман Мӯсоам». Хизр гуфт: «Мӯсои банӣ Исроил?» Гуфт: «Оре». (Боз Мӯсо) гуфт: «Оё пайравии ту кунам, ба шарти он ки аз ҳар чӣ аз раҳёбӣ омӯхта шудӣ, маро биёмӯзӣ?» (18:66). Гуфт: «Ба дурустӣ ки ту бо ман шикебоӣ натавонӣ кард» (18:67). Эй Мӯсо, ба дурустӣ ки ман илме аз илмҳои Худоро фаро гирифтаам, ки Ӯ маро омӯзондааст, ту онро намедонӣ. Ва ту соҳиби илме ҳастӣ, ки Ӯ ба ту омӯзондаасту ман онро намедонам». Мӯсо гуфт: «Агар Худо хостааст, маро шикебо хоҳӣ ёфт ва бо ту дар ҳеҷ фармон хилоф накунам» (18:69). Пас ҳар ду ба роҳ баромада дар соҳили баҳр мерафтанд, онҳо заврақ надоштанд; ва киштие наздик омад ва аз маллоҳон хоҳиш карданд, ки онҳоро бо худ гиранд. (Маллоҳон) Хизрро шинохтанду онҳоро бе музд ба киштӣ нишонданд. Ва мурғаке омаду ба девораи киштӣ нишаст ва як-ду минқор ба (оби) баҳр зад. Хизр гуфт: «Эй Мӯсо, илми ману ту дар пеши илми Худо, мисли як минқор оби ин мурғак дар нисбати баҳр нест». Пас Хизр ба тахтае аз тахтаҳои киштӣ даст зада, онро барканд. Мӯсо гуфт: «Ин мардум моро бе музд ба киштӣ нишонданд, ту ба киштии онҳо даст задӣ, «онро шикоф кардӣ, то аҳли онро ғарқ кунӣ» (18:71). Гуфт: «Туро нагуфтам, ки бо ман сабру тоқат карда наметавонӣ?» (Мӯсо) гуфт: «Маро ба он чӣ фаромӯш кардам, сарзаниш макун» (18:72/73). Ва ин фаромӯшхотирии аввалини Мӯсо буд. Пас ба роҳ баромаданд. Писаракеро диданд, ки бо бачагон дар бозӣ буд. Ва Хизр сари он писарак ба даст гирифту барканд. Мӯсо гуфт: «Оё бегуноҳеро куштӣ, ки касеро накуштааст?» Гуфт: «Оё туро нагуфтам, ки бо ман сабру тоқат карда наметавонӣ?» (18:74/75).* – Ибни Уяйна гуфт: «Воқеан чунин аст». – *«Пас роҳ рафтанд то замоне, ки ба деҳае расиданд. Аз аҳли он деҳа таом талаб карданд. Аҳли деҳа рад намуданд, ки онҳоро меҳмон кунанд. Ва дар он ҷо деворе ёфтанд, ки мехост биафтад» (18:77). Хизр бо ишораи даст онро рост кард. Мӯсо гуфт: «Агар мехостӣ, бар таъмири ин девор, албатта, музде мегирифтӣ». Гуфт: «Ин дар миёни ману ту ҷудоӣ аст» (18:78). Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Худо Мӯсоро раҳмат кунад, беҳтар мебуд, ки ӯ таҳаммул меварзид, то аз кори он ҳар ду бештар қисса мешунидем».*

## (45) Боб. Дар бораи касе, ки рост истода аз донишманди нишаста суол кунад

**123.** Усмон ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо хабар дод, аз Мансур, аз Абӯвоил, аз Абӯмӯсо, ки гуфт: *марде ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ҷанг дар роҳи Худо чист, зеро баъзеи мо аз рӯи хашму кина ва баъзеи дигар аз рӯи нангу номус ҷанг мекунанд?» Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сарашро ба сӯи ӯ бардошту – ӯ сари худро аз он бардошт, ки суолкунанда рост истода буд – гуфт: «Ҳар кӣ барои боло бурдани (мартабаи) сухани Худо ҷанг кунад, он ҷанг дар роҳи Худо, азза ва ҷалла, аст».*

## (46) Боб. Суол кардан ва фатво додан ҳангоми Рамйу-л-Ҷимор

**124.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Абӯсалама ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Исо ибни Талҳа, аз Абдуллоҳ ибни Амр, ки гуфт: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар наздики Ҷамра дидам, ки аз ӯ суол мекарданд. Марде гуфт: «Эй пайғамбари Худо, пеш аз санг андохтан қурбонӣ кардам». Гуфт: «(Санг) андоз, гуноҳе нест». Дигаре гуфт: «Эй пайғамбари Худо, пеш аз қурбонӣ кардан мӯи сарамро тарошидам». Гуфт: «Қурбонӣ кун, гуноҳе нест». Ва ба ҳар суоле, ки ба вай дар бораи амали пеш ё баъд воқеъшуда медоданд, мегуфт: «Бикун, гуноҳе нест».*

## (47) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ва ба шумо аз илм ба ҷуз андаке (чизе) дода нашудааст» (17:85)

**125.** Қайс ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш Сулаймон ба мо нақл кард, аз Иброҳим, аз Алқама, аз Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Вақте ки ман бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди харобаҳои Мадина мегузаштам, ӯ ба асояш такя мекард. Ва ӯ аз назди чанде аз яҳудиён гузашт. Баъзеи онҳо ба ҳамдигар гуфтанд: «Аз ӯ дар бораи рӯҳ суол кунед». Баъзеашон гуфтанд: «Аз вай дар бораи чизе, ки (ҷавоби он) бароятон нохуш аст, суол накунед». Ва баъзеи дигарашон гуфтанд: «Албатта, аз ӯ мепурсем». Марде аз*

*миёни онҳо бархосту гуфт: «Эй Абулқосим, рӯҳ чист?» Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хомӯш монд. Ман бо худ гуфтам: «Ҳатман ба ӯ ваҳй меояд». Ва бархостам. Чун ба худ бозомад, гуфт: «Ва туро аз Рӯҳ суол мекунанд, бигӯ: Рӯҳ аз фармони Парвардигори ман аст. Ва ба шумо аз илм ба ҷуз андаке (чизе) дода нашудааст» (17:85).* Ал-Аъмаш гуфт: «Дар қироати мо ҳамчунин аст».

### (48) Боб. Дар бораи касе, ки аз баъзе чизҳои ихтиёркардааш аз бими он даст кашад, ки мардум нодуруст фаҳмида, ба хатои сахттар аз он афтанд

**126.** Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл кард, аз Исроил, аз Абӯисҳоқ, аз ал-Асвад, ки гуфт: ба ман Ибни аз-Зубайр гуфт: «Оиша бисёр розу асрори худро ба ту мегуфт. Дар ҳаққи Каъба ба ту чӣ ҳадис нақл кард?» Гуфтам: Оиша ба ман гуфт, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Эй Оиша, агар қавми ту навпаймон намебуд, – Ибни аз-Зубайр гуфт: «ба куфр» – Каъбаро, албатта, мешикофтам ва ду дар месохтам, то аз яке мардум дароянд ва аз дигаре бароянд». Сипас Ибни аз-Зубайр ин корро кард.*

### (49) Боб. Дар бораи касе, ки гурӯҳеро аз гурӯҳи дигар ҷудо карда, ба илм махсус гардонид, аз бими он ки илмро нодуруст нафаҳманд

*Ва Алӣ гуфт: «Ба мардум он чиро гӯед, ки мефаҳманд; оё мехоҳед, ки Худо ва пайғамбари Ӯ таксиб шаванд?»*

**127.** Инро Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл кард, аз Маъруф ибни Харрабуз, аз Абӯтуфайл, аз Алӣ.

**128.** Исҳоқ ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Муъоз ибни Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Қатода, гуфт: Анас ибни Молик ба мо нақл кард, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле, ки Муъоз дар зин аз паси ӯ менишаст, гуфт: «Эй Муъоз ибни Ҷабал!» Гуфт: «Лаббайка ва саъдайка, эй пайғамбари Худо». Гуфт: «Эй Муъоз». Гуфт: «Лаббайка ва саъдайка, эй пайғамбари Худо» (се бор). Гуфт: «Касе, ки сидқан аз дил шаҳодат диҳад ба он ки нест ҳеҷ маъбуд ҷуз Худо ва он ки Муҳаммад пайғамбари Худост, Худо ӯро, албатта, бар оташи дӯзах ҳаром мегардонад». Гуфт: «Эй пайғамбари Худо, мардумро хабар диҳам, то аз он*

*шодӣ кунанд?» Гуфт: «Агар хабар диҳӣ, умедвор мешаванд». Муъоз инро дар вақти фавташ аз тарси ба гуноҳ мондан гуфт.*

**129.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Мӯътамир ба мо нақл карда гуфт: аз падарам шунидам, ки гуфт: аз Анас шунидам, ки гуфт: ба ман зикр карданд, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Муъоз гуфт: «Ҳар кӣ бо Худо ширк наоварда ба лиқои Ӯ равад, (яъне бимирад), ба биҳишт медарояд». Гуфт: «Ба мардум аз ин мужда расонам?» Гуфт: «Не, метарсам, ки умедвор шаванд».*

## (50) Боб. Шарм доштан дар омӯхтани илм

Ва Муҷоҳид гуфт: «Шармдоранда ва такаббуркунанда илмро нахоҳанд омӯхт». Оиша гуфт: «Хушо ба ҳоли занони ансор: онҳоро ҳаё монеъ нашуд, ки дар дин доно шаванд».

**130.** Муҳаммад ибни Салом ба мо нақл карда гуфт: Абӯмуъовия ба мо хабар дода гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз падараш, аз Зайнаб, духтари Умм Салама, аз Умм Салама, ки гуфт: *«Умм Сулайм назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба дурустӣ ки Худо аз ҳақ шарм намедорад. Оё занро мебояд, ки агар эҳтилом шавад, ғусл кунад?» Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Агар об бибинад». Пас Умм Салама пӯшид, яъне рӯяшро ва гуфт: «Эй пайғамбари Худо, зан ҳам эҳтилом мешавад?» Гуфт: «Оре, хок ба сарат, пас бачааш чӣ гуна ба ӯ монанд мешавад?»*

**131.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Динор, аз Абдуллоҳ ибни Умар: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дар миёни дарахтон дарахте ҳаст, ки барги он намерезад ва он мисоли мусулмон аст, бигӯед, ки он кадом аст?» Мардум дарахтони биёбонро якяк шумурданд. Аз дилам гузашт, ки дарахти хурмо аст». Абдуллоҳ гуфт: «Ман шарм доштам, ки бигӯям». Онҳо гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, ба мо аз он хабар деҳ!» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Он дарахти хурмо аст». Абдуллоҳ гуфт: «Он чиро, ки аз дилам гузашта буд, ба падарам нақл кардам. Ӯ гуфт: «Кош онро мегуфтӣ ва ин гуфтани ту бароям мақбултар аз он мебуд, ки фалону фалон (чиз) моли ман бошад».*

### (51) Боб. Дар бораи касе, ки аз пурсидан шарм кард ва дигареро фармуд, ки суол диҳад

**132.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Довуд ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Мунзир ас-Саврӣ, аз Муҳаммад ибни ал-Ҳанафийя, аз Алӣ, ки гуфт: *«Ман марде сермазӣ будам. Ва ал-Миқдодро фармудам, ки аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кунад. Ӯ суол кард. Ва ӯ гуфт: «Дар ин вузӯ лозим аст».*

### (52) Боб. Андар омӯзонидани дониш ва фатво додан дар масҷид

**133.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ибни Саъд ба мо нақл карда гуфт: Нофеъ мавлои Абдуллоҳ ибни Умар ибни ал-Хаттоб ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Умар, *ки марде дар Масҷид бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба мо бифармо, ки аз куҷо эҳром баста талбия гӯем?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Аҳли Мадина аз Зу-л-Ҳулайфа, аҳли Шом аз Ҷуҳфа ва аҳли Наҷд аз Қарн эҳром баста талбия гӯянд». Ва Ибни Умар гуфт: (Одамон) ба таъкид гуфтанд, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Аҳли Яман аз Яламлам эҳром баста талбия гӯянд». Ва Ибни Умар мегуфт: «Ман ин (фиқраи ахир)-ро аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фаҳмида натавонистам».*

### (53) Боб. Дар бораи касе, ки ба суолкунанда бештар аз он чӣ суол кард, ҷавоб дод

**134.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам; ва (ба исноди дигар) аз аз-Зуҳрӣ, аз Солим, аз Ибни Умар, *аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки марде аз ӯ пурсид: «Муҳрим (эҳромбаста) чӣ мепӯшад?» Гуфт: «Пероҳан, дастор, шалвор ва бурнус ва низ ҷомаеро, ки ба он испарак ё заъфарон расидааст, намепӯшад. Агар наълайн наёбад, мӯза мепӯшад ва соқи онро мебуррад, то ки баландии он аз шитоланг пасттар бошад».*

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# IV. КИТОБИ ВУЗӮ

## (1) Боб. Он чӣ, ки дар вузӯ омадааст

Ва сухани Худои Таъоло: «Чун ба намоз бархезед, рӯю дастҳои худро то оринҷ бишӯед ва сари худро масҳ кунед ва пойҳои худро то шитоланг бишӯед» (5:6). Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баён кардааст, ки фарзи вузӯ якборӣ (шустан) аст; ва дуборӣ низ ва seборӣ низ шустааст. Ва аз се бор зиёд накардааст». Ва аҳли илм исрофро дар вузӯ макрӯҳ донистаанд ва аз ҳадди амали пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нагузаштаанд.

## (2) Боб. Намоз бе таҳорат қабул намешавад

**135.** Исҳоқ ибни Иброҳим ал-Ҳанзалӣ ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо хабар дода гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз Ҳаммом ибни Мунаббеҳ, ки ӯ аз Абӯҳурайра шунидааст, ки мегӯяд: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Намози каси ҳадас расида қабул намешавад, то вузӯ накунад». Марде аз Ҳазрамавт гуфт: «Эй Абӯҳурайра, ҳадас чист?» Гуфт: «Боде, ки бе овоз ё бо овоз мебарояд».*

## (3) Боб. Андар фазилати вузӯ ва касони «пешонисафед ва даступойсафед» (ғуррун муҳаҷҷалун) аз асари вузӯ

**136.** Яҳё ибни Букайр ба мо хабар дода гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Холид, аз Саъид ибни Абӯҳилол, аз Нуъайм ал-Муҷмир, гуфт: «Ман бо Абӯҳурайра бар боми масҷид баромадам.

Ӯ вузӯ карду гуфт: «Ман аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Ба ростӣ ки уммати ман рӯзи қиёмат аз асари вузӯ «ғуррун муҳаҷҷалун» – аспони пешонисафед ва даступойсафед номида мешаванд. Ва ҳар кас аз шумо ин сафедиҳои худро ба дарозо афзоиш дода тавонад, пас бигузор чунин кунад».*

### (4) Боб. Шахс то шубҳааш яқин нагардад, вузӯ накунад

**137.** Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Саъид ибни ал-Мусайяб, аз Аббод ибни Тамим, аз амакаш, *ки ӯ аз марде ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шикоят овард, ки ӯ ба гумони дарёфтани чизе дар намоз амал мекунад. Гуфт: «(Намозро) қатъ накунад – ё тарк карда наравад – то ин ки овозе шунавад ё бӯе дарёбад».*

### (5) Боб. Осон кардани вузӯ

**138.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Амр, гуфт: Курайб ба ман хабар дод, аз Ибни Аббос, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бихуфт, то сабук хуррок кашид. Сипас бархосту намоз хонд. – Ва шояд гуфта бошад: дароз кашид ва сабук хуррок кашид. Сипас бархосту намоз хонд. – Инро Суфён такрор ба такрор ба мо нақл кард, аз Амр аз Курайб, аз Ибни Аббос, гуфт: «Ман шабе дар хонаи холаам Маймуна мондам. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабона бархост. Ва чун посе аз шаб гузашт, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархост ва аз машки овезон сабук вузӯ кард – Амр онро «сабук ва кам» гуфтааст – ва бархосту намоз хонд. Ман ҳам мисли ӯ вузӯ кардам. Сипас омада аз тарафи чапи ӯ истодам. – Шояд ки Суфён (ба ҷои «ясор» (чап) «шимол» (чап) гуфта бошад. – Пас маро бигардонид ва аз тарафи рости худ гузошт. Баъд намоз хонд, он қадар ки Худо хоста буд. Пасон дароз кашиду бихуфт, то сабук хуррок кашид. Муаззин пеши ӯ омад ва ба намоз азон гуфт. Ҳамроҳи ӯ ба намоз бархост ва намоз гузорид, вале вузӯ накард. Ба Амр гуфтем: мардум мегӯянд: «Ба ростӣ ки чашмони пайғамбари Худо мехусбанд, вале дили ӯ бедор аст». Амр гуфт: аз Убайдуллоҳ ибни Умайр шунидам, ки мегуфт: «Хоби пайғамбарон ваҳӣ аст, сипас*

*бархонд: «Ман дар хоб мебинам, ки туро забҳ мекунам» (37:102).*

## (6) Боб. Ба тамомӣ вузӯ кардан

*Ва Ибни Умар гуфт: «Ба тамомӣ вузӯ кардан пок кардан аст».*

**139.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, ки ӯ аз Молик, аз Мӯсо ибни Уқба, аз Курайб – мавлои Ибни Аббос, аз Усома ибни Зайд шунидааст, ки мегӯяд: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз Арафот бозгашт, чун ба дараи Шиъб расид, фуруд омад ва пешоб кард. Баъд вузӯ кард, вале вузӯро ба тамомӣ накард». Гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, ин барои намоз аст?» Гуфт: «Намоз дар пеш аст». Пас савор шуд ва чун ба Муздалифа расид, фуруд омад ва ба тамомӣ вузӯ кард. Намоз барпо шуд ва (намози) шомро бихонд. Ҳар кас шутури худро дар ҷои фуруд омадааш ба зону бихобонид. Намози хуфтан барпо шуд; ва ӯ намоз гузорид ва дар байни шому хуфтан намозе нахонд».*

## (7) Боб. Аз як каф об бо ду даст шустани рӯй

**140.** Муҳаммад ибни Абдурраҳим ба мо нақл карда гуфт: Абӯсалама ал-Хузоъӣ Мансур ибни Салама ба мо хабар дода гуфт: Ибни Билол – яъне Сулаймон – ба мо хабар дод, аз Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор, *аз Ибни Аббос, ки ӯ вузӯ карду рӯяшро шуст. Як каф об гирифт ва бо он мазмаза ва истиншоқ кард. Як кафи дигар об гирифт ва чунин кард: қисмеро ба дасти дигараш рехт ва бо ду даст рӯяшро шуст; боз як каф об гирифт ва бо он дасти росташро шуст; боз як каф об гирифт ва бо он дасти чапашро шусту саршро масҳ кашид. Сипас як каф об гирифта ба пои росташ андак-андак рехту онро шуст. Сипас як кафи дигар гирифт ва бо он пояшро – яъне пои чапашро – шуст. Гуфт: «Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки ҳамчунин вузӯ мекард».*

## (8) Боб. «Бисмиллоҳ» гуфтан дар ҳар ҳолат, аз ҷумла пеш аз ҷимоъ

**141.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Солим ибни Абӯҷаъд, аз Курайб, аз Иб-

ни Аббос, ки (ҳадисаш) ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мерасад, гуфт: *«Чун касе аз шумо бо занаш наздикӣ карданӣ шавад, гӯяд: «Бисми-л-Лоҳи, Аллоҳумма, ҷаннибно-ш-Шайтона ва ҷанниби-ш-Шайтона мо разақтано» (Ба номи Худо. Бор Худоё, моро аз Шайтон дур дор ва он (фарзанд)-ро, ки ба мо ато мекунӣ, аз Шайтон эмин дор). Пас агар аз онҳо фарзанд шавад, Шайтон ба ӯ зарар нахоҳад расонид».*

## (9) Боб. Он чӣ вақти даромадан ба халоҷой гӯянд

**142.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абдулазиз ибни Суҳайб, гуфт: аз Анас шунидам, ки мегуфт: «Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба халоҷой медаромад, мегуфт: *«Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика мина-л-хубси ва-л-хабоиси (Бор Худоё, ман аз шайтонҳои нар ва мода ба Ту паноҳ мебарам)*. (Дар ривояти ин ҳадис) Ибни Аръара (ба Одам) пайравӣ кардааст, аз Шуъба. Ва Ғундар гуфт, аз Шуъба: «Ҳар гоҳ ба халоҷой меомад». Ва Мӯсо гуфт, аз Ҳаммод: «Ҳар гоҳ медаромад». Ва Саъид ибни Зайд гуфт: Абдулазиз ба мо нақл кард: «Ҳар гоҳ, ки даромадан мехост».

## (10) Боб. Дар наздики халоҷой об гузоштан

**143.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Ҳошим ибни ал-Қосим ба мо нақл карда гуфт: Варқо ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ ибни Абӯязид, аз Ибни Аббос, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба халоҷой даромад. Ман барояш оби таҳорат гузоштам. Гуфт: «Инро кӣ гузошт?» Ба ӯ хабар доданд. Ва ӯ гуфт: «Бор Худоё, ӯро дар илми дин донишманд гардон!»*

## (11) Боб. Рӯ ба қибла бавлу ғоит накардан, магар ки дар назди бино, яъне девор ё монанди он бошад

**144.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл карда гуфт: аз-Зуҳрӣ ба ман нақл кард, аз Ато ибни Язид ал-Лайсӣ, аз Абӯайюб ал-Ансорӣ, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо барои ғоит кардан равад, рӯ ба қибла накунад ва пушт он сӯ нагардонад. Рӯйро ба шарқ ё ба ғарб гардонед»* (аз мавқеи ҷуғрофии Ма-

дина).

## (12) Боб. Дар бораи касе, ки болои ду хишти хом баромада ғоит кард

**145.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Яҳё ибни Саъид, аз Муҳаммад ибни Яҳё ибни Ҳаббон, аз амакаш – Восеъ ибни Ҳаббон, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки ӯ мегуфт: *«Мардум ҳамегӯянд: ҳар гоҳ, ки ба қазои ҳоҷат нишастӣ, рӯй ба қибла ва Байтулмуқаддас макун». Абдуллоҳ ибни Умар гуфт: «Рӯзе ба боми хонаамон баромадам ва пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки болои ду хишти хом, рӯй ба сӯи Байтулмуқаддас барои қазои ҳоҷат баромада буд». Ибни Умар гуфт: «Шояд ки ту аз ҷумлаи касоне бошӣ, ки шикамҳо бар ронҳо расонида намоз мегузоранд». Гуфтам: «Ба Худо, ки намедонам».*

Молик гуфт: «Яъне чун касе намоз мегузорад, ки худро аз замин намебардораду саҷда мекунад, дар ҳолате ки ба замин часпида аст».

## (13) Боб. Берун омадани занон барои қазои ҳоҷат

**146.** Яҳё ибн Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл карда гуфт: Уқайл ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва, аз Оиша, *ки занони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун қазои ҳоҷат пеш ояд, шабона ба ал-Маносеъ, ки он ҷои баланди фарох аст, мебаромаданд. Ва Умар ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мегуфт: «Занонатро дар ҳиҷоб дор!» Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чунин намекард. Савда бинти Замъа, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ӯ зани баландболо буд, шабе аз шабҳо, вақти намози хуфтан берун омад. Ва Умар ба ӯ нидо кард: «Огоҳ бош, эй Савда, мо туро шинохтем» – аз рӯи рағбат бар он, ки дар шаъни ҳиҷоб оят нозил шавад. Сипас Худо ояти ҳиҷобро нозил кард.*

**147.** Закарийё ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Дар ҳақиқат ба шумо иҷозат шуд, ки барои қазои ҳоҷат берун бароед».* Ҳишом гуфт: «Яъне барои ғоит кардан».

## (14) Боб. Ғоит кардан дар хонаҳо

**148.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Анас ибни Иёз ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, аз Муҳаммад ибни Яҳё ибни Ҳаббон, аз Восеъ ибни Ҳаббон, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки гуфт: *«Барои ҳоҷате ба боми хонаи Ҳафса баромадам. Ва пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки пушт ба сӯи қибла ва рӯй ба сӯи Шом қазои ҳоҷат мекард».*

**149.** Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Ҳорун ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо хабар дод, аз Муҳаммад ибни Яҳё ибни Ҳаббон, ки амакаш Восеъ ибни Ҳаббон ба ӯ хабар дод: Абдуллоҳ ибни Умар ба ӯ хабар дода гуфт: *«Як рӯз ман ба боми хонаамон баромадам ва пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки рӯй ба сӯи Байтулмуқаддас болои ду хишти хом нишаста буд».*

## (15) Боб. Истинҷо кардан бо об

**150.** Абулвалид Ҳишом ибни Абдулмалик ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абӯмуъоз – ва номи ӯ Ато ибни Абӯмаймуна аст – гуфт: аз Анас ибни Молик шунидам, ки мегуфт: *«Ҳар гоҳ, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои қазои ҳоҷат берун мебаромад, ману писараке дар зарфе об мебурдем». Яъне ӯ бо он истинҷо мекард».*

## (16) Боб. Дар бораи касе, ки бо худ барои таҳорат об барад

Ва Абуддардо гуфт: «Оё дар миёни шумо касе ҳаст, ки ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, наълайнашро, оби таҳорат ва болиш медод?»

**151.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абӯмуъоз – ӯ Ато ибни Абӯмаймуна аст – гуфт: аз Анас шунидам, ки мегуфт: *«Ҳар гоҳ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои қазои ҳоҷат берун мебаромад, ману писараке аз мо бо зарфе об аз паяш мерафтем».*

## (17) Боб. Бурдани найзак бо об дар истинҷо

**152.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Ато ибни Абӯмаймуна, ӯ аз Анас ибни Молик шу-

нидааст, ки мегуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки ба халоҷой медаромад, ману писараке дар зарфе об ва найзак мебурдем. Ӯ бо об истинҷо мекард».*

(Дар ривояти ин ҳадис) ан-Назр ва Шозон (ба Муҳаммад ибни Ҷаъфар) пайравӣ кардаанд, аз Шуъба.

«Аназа» (найзак) асоест, ки нӯгаш пайкон дорад».

## (18) Боб. Ба дасти рост истинҷо кардан манъ аст

**153.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом – ва ӯ ад-Даставоӣ аст – ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо об нӯшад, андаруни зарф нафас накашад ва агар ба халоҷой равад, ба олати худ дасти рост нарасонад ва бо дасти рост истинҷо накунад».*

## (19) Боб. Агар (касе) пешоб кунад, олати худ ба дасти рост нагирад

**154.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо пешоб кунад, олаташро ба дасти рост нагирад, бо дасти рост истинҷо накунад ва дар зарф нафас накашад».*

## (20) Боб. Истинҷо кардан бо санг (кулӯх)

**155.** Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Маккӣ ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Яҳё ибни Саъид ибни Амр ал-Маккӣ ба мо нақл кард, аз бобояш, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Вақте ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои қазои ҳоҷат берун рафт, ман аз паи ӯ будам. Ӯ ба чапу росту қафо нигоҳ намекард. Ва ман ба ӯ наздик шудам, гуфт: «Ба ман санг биёр, ки бо он истинҷо кунам – ё чизе аз ҳамон қабил. Вале устухону саргин наор». Ва ман дар домани ҷомаам санг овардам ва онро дар паҳлӯи ӯ гузоштам ва рӯ ба сӯи дигар кардам. Ӯ баъди қазои ҳоҷат, бо онҳо истинҷо кард».*

## (21) Боб. Бо саргин истинҷо накунанд

**156.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл кард, аз Абӯисҳоқ, гуфт: онро на Абӯубайда, балки Абдурраҳмон ибни ал-Асвад аз падараш зикр кард, ки ӯ аз Абдуллоҳ шунидааст, ки мегӯяд: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои ғоит кардан рафт. Ба ман фармуд, ки ба ӯ се санг биёрам. Ва ман ду санг ёфтаму санги сеюм ҳарчанд ҷустам, наёфтам. Ва саргинеро гирифтаму ба ӯ овардам. Ӯ ду сангро бигирифту саргинро як сӯ андохт, гуфт: «Ин палид аст».*

Ва Иброҳим ибни Юсуф гуфт, аз Абӯисҳоқ: Абдурраҳмон ба ман нақл кард.

### (22) Боб. Вузӯ якборӣ шустан(-и ҳар узв) аст

**157.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вузӯ кард ва ҳар узвро якборӣ шуст».*

### (23) Боб. Вузӯ дуборӣ шустан (-и ҳар узв) аст

**158.** Ҳусайн ибни Исо ба мо нақл карда гуфт: Юнус ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ибни Сулаймон ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр ибни Амр ибни Ҳазм, аз Аббод ибни Тамим, аз Абдуллоҳ ибни Зайд, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вузӯ карда ҳар узвро дуборӣ шуст.*

### (24) Боб. Вузӯ среборӣ шустан(-и ҳар узв) аст

**159.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ал-Увайсӣ ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, ки Ато ибни Язид ба ӯ хабар дод: Ҳумрон – мавлои Усмон – ба ӯ хабар дод, *ки ӯ Усмон ибни Аффонро дид, ки зарфи об хост. Ба ду кафи дасташ се бор об рехт ва онҳоро шуст. Сипас дасти рост ба зарф андохту об гирифта мазмаза ва истиншоқ кард. Сипас рӯяшро се бор ва ду даст то оринҷ себорӣ шуст. Баъд сарашро масҳ кашид. Сипас ҳар ду пояшро то шитолинг се бор шуст. Пасон гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳар кас монанди ман вузӯ кунад, ду ракъат намоз гузорад ва дар он ба ҳадиси нафс машғул набошад, ҳар гуноҳе, ки қаблан содир карда буд, омурзида шавад».*

**160.** Ва (ҳамон ровӣ) гуфт, аз Иброҳим: Солеҳ ибни Кайсон гуфт: Ибни Шиҳоб гуфт, валекин Урва аз Ҳумрон нақл мекунад: *чун Усмон вузӯ тамом кард, гуфт: «Ба шумо ҳадисе нақл мекунам, ки агар (ҳукми) як оят намебуд, онро нақл намекардам. Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: «Ҳар кас вузӯ кунаду онро некӯ анҷом диҳад ва намоз(-и панҷвақта) гузорад, миёни ӯ ва миёни он намоз ҳар гуноҳе содир шуда бошад, то хондани намоз омурзида мешавад».*

Урва гуфт: «Ва он оят ин аст: «Ҳамоно касоне, ки он чиро аз суханони равшан фуруд овардаем, мепӯшанд...» (2:159).

## (25) Боб. Афшонидани бинӣ (пас аз истиншоқ) дар вузӯ

*Усмон, Абдуллоҳ ибни Зайд ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳум, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, инро ёд карданд.*

**161.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Абӯидрис ба ман хабар дод, ки ӯ аз Абӯҳурайра шунидааст, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ӯ гуфт: *«Ҳар кас, ки вузӯ кунад, биниро (баъди ба он кашидани об) афшонад; ва ҳар кас, ки бо санг ё кулӯх истинҷо кунад, адади онҳо бояд тоқ бошад».*

## (26) Боб. Бо адади тоқи сангҳо (ё кулӯхҳо) истинҷо кардан

**162.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо вузӯ кунад, бояд ба биниаш об кашад, сипас афшонад; ва ҳар кӣ бо санг (ё кулӯх) истинҷо кунад, бояд адади он тоқ бошад; ва ҳар гоҳ касе аз шумо аз хоб бархезад, бояд пеш аз даст даровардан ба зарфи оби таҳорат дастонашро бишӯяд, зеро касе аз шумо намедонад, ки шаб дастонаш куҷо буд».*

## (27) Боб. Шустани ду пой ва масҳ накашидан бар онҳо

**163.** Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард,

аз Абӯбишр, аз Юсуф ибни Моҳак, аз Абдуллоҳ ибни Амр, гуфт: *«Дар як сафар пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз мо ақиб монд. Пас моро вақте дарёфт, ки намози аср фаро расида буд. Мо ба вузӯ шурӯъ кардем ва пойҳои худро масҳ мекашидем. Ӯ бо овози баланд, (то амр кунад, ки пойҳоро бишӯем), ду ё се дафъа нидо кард: «Вой бар пошнаҳое, ки тӯъмаи оташи дӯзах мешаванд».*

## (28) Боб. Мазмаза кардан дар вузӯ

*Инро Ибни Аббос ва Абдуллоҳ ибни Зайд, разия-л-Лоҳу анҳум, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтанд.*

**164.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Ато ибни Язид ба ман хабар дод, аз Ҳумрон – мавлои Усмон ибни Аффон: *ӯ Усмонро дидааст, ки оби таҳорат талабид. Ба ду дасташ аз зарфи худ об рехт ва онҳоро се бор шуст. Сипас дасти росташро ба оби таҳорат андохт. Баъд мазмаза кард, ба бинӣ об кашид ва афшонд. Он гоҳ рӯяшро се бор ва ду дастонро то оринҷ се бор шуст, сарашро масҳ кашид. Ва ҳар пояшро себорӣ шуст. Он гоҳ гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки монанди ҳамин вузӯи ман вузӯ мекард ва гуфт: «Ҳар кас монанди ман вузӯ кунад, ду ракъат намоз гузорад ва ҳангоми намоз ба ҳадиси нафс машғул нашавад, Худо ҳар гуноҳеро, ки қаблан содир карда буд, биомурзад».*

## (29) Боб. Андар шустани пошнаҳо

Ибни Сирин, чун вузӯ мекард, ҷои ангуштариро низ мешуст.

**165.** Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Зиёд ба мо нақл карда гуфт: *аз Абӯҳурайра ҳангоме ки ҳамроҳи мо мегузашт ва мардум аз офтоба вузӯ мекарданд, шунидам, ки мегуфт: «Вузӯро ба тамомӣ кунед, зеро ки Абулқосим, гуфт: «Вой бар пошнаҳое, ки тӯъмаи оташи дӯзах мешаванд».*

## (30) Боб. Шустани пойҳо дар ҳоли дар наълайн будан ва масҳ накашидан бар наълайн

**166.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Саъид ал-Мақбурӣ, аз Убайд ибни Ҷурайҷ, ки ӯ

ба Абдуллоҳ ибни Умар гуфт: *«Эй Абӯабдурраҳмон, дидам, ки чаҳор кор мекунӣ, вале касеро аз ёрони ту надидаам, ки он корҳо бикунанд». Гуфт: «Эй Ибни Ҷурайҷ, онҳо чӣ корҳоянд?» Гуфт: «Туро дидам, ки ба ҷуз ду рукни ямонӣ рукнеро даст намерасонӣ; наълайни чармин мепӯшӣ; мӯятро зард ранг мекунӣ; ва туро дар Макка дидам ва мардум ҳар гоҳ ҳилолро бибинанд, «лаббайка» гӯянд, ту то фаро расидани рӯзи тарвия «лаббайка» намегӯӣ». Абдуллоҳ гуфт: «Аммо дар бораи аркон: ман пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, надидаам, ки рукнеро ба ҷуз ду рукни ямонӣ даст расонида бошад; аммо дар бораи наълайни чармин: ман пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки наълайне мепӯшид, ки рӯи он пашм надошт. Ва дар он вузӯ мекард. Пӯшидани чунин наълайн ба ман низ маъқул аст; ва дар бораи ранги зард: ман пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки мӯяшро зард ранг мекард. Ба ман низ маъқул аст, ки мӯ (бо ранги зард) ранг кунам; ва аммо дар бораи «лаббайка» гуфтан: ман пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, надидаам, ки «лаббайка» гуфта бошад, то он ки шутури худро барои ҳаҷ рафтан аз ҷой нахезонда бошад».*

## (31) Боб. Аз рост оғоз кардани шустан дар вузӯ ва ғусл

**167.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Холид ба мо нақл кард, аз Ҳафса бинти Сирин, аз Умм Атия, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба онҳо (Умм Атия ва ҳамроҳонаш) дар вақти шустани ҷасади духтараш гуфтааст: *«Шустанро аз (узвҳои) рост ва аз ҷойҳои ҳангоми вузӯ шусташавандаи ӯ оғоз кунед».*

**168.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Ашъас ибни Сулайм ба ман хабар дода гуфт: аз падарам шунидам, аз Масруқ, аз Оиша, гуфт: *«Барои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, писандида он буд, ки дар пӯшидани кафш, оростани мӯй, таҳорат кардан ва тамоми корҳои дигар аз ҷониби рост оғоз кунад».*

## (32) Боб. Талаб кардани оби таҳорат ҳангоми фаро расидани вақти намоз

*Ва Оиша гуфт: «Бомдод фаро расид. Ва чун оби таҳорат та-*

*лаб карданд, наёфтанд, пас (ояти) таяммум нозил шуд».*

**169.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа, аз Анас ибни Молик, ки ӯ гуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар вақти фаро расидани намози аср дидам. Мардум оби таҳорат талаб карданду наёфтанд. Ва ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оби вузӯ оварданд. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дасти худро дар он зарф гузошт ва мардумро фармуд, ки аз он вузӯ кунанд. Ва ман дидам, ки об то вузӯ кардани каси охирин аз зери ангуштонаш ҷӯш мезад».*

## (33) Боб. (Ҳукми) обе, ки бо он мӯи инсон шуста мешавад

Ато дар он зиёне намедид, ки аз мӯи инсон ресмону расан созанд; ва (дар ҳукми) пасхӯрдаи саг ва гузаштани саг аз масҷид аз-Зуҳрӣ гуфт: «Агар саг ба оби зарфе даҳон занаду ба ғайри он обе барои вузӯ набошад, бо он об вузӯ кардан раво аст». Ва Суфён гуфт: «Ин айни фиқҳ аст: Худои Таъоло гӯяд: «Ва агар обро наёбед, пас таяммум бикунед» (4:43). Чун ин об аст, вале дар дил ба покии он шакке ҳаст, (шахс) бо он вузӯ ва (аз болои он) таяммум мекунад».

**170.** Молик ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Исроил ба мо нақл кард, аз Осим, аз Ибни Сирин, ки гуфт: «Ба Абида гуфтам: *«Андаке аз мӯи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар дасти мо ҳаст, ки аз тарафи Анас – ё аз тарафи касе аз аҳли хонадони Анас – ба мо расидааст». Ӯ гуфт: «Он ки дар дасти ман як тор аз мӯи ӯ бошад, барои ман аз дунёву ҳар чизи дунё хуштар бувад».*

**171.** Муҳаммад ибни Абдурраҳим ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Сулаймон ба мо хабар дода гуфт: Аббод ба мо нақл кард, аз Ибни Авн, аз Ибни Сирин, аз Анас, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун сари худро тарошид, Абӯталҳа аввалин касе буд, ки андаке аз мӯи ӯ гирифт».*

**172.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард, аз Молик, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра гуфт: ба ростӣ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Агар саг аз зарфи касе аз шумо об хӯрад, бояд ки он зарфро ҳафт бор*

*бишӯяд».*

**173.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Абдуссамад ба мо хабар дода гуфт: Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ ибни Динор ба мо нақл карда гуфт: аз падарам шунидам, аз Абӯсолеҳ, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Марде (аз банӣ Исроил) сагеро дид, ки аз ташнагӣ хоки намнок мехӯрд. Он мард мӯзаи худро кашида бо об пур кард ва ба саг серӣ нӯшонд. Худо бар вай қадршиносӣ кард ва ӯро ба биҳишт даровард».*

**174.** Ва Аҳмад ибни Шабиб гуфт: падарам ба мо нақл кард, аз Юнус, аз Ибни Шиҳоб, гуфт: Ҳамза ибни Абдуллоҳ ба ман нақл кард, аз падараш, ки гуфт: *«Дар замони зиндагонии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сагҳо дар масҷид бавл мекарданд ва даробаро доштанд, вале ба он ҷойҳо ба ҳамин сабаб об намепошиданд».*

**175.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Ибни Абуссафар, аз аш-Шаъбӣ, аз Адӣ ибни Ҳотам, гуфт: аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар бораи сайди саг) пурсидам, вай гуфт: *«Агар саги шикориатро (аз паи сайд) фиристию онро бикушад, аз он сайд бихӯр. Агар саг аз он бихӯрад, ту махӯр; чунки саг онро барои худ гирифтааст». Гуфтам: «Саги худро ба сайд фиристаму бо он саги бегонае бибинам, (он сайдро чӣ кунам)?» Гуфт: «Онро махӯр, зеро ки ту барои саги худ тасмия кардаӣ ва барои саги дигар тасмия накардаӣ».*

### (34) Боб. Дар бораи касе, ки вузӯро раво надид, магар дар ҳолати баромадан(-и чизе) аз ду махраҷ – аз пешу пас, бинобар сухани Худои Таъоло: «Ё яке аз шумо аз халоҷой биёяд» (5:6)

Ва Ато дар ҳаққи касе, ки аз пасаш кирм ё аз олаташ чизе монанди шабуш барояд, гуфт: «Вузӯро аз нав бикунад». Ҷобир ибни Абдуллоҳ гуфт: «Агар дар намоз бихандад, намозро аз нав мегузорад ва вузӯро аз нав накунад». Ал-Ҳасан гуфт: «Агар касе мӯй ва нохунҳо гирад ё мӯзаашро кашад, бар вай вузӯ лозим нест». Ва Абӯҳурайра гуфт: «Ба ҷуз аз барои ҳадас вузӯ лозим нест». Ва аз Ҷобир зикр кунанд, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ғазваи Зоту-р-Риқоъ буд, марде тир хӯрду аз ӯ хун баромад. Пас рукӯъ ва саҷда карду намозашро давом дод. Ва ал-Ҳасан

гуфт: «Мусулмонон бо захмҳо(-и хуншор) намоз хондан мегирифтанд». Ва Товус, Муҳаммад ибни Алӣ, Ато ва аҳли Ҳиҷоз гуфтанд: «Дар (баромадани) хун вузӯ лозим нест». Ибни Умар доначаеро дар андом фишурд, аз он хун баромад ва ӯ вузӯ накард. Ва Ибни Абӯавфо аз даҳон хун афканд ва намозашро давом дод. Ибни Умар ва ал-Ҳасан дар шаъни касе, ки ҳаҷомат кардааст, гуфтанд: «Ӯро лозим аст, ки фақат ҷойҳои хун баромада бишӯяд».

**176.** Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз Саъид ал-Мақбурӣ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Банда то мавриде, ки дар масҷид мунтазири намоз аст ва то даме, ки ӯро ҳадас нарасад, дар шумори намозгузорон аст».* Марди аҷамӣ гуфт: «Эй Абӯҳурайра, ҳадас чист?» Гуфт: «Садо (яъне боди садодор)».

**177.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Ибни Уяйна ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Аббод ибни Тамим, аз амакаш, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«То садоеро нашунавад ё бӯеро дарнаёбад, (аз намоз берун) наравад».*

**178.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Мунзир Абӯяъло ас-Саврӣ, аз Муҳаммад ибни ал-Ҳанафийя, ки гуфт: *Алӣ гуфт: «Ман марде сермазӣ будам. Ва шарм доштам, ки аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам (дар бораи мазӣ) суол кунам. Пас ал-Миқдод ибни ал-Асвадро фармудам, ӯ суол кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Дар ин вузӯ аст».* Ин ҳадисро Шуъба ривоят кард, аз ал-Аъмаш.

**179.** Саъд ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, ки Ато ибни Ясор ба ӯ хабар дод: Зайд ибни Холид ба ӯ хабар дод, *ки ӯ аз Усмон ибни Аффон, разия-л-Лоҳу анҳу пурсид: «Гуфтам: «Дар ҳаққи касе, ки ҷимоъ карду манӣ нарехт, чӣ гӯӣ?» Усмон гуфт: «Вузӯ кунад он чунон ки барои намоз вузӯ кунанд ва олаташро шӯяд». Усмон гуфт: «Инро аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам. Ва ман дар ин бора аз Алӣ, аз-Зубайр, Талҳа ва Убай ибни Каъб, разия-л-Лоҳу анҳум, суол кардам, онҳо ҳамчунин фармуданд».*

**180.** Исҳоқ, ки ӯ Ибни Мансур аст, ба мо нақл карда гуфт: ан-Назр ба мо хабар дода гуфт: Шуъба ба мо хабар дод, аз ал-Ҳакам,

аз Заквон Абӯсолеҳ, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба марде аз ансориён кас фиристод. Чун омад, аз сараш оби ғусл мечакид. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Шояд мо туро дар шитоб афкандем?» Гуфт: «Оре». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Агар дар шитоб афтӣ, – ё ҷимоъ карда манӣ нарезӣ – туро вузӯ (лозим) аст».*

(Дар ривояти ин ҳадис) Ваҳб (ба ан-Назр) пайравӣ карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард. Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ғундар ва Яҳё «вузӯ» нагуфтаанд, аз Шуъба».

## (35) Боб. (Ҳукми) вузӯ додани мард ёри худро

**181.** Муҳаммад ибни Салом ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Ҳорун ба мо хабар дод, аз Яҳё, аз Мӯсо ибни Уқба, аз Курайб – мавлои Ибни Аббос, аз Усома ибни Зайд: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун аз Арафот бозгашт, ба сӯи дараи Шиъб рӯй овард ва қазои ҳоҷат кард. Усома ибни Зайд гуфт: «Ман бар ӯ об мерехтам ва ӯ вузӯ мекард. Гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, оё намоз хонданӣ ҳастӣ?» Гуфт: «Вақту ҷои намоз дар пеш аст».*

**182.** Амр ибни Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: аз Яҳё ибни Саъид шунидам, ки гуфт: Саъд ибни Иброҳим ба ман хабар дод, ки Нофеъ ибни Ҷубайр ибни Мутъим ба ӯ хабар дод, ки ӯ аз Урва ибни ал-Муғира ибни Шуъба шунид, ки аз ал-Муғира ибни Шуъба нақл мекунад: *«Ӯ бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳ буд, ки ба қазои ҳоҷат рафт, Муғира бар ӯ об мерехт ва ӯ вузӯ мекард, рӯю дастон бишуст ва бар мӯзаҳояш масҳ кашид».*

## (36) Боб. Қироати Қуръон ва ғайри он баъди ҳадас расидан

Ва Мансур аз Иброҳим гуфт: «Дар ҳаммом бе таҳорат қироат кардан ва нома навиштан боке надорад». Ва Ҳаммод гуфт, аз Иброҳим: «Агар дар ҳаммом будагон лӯнгӣ дошта бошанд, саломашон деҳ ва агар не, салом мадеҳ».

**183.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Махрама ибни Сулаймон, аз Курайб – мавлои Ибни Аббос: Абдуллоҳ ибни Аббос ба ӯ хабар дод, *ки шаб дар хонаи Маймуна – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, монд ва ӯ хола-*

*аш буд: «Ва ман дар паҳлӯи болиш аз паҳнаи он барои хоб ҷой гирифтам ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва аҳли ӯ дар дарозои он барои хоб ҷой гирифтанд. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бихуфт. Дар ними шаб – ё каме пеш аз он, ё каме баъд аз он – пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бедор шуд ва бинишасту рӯю чашмон бо даст молида хобро аз худ дур кард». Сипас даҳ ояти охирини сураи «Оли Имрон»-ро қироат кард. Ба сӯи машки овезон рафт ва аз он вузӯ кард ва вузӯ некӯ анҷом дод. Бархосту намоз гузорид. Ибни Аббос гуфт: «Ва бархостаму айнан он чӣ ки ӯ кард, ман ҳам кардам. Сипас рафта дар паҳлӯи ӯ истодам. Ӯ дасти рости худро бар сари ман гузошт ва гӯши рости маро тоб додан гирифт. Пас ду ракъат намоз хонд, боз ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, баъд витрро хонд. Сипас дароз кашид, то муаззин назди ӯ омад. Он гоҳ бархост ва ду ракъат намози сабук хонд. Сипас берун рафт ва намози бомдод гузорид».*

## (37) Боб. Дар бораи касе, ки ҷуз баъд аз беҳушии гарон вузӯ накард

**184.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ҳишом ибни Урва, аз занаш – Фотима, аз бибияш Асмо бинти Абӯбакр, ки ӯ гуфт: *«Ба назди Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми гирифтани офтоб рафтам. Дидам, ки мардум истодаанду намоз мегузоранд. Ҳамчунин дидам, ки Оиша истодаасту намоз мегузорад. Гуфтам: «Ба мардум чӣ шудааст?» Оиша бо дасташ ба сӯи осмон ишорат карду гуфт: «Субҳона-л-Лоҳ». Ман гуфтам: «Аломати қиёмат аст?». Ӯ бо сараш ишорати тасдиқ кард. Ва ман ҳам то аз ҳуш рафтан ба намоз истодам; ва ба сарам об рехтан гирифтам. Чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз намоз фориғ шуд, Худоро ситоиш карду сано гуфт. Сипас гуфт: «Чизе намондааст, ки ман онро надида бошам, ба ғайр аз он чиз, ки дар ин мақоми худ дидам, ҳатто биҳишту дӯзахро. Ва ба ман ваҳӣ фиристода шуд, ки шумо андаруни қабр монанди – ё наздики – фитнаи Даҷҷол ба чизе гирифтор мешавед (ман намедонам, ки кадом аз ин ду калимаро Асмо гуфт), ки онро наздики ҳар яки шумо оварда гӯянд: «Дар бораи ин мард чӣ медонӣ?» Аммо*

*он кас, ки имон – ё яқин – дорад, (намедонам, ки кадом аз ин ду калимаро Асмо гуфт) – мегӯяд: «Ӯ Муҳаммад, пайғамбари Худо аст, ки нишонаҳои возеҳ (оятҳо) ва ҳидоят ба мо овард. Мо даъвати ӯро пазируфтему имон овардем ва ӯро пайравӣ намудем. Ба ӯ гӯянд: «Ту солеҳӣ, бихоб. Мо донистем, ки ту мӯъмин будаӣ. Аммо мунофиқ – ё шаккок (намедонам, ки кадоме аз инро Асмо гуфт) – мегӯяд: «Намедонам, аз мардум шунидам, ки чизе мегӯянд ва ман ҳам гуфтам».*

## (38) Боб. Масҳ кашидани тамоми сар. Бино бар сухани Худои Таъоло: «Ва сари худро масҳ кашед» (5:6)

Ва Ибни ал-Мусайяб гуфт: «Зан дар ин бобат баробари мард аст: сари худро масҳ мекашад».

Аз Молик пурсиданд: «Оё равост, ки қисме аз сарро масҳ кашанд?» (Молик) ҳадиси Абдуллоҳ ибни Зайдро ҳуҷҷат овард.

**185.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Амр ибни Яҳё ал-Мозинӣ, аз падараш, ки марде ба Абдуллоҳ ибни Зайд гуфт – ва ӯ бобои Амр ибни Яҳё буд: «Оё метавонӣ ба ман нишон диҳӣ, ки *пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна вузӯ мекард?» Абдуллоҳ ибни Зайд гуфт: «Оре». Ва об хост, пас обро ба дастонаш рехту онҳоро ду бор шуст. Сипас даҳан ва биниашро се бор шуст. Пасон рӯяшро се бор шуст. Дастонашро дуборӣ то оринҷ шуст. Баъд бо ду даст сарашро масҳ кашид, дастҳо пешу пас бурд: (бо ду даст) аз пеши сараш оғоз карда онҳоро ба қафо бурд, сипас ба ҷое бозовард, ки аз он сар карда буд. Пасон ду пояшро шуст».*

## (39) Боб. Шустани пойҳо то шитоланг

**186.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл кард, аз Амр, аз падараш, ки гуфт: «Амр ибни Абӯҳасанро дидам, ки аз Абдуллоҳ ибни Зайд *дар бораи тарзи вузӯи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кард. Ӯ зарфи об хост ва ба онҳо тарзи вузӯи пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нишон дод: аз зарф ба даст об гирифта ду дасташро се бор шуст. Сипас даст ба зарф андохт, бо се каф об мазмаза кард ва ба биниаш об кашида афшонд. Ва боз дасташро андохту рӯяшро се бор шуст, пасон дастҳо то оринҷ ду бор шуст. Пасон даст андохт, сарашро масҳ кашида ду даст як бор пешу*

*қафо бурд. Сипас ду пояшро то шитоланг шуст».*

## (40) Боб. Истеъмоли бақияи оби таҳорати дигарон

Ва Ҷарир ибни Абдуллоҳ ба аҳли хонааш фармуд, ки бо бақияи оби мисвок кардаи ӯ вузӯ кунанд.

**187.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: ал-Ҳакам ба мо нақл карда гуфт: аз Абӯҷуҳайфа шунидам, ки мегуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар гармои нимрӯз ба назди мо баромад. Ва ба ӯ оби таҳорат оварданд, ӯ вузӯ кард. Мардумон аз бақияи оби вузӯи ӯ мегирифтанд ва онро ба худ мемолиданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду ракъат намози зӯҳр ва ду ракъат намози аср гузорид ва дар пеши ӯ найзак буд».*

**188.** Ва Абӯмӯсо гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, қадаҳе об хост. Ва дасту рӯяшро дар он қадаҳ бишуст ва ба даҳон як ҷуръа об гирифта ба он қадаҳ рехт. Сипас ба онҳо (Абӯмӯсо ва Билол) фармуд «Аз ин об бинӯшед ва ба рӯю гардан бирезед».*

**189.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Яъқуб ибни Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Солеҳ, аз Ибни Шиҳоб, гуфт: *Маҳмуд ибни ар-Рабеъ ба ман хабар дода гуфт, ки вақте ӯ хурдсол буд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз (оби) чоҳи онҳо ба даҳон гирифта, ба рӯи ӯ пошид. Урва, аз ал-Мисвар ва аз ғайри ӯ, ки ҳар яки онҳо суханони дигариро тасдиқ мекунад, гуфт: «Ҳар гоҳ ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вузӯ мекард, одамон барои аз оби вузӯи вай насиба гирифтан талош мекарданд».*

## (41) Боб

**190.** Абдурраҳмон ибни Юнус ба мо нақл карда гуфт: Ҳотам ибни Исмоил ба мо нақл кард, аз ал-Ҷаъд, гуфт: аз ас-Соиб ибни Язид шунидам, ки мегуфт: *«Холаам маро назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бурду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, хоҳарзодаам дарди по дорад». Ӯ сарамро сила карду барои ман дуои баракат кард.Сипас вузӯ кард ва ман аз оби вузӯи ӯ нӯшидам. Баъдан дар пушти ӯ рост истодам ва дар байни ду китфонаш ба мӯҳри пайғамбарӣ назар афкандам, ки монанди тугмаи саропарда (ё тухми кабк) буд».*

## (42) Боб. Дар бораи касе, ки бо як каф об мазмаза ва истиншоқ кунад

**191.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Холид ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Яҳё ба мо нақл кард, аз падараш, аз Абдуллоҳ ибни Зайд, *ки ӯ аз зарфе ба дастонаш об рехт ва онҳоро шуст. Сипас бо як каф об шуст – ё мазмаза ва истиншоқ кард. Ва ин амалро се бор анҷом дод. Баъд дастон то оринҷ дуборӣ шуст ва сарашро даст пешу пас бурда масҳ кашид ва ду пой то шитоланг шуст. Баъдан гуфт: «Вузӯи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба чунин тарз аст».*

## (43) Боб. Як бор масҳ кашидани сар

**192.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Яҳё ба мо нақл кард, аз падараш, гуфт: «Амр ибни Абӯҳасанро дидам, ки аз Абдуллоҳ ибни Зайд *дар бораи вузӯи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кард. Ӯ зарфи об хост ва дар назди онҳо вузӯ кард: ба ду даст об гирифта онҳоро се бор шуст. Сипас даст ба зарф андохт ва бо се каф об се бор мазмаза кард ва ба бинӣ об кашида афшонд. Пасон даст ба зарф андохту рӯяшро се бор шуст, боз даст ба зарф даровarду дастон то оринҷ дуборӣ шуст. Баъд даст ба зарф андохт ва сарашро масҳ кашид ва дастҳо пеш бурду қафо кашид. Боз даст ба зарф андохту ду пояшро шуст».*

Ва Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: «Сарашро як бор масҳ кашид».

## (44) Боб. Вузӯ кардани мард ҳамроҳ бо занаш

Ва (ҳукми) оби боқимондаи зарф баъди вузӯ кардани зан. Ва Умар аз хонаи зани насронӣ оби гарм гирифта вузӯ кард.

**193.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки ӯ гуфт: *«Мардону занон дар замони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳама дар як ҷо вузӯ мекарданд».*

## (45) Боб. Оби вузӯи худро ба шахси мадҳуш пошидани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам

**194.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни ал-Мункадир, гуфт: аз Ҷобир шунидам, ки мегуфт: *«Ҳангоми беморӣ, ки аз ҳуш рафта будам, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба иёдати ман омад. Ӯ вузӯ кард ва аз оби вузӯи худ ба ман пошид. Ман ба ҳуш омадам ва гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, мерос(-и ман) ба кӣ бояд монад? Зеро меросхӯри ман калола (хеши дур) аст». Пас ояту-л-Фароиз нозил шуд».*

### (46) Боб. Ғусл ва вузӯ кардан дар тағора, қадаҳ, зарфи чӯбин ё сангин

**195.** Абдуллоҳ ибни Мунир ба мо нақл кард, ки аз Абдуллоҳ ибни Бакр шунидааст, ки гуфт: Ҳумайд ба мо нақл кард, аз Анас, гуфт: *«Вақти намоз(-и аср) фаро расид. Ва касоне, ки манзилашон наздик буд, ба сӯи аҳли худ рафтанд. Гурӯҳе монданд. Ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, тағораи сангин оварданд, ки дар он об буд. Тағора он қадар хурд буд, ки андаруни он имкони panҷа кушодан набуд. Ва он гурӯҳ ҳама вузӯ карданд. Гуфтем: «Чанд кас будед?» Гуфт: «Ҳаштоду анд».*

**196.** Муҳаммад ибни ал-Ало ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Бурайд, аз Абӯбурда, аз Абӯмӯсо: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, қадаҳе об хост. Ва дастону рӯй дар он қадаҳ бишуст ва ба даҳон як ҷуръа об гирифта боз ба он қадаҳ рехт».*

**197.** Аҳмад ибни Юнус ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Абӯсалама ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Яҳё ба мо нақл кард, аз падараш, аз Абдуллоҳ ибни Зайд, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад ва мо барои ӯ дар зарфи мисин об овардем. Ӯ вузӯ карду рӯяшро се бор ва дастҳо дуборӣ шуст. Баъд дастҳо пешу пас бурда сарашро масҳ кашид ва ду пояшро шуст».*

**198.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ба ман хабар дод, ки Оиша гуфт: *«Вақте ки ҳоли пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вазнин гашту дардаш шиддат гирифт, аз занонаш иҷозат хост, ки бемордории ӯ дар хонаи ман сурат гирад. Онҳо иҷозат доданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо (ёрии) ду мард – Аббос ва марде дигар аз ду тараф – пойҳояшро болои замин кашида берун омад». – Убайдуллоҳ гуфт:*

*«Ман ба Абдуллоҳ ибни Аббос дар ин хасус хабар додам». Ӯ гуфт: «Оё медонӣ он марди дигар кӣ буд?» Гуфтам: «Не». Гуфт: «Ӯ Алӣ буд». – Ва Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, нақл мекард, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъд аз он ки ба хона даромаду дардаш шиддат гирифт, гуфт: «Дар ҳафт машки даҳонбаста об биёред ва аз болои ман резед, шояд ки ман назди мардум васият кунам». Ӯро ба тағорае аз они Ҳафса – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нишониданд. Сипас мо оби машкҳоро аз сари ӯ рехтан гирифтем, то вақте ки ишорат кард: ҳамин кофист. Баъдан ба ҳузури мардум баромад».*

## (47) Боб. Вузӯ кардан аз ташт

**199.** Холид ибни Махлад ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Яҳё ба ман нақл кард, аз падараш, ки гуфт: амаки ман дурудароз вузӯ мекард, ба Абдуллоҳ ибни Зайд гуфт: *«Ба ман хабар деҳ: пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидӣ, ки чӣ гуна вузӯ мекард?» Абдуллоҳ ташти об хосту ба дастонаш об рехта онҳоро се бор шуст. Сипас даст ба ташт андохту як каф об гирифта бо он се бор мазмаза кард ва об аз бинӣ афшонд. Боз даст андохт ва дар каф об гирифта рӯяшро се бор шуст. Баъд дастҳо то оринҷ дуборӣ шуст. Ба даст об гирифт ва дастҳо пасу пеш бурда сарашро масҳ кашид. Пойҳояшро шуст ва гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки ҳамчунин вузӯ мекард».*

**200.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Собит, аз Анас: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зарфе об хост. Ба ӯ қадаҳи тагпаҳн оварданд, ки дар он андаке об буд. Ӯ ангуштонашро дар он гузошт». Анас гуфт: «Ман ба обе, ки аз миёни ангуштонаш берун мебаромад, менигаристам». Анас гуфт: «Ман баршумурдам, ки тахминан ҳафтод-ҳаштод кас вузӯ кард».*

## (48) Боб. Бо як муд(д) об вузӯ кардан

**201.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Мисъар ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ҷабр ба ман нақл карда гуфт: аз Анас шунидам, ки мегуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо як соъ то панҷ муд(д) об ғусл – ё шустушӯ – мекард ва бо як муд(д) об вузӯ мекард».*

## (49) Боб. Масҳ кашидан бар мӯзаҳо

**202.** Асбағ ибни ал-Фараҷ ал-Мисрӣ ба мо нақл кард, аз Ибни Ваҳб, гуфт: Амр ба ман нақл карда гуфт: Абунназр ба ман нақл кард, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Абдуллоҳ ибни Умар, аз Саъд ибни Абӯваққос, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, *ки ӯ бар ҳар ду мӯза масҳ кашид. Ва Абдуллоҳ ибни Умар дар ин бора аз Умар суол кард. Ӯ гуфт: «Оре, агар Саъд аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ту чизе нақл кунад, дар бораи он аз каси дигар суол макун».*

Ва Мӯсо ибни Уқба гуфт: Абунназр ба ман хабар дод: Абӯсалама ба вай хабар дод, ки Саъд ба ӯ нақл кард, ки ҳадисе ба ин монандро Умар ба Абдуллоҳ гуфт.

**203.** Амр ибни Холид ал-Ҳарронӣ ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Саъид, аз Саъд ибни Иброҳим, аз Нофеъ ибни Ҷубайр, аз Урва ибни ал-Муғира, аз падараш – ал-Муғира ибни Шуъба, аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, *ки вай барои қазои ҳоҷат берун омад. Ва ал-Муғира бо як офтоба об аз паи ӯ рафт. Чун аз қазои ҳоҷат фориғ шуд, бар ӯ об рехт. Ӯ вузӯ карда бар мӯзаҳо масҳ кашид.*

**204.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Ҷаъфар ибни Амр ибни Умайя аз-Замрӣ, ки падараш ба ӯ хабар дод, *ки вай пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидааст, ки бар мӯзаҳо масҳ мекашид.*

Ва Ҳарб ибни Шаддод ва Абон (дар ривояти ин ҳадис ба Шайбон) пайравӣ кардаанд, аз Яҳё.

**205.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо хабар дод, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Ҷаъфар ибни Амр, аз падараш, ки гуфт: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, ки бар дастору мӯзаҳо масҳ мекашид».* Ва дар ривояти ин ҳадис Маъмар (ба ал-Авзоъӣ) пайравӣ кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Амр, гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам».

## (50) Боб. Дар бораи касе, ки дар ҳоли бо таҳорат будани пойҳо мӯза пӯшида бошад

**206.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Закарийё ба мо нақл кард, аз Омир, аз Урва ибни ал-Муғира, аз падараш, гуфт: *«Дар сафаре бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будам. Ман*

*даст дароз кардам, ки мӯзаҳояшро кашам. Ӯ гуфт: «Бигузор, ман пои бо таҳорат мӯза пӯшида будам». Пас бар онҳо масҳ кашид».*

## (51) Боб. Дар бораи касе, ки баъд аз (хӯрдани) гӯшти гӯсфанд ва савиқ (талқон) вузӯ накард

Ва Абӯбакр, Умар ва Усмон, разия-л-Лоҳу анҳум хӯрданду вузӯ накарданд.

**207.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор, аз Абдуллоҳ ибни Аббос, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (гӯшти) шонаи гӯсфанд хӯрд, баъд аз он намоз гузорид, вале вузӯ накард.*

**208.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, гуфт: Ҷаъфар ибни Амр ибни Умайя ба ман хабар дод, ки падараш ба ӯ хабар дод, *ки ӯ пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид, ки (гӯшти) шонаи гӯсфанд пора карда мехӯрд. Вақте ки ба намоз даъват карданд, ӯ кордро афканд ва вузӯ нокарда намоз гузорид.*

## (52) Боб. Дар бораи касе, ки (баъд) аз (хӯрдани) савиқ даҳон шуст, вале карду вузӯ накард

**209.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Яҳё ибни Саъид, аз Бушайр ибни Ясор – мавлои банӣ Ҳариса, ки Сувайд ибни ан-Нӯъмон ба ӯ хабар дод, *ки вай бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар соли ғазваи Хайбар берун омад. Чун ба ас-Саҳбо, ки аз Хайбар наздиктар аст, расиданд, намози аср гузорид. Сипас тӯша талабид, ба ҷуз савиқ (талқон) чизе наоварданд. Он гоҳ бифармуд, онро тарид карданд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз он бихӯрд ва мо низ хӯрдем. Сипас барои намози шом бархост ва даҳон шуст, мо низ даҳон шустем. Баъд аз он ӯ вузӯ нокарда намоз гузорид.*

**210.** Асбағ ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба мо хабар дода гуфт: Амр ба ман хабар дод, аз Букайр, аз Курайб, аз Маймуна, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар назди ӯ порае гӯшти шона(-и гӯсфанд) хӯрд, сипас вузӯ нокарда намоз гузорид.*

## (53) Боб. Оё (баъд) аз шир ошомидан даҳон мешӯянд?

**211.** Яҳё ибни Букайр ва Қутайба ба мо нақл карда гуфтанд: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба, аз Ибни Аббос, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шир ошомид, пас даҳон шуст ва гуфт: «Ин шир равған дорад».*

Юнус ва Солеҳ ибни Кайсон (дар ривояти ин ҳадис ба Уқайл) пайравӣ кардаанд, аз аз-Зуҳрӣ.

## (54) Боб. Андар вузӯ кардан (баъд) аз хоб; ва дар бораи касе, ки (баъд) аз як-ду пинак ё ғунудан вузӯро (лозим) намедонад

**212.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Агар касеро аз шумо ҳангоми намоз гузоридан хоб ояд, бигузор бихобад, то хобаш биравад, зеро агар касеро аз шумо вақти намоз гузоридан хоб ояд, шояд надонад, ки ӯ омурзиш металабад ё худро дашном медиҳад».*

**213.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Айюб ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Агар касеро аз шумо ҳангоми намоз хоб ояд, беҳтар аст бихобад, то бидонад, ки чӣ мехонад».*

## (55) Боб. Ҳадас воқеъ нашуда вузӯ кардан

**214.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Амр ибни Омир, гуфт: аз Анас шунидам (таҳвил).

Ва Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Суфён, гуфт: Амр ибни Омир ба ман нақл кард, аз Анас, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои ҳар як намоз вузӯ мекард». Гуфтам: «Шумо чун мекардед?» Гуфт: Барои ҳар яки мо модом ки ҳадас нарасида бошад, як вузӯ (барои ҳамаи намозҳо) басанда бувад».*

**215.** Холид ибни Махлад ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба ман нақл карда гуфт: Бушайр ибни Ясор ба ман хабар дода гуфт: Сувайд ибни ан-Нуъмон

ба ман хабар дода гуфт: *«Мо бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар соли (ғазваи) Хайбар берун омадем. Чун ба ас-Саҳбо расидем, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намози аср ба мо имоматӣ кард. Чун намоз гузорид, таом талабид. Ва ба ҷуз савиқ (талқон) чизе ба ӯ наоварданд. Мо хӯрдем ва нӯшидем. Сипас пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои намози шом бархост ва даҳон бишуст. Сипас вузӯ нокарда дар намози шом ба мо имоматӣ кард».*

## (56) Боб. Аз гуноҳони кабира аст, агар касе аз расидани пешоб худро эҳтиёт накунад

**216.** Усмон ба ман нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Муҷоҳид, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз байни яке аз боғҳои Мадина – ё Макка – мегузашт, овози ду инсонро шунид, ки андаруни қабрҳояшон азоб дода мешуданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Онҳоро азоб медиҳанд, лекин на барои гуноҳи кабира азоб медиҳанд». Сипас гуфт: «Бале. Яке аз онҳо аз расидани пешоб худро эҳтиёт намекард; дигарӣ суханчинӣ карда мегашт». Баъд шохаи дарахти хурмо талабид ва онро ба ду нима шикаст. Ҳар нимаро ба сари қабри ҳар яке аз онҳо гузошт. Ба ӯ гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, ин кор барои чӣ кардӣ?» Гуфт: «Шояд то хушкидани ин шохаҳо азобашон сабук шавад».*

## (57) Боб. Он чӣ дар шустани пешоб омадааст

Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳаққи шахси дар қабр буда гуфт: «Аз расидани пешоб худро эҳтиёт намекард». Ва ба ҷуз масъалаи пешоб кардани мардум чизеро ёд накард.

**217.** Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Равҳ ибни ал-Қосим ба ман нақл карда гуфт: Ато ибни Абӯмаймуна ба ман нақл кард, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар гоҳ қазои ҳоҷат мекард, ман ба ӯ об мебурдам ва ӯ худро мешуст».*

## (58) Боб

**218.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт:

Муҳаммад ибни Хозим ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Муҷоҳид, аз Товус, аз Ибни Аббос, гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди ду қабр мегузашт ва гуфт: *«Бешак ин дуро на барои гуноҳи кабира азоб медиҳанд: яке аз онҳо аз расидани пешоб худро эҳтиёт намекард ва дигарӣ суханчинӣ карда мегашт». Сипас шохаи тари дарахти хурморо гирифт ва онро ду нима шикаст. Ва дар ҳар қабр яке аз онҳоро устувор кард. Гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, ин кор барои чӣ кардӣ?» Гуфт: «Шояд то хушкидани ин шохаҳо азобашон сабук шавад».*

Ибни ал-Мусанно гуфт: ва Вакеъ ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл карда гуфт: «Ҳадисе монанди инро аз Муҷоҳид шунидам».

### (59) Боб. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва мардум аъробиро (ба ҳолаш) гузоштанд, то аз пешоб кардан дар масҷид фориғ шавад

**219.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммом ба мо нақл карда гуфт: Исҳоқ ба мо хабар дод, аз Анас ибни Молик, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аъробиеро дид, ки дар масҷид бавл мекард, гуфт: *«Ӯро бигузоред».* Чун аъробӣ фориғ шуд, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, об хост ва бифармуд, *то болои он пешоб рехтанд*.

### (60) Боб. Рехтани об дар он ҷои масҷид, ки бавл кардаанд

**220.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд ба ман хабар дод, ки Абӯҳурайра гуфт: аъробие бархосту дар масҷид бавл кард. Мардум ӯро накӯҳиш карданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба онҳо гуфт: *«Ӯро бигузоред ва болои пешоби ӯ як сатил – ё як зануб (сатили калон) – об резед, зеро ки шумо барои осон кардан маъмур ҳастед, на барои душвор кардан маъмуред».*

Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо хабар дода гуфт: аз Анас ибни Молик шунидам, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: ҳамин ҳадисро.

## (61) Боб. Рехтани об дар ҷое, ки бавл кардаанд

**221.** Ва Холид ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Саъид, гуфт: аз Анас ибни Молик шунидам, ки гуфт: *«Аъробие омад ва дар гӯшаи масҷид бавл кард. Мардум ӯро сарзаниш карданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, онҳоро манъ кард. Ва чун аз пешоб кардан фориғ шуд, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фармуд, ки як сатил об болои он резанд».*

## (62) Боб. (Ҳукми) бавли кӯдакон

**222.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша – модари мӯъминон, ки ӯ гуфт: *«Ба назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, кӯдакеро оварданд ва кӯдак бар ҷомаи ӯ бавл кард. Пас об хосту онро дар ҳамон ҷо(-и бавл) рехт.*

**223.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба, *аз Умм Қайс бинти Миҳсан, ки ӯ писари хурди худро, ки ҳанӯз хӯрок нахӯрда буд, ба назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, овард. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ӯро дар канори худ шинонд ва кӯдак бар ҷомаи ӯ бавл кард. Он гаҳ ӯ об хосту ба он ҷо рехт, вале онро нашуст.*

## (63) Боб. Рост истода ва нишаста пешоб кардан

**224.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Абӯвоил, аз Ҳузайфа, гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мазбалаи қавме рафт ва рост истода пешоб кард. Сипас об хост. Ман об овардам ва ӯ вузӯ кард».*

## (64) Боб. Деворро паноҳ гирифта дар наздикии ҳамроҳи худ пешоб кардан

**225.** Усмон ибни Абӯшайба ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Абӯвоил, аз Ҳузайфа, гуфт: *«Ёд дорам, ки ману пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳ мерафтем. Ва ӯ дар мазбалаи қавме паси деворе рафта рост истод, чунон ки ҳар касе аз шумо рост меистад. Ва пешоб кард. Ман аз ӯ дур шудам. Ӯ ба ман ишорат кард ва ман наздики ӯ*

*омада дар ақибаш истодам, то фориғ шуд».*

## (65) Боб. Пешоб кардан дар мазбалаи қавме

**226.** Муҳаммад ибни Аръара ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Абӯвоил, ки гуфт: *«Абӯмӯсо ал-Ашъарӣ сахт исрор мекард, ки аз расидани пешоб эҳтиёт кунанд ва мегуфт: «Ҳар гоҳ ба либоси касе аз банӣ Исроил пешоб мерасид, онро мебуррид». Ҳузайфа гуфт: «Кошки Абӯмӯсо дар ин маврид исрор намекард, зеро пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар мазбалаи қавме рафта рост истода пешоб кард».*

## (66) Боб. Шустани хун

**227.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Ҳишом, гуфт: Фотима ба ман нақл кард, аз Асмо, ки гуфт: *«Зане назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду суол кард: «Оё касе аз мо дар либоси худ хуни ҳайз бинад, чӣ бояд кунад?» Гуфт: «Онро пок кунад, баъд онро тар карда бисояд, бар он об резад ва намоз хонад».*

**228.** Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абӯмуъовия ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ибни Урва ба мо нақл кард, аз падараш, аз Оиша, гуфт: *«Фотима – духтари Абӯҳубайш ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду пурсид: «Эй пайғамбари Худо, ман занеам, ки истиҳоза мебинам ва пок намешавам, оё намозро тарк гӯям?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Не, ҷуз ин нест, ки он хуни раг бошад ва ҳайз нест. Ва ҳар гоҳ туро ҳайз фаро расад, намозро тарк кун ва агар фурӯ монад, аз худ хунро шуста ғусл кун, сипас намоз гузор». (Ҳишом ибни Урва) гуфт: ва падарам гуфт: «Барои ҳар як намоз вузӯ кун то фаро расидани вақти ҳайзи дигар».*

## (67) Боб. Шустани манӣ ва молида пок кардани он; ва шустани он чӣ ки аз намии зан мерасад

**229.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Амр ибни Маймун ал-Ҷазарӣ ба мо хабар дод, аз Сулаймон ибни Ясор, аз Оиша, ки гуфт: *«Аз либоси пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҷанобатро мешустам, пасон ӯ ба намоз*

*берун мешуд ва ҳамоно дар либосаш ҷо-ҷо тарӣ буд».*

**230.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Язид ба мо нақл карда гуфт: Амр ба мо нақл кард, аз Сулаймон, гуфт: аз Оиша шунидам (таҳвил).

Ва Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Маймун ба мо нақл кард, аз Сулаймон ибни Ясор, гуфт: *«Аз Оиша дар бораи мании ба либос расида суол кардам. Ӯ гуфт: «Ман онро аз либоси пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мешустам, пас ӯ ба намоз берун мешуд ва дар либосаш ҷо-ҷо асари тарӣ боқӣ буд».*

## (68) Боб. Ҳар гоҳ ҷанобат ва ғайри он шуста шаваду асари шустан боқӣ монад

**231.** Мӯсо ибни Исмоил ал-Минқарӣ ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Маймун ба мо нақл карда гуфт: аз Сулаймон ибни Ясор дар бораи либосе, ки ба он ҷанобат расидааст, шунидам, ки гуфт: Оиша гуфт: *«Ман онро аз либоси пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мешустам, пасон ӯ ба намоз берун мешуд ва дар либосаш ҷо-ҷо тарӣ – асари шустагӣ боқӣ буд».*

**232.** Амр ибни Холид ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Маймун ибни Меҳрон ба ман нақл кард, аз Сулаймон ибни Ясор, *аз Оиша, ки ӯ маниро аз либоси пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мешустааст. (Гуфт): «Медидам, ки дар як ё чанд ҷои либос доғ боқӣ мондаast».*

## (69) Боб. Ҳукми бавли шутур, чорпои саворӣ ва гӯсфанд; ва оғилҳо

Ва Абӯмӯсо дар Дору-л-барид ва рӯи саргин намоз гузорид ва ҳол он ки замини биёбон дар паҳлӯяш буд, гуфт: «Ин ҷо ва он ҷо баробар аст».

**233.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Абӯқилоба, аз Анас, ки гуфт: *«Мардумоне аз қабилаи Укл – ё Урайна – омаданд ва дар Мадина гирифтори шикамдард шуданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба онҳо фармуд пеши шутурони дӯшо раванду бавлу ширашонро нӯшанд. Онҳо рафтанд. Ва чун шифо ёфтанд, шутурбони пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, куш-*

*танд ва шутурон бирондананд. Ин хабар дар аввали рӯз расид. Ва ӯ аз паси онҳо кас фиристод. Чун рӯз баланд шуд, онҳоро овар-данд. Ӯ фармуд, то дасту пойҳояшон буриданд ва чашмонашон кофта гирифтанд. Ва онҳоро ба ал-Ҳарра партофтанд. Онҳо об металабиданд, вале намеёфтанд».*

Абӯқилоба гуфт: «Инҳо дуздӣ карданд, хун рехтанд, баъди имон овардан кофир шуданд ва бо Худову пайғамбараш ситезиданд».

**234.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Абуттайёҳ Язид ибни Ҳумайд ба мо хабар дод, аз Анас, гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш аз он ки масҷид бино кунад, дар хобгоҳи гӯсфандон намоз мехонд».*

## (70) Боб. Андар наҷосате, ки дар равғани зард ва об афтад

Ва аз-Зуҳрӣ гуфт: «Ошомидани обе, ки таъм, бӯй ва ранги он дигаргун нашуда бошад, боке надорад».

Ва Ҳаммод гуфт: «Дар пари паррандаи худмурда зиёне нест».

Ва аз-Зуҳрӣ дар бораи устухони мурдор – аз қабили фил ва ғайри он гуфт: «Аз олимони гузашта мардумонеро дарёфтаам, ки аз он барои худ шона ва равғандон месохтанд ва аз он боке на-доштанд».

Ва Ибни Сирин ва Иброҳим гуфтанд: «Дар хариду фурӯши оҷ боке нест».

**235.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд, аз Ибни Аббос, аз Маймуна, *ки аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи муше, ки дар равғани зард афтодааст, суол карданд. Ӯ гуфт: «Он муш ва равғани ат-рофи онро берун афканед ва бақияро бихӯред».*

**236.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Маън ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд, аз Ибни Аббос, аз Маймуна, *ки аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва сал-лам, дар бораи муше, ки дар равғани зард афтодааст, суол кар-данд». Ӯ гуфт: «Он муш ва он чиро, ки дар атрофи он аст, бе-рун афканед».* Маън гуфт: «Молик ба мо ҳадисҳои бешумореро дар ин бора нақл карда мегуфт, аз Ибни Аббос, аз Маймуна».

**237.** Аҳмад ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз Ҳаммом ибни

Мунаббеҳ, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар захме, ки дар роҳи Худо ба мусулмон мерасад, дар рӯзи қиёмат монанди ҳамон шаклаш дода шавад, ки ҳангоми захм хӯрдан хун ҷӯшида баромада буд: ранг – ранги хун ва бӯй – бӯи мушк».*

## (71) Боб. Бавл кардан дар оби истода

**238.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дода гуфт: Абуззинод ба мо хабар дод, ки Абдурраҳмон ибни Ҳурмуз ал-Аъраҷ ба ӯ нақл кард, ки ӯ аз Абӯҳурайра шунид, ки ӯ аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунид, ки мегуфт: *«Мо вомондагон(-и ин ҷаҳон) ва пештозон(-и рӯзи қиёмат) ҳастем».*

**239.** Ва бо ҳамин иснодаш гуфт: *«Касе аз шумо бояд дар оби истодае, ки ҷорӣ намешавад, ҳаргиз бавл накунад, (шояд) ки баъдан дар он ғусл кунад».*

## (72) Боб. Агар дар пушти намозгузор палидӣ ё мурдорӣ афтад, намозаш фосид намешавад

Ибни Умар вақти намоз хондан агар дар либоси худ хун медид, (либосро) фурӯ мегузошт ва намозро давом медод. Ва Ибни ал-Мусайяб ва аш-Шаъбӣ гуфтанд: «Агар касе ҳангоми намоз дар либосаш хун ё ҷанобат бинад ё рӯй ба сӯи қибла набошад, ё таяммум карда намоз хонаду то қазо шудани вақти намоз об ёбад, намозро дубора намехонад».

**240.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман хабар дод, аз Шуъба, аз Абӯисҳоқ, аз Амр ибни Маймун, аз Абдуллоҳ, ки гуфт: «Дар он вақт ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар саҷда буд (таҳвил).

Гуфт: Ва Аҳмад ибни Усмон ба ман нақл карда гуфт: Шурайҳ ибни Маслама ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Юсуф ба мо нақл кард, аз падараш, аз Абӯисҳоқ, ки гуфт: Амр ибни Маймун ба ман нақл кард, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд ба ӯ нақл кард: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар назди хонаи Каъба намоз мехонд ва Абӯҷаҳлу ёронаш дар он ҷо ҳузур доштанд. Баъзе аз онҳо ба баъзеи дигар гуфтанд: «Кадоми шумо аз шутуре, ки банӣ фалон куштаанд, пардаи ҳамроҳакро меорад ва онро ҳангоми саҷда ба пушти Муҳаммад мегузорад?» Бадбах-*

*ттарини он гурӯҳ аз ҷо бичасту онро овард. Ва он лаҳзаро нигарон шуд, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба саҷда рафт, пардаи ҳамроҳакро дар пушти ӯ байни ду китф гузошт. Ман менигаристаму чорае карда наметавонистам. Эй кош, маро ёрову тавоне мебуд». Гуфт: «Баъд ба ханда даромаданд ва (аз шиддати ханда) якдигарро нишон дода ба худ мепечиданд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки дар саҷда буд, сар набардошт, то Фотима наздики ӯ омаду он ҳамроҳакро аз пушти ӯ дур андохт. Баъдан ӯ сар бардошту се бор гуфт: «Бор Худоё, Қурайшро ҳалок соз!» Ин дуои ӯ бар онҳо душвор афтод». Гуфт: «Ва онҳо чунон медонистанд, ки дуо дар ин шаҳр мустаҷоб хоҳад буд. Сипас як-як ном гирифт: «Бор Худоё, Абӯҷаҳлро ҳалок соз, Утба ибни Рабиъа, Шайба ибни Рабиъа, ал-Валид ибни Утба, Умайя ибни Халаф ва Уқба ибни Абӯмуъайтро ҳалок соз!» Ва ҳафтумро баршумурд, ки он аз ёди мо рафтааст». Гуфт: «Қасам ба он Зот, ки ҷони ман бар дасти Ӯст, дар ҳақиқат ҳамаи ононеро, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баршумурд, кушта ва дар чоҳи хушкида афканда дидам – дар чоҳи Бадр».*

## (73) Боб. Ҳукми оби даҳону бинӣ ва монанди он, ки дар либос афкандааст

Ва Урва гуфт, аз Мисвар ва Марвон: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар вақти ғазваи Ҳудайбия берун омад...» Он гоҳ ин ҳадисро зикр кард: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз тасодуф оби даҳон берун афканад ҳам, он албатта, дар кафи дасти марде аз ёронаш меафтид. Ин мард онро ба рӯю баданаш мемолид».

**241.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Ҳумайд, аз Анас, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оби даҳон бар либоси ӯ афканд».*

(Абӯабдуллоҳ гуфт): Ибни Абӯмарям онро тӯлонитар нақл кард. Яҳё ибни Айюб ба мо хабар дода гуфт: Ҳумайд ба ман нақл карда гуфт: аз Анас шунидам, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (74) Боб. Андар ҷоиз набудани вузӯ бо май ва моеи масткунанда

Ва ал-Ҳасан ва Абулъолия онро макрӯҳ гуфтанд. Ва Ато гуфт:

«Барои ман таяммум аз вузӯ кардан бо маю шир авлотар аст».

**242.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Абӯсалама, аз Оиша, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар ошомидание, ки маст кунад, ҳаром аст».*

## (75) Боб. Аз рӯи падар хунро шустани зан

Ва Абулъолия гуфт: «Пои маро масҳ кашед, чун он дардманд аст».

**243.** Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Суфён ибни Уяйна ба мо хабар дод, аз Абӯҳозим, ки аз Саҳл ибни Саъд ас-Соъидӣ шунидааст ва мардум аз ӯ суол карданд, он гоҳ байни ману ӯ касе набуд: *«Захми пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо чӣ чиз даво карданд?» (Саҳл) гуфт: «Касе намондааст, ки инро аз ман беҳтар донад. Алӣ дар сипараш об меовард ва Фотима аз рӯи ӯ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хунро мешуст. Пасон бӯрёпораеро сӯзонданд ва онро ба захмаш гузоштанд».*

## (76) Боб. Андар мисвок кардан

Ва Ибни Аббос гуфт: «Шабе назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мондам, дидам ӯ дандонҳо мисвок кард».

**244.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Ғайлон ибни Ҷарир, аз Абӯбурда, аз падараш, ки гуфт: *«Ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омадам ва ӯро дарёфтам, ки мисвок дар даст дошт ва дандонҳо тоза мекарду мисвок дар даҳон мегуфт: «Ӯъ, ӯъ», мисли ин ки қай мекарда бошад».*

**245.** Усмон ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Абӯвоил, аз Ҳузайфа, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шаб аз хоб мехест, даҳон бо мисвок мешуст».*

## (77) Боб. Андар мисвок додан ба калонсолтар

**246.** Ва Аффон гуфт: Сахр ибни Ҷувайрия ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дар хоб дидам, ки бо мисвоке дандонҳо сивок мекардам. Ду мард назди ман омаданд, ки яке аз онҳо калонсолтар буд.*

*Мисвокро ба хурдсолтари онҳо дароз кардам. Ва (аз ғайб) ба ман гуфта омад: «Ба калонсолтар деҳ». Пасон ман мисвок ба калонсолтари онҳо додам».* Абӯабдуллоҳ гуфт: «Нуъайм ин ҳадисро ихтисор кард, аз Ибни ал-Муборак, аз Усома, аз Нофеъ, аз Ибни Умар».

## (78) Боб. Андар фазилати касе, ки шаб бо вузӯ хоб равад

**247.** Муҳаммад ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз Мансур, аз Саъд ибни Убайда, аз ал-Баро ибни Озиб гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ман гуфт: *«Чун равонаи ҷойхоб шавӣ, тавре ки барои намоз вузӯ мекунӣ, вузӯ кун. Сипас ба тарафи рост дароз каш, пасон бигӯ: «Аллоҳумма асламту ваҷҳӣ илайка; ва фаввазту амрӣ илайка; ва алҷаъту заҳрӣ илайка, рағбатан ва раҳбатан илайка; ло малҷаа ва ло манҷо минка илло илайка; Аллоҳумма оманту би Китобика-л-лазӣ анзалта ва би набиййика-л-лазӣ арсалта» (Бор Худоё, рӯй ба ҷониби Ту гардонидам; ва кори худ ба Ту вогузоштам; ва пушти худ ба паноҳи Ту супоридам аз рӯи рағбат ба Ту ва тарс аз Ту; ҷуз Ту ва ҷониби Ту паноҳе ва растангоҳе нест; Бор Худоё, ба он Китоб, ки Ту нозил кардаӣ ва он пайғамбар, ки Ту фиристодаӣ, имон овардам).*

*Ва агар дар ҳамон шаб бимирӣ, ту дар дини ислом мемирӣ. Ва ин суханонро гуфта хоб кун». Ал-Баро гуфт: «Он суханонро ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, такрор кардам. Ва чун ба «Аллоҳумма оманту би Китобика-л-лазӣ анзалта» расидам, гуфтам: «ва расулика». Гуфт: «Не, ва набиййика-л-лазӣ арсалта».*

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# V. КИТОБИ ҒУСЛ

*Ва сухани Худои Таъоло: «Ва агар боҷанобат бошед, пас ғусл кунед. Ва агар бемор ё мусофир бошед; ё яке аз шумо аз халоҷой биёяд; ё бо занон мубошарат карда бошед ва об наёбед, пас бо хоки пок таяммум кунед; ва аз он хок рӯи худ ва дастҳои худро масҳ кунед. Худо намехоҳад, ки бар шумо машаққате машрӯъ кунад, валекин мехоҳад, ки шуморо пок созад ва бар шумо неъмати Худро тамом кунад, то шавад ки шукргузорӣ кунед» (5:6). Ва сухани Ӯ, ҷалла зикруҳу: «Эй мӯъминон, дар ҳоле, ки шумо маст бошед, ба намоз наздик машавед, то он ки бифаҳмед, чӣ мегӯед; ва низ дар ҳолати ҷанобат, то ки ғусл кунед, магар он ки роҳгузар бошед. Ва агар бемор ё мусофир бошед; ё касе аз шумо аз қазои ҳоҷат биёяд; ё бо занон мубошарат кунед ва об наёбед, пас ба замини пок таяммум кунед: (яъне бо он) рӯй ва дастони худ масҳ кунед. Барҳақ Худо Афвкунандаи Бахшоянда аст»* (4:43).

### (1) Боб. Андар вузӯ кардан пеш аз ғусл

**248.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар гоҳ аз барои ҷанобат ғусл мекард, онро аз шустани дастон оғоз менамуд. Сипас ба монанди вузӯи намоз вузӯ мекард. Пасон ангуштҳо ба об меандохт ва бо онҳо буни мӯйҳояш хилол мекард. Сипас бо ду даст ба сараш се каф об мерехт. Баъдан ба тамоми баданаш об мерехт.*

**249.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба

мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Солим ибни Абулҷаъд, аз Курайб, аз Ибни Аббос, аз Маймуна – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мисли вузӯи намоз вузӯ кард, ба ғайр аз ду пояш. Ва аврати худ ва наҷосати ба он расидаро бишуст. Сипас бар худ об рехт. Пасон пойҳоро (аз маҳалли ғусл) берун гузошт ва шуст. Ин ғусли ӯ аз ҷанобат аст».*

## (2) Боб. Ғусл кардани мард бо занаш

**250.** Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Урва, аз Оиша, ки гуфт: *«Ману пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз як зарф, яъне аз як қадаҳ, ки онро «фарақ» гӯянд, ғусл мекардем».*

## (3) Боб. Бо як соъ об ва каму беш аз он ғусл кардан

**251.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абдуссамад ба ман нақл карда гуфт: Шуъба ба ман нақл карда гуфт: Абӯбакр ибни Ҳафс ба ман нақл карда гуфт: аз Абӯсалама шунидам, ки мегуфт: *«Ману бародари Оиша назди Оиша даромадем. Бародараш аз ӯ дар бораи ғусли пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кард. Ӯ дар зарфе тақрибан як соъ об хосту бо он ғусл кард ва ба сараш об рехт. Ва миёни мову ӯ ҳиҷобе буд».*

Абӯабдуллоҳ гуфт: Язид ибни Ҳорун, Баҳз ва ал-Ҷуддӣ гуфтанд, аз Шуъба: «Миқдори як соъ».

**252.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Одам ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл кард, аз Абӯисҳоқ, гуфт: Абӯҷаъфар ба мо нақл кард, *ки вақте ӯ бо падараш дар назди Ҷобир ибни Абдуллоҳ буданд, гурӯҳе дар бораи ғусл суол карданд. Ҷобир гуфт: «Барои ту як соъ об кифоят мекунад». Марде гуфт: «Барои ман кифоят намекунад». Ҷобир гуфт: «Барои касе, ки сермӯйтару беҳтар аз ту буд, кифоят мекард». Сипас ҷома ба бар карду ба мо имоматӣ кард.*

**253.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Ибни Уяйна ба мо нақл кард, аз Амр, аз Ҷобир ибни Зайд, аз Ибни Аббос, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо Маймуна аз як зарф ғусл мекарданд.* Ва Язид ибни Ҳорун, Баҳз ва ал-Ҷуддӣ гуфтанд, аз Шуъба: *«Миқдори як соъ».*

Абӯабдуллоҳ гуфт: «Вақтҳои охир Ибни Уяйна низ (ин ҳадисро) мегуфт, аз Ибни Аббос, аз Маймуна. Ва дуруст ҳамон

аст, ки Абӯнуъайм ривоят кардааст».

### (4) Боб. Дар бораи касе, ки ба сараш се бор об рехт

**254.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл кард, аз Абӯисҳоқ, гуфт: Сулаймон ибни Сурад ба ман нақл карда гуфт: Ҷубайр ибни Мутъим ба ман нақл карда гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Аммо ман ба сарам се бор об мерезам». Ва бо ҳар ду дастонаш ишора кард.*

**255.** Муҳаммад ибни Башшор ба ман нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Михвал ибни Рошид, аз Муҳаммад ибни Алӣ, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз сараш се бор об мерехт».*

**256.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Маъмар ибни Яҳё ибни Сом ба мо нақл карда гуфт: Абӯҷаъфар ба ман нақл карда гуфт: Ҷобир ба ман гуфт: «Писарамакат назди ман омад – ӯ ал-Ҳасан ибни Муҳаммад ибни ал-Ҳанафийяро дар назар дошт – гуфт: «Ғусл кардан аз ҷанобат чӣ гуна аст?» Гуфтам: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, се каф об гирифта аз сараш мерехт, сипас ба тамоми бадан мерехт». Ал-Ҳасан ба ман гуфт: «Ман марди сермӯй ҳастам». Ман гуфтам: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ту сермӯйтар буд».*

### (5) Боб. Ба як бор (об рехтан) анҷом додани ғусл

**257.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Солим ибни Абулҷаъд, аз Курайб, аз Ибни Аббос гуфт: Маймуна гуфт: *«Ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои ғусл об гузоштам. Ӯ дастонашро ду ё се бор шуст. Сипас ба кафи чап об рехта авраташро шуст. Пасон даст ба замин молид. Баъдан мазмаза ва истиншоқ кард ва рӯю дастонаш бишуст. Сипас ба танаш об рехт. Аз ҷои худ ба ҷои дигар гузашта пойҳоро шуст».*

### (6) Боб. Дар бораи касе, ки ба ғусл бо ҳилобу хушбӯӣ шурӯъ кунад

**258.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Абӯосим ба мо нақл кард, аз Ҳанзала, аз ал-Қосим, аз Оиша, ки гуфт:

*«Ҳар гоҳ ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ғусли ҷанобат мекард, чизе аз қабили ҳилоб металабид. Ва онро ба каф гирифта аз нимаи рости сараш ба молидан шурӯъ мекард, сипас ба нимаи чап ва баъд аз он бо ҳар ду каф бар (васати) сар мемолид».*

### (7) Боб. Мазмаза ва истиншоқ кардан ҳангоми (ғусли) ҷанобат

**259.** Умар ибни Ҳафс ибни Ғиёс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл карда гуфт: Солим ба ман нақл кард, аз Курайб, аз Ибни Аббос, гуфт: Маймуна ба мо нақл карда гуфт: *«Ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми ғусл об рехтам. Ва ӯ обро аз дасти рост ба чапаш рехта ҳар дуро бишуст. Сипас авраташро шуст. Пасон даст ба замин бурда ба хок молид, баъдан бишуст; мазмаза ва истиншоқ кард. Пас рӯяшро шуст ва аз сараш об рехт. Сипас як сӯ рафта ду пояшро шуст. Ба ӯ рӯймол (сачоқ) доданд, вале ӯ худро бо он пок накард».*

### (8) Боб. Андар молидани даст ба хок, то поктар шавад

**260.** Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр ал-Ҳумайдӣ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Солим ибни Абулҷаъд, аз Курайб, аз Ибни Аббос, аз Маймуна, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ғусли ҷанобат кард ва авраташро бо дасташ шуст. Сипас дасташро ба девор молида ва баъд аз он шуст. Пасон ба монанди вузӯи намоз вузӯ кард. Чун аз ғусл фориғ шуд, пойҳо бишуст.*

### (9) Боб. Оё ҷоиз аст шахси боҷанобат пеш аз даст шустан, онро ба оби зарф биандозад – дар ҳоле, ки дасташ ба ҷуз ҷанобат ба наҷосате нарасида бошад?

Ибни Умар ва ал-Баро ибни Озиб дастҳои худ нoшуста ба оби ғусл андохтанд, баъд вузӯ карданд. Ибни Умар ва Ибни Аббос дар он ки ҳангоми ғусли ҷанобат (аз бадан ба зарф) об пош хӯрда резад, зиёне надидаанд.

**261.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл карда гуфт: Афлаҳ ба мо хабар дод, аз ал-Қосим, аз Оиша, ки гуфт: *«Ману пайғамбар,*

*салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз оби як зарф ғусл мекардем ва дастҳоямон ба навбат рафта меомаданд».*

**262.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар гоҳ ғусли ҷанобат мекард, даст мешуст».*

**263.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абӯбакр ибни Ҳафс, аз Урва, аз Оиша, ки гуфт: *«Ману пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз як зарф ғусли ҷанобат мекардем».*

Ва ҳадисе монанди инро (Шуъба ба мо нақл кард), аз Абдурраҳмон ибни ал-Қосим, аз падараш, аз Оиша.

**264.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Ҷабр, гуфт: аз Анас ибни Молик шунидам, ки мегуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва яке аз занҳояш аз як зарф ғусл мекарданд».*

Муслим ва Ваҳб афзудаанд, аз Шуъба: «аз ҷанобат».

## (10) Боб. Андар ҷудогона ғуслу вузӯ кардан

Аз Ибни Умар зикр мешавад, ки ӯ баъди хушк шудани тарии вузӯ пойҳояшро мешуст.

**265.** Муҳаммад ибни Маҳбуб ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Солим ибни Абулҷаъд, аз Курайб – мавлои Ибни Аббос, аз Ибни Аббос, гуфт: Маймуна гуфт: *«Барои пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, об гузоштам, ки ғусл кунад. Ӯ ба ду даст об рехта ду ё себорӣ шуст. Сипас бо дасти рост ба дасти чапаш об рехт ва шармгоҳашро шуст. Он гаҳ даст ба замин молиду мазмаза ва истиншоқ кард. Баъд рӯю дастҳо шуст ва сарашро се бор шуст. Сипас ба танаш об рехт. Баъд аз ҷои худ ба ҷои дигар гузашта пойҳоро шуст».*

## (11) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми ғусл бо дасти рост ба дасти чапаш об резад

**266.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Солим ибни Абулҷаъд, аз Курайб – мавлои Ибни Аббос, аз Ибни Аббос, аз Маймуна бинти ал-Ҳорис, ки гуфт: *«Барои пайғамбари Худо,*

*салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оби ғусл гузоштам ва бар ӯ парда кашидам. Ӯ ба дасташ об рехт ва онро як ё ду бор шуст. – Сулаймон гуфт: «Ёд надорам, ки бори сеюмро зикр кард ё не». – Сипас бо дасти рост ба дасти чапаш об рехт ва авраташро шуст. Сипас дасташро ба замин ё девор молид, баъд мазмаза ва истиншоқ карду рӯй, дастон ва сарашро шуст. Сипас ба танаш об рехт. Баъд аз ҷои худ ба ҷои дигар гузашта пойҳоро шуст. Ман ба ӯ хирқае дароз кардам. Ва ӯ бо дасташ ишораи рад карду онро нахост».*

## (12) Боб. Дар бораи касе, ки ҷимоъ кунад ва баъдтар онро такрор кунад; ва касе, ки бо ҳамаи занҳояш буда бошаду як бор ғусл кунад

**267.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ибни Адӣ ва Яҳё ибни Саъид ба мо нақл карданд, аз Шуъба, аз Иброҳим ибни Муҳаммад ибни ал-Мунташир, аз падараш, ки гуфт: ба Оиша (сухани Ибни Умарро: «Ба ман маъқул нест, ки эҳром пӯшида бошаму аз ман бӯи хуш ояд») зикр кардам, Оиша гуфт: «Худо Абӯабдурраҳмонро раҳмат кунад, *ман ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хушбӯӣ мемолидам. Пасон ӯ (хонаи) занонашро як-як давр зада (бо онҳо ҳамхобӣ мекард). Сипас бомдод эҳром мепӯшид, аз бадани ӯ бӯи хуш мерасид».*

**268.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Муъоз ибни Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Қатода, гуфт: Анас ибни Молик ба мо нақл карда гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар соати муайяне аз шаб ва ё рӯз хонаи занонашро як-як давр мезад, (бо онҳо ҳамхобӣ мекард); онҳо ёздаҳ нафар буданд». Гуфт: «Ба Анас гуфтам: «Оё ба ҳамаи ин қувваташ мерасид?» Гуфт: «Мо аз ин хусус сӯҳбат доштем – ӯро қуввати сӣ ҷавонмард додаанд».* Ва Саъид гуфт, аз Қатода, ки Анас ба онҳо нақл кард: «Нӯҳ зан буданд».

## (13) Боб. Шустани мазӣ ва вузӯ кардан аз он

**269.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Зоида ба мо нақл кард, аз Абӯҳасин, аз Абӯабдурраҳмон, аз Алӣ, ки гуфт: *«Ман марде сермазӣ будам, (аз рӯи ҳаёи он, ки духтари пайғамбар, салла-л-*

*Лоҳу алайҳи ва саллам, зани ман буд), марди дигареро фармудам, ки дар ин хусус аз ӯ суол кунад». Он мард суол кард. Ва ӯ гуфт: «Вузӯ кун ва закаратро шӯй».*

### (14) Боб. Дар бораи касе, ки ба худ хушбӯӣ молад, пасон ғусл кунад ва асари хушбӯӣ дар ӯ боқӣ монда бошад

**270.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Иброҳим ибни Муҳаммад ибни ал-Мунташир, аз падараш, ки гуфт: *«Ба Оиша сухани Ибни Умарро: «Ба ман маъқул нест, ки эҳром пӯшида бошаму аз ман бӯи хуш ояд» зикр кардам. Оиша гуфт: «Ман ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хушбӯӣ молидам, пасон ӯ хонаи занонашро як-як давр зад (бо онҳо ҳамхобӣ кард). Сипас бомдод эҳром пӯшид».*

**271.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: ал-Ҳакам ба мо нақл кард, аз Иброҳим, аз ал-Асвад, аз Оиша, ки гуфт: *«Дурахшидани асари хушбӯӣ бар мӯи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле, ки ӯ эҳром пӯшида буд, ҳаргиз аз пеши назарам намеравад».*

### (15) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми ғусл мӯи худ хилол карда, ҳатто ба тар шудани буни мӯй бовар ҳосил карда бошад ҳам, боз ба мӯяш об резад

**272.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Ҳишом ибни Урва ба мо хабар дод, аз падараш, аз Оиша, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ғусли ҷанобат мекард, дастонашро мешуст ва монанди вузӯи намоз вузӯ мекард, баъд аз он ғусл мекард. Сипас бо дасташ мӯяшро хилол мекард, ҳатто ба тар шудани буни мӯй бовар ҳосил карда бошад ҳам, боз ба мӯяш се бор об мерехт ва баъд тамоми танашро мешуст».*

**273.** Ва (ба ҳамин иснод Оиша) гуфт: *«Ману пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз як зарф ғусл мекардем ва аз он якҷоя ба каф об мегирифтем».*

### (16) Боб. Дар бораи касе, ки баъди ҷанобат вузӯ кунад, пасон бақияи танашро шӯяд вале ҷойҳои дар вузӯ (шустаро) дигарбора нашӯяд

**274.** Юсуф ибни Исо ба мо нақл карда гуфт: ал-Фазл ибни Мӯсо ба мо хабар дода гуфт: ал-Аъмаш ба мо хабар дод, аз Солим, аз Курайб – мавлои Ибни Аббос, аз Ибни Аббос, аз Маймуна, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои ғусли ҷанобат об омода кард. Ӯ бо дасти рост ба чапаш ду ё се бор об рехт. Сипас авраташро шуст. Он гоҳ дасташро ба замин – ё девор – ду ё се бор зад. Мазмаза ва истиншоқ кард ва рӯю (дастҳоро то) оринҷ шуст. Пасон аз сараш об рехт, баъд танашро шуст ва аз ҷояш ба ҷои дигар гузашта пойҳоро шуст». Ва (Маймуна) гуфт: «Ман ба ӯ хирқапорае додам, ӯ онро нахост ва обро бо дасташ (аз бадан) рондан гирифт».*

## (17) Боб. Агар касеро дар масҷид ба хотир расад, ки боҷанобат аст, бо ҳамон ҳол (барои ғусл) берун ояд ва набояд таяммум кунад

**275.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Усмон ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Ба намоз иқомат гуфта сафҳоро дар қиём баробар карданд. Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, назди мо берун омад. Ва чун дар ҷои намозаш истод, ба ёдаш омад, ки ӯ боҷанобат аст. Ва ба мо гуфт: «Дар ҷои худ бошед». Он гоҳ бозгашту ғусл кард. Чун дубора назди мо берун омад, аз сараш об мечакид. Пас такбир гуфт ва мо ҳамроҳаш намоз хондем».*

Абдулаъло (дар ривояти ин ҳадис) ба ӯ (Усмон ибни Умар) пайравӣ кард, аз Маъмар, аз аз-Зуҳрӣ ва онро ал-Авзоъӣ ривоят кард, аз аз-Зуҳрӣ.

## (18) Боб. Афшондани дастон баъд аз ғусли ҷанобат

**276.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абӯҳамза ба мо хабар дода гуфт: аз ал-Аъмаш шунидам, аз Солим, аз Курайб, аз Ибни Аббос гуфт: Маймуна гуфт: *«Ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оби ғусл додам ва бар ӯ аз ҷомае парда кашидам. Ва ба дастонаш об рехта, онҳоро шуст. Сипас бо дасти рост ба чапаш об рехт ва авраташро шуст. Пас дасташро ба хок зада пок кард. Баъд даст шуст, мазмаза ва истиншоқ кард ва рӯю ду (дасташро то) оринҷ бишуст. Аз сараш об рехта танашро шуст. Баъдан, аз ҷояш ба ҷои дигар гузашта, пойҳоро шуст.*

*Ман ба ӯ рӯймоле дароз кардам, онро нагирифт. Ва ӯ дастонашро афшонда берун рафт».*

## (19) Боб. Дар бораи касе, ки ғуслро аз нимаи рости сар шурӯъ кунад

**277.** Халлод ибни Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Нофеъ ба мо нақл кард, аз ал-Ҳасан ибни Муслим, аз Сафия бинти Шайба, аз Оиша, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз мо боҷанобат мешуд, бо дастонаш ба болои сараш се каф об мерехт. Сипас бо як даст ба нимаи росташ ва бо дасти дигар ба нимаи чапаш об мерехт».*

## (20) Боб. Дар бораи касе, ки ба ҳоли танҳоӣ дар хилват бараҳна шустушӯ кунад; ва касе, ки парда гирад; ва парда гирифтан беҳтар аст

Ва Баҳз гуфт, аз падараш, аз бобояш, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Худо назар ба одамиён авлотар аст, ки аз Ӯ шарм доранд».

**278.** Исҳоқ ибни Наср ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо нақл кард, аз Маъмар, аз Ҳаммом ибни Мунаббеҳ, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Банӣ Исроил бараҳна шустушӯ мекарданд ва ҳамдигарро медиданд. Ва Мӯсо танҳо шустушӯ мекард. Онҳо гуфтанд: «Қасам ба Худо, Мӯсоро чизе боз намедорад, ки бо мо шустушӯ кунад, магар он ки дабба бошад. Ӯ боре ба шустушӯ кардан рафт ва либосашро болои санге гузошт, санг бо либоси ӯ гурехт. Ва Мӯсо аз паси санг мерафту мегуфт: «Эй санг, либосамро бидеҳ, эй санг либосамро бидеҳ», то он ки банӣ Исроил Мӯсоро диданду гуфтанд: «Ба Худо, ки Мӯсоро айбе нест». Ва либосашро гирифта, бо он ба задани санг оғоз кард. Абӯҳурайра гуфт: «Ба Худо, ки ӯ шаш ё ҳафт зарба заду дар санг нақш гузошт».*

**279.** Ва (бо ҳамин иснод) аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳангоме ки Айюб бараҳна шустушӯ мекард, бар ӯ селаи малахи тиллоӣ ҳамла овард. Айёб онҳоро дар доманаш ҷамъ кард. Ва Парвардигораш ба ӯ нидо кард: «Эй Айюб, оё туро аз он чизе, ки мебинӣ бениёз накарда будам?» Гуфт: «Бале, ба иззати Ту қасам, (аз ин чизҳо бениёзам), вале аз баракати Ту бениёз нестам».* Ин (ҳадисро)

Иброҳим нақл кард, аз Мӯсо ибни Уқба, аз Сафвон ибни Сулайм, аз Ато ибни Ясор, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳангоме ки Айюб бараҳна шустушӯ мекард...».*

## (21) Боб. Ҳангоми ғусл дар назди мардум бо парда худро паноҳ кардан

**280.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Абунназр – мавлои Умар ибни Убайдуллоҳ, ки Абӯмурра – мавлои Умм Ҳонӣ бинти Абӯтолиб ба ӯ хабар дод, ки ӯ аз Умм Ҳонӣ бинти Абӯтолиб шунид, ки мегуфт: *«Дар соли Фатҳи Макка назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рафтам, дидам ӯ ғусл мекард ва Фотима бар вай парда кашида буд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ин (зан) кист?» Гуфтам: «Ман Умм Ҳониям».*

**281.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз ал-Аъмаш, аз Солим ибни Абулҷаъд, аз Курайб, аз Ибни Аббос, аз Маймуна, ки гуфт: *«Вақте ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ғусли ҷанобат мекард, барояш парда кашидам. Ӯ дастонашро шуст. Сипас бо дасти рост ба чапаш об рехт, авраташ ва ҳар ҷои ба он расидаро шуст; пасон даст ба девор ё замин молид. Монанди вузӯи намоз, аз ғайри поҳояш, вузӯ кард. Сипас бар танаш об рехту аз ҷояш ба ҷои дигар гузашта пойҳоро шуст».*

Абӯавона ва Ибни Фузайл дар (ривояти) «парда кашидан» ба ӯ пайравӣ кардаанд.

## (22) Боб. Андар эҳтилом шудани зан

**282.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Зайнаб бинти Абӯсалама, аз Умм Салама – модари мӯъминон, ки ӯ гуфт: «Умм Сулайм – зани Абӯталҳа назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: *«Эй пайғамбари Худо, ба ростӣ Худо дар гуфтани сухани ҳақ шарм доштан намефармояд; оё зан агар эҳтилом шавад, ғусл воҷиб аст?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Оре, агар об бинад».*

## (23) Боб. (Ҳукми) араҳи шахси боҷанобат; ва он ки мусулмон палид намешавад

**283.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ба мо нақл карда гуфт: Бакр ба мо нақл кард, аз Абӯрофеъ, аз Абӯҳурайра, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ӯро дар яке аз кӯчаҳои Мадина вохӯрд. Абӯҳурайра боҷанобат буд, (гуфт): «Аз назари ӯ пинҳон шудам». Ӯ рафту ғусл карда омад. Аз ӯ пурсид: «Эй Абӯҳурайра, куҷо будӣ?» Гуфт: «Ман боҷанобат будам ва раво надидам, ки дар ҳоли бетаҳорат будан бо ту ҳамнишин шавам». Гуфт: «Субҳона-л-Лоҳ, ба дурустӣ ки мусулмон палид намешавад».*

## (24) Боб. Дар бораи шахси боҷанобат, ки аз хона берун меояду дар бозор ва ғайра мегардад

Ва Ато гуфт: «Шахси боҷанобат, агарчи вузӯ накарда бошад, метавонад ҳиҷомат кунад, нохунҳояшро гирад ва сарашро тарошад».

**284.** Абдулаъло ибни Ҳаммод ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл карда гуфт: Саъид ба мо нақл кард, аз Қатода, ки Анас ибни Молик ба онҳо нақл кард, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар як шаб хонаи занони худро як-як давр мезад, (бо онҳо ҳамебуд). Ва ӯ дар он вақт нӯҳ зан дошт.*

**285.** Айёш ба мо нақл карда гуфт: Абдулаъло ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ба мо нақл кард, аз Бакр, аз Абӯрофеъ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо ман дар ҳоле вохӯрд, ки боҷанобат будам. Ӯ дасти маро бигирифт ва то ҷое, ки бинишаст, бо ҳам рафтем. Пасон аз назари ӯ пинҳон шудам ва ба хона рафта ғусл кардам. Сипас омадам, ки ӯ нишаста буд, гуфт: «Эй Абӯҳурайра, куҷо будӣ?» Ман ба ӯ (воқеаро) гуфтам. Ӯ гуфт: «Субҳона-л-Лоҳ, эй Абӯҳурайра, ба ростӣ мӯъмин палид намешавад».*

## (25) Боб. Мондани шахси боҷанобат дар хона (ҷоиз аст), агар вузӯ карда бошад

**286.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ва Шайбон ба

мо нақл карданд, аз Яҳё, аз Абӯсалама, ки гуфт: *аз Оиша пурсидам: «Оё пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳолати боҷанобат будан хоб мерафт?» Гуфт: «Оре, танҳо баъди вузӯ кардан».*

## (26) Боб. Хоб рафтани шахси боҷанобат

**287.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, *ки Умар ибни ал-Хаттоб аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кард: «Оё (равост, ки) касе аз мо дар ҳолати боҷанобат будан хоб равад?» Гуфт: «Оре, ҳар кӣ аз шумо боҷанобат бошад, агар вузӯ кунад, бигузор хоб равад».*

## (27) Боб. Дар бораи шахси боҷанобат, ки вузӯ карда хоб равад

**288.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ ибни Абӯҷаъфар, аз Муҳаммад ибни Абдурраҳмон, аз Урва, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, агар дар ҳолати боҷанобат будан мехост, ки хоб равад, авраташро мешуст ва вузӯи намоз мекард».*

**289.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Ҷувайрия ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ, ки гуфт: *Умар ибни ал-Хаттоб аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фатво пурсид: «Оё (равост, ки) касе аз мо дар ҳолати боҷанобат будан хоб равад?» Гуфт: «Оре, агар вузӯ карда бошад».*

**290.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Динор, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки вай гуфт: *«Умар ибни ал-Хаттоб ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт, ки шабҳо ӯро ҷанобат воқеъ мешавад». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Вузӯ кун, закаратро шӯй, сипас хоб кун».*

## (28) Боб. Андар ба ҳам расидани ҷои хатнаи олати таносули марду зан

**291.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард (таҳвил).

Ва Абӯнуъайм ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз Қатода, аз ал-

Ҳасан, аз Абӯрофеъ, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Агар мард дар байни дасту пои зан нишинад ва кӯшиши сипӯхтан кунад, ғусл воҷиб мешавад».* Амр ибни Марзуқ (бо ҳадисе) монанди ин ба ӯ (Ҳишом) пайравӣ кард, аз Шуъба. Ва Мӯсо гуфт: Абон ба мо нақл карда гуфт: Қатода ба мо нақл карда гуфт: ал-Ҳасан (ҳадисе) монанди инро ба мо хабар дод.

## (29) Боб. Андар шустани тарие, ки аз аврати зан мерасад

**292.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл кард, аз ал-Ҳусайн, ки Яҳё гуфт; ва Абӯсалама ба ман хабар дод, ки Ато ибни Ясор ба ӯ хабар дод, ки Зайд ибни Холид ал-Ҷуҳанӣ ба вай хабар дод, *ки ӯ аз Усмон ибни Аффон суол карда гуфт: «Чӣ бинӣ, агар мард бо занаш ҷимоъ кунаду инзол накунад?» Усмон гуфт: «Вузӯ кунад, он чунон ки барои намоз вузӯ кунанд ва закарашро шӯяд». Усмон гуфт: «Ман инро аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам».*

Дар ин бора аз Алӣ ибни Абӯтолиб, аз-Зубайр ибни ал-Аввом, Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Убай ибни Каъб, разия-л-Лоҳу анҳум, суол кардам. Онҳо низ ҳамчунин фармуданд. Яҳё гуфт: ва Абӯсалама ба ман хабар дод, ки Урва ибни аз-Зубайр ба ӯ хабар дод, ки Абӯайюб ба ӯ хабар додааст, ки ӯ онро аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидааст.

**293.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Ҳишом ибни Урва, ки гуфт: падарам ба ман хабар дода гуфт: Абӯайюб ба ман хабар дода гуфт: Убай ибни Каъб ба ман хабар дод, ки ӯ гуфт: *«Эй пайғамбари Худо, агар мард бо зан ҷимоъ кунаду инзол накунад, (ҳукмаш чист)?» Гуфт: «Ҳар ҷояшро, ки ба зан расида буд, шӯяд, сипас вузӯ кунад ва намоз гузорад».* Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ғусл боэҳтиёттар аст ва ин (ҳукми) дигар аст. Ва мо инро ба сабаби ихтилоф доштани онҳо баён кардем».

# VI. КИТОБИ ҲАЙЗ

*Ва сухани Худои Таъоло: «Ва аз ту дар бораи ҳайз суол мекунанд. Бигӯ: «Он наҷосат аст. Пас, аз занон дар ҳоли ҳайз як сӯ шавед ва наздикӣ макунед, то он ки пок шаванд; ва чун нек пок шаванд, ба онҳо аз тариқе, ки Худо шуморо ҳукм кардааст, наздикӣ кунед. Ба дурустӣ ки Худо тавбакунандагонро ва покшавандагонро дӯст медорад» (2:222).*

### (1) Боб. Андар он ки оғози ҳайз чӣ гуна бувад

*Ва сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ин чизест, ки Худо онро дар (муқаддароти) духтарони Одам навиштааст».*

Баъзе саҳобагон гуфтанд: «Аввалин бор ҳайз ба банӣ Исроил фиристода шуд». Ва Абӯабдуллоҳ гуфт: «Он чӣ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст, фарогиртар аст».

### (2) Боб. Ҳайз дидан корест, ки ба занон таъаллуқ дорад

**294.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: аз Абдурраҳмон ибни ал-Қосим шунидам, ки гуфт: аз ал-Қосим шунидам, ки мегуфт: аз Оиша шунидам, ки мегуфт: *«Танҳо ба нияти ҳаҷ кардан берун баромадем. Чун ба Сариф расидем, ҳайз дидам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба наздам омад, ки ман гиря мекардам. Гуфт: «Ба ту чӣ шуд, оё ҳайз дидӣ?» Гуфтам: «Оре». Гуфт: «Ин амрест, ки онро Худо дар (муқаддароти) духтарони Одам навиштааст. Ва ба ҷуз тавофи Хона ҳар чӣ ҳоҷӣ кунад, ту ҳам бикун».*

*Оиша гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз номи занҳояш говеро қурбонӣ кард».*

## (3) Боб. Сари шавҳарашро шустани зани ҳоиза ва бо шона оростани мӯйҳои ӯ

**295.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо нақл кард, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, ки гуфт: *«Ман дар ҳолати ҳайз мӯи пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо шона меоростам».*

**296.** Иброҳим ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ибни Юсуф ба мо нақл кард, ки Ибни Ҷурайҷ ба онҳо хабар дода гуфт: Ҳишом ибни Урва ба ман хабар дод, аз Урва, ки аз вай пурсиданд: *«Оё (равост, ки) зани ҳоиза ба ман хидмат кунад ё зани боҷанобат ба ман наздик шавад?»* Урва гуфт: «Ҳар дуи ин кор барои ман сабук аст, дар ҳар ду (ҳолат занҳо) ба ман хидмат мекунанд ва аз ин кор ба касе зиёне нест. *Оиша ба ман хабар дод, ки ӯ дар ҳоли ҳайз бо шона мӯи сар, яъне мӯи сари пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мeopост. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, он вақт дар масҷид мӯътакиф буд. Вай ба Оиша, ки дар ҳуҷраи худаш буд, сарашро наздик мекард ва Оиша дар ҳоли ҳайз мӯи сари ӯро бо шона мeopост».*

## (4) Боб. (Қуръон) қироат кардани мард дар канори зани ҳоиза

Ва Абӯвоил ходимаи ҳоизаашро ба назди Абӯразин мефиристод. Ва ходима Мусҳафро аз банди ғилоф гирифта ба ӯ меовард.

**297.** Абӯнуъайм ал-Фазл ибни Дукайн ба мо нақл кард, ки аз Зуҳайр шунидааст, аз Мансур ибни Сафия, ки модараш ба ӯ нақл кард, ки Оиша ба ӯ нақл кард: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле, ки ман ҳоиза будам, ба зонуям такя намуда, Қуръон қироат мекард».*

## (5) Боб. Дар бораи касе, ки (исми) «нифос»-ро ба ҳайз додааст

**298.** Ал-Маккӣ ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Абӯсалама, ки Зайнаб

духтари Умм Салама ба ӯ нақл кард, ки Умм Салама ба ӯ нақл карда гуфт: *«Ман дар он вақт, ки бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зери хамиса (кампали пашмин) будем, ҳайз дидам. Пас оҳиста аз ӯ дур шудам ва либоси ҳайзамро гирифтам. Гуфт: «Оё нифос диди!» Гуфтам: «Оре». Он гоҳ маро бихонд ва бо ӯ зери хамиса (кампали пашмин) хуфтем».*

## (6) Боб. Андар бораи тамос бо зани ҳоиза

**299.** Қабиса ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Иброҳим, аз ал-Асвад, аз Оиша, ки гуфт: *«Ман бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле, ки ҳар ду боҷанобат будем, аз як зарф ғусл мекардем»;*

**300.** – *«Ва дар ҳоле, ки ман ҳайздида будам, мефармуд, ки эзор бипӯшам, он гоҳ маро ба оғӯш мегирифт»*;

**301.** – *«Дар ҳолати ҳайз диданам ӯ ҳангоми мӯътакиф будан сарашро мебаровард ва ман сари ӯро мешустам».*

**302.** Исмоил ибни Халил ба мо нақл карда гуфт: Алӣ ибни Мусҳир ба мо хабар дода гуфт: Абӯисҳоқ ва ӯ аш-Шайбонӣ аст, ба мо хабар дод, аз Абдурраҳмон ибни ал-Асвад, аз падараш, аз Оиша, ки гуфт: *«Агар касе аз мо ҳайз медиду пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мехост ӯро ба оғӯш гирад, мефармуд, баробари ҳайз диданаш эзор бипӯшад, он гоҳ ӯро ба оғӯш мегирифт». (Оиша) гуфт: «Кадоме аз шумо монанди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар нафси шаҳвонии худ ғолиб аст?».* Холид ва Ҷарир (дар ривояти ин ҳадис) ба ӯ пайравӣ кардаанд, аз аш-Шайбонӣ.

**303.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: аш-Шайбонӣ ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Шаддод ба мо нақл карда гуфт: аз Маймуна шунидам, ки мегуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, яке аз занони ҳайздидаашро ба оғӯш гирифтанӣ мешуд, мефармуд, ки эзор бипӯшад».* Онро Суфён ривоят кардааст, аз аш-Шайбонӣ.

## (7) Боб. Рӯза нагирифтани зани ҳоиза

**304.** Саъид ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо хабар дода гуфт: Зайд – ӯ Ибни Аслам аст – ба ман хабар дод, аз Иёз ибни Абдуллоҳ, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ,

ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар иди Қурбон – ё Фитр – ба намозгоҳ омад ва аз назди занон бигузашту гуфт: «Эй ҷамъи занон, садақа кунед, ба ман нишон доданд, ки аксарияти шумо аҳли дӯзахед». (Занҳо) гуфтанд: «Чаро, эй пайғамбари Худо?» Гуфт: «Бисёр лаънат мехонеду ба шавҳарони худ носипосӣ мекунед. Ман ҷуз шумо – ноқисони ақлу дин – касеро надидаам, ки хиради мардони дурандешро бештар барҳам занад». Гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, нуқсони дину ақли мо чист?» Гуфт: «Оё гувоҳии як зан баробари нисфи гувоҳии як мард нест?» Гуфтанд: «Бале». Гуфт: «Ва ин нуқсони ақли ӯст. Оё чунин нест, ки зан агар ҳайз бинад, намоз намехонад ва рӯза намедорад?» Гуфтанд: «Бале». Гуфт: «Ва ин нуқсони дини ӯст».*

## (8) Боб. Зани ҳоиза ғайри тавофи Каъба ҳамаи маносики ҳаҷро адо мекунад

Ва Иброҳим гуфт: «Дар қироат кардани як оят зиёне нест». Ибни Аббос дар қироати шахси боҷанобат зиёнеро надидааст. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳамаи ҳолатҳо Худоро зикр мекард. Ва Умм Атия гуфт: «Ба мо мефармуданд, ки ҳайздидагон берун оянду монанди такбири мардон «Аллоҳу акбар» гӯянд ва монанди дуоҳояшон дуо гӯянд». Ва Ибни Аббос гуфт: «Абӯсуфён ба ман хабар дод, ки Ҳерақл номаи пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, талаб карду бихонд. Ва дар он аз ҷумла чунин омадааст: «Ба номи Худои Бахшояндаи Меҳрубон. Эй аҳли Китоб, ба сӯи сухане биёед» (3:64) – оят. Ва Ато гуфт, аз Ҷобир: «Оиша ҳайз дид ва ба ғайр аз тавофи Хона ҳамаи маносики ҳаҷро адо кард ва намоз нахонд». Ва ал-Ҳакам гуфт: «Ман дар ҳолати боҷанобат будан ҳам барои қурбонӣ забҳ мекардам». Ва Худои азза ва ҷалла гуфт: *«Ва аз он ҷӣ ки номи Худо бар он ёд карда нашудааст, махӯред» (6:121).*

**305.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Абӯсалама ба мо нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни ал-Қосим, аз ал-Қосим ибни Муҳаммад, аз Оиша, ки гуфт: *«Бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, танҳо ба нияти ҳаҷ кардан берун баромадем. Чун ба Сариф расидем, ҳайз дидам. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба наздам даромад, ки ман гиря мекардам». Гуфт: «Чаро гиря мекунӣ?» Гуфтам: «Беҳтар он бо-*

*шад, ки ман имсол ҳаҷ накунам». Гуфт: «Шояд ҳайз дидаӣ?» Гуфтам: «Оре». Гуфт: «Ин чизест, ки Худо онро дар (муқаддароти) духтарони Одам навиштааст. Ва то пок нашавӣ ба ҷуз тавофи Хона ҳар чӣ ҳоҷӣ бояд кунад, ту ҳам бикун».*

## (9) Боб. Андар истиҳоза

**306.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, ки вай гуфт: *«Фотима бинти Абӯҳубайш ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ман (аз хунравӣ) пок намешавам, оё намозро тарк кунам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эҳтимол меравад, ки он хуни раг бошад ва ҳайз нест». Ва ҳар гоҳ ҳайзи ту шурӯъ шавад, намозро тарк кун. Ва ҳар гоҳ муддати он ба поён расад, аз худ хунро шуста (ғусл кун) ва намоз гузор».*

## (10) Боб. Андар шустани хуни ҳайз

**307.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом, аз Фотима бинти ал-Мунзир, аз Асмо бинти Абӯбакр, ки вай гуфт: *«Зане аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол карда гуфт: «Эй пайғамбари Худо, агар ба либоси яке аз мо хуни ҳайз расад, чӣ кор бояд кунад?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Агар ба либоси яке аз шумо хуни ҳайз расад, онро тар карда бисояд, пасон бо он либос намоз хонад».*

**308.** Асбағ ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба ман хабар дода гуфт: Амр ибни ал-Ҳорис ба ман хабар дод, аз Абдурраҳмон ибни ал-Қосим, ки ба ӯ нақл кард, аз падараш, аз Оиша, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз мо ҳайз медид, баъди пок шудан (ҷои) хуни (шахшудаи) либосашро тар карда бо нӯги ангуштон месоид, сипас он ҷоро мешуст ва ба тамоми либосаш об мерехт, баъд бо он либос намоз мехонд».*

## (11) Боб. Эътикофи зани дар истиҳоза буда

**309.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Холид ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Холид, аз Икрима, аз Оиша, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, эътикоф кард ва яке аз занонаш дар ҳоли истиҳоза, ки хун медид, ҳамроҳи ӯ буд. Ва шояд ӯ барои хун*

*зери пойҳо таште мегузошт. Ва Икрима ба гумони қавӣ гуфтааст, ки Оиша оби кожираро (дар ташт) диду гуфт: «Шояд ин ҳамон хуне бошад, ки фалона (ҳангоми истиҳоза) медид».*

**310.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл кард, аз Холид, аз Икрима, аз Оиша, ки гуфт: *«Бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зане аз занонаш эътикоф кард ва ӯ хуну зардоб медиду дар зери пойҳо таште мегузошт ва намоз мехонд».*

**311.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Мӯътамир ба мо нақл кард, аз Холид, аз Икрима, аз Оиша, *ки яке аз модарони мӯъминон дар ҳоле, ки истиҳоза дошт, эътикоф нишаст.*

### (12) Боб. Оё зан бо либосе, ки дар он ҳайз дидааст, намоз мегузорад?

**312.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Нофеъ ба мо нақл кард, аз Ибни Абӯнаҷиҳ, аз Муҷоҳид, гуфт: *Оиша гуфт: «Ҳар кадоми мо ҷуз як тан либос пӯшидании дигар надошт, агар дар он ҳайз медид ва либосаш олудаи хун мешуд, ба он оби даҳан афканда бо нохун метарошид».*

### (13) Боб. Ҳангоми аз ҳайз ғусл кардан зан ба худ хушбӯӣ молад

**313.** Абдуллоҳ ибни Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Ҳафса – Абдуллоҳ гуфт: ё Ҳишом ибни Ҳассон, аз Ҳафса – аз Умм Атия, ки гуфт: *«Моро намегузоштанд, ки барои мурда аз се рӯз беш азо гирем, магар барои шавҳар, ки чаҳор моҳу даҳ рӯз иҷозати азо гирифтан буд; ба чашмҳо сурма намекашидем, ба худ хушбӯӣ намемолидем; ва мо ба ҷуз либоси асб (карбосӣ) ягон либоси рангкарда намепӯшидем. Ва ба мо иҷозат дода буданд, ки ҳангоми аз ҳайз пок шуда ғусл кардан каме қуст (ва ё) нохуни париён дуд кунем. Ва моро манъ буд, ки аз паи ҷанозаҳо биравем».*

Гуфт: Ҳишом ибни Ҳассон ривоят кард, аз Ҳафса, аз Умм Атия, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

### (14) Боб. Андар он ки ҳар гоҳ зан аз ҳайз пок шавад, худро молиш диҳад; ва тарзи шустушӯ кардани ӯ;

**ва андар он ки латтаи мушкзадаро дар ҷои таровидаи хун гузорад**

**314.** Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Ибни Уяйна ба мо нақл кард, аз Мансур ибни Сафия, аз модараш, аз Оиша, *ки зане аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи ғусли баъд аз ҳайз суол кард. Ба ӯ фармуд чӣ гуна шустушӯ кунад ва гуфт: «Латтаи мушкзадаро бигиру бо он худро пок кун». Гуфт: «Ман чӣ гуна бо он худро пок кунам?» Фармуд: «Бо он худро пок кун». Гуфт: Чӣ гуна?» Фармуд: «Субҳона-л-Лоҳ, пок кун». Пас ман ӯро ба сӯи худ кашидаму гуфтам: «Онро дар ҷои таровидаи хун гузор».*

**(15) Боб. Андар шустани ҷои ҳайз**

**315.** Муслим ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: Мансур ба мо нақл кард, аз модараш, аз Оиша, ки (гуфт): *«Зане аз ансориён ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Баъди ҳайз чӣ гуна шустушӯ кунам?» Гуфт: «Латтаи мушкзадаро бигир ва се бор пок кун». Сипас пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шарм дошта рӯ гардонид; ё гуфт: «Бо он пок кун». Пас ӯро ба сӯи худ кашида, маънии суханҳои пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фаҳмондам».*

**(16) Боб. Зан ҳангоми аз ҳайз ғусл кардан мӯяшро шона кунад**

**316.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ибни Шиҳоб ба мо нақл карда гуфт, аз Урва, ки Оиша гуфт: *«Ман ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои ҳаҷҷату-л-вадоъ эҳром баста будем ва ман аз ҷумлаи онҳое будам, ки таматтӯъ карданд ва қурбонӣ набурданд». Пас ӯ донист, ки ҳайз шудааст ва то фаро расидани шаби Арафа пок нашуд. Гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ин шаби Арафа аст, ман барои таматтӯъ бо умра эҳром баста будам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «(Мӯйҳои) саратро кушода шона кун ва аз адои умра бозист». Ҳамчунон кардам. Чун ҳаҷро адо кардам, шаби Ҳасба ба Абдурраҳмон фармуд, то ӯ аз Танъим – ҷое, ки ман барои умра эҳром баста будам – умраи маро тамом кунонад».*

## (17) Боб. Зан ҳангоми аз ҳайз (пок шуда) ғусл кардан мӯяшро кушояд

**317.** Убайд ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, ки гуфт: *«Ҳилоли Зулҳиҷҷаро дида ба ҳаҷ баромадем. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳар кӣ барои умра эҳром гирифтанӣ бошад, бигузор гирад. Ба ростӣ, агар бо худ қурбонӣ намегирифтам, албатта, барои умра эҳром мебастам». Баъзе барои умра ва баъзе барои ҳаҷ эҳром бастанд. Ва ман аз ҷумлаи онҳое будам, ки барои умра эҳром бастанд. Ва ҳангоме ки ман ҳайз дида будам, рӯзи Арафа фаро расид. Ман ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ин бора шикоят кардам. Ва ӯ гуфт: «Умраи худро вогузор, мӯятро боз карда шона кун ва барои ҳаҷ эҳром гир». Ман (ҳамчунон) кардам, то шаби Ҳасба фаро расид. Бародарам Абдурраҳмон ибни Абӯбакрро бо ман фиристод. Ва ба сӯи Танъим берун рафтам ва барои умра эҳром бастам».*

Ҳишом гуфт: «Ва дар ҳеҷ як аз инҳо қурбонӣ кардан, рӯза гирифтан ва садақа додан шарт набуд».

## (18) Боб. Андар гӯштпораи суратдода ва ғайри суратдода (22:5)

**318.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт:Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ ибни Абӯбакр, аз Анас ибни Молик, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Дар воқеъ Худои азза ва ҷалла, дар бачадон фариштаеро муваккал кардааст, ки мегӯяд: «Эй Парвардигори ман, ин нутфа аст, эй Парвардигори ман, ин хуни бста аст, эй Парвардигори ман, ин гӯштпора аст». Ва агар (Худо) хоҳад, ки офаридааш комил шавад, (фаришта) пурсад: «Писар аст, ё духтар? Бадбахт аст, ё хушбахт? Ризқу умри ӯ чӣ қадар аст?» Ҳамаи ин ҳангоми дар батни модар будан навишта мешавад».*

## (19) Боб. Зани ҳоиза барои ҳаҷ ва умра чӣ гуна эҳром мебандад

**319.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо

нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва, аз Оиша, ки гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ҳаҷҷату-л-вадоъ баромадем. Байни мо касоне буданд, ки барои умра эҳром бастанд ва касоне буданд, ки барои ҳаҷ эҳром бастанд. Баъд ба Макка омадем ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳар кӣ барои умра эҳром баста ва ҷондоре барои қурбонӣ наоварда бошад, бигузор эҳром кушояд. Ва ҳар кӣ барои умра эҳром баста ва қурбонӣ оварда бошад, бо куштани қурбонӣ эҳром бикушояд. Ва ҳар кӣ барои ҳаҷ эҳром баста бошад, бигузор ҳаҷҷи худро тамом кунад». Оиша гуфт: «Ман ҳайз дидам ва ҳанӯз дар ҳоли ҳайз будам, ки рӯзи Арафа фаро расид ва ман фақат барои умра эҳром баста будам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ман фармуд, ки мӯи сар кушояму шона кунам ва барои ҳаҷ эҳром баста умраро вогузорам». Ман ҳамчунон кардам, то ҳаҷҷи худро адо намудам. Абдурраҳмон ибни Абӯбакрро бо ман фиристод ва фармуд, ки аз ҷои умраи худ, аз Танъим, умра кунам».*

### (20) Боб. Андар омадану бозмондани ҳайз

Занон пахтаи аз хуни ҳайз зардшударо ба латтаҳо печонда ба Оиша мефиристоданд. Ӯ мегуфт: «Шитоб макунед, то он гоҳ ки пахтаро сафед бинед». Манзури ӯ ба куллӣ пок шудан аз ҳайз буд. Ба духтари Зайд ибни Собит гуфтанд, ки занон дар торикии шаб чароғ металабиданд, то пок шудани худро бибинанд. Ӯ гуфт: «Занон ин корро намекарданд». Ва ба ин қабил занон айб мекард.

**320.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, ки *Фотима бинти Абӯҳубайш истиҳоза мешуд. Ва аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кард. Ӯ гуфт: «Ин хуни раг аст, ҳайз нест. Агар ҳайз биёяд, намозро вогузор ва агар бозмонад, ғусл куну намоз хон».*

### (21) Боб. Зани ҳоиза намози қазоӣ нахонад

*Ҷобир ва Абӯсаъид гуфтанд, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «(Зани ҳоиза) намозро вомегузорад».*

**321.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммом ба мо нақл карда гуфт: Қатода ба мо нақл карда гуфт: Муъоза ба ман нақл кард, *ки зане ба Оиша гуфт: «Оё касе аз мо чун пок шавад, бояд намози қазоӣ хонад?» Ӯ гуфт: «Магар ту ҳарурӣ (хориҷӣ)*

*ҳастӣ? Вақти пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳи мо будан ҳам ҳайз медидем ва ӯ ба мо инро намефармуд». Ё гуфт: «Мо чунин намекардем».*

## (22) Боб. Бо зани ҳоиза, агар ӯ либос пӯшида бошад, хоб рафтан (равост)?

**322.** Саъд ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Зайнаб – духтари Абӯсалама, ки ба ӯ нақл кардааст, ки Умм Салама гуфт: *«Ҳангоме ки ману пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зери хамила (кампали сиёҳи патдор) будем, ҳайз дидам. Аз ӯ худро дур карда аз зери хамила баромадам ва либоси ҳайзамро пӯшидам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Оё ҳайз дидӣ?» Гуфтам: «Оре». Ӯ маро бо худ зери хамила бихонд». (Зайнаб) гуфт: Умм Салама ба ман нақл кард, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар вақти рӯза доштан ҳам ӯро бӯса мекард. (Ва ӯ гуфт:) «Ману пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз як зарф ғусли ҷанобат мекардем».*

## (23) Боб. Дар бораи касе, ки ҷуз либоси замони покӣ либоси ҳайз (низ бо худ) гирад

**323.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Зайнаб – духтари Абӯсалама, аз Умм Салама, ки гуфт: *«Ман дар он вақт, ки бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зери хамила (кампали сиёҳи патдор) будем, ҳайз дидам. Ва худро оҳиста аз ӯ дур карда либоси ҳайзамро гирифтам». Гуфт: «Оё ҳайз дидӣ?» Гуфтам: «Оре». Сипас ӯ маро ба худ хонд ва бо ӯ зери хамила хобидам».*

## (24) Боб. Андар ҳузур доштани занҳои ҳайздида дар намози Идайн ва ибодати дастаҷамъии мусулмонон; ва берун шудани он занҳо аз намозгоҳ

**324.** Муҳаммад – ӯ Ибни Салом аст – ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ба мо хабар дод, аз Айюб, аз Ҳафса, ки гуфт: *«Мо духтарони болиғаро манъ мекардем, ки ба намози Идайн бароянд. Ва зане омаду ба қасри банӣ Халаф истод. Ӯ аз хоҳараш – шавҳари хоҳараш дар дувоздаҳ ғазо ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-*

*Лоҳу алайҳи ва саллам, будааст, – нақл кард: хоҳарам, ки дар шаштои он бо ӯ буд, гуфт: «Мо маҷрӯҳонро муолиҷа ва беморонро парасторӣ мекардем». Хоҳарам аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кард: «Оё касе аз мо, ки бе чодар аст, агар ба намозгоҳ наравад, гунаҳгор мешавад?» Гуфт: «Зане аз ҳамроҳонаш чодар ба ӯ диҳад, то дар ҷои хайр ва ибодати дастаҷамъии мусулмонон ҳозир шавад». Чун Умм Атия омад, аз ӯ суол кардам: «Оё ин (сухан)-ро аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидӣ?» Гуфт: «Падарам фидои ӯ бод, ки оре» – ва Умм Атия номи ӯро зикр намекард, магар ин ки гӯяд: «Падарам фидои ӯ бод» – аз ӯ шунидам, ки мегуфт: «Духтарони болиға ва дӯшизагони чодарнишин ва занони ҳоиза дар ҷои хайр ва ибодатҳои дастаҷамъии мусулмонон ҳозир шаванд; вале занони ҳоиза аз намозгоҳ худро дур доранд». Ҳафса гуфт: «Манзури ту занони ҳоиза аст?» Умм Атия ҷавоб дод: «Магар раво нест, ки инчунин занон дар Арафа ва ғайраву дигар ҷойҳо ҳозир шаванд?»*

## (25) Боб. Дар бораи зане, ки дар як моҳ се бор ҳайз бинад; ва (дар баёни) он чӣ ки занон оид ба (муддати) ҳайз, ҳомила шудан ва имкони (такрори) ҳайз тасдиқ кунанд

Бинобар сухани Худои Таъоло: «Пас барои онҳо пӯшидани он чӣ ки Худо дар раҳимҳояшон офаридааст, ҷоиз нест» (2:228). Ва аз Алӣ ва Шурайҳ зикр мекунанд, ки агар зане гӯяд, ки дар як моҳ се бор ҳайз дидааст ва барои ин аз одамони боэътимоди худ, ки мусулмонони хушимон ҳастанд, гувоҳии равшан биёрад, (сухани) ӯро бояд тасдиқ кард. Ва Ато гуфт: «(Муддати) ҳайзҳои зан (дар идда) ҳамон (андоза) аст, ки (қабл аз идда) буд». Ва Иброҳим низ ҳаминро гуфтааст. Ва Ато гуфт: «Ҳайз аз як рӯз то понздаҳ рӯз аст». Ва Мӯътамир гуфт, аз падараш: «Аз Ибни Сирин дар бораи зане суол кардам, ки баъд аз панҷ рӯзи ҳайзи худ хун мебинад. Гуфт: «Занҳо инро хубтар донанд».

**325.** Аҳмад ибни Абӯраҷо ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл карда гуфт: аз Ҳишом ибни Урва шунидам, ки гуфт: падарам ба ман хабар дод, аз Оиша, *ки Фотима бинти Абӯҳубайш аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол карда гуфт: «Ман истиҳоза дораму пок намешавам. Оё намозро вогузорам?» Ӯ гуфт: «Не, он хуни раг аст, валекин намозро ба миқдори*

*рӯзҳое, ки дар он ҳайз медидӣ, вогузор. Сипас ғусл кун ва намоз бихон».*

## (26) Боб. Андар зардӣ ва тирагӣ(-и ранги таровишҳое), ки ғайри рӯзҳои ҳайз дида шаванд

**326.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Муҳаммад, аз Умм Атия, ки гуфт: *«Мо тирагӣ ва зардиро эътино намекардем».*

## (27) Боб. Андар бораи хуни раге, ки дар истиҳоза берун ояд

**327.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Маън ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва, аз Амра, аз Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, *ки Умм Ҳабиба ҳафт сол истиҳоза дид. Пас, аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи ин суол кард. Ӯро фармуд, ки ғусл кунад. Ва гуфт: «Ин хуни раг аст». Умм Ҳабиба пеш аз хондани ҳар як намоз ғусл мекард.*

## (28) Боб. Дар бораи зане, ки баъд аз (тавофи) ифоза ҳайз бинад

**328.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Ҳазм, аз падараш, аз Амра бинти Абдурраҳмон, аз Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, *ки вай ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эй пайғамбари Худо, Сафия бинти Ҳуяй ҳайз дид». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ин тавр бошад, ӯ боиси боқӣ мондани мо (дар Макка) мегардад. Оё ӯ ҳамроҳи шумо тавоф накарда буд?» Гуфтанд: «Бале, (карда буд)». Гуфт: «Пас ба роҳ бароед».*

**329.** Муъалло ибни Асад ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Товус, аз падараш, аз Ибни Аббос, гуфт: *«Ба зани ҳоиза рухсат дода буданд, ки чун ҳайз бинад, бозгардад».*

**330.** (Товус боз гуфт:) ва Ибни Умар аввалҳо мегуфт: «Бояд ки ӯ боз нагардад». Сипас аз ӯ шунидам, ки мегуфт: *«Бозмегардад,*

*зеро пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба онҳо рухсат додааст».*

### (29) Боб. Дар бораи зани мустаҳозае, ки покӣ бинад

Ибни Аббос гуфт: «Чунин зан агар соате ҳам бошад, ғусл карда намоз гузорад. Ва (агар) шавҳараш ба ӯ наздикӣ кунад, (равост), зеро намоз, ки кори аз ҳама ҷиддитар аст, (ҷоиз аст)».

**331.** Аҳмад ибни Юнус ба мо нақл кард, аз Зуҳайр, гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Урва, аз Оиша, гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Агар ҳайз биёяд, намозро вогузор ва агар бозмонад, хунро аз худ шуста ғусл кун ва намоз бихон».*

### (30) Боб. Андар салоти ҷаноза бар заноне, ки дар ҳоли нифос мурдаанд ва суннати он

**332.** Аҳмад ибни Абӯсурайҷ ба мо нақл карда гуфт: Шабоба ба мо хабар дода гуфт, Шуъба ба мо хабар дод, аз Ҳусайн ал-Муъаллим, аз Ибни Бурайда, аз Самура ибни Ҷундуб, *ки зане ба сабаби ҳамл мурд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар (муқобили) васати (тобут) истода бар ӯ намоз гузорид.*

### (31) Боб

**333.** Ал-Ҳасан ибни Мудрик ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Ҳаммод ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона – номаш ал-Ваззоҳ, аз китоби худ ба мо хабар дода гуфт: Сулаймон аш-Шайбонӣ ба мо хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Шаддод, гуфт: аз холаам Маймуна – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, *ки ӯ чун ҳайз медид, намоз намехонд. Маймуна дар баробари ҷои намозхонии пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дароз мекашиду ӯ дар рӯи ҷойнамози худ намоз мехонд. (Маймуна гуфт:) «Ҳар гоҳ ки саҷда мекард, як тарафи либосаш ба ман мерасид».*

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# VII. КИТОБИ ТАЯММУМ

Сухани Худои Таъоло: «Ва агар об наёбед, пас бо хоки пок таяммум кунед; ва аз он хок рӯи худ ва дастҳои худро масҳ кунед» (5:6).

### (1) Боб

**334.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абдурраҳмон ибни ал-Қосим, аз падараш, аз Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар яке аз сафарҳояш ҳамроҳ будем, чун ба ал-Байдо – ё ба Зоту-л-Ҷайш – расидем, гарданбанди ман канда шуду афтод. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои кофтукови он таваққуф кард ва мардум низ ҳамроҳи ӯ бозистоданд. Ва дар он ҷо об набуд. Мардум ба назди Абӯбакри Сиддиқ омаданду гуфтанд: «Оё намебинӣ, ки Оиша чӣ кор кард? Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва мардумро дар мавқеъе боздошт, ки об нест ва бо худ низ об надоранд». Абӯбакр дар ҳоле, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сар ба рони ман монда ба хоб рафта буд, омаду гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва мардумро дар мавқеъе боздоштӣ, ки об нест ва бо худ об надоранд». Оиша гуфт: «Абӯбакр маро сарзаниш кард. Ва Худо ҳар чӣ ба забонаш меовард, мегуфт ва дасташро сахт-сахт ба паҳлӯям мехалид. Ва (дар он ҳол) сари худ ба рони ман гузошта хоб рафтани пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, маро намегузошт, ки ҳаракате кунам. Чун бомдод фаро*

*расиду пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар он мавқеи беобӣ бархост, Худо ояти таяммумро нозил кард.* Ва (мардум) таяммум карданд».

Усайд ибни ал-Ҳузайр гуфт: «Эй оли Абӯбакр, аз баракатҳои шумо ин нахустин нест».

Оиша гуфт: *«Пас шутуреро, ки ман савори он будам, ба по кардем ва гарданбандро аз зери он шутур ёфтем».*

**335.** Муҳаммад ибни Синон ба мо нақл карда гуфт: Ҳушайм ба мо нақл кард (таҳвил).

Гуфт: ва Саъид ибни ан-Назр ба ман нақл карда гуфт: Ҳушайм ба мо хабар дода гуфт (таҳвил): Сайёр ба мо хабар дода гуфт: Язид – ва ӯ ибни Суҳайб ал-Фақир аст – ба мо нақл карда гуфт: Ҷобир ибни Абдуллоҳ ба мо хабар дод, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ман панҷ чиз додаанд, ки пеш аз ман касеро нadодаанд: ба ман чунон нусрате дода шудааст, ки дар масофаи якмоҳа роҳ (Худо дар дили душманони ман) тарсу ҳарос меандозад; ва заминро барои ман намозгоҳ ва поккунанда (барои таяммум) гардондаанд, ки барои ҳар касе аз уммати ман вақти намоз фаро расад, (дар ҳамон ҷо) намоз мегузорад; ва ғанимат(-и ҷанг) барои ман ҳалол карда шуд, дар ҳоле, ки он пеш аз ман барои ҳеҷ кас ҳалол набуд; ва ба ман ҳаққи шафоат кардан дода шуд; ва ҳар пайғамбар фақат ба қавми худаш фиристода мешуд, дар ҳоле, ки ман ба ҳамаи башарият фиристода шудаам».*

## (2) Боб. Агар обу хок наёбад (чӣ кор кунад)?

**336.** Закарийё ибни Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Нумайр ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ибни Урва ба мо нақл кард, аз падараш, аз Оиша, *ки вай аз Асмо гарданбандеро ба орият гирифту гум кард. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мардеро фиристод ва ӯ онро ёфта овард. Вақти намоз фаро расид, вале онҳо бо худ об надоштанд. Пас (бе таҳорат) намоз хонданд ва аз набудани об ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шиква карданд. Худо ояти таяммумро нозил кард. Усайд ибни Ҳузайр ба Оиша гуфт: «Худо ба ту ҷазои хайр диҳад. Валлоҳ, ҳар пешомади ба сарат омадаро, ки нохуш пиндоштаӣ, Худо онро барои ту ва ҳамаи мусулмонон хайр гардонидааст».*

## (3) Боб. Агар шахси муқим об наёбад ва тарсад, ки намоз қазо мешавад, таяммум кунад

Ва Ато низ ҳамчунин гуфт. Ва ал-Ҳасан дар ҳаққи беморе, ки дар наздаш об ҳасту касе нест, ки ба ӯ об диҳад, гуфт: таяммум кунад. Ибни Умар аз мулки худ, ки дар Ҷуруф буд, меомад. Дар Марбаду-н-наъам (ҷойгоҳи гӯсфандон) вақти намози аср фаро расид ва ӯ (таяммум карду) намоз гузорид. Ҳангоми ба Мадина ворид шудан ҳанӯз офтоб баланд буд ва ӯ намозашро иода накард.

**337.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Ҷаъфар ибни Рабиъа, аз ал-Аъраҷ, гуфт: аз Умайр – мавлои Ибни Аббос шунидам, ки гуфт: «Ману Абдуллоҳ ибни Ясор – мавлои Маймуна – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам – омадему ба назди Абӯҷуҳайм ибни ал-Ҳорис ибни ас-Симма ал-Ансорӣ даромадем. Абӯҷуҳайм гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз сӯи Биъри Ҷамал меомад ва марде рӯ ба рӯ омаду салом дод. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ ҷавоби салом надод ва пеши девор омад, рӯю дастонашро масҳ кашид. Сипас ҷавоби саломи ӯро дод».*

## (4) Боб. Оё шахси таяммумкарда ба дастони худ медамад?

**338.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: ал-Ҳакам ба мо нақл кард, аз Зарр, аз Саъид ибни Абдурраҳмон ибни Абзо, аз падараш, ки гуфт: *«Марде ба назди Умар ибни ал-Хаттоб омаду гуфт: «Ман боҷанобат шудаму об наёфтам». Аммор ибни Ёсир ба Умар ибни ал-Хаттоб гуфт: «Оё ёд дорӣ, ки мо – ману ту – дар сафаре бо ҳам будем. Ту намоз нахондӣ, аммо ман ба хок ғелидам ва намоз хондам. Ва инро ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтам. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Барои ту ҳаминаш ҳам кофӣ буд» – пас пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду кафашро бар замин заду ба онҳо бидамид. сипас рӯю ду кафашро масҳ кашид.*

## (5) Боб. Таяммум барои рӯй ва ду каф аст

**339.** Ҳаҷҷоҷ ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо хабар дод: ал-Ҳакам ба ман хабар дод, аз Зарр, аз Саъид ибни Абдурраҳмон ибни Абзо, аз падараш: Аммор ҳамчунин гуфт; ва Шуъба ду дастшро ба замин зад, онҳоро ба даҳон наздик бурд, пасон рӯю ду кафашро масҳ кашид.

Ва (ба исноди дигар) ан-Назр гуфт: Шуъба ба мо хабар дод, аз ал-Ҳакам, гуфт: аз Зарр шунидам, ки аз Ибни Абдурраҳмон ибни Абзо мегуфт; ал-Ҳакам гуфт: ва дар ҳақиқат онро аз Ибни Абдурраҳмон, аз падараш, шунидам, ки гуфт: Аммор гуфт: *«Хоки пок вузӯи мусулмон аст, ӯро аз об кифоят мекунад»*.

**340.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Ҳакам, аз Зарр, аз Ибни Абдурраҳмон ибни Абзо, аз падараш, *ки ӯ дар ҳузури Умар буд ва Аммор ба Умар гуфт: «Мо ҳангоми бо гурӯҳи размандагон будан боҷанобат шудем». Ӯ (ба ҷои «ба дастонаш бидамид») гуфт: «Ба дастонаш оби даҳон афканд»*.

**341.** Муҳаммад ибни Касир ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо хабар дод, аз ал-Ҳакам, аз Зарр, аз Ибни Абдурраҳмон ибни Абзо, аз Абдурраҳмон, ки гуфт: Аммор ба Умар гуфт: *«Ба хок ғелидам. Чун ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омадам, гуфт: «Туро рӯю ду каф (ба хок задан) басанда буд»*.

**342.** Муслим ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз ал-Ҳакам, аз Зарр, аз Ибни Абдурраҳмон ибни Абзо, аз Абдурраҳмон, ки гуфт: *«Дар ҳузури Умар будам, ки Аммор ба ӯ гуфт:* «...». Ва ҳадисро ба ҳамон сиёқ ба охир расонд.

**343.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Ҳакам, аз Зарр, аз Ибни Абдурраҳмон ибни Абзо, аз падараш, ки гуфт: Аммор гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дасташро ба замин зад ва рӯю ду кафро масҳ кашид»*.

## (6) Боб. Хоки пок оби таҳорати мусулмон аст, ӯро аз об кифоят мекунад

Ва ал-Ҳасан гуфт: «Касро, то ҳадас нарасад, як таяммум барояш кофист». Ва Ибни Аббос дар ҳоле ки таяммум карда буд, имоматӣ кард. Ва Яҳё ибни Саъид гуфт: «Намоз гузоридан дар замини шӯразор ва таяммум кардан бо (хоки) он зиён надорад».

**344.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба ман

нақл карда гуфт: Авф ба мо нақл карда гуфт: Абӯраҷо ба мо нақл кард, аз Имрон, ки гуфт: *«Дар сафаре ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будем ва мо шабона ба роҳ баромадем, то поёни шаб хоб бар мо ғалаба кард, ки хобе ширинтар аз он барои мусофир нест. Ва моро ҳеҷ чиз бедор карда натавонист, магар ҳарорати офтоб. Ва аввалин касе, ки бедор шуд, фалон буд, пасон фалон, баъдан фалон – Абӯраҷо як-як онҳоро номбар мекард, вале Авф (номи онҳоро) фаромӯш карда буд – сипас Умар ибни ал-Хаттоб чаҳорум кас буд. Ва ҳар гоҳ ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба хоб мерафт, касе ӯро бедор намекард, то худаш бедор нашавад, зеро мо намедонистем, ки ӯро дар хоб (аз ваҳй) чиҳо мегузарад. Чун Умар бедор шуду дид, ки ба мардум чӣ расидааст – ва ӯ марде чусту қавӣ буд, – такбир гуфт ва дар такбир гуфтан овоз баланд кард. Ва ҳамчунон такбир мегуфт ва дар такбир овоз баланд мекард, ки аз овози ӯ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бедор шуд. Ва чун бедор шуд, мардум аз он чӣ ки бо онҳо гузашт, ӯро огоҳ карданд. Гуфт: «Газанде надорад – ё зиёне намерасонад – ба роҳ бароед». Ва худ низ ба роҳ баромад ва чандон дур нарафта фуруд омад. Об талабиду вузӯ кард. Ва ба намоз нидо карданд. Ӯ бо мардум намоз гузорид. Чун аз намоз фориғ шуд, мардеро дид, ки аз дигарон ҷудо меистод ва ҳамроҳи қавм намоз нахонда буд. Гуфт: «Эй фалонӣ, чӣ чиз туро аз намоз хондан ҳамроҳи қавм боздошт?» Гуфт: «Ба ман ҷанобат расидааст ва об нест». Гуфт: «Ту бо хок таяммум кун, ки ҳамин туро кофист». Сипас пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба роҳ баромад ва мардум бар вай аз ташнагӣ шикоят карданд. Ӯ фуруд омаду фалониро хонд. – Абӯраҷо ин шахсро ном мебурд, вале Авф онро фаромӯш карда буд. – Ва Алиро хонду гуфт: «Ҳар ду биравед ва об биёред». Ва он ду нафар бирафтанд ва занеро вохӯрданд, ки бар уштураш дар байни ду мазода (машки бузург) – ё ду сатиҳа – об нишаста буд. Ба ӯ гуфтанд: «Об дар куҷост?» Гуфт: «Ман обро дирӯз ҳамин вақт гирифта будам ва касони мо қафо монданд». Ба ӯ гуфтанд: «Пас ба роҳ даро!» Гуфт: «Ба куҷо?» Гуфтанд: «Ба сӯи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам». Гуфт: «Ба сӯи касе, ки ӯро собиӣ (навдин) гӯянд?» Гуфтанд: «Оре, худи ҳамон кас, ки манзури ту аст. Ба роҳ даро!» Ва ӯро ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оварданд ва қиссаро ба ӯ нақл карданд. Ва гуфт: «Ӯро аз шутур фуруд оред».*

*Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зарфе талабид ва дар он аз даҳони ду мазода – ё ду сатиҳа – об рехт. Ва даҳони болои машкҳоро баст ва даҳони поини онҳоро боз карду ба мардум нидо кард: «Бинӯшед ва чорпоёни худро об диҳед». Ҳар кӣ ташна буд, об нӯшид ва низ чорпоёнашро об дод. Ва дар охир пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба шахсе, ки ӯро ҷанобат расида буд, дар зарфе об доду гуфт: «Бирав ва бар худ бирез!» Зан рост истода назар мекард, ки бо оби ӯ чиҳо мекунанд. Валлоҳ, ки ҳарчанд об мегирифтанд, ҳамоно машкҳо ба назари мо аз пештара пуртар менамуданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Барои ин зан хӯрдание ҷамъ кунед». Пас мардум ҷамъ карданд, то аз хурмову орд ва талқон барои ӯ таоме фароҳам омад. Онро дар латтае бастанд ва занро ба шутураш савор карда латтаро ба дасташ доданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Бидон, ки мо аз об ҷуръае кам накардем, вале Он Худост, ки ба мо оби нӯшиданӣ дод». Он зан дер монда ба назди аҳли худ омад. Ва онҳо гуфтанд: «Эй фалонӣ, чаро дер кардӣ?» Гуфт: «Аҷаб коре шуд, ду мард ба ман вохӯрданду маро ба назди касе бурданд, ки ӯро собиӣ гӯянд. Ва ӯ чунину чунон кард. Валлоҳ, ки ӯ ё соҳиртарин касе аз мардумон дар байни ину он аст – ва ӯ ба осмону замин ишорат карда ду ангушташ – миёна ва шаҳодатро ба сӯи осмон бардошт, – ё дарвоқеъ пайғамбари барҳақ аст». Ва мусулмонон баъди ин воқеа бо мушриконе, ки дар атрофи манзили ин зан буданд, ҷанг карданд, вале аз мавзеъ ва ҷамоаи он зан даст боздоштанд. Ва ӯ рӯзе ба қавми худ гуфт: «Ман медонам, ки ин қавм дидаву induced дониста шуморо ба ҳоли худ вогузоштанд. Оё шуморо хоҳиши даромадан ба ислом ҳаст?» Онҳо ба ӯ итоат карданду ба ислом даромаданд».*

Абӯабдуллоҳ гуфт: «Сабаа» – аз дине ба дини дигар гузаштани касест». Ва Абулъолия гуфт: «Собион фирқае аз аҳли Китобанд, ки Забур мехонанд».

### (7) Боб. Андар шахси боҷанобат, ки аз хавфи беморӣ ё марг ё ташнагӣ таяммум кунад

Зикр шудааст, ки Амр ибни ал-Ос дар як шаби сард боҷанобат шуд, пас таяммум карду бархонд: «Ва хештанро макушед, ба дурустӣ ки Худо ба шумо Меҳрубон аст» (4:29). Чун (Амр) дар

ин бора хабар дод, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ӯро накӯҳиш накард.

**345.** Бишр ибни Холид ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад – ӯ Ғундар аст – ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Сулаймон, аз Абӯвоил, гуфт: Абӯмӯсо ба Абдуллоҳ ибни Масъуд гуфт: *«Агар (шахси боҷанобат) об наёбад, намоз нахонад?» Абдуллоҳ гуфт: «Агар ба онҳо дар ин кор рухсат диҳам, ҳар гоҳ об сард бошад, онҳо инчунин кунанд». – Яъне таяммум кунанду намоз гузоранд. Гуфт: «Гуфтам: пас сухани Аммор ба Умар чӣ мешавад?» Гуфт: «Аз сухани Аммор қонеъ будани Умарро надидаам».*

**346.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл карда гуфт: аз Шақиқ ибни Салама шунидам, ки гуфт: «Дар назди Абдуллоҳу Абӯмӯсо будам. Абӯмӯсо ба ӯ гуфт: *«Эй Абӯабдурраҳмон, агар касе боҷанобат шаваду об наёбад, ба ақидаи ту чӣ кор кунад?» Абдуллоҳ гуфт: «То об наёбад, намоз нахонад». Абӯмӯсо гуфт: «Пас дар бораи сухани Аммор, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Туро кифоят мекард...» чӣ гӯӣ?» Гуфт: «Оё надидӣ, ки Умар бо он қонеъ нашуд?» Абӯмӯсо гуфт: «Хуб сухани Амморро як сӯ гузорем. Дар бораи оят(-и таяммум) чӣ мегӯӣ?» Абдуллоҳ чӣ гуфтанашро надонист. Баъд гуфт: «Агар мо ба онҳо дар ин кор рухсат диҳем, дур нест, ки чун об бар касе аз онҳо сардӣ кунад, ба ҷои вузӯ таяммум кунад». Ва ба Шақиқ гуфтам: «Оё Абдуллоҳ танҳо аз ҳамин сабаб таяммумро раво надонист?» Гуфт: «Оре».*

## (8) Боб. Таяммум аз зарб задан ба хок аст

**347.** Муҳаммад ибни Салом ба мо нақл карда гуфт: Абӯмуъовия ба мо хабар дод, аз ал-Аъмаш, аз Шақиқ, ки гуфт: «Бо Абдуллоҳу Абӯмӯсо ал-Ашъарӣ нишаста будам. Абӯмӯсо ба ӯ гуфт: *«Агар марде боҷанобат шаваду як моҳ об наёбад, магар таяммум карда намоз нахонад?! Ва дар бораи ин ояти сураи Моида чӣ мегӯӣ: «Ва агар об наёбед, пас бо хоки пок таяммум кунед» (5:6). Абдуллоҳ гуфт: «Агар ба онҳо дар ин кор рухсат диҳанд, дур нест, ки чун об барояшон сардӣ кунад, бо хоки пок таяммум кунанд». Ман гуфтам: «Оё танҳо аз ин сабаб онро раво намедоред?» Гуфт: «Оре». Абӯмӯсо гуфт: «Оё сухани Амморро нашунидаӣ, ки ба Умар гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-*

*Лоҳу алайҳи ва саллам, маро барои зарурате ба ҷое фиристода буд. Ман боҷанобат шудаму об наёфтам ва дар хок монанди ғелидани чорпоён ғел задам. Дар ин бора ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хабар додам. Пас гуфт: «Барои ту агар чунин ҳам мекардӣ, кофӣ буд» – ва кафи дастро як бор ба замин заду ба он дамид. Сипас дастҳоро ба ҳам масҳ кашид: пушти дасти росташро бо кафи чап, ё пушти дасти чапашро бо кафи дасти рост. Сипас бо дастҳо рӯяшро масҳ кашид. Абдуллоҳ гуфт: «Оё надидӣ, ки Умар бо сухани Аммор қонеъ нашуд. Ва Яъло афзуд, аз ал-Аъмаш, аз Шақиқ, ки гуфт: «Ҳамроҳи Абдуллоҳу Абӯмӯсо будам. Абӯмӯсо гуфт: «Оё сухани Амморро ба Умар нашунидаӣ, ки гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ману туро ба ҷое фиристод. Ман боҷанобат шудам ва ба хок ғел задам. Ва ба назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омадем ва ба ӯ хабар додем. Ӯ гуфт: «Ҳамоно барои ту ҳамин ҳам кофӣ буд» – ва ду кафи дасту рӯйро як бор масҳ кашид».*

### (9) Боб

**348.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Авф ба мо хабар дод, аз Абӯраҷо, гуфт: Имрон ибни Ҳусайн ал-Хузоъӣ ба мо нақл кард, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мардеро дид, ки аз дигарон ҷудо меистод, бо қавм намоз нахонда буд. Гуфт: «Эй фалонӣ, чӣ чиз туро аз намоз хондан бо қавм боздошт?» Гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба ман ҷанобат расидааст ва об нест». Гуфт: «Ту бо хок таяммум кун ва ҳамин туро кофист».*

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# VIII. КИТОБИ НАМОЗ

## (1) Боб. Намоз чӣ гуна дар шаби Меъроҷ фарз гардонида шуд?

*Ва Ибни Аббос гуфт: «Абӯсуфён дар ҳадиси Ҳерақл ба ман нақл карду гуфт: «Ба мо мефармояд, – яъне пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам – ки намоз хонем, рост гӯем ва покдоман бошем».*

**349.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Юнус, аз Ибни Шиҳоб, аз Анас ибни Молик, гуфт: Абӯзарр нақл мекард, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Вақте ки ман дар Макка будам, боре сақфи хонаи ман кушода шуд. Ҷабраил фуруд омад ва синаи маро бишикофту бо оби Замзам бишуст. Сипас таште заррин овард, пур аз ҳикмату имон ва онро андаруни синаи ман рехт. Сипас онро бозпӯшид. Пасон дасти маро бигирифту ба осмони наздиктарин боло бурд. Чун ба осмони наздиктарин расидем, Ҷабраил ба нигаҳбони осмон гуфт: «Бикушо!» Гуфт: «Ин кист?» Гуфт: «Ин Ҷабраил аст». Гуфт: «Оё ҳамроҳат касе ҳаст?» Гуфт: «Оре, ҳамроҳи ман Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳаст». Гуфт: «Оё туро фиристоданд, ки ӯро биёрӣ?» Гуфт: «Оре». Чун бикушод, ба осмони наздиктарин баромадем. Он ҷо мардеро дидем, ки мардуме авом дар тарафи росташ буданду мардуме авом – дар тарафи чап. Чун ба ҷониби рост менигарист, механдид ва чун ба ҷониби чап менигарист, мегирист. Ӯ гуфт: «Марҳабо, эй пайғамбари некӯсират ва фарзанди солеҳ». Ба Ҷабраил гуфтам: «Ин кист?» Гуфт: «Ин Одам аст ва ин*

*мардумон аз росту чап арвоҳи фарзандонашанд ва онҳое, ки дар тарафи ростанд, аҳли биҳиштанд ва мардумоне, ки дар тарафи чап ҳастанд, аҳли дӯзаханд. Чун ба сӯи рост менигарист, механдид ва чун ба сӯи чап менигарист, мегирист». Ва маро сӯи осмони дуввум боло бурду ба нигаҳбони он гуфт: «Бикушо!» Нигаҳбон ба ӯ ҳамон суханҳо гуфт, ки нигаҳбони нахустин гуфта буд, пас бикушод».*

*Анас гуфт: «(Абӯзарр) зикр кард, ки ӯ дар осмонҳо Одам, Идрис, Мӯсо, Исо ва Иброҳимро, салавоту-л-Лоҳи алайҳим, вохӯрд, вале дақиқан нагуфт, ки онҳо дар кадом манзили осмон буданд. Зикр кард, ки Одамро дар осмони наздиктарин ва Иброҳимро дар осмони шашум вохӯрд». Анас гуфт: «Пас чун Ҷабраил ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар Идрис гузашт, (Идрис) гуфт: «Марҳабо, эй пайғамбари некӯсират ва бародари солеҳ». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ман гуфтам: «Ин кист?» Гуфт: «Ин Идрис аст». Сипас бар Мӯсо гузаштам, ӯ гуфт: «Марҳабо, эй пайғамбари некӯсират ва бародари солеҳ». Гуфтам: «Ин кист?» Гуфт: «Ин Мӯсо аст». Сипас бар Исо гузаштам, ӯ гуфт: «Марҳабо, эй бародари накӯсират ва пайғамбари солеҳ». Гуфтам: «Ин кист?» Гуфт: «Ин Исо аст». Сипас бар Иброҳим гузаштам, ӯ гуфт: «Марҳабо, эй пайғамбари некӯсират ва фарзанди солеҳ». Гуфтам: «Ин кист?» Гуфт: «Ин Иброҳим салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам аст».*

Ибни Шиҳоб гуфт: Ибни Ҳазм ба ман хабар дод, ки Ибни Аббос ва Абӯҳабба ал-Ансорӣ мегуфтанд: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Сипас маро боло бурданд, то ба ҷое расидам, ки садои навиштани қаламҳоро шунидам». Ибни Ҳазм ва Анас ибни Молик гуфтанд: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Худо бар уммати ман панҷоҳ вақт намозро фарз кард ва ман бо он баргаштам, то бар Мӯсо гузаштам, ӯ гуфт: «Худо бар уммати ту чӣ чизро фарз гардонид?» Гуфтам: «Панҷоҳ вақт намозро». Мӯсо гуфт: «Ба назди Парвардигорат баргард, уммати ту тоқати онро надорад». Ман бозгаштам ва Худо аз он нимро вогузошт. Ва ҷониби Мӯсо баргаштам, гуфтам: «Аз он як нимро вогузошт». Ӯ гуфт: «Ба Парвардигорат муроҷиат кун, уммати ту тоқат надорад». Ва бозгаштам ва Худо аз он боз нимеро вогузошт. Ба сӯи ӯ бозгаштам, ӯ гуфт: «Ба сӯи Парвардигорат бозгард, ки уммати ту тоқати онро на-*

*дорад». Ва баргаштам, Ӯ гуфт: «Ин панҷ вақт аст, ки он (аз рӯи савоб) баробари панҷоҳ вақт аст ва ин сухани Ман тағйир напазирад». Пасон назди Мӯсо баргаштам, ӯ гуфт: «Ба Парвардигорат мурочиат кун!» Ман гуфтам: «Аз Парвардигорам шарм медорам». Он гоҳ Ҷабраил бо ман рафт, бо ҳам то Сидрату-л-Мунтаҳо расидем. Он ба чандин рангҳо мунаққаш буд, ки ман чӣ буданашро надонистам. Сипас маро ба ҷаннат дароварданд, дар он шаддаҳои марворид дидам ва хокашро мушк дарёфтам».*

**350.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Солеҳ ибни Кайсон, аз Урва ибни аз-Зубайр, аз Оиша – модари мӯъминон, ки гуфт: *«Худо ҳангоме ки намозро фарз гардонид, онро ба муқиму мусофир ду ракъатӣ фарз кард. Ба ин тариқ намози мусофир ҳамчунон муқаррар монду бар намози муқим афзуда шуд».*

## (2) Боб. Андар воҷиб будани адои намоз бо либос; ва сухани Худои Таъоло: «Наздики ҳар намоз либоси худро бигиред» (7:31); ва дар бораи касе, ки бо як пора либоси ба тариқи илтиҳоф пӯшида намоз гузорад

Аз Салама ибни ал-Акваъ зикр мешавад, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Тарафҳои порчаро бо хоре ҳам бошад бандад ва (сатри аврат кунад)».* Вале дар исноди ин ҳадис ихтилофи назар ҳаст. Ва ҳар кӣ дар либосе, ки бо он ҷимоъ кардаасту бар он доғе надидааст, намоз хонад, раво бувад. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фармуд: *«Касе дар бараҳнагӣ хонаи Каъбаро тавоф накунад».*

**351.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Иброҳим ба мо нақл кард, аз Муҳаммад, аз Умм Атия, ки гуфт: *«Ба мо фармуданд, ки занони ҳоиза ва арӯсони чодарнишинро низ дар рӯзи Идайн берун барорем, то дар ҷойҳои намозу ибодати дастаҷамъии мусулмонон ҳозир бошанд, вале занони ҳоиза бояд аз намозгоҳ худро дур доранд». Зане гуфт: «Эй пайғамбари Худо, агар зане аз мо чодар надошта бошад-чӣ?» Гуфт: «Аз ҳамроҳонаш зане ба ӯ аз чодари худ бипӯшонад».*

Ва Абдуллоҳ ибни Раҷо гуфт: Имрон ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Сирин ба мо нақл карда гуфт: Умм Атия ба мо нақл кард: «Инро аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам».

## (3) Боб. Гиреҳ кардани (гӯшаҳои) изор дар паси гардан ҳангоми адои намоз

*Ва Абӯҳозим аз Саҳл гуфт: «Мардум ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле намоз хонданд, ки (гӯшаҳои) изорро бар дӯши худ гиреҳ карда буданд».*

**352.** Аҳмад ибни Юнус ба мо нақл карда гуфт: Осим ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Воқид ибни Муҳаммад ба ман нақл кард, аз Муҳаммад ибни ал-Мункадир, гуфт, ки Ҷобир бо як изор дар ҳоле намоз хонд, ки (гӯшаҳои) изорашро дар паси гардан гиреҳ карда буд. Ва либосҳояш бар сепоя овезон буданд. Касе ба ӯ гуфт: «Фақат бо як изор намоз мехонӣ?» Ӯ гуфт: *«Ман ин корро танҳо барои он кардам, ки чун ту аблаҳе маро бибинад. Дар замони зиндагонии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, кадоме аз мо ду либос дошт?»*

**353.** Мутарриф Абӯмусъаб ба мо нақл карда гуфт: Абдурраҳмон ибни Абулмаволӣ ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни ал-Мункадир, ки гуфт: «Ҷобир ибни Абдуллоҳро дидам, ки дар як либос намоз мехонд ва гуфт: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки дар як либос намоз мехонд».*

## (4) Боб. Худро бо як либос ба тариқи илтиҳоф пӯшонида намоз хондан

Аз-Зухрӣ дар ҳадиси худ гуфт: «Маънои «мултаҳиф» мутавашшеҳ аст ва он чунин аст, ки ду гӯша(-и ридо) мухолифи якдигар бар ҳар ду дӯш (партофта шавад) ва ин иштимол бар сари ҳар ду бозуст». Гуфт: ва Умм Ҳонӣ гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо як ҷома худро печонид ва ду гӯшаи онро мухолифи якдигар бар ҳар ду дӯши худ партофт».*

**354.** Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ибни Урва ба мо нақл кард, аз падараш, аз Умар ибни Абӯсалама, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо як (пора) либос дар ҳоле намоз хонд, ки ду гӯшаи он мухолифи якдигар (бар дӯш партофта) буд.*

**355.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Умар ибни Абӯсалама, *ки вай пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидааст, ки дар хонаи Умм Салама бо як (пора) либос дар ҳоле намоз мехонд, ки ду тарафи*

*онро ба китфонаш партофта буд.*

**356.** Убайдуллоҳ ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, ки Умар ибни Абӯсалама ба ӯ хабар дода гуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки дар хонаи Умм Салама бо як (пора) либос дар ҳоле намоз мегузорид, ки (онро ба тариқи) иштимол пӯшида ва ду тарафи онро ба китфонаш партофта буд».*

**357.** Исмоил ибни Абӯувайс ба мо нақл карда гуфт: Молик ибни Анас ба ман нақл кард, аз Абунназр – мавлои Умар ибни Убайдуллоҳ, ки Абӯмурра – мавлои Умм Ҳонӣ бинти Абӯтолиб ба вай хабар дод, ки ӯ аз Умм Ҳонӣ бинти Абӯтолиб шунид, ки мегуфт: *«Дар соли Фатҳ(-и Макка) назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рафтам ва дидам, ки ӯ ғусл мекард ва – духтараш Фотима бар вай парда кашида буд». Гуфт: «Ман ба ӯ салом додам. Ӯ пурсид: «Ин (зан) кист?» Гуфтам: «Ман Умм Ҳонӣ бинти Абӯтолибам». Гуфт: «Марҳабо, эй Умм Ҳонӣ». Чун аз ғусл фориғ шуд, бархост ва дар як (пора) либос, ки ба тариқи илтиҳоф пӯшида буд, ҳашт ракъат намоз хонд. Вақте ки аз намоз берун шуд, гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, писари модарам даъво дорад фалон ибни Ҳубайра (ном) мардеро, ки ман ӯро дар паноҳи худ гирифтаам, бикушад». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эй Умм Ҳонӣ, ҳар киро, ки ту паноҳ додаӣ, мо ҳам паноҳ додем». Умм Ҳонӣ гуфт: «Ва ин дар чоштгоҳ буд».*

**358.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Саъид ибни ал-Мусайяб, аз Абӯҳурайра, *ки касе дар бораи бо як (пора) либос намоз хондан аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кард, (ки оё ҷоиз аст)? Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Магар ҳар кадоми шумо ду либос дорад?»*

### (5) Боб. Ҳар гоҳ касе бо як либос намоз хонад, бояд (гӯшаҳои) онро бар дӯш афканад

**359.** Абӯосим ба мо нақл кард, аз Молик, аз Абуззинод, аз Абдурраҳмон ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Касе аз шумо бо як либос, модом ки чизе (аз он) бар дӯшаш набошад, намоз нахонад».*

**360.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Икрима, гуфт: аз вай шунидам – ё аз ӯ пурсидам – гуфт: аз Абӯҳурайра шунидам, ки мегуфт: «Ман шаҳодат медиҳам, ки аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфт: *«Ҳар кӣ бо як либос намоз гузорад, бигузор гӯшаҳои онро мухолифи якдигар (бар дӯш) афканад».*

## (6) Боб. Андар мавриде, ки либос танг бошад

**361.** Яҳё ибни Солеҳ ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ибни Сулаймон ба мо нақл кард, аз Саъид ибни ал-Ҳорис, ки гуфт: «Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ дар бораи бо як либос намоз хондан суол кардем». Ӯ гуфт: *«Бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар яке аз сафарҳояш ҳамроҳ баромадам. Як шаб барои баъзе корҳоям омадам ва ӯро дидам, ки намоз мехонд. Ман бо як либос будам, онро ба тариқи иштимол (бар хеш) афкандаму дар паҳлӯяш намоз хондам. Чун аз намоз фориғ шуд, гуфт: «Эй Ҷобир, барои чӣ шабона омадӣ?» Ҳоҷатамро ба ӯ гуфтам. Ва чун суханам тамом шуд, гуфт: «Ин чӣ гуна иштимол аст, ки мебинам?» Гуфтам: «Чун либосам танг аст». Гуфт: «Агар либос васеъ бошад, онро ба тариқи илтиҳоф (иштимол) бар хеш афкан ва агар танг бошад, изор бигир».*

**362.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Суфён, ки гуфт: Абӯҳозим ба ман нақл кард, аз Саҳл, ки гуфт: *«Як гурӯҳ мардон (гӯшаҳои) изорашонро монанди кӯдакон ба гардан баста ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонданд. Ӯ ба занон гуфт: «То рост нишастани мардон сар боло накунед».*

## (7) Боб. Андар хондани намоз бо ҷуббаи шомӣ

Ва ал-Ҳасан гуфт: «(Намоз хондан) бо либосе, ки онро зардуштӣ бофтааст, зиён надорад». Ва Маъмар гуфт: «Аз-Зуҳриро дидам, ки аз ҷомаи яманӣ онеро пӯшид, ки бо бавл ранг карда буданд». Ва Алӣ бо либоси нави ношуста намоз хонд.

**363.** Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Абӯмуъовия ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Муслим, аз Масруқ, аз Муғира ибни Шуъба, ки гуфт: *«Дар сафаре бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам,*

*ҳамроҳ будам. Ӯ гуфт: «Эй Муғира, офтобаро бигир!» Ман онро гирифтам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун баромад, аз назарам пинҳон шуд, қазои ҳоҷат кард. Ӯ ҷуббаи шомӣ дар бар дошт, хост даст аз остини он барорад, вале остин танг буд; онро аз поини (ҷубба) баровард ва ман ба вай об рехтам. Ӯ монанди вузӯи намоз вузӯ кард ва бар мӯзааш масҳ кашид. Он гоҳ намоз хонд».*

## (8) Боб. Андар макрӯҳ будани бараҳнагӣ ҳангоми намоз ва ғайруҳу

**364.** Матар ибни ал-Фазл ба мо нақл карда гуфт: Равҳ ба мо нақл карда гуфт: Закарийё ибни Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Динор ба мо нақл карда гуфт: аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ шунидам, ки нақл мекард; *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо қурайшиён барои бинои Каъба санг ҳамеовард ва бар тан изор дошт. Амакаш ал-Аббос ба ӯ гуфт: «Эй бародарзода, чӣ мешавад, ки изоратро боз кунӣ ва зери санги китфат бигузорӣ?» Ҷобир гуфт: «Ӯ чун онро боз кард ва бар дӯш афканд, аз ҳуш бирафту афтод. Баъд аз он ӯро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳаргиз бараҳна надиданд».*

## (9) Боб. Андар хондани намоз бо пероҳану шалвор ва туббону қабо

**365.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Муҳаммад, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Марде дар ҳузури пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту аз ӯ суол кард, ки оё бо як либос намоз хондан равост?» Ӯ гуфт: «Оё ҳар кадоми шумо ду либос дорад?»* Сипас марде ба Умар (айнан ҳамин) суолро дод. Ӯ гуфт: «Ҳар гоҳ Худо ба шумо тавоноӣ диҳад, (дар пӯшидани либос) фароҳдастӣ кунед. Ҳар кас бигузор (ба ҳар шакл) либосҳоро бар (тани) худ ҷуфт сохта намоз гузорад: бо эзоре ва ридое; бо эзоре ва куртае; бо эзоре ва қабое, бо шалворе ва ридое; бо шалворе ва куртае; бо шалворе ва қабое; бо туббоне ва қабое; бо туббоне ва куртае». Гуфт: «Ба гумонам, ки боз гуфт: «бо туббоне ва ридое».

**366.** Осим ибни Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Солим, аз Ибни Умар, ки гуфт: *марде аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол карду*

*гуфт: «Шахси эҳромбаста чӣ мепӯшад?» Гуфт: «Курта, шалвор ва бурнус напӯшад ва на либосе, ки бар он заъфарон ва варс расида бошад. Ва ҳар кӣ наълайн наёбад, бигузор мӯза пӯшад ва (соқи) онро кӯтоҳ кунад, то аз шитоланг поинтар бошад».*

Ва (ба исноди дигар ҳадисе) монанди инро (нақл кард), аз Нофеъ, аз Ибни Умар, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

### (10) Боб. Андар баёни сатри он чӣ ки аз аврат аст

**367.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, ки ӯ гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (ду чизро) манъ кардааст: иштимоли саммо (шахс худро бо либосончунон печонад, ки дастҳо берун бароварда натавонад); ва мард агар бо як либос ба тариқи эҳтибо (зонуҳоро ба оғӯш гирифтан) нишинад, дар ҳоле ки чизе аз он (либос) бар авраташ афканда набошад».*

**368.** Қубайса ибни Уқба ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду (навъ) хариду фурӯшро манъ кардааст: лимос (бо ламс кардани мол аз ғайри ба чашм дидан молро харидани муштарӣ); ва нибоз (молро пеш аз тагу рӯ карда дидан ба фурӯш гузоштани фурӯшанда); ва (боз ду чизро манъ кардааст): иштимоли саммо кардан (шахс худро бо либос ончунон печонад, ки дастҳояшро берун бароварда натавонад); ва эҳтибо бо як либос (дар замин нишаста зонуҳояшро рост кунад ва бо як либос бадану зонуҳояшро печонад)».*

**369.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: бародарзодаи Ибни Шиҳоб ба мо нақл кард, аз амакаш, ки гуфт: Ҳумайд ибни Абдурраҳмон ибни Авф ба ман хабар дод, ки Абӯҳурайра гуфт: *«Абӯбакр дар ҳамон ҳаҷ, рӯзи қурбонӣ кардан маро дар ҷумлаи муаззинон ба Мино фиристод, ки эълон кунем: баъди ин сол ягон мушрике ҳаҷ ва бараҳнае Хонаро тавоф нахоҳанд кард». Ҳумайд ибни Абдурраҳмон гуфт: «Сипас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Алиро аз пас(-и Абӯбакр) фиристод ва ӯро бифармуд, ки сураи «Бароат»-ро бихонад». Абӯҳурайра гуфт: «Пас Алӣ рӯзи қурбонӣ кардан дар ҳузури мо ба аҳли Мино эълон кард: «Баъд аз ин сол ягон*

*мушрике ҳаҷ ва бараҳнае Хонаро тавоф нахоҳанд кард».*

## (11) Боб. Андар хондани намоз бе ридо

**370.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абулмаволӣ ба ман нақл кард, аз Муҳаммад ибни ал-Мункадир, ки гуфт: *«Ба назди Ҷобир ибни Абдуллоҳ ҳангоме даромадам, ки ӯ ридояшро як сӯ гузошта, як либосро ба тариқи илтиҳоф пӯшида намоз мехонд. Чун аз намоз берун омад, гуфтем: «Эй Абӯабдуллоҳ, дар ҳоле ки ридо як сӯ гузоштаӣ, намоз мехонӣ?» Гуфт: «Оре, хостам, ки нодонҳое мисли шумо маро бибинанд. Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки ҳамчунин намоз мехонд».*

## (12) Боб. Андар он чӣ ки дар бобати рон зикр мешавад

Аз Ибни Аббос, Ҷарҳад, Муҳаммад ибни Ҷаҳш, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ривоят кардаанд: *«Рон аврат аст».* Ва Анас гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (боре) ронашро бараҳна кард».* Ва (мо мегӯем, ки) ҳадиси Анас аз рӯи иснод саҳеҳтар ва ҳадиси Ҷарҳад аз рӯи эҳтиёткорӣ бартар аст, то аз ихтилофашон берун оем. Ва Абӯмӯсо гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки Усмон наздаш ворид шуд, зонуҳо пӯшонид».* Ва Зайд ибни Собит гуфт: *«Худо бар пайғамбараш, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле ки ронаш болои рони ман буд, ваҳй нозил кард. Ва он рон бар ман чунон гаронӣ овард, ки аз шикастани ронам тарсидам».*

**371.** Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Улайя ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Суҳайб ба мо нақл кард, аз Анас, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ғазои Хайбар рафт. Дар наздикии (Хайбар) ҳангоми ғалас (торикии охири шаб) намози бомдод хондем. Баъд пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савор шуд ва Абӯталҳа ҳам савор шуд ва ман радифи Абӯталҳа будам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар тангкӯчаи Хайбар асп медавонд ва зонуи ман ба рони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, расид. Сипас рони ӯ бараҳна шуд, чашмам ба сафедии рони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, афтод. Чун ба деҳа даромад, гуфт: «Аллоҳу Акбар, хароб бод Хайбар! «Ба дурустӣ ки чун мо ба майдони қавме фу-*

*руд оем, пас субҳи он бимкардагон бад бошад» (37:177). Инро се бор гуфт. (Анас) гуфт: «Ва мардум аз паи кори худ шуданд ва гуфтанд: «Муҳаммад (омад)». Абдулазиз гуфт: баъзе аз ёрони мо гуфтанд: «Бо хамис, яъне бо сипоҳаш омад». (Анас) гуфт: «Ва Хайбарро бо зарби шамшер гирифтем ва асиронро гирд оварданд. Диҳя омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, аз асирон канизакеро ба ман деҳ?» Гуфт: «Бирав ва канизакеро бигир!» Ӯ Сафия бинти Ҳуяйро бигирифт. Марде назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба Диҳя бонуи қабилаҳои Қурайзаву Назир Сафия бинти Ҳуяйро додӣ. Ӯ ҷуз худат касеро сазовор нест». Гуфт: «Ӯро бо Сафия бозхонед». Диҳя Сафияро овард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун Сафияро дид, (ба Диҳя) гуфт: «Аз асирон канизаки дигареро бигир!» Гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Сафияро озод карду ба занӣ гирифт». Собит ба Анас гуфт: «Эй Абӯҳамза, барои маҳри ӯ чӣ дод?» Гуфт: «Худи Сафияро маҳри худаш кард: ӯро озод кард ва ба занӣ гирифт; гарчанд дар сафар бошанд ҳам, Умм Сулайм Сафияро ороста ва ҳамон шаб ба зифофи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фиристод. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, субҳ ҳамчун домод бархост ва гуфт: «Ҳар касе ҳар чӣ хӯрдание дорад, биёрад». Ва суфраи чармине бигустурд. Марде хурмо оварду он ҷо гузошт ва марде равған овард». Гуфт: «Ба гумонам, ки (Анас) савиқро ҳам зикр кард. Гуфт: «Ин ҳамаро бо ҳам даромехтанд (ва ҳайс сохтанд). Ва ин ҷашни арӯсии пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буд».*

### (13) Боб. Зан дар чанд либос намоз мехонад

Ва Икрима гуфт: «Агар зан бо як либос бадани худро пӯшонад, (намоз хондан) раво бошад».

**372.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Урва ба ман хабар дод, ки Оиша гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози бомдод мехонд ва занони мӯъмина (низ) худро дар чодарҳо печонида, бо ӯ дар намоз ҳозир мешуданд. Сипас ба хонаҳояшон бармегаштанд ва касе онҳоро намедонист».*

### (14) Боб. Дар бораи касе, ки бо либоси нақшдор

**намоз хонаду ба нақшҳои он нигарад**

**373.** Аҳмад ибни Юнус ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл карда гуфт: Ибни Шиҳоб ба мо нақл кард, аз Урва, аз Оиша, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо хамиса (ҷомаи мураббаи нақшдор) намоз хонд ва ба нақшҳои он як нигоҳе кард. Чун аз намоз берун шуд, гуфт: «Ин хамисаи маро ба Абӯҷаҳм бибаред ва ба ман анбиҷония (ҷомаи дуруштбофти бенақш)-и Абӯҷаҳмро биёред. Ба ростӣ ки он маро ҳамин ҳоло аз намозам ғофил кард»*.

Ва Ҳишом ибни Урва гуфт, аз падараш, аз Оиша, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Чун ҳангоми намоз хондан ба нақшҳои он менигаристам, тарсидам, ки (диққати) маро ба сӯи худ мекашад»*.

## (15) Боб. Оё касе бо либоси нақши салибдор ё суратдор намоз хонад, намозаш фосид хоҳад шуд? Ва чӣ чиз дар ин бобат манъ шудааст

**374.** Абӯмаъмар Абдуллоҳ ибни Амр ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Суҳайб ба мо нақл кард, аз Анас, ки гуфт: *«Оишаро пардаи мунаққаше буд, ки бо он як гӯшаи хонаашро пӯшида буд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ин пардаи мунаққашро аз пеши мо дур кун, зеро ки суратҳои он дар намозам пайваста пеши чашм намоён мешавад»*.

## (16) Боб. Дар бораи касе, ки бо қабои абрешимии пуштчок намоз хонад, сипас онро бадар кунад

**375.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Язид, аз Абулхайр, аз Уқба ибни Омир, ки гуфт: *«Ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, қабои абрешимии пуштчок ҳадя карданд. Ӯ онро пӯшиду намоз хонд. Баъд (аз намоз) берун шуд ва ҳазаркунон онро бо шиддату дуруштӣ аз тан бадар карду гуфт: «Насазад, ки парҳезгорон инро пӯшанд»*.

## (17) Боб. Андар хондани намоз бо либоси сурх

**376.** Муҳаммад ибни Аръара ба мо нақл карда гуфт: Умар ибни Абӯзоида ба ман нақл кард, аз Авн ибни Абуҷуҳайфа, аз пада-

раш, ки гуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, андаруни хаймае аз чарми сурх дидам. Ва Билолро дидам, ки оби вузӯкардаи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар даст дошт. Ва мардумро дидам, ки барои ба даст овардани он об талош доштанд. Ва ҳар киро аз он ҷуръае насиб мегашт, онро ба худ мемолид. Ва агар ба касе аз он чизе намерасид, аз тарии дасти ёраш мегирифт. Сипас Билолро дидам, ки аназае (найзаке)-ро гирифта ба замин халонд. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо ҳулла (ридо ва эзор)-и сурхи барзададоман берун омад ва рӯ ба найзак бо мардум ду ракъат намоз хонд. Ва мардумону чорпоёнро дидам, ки аз пеши найзак мегузаштанд».*

## (18) Боб. Андар хондани намоз дар болои бом, минбар ва тахта

Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ба раъйи ал-Ҳасан дар болои ях ва пул, агарчи аз зеру забар бавл ҷорӣ бошад ҳам, намоз хондан зиён надорад ва аз пеши он (ба шарте зиён надорад, ки) агар дар миёни он бавл ва намозхон сутрае бошад». Ва Абӯҳурайра болои боми масҷид имоматӣ карда намоз хонд. Ва Ибни Умар дар болои барф намоз хонд.

**377.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Абӯҳозим ба мо нақл карда гуфт: аз Саҳл ибни Саъд суол карданд: «Минбарро аз чӣ чиз месозанд?» Гуфт: *«Дар байни мардум касе боқӣ намондааст, ки инро аз ман беҳтар донад. Минбар аз чӯби дарахти газ аст, ки аз ҷангал(-и наздики Мадина) овардаанд. Онро фалон мавлои фалона барои пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сохтааст. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки минбар сохта ва гузошта шуд, бар он истод, рӯ ба қибла кард ва такбир(-и таҳрима) гуфт ва мардум дар пушти ӯ истоданд. Ӯ қироат кард, рукӯъ кард ва мардум аз паси ӯ ба рукӯъ рафтанд. Баъд сарашро (аз рукӯъ) бардошт. Сипас ӯ пуштнокӣ ба ақиб баргашт ва бар замин саҷда кард. Он гоҳ ба минбар бозгашт, қироат кард, рукӯъ кард ва сарро (аз рукӯъ) бардошт. Сипас пуштнокӣ ба ақиб баргашт ва ба замин саҷда кард. Ва дар бораи минбар (он чӣ бояд гуфт) ҳамин аст».*

Абӯабдуллоҳ гуфт: Алӣ ибни Абдуллоҳ гуфт: «Аҳмад ибни Ҳанбал, раҳимаҳу-л-Лоҳу, аз ман дар бораи ин ҳадис суол кард.

Гуфт: «Ман хостам бигӯям, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҷое болотар аз мардум меистод ва зиёне надорад, ки мувофиқи ин ҳадис имом дар ҷое болотар аз мардум бошад». Гуфт: «Пас гуфтам: «Дарвоқеъ аз Суфён ибни Уяйна дар бораи ин ҳадис бисёр суол мекарданд. Ва оё ту онро аз вай нашунидаӣ?» Гуфт: «Не».

**378.** Муҳаммад ибни Абдурраҳим ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Ҳорун ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ат-Тавил ба мо хабар дод, аз Анас ибни Молик, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз асп афтоду соқи пояш – ё китфаш – харош ёфт. Ва қасам хӯрд, ки як моҳ назди занонаш надарояд. Ва дар болохонаи худ, ки зинапояаш аз танаи дарахти хурмо буд, нишаст. Ёрон ба иёдати ӯ омаданд. Ва ҳамроҳи онҳо – худ нишаставу дигарон истода – намоз гузорид. Чун салом дод, гуфт: «Имом барои он аст, ки ба ӯ пайравӣ кунанд: чун «Аллоҳу Акбар» гӯяд, шумо ҳам «Аллоҳу Акбар» гӯед; ва чун ба рукӯъ равад, шумо низ ба рукӯъ равед; ва чун саҷда кунад, шумо низ саҷда кунед; ва агар истода намоз хонад, шумо низ истода намоз хонед».*

*Ва баъд аз бисту нӯҳ рӯз (аз болохона) фуруд омад. Ва гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, ту як моҳ гӯён қасам хӯрда будӣ?» Гуфт: «Дар ҳақиқат ин моҳ бисту нӯҳ рӯз аст».*

## (19) Боб. Ҳангоми саҷда кардан ба занаш расидани либоси намозгузор

**379.** Мусаддад ба мо нақл кард, аз Холид, гуфт: Сулаймон аш-Шайбонӣ ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Шаддод, аз Маймуна, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонд ва ман дар ҳоли ҳайз ба паҳлӯяш дароз кашида будам. Чун ба саҷда мерафт, гоҳ-гоҳ либоси ӯ ба ман мерасид». Маймуна гуфт: «Вай болои хумра (ҷойнамози бурёӣ) намоз мехонд».*

## (20) Боб. Андар хондани намоз дар рӯи бурё

Ва Ҷобиру Абӯсаъид дар киштӣ рост истода намоз хонданд. Ва ал-Ҳасан гуфт: «Агар боиси машаққати ёрони худ нагардӣ, дар киштие, ки савори онӣ, рост истода намоз хон; ва дар акси ҳол – нишаста».

**380.** Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод,

аз Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа, аз Анас ибни Молик, *ки модаркалонаш Мулайка пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба таоме, ки барои ӯ пухта буд, даъват кард. Ӯ аз он бихӯрд. Сипас гуфт: «Ба намоз бархезед ва ман имоми шумо мешавам». Анас гуфт: «Ман бархоста ба сӯи бурёи аз истифодаи дурудароз сиёҳгаштаи худамон рафтам ва ба он об пошида шустам. Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба намоз бархост. Ману ятимбача дар пушти ӯ саф истодему кампир дар пушти мо буд ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳи мо ду ракъат намоз хонд, пасон берун баромад».*

## (21) Боб. Андар хондани намоз дар рӯи хумра (ҷойнамози бурёӣ)

**381.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард: Сулаймон аш-Шайбонӣ ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Шаддод, аз Маймуна, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар рӯи хумра (ҷойнамози бурёӣ) намоз мехонд».*

## (22) Боб. Андар хондани намоз дар рӯи бистар

*Анас дар рӯи бистари худ намоз хонд.*

*Ва Анас гуфт: «Бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехондем ва яке аз мо дар болои либосаш саҷда мекард».*

**382.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Абунназр – мавлои Умар ибни Убайдуллоҳ, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Дар пеши пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хоб рафта пойҳои худро ба ҷойгоҳи саҷдаи ӯ дароз карда будам. Ҳар гоҳ ки ӯ ба саҷда мерафт, дасташро ба ман мерасонид ва ман пойҳоямро мекашидам. Чун ӯ рост мешуд, боз пойҳо дароз мекардам». Оиша гуфт: «Ва хонаҳо дар он рӯзгор чароғ надоштанд».*

**383.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, гуфт: Урва ба ман хабар дод, ки Оиша ба ӯ хабар дод: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле намоз мехонд, ки ман дар байни ӯ ва қибла рӯи бистарамон монанди маййити ба салоти ҷаноза гузошташуда бар паҳно хобида будам».*

**384.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба

мо нақл кард, аз Язид, аз Ирок, аз Урва, ки *пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле намоз мехонд, ки Оиша дар байни ӯ ва қибла, рӯи бистаре, ки ҳар ду дар он хоб мерафтанд, бар паҳно дароз кашида буд.*

## (23) Боб. Саҷда кардан дар рӯи либос ҳангоми сахтии гармо

Ва ал-Ҳасан гуфт: «Саҳобагон дастҳо андаруни остин дар рӯи дастор ва қалансува (кулоҳи дароз) саҷда мекарданд».

**385.** Абулвалид Ҳишом ибни Абдулмалик ба мо нақл карда гуфт: Бишр ибни ал-Муфаззал ба мо нақл карда гуфт: Ғолиб ал-Қаттон ба мо нақл кард, аз Бакр ибни Абдуллоҳ, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехондем. Ва баъзеамон аз сахтии гармо як тарафи либосамонро дар саҷдагоҳ мегузоштем».*

## (24) Боб. Бо наълайн намоз хондан

**386.** Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Абӯмаслама Саъид ибни Язид ал-Аздӣ ба мо хабар дода гуфт: аз Анас ибни Молик суол кардам: *«Оё пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо наълайн намоз мехонд?» Гуфт: «Оре».*

## (25) Боб. Бо мӯза намоз хондан

**387.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, гуфт: аз Иброҳим шунидам, ки аз Ҳаммом ибни ал-Ҳорис нақл мекард, ки ӯ гуфт: *«Ҷарир ибни Абдуллоҳро дидам, ки бавл кард, сипас вузӯ карда мӯзаҳояшро масҳ кашид. Баъд бархосту намоз хонд. Аз Ҷарир (дар бораи масҳ кашидан) суол карданд. Ӯ гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки ҳамчунин кард».*

Иброҳим гуфт: «Пас ин сухан писандашон омад, зеро ки Ҷарир (аз саҳобагон) охирин шахсе буд, ки ислом овардааст».

**388.** Исҳоқ ибни Наср ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Муслим, аз Масруқ, аз ал-Муғира ибни Шуъба, ки гуфт: *«Ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оби таҳорат додам. Ӯ мӯзаҳояшро масҳ кашид ва намоз хонд».*

## (26) Боб. Дар бораи касе, ки саҷда ба итмом нарасонида бошад

**389.** Ас-Султ ибни Муҳаммад ба мо хабар дод: Маҳдӣ ба мо хабар дод, аз Восил, аз Абӯвоил, аз Ҳузайфа, *ки вай мардеро дид рукӯъ ва саҷда ба итмом намерасонид. Чун намоз анҷом дод, Ҳузайфа ба ӯ гуфт: «Ту намоз нахондӣ!» Гуфт: ва ба гумонам гуфт: «Агар бимирӣ, на бар суннати Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хоҳӣ мурд».*

## (27) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми саҷда таги бағали худро намоён мекунад ва бозувонро аз худ ҷудо медорад

**390.** Яҳё ибни Букайр ба мо хабар дода гуфт: Бакр ибни Музар ба мо нақл кард, аз Ҷаъфар, аз Ибни Ҳурмуз, аз Абдуллоҳ ибни Молик ибни Буҳайна, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар гоҳ ки намоз мехонд, дастон ба қадре аз тан дур медошт, ки сафедии таги бағали ӯ намоён мешуд.*

Ва ал-Лайс гуфт: «Ҷаъфар ибни Рабиъа ҳадисе монанди инро ба ман нақл кард».

## (28) Боб. Андар фазилати рӯ овардан ба қибла

*«Намозгузор ангуштони пойҳо ба сӯи қибла мегардонад» – инро Абӯҳумайд аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам гуфт.*

**391.** Амр ибни Аббос ба мо нақл карда гуфт: Ибни ал-Маҳдӣ ба мо нақл карда гуфт: Мансур ибни Саъд ба мо нақл кард, аз Маймун ибни Сиёҳ, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ монанди мо намоз хонад, ба сӯи қиблаи мо рӯй оварад ва гӯшти ҳайвони забҳкардаи моро хӯрад, он шахс мусулмонест, ки дар амону паймони Худову пайғамбари Ӯст. Ва дар амону паймони Худо ғадр накунед».*

**392.** Нуъайм ба мо нақл карда гуфт: Ибни ал-Муборак ба мо нақл кард, аз Ҳумайд ат-Тавил, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ман фармуда шуд: бо мардумон ҷанг кунам, то он ки «Ло илоҳа илло-*

*л-Лоҳ» гӯянд. Ва агар ин калимаро бигӯянду монанди мо намоз хонанд, ҷониби қиблаи мо рӯй оваранд ва ҳайвонро ба мисли мо забҳ кунанд, он гоҳ (рехтани) хуну (гирифтани) моли онҳо барои мо ҳаром аст. Ба истисноии мавриде, ки (рехтани) хуну (гирифтани) мол ҳақ бошад. Ва ҳисоби онҳо (дар охират) бар Худо аст».*

**393.** Ибни Абӯмарям гуфт: Яҳё ба мо хабар дод: Ҳумайд ба мо нақл кард: Анас ба мо нақл кард, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам...

Ва (ба исноди дигар) Алӣ ибни Абдуллоҳ гуфт: Холид ибни ал-Ҳорис ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ба мо нақл карда гуфт: Маймун ибни Сиёҳ аз Анас ибни Молик суол карда гуфт: «Эй Абӯҳамза, (рехтани) хуни инсон ва (тасарруфи) моли ӯро чӣ чиз ҳаром мекунад?» Ӯ гуфт: *«Агар он кас шаҳодат диҳад, ки ба ҷуз Худои Ягона маъбуде нест, агар ҷониби қиблаи мо рӯ оварад, монанди мо намоз хонад ва гӯшти ҳайвони забҳкардаи моро хӯрад, ӯ мусулмон аст ва баробари як мусулмон ҳуқуқ дорад ва воҷиботи як мусулмон ҳам бар ӯҳдаи ӯст».*

## (29) Боб. Андар қиблаи аҳли Мадина, Шом ва Машриқ

*Қибла на дар Машриқ ва на дар Мағриб аст, бино бар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ҳангоми ғоит ё бавл кардан рӯй сӯи қибла макунед, балки рӯй ба шарқ ё ғарб гардонед».*

**394.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Ато ибни Язид, аз Абӯайюб ал-Ансорӣ, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ ба қазои ҳоҷат бароед, рӯй ва пушти худ ба қибла макунед, балки онро сӯи шарқ ё ғарб гардонед». Абӯайюб гуфт: «Ба Шом омадем ва ҳоҷатхонаҳо дидем, ки рӯй ба қибла сохтаанд. Ва мо қадре яктарафа менишастему аз Худои Таъоло омурзиш металабидем».*

Ва (Суфён) гуфт, аз аз-Зуҳрӣ, аз Ато: «Ҳадисе монанди инро шунидам, аз Абӯайюб, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам».

## (30) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ва аз ҷои қадами Иброҳим намозгоҳ бигиред» (2:125)

**395.** Ал-Ҳумайдӣ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл

карда гуфт: Амр ибни Динор ба мо нақл карда гуфт: «Аз Ибни Умар дар бораи марде, ки дар ҳаҷҷи умра Хонаро тавоф кард, вале байни Сафо ва Марва саъй накард, суол кардем: «Оё равост, ки ин мард бо занаш ҷимоъ кунад?» (Ибни Умар) гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад, Хонаро ҳафт бор тавоф кард, дар пушти мақоми Иброҳим истода ду ракъат намоз гузорид ва дар байни Сафову Марва саъй кард. Ва «ба дурустӣ ки шуморо ба пайғамбари Худо пайравии некӯ ҳаст» (33:21).*

**396.** (Амр ибни Динор гуфт:) Ва аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ низ суол кардем, гуфт: *«То саъйи байни Сафову Марваро анҷом надиҳад, ба занаш ҳаргиз наздикӣ накунад».*

**397.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Сайф, яъне Ибни Сулаймон, ки гуфт: аз Муҷоҳид шунидам, ки гуфт: *назди Ибни Умар омаданду ба ӯ гуфтанд: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Каъба даромад». Ибни Умар гуфт: «Ман ҳангоме ба он ҷо рафтам, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз Каъба баромада буд. Ва Билолро дидам, ки байни ду дар рост меистод. Ман аз Билол суол кардам: «Оё пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Каъба намоз гузорид?» Гуфт: «Оре, дар миёни ду сутуне, ки аз даромадгоҳ ба сӯи чап аст, ду ракъат намоз гузорид. Баъд берун омад ва дар рӯ ба рӯи дари Каъба ду ракъат намоз гузорид».*

**398.** Исҳоқ ибни Наср ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дод, аз Ато, гуфт: аз Ибни Аббос шунидам, ки гуфт: *«Чун пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Хона даромад, дар ҳар як тарафи он дуо кард ва то аз он ҷо берун омаданаш намозе нахонд. Чун берун омад, дар пеши Каъба ду ракъат намоз гузорид ва гуфт: «Ин қибла аст».*

## (31) Боб. Рӯ ба рӯи қибла овардани намозгузор дар ҳар ҷо, ки бошад

Ва Абӯҳурайра гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Рӯй ба қибла ору «Аллоҳу Акбар» гӯ».*

**399.** Абдуллоҳ ибни Раҷо ба мо нақл карда гуфт: Исроил ба мо нақл кард, аз Абӯисҳоқ, аз ал-Баро ибни Озиб, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва сал-*

*лам, муддати шонздаҳ ё ҳабдаҳ моҳ рӯй ҷониби Байтулмуқаддас намоз мегузорид. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, орзу дошт, ки рӯи ӯро ба сӯи Каъба гардонанд. Пас Худои азза ва ҷалла нозил кард: «Ба дурустӣ ки Мо гаштани рӯи туро дар ҷониби осмон мебинем» (2:144). Ва рӯй ба сӯи Каъба гардонид. Ва мардумони бехирад, яъне яҳудиён, гуфтанд: «Чӣ чиз онҳоро аз қиблае, ки бар он буданд, бигардонид?» (2:142). (Ва Худои таъоло гуфт:) «Бигӯ: «Машриқу Мағриб аз они Худост, ҳар киро хоҳад, ба роҳи рост ҳидоят мекунад» (2:142). Марде ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз хонд. Баъд, аз намоз берун омад ва бар гурӯҳе аз ансориён гузашт, ки рӯй сӯи Байтулмуқаддас ба намози аср истодаанд. Ба онҳо гуфт, ки гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз хонд ва (ӯро дид, ки) рӯй сӯи Каъба гардонид. Пас он гурӯҳ бигаштанд ва рӯ сӯи Каъба овар-данд».*

**400.** Муслим ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Абӯкасир ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни Абдурраҳмон, аз Ҷобир, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савори шутур намоз мехонд ва рӯй он сӯ мекард, ки шутур равона буд. Ва чун мехост намози фарз хонад, фуруд меомад ва рӯй сӯи қибла мекард».*

**401.** Усмон ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Иброҳим, аз Алқама, гуфт: Абдуллоҳ гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз гузорид. –* Иброҳим гуфт: «Ман намедонам, ки ӯ дар намоз чизе афзуд ё кам кард». *– Чун салом дод, аз ӯ пурсиданд: «Эй пайғамбари Худо, оё дар намоз чизе рух дод?» Гуфт: «Яъне чӣ?» Гуфтанд: «Намозро чунину чунон хондӣ», Ӯ ба зону нишаста рӯй ба қибла гардонид ва ду бор саҷда кард, сипас салом дод. Ва чун рӯ сӯи мо кард, гуфт: «Агар дар намоз дигаргуние лозим шавад, албатта, ман шуморо аз он хабардор мекунам, валекин ман низ мисли шумо инсон ҳастам ва чунон ки шумо фаромӯш мекунед, ман ҳам фаромӯш мекунам. Ҳар гоҳ фаромӯш кунам, ба ёдам расонед. Ва агар касеро аз шумо дар намоз (миёни ду амр) шубҳа афтад, бигузор дурусттари он (дуро) ба таҳарро пайдо карда, намозро тибқи он ба итмом расонад, пасон салом диҳад, баъд ду бор саҷда кунад».*

### (32) Боб. Он чӣ дар бораи қибла омадааст ва дар бораи касе, ки дубора гузоридани намозро ба шахсе зарур намедонад, ки саҳван рӯ на ба қибла намоз хондааст

*«Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди адои ду ракъат намози пешин салом дод ва рӯ ба сӯи мардум кард, сипас бақияи намозро хонда тамом кард».*

**402.** Амр ибни Авн ба мо нақл карда гуфт: Ҳушайм ба мо нақл кард, аз Ҳумайд, аз Анас, ки гуфт: Умар гуфт: *«Ман дар се чиз бо Парвардигори худ мувофиқ афтодам: он гоҳ ки гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, кош мақоми Иброҳимро намозгоҳ мегирифтем» – оят нозил шуд: «Ва аз ҷои қадами Иброҳим намозгоҳ бигиред» (2:125); ва дар ояту-л-Ҳиҷоб: вақте ки гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, чӣ мешавад, ки ба занҳоят ҳиҷоб гирифтан бифармой, то мардуми неку бад бо онҳо сухан нагӯянд» – ояту-л-Ҳиҷоб нозил шуд. Ва занони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз рӯи рашк бар ӯ бо ҳам ҷамъ шуданд. Ман ба онҳо гуфтам: «Агар пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шуморо талоқ диҳад, зуд аст, ки Парвардигораш барои ӯ дар иваз занони дигар диҳад: беҳтар аз шумо...». Ва ҳамин гуна оят нозил шуд» (66:5).*

Ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Айюб ба мо хабар дода гуфт: Ҳумайд ба ман нақл карда гуфт: аз Анас ин (ҳадис)-ро шунидам.

**403.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ибни Анас ба мо хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Динор, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки гуфт: *«Ҳангоми дар Қубо ба намози бомдод истодани мардум шахсе назди онҳо омаду гуфт: «Дарвоқеъ имшаб ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (ояти) Қуръон нозил шуд ва фармон омад, ки рӯй ба сӯи Каъба кунад, шумо ҳам рӯй ба он сӯй кунед». Ва рӯи онҳо ба сӯи Шом буд. Пас рӯ ба сӯи Каъба карданд».*

**404.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз ал-Ҳакам, аз Иброҳим, аз Алқама, аз Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози пешинро панҷ ракъат хонд». Гуфтанд: «Оё ба намоз (чизе) афзуда шуд?» Гуфт: «Яъне чӣ?» Гуфтанд: «Панҷ ракъат намоз хондӣ». Ӯ ба ду зону нишасту ду дафъа саҷда намуд».*

## (34) Боб. Сутурдани оби даҳон бо даст аз (девори) масҷид

**405.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Ҷаъфар ба мо нақл кард, аз Ҳумайд, аз Анас, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид, касе бар девори ҷониби қиблаи масҷид балғам афкандааст. Аз ин (кирдори ӯ) озурда шуд, то ҳадде, ки (осори озурдагӣ) дар чеҳрааш ҳувайдо гашт. Бархост ва он балғамро бо дасташ сутурду гуфт: «Ҳар гоҳ касе аз шумо дар намоз биистад, ӯ бо Парвардигори худ муноҷот мекунад – ё Парвардигораш дар миёни ӯ ва қибла аст. Касе аз шумо ба сӯи қиблаи худ ҳаргиз оби даҳон наафканад, балки ба сӯи чап ё зери по биафканад». Сипас як тарафи ридои худро ба даст гирифт ва ба он оби даҳон афканду онро ба тарафи дигар гардонида, ба ҳам совид ва гуфт: «Ё чунин кунад».*

**406.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид, касе бар девори ҷониби қибла балғам афкандааст, онро бисутурд. Сипас ба мардум рӯй оварда гуфт: «Ҳар гоҳ касе аз шумо намоз хонад, дар рӯ ба рӯи худ оби даҳон наафканад. Чунки ҳар гоҳ ӯ намоз хонад, Худо дар рӯ ба рӯи ӯст».*

**407.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша – модари мӯъминон, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар девори ҷониби қибла оби бинӣ – ё оби даҳон ва ё балғам – дид ва онро бисутурд.*

## (34) Боб. Сутурдани оби бинӣ аз девори масҷид ба сангреза

*Ва Ибни Аббос гуфт: «Агар наҷосати тарро зер кардӣ, онро бишӯй ва агар хушк бошад, машӯй».*

**408, 409.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо хабар дода гуфт: Ибни Шиҳоб ба мо хабар дод, аз Ҳумайд ибни Абдурраҳмон, ки Абӯҳурайра ва Абӯсаъид ба ӯ нақл карданд, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар девори ҷониби қибла балғамро дид. Сангрезае бигирифт ва онро бисутурду гуфт: «Агар касе аз шумо балғам афкандани шавад, ҳаргиз онро дар рӯ ба рӯ ё ба тарафи рости худ наафка-*

*над, балки ба тарафи чап ё зери пои чапаш биафканад».*

## (35) Боб. Ҳангоми намоз ба тарафи рост оби даҳон наафкандан

**410, 411.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Ҳумайд ибни Абдурраҳмон, ки Абӯҳурайра ва Абӯсаъид ба ӯ хабар доданд, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид, ки бар девори масҷид (касе) балғам (афканда)аст. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сангрезае бигирифт ва онро бисутурд. Сипас гуфт: «Агар касе аз шумо балғам афкандании шавад, ҳаргиз дар рӯ ба рӯ ва ба тарафи рости худ наафканад, балки ба тарафи чап ё зери пои чапаш афканад».*

**412.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Қатода ба мо хабар дода гуфт: аз Анас шунидам, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Касе аз шумо ба пеш ё ба тарафи рости худ ҳаргиз оби даҳон наафканад, балки – ба тарафи чап ё ба зери пояш (оби даҳон афканад)».*

## (36) Боб. Ба тарафи чап ё зери пои чап бояд оби даҳон афканд

**413.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Қатода ба мо нақл карда гуфт: аз Анас ибни Молик шунидам, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ мӯъмине дар намоз биистад, ӯ бо Парвардигори худ муноҷот мекунад. Пас бояд ки ба пеш ва ба тарафи рости худ оби даҳон наафканад, балки – ба тарафи чап ё ба зери пояш (оби даҳон афканад)».*

**414.** Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Ҳумайд ибни Абдурраҳмон, аз Абӯсаъид, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар девори ҷониби қиблаи масҷид балғам дид афканда, онро бо сангреза бисутурд. Сипас манъ кард: ҳеҷ шахсе ба пеш ё ба тарафи росташ оби даҳон наафканад, балки – ба тарафи чап ё ба зери пои чапаш (биафканад)».*

Ва (Суфён) ҳадисе монанди инро аз аз-Зуҳрӣ (ривоят кард), ки аз Ҳумайд шунидааст, аз Абӯсаъид.

## (37) Боб. Андар каффорати оби даҳон афкандан дар масҷид

**415.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Қатода ба мо нақл карда гуфт: аз Анас ибни Молик шунидам, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Оби даҳон афкандан дар масҷид кори ношоиста ва каффораташ (бо хок) пинҳон кардани он аст».*

## (38) Боб. Бо хок пинҳон кардани балғам дар масҷид

**416.** Исҳоқ ибни Наср ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо нақл кард, аз Маъмар, аз Ҳаммом, ки аз Абӯҳурайра шунид, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо ба намоз биистад, ба пеши худ оби даҳон наафканад, зеро, модом ки ӯ дар намозгоҳ аст, бо Худо муноҷот дорад ва на ба тарафи рости худ, зеро ки аз тарафи рости ӯ фариштае ҳаст. Бигузор ба тарафи чап ё зери пояш оби даҳон афканда, онро бо хок пинҳон кунад».*

## (39) Боб. Ҳар гоҳ оби даҳон афкандани шахс ногузир гардад, бигузор ба канори либосаш бигирад

**417.** Молик ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ба мо нақл кард, аз Анас, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид, ки касе бар девори ҷониби қибла балғам афкандааст, онро бо дасташ бисутурд. Ва дар рӯяш кароҳат ҳувайдо шуд – ё кароҳату хашми ӯ аз он ҳувайдо шуд – ва гуфт: «Ба ростӣ ҳар гоҳ касе аз шумо дар намоз биистад, бо Парвардигори худ муноҷот дорад, – ё Парвардигораш дар миёни ӯ ва қиблаи ӯст – пас ҳаргиз ба тарафи қиблаи худ оби даҳон наафканад, балки ба тарафи чап ё ба зери пояш оби даҳон афканад. Он гоҳ як тарафи ридои худро ба даст гирифт, ба он оби даҳон афканд ва онро ба тарафи дигар гардонида, ба ҳам совид, гуфт: «Чунин бояд кард».*

## (40) Боб. Андар ваъз гуфтани имом ба мардум дар бораи пурра адо кардани намоз ва дар ёд доштани ҷониби қибла

**418.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба

мо хабар дод, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Оё медонед, ки қиблаи ман ана ин ҷост? Валлоҳ, ки хушӯъ (фурӯтанӣ) ва рукӯъ (сархамӣ)-и шумо барои ман пӯшида нест; ман шуморо аз паси пушти худ ҳам мебинам».*

**419.** Яҳё ибни Солеҳ ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ибни Сулаймон ба мо нақл кард, аз Ҳилол ибни Алӣ, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намозро ҳамроҳи мо имоматӣ карда хонд. Сипас ба минбар баромад ва дар бораи намозу рукӯъ гуфт: «Ман шуморо аз пушти худ ҳам он чунон мебинам, ки ҳоло дар рӯ ба рӯ мебинам».*

## (41) Боб. Оё «масҷиди банӣ фалон» гуфтан равост?

**420.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар пойгаҳ миёни аспҳои хунуккарда аз ал-Ҳафё то Санийяту-л-Вадоъ асп давонд; ва дар пойгаҳ миёни аспҳои ҳанӯз хунукнакарда (низ) аз ас-Санийя то масҷиди банӣ Зурайқ асп давонд. Ва Абдуллоҳ ибни Умар дар ҷумлаи касоне буд, ки дар он пойгаҳ асп давонда буданд.*

## (42) Боб. Тақсими мол ва овезон кардани хӯшаи хурмо дар масҷид

Абӯабдуллоҳ гуфт: «ал-қинв» (хӯша) – «ал-ъизқ» (шохи мевадор) аст. Ва дугонаи он «қинвон» (ду хӯша); ва ҷамъи он низ «қинвон» (хӯшаҳо) аст, монанди «синв» (ҳамто) ва «синвон» (шакли ҷамъи он) аст.

**421.** Ва Иброҳим – яъне Ибни Таҳмон, гуфт – аз Абдулазиз ибни Суҳайб, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз Баҳрайн моле оварданд. Ӯ гуфт: «Инро дар масҷид чош кунед». Ва он бештарин моле буд, ки ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оварда буданд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба намоз баромад ва ба он мол таваҷҷӯҳе накард. Чун намозро адо кард, омаду ба тақсими он нишаст. Ва ҳар касеро, ки дид, ба ӯ атое кард. Дар ин вақт ал–Аббос омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба ман атое кун, зеро ки ман барои худам ва барои Ақил (дар Бадр) фидя додаам». Пайғамбари Худо, салла-л-*

*Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Бигир!» Ӯ аз он мол ба ҷомааш андохта пур кард. Сипас хост, ки онро бардорад, натавонист, гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба касе бифармо, то бароям бардорад». Гуфт: «Не». Гуфт: «Пас худат онро барои ман бардор!» Гуфт: «Не». Ва аз он чизе берун андохт. Сипас хост, ки онро бардорад, натавонист, гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба касе бифармо, то онро бароям бардорад». Гуфт: «Не». Гуфт: «Пас худат онро барои ман бардор!» Гуфт: «Не». Боз чизе аз он берун андохт. Сипас онро бардошту бар пушти худ гузошт ва берун рафт. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ин ҳарисии ӯ дар тааҷҷуб монда, ӯро то аз назари мо ғоиб шудан бо нигоҳи худ гусел кард. Он гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, то он маврид, ки дар он ҷо аз он мол дирами охир тақсим нашуд, аз ҷо нахест».*

## (43) Боб. Дар бораи касе, ки дар масҷид ба таом даъват кард; ва оне, ки даъватро қабул кард

**422.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард: Молик ба мо хабар дод, аз Исҳоқ ибни Абдуллоҳ, ки аз Анас шунид, (ки гуфт): *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар масҷид дарёфтам, ки ҳамроҳаш мардумон буданд. Ман бархостам, ӯ ба ман гуфт: «Оё туро Абӯталҳа фиристодааст?» Гуфтам: «Оре». Гуфт: «Ба таом?» Гуфтам: «Оре». Ӯ бо ҳамроҳонаш гуфт: «Бархезед». Онҳо хестанд ва ман пеш-пеши онҳо рафтам».*

## (44) Боб. Байни мардону занон қазоват ва лиъон кардан дар масҷид

**423.** Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба ман хабар дода гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дода гуфт: Ибни Шиҳоб ба ман хабар дод, аз Саҳл ибни Саъд, ки марде гуфт: *«Эй пайғамбари Худо, чӣ савоб бинӣ, агар марде бо занаш марди дигареро ёбад, оё ӯро бикушад?» Ва ман шоҳиди он будам, ки он ду дар масҷид якдигарро лиъон карданд».*

## (45) Боб. Шахс ба хонае дарояд, оё дар ҳар ҷое, ки хоҳад, намоз мехонад ё дар он ҷо, ки ба ӯ гуфта шавад ва ҷои намозхонӣ наҷӯяд

**424.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Маҳмуд ибни ар-Рабеъ, аз Итбон ибни Молик, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба хонаи ӯ омад ва гуфт: «Дар куҷои хонаат мехоҳӣ, ки намоз хонем?» Гуфт: «Пас ман ба ӯ ҷоеро нишон додам. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, такбир гуфт ва мо аз паси ӯ саф кашидем ва ӯ ду ракъат намоз хонд».*

## (46) Боб. Андар (барпо кардани) масҷид дар хонаҳо

*Ва ал-Баро ибни Озиб дар масҷиди хонааш намози ҷамоат хонд.*

**425.** Саъид ибни Уфайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба ман нақл карда гуфт: Уқайл ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, гуфт: Маҳмуд ибни ар-Рабеъ ал-Ансорӣ ба ман хабар дод, *ки Итбон ибни Молик – яке аз ёрони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ҷумлаи ансориёнест, ки дар ҷанги Бадр ширкат доштанд – ба назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба ростӣ чашмони ман хира шудааст ва ман барои қавмам имоматӣ мекунам. Ва ҳар гоҳ борон борад, дар водии байни ману онҳо сел ояд, наметавонам, ки ба масҷидашон рафта дар намоз имоматӣ кунам. Ва эй пайғамбари Худо, орзу дорам, ки ту биёӣ ва дар хонаи ман намоз гузорӣ, ман онро ҷои намозхонӣ кунам». Гуфт, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Иншоаллоҳ, ман чунин хоҳам кард». Итбон гуфт: «Рӯзи дигар ҳамин ки офтоб баланд шуд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва Абӯбакр омаданд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои даромадан ба хона иҷозат хост. Ман иҷозат додам. Баъди ба хона даромадан ҳанӯз нанишаста буд, ки гуфт: «Дар куҷои хонаат мехоҳӣ, ки намоз хонам?» Гуфт: «Ман ба ӯ як гӯшаи хонаро нишон додам. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба намоз бархост ва такбир кард. Мо низ бархостем ва саф кашидем. Ва ӯ ду ракъат намоз хонд, баъд салом дод». Гуфт: «Ва мо ӯро барои хӯрдани хазира, ки барояш пухта будем, боздоштем». Гуфт: «Чанд нафар мардон аз аҳли маҳалла дар ин хона гирди ҳам омаданд. Касе аз онҳо гуфт: «Молик ибни ад-Духайшин – ё Ибни ад-Духшун – куҷост?» Дигариашон гуфт: «Ӯ мунофиқ аст ва Худову пайғамбари Ӯро дӯст намедорад». Пайғамбари Худо, салла-л-*

*Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Чунин магӯ, оё надидӣ, ки гуфт: «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» ва мақсади ӯ хушнудии Худо буд». Гуфт: «Худову пайғамбари Ӯ беҳтар донанд». Ва боз гуфт: «Ва борҳо мо ба мунофиқон таваҷҷӯҳ ва некӯӣ кардани ӯро дидаем». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Дарвоқеъ, Худо (оташи) дӯзахро ба касе ҳаром кардааст, ки «ло илоҳа илло-л-Лоҳ» гӯяд ва бо он хушнудии Худоро талабад».*

Ибни Шиҳоб гуфт: «Аз ал-Ҳусайн ибни Муҳаммад ал-Ансорӣ, ки аз бузургони банӣ Солим буд, дар бораи ҳадиси Маҳмуд ибни ар-Рабеъ суол кардам ва ӯ онро ҳамчунин тасдиқ кард».

## (47) Боб. Бо пои рост даромадан ба масҷид ва ғайри он

*Ва Ибни Умар бо пои рост (ба масҷид) медаромад ва бо пои чап (аз он) мебаромад.*

**426.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Ашъас ибни Сулайм, аз падараш, аз Масруқ, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз рост оғоз карданро дӯст медошт, то метавонист дар тамоми корҳо чунин мекард: дар таҳорат кардан, мӯ шона кардан ва кафш пӯшидан».*

## (48) Боб. Қабрҳои мушрикони (замони) ҷоҳилиятро барандохта, ба ҷои онҳо масҷид созанд

*Бинобар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Худо яҳудиёнро лаънат кунад, ки қабрҳои пайғамбарони худро ибодатгоҳ кардаанд». Ва он гуна намозе, ки хондани он дар гӯристон макрӯҳ аст. Умар Анас ибни Моликро дид, ки дар назди қабре намоз мехонд, гуфт: «Ин ҷо гӯр аст, ин ҷо гӯр аст». Валекин ба ӯ нафармуд, ки намозро иода кунад.*

**427.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Ҳишом, гуфт: падарам ба ман хабар дод, аз Оиша, *ки Умм Ҳабиба ва Умм Салама канисаеро дар ёд доштанд, ки дар Ҳабаша дида буданд ва дар он ҷо суратҳо кашидаанд. Онҳо инро ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нақл карданд. Ӯ гуфт: «Ҳар гоҳ дар миёни онҳо марди накӯкоре бошад ва бимирад, онҳо бар сари қабри ӯ ибодатгоҳе бино мекунанд ва он суратҳо он ҷо мекашанд. Онҳо дар рӯзи қиёмат назди Худованд бадтарини халқ бошанд».*

**428.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл

кард, аз Абуттайёҳ, аз Анас, гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Мадина омад ва дар ҷои барҳавои шаҳр дар (маҳаллаи) қабилаи Бану Амр ибни Авф фуруд омад. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар миёни онҳо чордаҳ рӯз бимонд. Сипас ба сӯи банӣ ан-Наҷҷор кас фиристод ва онҳо шамшерҳо дар китф овезон ҳозир шуданд. Ва ҳамчунон дар пеши назарам ҳаст, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савори шутури худ, Абӯбакр бар он шутур радифи ӯ ва гурӯҳи банӣ ан-Наҷҷор ҳамроҳи ӯ мерафтанд, то дар майдони назди манзили Абӯайюб раҳли иқомат афканданд. Ва ӯ дар ҷое, ки вақти намозаш фаро мерасид, намоз хонданро дӯст медошт. Ва ҳатто дар хобгоҳи гӯсфандон низ намоз мехонд. Ва ӯ бифармуд, то масҷид бино кунанд. Ӯ ба назди гурӯҳе аз банӣ ан-Наҷҷор кас фиристод ва гуфт: «Эй банӣ ан-Наҷҷор, баҳои ин ҳавлии худ ба ман бигӯед». Онҳо гуфтанд: «Не, ба Худо қасам, ки мо баҳои онро талаб надорем, баҳои онро аз Худо талаб дорем». Анас гуфт: «Ва дар он ҷо чизҳое буд, ки ба шумо мегӯям: қабрҳои мушрикон, харобаҳо ва хурмозор буд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бифармуд, то қабрҳои мушриконро барандохтанд, харобазорро ҳамвор карданд ва дарахтони хурморо буриданд. Ва он гоҳ чӯби нахлро қатор чида (девори ҷониби) қиблаи масҷид сохтанд ва ду паҳлӯ(-и даромадгоҳ)-ро аз санг бино карданд. Ва онҳо ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба оҳанги раҷаз суруд хонда харсанг мекашонданд. Ва (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) гуфт:*

*«Аллоҳумма, ло хайра илло хайру-л-охираҳ*
*Фа-ғфир ли-л-ансори ва-л-муҳоҷираҳ».*

*(Бор Худоё, хайре ҷуз хайри охират нест, пас Ту биомурз ансориёну муҳоҷиронро!)*

### (49) Боб. Хондани намоз дар хобгоҳи гӯсфандон

**429.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абуттайёҳ, аз Анас, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар хобгоҳи гӯсфандон намоз мехонд». Баъдҳо аз ӯ шунидаам, ки мегуфт: «Дар хобгоҳи гӯсфандон, пеш аз он ки масҷид бино шавад, намоз мехонд».*

### (50) Боб. Хондани намоз дар оғили шутурон

**430.** Садақа ибни ал-Фазл ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ибни Ҳайён ба мо хабар дода гуфт: Убайдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Нофеъ, ки гуфт: *«Ибни Умарро дидам, ки рӯ ба сӯи шутураш намоз мехонд». Ва гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки низ ҳамин тавр мекард».*

## (51) Боб. Дар бораи касе, ки дар рӯ ба рӯи танӯр ё оташ ё чизе аз ашёи мавриди парастиш намоз хонад, вале пайваста Худоро дар назар дошта бошад

Ва аз-Зуҳрӣ гуфт: Анас ба ман хабар дода гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дар ҳоле, ки ман намоз мехондам, ба ман оташи дӯзахро нишон доданд».*

**431.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор, аз Абдуллоҳ ибни Аббос, ки гуфт: *«Офтоб хусуф карду пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз хонд. Сипас гуфт: «Оташи дӯзахро ба ман нишон доданд ва ман то он рӯз манзарае даҳшатангезтар аз он надида будам».*

## (52) Боб. Андар макрӯҳ будани адои намоз дар қабристон

**432.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, гуфт: Нофеъ ба ман хабар дод, аз Ибни Умар, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Баъзе аз намозҳоро дар хонаи худ хонед ва хонаҳои худро ба қабристон монанд накунед».*

## (53) Боб. Намоз хондан дар ҷойҳои фурӯрафта ва Худо азоб фиристода

*Ва зикр шудааст, ки Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, дар мавзеи фурӯрафтаи Бобул намоз хонданро макрӯҳ донистааст.*

**433.** Исмоил ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Динор, аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ҷойҳои ин азобдидагон надароед, магар ки гирён бошед ва агар гирён набошед, ба он ҷойҳо надароед, то он чӣ ба онҳо расидааст, ба шумо низ нарасад».*

## (54) Боб. Хондани намоз дар куништ

*Ва Умар разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Ҳамоно мо ба канисаҳои шумо намедароем, зеро ки дар он ҷо тимсолу суратҳо ҳаст». Ва Ибни Аббос дар куништҳои дигар, ки тимсол надоштанд, намоз мехонд.*

**434.** Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абда ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, *ки Умм Салама ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам дар бораи канисае нақл кард, ки онро дар замини Ҳабаша дидааст ва онро Мория меномидаанд. Ва ба ӯ аз он суратҳое нақл кард, ки дар он ҷо дидааст. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Онҳо қавмеанд, ки агар дар байнашон бандаи некӯкор, ё марди некӯкор бимирад, бар сари қабраш ибодатгоҳе бино кунанд ва он суратҳо дар он ҷо кашанд. Онҳо назди Худо бадтарини халқ бошанд».*

## (55) Боб

**435, 436.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ба ман хабар дод, ки Оиша ва Абдуллоҳ ибни Аббос гуфтанд: *«Вақте ки ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (нишонаҳои марг) маълум гардид, ӯ рӯяшро бо хамисае (кампал), ки дошт, пӯшонид. Ҳар гоҳ ки гарм шуда нафасаш мегирифт, рӯяшро мекушод. Ва дар ҳамон ҳолат гуфт: «Лаънати Худо бар яҳудиёну насрониён бод, ки қабрҳои пайғамбарони худро ба масҷид табдил додаанд». Ӯ (уммати худро) аз он чӣ, ки онҳо карданд, бар ҳазар медошт.*

**437.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Ибни Шиҳоб, аз Саъид ибни ал-Мусайяб, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Худо яҳудиёнро ба ғазаби худ гирифтор кунад, ки қабрҳои пайғамбарони худро ба масҷид табдил додаанд».*

## (56) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Заминро барои ман масҷид ва поккунанда сохтаанд»

**438.** Муҳаммад ибни Синон ба мо нақл карда гуфт: Ҳушайм ба мо нақл карда гуфт: Сайёр, ки Абулҳакам аст, ба мо нақл кар-

да гуфт: Язид ал-Фақир ба мо нақл карда гуфт: Ҷобир ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «*Маро панҷ чиз додаанд, ки пеш аз ман ба ҳеҷ пайғамбаре надодаанд: маро бо чунон сифате нусрат кардаанд, ки аз масофаи якмоҳа роҳ (Худо дар дили душманонам) тарсу ҳарос меандозад; ва заминро барои ман масҷид ва поккунанда (барои таяммум) сохтаанд; ва чун ба ҳар касе аз уммати ман вақти намоз фаро расад, (дар ҳамон ҷо) бигузор намоз гузорад; ва ғанимати ҷанг барои ман ҳалол гардонда шудааст; ва ҳар пайғамбар фақат ба қавми хеш фиристода мешуд, дар ҳоле ки ман ба ҳамаи башарият фиристода шудаам; ва ба ман ҳаққи шафоат дода шудааст*».

## (57) Боб. Хоб рафтани зан дар масҷид

**439.** Убайд ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, *ки канизаке сиёҳ аз қабилаи араб буд. Ӯро озод карданд ва ӯ бо онҳо бимонд. (Канизак) гуфт: «Боре духтараке аз он қабила берун омад ва ӯ гарданбанди сурхе дошт, ки марворидҳояш бар тасмаҳои чармин нишонда шуда буд». Гуфт: «Онро (дар ҷое) гузошт – ё аз (гардани) ӯ афтод – ва дар ҳоле, ки дар замин буд, бар он каргасе бигузашт ва онро гӯшт пиндошту бирабуд». Гуфт: «Онро ҷустанду наёфтанд». Гуфт: «Маро ба (дуздии) он тӯҳмат заданд». (Оиша) гуфт: «Ва ба ҷустуҷӯи он даромаданд, ҳатто авраташро ҷустанд». (Канизак) гуфт: «Валлоҳ, ки ман бо онҳо истода будам, каргас боз гузашту онро партофт». Гуфт: «Ва гарданбанд дар миёни онҳо афтод». Гуфт: «Ман гуфтам: «Ин ҳамон чизест, ки шумо ба дуздии он аз ман гумонбар шудеду тӯҳмат задед ва ҳол он ки ман бегуноҳ будам. Ва инак он чиз». (Оиша) гуфт: «Канизак ба назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад ва ислом овард». Оиша гуфт: «Ва ӯ дар масҷид чодаре – ё сарпаноҳе – дошт». Гуфт: «Ва ӯ назди ман меомад ва бо ман сӯҳбат мекард». (Оиша) гуфт: «Ва дар ҳар нишасташ назди ман чунин мегуфт:*

*Ва явма-л-вишоҳи мин таъоҷиби Раббино*
*Ало иннаҳу мин балдати-л-куфри анҷонӣ».*

*(Рӯзи «гарданбанд» яке аз мӯъҷизаҳои Парвардигорамонро дидем, ки Ӯ маро дар он рӯз аз кофиристон наҷот дод).*

*Оиша гуфт: «Вақте ки ба ӯ – туро чӣ шудааст, ки ҳар бори бо ман нишастанат ин байтро мегӯӣ – гуфта суол кардам, ӯ (дар ҷавоб) ба ман ин қиссаро нақл кард».*

## (58) Боб. Хоб рафтани мардон дар масҷид

*Ва Абӯқилоба, гуфт, аз Анас: «Гурӯҳе аз мардумони (қабилаи) Укл ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаданд. Онҳо дар суффа(-и Масҷиди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) иқомат доштанд. Ва Абдурраҳмон ибни Абӯбакр гуфт: «Аҳли суффа фақирон буданд».*

**440.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, гуфт: Нофеъ ба ман нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Умар ба ман хабар дод, *ки вай дар айёми ҷавони муҷаррад ва бе аҳлу иёл будан дар Масҷиди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хоб мерафт.*

**441.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Абӯҳозим ба мо нақл кард, аз Абӯҳозим, аз Саҳл ибни Саъд, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба хонаи Фотима омад ва Алиро дар хона наёфту гуфт: «Писарамакат куҷост?» Фотима гуфт: «Миёни ману ӯ ғуборе бигузашт, ба ман хашм гирифту берун рафт ва ин ҷо қайлула накард». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба касе гуфт: «Бинигар, куҷо бошад?» Он кас омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ӯ дар масҷид хоб аст». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад. Алӣ дароз кашида буду ридояш аз ними тан афтода ва баданаш хоколуд буд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хокро пок мекарду мегуфт: «Хез, эй Абӯтуроб, хез, эй Абӯтуроб!»*

**442.** Юсуф ибни Исо ба мо нақл карда гуфт: Ибни Фузайл ба мо нақл кард, аз падараш, аз Абӯҳозим, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Аз аҳли суффа ҳафтод касро дидам, дар миёни онҳо марде набуд, ки ридо дошта бошад; изоре доштанд ё либосе, ки онро ба гарданҳояшон мебастанд. Баъзе аз ин либос то ними соқ мерасид ва баъзеи дигар то шитоланг. Ва онҳо аз бими намоён шудани авраташон либоси худро бо даст фароҳам меоварданд».*

## (59) Боб. Адои намоз ҳангоми баргаштан аз сафар

*Ва Каъб ибни Молик гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи*

*ва саллам, ҳар гоҳ ки аз сафар бармегашт, нахуст ба масҷид мерафт ва он ҷо намоз мехонд».*

**443.** Халлод ибни Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Мисъар ба мо нақл карда гуфт: Муҳориб ибни Дисор ба мо нақл кард, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам омадам ва ӯ дар масҷид буд. – Мисъар гуфт: ба гумонам Муҳориб гуфт: вақти чошт буд. – Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ду ракъат намоз бихон!» Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ман қарздор буд. Ӯ қарзро ба ман бипардохт ва чизе ҳам биафзуд».*

## (60) Боб. Ҳар кӣ ба масҷид дарояд, (пеш аз нишастан) бояд ду ракъат намоз бихонад

**444.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Омир ибни Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр, аз Амр ибни Сулайм аз-Зурақӣ, аз Абӯқатода ас-Саламӣ, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Касе аз шумо чун ба масҷид дарояд, пеш аз он ки бинишинад, бояд ду ракъат намоз бихонад».*

## (61) Боб. Ҳадас расидан (ба кас) дар масҷид

**445.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ аз шумо дар болои ҷойнамоз, ки дар он намоз гузоридааст, бинишинад, то даме ки ба ӯ ҳадас нарасад, фариштаҳо бар вай салавот мефиристанду мегӯянд: «Бор Худоё, ӯро биомурз, Бор Худоё ӯро раҳмат кун!»*

## (62) Боб. (Андар сифати) иморати Масҷиди пайғамбар

*Ва Абӯсаъид гуфт: «Сақфи Масҷид аз шохаҳои дарахти хурмо буд». Ва Умар ба (аз нав) бино кардани Масҷид амр карду гуфт: «Онро сарпаноҳе соз, ки мардумро аз борон нигоҳ дорад, ба дару девори он ранги сурх ё зард наандуд, то мардумро дар фитна наафканӣ». Ва Анас гуфт: «Бо он фахр доштанд, сипас онро (бо намозу зикр) ҷуз андаке обод намекарданд». Ва Ибни Аббос гуфт: «Шумо низ онро зебу зинат медиҳед, ҳамчунон ки*

*яҳудиёну насрониён зебу зинат медиҳанд».*

**446.** Ва Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Яъқуб ибни Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Солеҳ ибни Кайсон, гуфт: Нофеъ ба ман нақл кард, ки Абдуллоҳ ба вай хабар дод, *ки дар рӯзгори пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Масҷид аз хишти хом, сақфи он аз шохаҳои дарахти хурмо ва сутунҳояш аз чӯби ин дарахт бино ёфта буд. Абӯбакр бар он чизе наафзуд. Ва Умар дар он биафзуд ва бар он бунёде, ки дар рӯзгори пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буд, бо хишти хом ва шохаҳои дарахти хурмо бино кард ва сутунҳои нави чӯбӣ шинонд. Сипас Усмон онро тағйир дод ва чизҳои зиёде дар он афзуд, деворҳои онро аз сангҳои нақшдор ва гаҷ бино кард. Ва сутунҳои онро низ аз санги нақшдор ва сақфи онро аз чӯби соҷ сохт.*

## (63) Боб. Ҳамкорӣ кардан(-и мардум) дар сохтани масҷид

*Ва сухани Худои Таъоло: «Мушриконро, ки бар худ ба куфр эътироф мекунанд, раво набошад, ки масҷидҳои Худоро ободсозанд, амалҳои онҳо ботил шуд; ва онҳо ҳамеша бошандаи оташанд. Ҷуз ин нест, ки масҷидҳои Худоро касе иморат мекунад, ки ба Худо ва рӯзи охир имон овардааст ва намозро барпо медорад ва закотро медиҳад ва ба ҷуз аз Худо (аз касе) наметарсад. Пас умед аст, ки ин ҷамоа аз роҳёфтагон бошанд» (1:17/18).*

**447.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Мухтор ба мо нақл карда гуфт: Холид ал-Ҳаззо ба мо нақл кард, аз Икрима: *Ибни Аббос ба ману писараш Алӣ гуфт: «Ба сӯи Абӯсаъид биравед ва ҳадис карданаш бишунавед». Мо бирафтем, ногоҳ ӯро дидем, ки девор тармим мекард. Ӯ ридояшро гирифта ба тариқи эҳтибо пӯшиду ба нақл шурӯъ намуд, то ба зикри бино кардани Масҷид(-и Набавӣ) расид. Гуфт: «Мо хиштҳои хомро якто-якто мебурдем ва Аммор дуто-дуто мебурд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ӯро дид ва аз ӯ гарду хокро меафшонду мегуфт: «Дарего бар ҳоли Аммор, ки ӯро гурӯҳе аз саркашон бикушанд, ӯ онҳоро ба сӯи ҷаннат даъват мекунад ва онҳо ӯро ба сӯи оташи дӯзах мехонанд». (Абӯсаъид) гуфт: «Аммор мегуфт: «Ба Худо аз фитнаҳо паноҳ мегирам».*

## (64) Боб. Ёрӣ ҷустан аз дуредгарону ҳунармандон дар сохтани минбару масҷид

**448.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ба мо нақл кард, аз Абӯҳозим, аз Саҳл, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба назди зане кас фиристод, ки фалон ғуломи дуредгари худро бифармо, барои ман чӯбҳои минбар бисозад, ки бар он бинишинам».*

**449.** Халлод ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ибни Айман ба мо нақл кард, аз падараш, аз Ҷобир, *ки зане гуфт: «Эй пайғамбари Худо, оё бароят чизе бисозам, то бар он бинишинӣ? Зеро ки ман ғуломе дуредгар дорам». Гуфт: «Агар чунин майл дорӣ, минбар бисоз».*

## (65) Боб. Дар бораи касе, ки масҷид бино кунад

**450.** Яҳё ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба ман нақл кард: Амр ба ман хабар дод, ки Букайр ба ӯ нақл кард, ки Осим ибни Умар ибни Қатода ба ӯ нақл кард, ки вай аз Убайдуллоҳ ал-Хавлонӣ шунид, ки ӯ аз Усмон ибни Аффон шунид, ки дар ҷавоби суханони мардум дар бораи ӯ ҳангоми бино кардани Масҷиди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мегуфт: «Ба ростӣ ки шумо бисёр сухан гуфтед ва ман аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Ҳар кӣ масҷид бино кунад»,* – Букайр гуфт: ба гумонам, ки ӯ гуфт: *«Бо он хушнудии Худоро талабад – Худо барои ӯ дар биҳишт монанди масҷиди сохтааш биное хоҳад сохт».*

## (66) Боб. Агар шахсе (ба тирҳо) даруни масҷид гардад, бояд аз пайкони тирҳояш даст гирад

**451.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: ба Амр гуфтам: оё шунидӣ, ки Ҷобир ибни Абдуллоҳ чӣ мегуфт: *«Марде андаруни масҷид мерафт ва бо худ тир дошт. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Пайкони тирҳо даст гир».*

## (67) Боб. Гаштан андаруни масҷид

**452.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: Абӯбурда ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: аз Абӯбурда шунидам, ки аз падараш, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ андаруни масҷидҳо ё бозорҳои мо бо тир роҳ гардад, аз пайкони он тирҳо бо кафаш бигирад, то захме бар мусулмонон нарасонад».*

## (68) Боб. Шеър гуфтан андаруни масҷид

**453.** Абулямон ал-Ҳакам ибни Нофеъ ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Абӯсалама ибни Абдурраҳмон ибни Авф ба ман хабар дод, *ки вай аз Ҳассон ибни Собит ал-Ансорӣ шунид, ки ӯ Абӯҳурайраро ба гувоҳӣ талабида гуфт: «Аз барои Худо (бигӯ) оё аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаӣ, ки мегуфт: «Эй Ҳассон, ба ҷои пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҷавоб деҳ. Бор Худоё, Рӯҳу-л-Қудус (яъне Ҷабраил)-ро ёвари ӯ (Ҳассон) бигардон». Абӯҳурайра гуфт: «Оре».*

## (69) Боб. Даромадани найзадорон ба масҷид равост

**454.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз Солеҳ, аз Ибни Шиҳоб, гуфт: Урва ибни аз-Зубайр ба ман хабар дод, ки Оиша гуфт: *«Ман рӯзе пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки бар дари ҳуҷраи ман истода буд ва ҳабашиён дар масҷид бозӣ доштанд. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо ридои худ маро паноҳ мекард, ман бозии онҳоро тамошо мекардам».*

**455.** Иброҳим ибни ал-Мунзир афзуд: Ибни Ваҳб ба мо нақл кард: Юнус ба ман хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар он ҳангом дидам, ки ҳабашиён бо найзаҳояшон бозӣ доштанд».*

## (70) Боб. Дар бораи хариду фурӯш сухан гуфтан аз минбари масҷид

**456.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Амра, аз Оиша, гуфт: *«Барира назди ӯ омад ва аз тариқи мукотаба (барои озод кардани худ) ёрӣ дархост кард». Оиша гуфт: «Агар хоҳӣ, ман маблағро ба соҳибат мепар-*

*дозам ва ту мавлои ман хоҳӣ буд». Соҳибаш гуфт: «Агар хоҳӣ, метавонӣ бақияи маблағро бипардозӣ».* Ва Суфён боре (дар ривояти худ ба ҷои ин) гуфт: «Агар хоҳӣ, озод мекунӣ ва ӯ мавлои мо хоҳад буд». – *Чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад, Оиша он қисса ба ӯ нақл кард. Ӯ ба Оиша гуфт: «Ӯро бихар, пас озодаш кун. Ба ростӣ, ӯ мавлои касест, ки ӯро озод кунад». Сипас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар минбар истод.* – Ва Суфён дигарбора гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба минбар баромад». – *Ва гуфт: «Ба мардум чӣ шудааст, шартҳоеро дар миён гузоштаанд, ки дар Китоби Худо нест, ҳар кӣ шарте гузорад, ки дар Китоби Худо набошад, – ва агарчи он шартро сад бор гузорад – ҳукми он чунин аст, ки ҳаргиз ба фоидаи ӯ нахоҳад буд».* (Ба исноди дигар) Алӣ (ибни Абдуллоҳ) гуфт: Яҳё ва Абдулваҳҳоб (ҳадисе монанди инро) гуфтанд, аз Яҳё, аз Амра... Ва (ба ривояти дигар) Ҷаъфар ибни Авн гуфт, аз Яҳё, ки гуфт: аз Амра шунидам, ки гуфт: аз Оиша шунидам... Инро Молик ривоят кардааст, аз Яҳё, аз Амра, ки Барира назди ӯ омад. Валекин зикр накардааст: «Ба минбар баромад».

## (71) Боб. Тақозо(-и пардохти қарз) дар масҷид ва мулозимат (дар ин кор)

**457.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Усмон ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Абдуллоҳ ибни Каъб ибни Молик, аз Каъб, *ки Каъб пардохтани қарзро аз Абӯҳадрад дар масҷид талаб кард. Онҳо овоз баланд карданд, ҳатто пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки дар хонааш буд, онро шунид. Ӯ пардаи ҳуҷраи худ кушода берун омад ва нидо кард: «Эй Каъб!» Гуфт: «Лаббай, эй пайғамбари Худо!» Гуфт: «Аз қарзи ба ин додаат гузашт кун». Ва ба ӯ имо кард, ки нимашро (гузашт кунад). Гуфт: «Эй пайғамбари Худо, дарвоқеъ чунин кардам». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Абӯҳадрад гуфт: «Бархез ва (он ними) қарзро адо кун».*

## (72) Боб. Андар (фазилати) рӯфтурӯби масҷид ва барчидани латтапораҳо, чӯбпораҳо ва хаспораҳо (аз он)

**458.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Собит, аз Абӯрофеъ, аз Абӯҳурайра,

*ки марде сиёҳ – ё зане сиёҳ – масҷидро рӯбучин мекард. Ӯ мурд. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи он шахс пурсид. Гуфтанд: «Ӯ мурд». Гуфт: «Чаро аз ин маро огоҳ накардед? Ба ман қабри он мардро – ё гуфт: қабри он занро – нишон диҳед». Ва бар сари қабраш омад ва бар ӯ салоти ҷаноза хонд.*

### (73) Боб. Дар масҷид (эълом доштани) таҳрими фурӯши хамр

**459.** Абдон ба мо нақл кард, аз Абӯҳамза, аз ал-Аъмаш, аз Муслим, аз Масруқ, аз Оиша, ки гуфт: *«Вақте ки аз сураи Бақара оёте дар бораи рибо нозил шуд, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба масҷид баромаду он оётро ба мардум қироат кард. Сипас фурӯхтани хамрро ҳаром кард».*

### (74) Боб. Дар бораи ходимони масҷид

Ва Ибни Аббос гуфт: (Маънои ин ояти) «Ман онро, ки дар шикамам ҳаст, ба Ту назр кардам – озодкарда» (3:35) (чунин аст): то ки хидмати масҷид кунад».

**460.** Аҳмад ибни Воқид ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Собит, аз Абӯрофеъ, аз Абӯҳурайра, *ки зане* – ё марде – *масҷидро рӯбучин мекард* – ғолибан ба пиндори ман он шахс зан буд. *Пас ҳадиси пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зикр кард, ки бар сари қабри он шахс салоти ҷаноза хонда буд.*

### (75) Боб. Бастани шахси асир ё қарздор дар масҷид

**461.** Исҳоқ ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Равҳ ва Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо хабар доданд, аз Шуъба, аз Муҳаммад ибни Зиёд, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ифрите аз ҷин дишаб – ё калимае ба ҳамин маъно – ногаҳон ба ман дучор омад, то намози маро вайрон кунад. Маро Худо чунин имконият дод ва хостам, ки ӯро бар сутуни масҷид бибандам, то ҳамаи шумо бомдод биёеду бибинед. Вале сухани бародарам Сулаймонро ба ёд овардам: «Эй Парвардигори ман, маро биомурз ва ба ман он подшоҳиеро ато кун, ки ғайр аз ман ба ҳеҷ кас рост наояд» (38:35).*

Равҳ гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, он

ифритро хору залил карда биронд».

## (76) Боб. Андар ғусл кардани шахси исломоварда ва низ дар масҷид бастани шахси асир

Ва Шурайҳ амр мекард, ки шахси қарздорро дар сутуни масҷид бибанданд.

**462.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Абӯсаъид ба мо нақл кард, ки ӯ аз Абӯҳурайра шунид, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гурӯҳи саворон ба ҷониби Наҷд фиристод. Ва онҳо мардеро аз банӣ Ҳанифа, ки ӯро Сумома ибни Усол мегуфтанд, оварда дар сутуни масҷид бастанд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, назди ӯ баромаду гуфт: «Сумомаро раҳо кунед». Ва ӯ ба нахлистоне, ки дар наздикии масҷид буд, рафту ғусл кард. Ва он гоҳ ба масҷид даромаду гуфт: «Ашҳаду ан ло илоҳа илло-л-Лоҳу ва анна Муҳаммадан расулу-л-Лоҳ».*

## (77) Боб. Хайма задан андар масҷид барои беморон ва дигарон

**463.** Закарийё ибни Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Нумайр ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз падараш, аз Оиша, ки гуфт: *«Рӯзи Хандақ раги акҳали Саъд маҷрӯҳ шуд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар масҷид хаймае зад, то ки ӯро аз наздик иёдат карда тавонад. Ин ва хаймае дигар аз они банӣ Ғифор, ки дар масҷид буд, қавми масҷидро ба изтироб наовард, магар хуне, ки ба сӯи онҳо ҷорӣ мешуд. Онҳо гуфтанд: «Эй аҳли хайма, ин чист, ки аз ҷониби шумо сӯи мо ҷорист? Ва Саъдро диданд, ки аз ҷароҳати ӯ хун равон аст. Саъд дар он хайма аз ҳамон (ҷароҳат) бимурд».*

## (78) Боб. Даровардани шутур ба масҷид аз рӯи зарурат

*Ва Ибни Аббос гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шутурсавор тавоф кард».*

**464.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Муҳаммад ибни Абдурраҳмон ибни Навфал, аз Урва, аз Зайнаб бинти Абӯсалама, аз Умм Салама, ки гуфт: *«Ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шикоят кар-*

*дам, ки ман беморам». Гуфт: «Савора аз паси мардум тавоф кун». Ман тавоф кардам ва он гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар паҳлӯи Хонаи Каъба намоз мехонд ва сураи «Ва-т-Тур ва китобин мастур»(52)-ро қироат мекард».*

## (79) Боб

**465.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Муъоз ибни Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Қатода, гуфт: Анас ба мо нақл кард, *ки ду мард аз ёрони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар шаби торик аз ҳузури пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун баромаданд. Ва ҳамроҳи онҳо ду партави ба чароғ монанд буд, ки пеши роҳашон равшан мекард. Ва чун аз ҳам ҷудо шуданд, то вақти ба хона расидани ҳар кадоми онҳо як партав бо ӯ буд.*

## (80) Боб. Кушодани дарича ва сохтани гузаргоҳ дар масҷид

**466.** Муҳаммад ибни Синон ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ба мо нақл карда гуфт: Абунназр ба мо нақл кард, аз Убайд ибни Ҳунайн, аз Буср ибни Саъид, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хутба эрод кард ва гуфт: «Худо, Судбҳонаҳу, бандаеро миёни дунё ва он чӣ назди Ӯст, мухайяр кард. Банда он чиро интихоб кард, ки назди Худо аст». Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, бигирист. Ва ман бо худ гуфтам: «Ин пир аз чӣ боис гиря дорад?» Оё аз сабаби он ки Худо бандаеро миёни дунё ва он чӣ назди Ӯст мухайяр кард ва банда он чиро интихоб кард, ки назди Худо аст?!» Ин банда худи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буд. Ва Абӯбакр аз мо беҳтар медонист. Сипас (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Эй Абӯбакр, гиря макун! Ба ростӣ, Абӯбакр аз ҳамаи мардум он касест, ки бо ҳамсафар будан ва бо амволи худ ба ман бештар некӯӣ кардааст. Ва агар аз байни уммати худ дӯсти хосе мегирифтам, албатта, Абӯбакрро бармегузидам, вале бародарӣ ва дӯстӣ дар дини ислом (моро авлотар) аст. Дар масҷид, ба ҷуз даричаи Абӯбакр, беистисно ҳамаро бибандед».*

**467.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Ҷуъфӣ ба мо нақл карда гуфт: Ваҳб ибни Ҷарир ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо нақл карда гуфт: аз Яъло ибни Ҳаким шунидам, ки аз Икрима, аз

Ибни Аббос, гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми беморие, ки баъдан аз он бимурд, сари худро бо хирқапорае монанди исоба баста берун баромад ва ба минбар бинишасту Худоро ҳамду сано гуфт. Сипас гуфт: «Дар ҳақиқат миёни мардум, касе нест, ки бо ҷону моли худ бештар аз Абӯбакр ибни Қуҳофа ба ман ёрӣ карда бошад. Ва агар ман аз мардум дӯсти хосе мегирифтам, албатта, Абӯбакрро бармегузидам, вале дӯстӣ дар дини ислом беҳтар аст. Ба ҷуз даричаи Абӯбакр ҳамаи даричаҳои ин масҷидро ба рӯи ман бибандед».*

## (81) Боб. Дарҳои Каъбаву масоҷид ва бастани онҳо

Абӯабдуллоҳ гуфт: ва ба ман Абдуллоҳ ибни Муҳаммад гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Ибни Ҷурайҷ, гуфт: Ибни Абӯмулайка ба ман гуфт: «Эй Абдулмалик, кошки масҷидҳои Ибни Аббос ва дарҳояшро медидӣ!»

**468.** Абуннӯъмон ва Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфтанд: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки *пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Макка омад. Усмон ибни Талҳаро бихонд ва дари Каъбаро бикушод. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Билол, Усома ибни Зайд ва Усмон ибни Талҳа вориди он шуданд. Сипас дарро бибаст ва соате дар Каъба бимонданд. Пас берун омаданд. Ибни Умар гуфт: «Ман бишитофтам ва аз Билол суол кардам, ӯ гуфт: «Дар Каъба намоз гузорид». Гуфтам: «Дар куҷо?» Гуфт: «Дар миёни ду сутун». Ибни Умар гуфт: «Ба ёдам наомад, ки бипурсам: «Чанд ракъат хонд?»*

## (82) Боб. Андар ворид шудани мушрик ба масҷид

**469.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Саъид ибни Абӯсаъид, ки вай аз Абӯҳурайра шунид, ки мегӯяд: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гурӯҳи саворон ба ҷониби Наҷд фиристод. Саворон мардеро аз банӣ Ҳанифа, ки Сумома ибни Усол мегуфтандаш, оварда дар сутуни масҷид бастанд».*

## (83) Боб. Баланд кардани овоз дар масҷид

**470.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: ал-Ҷуъайд ибни Абдурраҳмон ба

мо нақл карда гуфт: Язид ибни Ҳусайфа ба ман нақл кард, аз ас-Соиб ибни Язид, ки гуфт: *«Дар масҷид истода будам, марде ба ман сангчае партофт. Чун нигаристам, Умар ибни ал-Хаттоб буд. Ӯ гуфт: «Бираву он ду мардро пеши ман биёр». Онҳоро пеши ӯ овардам. Гуфт: «Шумо кистед? – ё – шумо аз куҷоед?» Гуфтанд: «Аз аҳли Тоифем». Гуфт: «Агар аз аҳли ин шаҳр мебудед, шуморо дурра мезадам, зеро ки дар Масҷиди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, овоз баланд мекунед».*

**471.** Аҳмад ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба мо нақл карда гуфт: Юнус ибни Язид ба ман хабар дод, аз Ибни Шиҳоб гуфт: Абдуллоҳ ибни Каъб ибни Молик ба ман нақл карда гуфт, ки Каъб ибни Молик ба ӯ хабар дод, *ки ӯ (Каъб) дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пардохтани қарзро аз Ибни Абӯҳадрад дар масҷид талаб кард. Онҳо овоз баланд карданд, ҳатто пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки дар хонааш буд, шунид. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пардаи хона кушода берун омад ва нидо кард: «Эй Каъб ибни Молик, эй Каъб!» Гуфт: «Лаббай, эй пайғамбари Худо». Ӯ бо даст ишора кард, ки нимеро аз қарзи худ гузашт кун. Каъб гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба ростӣ ки чунин кардам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Ибни Абӯҳадрад гуфт: «Бархез ва (он ними қарзро) адо кун!»*

## (84) Боб. Ҳалқа гирифта нишастан дар масҷид

**472.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Бишр ибни ал-Муфаззал ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: *«Ҳангоме ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар минбар буд, марде аз ӯ суол кард: «Дар бораи намози шаб чӣ гӯӣ?» Гуфт: «Ду ракъатӣ бихонад ва агар аз (ногаҳон фаро расидани) субҳ бим дошта бошад, як ракъат хонад. Ва ба ин тарз намозҳои гузоридаашро тоқ мегардонад». Ва ҳамоно ки ӯ мегуфт: «Охири намози шабонаатонро витр (тоқ) гузоред». Дар ҳақиқат пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чунин амр кардааст».*

**473.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Нофеъ, аз Ибни Умар: *«Дар ҳоле ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хутба мегуфт, марде назди ӯ омаду гуфт: «Намози шаб чӣ гуна аст?» Гуфт: «Ду ракъатӣ*

*бихон; ва агар аз (ногаҳон фаро расидани) субҳ тарсӣ, як ракъат бихон ва он як ракъат намозҳоеро, ки то он вақт хонда будӣ, тоқ мегардонад». Ал-Валид ибни Касир гуфт: Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ба ман нақл кард, ки Ибни Умар ба онҳо нақл кард, ки марде ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми дар масҷид буданаш нидо кард».*

**474.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа, ки Абӯмурра – мавлои Ақил ибни Абӯтолиб ба вай хабар дод, аз Абӯвоқид ал-Лайсӣ, гуфт: *«Дар он ҳангом, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар масҷид буд, се нафар омаданд. Ду нафари онҳо назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаданд ва яке баргашту рафт: аз он ду нафар яке (дар ҳалқа) ҷои холӣ ёфту он ҷо нишаст, дигарӣ дар қафои онҳо нишаст ва сеюмӣ пас гашту рафт. Вақте ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз намоз фориғ шуд, ба қавм гуфт: «Оё намехоҳед, ки ба шумо дар бораи ин се нафар хабар диҳам? Он аввалӣ ба Худо паноҳ бурд, Худо ҳам ӯро ба паноҳи худ гирифт. Аммо дигарӣ шарм дошт, (ки баргашта равад) Худо ҳам шарм дошт, ки ӯро азоб кунад. Аммо сеюмӣ рӯй гардониду баргашта рафт, Худо ҳам аз ӯ рӯй гардонд».*

## (85) Боб. Андар пуштнокӣ дароз кашидан дар масҷид ва пойҳо ёзондан

**475.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Ибни Шиҳоб, аз Аббод ибни Тамим, аз амакаш, *ки ӯ пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидааст, ки дар масҷид ба пушт хоб рафта як пояш болои пои дигар дароз кашида буд.*

Ва (ба ривояти дигар Абдуллоҳ ибни Маслама) гуфт, аз Ибни Шиҳоб, аз Саъид ибни ал-Мусайяб: «Умар ва Усмон низ чунин карданд».

## (86) Боб. Масҷид дар канори роҳ чунон бояд бино кард, то мардумро бе зарар бошад

Ал-Ҳасан, Айюб ва Молик ҳамчунин гуфтанд.

**476.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, гуфт: Урва ибни аз-Зубайр

ба ман хабар дод, *ки Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ёд надорам, ҷуз ин ки волидайни ман аз аҳли дину диёнат буданд. Ва рӯзе набуд, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, субҳу шом ба хонаи мо наояд. Абӯбакр фикри бино кардани масҷидеро дар сар мепарварид. Баъдан онро дар замини назди ҳавлии худ сохт. Ӯ дар он ҷо намоз мегузорид ва Қуръон тиловат мекард. Занону фарзандони мушрикон дар он ҷо меистоданд ва ба ӯ нигариста тааҷҷуб мекарданд. Абӯбакр, ки марди сергиря буд, ҳангоми қироати Қуръон аз гиря худдорӣ карда наметавонист. Ин ҳол ашрофи қурайшиёни мушрикро ба ҳарос андохт, (ки мабодо зану фарзандонашон аз тиловати Қуръон мутаассир шуда ба ислом гароянд)».*

## (87) Боб. Хондани намоз дар масҷиди бозор

Ибни Авн дар масҷиди дохили ҳавлӣ, ки дараш аз дарун баста мешуд, намоз гузорид.

**477.** Мусаддад ба ман нақл карда гуфт: Абӯмуъовия ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз-Абӯсолеҳ, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Савоби намози ҷамоат аз намозе, ки шахс дар хона ё дар бозор (ба танҳоӣ) мегузорад, бисту панҷ маротиба зиёдтар аст. Ҳар гаҳ касе аз шумо некӯ вузӯ кунаду фақат бо нияти намоз хондан ба масҷид раҳсипор шавад, то ба масҷид рафта расиданаш Худо ба ҳар як қадами дар ин роҳ гузоштааш қадру манзалати ӯро як дараҷа мебардорад ва аз як хатои ӯ дармегузарад. Ва баъди ба масҷид даромада мунтазири намоз буданаш низ ба ӯ савоби намозгузорро мерасонад. Ва модом ки дар ҷои намозхониаш нишаста, касеро озор надода ва ҳадас ба ӯ нарасида бошад, фариштагон дуруд мефиристанд – яъне ба ӯ – (ва мегӯянд): «Бор Худоё, ӯро биомурз, Бор Худоё ба ӯ раҳм кун!»*

## (88) Боб. Даромехтани ангуштони ду панҷа бо ҳамдигар дар масҷид ва ғайри он

**478, 479.** Ҳомид ибни Умар ба ман нақл кард, аз Бишр, гуфт: Осим ба мо нақл карда гуфт: Воқид ба мо нақл кард, аз падараш, аз Ибни Умар – ё ибни Амр, – ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ангуштони панҷаашро бо ҳамдигар даромехт».*

**480.** Ва Осим ибни Алӣ гуфт: Осим ибни Муҳаммад ба мо нақл кард: ин ҳадисро аз падарам шунидам, вале аз ёдам рафтааст. Воқид онро аз падараш ба ёд оварду гуфт: аз падарам шунидам ва ӯ мегуфт: Абдуллоҳ гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Эй Абдуллоҳ ибни Амр, агар бо мардуми разил чунин муомила кунӣ, ҳоли ту чӣ мешавад?» (Ангуштони ба ҳам даромехтаи ду панҷаашро нишон дод).*

**481.** Халлод ибни Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Абӯбурда ибни Абдуллоҳ ибни Абӯбурда, аз бобояш, аз Абӯмӯсо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Мӯъмин бо мӯъмин мисли чордевори ба ҳам сахт пайваста(-и як хона) аст». Ва ангуштони ду панҷаашро ба ҳам даромехт».*

**482.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Ибни Шумайл ба мо нақл кард, Ибни Авн ба мо хабар дод, аз Ибни Сирин, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, имоматӣ карда яке аз ду намози баъд аз заволро ҳамроҳи мо хонд». – Ибни Сирин гуфт: Абӯҳурайра он намозро ном гирифта буд, лекин ман фаромӯш кардам. – Абӯҳурайра гуфт: «Бо мо ду ракъат намоз хонду салом дод. Ва аз ҷо бархосту рафта ба чӯби як сӯи масҷид гузошташуда такя кард; зоҳиран аз чизе хашмгин буд; дасти росташ ба дасти чап гузошта, ангуштонашро ба ҳам даромехт; ва рухсораи рост ба пушти кафи дасти чап гузошт. Мардум шитобон аз дарҳои масҷид берун баромада гуфтанд: «Намоз қаср гузошта шуд». Дар байни он қавм Абӯбакру Умар низ буданд, лекин ҷуръат накарданд, ки (аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) дар ин бора чизе бипурсанд. Дар байни он қавм марде низ буд, ки дастҳои дароз дошт, ӯро Зулядайн (Дудаста) мегуфтанд. Гуфт: «Эй пайғамбари Худо, оё фаромӯш кардӣ, ё намоз қаср хонда шуд?» Гуфт: «На ман фаромӯш кардаам ва на намоз қаср гузорида шудааст». Ва боз гуфт: «Ё шояд воқеан ҳам чунон шуда бошад, ки ин Зулядайн мегӯяд?» Гуфтанд: «Оре». Баъд пеш омаду боқимондаи намозро хонд ва салом дод. Баъди он такбир гуфт ва мисли саҷдаҳои ҳарвақтааш ё ба муддати каме дарозтар аз он саҷда кард. Сипас сар бардошту «Аллоҳу Акбар» гуфт. Боз «Аллоҳу Акбар» гуфт ва мисли саҷдаҳои ҳарвақтааш ё ба муддати каме дарозтар аз он саҷда кард. Баъд сарашро бардошту «Аллоҳу Акбар» гуфт». Шояд аз Ибни Сирин пурсида бошанд: «Оё боз салом*

*дод?» Ӯ мегуфт: ба ман хабар доданд, ки Имрон ибни Ҳусайн гуфт: «Боз салом дод».*

## (89) Боб. Масоҷиде, ки дар роҳҳои Мадина воқеанд ва мавзеъҳое, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар онҳо намоз гузоридааст

**483.** Муҳаммад ибни Абӯбакр ал-Муқаддамӣ ба мо нақл карда гуфт: Фузайл ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Мӯсо ибни Уқба ба мо нақл карда гуфт: *«Солим ибни Абдуллоҳро дидам, ки дар роҳ мавзеъҳоеро ба диққат муайян мекард ва дар онҳо намоз мехонд. Ва ӯ нақл мекард, ки падараш дар он ҷойҳо намоз мехонд, зеро ӯ дар он мавозеъ намоз гузоридани пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидааст. Ва Нофеъ ба ман нақл кард, аз Ибни Умар, ки дар он ҷойҳо намоз мегузоридааст. Ман дар ин бора аз Солим суол кардам ва донистам, ки ривояти ӯ бо ривояти Нофеъ роҷеъ ба тамоми мавзеъҳо мутобиқ буд. Онҳо фақат нисбат ба масҷиди воқеъ дар баландии Равҳо ихтилоф доштанду бас».*

**484.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Анас ибни Иёз ба мо нақл карда гуфт: Мӯсо ибни Уқба ба мо нақл кард, аз Нофеъ, ки Абдуллоҳ ба ӯ хабар дод, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте умра мекард ва ҳангоми ҳаҷ кардан дар Зу-л-Ҳулайфа дар зери дарахти самура (мағелон) воқеъ дар мавзеи масҷиде, ки дар Зу-л-Ҳулайфа аст, фуруд меомад. Ва ҳар гоҳ ки аз ғазви дар он роҳҳо кардааш ё аз ҳаҷҷу умра бармегашт, аз дохили водӣ(-и ал-Ақиқ) рӯ ба поин мерафт. Ва чун аз ин дохили водӣ берун мешуд, дар шинзор канори шарқии (домани) водӣ фуруд меомад ва дар он ҷо то фаро расидани субҳ истироҳат мекард, вале на дар наздики масҷиде, ки дар сангистон аст ва на болои талу пуштаҳое, ки масҷид дар рӯи он аст, намеистод. Ва дар он мавзеъ водии жарфест, ки Абдуллоҳ дар наздикии он намоз мехонд, зеро андаруни ин (водӣ) хомаҳои рег ҷой дорад, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар он ҷо намоз мегузоридааст. Як дафъа дар шинзор сел омад ва он ҷой, ки Абдуллоҳ намоз мехонд, зери рег нопадид гашт.*

**485.** – Ва (бо ҳамон иснод) – Абдуллоҳ ибни Умар ба ӯ (Иброҳим ибни ал-Мунзир) нақл кард, *ки: пайғамбар, салла-л-Лоҳу*

*алайҳи ва саллам, дар ҷое намоз хонд, ки ҳоло Масҷиди Хурд воқеъ аст. Ва ин ғайри он масҷиде мебошад, ки дар баландии Равҳост. Абдуллоҳ ҷоеро, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар он намоз гузорида буд, нишон дода мегуфт: «Ин ҳамон ҷоест, ки чун дар Масҷид ба намоз истӣ, аз тарафи ростат хоҳад буд. Ва ин ҳамон масҷидест, ки чун ба сӯи Макка равон бошӣ, дар канораи рости роҳ воқеъ аст. Байни он ҷову Масҷиди калон як сангпарто, ё тақрибан ҳамин қадар масофатест».*

**486.** – *Ва Ибни Умар дар Ирқ ном мавзеъ, ки дар наздикии баромадгоҳи Равҳо воқеъ аст, намоз мехонд. Ирқ ҳамон ҷоест, ки як ҷониби он дар канораи роҳ дар наздикии масҷиде тамом мешавад, ки дар роҳи ба Макка рафтан байни Ирқ ва баромадгоҳи Равҳо воқеъ аст. Дар он ҷо масҷиде бино ёфтааст. Ва Абдуллоҳ дар он масҷид намоз намехонд, онро аз тарафи чап ба қафо гузошта пештар мерафт ва дар худи Ирқ намоз мехонд. Ва Абдуллоҳ намози пешинро нахонда аз Равҳо берун шуда ба он ҷо мерафт ва намози пешинро дар ҳамон ҷо мехонд. Ва ҳар гоҳ, ки аз Макка бармегашт, чун соате пеш аз бомдод – ё дар охири саҳар – аз он мавзеъ гузарад, ҳатман таваққуф ва истироҳат мекард, то ки намози бомдодро он ҷо хонад.*

**487.** – Ва боз Абдуллоҳ ба ӯ (Иброҳим ибни ал-Мунзир) нақл кард, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зери дарахти бузург, ки дар наздикии (қарияи) Рувайса, дар ҷониби рости роҳ воқеъ буд, фуруд меомад ва он мавзеъ рӯ ба рӯи роҳ дар дашти паҳни ҳамвор воқеъ аст, ки бо баландие дар масофаи ду мил қабл аз бариди Рувайса тамом мешавад. Болои теппа фурӯ рехта аз дарун дуто шудааст ва поини теппа бар як поя истодааст ва дар пояи баландӣ хомаҳои рег бисёр аст.*

**488.** – Ва Абдуллоҳ ибни Умар ба ӯ (Иброҳим ибни ал-Мунзир) нақл кард, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар як ҷониби маҷрои сел намоз хонд, ки мавриди ба теппа рафтан пушти (қарияи) Арҷ мемонад. Дар назди он масҷид аз тарафи рост байни он роҳҳои аз ҳам ҷудошуда ду ё се қабр ҳаст. Рӯи он қабрҳо харсангҳоро гузоштаанд. Абдуллоҳ баъд аз нисфирӯзӣ, ҳангоми заволи офтоб аз Арҷ ба роҳ мебаромад ва намози пешинро дар ҳамон масҷид мехонд.*

**489.** Ва Абдуллоҳ ибни Умар ба ӯ (Иброҳим ибни ал-Мунзир) нақл кард, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам,*

*назди дарахтони ҷониби чапи роҳ, дар селроҳаи поини (кӯҳи) Ҳаршо фуруд омад. Он селроҳа аз як сӯ бо (кӯҳи) Ҳаршо пайваста аст ва миёни маҷрову роҳ ба масофаи як тиррас фосила ҳаст. Абдуллоҳ зери дарахте, ки аз дарахтони дигар баландтару ба роҳ наздиктар буд, намоз хонд.*

**490.** Ва Абдуллоҳ ибни Умар ба ӯ (Иброҳим ибни ал-Мунзир) нақл кард, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар селроҳа, наздики водии Марру-з-Заҳрон фуруд меомад, азбаски роҳ аз Сафравот поин меравад, дар рӯ ба рӯи Мадина воқеъ аст. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, андаруни он селроҳа, ки чун ба Макка раҳсипор шавӣ, дар тарафи чапи роҳ мемонад, фуруд меомад. Масофаи байни мавзеи фуруд омадани пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва он роҳ аз як сангпарто беш нест.*

**491.** Ва Абдуллоҳ ибни Умар ба ӯ (Иброҳим ибни ал-Мунзир) нақл кард, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар гоҳ, ки ба Макка мерафт, дар Зӯ Туво (ном мавзеъе) фуруд омада шаб дар он ҷо мехуфт ва субҳ бархоста намози бомдодро мехонд. Ва ҷои намозхонии пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар баландии ноҳамвор аст, на дар масҷиде, ки он ҷо бино ёфтааст, балки поинтар аз он дар болои баландии ноҳамвор.*

**492.** Ва Абдуллоҳ ба ӯ (Иброҳим ибни ал-Мунзир) нақл кард, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯ ба даромадгоҳи роҳи миёни кӯҳистон ва кӯҳи дароз, ки то Каъба тӯл мекашад, дар ҳоле намоз мехонд, ки масҷиди дар он ҷо бино ёфтаро дар тарафи чапи масҷиди дар як сӯи баландӣ буда қарор медод. Намозгоҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, поинтар аз он бар баландии сиёҳ аст. Аз он баландӣ тақрибан даҳ зироъ гузашта, рӯ ба рӯи он ду даромадгоҳи кӯҳ, ки дар байни туву Каъба аст, истода намоз мехонӣ.*

## БОБҲОИ СУТРАИ НАМОЗГУЗОР

### (90) Боб. Андар он ки сутраи имом барои дар қафои ӯ будагон низ сутра аст

**493.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба

мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба, аз Абдуллоҳ ибни Аббос, ки ӯ гуфт: *«Рӯзе дар айёми ба синну соли эҳтилом наздик буданам савори модахаре омадам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо мардум дар Мино, аз ғайри будани деворе дар пеш намоз мехонд. Ман аз пеши баъзе аз сафбудагон гузашта пиёда шудам ва харро ба чаридан сар дода, худам ба саф даромадам. Ба ман касе монеъ нашуд».*

**494.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Нумайр ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар рӯзи ид чун барои хондани намоз мебаромад, мефармуд ҳарбае (найзаке) гиранд. Ва онро дар пеши ӯ мегузоштанд ва ӯ рӯ ба он намоз мехонд ва мардум дар қафои ӯ буданд. Ӯ дар сафар низ ҳамин корро мекард. Ва аз ин ҷост, ки амирон бо худ найзак мегирифтанд.*

**495.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Авн ибни Абӯҷуҳайфа, гуфт: аз падарам шунидам, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Батҳо ба онҳо имоматӣ карда, дар ҳоле ки дар пешаш аназа (найзаки кӯтоҳ) буд, намози пешинро ду ракъат ва намози асрро ду ракъат хонд. Ва аз пеши ӯ (аз он тарафи найзак) зан ва хар мегузаштанд.*

### (91) Боб. Андар он ки фосилаи байни намозгузор ва сутра чӣ қадар бошад

**496.** Амр ибни Зурора ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Абӯҳозим ба мо хабар дод, аз падараш, аз Саҳл, ки гуфт: *«Дар байни намозгоҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва девори он як гӯсфандгузар фосила буд».*

**497.** Ал-Маккӣ ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Абӯубайд ба мо нақл кард, аз Салама, ки гуфт: *«Девори масҷид наздики минбар буд, ки аз байни онҳо гӯсфанд базӯр мегузашт».*

### (92) Боб. Рӯ ба ҳарба (найзак) намоз гузоридан

**498.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки Нофеъ ба ман хабар дод, аз Абдуллоҳ, *ки барои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳарбае (найзаке) ба замин мехалонданд ва ӯ рӯ ба он намоз мегузорид.*

### (93) Боб. Рӯ ба аназа (найзаки кӯтоҳ) намоз гузоридан

**499.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Авн ибни Абӯҷуҳайфа ба мо нақл карда гуфт: аз падарам шунидам, ки гуфт: *«Нисфирӯзӣ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба назди мо баромад. Ба ӯ оби таҳорат доданд. Ӯ вузӯ карду имоми мо шуда намозҳои пешину асрро хонд. Ва дар пеши ӯ аназае (найзаки кӯтоҳе) буд, ки аз он сӯяш зан ва хар мегузаштанд».*

**500.** Муҳаммад ибни Ҳотам ибни Базеъ ба мо нақл карда гуфт: Шозон ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Ато ибни Абӯмаймуна, гуфт: аз Анас ибни Молик шунидам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои қазои ҳоҷат берун баромаданӣ шавад, ману писаре аз паси ӯ мебаромадем. Ва уккозае (асои босинон) ё асое ё аназае (найзаки кӯтоҳе) ва офтобаеро бо худ мегирифтем. Чун аз қазои ҳоҷат фориғ мешуд, офтобаро ба ӯ дароз мекардем».*

### (94) Боб. Андар сутра гирифтан дар Макка ва ғайри он

**501.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Ҳакам, аз Абӯҷуҳайфа, ки гуфт: *«Нисфирӯзӣ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун омад ва намозҳои пешину асрро дар Батҳо дуракъатӣ хонд. Ва дар рӯ ба рӯи худ аназае (найзаки кӯтоҳ)-ро ба замин халонда буд. Ӯ вузӯ кард ва мардум оби вузӯяшро гирифта ба худ мемолиданд».*

### (95) Боб. Рӯй ба сутун намоз гузоридан

*Ва Умар гуфт: «Намозгузорон ҳақтаранд, ки рӯй ба сутунҳо намоз хонанд, аз он ки дигарон ба он такя намуда, бо ҳам сӯҳбат карда нишинанд». Ва Умар мардеро дид, ки дар миёни ду сутун намоз мехонд, пас ӯро ба яке аз сутунҳо наздик бурда гуфт: «Рӯй ба ин истода намоз хон!»*

**502.** Ал-Маккӣ ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Абӯубайд ба мо нақл карда гуфт: *«Ман ҳамроҳи Салама ибни ал-Ақваъ, ки дар пеши сутуни назди Мусҳаф намоз мехонд, омадам ва ба ӯ гуфтам: «Эй Абӯмуслим, мебинам, ки ту доим майли назди ҳамин сутун намоз хондан дорӣ». Гуфт: «Ман*

*пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бисёр дидаам, ки кӯшиш мекард назди он намоз хонад».*

**503.** Қабиса ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Амр ибни Омир, аз Анас, ки гуфт: *«Ман саҳобагони бузурги пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, ки ҳангоми (азони) намози шом ба сӯи сутунҳо шитофта ҷой мегирифтанд».* Шуъба ба ин афзудааст, аз Амр, аз Анас: «То он ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун меомад».

## (96) Боб. Андар гузоридани намози беҷамоат байни сутунҳо

**504.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Ҷувайрия ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Хона(-и Каъба) даромад ва Усома ибни Зайд, Усмон ибни Талҳа ва Билол ҳамроҳи ӯ буданд. Дурудароз он ҷо бимонд, баъд берун баромад. Ман аввалин шуда аз паи ӯ ба он ҷо даромадам ва аз Билол пурсидам: «Ӯ дар куҷо намоз хонд?» Гуфт: «Дар байни ду сутуни пеш».*

**505.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба (Хонаи) Каъба даромад ва Усома ибни Зайд, Билол ва Усмон ибни Талҳа ал-Ҳаҷабӣ ҳамроҳи ӯ буданд. Ӯ дарро баста дере он ҷо бимонд. Вақте ки берун шуд, аз Билол пурсидам: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ кор кард?» Гуфт: «Ӯ дар ҷое намоз хонд, ки як сутун дар тарафи дасти чапаш, сутуни дигар дар тарафи дасти росташ ва се сутун дар қафояш монд». Хона(-и Каъба) дар он вақт шаш сутун дошт.* Исмоил ба мо гуфт: Молик ба ман нақл карду гуфт: «Ду сутун дар тарафи дасти росташ...».

## (97) Боб

**506.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Абӯзамра ба мо нақл карда гуфт: Мӯсо ибни Уқба ба ман нақл кард: аз Нофеъ, *ки Абдуллоҳ ҳар гоҳ ба Каъба меомад, баъди даромадан ба пеши худ нигоҳ карда мерафт ва дарро дар қафо монда ҳамчунон мерафт, то ба девори рӯ ба рӯ ба қадри се газ наздик мешуд, шитобон ба ҷое рафта намоз мехонд, ки Билол он ҷойро «пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ин ҷо на-*

*моз мехонд» гӯён ба ӯ нишон дода буд. Абдуллоҳ гуфт: «Ҳар касе дар кадом аз гӯшаҳои Каъба намоз хонад, боке нест».*

## (98) Боб. Андар намоз гузоридан рӯ ба чорпои саворӣ, шутур, дарахт ва полони шутур

**507.** Муҳаммад ибни Абӯбакр ал-Муқаддамӣ ал-Басрӣ ба мо нақл карда гуфт: Мӯътамир ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, *ки ӯ шутури савориашро бар паҳно ба зону шинонда, рӯ ба он намоз мехонд». Ман гуфтам: «Оё дидаӣ, ки агар шутур якбора ба ҳаракатояд (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ мекард)?» Гуфт: «Ӯ ҳамон полонро гирифта дар пеши худ рост мениҳод ва рӯ ба (чӯби) охири он намоз мехонд». Ё гуфт: «Муаххари он». Ва Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, низ ҳамин корро мекард.*

## (99) Боб. Андар намоз гузоридан рӯ ба тахти хоб

**508.** Усмон ибни Абӯшайба ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Иброҳим, аз ал-Асвад, *аз Оиша (ҷавобан ба суханони «саг, хар ва зан намозро мебурад») гуфт: «Оё моро ба сагу хар баробар медонед? Чунин ҳолатро низ дидаам, ки ҳангоми бар тахт хоб буданам, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, меомад ва тахтро дар миён(-и худ ва қибла) қарор дода намоз мехонд. Маро маъқул набуд, ки аз пеши ӯ намоён шавам, бинобар он ба сӯи пояҳои тахт худро берун кашида аз лиҳофаат оҳиста мебаромадам.*

## (100) Боб. Намозгузор хар киро, ки аз пешаш гузарад, пас баргардонад

*Ибни Умар ҳангоми ташаҳҳуди намоз ва ҳам дар Каъба одами аз пешаш гузарандаро пас мегардонид; ва гуфт: «Агар ҷуз ба ҷанг пас нагардад, бо ӯ ҷанг кун».*

**509.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Юнус ба мо нақл кард, аз Ҳумайд ибни Ҳилол, аз Абӯсолеҳ, ки Абӯсаъид гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт (таҳвил).

Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ибни ал-

Муғира ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ибни Ҳилол ал-Адавӣ ба мо нақл карда гуфт:Абӯсолеҳ ас-Саммон ба мо нақл карда гуфт: *«Абӯсаъид ал-Худриро рӯзи ҷумъа дидам, ки чизеро аз барои одамон сутра гирифта рӯ ба он намоз мехонд. Ҷавоне аз банӣ Абӯмуъайт хост, ки аз пеши ӯ бигузарад. Абӯсаъид даст ба синаи ҷавон гузошта ӯро ронд. Ҷавон нигоҳ карду ба ҷуз ҳамон ҷой гузаргоҳи дигар наёфт. Дубора омаду хост, ки гузарад. Абӯсаъид ӯро аз пештара сахттар биронд. Он гоҳ ӯ Абӯсаъидро дашном дод. Баъд ба назди Марвон даромада ба ӯ аз Абӯсаъиду муомилааш шикоят кард. Абӯсаъид низ баъди ӯ назди Марвон даромад. (Марвон) гуфт: «Эй Абӯсаъид, миёни ту ва он бародарзодаат чӣ моҷаро рух дод?» Гуфт: «Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: «Ҳар гоҳ касе аз шумо чизеро аз барои одамон сутра гирифта рӯ ба он намоз хонад ва агар касе хост аз пеши ӯ гузарад, бигузор ӯро пас гардонад; ва агар қабул накунад, бо ӯ ҷанг кунад, зеро ки ин шахс Шайтон аст».*

## (101) Боб. Андар гунаҳкор шудани касе, ки аз пеши намозхон гузарад

**510.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абунназр – мавлои Умар ибни Убайдуллоҳ, аз Буср ибни Саъид, ки Зайд ибни Холид ӯро ба назди Абӯҷуҳайм фиристод, то ки аз ӯ суол кунад: «Оё ӯ аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи шахсе, ки аз пеши намозхон гузарад, чизе шунидааст?» Абӯҷуҳайм гуфт: *пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Агар шахси аз пеши намозхон гузаранда медонист, ки чӣ гуноҳи азим содир мекунад, чиҳил (рӯз, моҳ, ё сол) мунтазир истоданро аз гузаштани ҳамон лаҳза авло медонист».* Абунназр гуфт: «Ман намедонам, ки ӯ «чиҳил рӯз» гуфт, ё «чиҳил моҳ», ё «чиҳил сол».

## (102) Боб. Рӯ ба рӯ шудани мард бо марде (дигар) ҳангоми намозхонӣ

*Усмон бо марде, ки дар ҳоли намозхонӣ аст, рӯ ба рӯ омаданро макрӯҳ донистааст. Дар сурате макрӯҳ аст, ки агар диққати намозхонро ба худ ҷалб кунад, аммо агар диққати намозхонро ба худ ҷалб накунад, зарар надорад, зеро Зайд ибни Собит гуфт: «Ман аз ин парво надорам, марде намози марди дигарро намебу-*

*рад».*

**511.** Исмоил ибни Халил ба мо нақл кард: Алӣ ибни Мусҳир, аз ал-Аъмаш, аз Муслим, яъне Ибни Субайҳ, аз Масруқ, аз Оиша, *ки дар ҳузури ӯ сухан дар бораи чизҳое рафт, ки намозро қатъ мекунанд, гуфтанд: «Аз пеши намозхон гузаштани саг, хар ва зан намозро мебурад». Оиша гуфт: «Ба ростӣ ки (бо ин сухан) аз мо саг сохтед. Ман (борҳо) пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, дар ҳоле намоз мехонд, ки ман байни ӯ ва қибла рӯи тахтаи хоб дароз кашида будам; агар маро ҳоҷате пайдо мешуд, ман намехостам, ки ба ӯ намоён гардам, бинобар ин оҳиста худро (аз бистар) берун мекашидам».*

*Ва ҳадиси монанди инро аз ал-Аъмаш, аз Иброҳим, аз ал-Асвад, аз Оиша нақл кардаанд.*

### (103) Боб. Хондани намоз дар пушти шахси хобида

**512.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле ки ман дар бистари ӯ дар пеш(-и намоз) бар паҳно хоб будам, намоз мехонд. Ва ҳар гоҳ ки витр хондanӣ мешуд, маро бедор мекард. Ман ҳам витр мехондам».*

### (104) Боб. Хондани намози нафл дар пушти зан

**513.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абунназр, мавлои Умар ибни Убайдуллоҳ, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Оиша, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ӯ гуфт: *«Ман дар назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хоб мерафтам ва пойҳоям дар саҷдагоҳи ӯ буданд. Ҳар гоҳ ки ӯ саҷда мекард, (пойҳоямро) зер мекард ва ман пойҳо ба худ мекашидам. Ва чун дар қиём рост мешуд, ман пойҳоро дубора дароз мекардам». (Оиша) гуфт: «Он вақтҳо хонаҳо чароғ надоштанд».*

### (105) Боб дар бораи касе, ки гуфт: «Намозро ҳеҷ чиз қатъ намекунад»

**514.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо

нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ба мо нақл кард, аз ал–Асвад, аз Оиша (таҳвил).

Ал-Аъмаш гуфт: Муслим ба ман нақл кард, аз Масруқ, аз Оиша: *дар ҳузури ӯ сухан дар бораи чизҳое рафт, ки намозро бибуранд: саг, хар ва зан. (Оиша) гуфт: «Моро ба харону сагон шабеҳ кардед. Валлоҳ, (борҳо) пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, ки ҳангоми миёни ӯ ва қибла бар тахти хоб дароз кашиданам намоз мехонд. Ва чун маро ҳоҷате пеш меомад, намехостам, ки бинишинам ва пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, азият диҳам, аз ин рӯ худро аз сӯи пояҳо(-и тахт) ноаён берун мекашидам».*

**515.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Яъқуб ибни Иброҳим ба мо хабар дода гуфт: бародарзодаам Ибни Шиҳоб ба ман нақл кард, ки ӯ аз амакаш дар бораи намоз суол кард, ки оё онро чизе метавонад қатъ кунад? Ӯ гуфт: «Чизе наметавонад қатъ кард». Урва ибни аз-Зубайр ба ман хабар дод, ки Оиша, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ростӣ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабҳо мехесту намоз мехонд, дар сурате ки ман байни ӯ ва қибла рӯи ҷойгаҳи хоб бар паҳно дароз кашида будам».*

## (106) Боб. Ҳангоми намоз духтарчаеро ба гарданаш савор кардани намозхон

**516.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Омир ибни Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр, аз Амр ибни Сулайм аз-Зуроқӣ, аз Абӯқатода ал-Ансорӣ: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле, ки Умома, духтари Зайнаб, набераи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз Абулъос ибни Рабиъа ибни Абд Шамсро бардошта буд, намоз мехонд. Ва ҳар гоҳ ки ба саҷда мерафт, духтарчаро мегузошт ва чун ба қиём рост мешуд, ӯро мебардошт».*

## (107) Боб. Оё ба сӯи рахте, ки дар он зани ҳоиза хобидааст, намоз хондан равост?

**517.** Амр ибни Зурора ба мо нақл карда гуфт: Ҳушайм ба мо хабар дод, аз аш-Шайбонӣ, аз Абдуллоҳ ибни Шаддод ибни ал-Ҳод, ки гуфт: холаам Маймуна бинти ал-Ҳорис ба ман хабар дода гуфт: *«Рахти хоби ман дар паҳлӯи ҷойнамози пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буд ва гоҳо дар ҳоле, ки ман дар рахт бу-*

*дам, домани ҷомаи ӯ ба ман мерасид».*

**518.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ибни Зиёд ба мо нақл карда гуфт: аш-Шайбонӣ Сулаймон ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ибни Шаддод ба мо нақл карда гуфт: аз Маймуна шунидам, ки мегуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар вазъе, ки мани ҳоиза дар паҳлӯяш хоб будам, намоз мехонд ва ҳар гоҳ ки ба саҷда мерафт, домани ҷомааш ба ман мерасид».*

## (108) Боб. Оё равост, ки мард ҳангоми саҷда кардан занашро зер кунад, то саҷда карда тавонад?

**519.** Амр ибни Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: ал-Қосим ба мо нақл кард, *аз Оиша разия-л-Лоҳу анҳо, (ҷавобан ба суханони «бо гузаштани саг, хар ва зан аз пеши намозхон намоз бурида мешавад»), гуфт: «Аҷаб кори зишт кардед, ки моро ба сагу хар баробар намудед. (Борҳо) дидаам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар вазъи байни ӯ ва қибла дароз кашидани ман намоз мехонд. Ва ҳар гоҳ мехост саҷда кунад, пойҳоямро зер мекард ва ман пойҳо ба худ мекашидам».*

## (109) Боб. Дар бораи зане, ки аз (пушти) намозхон чизи озордиҳандаро гирифта партояд

**520.** Аҳмад ибни Исҳоқ ас-Суррамори ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Исроил ба мо нақл кард, аз Абӯисҳоқ, аз Амр ибни Маймун, аз Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Дар асное, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар назди Каъба истода намоз мехонд, ҷамъе қурайшиён дар нишемангоҳи худ менишастанд. Касе аз онҳо гуфт: «Ба ин риёкор нигаред! Кадоми шумо метавонад, ки хеста ба назди шутури куштаи Оли фалон равад, ахлоти шикамба ва хун ва бачадони онро ба ин ҷо биёрад ва бинигарад, ҳамин ки ин одам ба саҷда рафт, онро дар байни ду шонаи ӯ гузорад?» Бадбахтарини онҳо аз ҷой барҷасту рафт. Ва вақте ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба саҷда рафт, он (бадбахт) ахлотҳоро байни ду шонаи ӯ гузошт. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле ки ба саҷда рафта буд, беҳаракат монд. Онҳо ба дараҷае хандиданд, ки аз зӯри ханда ба сӯи якди-*

*гар хаму рост мешуданд. Шахсе баромада ба назди Фотима, алайҳо-с-салом, ки дар ин вақт духтарча буд, рафт ва воқеаро гуфт. Фотима шитобон омад. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар саҷда беҳаракат истод, то Фотима он (палидиҳо)-ро аз пушти ӯ гирифта партофт ва ба қурайшиён рӯ оварда дашном дод. Вақте ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намозро хонда тамом кард, гуфт: «Бор Худоё, Қурайшро ҳалок кун, Бор Худоё, Қурайшро ҳалок кун, Бор Худоё, Қурайшро ҳалок кун!» Пас аз он номбар кард: «Бор Худоё, Амр ибни Ҳишом, Утба ибни Рабиъа, Шайба ибни Рабиъа, ал-Валид ибни Утба, Умайя ибни Халаф, Уқба ибни Абӯмуъайт ва Умора ибни ал-Валидро ҳалок кун!» Абдуллоҳ гуфт: «Ба Худо қасам, ки ҳамаи онҳоро рӯзи Бадр кушта дидам, онҳоро кашола карда ба чоҳи хушкида – ба чоҳи хушкидаи Бадр – партофтанд. Ва он гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Лаънат бод бар асҳоби калиб (чоҳи хушкида)!»*

# IX. КИТОБИ ВАҚТҲОИ НАМОЗ

## (1) Боб. Андар вақтҳои намоз ва фазилати он

*Ва сухани Ӯ: «Ба дурустӣ ки намоз бар мӯъминон фарзи вақти муайян карда шуда аст» (4:103) – (яъне) вақти муайяншудае, ки Ӯ бар мӯъминон таъйин кардааст.*

**521.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл карда гуфт: бар Молик қироат кардам, аз Ибни Шиҳоб: *«Рӯзе Умар ибни Абдулазиз намоз(-и аср)-ро ба таъхир андохта хонд. Урва ибни аз-Зубайр ба назди ӯ даромаду ба ӯ хабар дод, ки ал-Муғира ибни Шуъба замони дар Ироқ буданаш рӯзе намозро ба таъхир андохта хонд. Абӯмасъуд ал-Ансорӣ ба назди ӯ даромаду гуфт: «Эй Муғира, ин чӣ таъхир аст? Пеш аз ин дониста будӣ, ки Ҷабраил салавоту-л-Лоҳи ва саломуҳу алайҳи, фуруд омаду намоз хонд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, низ намоз(-и бомдод) хонд; баъд боз намоз хонд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, низ намоз(-и пешин) хонд; баъд боз намоз хонд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, низ намоз(-и аср) хонд; баъд боз намоз хонд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, низ намоз(-и шом) хонд; баъд боз намоз хонд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, низ намози хуфтан хонд. Сипас (Ҷабраил) гуфт: «Ба ту ҳаминро фармудаанд». Умар ба Урва гуфт: «Ин ҳадисро, ки ту мегӯӣ, яқин маълум кун: оё Ҷабраил буд, ки ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақти намозро муқаррар намуд?»*

Урва гуфт: «Башир ибни Абӯмасъуд ҳамин тавр аз падараш нақл мекард».

**522.** Урва гуфт: «Оиша ба ман нақл кард, ки *пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳанӯз вақте ки шуои офтоб дар ҳуҷраи Оиша будааст ва пеш аз гаштани он шуоъ аз ҳуҷра намози асрро мехондааст».*

### (2) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ба сӯи Вай руҷӯъ намуда ибодат кунед ва аз Ӯ битарсед ва намоз барпо доред ва аз мушрикон мабошед» (30:31)

**523.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Аббод – ва ӯ Ибни Аббод аст – ба мо нақл кард, аз Абӯҷамра, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Намояндагони (қабилаи) Абдулқайс ба назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаданду гуфтанд: «Мо аз ин ҳайем – аз Рабиъа ва мо ба ғайр аз моҳҳои ҳаром дигар вақт назди ту омада наметавонем. Ба мо (аз корҳои дин) чизе бифармо, ки аз ту бигирем ва касони моварои (қабилаи) худ бударо ба он даъват кунем». Ӯ гуфт: «Ман шуморо ба чаҳор чиз амр медиҳам ва аз чаҳор чиз манъ мекунам: имон ба Худо – баъд инро ба онҳо чунин тафсир кард: шаҳодат додан ба он ки ҷуз Худо ҳеҷ маъбуде нест ва ман пайғамбари Худо ҳастам; барпо доштани намоз; додани закот; ва ин ки ҳар гоҳ ғанимат мегиред, хумси онро ба ман фиристед. Ва аз дуббоъ, ҳантам, муқайяр ва нақир (номҳои зарфҳои хамр) наҳй мекунам».*

### (3) Боб. Андар байъат кардан ба барпо доштани намоз

**524.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Қайс ба мо нақл кард, аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Ман ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба барпо доштани намоз, додани закот ва насиҳат кардан (таълим додан) ба ҳар як мусулмон байъат кардам».*

### (4) Боб. Намоз каффорати гуноҳон аст

**525.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, ки гуфт: Шақиқ ба ман нақл карда гуфт: аз Ҳузайфа шунидам, ки гуфт: *«Дар назди Умар, разия-л-Лоҳу анҳу нишаста будем. Ӯ гуфт: «Кадоме аз шумо суханони пайғамбари Худоро,*

*салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки дар хусуси фитна гуфтааст, дар ёд дорад?» Гуфтам: «Ман он чунон ки ӯ гуфтааст, (дар ёд дорам)». Умар гуфт: «Ту бар (овардани) қавли ӯ – ё бар (овардани) мақулаи ӯ – ҷуръат намуда иқдом кун!» Гуфтам: «Фитнаеро, ки аз тарафи мард аз барои занаш, молаш, фарзандонаш ва ҳамсояаш сар задааст, намоз, рӯза, садақа ва амри маъруфу наҳйи мункар каффорат мекунанд». Умар гуфт: «Мақсуди ман ин фитна нест, балки он фитнаест, ки чун мавҷи баҳр мавҷ мезанад». (Ҳузайфа) гуфт: «Эй амирулмӯъминин, аз ин фитна ба ту зиёне нахоҳад буд, зеро ки байни туву он фитна дарвозаи баста ҳаст». (Умар) гуфт: «Оё ин дарвоза шикаста мешавад ё кушода мегардад?» (Ҳузайфа) гуфт: «Шикаста мешавад». (Умар) гуфт: «Пас ҳаргиз пӯшида намешавад». (Шақиқ гуфт): «Гуфтем: оё Умар он дарвозаро медонист?» (Ҳузайфа) гуфт: «Оре. Ончунон медонист, ки аз паси ин шаб фардое ҳаст. Ман ба ӯ ҳадисеро нақл кардам, ки дар он хатое нест». Мо ба суол кардан аз Ҳузайфа тарсидем ва ин кор ба Масруқ фармудем. Ӯ суол кард. (Ҳузайфа) гуфт: «Он дарвоза худи Умар аст».*

**526.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл кард, аз Сулаймон ат-Таймӣ, аз Абӯусмон ан-Нахдӣ, аз Ибни Масъуд: *«Марде аз зане бӯсае ситонид. Баъд назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду ба ӯ аз ин хусус хабар дод. Худо (ин оятро) фуруд овард: «Ва намозро ду тарафи рӯз ва соате чанд аз шаб барпо кун, ки ба ростӣ тоатҳо гуноҳонро дур мекунанд...» (11:114). Он мард гуфт: «Эй пайғамбари Худо, оё ин (оят) ба ман дахл дорад?» Гуфт: «Ба ҳамаи уммати ман дахл дорад».*

## (5) Боб. Фазилати намоз дар гузоридани он ба вақташ аст

**527.** Абулвалид Ҳишом ибни Абдулмалик ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: ал-Валид ибни ал-Айзор ба ман хабар дода гуфт: аз Абӯамр аш-Шайбонӣ шунидам, ки ба хонаи Абдуллоҳ ишора карда мегуфт: соҳиби ин хона ба мо нақл карда гуфт: *«Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кардам: Худо кадом корро бештар дӯст медорад? Гуфт: «Дар вақташ гузоридани намозро». Гуфт: «Баъд кадом амалро?» Гуфт: «Дар ҳаққи падару модар некӯӣ карданро». Гуфт: «Баъд чӣ?» Гуфт: «Дар роҳи Худо ҷиҳод карданро». (Абдуллоҳ) гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алай-*

*ҳи ва саллам, ҳаминҳоро ба ман гуфт ва агар ман аз ӯ беш суол мекардам, албатта, ӯ зиёдтар ҷавоб медод».*

## (6) Боб. (Хондани) панҷ вақт намоз каффорати гуноҳон аст

**528.** Иброҳим ибни Ҳамза ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯҳозим ва ад-Даровардӣ ба ман нақл карданд, аз Язид, аз Муҳаммад ибни Иброҳим, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Абӯҳурайра, ки ӯ аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидааст, ки мегуфт: *«Оё дидаед, ки аз пеши дари хонаи яке аз шумо наҳри об гузарад ва ӯ худро дар он ҳар рӯз панҷ бор шӯяд, дар ҳаққи ӯ чӣ мегӯед: магар аз чирки ӯ чизе мемонад?» Гуфтанд: «Аз чирки ӯ чизе намемонад». Гуфт: «Ин масали панҷ вақт намоз аст, Худо бо он гуноҳонро маҳв мекунад».*

## (7) Боб. Вақти намозро зоеъ кардани намозхон

**529.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Маҳдӣ ба мо нақл кард, аз Ғайлон, аз Анас, ки гуфт: *«Ман намедонам, ки дар аҳди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чизе будаву имрӯз боқӣ монда бошад». Гуфтанд: «Намоз чӣ?» Гуфт: «Магар шумо дар адои намоз вақтро зоеъ накардаед?!»*

**530.** Амр ибни Зурора ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ибни Восил Абӯубайда ал-Ҳаддод ба мо хабар дод, аз Усмон ибни Абӯраввод, бародари Абдулазиз, гуфт: аз аз-Зуҳрӣ шунидам, ки мегуфт: *«Дар Димишқ ба назди Анас ибни Молик даромадам, ки ӯ мегирист. Гуфтам: «Барои чӣ гиря мекунӣ?» Гуфт: Аз он чӣ ки (дар аҳди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) дарёфтам, ба ҷуз ҳамин намоз чизе намедонам, (ки боқӣ монда бошад). Вале (вақти) ин намозро ҳам зоеъ кардаанд».*

Ва Бакр ибни Халаф гуфт: Муҳаммад ибни Бакр ал-Бурсонӣ ба мо нақл кард: ҳадисе монанди инро Усмон ибни Абӯраввод ба мо хабар дод.

## (8) Боб. Намозгузор ба Парвардигори худ, азза ва ҷалла, муноҷот кунад

**531.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-

Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо намоз хонад, бо Парвардигори худ муноҷот мекунад. Пас бигузор ба тарафи рост не, балки ба зери пои чапаш оби даҳон афканад».*

Ва Саъид гуфт, аз Қатода: *«Дар рӯ ба рӯ ё – пеши худ – не, балки ба тарафи чап ё ба зери пояш оби даҳон афканад».*

Ва Шуъба гуфт: *«На дар пеши худ ва на ба тарафи рост, балки ба тарафи чап ё ба зери по оби даҳон афканад».* Ва Ҳумайд гуфт, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Ба сӯи қибла ва ба тарафи рост не, балки ба тарафи чап ё ба зери по оби даҳон афканад».*

**532.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Қатода ба мо нақл кард, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳангоми саҷда кардан қомати худро росту ҳамвор доред ва оринҷҳоятонро мисли саг ба ду тараф паҳн накунед; ва агар касе аз шумо оби даҳон афкандани шавад, ба пеши худ ва тарафи рост наафканад, зеро ки ӯ бо Парвардигори худ муноҷот мекунад».*

## (9) Боб. Ҳангоми шиддати гармо намози пешинро (таъхир карда) вақти гашти тафси ҳаво гузоридан

**533, 534.** Айюб ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Абӯбакр ба мо нақл кард, аз Сулаймон ибни Билол, ки гуфт: Солеҳ ибни Кайсон гуфт: ал-Аъраҷ Абдурраҳмон ва дигарон ба мо нақл карданд, аз Абӯҳурайра. Ва (ба исноди дигар) Нофеъ, мавлои Абдуллоҳ ибни Умар, гуфт: аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки (Абӯҳурайра ва Абдуллоҳ ибни Умар) ба ӯ нақл карданд, аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳангоми шиддати гармо намоз(-и пешинро таъхир карда) вақти гашти тафси ҳаво гузоред, зеро шиддати гармо аз ҷӯшиши дӯзах аст».*

**535.** Ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Муҳоҷир Абулҳасан: Зайд ибни Ваҳб шунид, аз Абӯзарр, ки гуфт: *«Муаззини пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, азони намози пешинро гуфт. (Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Гашти тафси ҳаворо нигарон бош, нигарон бош!» – Ё гуфт: «Мунтазир шав, мунтазир шав!» – Пас афзуд: «Шиддати гармо аз*

*ҷӯшиши дӯзах аст. Ҳар гоҳ гармо шиддат кунад, намоз(-и пешинро таъхир карда) вақти гашти тафси ҳаво хонед, то сояи талҳоро бибинем».*

**536.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: мо ин ҳадисро ҳифз намудем, аз аз-Зуҳрӣ, аз Саъид ибни ал-Мусайяб, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ гармо шиддат кунад, намоз(-и пешинро таъхир карда) вақти гашти тафси ҳаво хонед, зеро ки шиддати гармо аз ҷӯшиши дӯзах аст».*

**537.** *Оташи дӯзах ба Парвардигори худ шикоят карду гуфт: «Эй Парвардигори ман, бархе аз ман бархе дигарро бихӯрд». Парвардигор ӯро ба ду нафас кашидан дастур дод: як нафас дар зимистон ва як нафас дар тобистон. Ва он сахттарин гармо ва сахттарин замҳарир аст, ки дармеёбед.*

**538.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард: Абӯсолеҳ ба мо нақл кард, аз Абӯсаъид, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Намоз(-и пешинро таъхир карда) вақти гашти тафси ҳаво хонед, зеро шиддати гармо аз ҷӯшиши дӯзах аст».* Суфён, Яҳё ва Абӯавона (дар ривояти ин ҳадис) ба Ҳафс ибни Ғиёс пайравӣ кардаанд, аз ал-Аъмаш.

## (10) Боб. Ҳангоми сафар намоз(-и пешинро таъхир карда) вақти гашти тафси ҳаво гузоридан

**539.** Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Муҳоҷир Абулҳасан – мавлои банӣ Таймуллоҳ, ба мо нақл карда гуфт: аз Зайд ибни Ваҳб шунидам, аз Абӯзарр ал-Ғифорӣ, ки гуфт: *«Дар сафаре ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будем. Муаззин хост, ки азони намози пешин гӯяд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Гашти тафси ҳаворо нигарон бош!» Баъд муаззин боз хост азон гӯяд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба вай гуфт: «Гашти тафси ҳаворо нигарон бош». Ин (таъхир) то ҷое расид, ки сояи талҳоро дидем». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ба дурустӣ ки шиддати гармо аз ҷӯшиши дӯзах аст. Ҳар гоҳ гармо шиддат кунад, намоз(-и пешинро таъхир карда) вақти гашти тафси ҳаво хонед».*

Ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, (маънои) калимаи

«ятафайяа» (соя мегардад)-ро «ятамайялу» (майл мекунад) гуфтааст.

## (11) Боб. Вақти намози пешин ҳангоми завол(-и офтоб) аст

*Ва Ҷобир гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нимрӯзӣ намоз мехонд.*

**540.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Анас ибни Молик ба ман хабар дод, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар огози майли офтоб аз қиём берун омад ва намози пешин адо кард. Баъд ба минбар баромаду аз қиёмат ёд кард ва гуфт, ки дар он корҳои бузург воқеъ мешавад. Сипас гуфт: «Ҳар кӣ ҳар суоле дошта бошад, бидиҳад. Ва дар бораи ҳар чизе, ки суол мекунед, ман – модом ки дар мақом ҳастам – ба шумо хабар хоҳам дод». Мардум бисёр гиристанд. Ва ӯ гаштаву баргашта мегуфт: «Бипурсед!» Пас Абдуллоҳ ибни Ҳузофа ас-Саҳмӣ бархосту гуфт: «Падари ман кист?» Гуфт: «Падарат Ҳузофа аст». Боз ба такрор мегуфт: «Бипурсед!» Умар ба ду зону истоду гуфт: «Мо ба хушнудӣ Худоро ба парвардигорӣ, исломро чун дин ва Муҳаммадро ба пайғамбарӣ пазируфтем». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хомӯш монд, баъд гуфт: «Ҳамин ҳоло дар як ҷониби ин девор ба ман ҷаннату дӯзахро нишон доданд. Ва ман ҳаргиз чунин хайреро (мисли ҷаннат) ва шарреро (мисли дӯзах) надида будам».*

**541.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абулминҳол, аз Абӯбарза: *«Дар он вақт ки ҳар яки мо рӯи ҳамнишини худро дидаву шинохта метавонист, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози бомдодро адо мекард ва дар он аз шаст то сад оят мехонд; ва ҳангоми ба завол рафтани офтоб намози пешинро мехонд; ва баъди намози асрро адо кардани ӯ агар касе аз мо ба дуртарин мавзеи Мадина рафта меомад, офтоб ҳанӯз гарму нурпош мемонд. – (Абулминҳол гуфт): «Ман фаромӯш кардам, ки (Абӯбарза) дар бораи намози шом чӣ гуфт». – Ӯ дар таъхир намудани адои намози хуфтан то сеяки шаб парво надошт». Сипас гуфт: «То нимаи шаб».* Ва Муъоз гуфт: Шуъба гуфт: баъдтар ӯро вохӯрдам, ки гуфт: «Балки сеяки шаб».

**542.** Муҳаммад, яъне Ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Холид ибни Абдурраҳмон ба мо хабар дода гуфт: Ғолиб ал-Қаттон ба ман нақл кард, аз Бакр ибни Абдуллоҳ ал-Музанӣ, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ ки мо аз паси пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози пешин мехондем, барои эҳтиёт аз гармӣ бар рӯи либосҳоямон саҷда мекардем».*

## (12) Боб. Таъхири адои намози пешин то вақти намози аср

**543.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Амр ибни Динор, аз Ҷобир ибни Зайд, аз Ибни Аббос, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гоҳе дар Мадина намозҳои пешину асрро ҳашт ракъат ва шому хуфтанро ҳафт ракъат (якҷоя) мехонд. Айюб гуфт: «Шояд ӯ дар шабҳои боронӣ чунин мекард?» Ҷобир гуфт: «Шояд».*

## (13) Боб. Вақти намози аср

Абӯусома гуфт, аз Ҳишом: ҳангоми дар пешгоҳи ҳуҷраи Оиша боқӣ будани шуои офтоб.

**544.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Анас ибни Иёз ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, ки Оиша гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки намози аср мехонд, (шуои) офтоб ҳанӯз андаруни ҳуҷраи ман боқӣ буд».*

**545.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва, аз Оиша: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки намози аср хонд, (шуои) офтоб ҳанӯз андаруни ҳуҷраи ӯ боқӣ буду соя фаро наомада».*

**546.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Ибни Уяйна ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Урва, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки намози аср мехонд, дар ҳуҷраи ман (шуои) офтоб ҳанӯз ҳувайдо ва соя фаро наомада буд».*

Молик, Яҳё ибни Саъид, Шуъайб ва Ибни Абӯҳафса гуфтаанд: *«Пеш аз рафтани офтоб».*

**547.** Муҳаммад ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Авф ба мо хабар дод, аз Сайёр

ибни Салома, ки гуфт: «Ману падарам назди Абӯбарза ал-Асламӣ даромадем. Падарам аз ӯ пурсид: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намозҳои панҷвақтаи фарзиро чӣ гуна адо мекард?» Ӯ гуфт: *«Намози нимирӯзиро, ки шумо «намози пешин» мегӯед, ҳангоми гашти офтоб аз қиём адо мекард; ва баъди он ки намози асрро мехонд, касе аз мо ба хонаи худ ба дуртарин мавзеи Мадина мерасиду офтоб ҳамчунон гарму нурпош мемонд. Ман ёд надорам, ки (Абӯбарза) дар бораи намози шом чӣ гуфт. – Ӯ каме ба таъхир андохта хондани намози хуфтанро, ки шумо «намози атама» (сеяки аввали шаб) мегӯед, мустаҳаб мешуморид. Ва пеш аз ин намоз хоб рафтану баъди он сӯҳбат карданро макрӯҳ медонист. Ва намози бомдодро вақте тамом карда рӯй ба қавм меовард, ки кас ҳамнишини худро дидаву шинохта метавонист ва дар ин намоз аз шаст то сад оят мехонд».*

**548.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Баъди он ки мо намози асрро адо мекардем, шахсе (аз мо) баромада ба сӯи манзилҳои қабилаи банӣ Амр ибни Авф мерафт, онҳоро дар ҳоле медид, ки ҳанӯз намози аср мехонданд».*

**549.** Ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Абӯбакр ибни Усмон ибни Саҳл ибни Ҳунайф ба мо хабар дода гуфт: аз Абӯумома шунидаам, ки мегуфт: «Мо ҳамроҳи Умар ибни Абдулазиз намози пешинро хондем. Баъд берун баромада *назди Анас ибни Молик даромадем ва ӯро дидем, ки намози аср мехонд. Ва он гоҳ гуфтам: «Эй амак, ин чӣ намозе буд, ки ту хондӣ?» Гуфт: «Намози аср аст ва ин намози пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мебошад, ки мо ҳамроҳаш мехондем».*

**550.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Анас ибни Молик ба ман нақл карда гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳанӯз вақте ки офтоб дар иртифоъ тафсону нурпош буд, намози аср мехонд, касе ба ал-Аволӣ рафта меомад ва офтоб ҳанӯз ҳам баланд буд. Масофаи баъзе ҷойҳои ал-Аволӣ аз Мадина чаҳор мил ё наздик ба он аст».*

**551.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Мо намози асрро хонда адо мекардем, касе аз мо ба Қубо рафта ме-*

*омад ва офтоб ҳанӯз баланд буд».*

## (14) Боб. Андар гуноҳи касе, ки намози аср бар ӯ қазо шудааст

**552.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кас, ки намози аср бар ӯ қазо шудааст, гӯё, ки ба аҳли хонадону молаш нуқсон расида бошад».*

## (15) Боб. Дар бораи касе, ки намози асрро тарк гуфта бошад

**553.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Абӯкасир ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, аз Абулмалеҳ, ки гуфт: «Як рӯз, ки осмон абрнок буд, дар ғазое ҳамроҳи Бурайда будем, ӯ гуфт: *«Барои адои намози аср таъҷил кунед, зеро ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳар кӣ намози аср тарк кунад, амалҳояш бар ҳадар раванд».*

## (16) Боб. Андар фазилати намози аср

**554.** Ал-Ҳумайдӣ ба мо нақл карда гуфт: Марвон ибни Муъовия ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл кард, аз Қайс, аз Ҷарир, ки гуфт: *«Дар ҳузури пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будем, шабе ба моҳ – яъне ба моҳи пурра, нигоҳ карду гуфт: «Шумо Парвардигори худро, албатта, хоҳед дид, ҳамчунон ки ҳоло ин моҳро мебинед ва дар дидани Ӯ дар ҳаққи шумо нуқсону ситаме нахоҳад рафт. Ва ҳар гоҳ чизе (аз қабили хоб, корҳо ва ғайра) барои шумо монеи хондани намози пеш аз тулӯи офтоб (бомдод) ва пеш аз ғуруби он (аср) шавад ва шумо тавонед, ки он монеъшударо бартараф кунед, пас ҳамчунин кунед ва намозро хонед. Баъд ин оятро хонд: «Ва пеш аз баромадани офтоб ва пеш аз фурӯ рафтани он Парвардигори худро ба покӣ ёд кун» (50:39).*

Исмоил гуфт: «Ҳамчунин бикунед ва ҳаргиз мабод, ки намозатон қазо шавад».

**555.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо

нақл кард, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Фариштаҳо шабона ва фариштаҳо рӯзона ба навбат назди шумо меоянду мераванд. Ва дар намозҳои бомдоду аср ҳамаи онҳо ҷамъ меоянд. Баъди он фариштаҳое, ки бо шумо буданд, ба осмон мераванд. Худо, ки ҳоли бандагони Худро беҳтар медонад, аз фариштагон суол кунад: «Бандагони маро дар чӣ ҳоле тарк кардед?» Гӯянд: «Онҳоро дар ҳоле, ки намоз мехонданд, тарк гуфтем. Ва вақте ки назди онҳо омада будем, низ дар ҳоли намоз хондан буданд».*

### (17) Боб. Дар бораи касе, ки пеш аз фурӯ рафтани офтоб фақат як ракъати намози асрро дарёфтааст

**556.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Агар касе аз шумо то фурӯ рафтани офтоб фақат барои як саҷдаи намози аср фурсат дарёфта бошад ҳам, бигузор намози худро ба итмом расонад; ва агар пеш аз тулӯи офтоб фақат барои як саҷдаи намози бомдод фурсат дарёфта бошад ҳам, бигузор намози худро ба итмом расонад».*

**557.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Солим ибни Абдуллоҳ, аз падараш, ки ба ӯ хабар дод, ки ӯ аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидааст, ки мегуфт: *«Дарвоқеъ замони вуҷуди шумо нисбат ба умматони пеш аз шумо гузашта чун нисбати намози аср, ки то ғуруби офтоб аст, (ба тамоми рӯз) мебошад. Ба аҳли Таврот Тавротро доданд, онҳо аз рӯи он амал карданд, то рӯз ним шуд, сусту нотавон шуданд; ба онҳо якқиротӣ савоб доданд. Баъд аз он ба аҳли Инҷил Инҷилро доданд, онҳо низ аз рӯи он то намози аср амал карданду сусту нотавон шуданд ва ба онҳо низ якқиротӣ савоб доданд. Пасон ба мо Қуръонро доданд ва мо аз рӯи он то фурӯ рафтани офтоб амал кунем, ба мо дуқиротӣ савоб диҳанд. Аҳли он ду Китоб гӯянд: «Эй Парвардигори мо, ба инҳо дуқиротӣ ва ба мо якқиротӣ савоб додӣ ва ҳол он ки мо бештар аз онҳо амал карда будем». Худои азза ва ҷалла гӯяд: «Оё чизе аз муздатон кам намуда дар ҳаққи шумо зулм кардам?» Гӯянд: «Не». Фармояд: «Ва он чӣ ба онҳо додам, аз фазли Ман аст, ки ба ҳар кӣ хоҳам, медиҳам».*

**558.** Абӯкурайб ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Бурайд, аз Абӯбурда, аз Абӯмӯсо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Масали мусулмонон, яҳудиён ва насрониён монанди (ҳикояти) мардест, ки гурӯҳеро киро кунад, онҳо то шаб барояш кор кунанд, вале барои ӯ то нимрӯз кор кунанд ва гӯянд: «Мо ба музде (ки доданӣ ҳастӣ) эҳтиёҷ надорем». Он мард гурӯҳи дигарро киро кунаду гӯяд: «Ба ҳамон шарте, ки (бо гурӯҳи аввалӣ) кардаам, бақияи кори имрӯзро анҷом диҳед». Онҳо кор кунанд ва чун вақти намози аср фаро расад, гӯянд: «Мо (музди) корамонро ба ту бахшидем». Ӯ боз гурӯҳи дигарро киро кунад. Онҳо то фурӯ рафтани офтоб бақияи кори он рӯзро ба анҷом расонанд ва музди он ду гурӯҳро пурра бигиранд».*

## (18) Боб. Вақти намози шом

Ва Ато гуфт: «Шахси бемор намозҳои шому хуфтанро ба ҳам ҷамъ кунад, (равост)».

**559.** Муҳаммад ибни Меҳрон ба мо нақл карда гуфт: ал-Валид ба мо нақл карда гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо нақл карда гуфт: Абуннаҷошӣ ва ӯ Ато ибни Суҳайб – мавлои Рофеъ ибни Ходиҷ аст, гуфт: аз Рофеъ ибни Ходиҷ шунидам, ки мегуфт: *«Мо ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози шомро адо мекардем ва ҳар гоҳ касе аз мо (тир андохта) берун мерафт, ҷои афтодани он тирро баръало дида метавонист».*

**560.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Саъд, аз Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Ҳасан ибни Алӣ, ки гуфт: дар замони амирии Ҳаҷҷоҷ (ки намозро ба таъхир мехонд) аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ суол кардем. Ӯ гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози пешинро дар нисфирӯзӣ мехонд; ва намози асрро ҳанӯз вақти тафсону равшан будани офтоб; ва намози шомро баъди фурӯ рафтани офтоб; ва намози хуфтанро ҳар вақт ба гунае мехонд: вақте медид, ки мардум ҷамъ шудаанд, ба таъҷил ва вақте медид, ки онҳо ба сустӣ ҷамъ мешаванд, ба таъхир адо мекард. Онҳо – ё пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, – намози бомдодро дар торикии поёни шаб мехонданд».*

**561.** Ал-Маккӣ ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Абӯубайд ба мо нақл кард, аз Салама, ки гуфт: *«Мо ҳамроҳи*

*пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози шомро вақте мехондем, ки офтоб «дар парда пинҳон мешуд» (38:32).*

**562.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Динор ба мо нақл карда гуфт: аз Ҷобир ибни Зайд шунидам, ки аз Ибни Аббос гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳафт ракъат (шому хуфтан)-ро якҷо ва ҳашт ракъат (пешину аср)-ро якҷо гузорид».*

## (19) Боб. Дар бораи касе, ки «ишо» (намози хуфтан) номидани намози шомро макрӯҳ донистааст

**563.** Абӯмаъмар, ки ӯ Абдуллоҳ ибни Амр аст, ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл кард, аз ал-Ҳусайн, ки гуфт: Абдуллоҳ ибни Бурайда ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни ал-Музанӣ ба ман нақл кард, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Магузоред, ки арабҳои бодиянишин роҷеъ ба номи намози шом бар шумо ғалаба кунанд». (Абдуллоҳ ал-Музанӣ) гуфт: «Зеро ки арабҳои бодиянишин намози шомро «ишо» (хуфтан) меноманд».*

## (20) Боб. Андар зикри маънои «ишо» (намози хуфтан), «атама» (намози хуфтан) ва дар бораи касе, ки ба андешаи ӯ ҳар ду як маъно дорад

Абӯҳурайра гуфт, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Барои мунофиқон вазнинтарин намоз – ишо (намози хуфтан) ва бомдод аст».*

Ва (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам), гуфт: *«Кош медонистанд, ки дар атама (намози хуфтан) ва бомдод чӣ (савобҳое) ҳаст!»*

Абӯабдуллоҳ гуфт: «Беҳтар он бошад, ки «ишо» (намози хуфтан) гуфта шавад, бинобар сухани Ӯ Таъоло: «Ва пас аз намози ишо» (24:58).

Ва аз Абӯмӯсо зикр шудааст, ки гуфт: *«Мо назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, қарибиҳои намози хуфтан ба навбат рафта меомадем. Ӯ ин намозро баъди гузаштани посе аз шаб хонд».*

Ва Ибни Аббос ва Оиша гуфтанд: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ишоро баъди гузаштани посе аз шаб хонд».*

Ва баъзеҳо аз Оиша гуфтанд: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, атамаро баъди гузаштани посе аз шаб хонд».*

Ва Ҷобир гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ишо мехонд».*

Ва Абӯбарза гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ишоро ба таъхир андохта мехонд».*

Ва Анас гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ишои охирро ба таъхир андохта хонд».*

Ва Ибни Умар, Абӯайюб ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳум, гуфтанд: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намозҳои шом ва ишоро хонд».*

**564.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ: Солим гуфт: Абдуллоҳ ба ман хабар дода гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабе барои мо ишо (намози хуфтан)-ро имоматӣ карда хонд, ки онро мардум «атама» меноманд. Сипас ӯ, алайҳи-с-салоту ва-с-салом аз намоз берун шуда, ба мо рӯй оварду гуфт: «Бибинеду бидонед, ки аз ҳамин шаб эътиборан дар оғози садаи дигар аз он мардум, ки ҳоло дар рӯи замин ҳастанд, касе боқӣ нахоҳад монд».*

## (21) Боб. Вақти намози хуфтан ҳангоми ҷамъ омадани мардум ё таъхир кардани онҳо аст

**565.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Саъд ибни Иброҳим, аз Муҳаммад ибни Амр ва ӯ Ибни ал-Ҳасан ибни Алӣ аст, гуфт: *«Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ дар бораи (вақти) намоз хондани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кардем. Ӯ гуфт: «Намози пешинро дар нисфирӯзӣ; ва асрро ҳанӯз вақти тафсону равшан будани офтоб; ва намози шомро баъди фурӯ рафтани офтоб; ва намози ишо (хуфтан)-ро агар мардум бисёр (ҷамъ омада) бошанд, таъҷилан ва агар кам бошанд, таъхир карда мехонд; ва намози бомдодро дар нимторикии поёни шаб мехонд».*

## (22) Боб. Андар фазилати намози хуфтан

**566.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва, ки Оиша ба вай хабар дода гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабе барои хондани намози хуфтан таъхир кард – ва ин кор пеш аз паҳн шудани ислом (ба беруни Мадина) воқеъ гардид – ва*

*ба назди мардум набаромад, то Умар ба ӯ гуфт: «Занону кӯдакон хоб рафтанд». Он гоҳ баромад ва ба аҳли масҷид гуфт: «Аз ҳамаи мардуми рӯи замин ба ғайр аз шумо касе мунтазири ин намоз нест».*

**567.** Муҳаммад ибни ал-Ало ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо хабар дод, аз Бурайд, аз Абӯбурда, аз Абӯмӯсо, ки гуфт: *«Ману ёронам, ки ҳамроҳи ман дар киштӣ буданд, дар Бақеъи Бутҳон фуруд омада, манзил кардем. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, он маврид дар Мадина буд. Аз ин гурӯҳ ҳар шаб чанд нафар ба навбат ҳангоми намози хуфтан назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рафта меомаданд. (Боре) ману ёронам, (чун он ҷо рафтем), пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар вазъе ёфтем, ки машғули корҳои худ буд ва аз ин рӯ барои хондани намоз таъхир кард, то қариби ними зиёди шаб гузашт. Ва он ҳангом пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз хона баромад ва намозро ба мардум имоматӣ карда хонд. Намозро, ки хонда тамом кард, рӯ ба ҳозирон оварда гуфт: «Шитоб накунеду шодмонӣ намоед: ба ростӣ ин барои шумо неъмати Худост, ки аз мардуми олам ба ҷуз шумо касе нест, ки дар ин соат намоз бихонад».* Ё гуфт: *«Ба ғайр аз шумо касе дар ин соат намоз нахондааст».* – Ӯ намедонад, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, кадом аз ин ду таъбирро ба забон овард. Абӯмӯсо гуфт: *«Мо баргаштем ва аз он чӣ ки аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидем, шодмонӣ мекардем».*

### (23) Боб. Андар макрӯҳ будани хоби пеш аз намози хуфтан

**568.** Муҳаммад ибни Салом ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ас-Сақафӣ ба мо хабар дода гуфт: Холид ал-Ҳаззо ба мо нақл кард, аз Абулминҳол, аз Абӯбарза, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш аз намози хуфтан хоб рафтану баъд аз он сӯҳбат карданро макрӯҳ медонист.*

### (24) Боб. Андар хоб рафтани касе пеш аз намози хуфтан, ки хоб бар ӯ ғалаба кунад

**569.** Айюб ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Абӯбакр ба ман нақл кард, аз Сулаймон: Солеҳ ибни Кайсон гуфт: Ибни

Шиҳоб ба ман хабар дод, аз Урва, ки Оиша гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои хондани намози хуфтан таъхир кард, то Умар ба ӯ нидо кард: «Намоз! Занону кӯдакон хоб рафтанд». Ӯ аз хона баромаду ба мардум гуфт: «Аз ҳамаи мардуми рӯи замин ба ҷуз шумо касе мунтазири ин намоз нест». (Урва) гуфт: «Дар он вақт ин намозро (боҷамоат) ба ғайр аз Мадина дар ҷои дигар намехонданд. Ва онҳо намози хуфтанро дар фосилае, ки байни нопадид шудани шафақ ва сеяки аввали шаб аст, адо мекарданд».*

**570.** Маҳмуд ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо хабар дода гуфт: Ибни Ҷурайъ ба ман хабар дода гуфт: Нофеъ ба ман хабар дода гуфт: Абдуллоҳ ибни Умар ба мо нақл кард, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабе ба коре машғул шуда, хондани намози хуфтанро ба таъхир андохт, то дар масҷид моро хоб бурд. Баъд бедор шудем, боз моро хоб бурд. Боз бедор шудем. Ва он гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба назди мо баромаду гуфт: «Аз ҳамаи мардуми рӯи замин ба ҷуз шумо касе нест, ки намоз(-и хуфтан)-ро интизорӣ кашад». Ва худи Ибни Умар чун тарсе надошт, ки хоб бар ӯ ғалаба карда вақти намоз хоҳад гузашт, парвои таъҷилан ё ба таъхир хонда шудани намози хуфтанро надошт. Ва гоҳо пеш аз намоз хоб мерафт.* Ибни Ҷурайҷ гуфт: «Инро ба Ато гуфтам».

**571.** Ва (Ато) гуфт: аз Ибни Аббос шунидам, ки мегуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабе барои хондани намози хуфтан таъхир кард, то мардум хоб рафтанд ва боз бедор шуданд, боз хобашон бурд ва боз бедор шуданд. Пасон Умар ибни ал-Хаттоб бархосту гуфт: «Намоз!»* Ато гуфт: Ибни Аббос гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун омад ва ҳанӯз ҳам дар пеши чашмонам ҳаст, ки аз сари ӯ об мечакид ва даст бар сар гузошта гуфт: «Агар барои умматам машаққат намебуд, албатта, мефармудам, ки намози хуфтанро ҳамчунин (яъне дар ҳамин вақт) хонанд».*

Ман (тафсилоти суханони Ибни Аббосро) аз Ато пурсидам: «Чӣ гуна пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам – чунон ки Ибни Аббос хабар медиҳад, даст бар сар гузошт?» Ато (барои ба ман нишон додан) ангуштони даст каме аз ҳам кушод, баъд нӯги ангуштонашро ба бари сар гузошта ба ҳам ҷафс кард ва онҳоро дар ҳамон ҳолат бар сар то ҷое ҳаракат дод, ки нарангушташ ба баногӯш, ки аз сӯи рӯй ба чакка ва ба риш мепайваст, расид.

Ҳамин тавр, дар ин кор ӯ на суст ва на чолок ҳаракат карду гуфт: *«Агар барои умматам машаққат намебуд, албатта, мефармудам, ки намози хуфтанро ҳамин тарз хонанд».*

## (25) Боб. Вақти намози хуфтан то ними шаб аст

Ва Абӯбарза гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба таъхир андохта хондани намози хуфтанро мустаҳаб мешумурд».*

**572.** Абдурраҳим ал-Муҳорибӣ ба мо нақл карда гуфт: Зоида ба мо нақл кард, аз Ҳумайд ат-Тавил, аз Анас, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хондани намози хуфтанро то ними шаб ба таъхир гузошт, баъд онро гузориду гуфт: «Мардум намоз хонданду ба хоб рафтанд. Аммо дарвоқеъ намози хуфтанро интизорӣ кашидани шумо низ баробари намоз хондан аст».* Ибни Абӯмарям афзуд: Яҳё ибни Айюб ба мо хабар дод: Ҳумайд ба ман нақл кард, ки ӯ аз Анас шунид: *«Ҳанӯз ҳам дурахши хотами ӯ, ки он шаб дида будам, пеши назар аст».*

## (26) Боб. Андар фазилати намози бомдод

**573.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Исмоил, ки гуфт: Қайс ба мо нақл кард, аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ: *«Дар ҳузури пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будем, ки шаби бадр ба моҳ нигоҳ карду гуфт: «Шумо Парвардигори худро, албатта, хоҳед дид, чунон ки ҳоло ин моҳро мебинед ва дар дидани Ӯ дар ҳаққи шумо нуқсону ситаме нахоҳад рафт. Ва ҳар гоҳ чизе (аз қабили хоб, шуғлҳо ва ғайра) барои шумо монеи хондани намози пеш аз тулӯи офтоб (бомдод) ва пеш аз ғуруби он (аср) шавад ва шумо тавонед, ки он монеаро бартараф кунед, бояд ҳамчунин кунед ва намозро хонед». Баъд гуфт: «Ва пеш аз баромадани офтоб ва пеш аз фурӯ шудани он Парвардигори худро ба покӣ ёд кун» (50:39).*

**574.** Ҳудба ибни Холид ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммом ба мо нақл карда гуфт: Абӯҷамра ба ман нақл кард, аз Абӯбакр ибни Абӯмӯсо, аз падараш, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ намозҳои ду вақти серун будани ҳаво (аср ва бомдод) хонад, ба ҷаннат меравад».*

Ва Ибни Раҷо гуфт: Ҳаммом ба мо нақл кард, аз Абӯҷамра, ки Абӯбакр ибни Абдуллоҳ ибни Қайс ин (ҳадис)-ро ба ӯ хабар дод.

Исҳоқ ба мо нақл кард, аз Ҳаббон гуфт: Ҳаммом ба мо нақл карда гуфт: Абӯҷамра ҳадиси ба ин монандро ба мо нақл кард, аз Абӯбакр ибни Абдуллоҳ, аз падараш, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (27) Боб. Вақти намози бомдод

**575.** Амр ибни Осим ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммом ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас, ки Зайд ибни Собит ба ӯ нақл кард, *ки онҳо ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, саҳарӣ хӯрданд. Баъди он барои хондани намоз бархостанд. (Анас гуфт: ба Зайд) гуфтам: «Байни саҳархӯрӣ ва намозхонӣ чанд вақт гузашт?» Ӯ гуфт: «Ба қадри хондани панҷоҳ ё шаст» – яъне оят.*

**576.** Ҳасан ибни Саббоҳ ба мо нақл кард, ки аз Равҳ шунид, ки гуфт: Саъид ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас ибни Молик, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва Зайд ибни Собит саҳарӣ хӯрданд. Вақте ки аз хӯрдани саҳарӣ фориғ шуданд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои хондани намоз бархост. Ва онҳо намоз гузориданд. Ман ба Анас гуфтам: «Байни фориғ шудан аз хӯрдани саҳарӣ то ба намоз даромадани онҳо чанд вақт гузашт?» Гуфт: «Ба қадри муддате, ки дар он инсон панҷоҳ оятро хонда тавонад».*

**577.** Исмоил ибни Абӯувайс ба мо нақл кард, аз бародараш, аз Сулаймон, аз Абӯҳозим, ки ӯ аз Саҳл ибни Саъд шунид, ки мегуфт: *«Ман бо хонавода саҳарӣ мехӯрдам, баъди он шитобон мерафтам, то ин ки бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, имкони ҳамроҳ хондани намози бомдодро дарёбам».*

**578.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо хабар дод, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, гуфт: Урва ибни аз-Зубайр ба ман хабар дод, ки Оиша ба ӯ хабар дода гуфт: *«Занони мӯъмин бо либосҳои худ сару танашонро пӯшонида бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намози бомдод ҳозир мешуданд. Баъди адои намоз онҳо ба хонаҳояшон бармегаштанд ва дар торикии поёни шаб касе онҳоро намешинохт».*

## (28) Боб. Дар бораи касе, ки як ракъат аз намози бомдодро дарёфтааст

**579.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз

Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор ва (ба исноди дигар) аз Буср ибни Саъид ва (ба исноди дигар) аз ал-Аъраҷ, ки (ба Зайд ибни Аслам) нақл мекунанд, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ пеш аз тулӯи офтоб (ба қадри) як ракъат аз намози бомдодро дарёбад, ба таҳқиқ намози бомдодро дарёфтааст. Ва ҳар кӣ пеш аз ғуруби офтоб як ракъат аз намози асрро дарёбад, ба таҳқиқ намози асрро дарёфтааст».*

## (29) Боб. Дар бораи касе, ки аз намоз фақат як ракъатро дарёфтааст

**580.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ аз намоз як ракъатро дарёбад, намозро дарёфтааст».*

## (30) Боб. Андар (ҳукми) хондани намоз баъди бомдод то баланд шудани офтоб

**581.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Абулъолия, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Мардони (дар ростию диёнат) бароям эътимоднок – ва аз ҳама боэътимодтарини онҳо барои ман Умар аст – ба ман хабар додаанд, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хондани намозро баъди бомдод то ишроқ (баланд шудан)-и офтоб ва баъди аср то фурӯ рафтани он манъ кардааст».*

Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Қатода, ки гуфт: аз Абулъолия шунидам, ки аз Ибни Аббос гуфт: баъзе мардумон ин ҳадисро ба ман нақл карданд.

**582.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл кард, аз Ҳишом, ки гуфт: падарам ба ман хабар дода гуфт: Ибни Умар ба ман хабар дода гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳангоми тулӯъ ва ғуруби офтоб қасди хондани намоз накунед».*

**583.** Ва (Урва) гуфт: Ибни Умар ба ман нақл карда гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ агар як гӯшаи офтоб намудор шавад, то баланд шудани он намозро ба таъхир гузоред. Ва ҳар гоҳ як гӯшаи офтоб фурӯ равад,*

*то пурра фурӯ рафтани он намозро ба таъхир гузоред».* Абда (дар ривояти ин ҳадис) ба Яҳё ибни Саъид пайравӣ кардааст, (аз Ҳишом).

**584.** Убайд ибни Исмоил ба мо нақл кард, аз Абӯусома, аз Убайдуллоҳ, аз Хубайб ибни Абдурраҳмон, аз Ҳафс ибни Осим, аз Абӯҳурайра, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду намуди савдо, ду тарзи либоспӯшӣ ва дар ду вақт хондани намозро манъ кардааст: хондани намозро баъди бомдод то тулӯи офтоб ва баъди аср то ғуруби офтоб (манъ кард); дар либоспӯшӣ «иштимолу-с-саммоъ» (либоспӯшие, ки шахс худро ончунон сахт печонад, ки дасту пой ҷунбонида ва берун баровар-да натавонад) ва «эҳтибо» (либоспӯшие), ки шахс ба замин нишаста тану зонуҳояшро якҷоя печонад, вале авраташ кушода монад; ва дар савдо мунобаза (молро ба фурӯш гузоштани фурӯшанда қабл аз тагурӯ карда дидани муштарӣ) ва муломаса (харидани мол бо ламс кардани он аз ғайри бо чашм дидан)-ро манъ кард.*

## (31) Боб. Пеш аз ғуруби офтоб қасди намоз хондан накунанд

**585.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Набояд касе аз шумо ҳангоми тулӯи офтоб ва ғуруби он қасд карда намоз хонад».*

**586.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз Солеҳ, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Ато ибни Язид ал-Ҷундаъӣ ба ман хабар дод, ки вай аз Абӯсаъид ал-Худрӣ шунид, ки мегуфт: аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Баъди намози бомдод то баланд шудани офтоб ва баъди намози аср то нишастани офтоб ягон намозе нест».*

**587.** Муҳаммад ибни Абон ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абуттайёҳ, ки гуфт: аз Ҳумрон ибни Абон шунидам, ки нақл мекард, аз Муъовия, ки гуфт: *«Дарвоқеъ шумо намозе мехонед, ки мо борҳо пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳӣ кардаем ва надидаем, ки ӯ ин намози шуморо хонда бошад. Ӯ аз он ду наҳй кардааст»* – яъне аз ду ракъат намози баъди аср.

**588.** Муҳаммад ибни Салом ба мо нақл карда гуфт: Абда ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, аз Хубайб, аз Ҳафс ибни Осим, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ду маврид хондани намозро манъ кардааст: баъди бомдод то тулӯи офтоб ва баъди аср то ғуруби офтоб».*

### (32) Боб. Дар бораи касе, ки ҷуз баъди аср ва бомдод хондани намозро макрӯҳ надонистааст

Инро Умар, Ибни Умар, Абӯсаъид ва Абӯҳурайра ривоят кардаанд.

**589.** Абуннӯъмон ба мо нақл кард: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: *«Ман ҳамчунон ки намоз хондани ёронамро дидаам, ҳамон тавр намоз мехонам; касеро манъ намекунам, ки шабонаву рӯзона ҳар чӣ намоз хоҳад, бихонад, аммо ҳангоми тулӯъ ва ғуруби офтоб қасди намозхонӣ накунед».*

### (33) Боб. Андар он чӣ аз намозҳои қазоӣ ва монанди он, ки баъди аср хонда шавад

Ва Курайб гуфт, аз Умм Салама: *«Боре пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди аср ду ракъат намоз хонду гуфт: «Мардуме аз қабилаи Абдулқайс маро аз гузоридани ду ракъат намози баъди пешин машғул доштанд».*

**590.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ибни Айман ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, ки ӯ аз Оиша шунид, ки гуфт: *«Қасам ба Он (Зоте), ки ӯро (ба сӯи Хеш) бибурд, ӯ ду ракъатро то лаҳзаи ба дидори Худо расидан тарк накарда буд; ва то он гоҳ ки хондани намоз ба ӯ гаронӣ накард, ба дидори Худои Таъоло нарасид. Ва бисёр намозҳояшро, – манзур(-и Оиша) ду ракъат намози баъди аср аст – нишаста мехонд». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, он ду ракъатро мехонд, лекин аз тарси он ки мабодо ба уммат гарон афтад, онро дар масҷид намехонд. Ва ӯ он чиро дӯст медошт, ки ба уммат сабукӣ оварад».*

**591.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман хабар дода гуфт: Оиша гуфт: *«Эй хоҳарзода, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мавриди назди ман буданаш ду саҷдаи баъди намози*

*асрро тарк намекард».*

**592.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: аш-Шайбонӣ ба мо нақл карда гуфт: Абдурраҳмон ибни ал-Асвад, ба мо нақл кард, аз падараш, аз Оиша, ки гуфт: *«Ду намоз аст, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз (гузоридани) онҳо пинҳону ошкор, ҳаргиз даст накашидааст: ду ракъати пеш аз намози бомдод ва ду ракъати баъди аср».*

**593.** Муҳаммад ибни Аръара ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абӯисҳоқ, ки гуфт: ал-Асвад ва Масруқро дидам шаҳодат доданд, ки Оиша гуфт: *«Ҳеҷ гоҳ чунин воқеъ нашудааст, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди аср назди ман омада бошад ва ду ракъат намоз нахонда бошад».*

## (34) Боб. Барвақт хондани намоз ҳангоми абрнок будани ҳаво

**594.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё ва ӯ Ибни Абӯкасир аст, аз Абӯқилоба, ки Абулмалеҳ ба вай нақл карда гуфт: *«Рӯзе, ки ҳаво абрнок буд, ҳамроҳи Бурайда будем, ӯ гуфт: «Намозро барвақт хонед, зеро ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст: «Ҳар кӣ намози асрро тарк кунад, амалҳояш ба ҳадар раванд».*

## (35) Боб. Андар гуфтани азон баъди гузаштани вақт

**595.** Имрон ибни Майсара ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Фузайл ба мо нақл карда гуфт: Ҳусайн ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, ки гуфт: *«Шабе ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мерафтем, ки касе аз қавм ба ӯ гуфт: «Эй пайғамбари Худо, чӣ мешуд, ки бо мо фуруд омада каме бихусбӣ?» Гуфт: «Метарсам, ки дар хоб монеду намоз фавт шавад». Билол гуфт: «Ман шуморо бедор хоҳам кард». Ҳама дароз кашиданд. Билол низ пушт ба шутури савориаш такя дод, чашмонаш худ ба худ пӯшида шуданд ва ӯро низ хоб бурд. Вақте ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бедор шуд, як гӯшаи офтоб баромада буд, гуфт: «Эй Билол, он гуфтаҳоят чӣ шуд?» Гуфт: «То ин вақт ҳаргиз чунин хоб нарафта будам». Гуфт: «Дарвоқеъ Худо рӯҳҳои шуморо ҳар гоҳ хост, гирифт ва ҳар гоҳ хост, ба шумо бозгардонд. Эй Билол, бархезу ба мардум азони намозро бигӯ». Он гоҳ вузӯ кард ва ҳангоме ки офтоб баланду равшан шуд, бархосту намоз гузорид.*

## (36) Боб. Дар бораи касе, ки баъди гузаштани вақт ба мардум имоматӣ карда намоз(-и қазоӣ) хонад

**596.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, *ки рӯзи (ҷанги) Хандақ баъди ғуруби офтоб Умар ибни ал-Хаттоб омаду кофирони Қурайшро дашном додан гирифт ва гуфт: «Эй пайғамбари Худо, намози асрро ҳанӯз тамом накарда будам, ки офтоб ба ғуруб сар кард». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Валлоҳ, ки ман низ онро нахондаам». Ҳама хеста ба Бутҳон рафтем. Ӯ дар он ҷо барои намоз вузӯ кард. Мо низ вузӯ кардем. Ва баъди ғуруби офтоб намози асрро (қазо) хонд. Ва пас аз он намози шомро адо кард.*

## (37) Боб. Ҳар кӣ намозеро фаромӯш кунад ва ҳар гоҳ ба ёдаш ояд, бояд онро бихонад; ва ҷуз он намоз чизи дигареро иода накунад

Ва Иброҳим гуфт: «Ҳар кӣ як намозро агарчи бист сол пеш тарк карда бошад, ҷуз он як намоз чизеро иода накунад».

**597.** Абӯнуъайм ва Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфтанд: Ҳаммом ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар кӣ ягон намозро фаромӯш кунад ва ҳар гоҳ ба ёдаш ояд, бигузор бихонад. Барои он намоз каффорате ба ҷуз хондани он нест. «Ва намозро барои ёд кардани Ман барпо дор» (20:14).*

Мӯсо гуфт: Ҳаммом гуфт: баъдҳо аз Қатода шунидам, ки мегуфт: «Ва намозро барои ёд кардан барпо дор» (20:14). Ва Ҳаббон гуфт: Ҳаммом ба мо нақл кард: Қатода ба мо нақл кард: Анас (ҳадисе) монанди инро ба мо нақл кард, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (38) Боб. Андар гузоридани намозҳои қазоӣ (ба тартиби) аввал ба аввал

**598.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Ҳишом, ки гуфт: Яҳё ба мо нақл кард – ва ӯ Ибни Абӯкасир аст, аз Абӯсалама, аз Ҷобир, ки гуфт: *«Рӯзи (ҷанги) Хандақ Умар кофирони Қурайшро дашном додан гирифт ва гуфт: «Намози ас-*

*рро ҳанӯз ба охир нарасонда будам, ки офтоб ғуруб кард». Ҷобир гуфт: «Мо ба Бутҳон фуруд омадем ва (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) баъди ғуруби офтоб намоз(-и асрро қазо) хонд. Ва пас аз он намози шомро адо кард».*

## (39) Боб. Он гуна самар, ки баъди адои намози хуфтан макрӯҳ аст

«Сомир» аз калимаи «самар» (шабона нишаста сӯҳбат кардан ва афсона гуфтан) ва ҷамъи он «саммор» аст. Ва «сомир» дар ин маврид ба ҷои шакли ҷамъ аст. Асли маънои «самар» партави моҳ аст, ки дар зери он мардум нишаста сӯҳбат мекарданд.

**599.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Авф ба мо нақл карда гуфт: Абулминҳол ба мо нақл карда гуфт: «Барои назди Абӯбарза ал-Асламӣ рафтан ҳамроҳи падарам ба роҳ баромадем. Падарам ба ӯ гуфт: «Ба мо нақл кун, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намозҳои панҷвақтаи фарзиро чӣ гуна адо мекард?» (Абӯбарза) гуфт: *«Намози нимрӯзиро ва ин ҳамон аст, ки шумо онро намози пешин меномед, ҳангоми гашти офтоб (аз қиём) адо мекард; ва баъди он ки намози асрро мехонд, касе аз мо ба хонаи худ дар дуртарин мавзеи Мадина бармегашт, офтоб ҳамоно тафсону нурпош мемонд». – Ман фаромӯш кардам, ки (Абӯбарза) дар бораи намози шом чӣ гуфт.*

*Баъд афзуд: «Ва ба таъхир андохта хондани намози хуфтанро мустаҳаб мешуморид. (Боз) гуфт: «Ва пеш аз ин намоз хоб рафтану баъди он сӯҳбат доштанро макрӯҳ медонист. Ва намози бомдодро вақте тамом карда рӯй ба қавм мегардонд, ки ҳар яки мо ҳамнишини худро дидаву шинохта метавонист. Ва дар ин намоз аз шаст то сад оят мехонд».*

## (40) Боб. Андар сӯҳбат доштан аз фиқҳу корҳои савоб баъди адои намози хуфтан

**600.** Абдуллоҳ ибни ас-Сабоҳ ба мо нақл карда гуфт: Абӯалӣ ал-Ҳанафӣ ба мо нақл карда гуфт: Қурра ибни Холид ба мо нақл карда гуфт: «Мунтазири ал-Ҳасан шудем, вале вақти муқарраarии тамом шудани маҷлиси таълим наздик расида бошад ҳам, ӯ дер мекард. Баъд омад ва гуфт: «Фалон ҳамсоягон маро даъват карда буданд». Боз гуфт: Анас гуфт: *«Шабе пайғамбарро, салла-л-Лоҳу*

*алайҳи ва саллам, мунтазир шудем, то ними шаб фаро расид. Ва ӯ омаду ба мо имоматӣ карда намоз хонд, баъди он ба мо хитоб карда гуфт: «Бидонед, ки мардум намоз хонданд, баъд ба хоб рафтанд. Дарвоқеъ тамоми муддати намози хуфтанро интизорӣ кашидани шумо низ баробари намоз хондан аст».* Ва ал-Ҳасан гуфт: «Ба ростӣ, тамоми муддати кори савобро интизорӣ кашидани ин қавм ҳам баробари кори савоб кардан аст». Қурра гуфт: «Ин аз ҳадиси Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аст».

**601.** Абулямон ба ман нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар ва Абӯбакр ибни Абӯҳасма ба ман нақл карданд, ки Абдуллоҳ ибни Умар гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар охири умраш намози хуфтанро имоматӣ карда хонд. Баъди салом додан пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархесту гуфт: «Бибинеду бидонед, ки аз ҳамин шаб эътиборан дар оғози сад соли дигар аз он мардум, ки имрӯз дар рӯи замин ҳастанд, касе боқӣ нахоҳад монд». Мардум ин сухани пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ғалат фаҳмида, дар гуфтугузори худ дар бораи намондани касе ё қоим шудани қиёмат дар сад соли дигар ба воҳима афтоданд. Ва ҳол он ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фақат ин тавр гуфт: «Аз он мардум, ки имрӯз дар рӯи замин ҳастанд, касе боқӣ нахоҳад монд». Ва манзури ӯ аз ин (суханҳо) он буд, ки аз (мардумони) он қарн касе боқӣ нахоҳад монд».*

## (41) Боб. Баъди адои намози хуфтан бо аҳли хона ва меҳмон нишаста сӯҳбат кардан

**602.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Мӯътамир ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо нақл карда гуфт: Абӯусмон ба мо нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни Абӯбакр, *ки «асҳобу-с-суффа» (мардуми бехонумон, ки дар рӯи суффаи Масҷиди пайғамбар зиндагӣ доштанд) мардуми фақиру бенаво буданд. Боре пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳар кӣ дар манзилаш барои ду кас таом дошта бошад, (аз мардуми суффа) шахси сеюмро (ба манзил) барад; ва агар барои чор кас таом дошта бошад, панҷум ё шашумро (ба манзилаш) барад». Абӯбакр се касро аз онҳо ба хонааш овард ва*

*пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам – даҳ касро. Абдурраҳмон гуфт: «Он маврид дар манзил худам, падарам, модарам ва хидматгоре, ки ба мову хонадони Абӯбакр хидмат мекард, будем». (Абӯусмон) гуфт: намедонам, ки оё ӯ «ва занам» низ гуфт ё не. Ҳамон бегоҳ Абӯбакр хӯроки шомро дар хонаи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хӯрд ва баъди он то замоне он ҷо бимонд, ки намози хуфтан хонда шуд. Баъди намоз боз ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баргашт ва то хӯроки шом хӯрдани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, он ҷо бимонд. Ва баъди гузаштани он миқдор аз шаб, ки Худо хоста буд, ба манзил омад. Занаш ба ӯ гуфт: «Чӣ чиз туро аз омадан ба назди меҳмонҳоят – ё гуфт: меҳмонат – боздошт?» Гуфт: «Оё ба онҳо хӯроки шом надодӣ?» Зан гуфт: «Онҳо то омадани ту мавқуф гузоштанд. Ба онҳо хӯрок бурданд, аммо онҳо рад карданд». (Абдурраҳмон) гуфт: «Ман аз он ҷо рафтаму пинҳон шудам». Ӯ маро дар назар дошта «Эй фурӯмоя, биният бурида шавад» гуфт ва дашном кард ва (ба аҳли хона) гуфт: «Бихӯред, ба шумо ош нашавад». (Вақте ки хӯрок оварданд), (Абӯбакр) гуфт: «Валлоҳ, ки аз он ҳаргиз нахоҳам хӯрд». (Абдурраҳмон гуфт): «Ба Худо қасам, аз он таом ҳар бор ки луқмае мегирифтем, фавран аз зери он зиёдтар таом пайдо мешуд». Боз гуфт: «Яъне ҳама сер шуданд ва таом ҳоло бештар аз он гардид, ки пеш аз хӯрдан буд. Абӯбакр ба он нигоҳ карду дид, ки таом ҳамон миқдор аст, ки буд – ё зиёдтар аз он буд. Ба зан гуфт: «Эй хоҳари банӣ Фирос, ин чист?» (Зан) гуфт: «Ба нури чашмонам қасам, ки хӯрок нисбат ба он ки пеш аз хӯрдан буд, се баробар зиёд шудааст». Абӯбакр аз он таом хӯрду он қасами худро дар назар дошта гуфт: «Ҳамоно ки он аз Шайтон буд». Баъд боз луқмае аз он бихӯрд. Ва он гоҳ таомро назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бурдам ва то субҳ он ҷо мондам. Он вақт байни мову қавме паймон буд, ки мӯҳлати он тамом шуда буд. Мо дувоздаҳ мардро (ба дувоздаҳ гурӯҳ) тақсим карданд ва ҳамроҳи ҳар мард мардуме буданд, ки шумораашонро фақат Худо медонист – инҳо ҳама аз он таом бихӯрданд». Ё чунон ки (Абдурраҳмон) гуфт.*

# X. КИТОБИ АЗОН

## (1) Боб. Ибтидои гуфтани азон

*Ва сухани Ӯ, азза ва ҷалла: «Ва чун ба намоз нидо кунед, онро тамасхуру бозӣ гиранд. Ин ба сабаби он аст, ки онҳо қавме беақланд» (5:58).*

*Ва сухани Ӯ: «Чун дар рӯзи ҷумъа азон барои намоз дода шавад» (62:9).*

**603.** Имрон ибни Майсара ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Холид ал-Ҳаззо ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, аз Анас, ки гуфт: *«(Барои даъват ба намоз) оташ афрӯхтану ноқус заданро ёд карданд. Боз ба ёд оварданд, (ки ин аз) яҳудиёну насрониён (аст). Пас ба Билол фармуданд, ки (калимоти) азонро дуборӣ ва иқоматро якборӣ гӯяд».*

**604.** Маҳмуд ибни Ғайлон ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дода гуфт: Нофеъ ба ман хабар дод, ки Ибни Умар мегуфт: *«Замоне, ки мусулмонон ба Мадина ҳиҷрат карда омаданд, бо ҳам ҷамъ мешуданду вақти намозро муайян мекарданд ва нидо намекарданд. Рӯзе сухан дар ҳамин мавзӯъ рафт. Баъзеҳо гуфтанд: «Мисли ноқуси насрониён ноқусе гиред». Баъзеи дигар гуфтанд: «Мисли буқи яҳудиён шохе бигиред». Пас Умар гуфт: «Чаро ба марде нафармоем, ки ба намоз нидо кунад?» Он гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эй Билол, бархезу ба намоз нидо кун!»*

## (2) Боб. Андар он ки (калимоти) азон ҷуфт-ҷуфт аст

**605.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод иб-

ни Зайд ба мо нақл кард, аз Симок ибни Атия, аз Айюб, аз Абӯқилоба, аз Анас, ки гуфт: *«Ба Билол фармуданд, ки (калимоти) азонро ҷуфт-ҷуфт (дуборӣ) ва иқоматро ба ғайр аз (ҷумлаи) «Қад қомати-с-салот» (Намоз барпо шуд) тоқ-тоқ (якборӣ) гӯяд».*

**606.** Муҳаммад ӯ Ибни Салом аст, ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: Холид ал-Ҳаззо ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Вақте ки мардум(-и мусулмон) бисёр шуданд, мавзӯъеро ба миён оварданд, ки ба навъе вақти намозро ба мардум маълум бояд кард, то ки яқин онро бидонанд. Гуфтанд, ки барои ин оташ афрӯзанд ё ноқус зананд. Пас ба Билол фармуданд, ки (калимоти) азонро ҷуфт-ҷуфт (дуборӣ) ва иқоматро тоқ-тоқ (якборӣ) гӯяд».*

## (3) Боб. Андар он ки иқомат ба ғайр аз суханони «Қад қомати-с-салот» як бор гуфта мешавад

**607.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Холид ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, аз Анас, ки гуфт: *«Ба Билол фармуданд, ки (калимоти) азонро ҷуфт-ҷуфт (дуборӣ) ва иқоматро тоқ-тоқ (якборӣ) гӯяд».*

Исмоил гуфт: ин ҳадисро ба Айюб зикр кардам, ӯ гуфт: «Ба ҷуз (суханони) «Қад қомати-с-салот».

## (4) Боб. Андар фазилати азон

**608.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Вақте ки аз барои намоз азон гуфта мешавад, Шайтон пуштнокӣ меравад ва аз пасаш бодҳо сар медиҳад, то овози азонро нашунавад; ва чун азон ба поён мерасад, пеш меояд; ва мвариде, ки иқомати намоз гуфта мешавад, боз пуштнокӣ меравад; ва чун иқомат ба поён мерасад, боз то ҷое пеш меояд, ки миёни намозхону дили ӯ васваса афканда мегӯяд: «Фалон чизро ба ёд ор, фалон чизро ба ёд ор!» – чизҳоеро, ки дар ёди шахс набуд; (ба ҳамин тарз коре мекунад, ки) намозхон ҳатто чанд ракъат намоз хонданашро аз хотир мебарорад».*

## (5) Боб. Андар овоз баланд кардан ҳангоми нидо(-и азон)

Ва Умар ибни Абдулазиз (ба муаззини худ) гуфт: «Азонро бетакаллуф ва бо мадди овоз гӯ, вагарна маъзул шав!»

**609.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон ибни Абӯсаъсаъа ал-Ансорӣ ал-Мозинӣ, аз падараш, ки ба ӯ хабар дод, ки Абӯсаъид ал-Худрӣ ба ӯ гуфт: *«Ман мебинам, ки ту гӯсфанду бодияро дӯст медорӣ; ва ҳар гоҳ дар миёни гӯсфандонат – ё дар бодияат – бошию азони намоз гӯӣ, дар гуфтани азон овоз баланд барор, зеро то ҷои расидани овози муаззин ҳар ҷинну инс ва (ҷондору беҷони) мавҷуде, ки овози азон мешунавад, рӯзи қиёмат ба он азон гувоҳӣ хоҳад дод». Абӯсаъид гуфт: «Ман инро аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам».*

## (6) Боб. Андар он ки бо (шунидани) азон аз хунрезӣ даст кашанд

**610.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Ҷаъфар ба мо нақл кард, аз Ҳумайд, аз Анас ибни Молик: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳи мо ба ҷанги қавме мерафт, то фаро расидани бомдод ба ғазо шурӯъ накарда мунтазир мешуд: агар бонги азон мешунид, аз ғазо даст мекашид; ва агар бонги азон намешунид, ба он қавм ҳамла мекард». Анас гуфт: «Мо ба сӯи Хайбар ба роҳ баромадем ва шабона он ҷо расидем. Чун бомдод фаро расиду пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бонги азон нашунид, савор шуд ва ман ҳам дар пушти Абӯталҳа савор(-и чорпои ӯ) шудам ва поям ба пои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мерасид». Ва боз афзуд: «Хайбариён бо сабадҳову белҳояшон ба сӯи мо баромаданд ва чун пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, диданд, гуфтанд: «Валлоҳ, ки ин Муҳаммад аст, ин Муҳаммаду лашкар аст». (Анас) гуфт: «Ва чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, онҳоро дид, гуфт: «Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, хароб шуд Хайбар. Мо чун ба майдони қавме фуруд оем, бад бошад субҳи он бимкардагон!» (37:177).*

## (7) Боб. Бо шунидани овози муаззин чӣ бояд гуфт?

**611.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Ато ибни Язид ал-Лайсӣ, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Вақте ки бонги азонро шунидед, айнан ҳамонро гӯед, ки муаззин мегӯяд».*

**612.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Муҳаммад ибни Иброҳим ибни ал-Ҳорис, ки гуфт: *«Исо ибни Талҳа ба ман нақл кард, ки ӯ рӯзе аз Муъовия шунид, ки азонро айнан такрор мекард то ин суханони азон: «Ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулу-л-Лоҳ» (Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад пайғамбари Худо аст).*

Исҳоқ ибни Роҳавайҳ ба мо нақл карда гуфт: Ваҳб ибни Ҷарир ба мо нақл карда гуфт: ҳадисе монанди инро Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё.

**613.** Яҳё (ҳадиси мазкурро нақл карда) гуфт: касе аз бародаронамон ба ман нақл карда гуфт: *«Чун (муаззин) гуфт: «Ҳайя ала-с-салот» (Биёед ба намоз), (Муъовия) гуфт: «Ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-Лоҳ» (Нест нерӯе ва қуввае, магар ба (хости) Худо. Ва афзуд: «Аз пайғамбаратон, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидем, ки ҳамчунин мегуфт».*

## (8) Боб. Дуои баъди бонги азон

**614.** Алӣ ибни Айёш ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ибни Абӯҳамза ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни ал-Мункадир, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ баъди шунидани азон (дуои зеринро) гӯяд, рӯзи қиёмат ба ӯ шафоати ман хоҳад расид: «Аллоҳумма Рабба ҳозиҳи-д-даъвати-т-томмати ва-с-салоти-л-қоимати, оти Муҳаммадана-л-василата ва-л-фазилата ва-бъасҳу мақоман маҳмудана-л-лазӣ ваъадтаҳу» (Бор Худоё, Парвардигори ин даъвати том ва намози барпошуда, ба Муҳаммад василат ва фазилат бидеҳ, ӯро дар бузургвортарин мақоме, ки ба ӯ ваъда кардаӣ ҷой деҳ).*

## (9) Боб. Андар қуръа задан барои гуфтани азон

*Ва зикр кардаанд, ки гурӯҳе барои гуфтани азон ихтилоф намуданд ва Саъд миёни онҳо қуръа зад.*

**615.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба

мо хабар дод, аз Сумай – мавлои Абӯбакр, аз Абӯсолеҳ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Агар мардум медонистанд, ки гуфтани азон ва истодан дар саффи аввал чӣ савобе дорад; ва агар чунин вазъе шавад, ки одамонро барои ин ду кор фақат бо роҳи қуръазанӣ муайян метавон кард, албатта, қуръа мезаданд; ва агар мардум медонистанд, ки ба аввали вақт гузоридани намози пешин чӣ савобе дорад, албатта, барои расидан ба он бар якдигар сабқат мекарданд; ва агар медонистанд, ки хондани намозҳои хуфтану бомдод чӣ савобе дорад, албатта, ба тариқи хазидан бошад ҳам, ба ин ду (намоз) ҳозир мешуданд».*

### (10) Боб. Андар (ҳукми) сухан гуфтан аснои бонги азон

*Ва Сулаймон ибни Сурад дар аснои бонги азон кардани худ сухан гуфт. Ва ал-Ҳасан гуфт: «Дар вақти гуфтани азон ё иқомат шахс агар хандад, зиёне надорад».*

**616.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Айюб ва Абдулҳамид – ёри аз-Зиёдӣ ва (ба исноди дигар) Осим ал-Аҳвал, аз Абдуллоҳ ибни ал-Ҳорис, гуфт: *«Рӯзе, ки борон заминро тар карда буд, Ибни Аббос ба мо хутба гуфт. Вақте ки муаззин дар гуфтани азон ба калимоти «Ҳайя ала-с-салот» расид, Ибни Аббос ба ӯ амр кард, ки дар азон нидо кунад: «Ас-салоту ало-р-риҳол» (Намоз дар маҳмилҳо(-и худ гуоред). Мардум ба якдигар бо тааҷҷуб нигоҳ карданд. (Ибни Аббос) гуфт, ки шахси аз ӯ беҳтар (яъне пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ё муаззини ӯ) ҳамчунин кардааст. Ва ин (намози ҷумъа) воҷиб ва ҳатмист».*

### (11) Боб. Азон гуфтани шахси нобино (равост), ба шарте, ки касе ба ӯ (вақти намозро) маълум кунад

**617.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Ибни Шиҳоб, аз Солим ибни Абдуллоҳ, аз падараш, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дарвоқеъ Билол дар (торикии) шаб азон мегӯяд, аммо шумо то азон гуфтани Ибни Умм Мактум бихӯреду бинӯшед». Солим ибни Абдуллоҳ гуфт: «Ва ин шахс нобино буд ва то ба ӯ нагӯянд, ки «субҳ дамид, субҳ дамид», азон намегуфт».*

### (12) Боб. Андар гуфтани азон баъди дамидани субҳ

**618.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, гуфт: *Ҳафса ба ман хабар дод: «Ҳар гоҳ ки муаззин аз (гуфтани азони намози) бомдод сокит мешуд ва субҳ фаро мерасид, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш аз гуфтани иқомати намози фарз дар масҷид ду ракъати сабук намоз мехонд».*

**619.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Оиша: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар байни азону иқомати намози бомдод ду ракъати сабук намоз мехонд».*

**620.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Динор, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дарвоқеъ Билол дар (торикӣ) шаб азон мегӯяд, аммо шумо то азон гуфтани Ибни Умм Мактум бихӯреду бинӯшед».*

## (13) Боб. Андар гуфтани азон пеш аз дамидани субҳ

**621.** Аҳмад ибни Юнус ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ат-Таймӣ ба мо нақл кард, аз Абӯусмон ан-Наҳдӣ, аз Абдуллоҳ ибни Масъуд, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Набояд ки азон гуфтани Билол якеатонро – ё яке аз шуморо – аз саҳархӯрӣ кардан боздорад, зеро ӯ азонро бо мақсаде мегӯяд – ё ба намоз нидо мекунад – то шахси ба намози шаб машғулро (ба истироҳату хӯрдану ошомидан) баргардонад ва шахси хобидаро бедор кунад. Ва ҳаргиз мақсад он нест, ки бо муҷарради гуфтани азон вақти хондани намози бомдод – ё субҳ – фаро мерасида бошад». Ва бо ангуштон ишора намуд ва онҳоро боло бардошту поин фуровард, то нишон диҳад, ки ин кор чӣ гуна мешавад.* Ва Зуҳайр низ бо ду ангушти шаҳодат ишорат намуда, аввал якеро болои дигар гузошт, баъд ҳар дуро ба ду тараф – росту чап ёзонд. (Яъне барои нишон додани он ки сапедадам дар уфуқ чӣ гуна паҳн мешавад).

**622, 623.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо хабар дода гуфт: Убайдуллоҳ ба мо нақл кард, аз ал-Қосим ибни Муҳаммад, аз Оиша ва (ба исноди дигар) аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт (таҳвил).

Юсуф ибни Исо ал-Марвазӣ ба ман нақл карда гуфт: ал-Фазл

ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ибни Умар ба мо нақл кард, аз ал-Қосим ибни Муҳаммад, аз Оиша, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Дарвоқеъ Билол дар (торикии) шаб азон мегӯяд, аммо шумо то азон гуфтани Ибни Умм Мактум бихӯреду бинӯшед».*

## (14) Боб. Фосилаи байни азон ва иқомат чӣ қадар аст? Ва дар бораи касе, ки мунтазири гуфтани иқомат бошад

**624.** Исҳоқ ал-Воситӣ ба мо нақл карда гуфт: Холид ба мо нақл кард, аз ал-Ҷурайрӣ, аз Ибни Бурайда, аз Абдуллоҳ ибни Муғаффал ал-Музанӣ, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дар байни ҳар ду азон (яъне азону иқомат ба қадри хондани) як намоз (фосила) ҳаст» – инро се бор гуфт. (Боз афзуд): «Барои касе, ки хоҳиш(-и хондани ин намоз) дошта бошад».*

**625.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: аз Амр ибни Омир ал-Ансорӣ шунидам, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ ки муаззин азон мегуфт, то ба назди мардум баромадани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гурӯҳе аз саҳобагон аз ҷо хеста, ба сӯи сутунҳо шитофта ҷой мегирифтанд. Ва дар ин вазъ онҳо пеш аз намози фарзи шом ду ракъат намоз мехонданд. Дар байни азону иқомат чандон фурсате набуд».* Усмон ибни Ҷабала ва Абӯдовуд гуфтанд, аз Шуъба: *«Дар байни азону иқомат ҳамагӣ андак вақт буд».*

## (15) Боб. Дар бораи касе, ки иқоматро нигарон бошад

**626.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Урва ибни аз-Зубайр, ба ман хабар дод, ки Оиша гуфт: *«Ҳар гоҳ ки муаззин аз (азону иқомати) намози бомдод азонро гуфта тамом мекард, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мехесту пеш аз адои фарзи намози бомдод, баробари зоҳир шудани сапедадам ду ракъати сабук намоз мехонд. Ва он гоҳ то омада иқомат гуфтани муаззин ба ҷониби росташ дароз мекашид».*

## (16) Боб. Байни ҳар ду азон (азон ва иқомат ба қадри хондани) як намоз (фосила) ҳаст – барои касе,

**ки хоҳиш(-и хондани ин намоз) дошта бошад**

**627.** Абдуллоҳ ибни Язид ба мо нақл карда гуфт: Каҳмас ибни ал-Ҳасан ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Бурайда, аз Абдуллоҳ ибни Муғаффал, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дар байни ҳар ду азон (азону иқомат ба қадри хондани) як намоз (фосила) ҳаст, дар байни ҳар ду азон (азону иқомат ба қадри хондани) як намоз (фосила) ҳаст». Баъди дафъаи сеюм гуфт: «Барои касе, ки хоҳиш(-и хондани ин намоз) дошта бошад».*

## (17) Боб. Дар бораи касе ки гуфт: бояд дар сафар як муаззин азон гӯяд

**628.** Муъалло ибни Асад ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Абӯқилоба, аз Молик ибни ал-Ҳувайрис: *«Ман ҳамроҳи чанд нафар аз қавми худам назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омадам ва бист шаб назди ӯ мондем. Ӯ ба мо меҳрубону хушмуомила буд. Чун дид, ки мо пазмони дидори хонаводаи худ шудаем, гуфт: «Баргардеду дар байни аҳли худ бошед, ба онҳо (динро) таълим диҳед ва намоз хонед. Ва ҳар гоҳ ки вақти намоз фаро расид, бигузор якеатон барои шумо азон гӯяд ва бузургтаринатон имом шавад».*

## (18) Боб. Андар он ки агар мусофирон ҷамоат бошанд, азону иқомат бояд гуфт; ҳамчунин (гуфтани азону иқомат) дар Арафа ва Ҷамъ (Муздалифа)

*Ва дар шаби сард ё боронӣ (аснои бонги азон) муаззин гӯяд: «Намоз дар маҳмилҳо(-и худ гузоред)».*

**629.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Муҳоҷир ибни Абулҳасан, аз Зайд ибни Ваҳб, аз Абӯзарр, ки гуфт: *«Дар як сафар, ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будем. Муаззин хост азон гӯяд, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Пасттар шудани тафси ҳаворо мунтазир бош!» Баъдтар боз хост, ки азон гӯяд, ба ӯ гуфт: «Пасттар шудани тафси ҳаворо мунтазир бош!» Баъди он боз хост, ки азон гӯяд, ба ӯ гуфт: «Пасттар шудани тафси ҳаворо мунтазир бош!» Ин (таъхир) то ҷое расид, ки андозаи сояҳо ба талҳо баробар шуд. Сипас пайғамбар, салла-*

*л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Дарвоқеъ шиддати гармо аз ҷӯшиши дӯзах аст».*

**630.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Холид ал-Ҳаззо, аз Абӯқилоба, аз Молик ибни ал-Ҳувайрис, ки гуфт: *«Ду мард, ки азми сафар доштанд, назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба онҳо гуфт: «Ҳар гоҳ ба роҳ бароед (ва вақти намоз фаро расад), аввал азон, баъд иқомат гӯед ва дар намоз бузургтаратон ба шумо имом шавад».*

**631.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: Айюб ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, ки гуфт: Молик ба мо нақл карда гуфт: *«Мо (як гурӯҳ) ҷавонони тақрибан ҳамсинну сол ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омада, дар ҳузури ӯ бист шабонарӯз мондем. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо меҳрубону хушмуомила буд, вақте фаҳмид, ки мо пазмони хонавода шудаем – ё муштоқи онҳо шудаем – дар бораи касоне, ки мо онҳоро дар манзилҳоямон монда омадем, пурсон шуд. Мо ба ӯ хабар додем. Гуфт: «Назди аҳли хеш баргардед ва бо онҳо бошед, ба онҳо (динро) таълим диҳед, ба онҳо (фалон корҳоро) фармоед – ӯ чизҳоеро ном гирифт, ки ман дар ёд гирифтам – ё дар ёд надорам. – Дидед, ки ман ба чӣ тариқа адои намоз мекунам, шумо низ ҳамин тавр намоз хонед; ва ҳар гоҳ вақти намоз фаро расад, бигузор яке аз шумо азон гӯяд ва бузургтаринатон ба шумо имом шавад».*

**632.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо хабар дод, аз Убайдуллоҳ ибни Умар, ки гуфт: Нофеъ ба ман нақл карда гуфт: *«Ибни Умар як шаби сард дар Заҷнон (номи кӯҳе миёни Макка ва Мадина) азон гуфт ва баъд гуфт: «Дар маҳмилҳои худ намоз хонед». Ва (Ибни Умар) ба мо хабар дод, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба муаззин гуфтани азонро мефармуд ва он гоҳ мегуфт: «Дар сафар, дар шаби сард ё боронӣ дар маҳмилҳои худ намоз хонед».*

**633.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Ҷаъфар ибни Авн ба мо хабар дода гуфт: Абулъумайс ба мо нақл кард, аз Авн ибни Абӯҷуҳайфа, аз падараш, ки гуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар (мавзеи) ал-Абтаҳ дидам. Билол назди ӯ омаду барои ӯ азони намоз гуфт. Баъд Билол бо аназае (найзаки кӯтоҳ) дар даст баромад ва пеши пайғамбари Худо,*

*салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ал-Абтаҳ онро ба замин хаст ва барои намоз иқомат гуфт».*

### (19) Боб. Оё муаззин ҳангоми гуфтани азон рӯй ба ин сӯву он сӯ мегардонад? Ва оё аз ин тараф ба он тараф бо гӯшаи чашм нигоҳ мекунад?

*Ва аз Билол зикр кардаанд, ки ӯ ду ангуштро ба ду гӯш гузошта азон мегуфт. Ва Ибни Умар ду ангушт ба ду гӯш намегузошт. Ва Иброҳим гуфт: «Бе вузӯ азон гуфтан боке надорад». Ва Ато гуфт: «Вузӯ ҳақ ва суннат аст». Оиша гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳамаи ҳолатҳо Худоро зикр мекард».*

**634.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Авн ибни Абӯҷуҳайфа, аз падараш: *«Ман Билолро дидам, ки азон мегуфт ва ҳангоми гуфтани азон рӯй ба ин сӯву он сӯ мегардонд».*

### (20) Боб. Дар бораи касе, ки гӯяд: «Намози мо фавт шуд»

*Ва Ибни Сирин гуфтани «Намози мо фавт шуд»-ро макрӯҳ донистааст ва гуфтани «Мо дарнаёфтем»-ро маъқул шумурдааст. Ва сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (аз хусуси фавт шудани намоз) саҳеҳ аст.*

**635.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, ки гуфт: *«Дар он ҳангом ки ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехондем, ғавғои мардум шунида шуд. Баъди адои намоз гуфт: «Шуморо чӣ шуд?» Гуфтанд: «Ба намоз шитофтем». Гуфт: «Ин тавр накунед. Ҳар гоҳ ба намоз оед, орому осуда бошед ва ҳар чи аз намоз дарёбед, бихонед ва он чӣ шуморо фавт шуда бошад, ба итмом расонед».*

### (21) Боб. Шахс ба намоз набояд шитобон, балки орому бовиқор ояд

*Ва гуфт: «Ҳар чӣ (аз намоз) дарёбед, бихонед ва он чӣ шуморо фавт шуда бошад, ба итмом расонед». Ва инро Абӯқатода аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст.*

**636.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл карда гуфт: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Саъид ибни ал-Мусайяб, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам; ва ба (исноди дигар) аз аз-Зуҳрӣ, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ иқоматро шунавед, ба намоз равед. орому бовиқор бошед ва шитоб накунед; ва ҳар чӣ аз намоз дарёбед, бихонед ва он чӣ, ки шуморо фавт шуда бошад, ба итмом расонед».*

### (22) Боб. Андар он ки мардум чун имомро ҳангоми гуфта шудани иқомат бибинанд, кай хеста ба намоз истанд?

**637.** Муслим ибни Ироҳим ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: ба ман Яҳё ибни Абӯкасир навишт, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Вақте ки иқомати намоз гуфта шавад, то маро набинед, ба намоз наистед».*

### (23) Боб. Шахс набояд шитобон, балки орому бовиқор ба намоз истад

**638.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Вақте ки иқомати намоз гуфта шавад, то маро набинед, ба намоз наистед ва ин ҳангом бояд орому осуда бошед».* Ва (дар ривояти ин ҳадис) Алӣ ибни ал-Муборак ба Яҳё пайравӣ кардааст.

### (24) Боб. Оё шахс барои зарурате аз масҷид мебарояд?

**639.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз Солеҳ ибни Кайсон, аз Ибни Шиҳоб, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра: *«Баъди гуфтани иқомати намоз ва баробар кардани сафҳо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баромад. Чун ба ҷои намозхонӣ истод, мо мунтазири такбир гуфтани ӯ шудем, вале ӯ бирафт ва гуфт: «Дар ҷойҳоятон бошед!» Мо дар ҳамон ҳолат мунтазир бимондем, то ӯ ба назди мо баргашт ва аз сараш об мечакид: ӯ ғусл карда буд».*

## (25) Боб. Ҳар гоҳ имом «Дар ҷойҳоятон бошед, то баргардам!» гӯяд, ӯро мунтазир шаванд

**640.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Иқомати намоз гуфтанд, мардум сафҳо рост карданд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баромада дар пеш истод. Вале ӯ боҷанобат будааст. Гуфт: «Дар ҷойҳоятон бошед!» Рафту ғусл кард. Дигарбора баромад ва аз сараш об мечакид. Ва ба қавм имоматӣ карда намоз гузорид».*

## (26) Боб. Гуфтани мард ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Мо намоз нахондаем»

**641.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, гуфт: аз Абӯсалама шунидам, ки мегуфт: Ҷобир ибни Абдуллоҳ ба мо хабар дод, *ки рӯзи Хандақ Умар ибни ал-Хаттоб назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, валлоҳ, ки намозро ҳанӯз хонда тамом накарда будам, ки офтоб ба ғуруб оғоз намуд. Инро ӯ баъди он гуфт, ки мардуми рӯзадор ифтор карда буданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Валлоҳ, ки ман онро нахондаам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба (водии) Бутҳон фуруд омад ва ман ҳамроҳи ӯ будам. Ӯ дар он ҷо вузӯ кард ва баъди ғуруби офтоб намози аср (қазо) хонд. Баъд намози шомро адо намуд».*

## (27) Боб. Агар баъди гуфтани иқомат имомро ҳоҷате пеш ояд, (оё ба он машғул шавад)?

**642.** Абӯмаъмар Абдуллоҳ ибни Амр ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Суҳайб ба мо нақл кард, аз Анас, ки гуфт: *«Вақте ки иқомат гуфтанд, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар як сӯи масҷид ба марде сухан мегуфт. Ӯ вақте ба намоз омада истод, ки гурӯҳе аз қавмро хоб бурда буд».*

## (28) Боб. Сӯҳбат кардан баъди гуфтани иқомати намоз

**643.** Айёш ибни ал-Валид ба мо нақл карда гуфт: Абдулаъло

ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ба мо нақл карда гуфт: «Аз Собит ал-Бунонӣ суол кардам: «Ҳукми марде, ки баъди гуфтани иқомати намоз сухан гӯяд, чӣ бошад?» Ӯ ба ман нақл кард, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Вақте ки иқомати намозро мегуфтанд, марде аз пеши пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баромаду ӯро баъди гуфта шудани иқомат ҳам боздошт»*. Ва ал-Ҳасан гуфт: «Агар касеро модараш аз рӯи шафқат дар намози хуфтан аз ҷамоат боздорад, метавонад ба ӯ итоат накунад».

### (29) Боб. Андар воҷиб будани намози ҷамоат

Ва ал-Ҳасан гуфт: «Агар касеро модараш аз рӯи шафқат дар намози хуфтан аз ҷамоат боздорад, метавонад ба ӯ итоат накунад».

**644.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Савганд ба Он (Зоте), ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ба таҳқиқ бар он азм кардам, ки ҷамъ кардани ҳезум бифармоям, то ҳезум ҷамъ карда шавад, баъд намоз хондан бифармоям, то аз барои он азон гӯянд; он гоҳ якеро бифармоям ба мардум имоматӣ кунад. Сипас дунболи мардоне равам, (ки тарки ҷамоат кардаанд) ва хонаҳояшонро бар сарашон оташ занам. Савганд ба Он (Зоте), ки ҷони ман дар дасти Ӯст, агар касе аз онҳо донад, ки ин ҷо барояш устухони сергӯшту равған – ё ду рони хуб пухтаи гӯсфанд – медиҳанд, албатта, ба намози хуфтан ҳозир мешуд».*

### (30) Боб. Андар фазилати намози ҷамоат

*Ва ҳар гоҳ ал-Асвадро намози ҷамоат дар масҷиди қавми худаш фавт мешуд, ба масҷиди дигар мерафт.*

*Ва Анас ба масҷиде омад, ки дар он намоз хонда шудаанд, фармуд, то азону иқомат гуфтанд. Ва ӯ бо ёронаш намози боҷамоат хонд.*

**645.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«(Савоби) намози ҷамоат аз намози ба танҳоӣ хондашуда бисту ҳафт маротиба бештар аст».*

**646.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба

мо нақл карда гуфт: Ибни ал-Ҳод ба ман нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Хаббоб, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, ки ӯ аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидааст, ки мегуфт: *«(Савоби) намози ҷамоат аз намози ба танҳоӣ хондашаванда бисту панҷ маротиба бештар аст».*

**647.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл карда гуфт: аз Абӯсолеҳ шунидам, ки мегуфт: аз Абӯҳурайра шунидам, ки мегуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«(Савоби) намозе, ки шахс бо ҷамоат адо мекунад, аз намозе, ки дар хона ё дӯконаш (ба танҳоӣ) мехонад, бисту панҷ маротиба бештар аст. Ва ин ба он сабаб аст, ки чун вузӯ мекунад, (ба хотири ҷамоат) вузӯро некӯ анҷом медиҳад; баъд чун азми ба масҷид рафтан карда берун меояд, ӯро фақат майли намозхонӣ аз хона берун мебарорад; ва ҳар як қадами ба сӯи масҷид гузоштааш савоби ӯро як маротиба зиёд мекунад ва аз як гуноҳаш дармегузаранд; ва чун намоз гузорад, то он вақт ки дар ҷои намозхонӣ бошад, фариштагон бар ӯ дуруд фиристода (мегӯянд): «Бор Худоё, бар ӯ дуруд фирист, Бор Худоё, ба ӯ меҳрубон бош!» Ва ҳар касе аз шумо модом ки мунтазири намоз бошад, ӯ дар намоз ҳисоб меёбад».*

## (31) Боб. Андар фазилати бо ҷамоат хондани намози бомдод

**648.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Саъид ибни ал-Мусайяб ва Абӯсалама ибни Абдурраҳмон ба ман хабар доданд, ки Абӯҳурайра гуфт: *аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: «(Савоби) намозе, ки ҳама якҷо хонанд аз намозе, ки ҳар яки шумо ба танҳоӣ гузорад, бисту панҷ маротиба бештар аст. Ва фариштагони шабу рӯз ҳангоми хондани намози бомдод якҷо гирд меоянд». Баъд Абӯҳурайра мегуфт: «Агар хоҳед, (ин оятро) бихонед: «Ба ростӣ ки дар Қуръон хондани бомдод фариштагон ҳозир мешаванд» (17:78).*

**649.** Шуъайб гуфт: ва (ба исноди дигар) Нофеъ ба ман нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки гуфт: *«(Савоби) он (аз намози танҳогузор) бисту ҳафт маротиба бештар аст».*

**650.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл карда гуфт: аз Солим шу-

нидам, ки гуфт: *аз Умму-д-Дардоъ шунидаам, ки мегуфт: «Боре Абуддардоъ дар вазъи ғазаболуд будан назди ман даромад. Ба ӯ гуфтам: «Аз чӣ дар ғазаб ҳастӣ?» Ӯ гуфт: «Ба Худо савганд, аз уммати Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ғайр аз ҳамин ки намозро ба ҷамоат мехонанд, дигар чизеро намебинам, (ки бе нуқсон боқӣ монда бошад)».*

**651.** Муҳаммад ибни ал-Ало ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Бурайд ибни Абдуллоҳ, аз Абӯбарда, аз Абӯмӯсо, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Аз байни мардум савоби намоз бештар ба касе хоҳад расид, ки аз ҳама дур бошад ва аз ҳама дур ба масҷид пиёда ояд; ва савоби касе, ки намозро барои бо имом хондан интизорӣ кашад, аз савоби касе, ки худ гузораду ба хоб равад, бузургтар аст».*

## (32) Боб. Андар фазилати барвақт омадан ба намози пешин

**652.** Қутайба ба мо нақл кард, аз Молик, аз Сумай – мавлои Абӯбакр, аз Абӯсолеҳ ас-Саммон, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Марде ҳангоми роҳ рафтан дар роҳ шохаи хоре дид, онро аз сари роҳ гирифта як сӯ партофт. Худо барои ин ба ӯ сипосдорӣ кард ва гуноҳҳояш омурзид».*

**653.** Боз гуфт: *«Шаҳидон панҷ касанд: касе, ки аз тоун мурда бошад; касе, ки аз дарди шикам мурда бошад; касе, ки ғарқ шуда бошад; касе, ки зери девор (ё чизи дигар) монда бошад; касе, ки дар роҳи Худо кушта шуда бошад». Ва гуфт: «Агар мардум медонистанд, ки дар гуфтани азон ва истодан дар саффи аввал чӣ (савобе) ҳаст ва агар чунин вазъе шавад, ки одамонро барои ин ду кор фақат бо роҳи қуръазанӣ муайян метавон кард, албатта, қуръа мепартофтанд».*

**654.** *«Ва агар мардум медонистанд, ки барвақт омадан ба адои намози пешин чӣ (савобе) дорад, барои омадан бар якдигар сабқат мекарданд; ва агар медонистанд, ки боҷамоат хондани намозҳои хуфтану бомдод чӣ (савобе) дорад, агарчи ба тариқи хазидан бошад ҳам, худро ба ин ду намоз мерасонданд».*

## (33) Боб. Андар ҳисобӣ будани паи қадамҳо (ҳангоми ба масҷид рафтан)

**655.** Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Ҳавшаб ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ба мо нақл кард, аз Анас, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Эй банӣ Салама, оё (савоби) паи қадамҳоятонро чашмдор нестед?»* Ва Муҷоҳид дар бораи ин сухани Худо: «Ва он чиро (аз корҳои неку бад), ки пеш фиристодаанд ва нақши қадамҳои онҳоро менависем» (36:12) гуфт: яъне қадамҳояшонро».

**656.** Ва Ибни Абӯмарям ба мо нақл кард: Яҳё ибни Айюб ба мо хабар дода гуфт: Ҳумайд ба ман нақл карда гуфт: Анас ба ман нақл кард: *«Банӣ Салама хостанд, ки аз манзилҳояшон бираванд ва дар наздикии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, манзил ихтиёр кунанд, вале пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, написандид, ки як ҷониби шаҳри Мадина холӣ бимонад, гуфт: «Оё (савоби) паи қадамҳоятонро чашмдор нестед?» Муҷоҳид гуфт: «Қадамҳояшон»: паи қадамҳояшон аст ва он дар рӯи замин бо пойҳои худ гаштан аст».*

## (34) Боб. Андар фазилати боҷамоат хондани намози хуфтан

**657.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл карда гуфт: Абӯсолеҳ ба ман нақл кард, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Барои мунофиқон аз намози бомдоду хуфтан вазнинтар намозе нест. Ва агар медонистанд, ки боҷамоат хондани ин ду намоз чӣ (савобе) дорад, агарчи ба тариқи хазидан бошад ҳам, худро ба ин ду намоз мерасонданд». Ба ростӣ, борҳо ман ба он азм карда будам, ки ба муаззин фармоям, то азону иқомат гӯяд, баъди он мардеро фармоям, ки ба намози мардум имом шавад; сипас машъале аз оташро бигирам ва (бо он) касонеро, ки баъди ин ҳама ба намоз намебароянд, бисӯзонам».*

## (35) Боб. Андар он ки ду нафар ва зиёда аз он ҷамоат бувад

**658.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл карда гуфт: Холид ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, аз Молик ибни ал-Ҳувайрис, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам,

ки (ду нафарро) гуфт: *«Ҳар гоҳ ки вақти намоз фаро расид, азону иқомат гӯед ва аз ҳар ду бузургтари шумо дар намоз имом шавад».*

## (36) Боб. Дар бораи касе, ки дар масҷид мунтазири намоз нишинад; ва андар фазилати масҷидҳо

**659.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Фариштагон ба ҳар касе аз шумо то даме, ки дар ҷои намозхонӣ нишаста ва ба ӯ ҳадас нарасида бошад, дуруд мефиристанд (ва мегӯянд): «Бор Худоё, ӯро биомурз, Бор Худоё, ба ӯ меҳрубон бош!» Ҳар кадом аз шумо то даме, ки дар (интизории) намоз побанд аст ва ӯро аз баргаштан ба назди аҳлаш ҷуз намоз чизе боз надоштааст, ӯ дар намоз маҳсуб мешавад».*

**660.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Хубайб ибни Абдурраҳмон ба ман нақл кард, аз Ҳафс ибни Осим, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Дар рӯзе, ки ба ғайр аз сояи Худо, сояе нест, Худо ин ҳафт касро ба зери сояи (Аршу раҳмати) Худ мегирад: имоми одил; ҷавоне, ки дар ибодати Парвардигори худ ба воя расида бошад; марде, ки дилаш кашолаи масҷид аст; ду шахси дӯст, ки бо ҳам будан ва аз ҳам ҷудо шудани онҳо танҳо аз баҳри Худо бошад; марде, ки агар зани соҳиби ҷоҳу ҷамол ӯро (ба зино кардан) хонад, гӯяд: «Ба ростӣ ки ман аз Худо метарсам»; марди пинҳону махфӣ садақакунанда, ки ҳатто дасти чапаш чӣ садақа кардани дасти ростащро пай набарад; марде, ки дар танҳоӣ чун ёди Худо кунад, чашмонаш ашкбор шавад».*

**661.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Ҷаъфар ба мо нақл кард, аз Ҳумайд, ки гуфт: аз Анас пурсиданд: *«Оё пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ангуштарин дошт?» Гуфт: «Оре. Боре хондани намози хуфтанро то ними шаб ба таъхир гузошт. Пасон, баъди адои намоз ба мо рӯй оварда гуфт: «Мардум намоз ханданду ба хоб рафтанд. Ва шумо ҳамаи он фурсат, ки мунтазири намоз будед, андар намоз ҳисоб меёфтед». (Анас) гуфт: «Ҳанӯз ҳам дурахши ангуштарини ӯ пеши назарам аст».*

## (37) Боб. Андар фазилати касе, ки саҳару бегоҳ ба масҷид равад

**662.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Ҳорун ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Мутарриф ба мо хабар дод, аз Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар кӣ ба масҷид барвақт равад ва бевақт баргардад, Худо ба ҳар як рафтану баргаштани ӯ нишемангоҳе дар ҷаннат омода мекунад».*

## (38) Боб. Ҳар гоҳ ба намоз иқомат гуфта шавад, ба ҷуз намози фарз чизе хонда нашавад

**663.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз падараш, аз Ҳафс ибни Осим, Аз Абдуллоҳ ибни Молик ибни Буҳайна, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди марде бигузашт...».*

(Абӯабдуллоҳ) гуфт: ва (ба исноди дигар) Абдурраҳмон ба ман нақл карда гуфт: Баҳз ибни Асад ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Саъд ибни Иброҳим ба ман хабар дода гуфт: аз Ҳафс ибни Осим шунидам, ки гуфт: аз марде аз (қабилаи) Азд, ки ӯро Молик ибни Буҳайна мегуфтанд, шунидам: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мардеро дид, ки баъди гуфтани иқомат ҳам ду ракъат намоз мехонд. Ва чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз намоз берун шуд, мардум ӯро дар ҳалқаи худ гирифтанд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба он мард гуфт: «Оё намози бомдод чаҳор ракъатӣ аст?! Оё намози бомдод чаҳор ракъатӣ аст?!»*

Ғундар ва Муъоз (дар ривояти ин ҳадис) ба (Баҳз ибни Асад) пайравӣ кардаанд, аз Шуъба, аз Молик.

Ва (ба исноди дигар) Ибни Исҳоқ гуфт, аз Саъд, аз Ҳафс, аз Абдуллоҳ ибни Буҳайна.

Ва (ба исноди дигар) Ҳаммод гуфт: Саъд ба мо хабар дод, аз Ҳафс, аз Молик.

## (39) Боб. Андар ҳадде, ки бемор дар хондани намози боҷамоат ҳозир бошад

**664.** Умар ибни Ҳафс ибни Ғиёс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Иброҳим, ки гуфт: ал-Асвад гуфт: *«Дар назди Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, будем; он ҷо сари вақт ва мунтазам адо намудани намоз ва бузург доштани онро ёд кардем. (Оиша) гуфт: «Боре чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гирифтори беморие шуд, ки баъдтар аз он фавт кард, вақти намоз фаро расид ва азон гуфтанд. Ӯ гуфт: «Ба Абӯбакр фармоед, ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». Ба ӯ гуфтанд: «Ба ростӣ, Абӯбакр марди нармдил аст ва агар дар мақоми (имомии) ту истад, ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорида наметавонад». Ӯ дубора ҳамон суханашро гуфт. Ба ӯ ин бор ҳам ҳамон ҷавобро доданд. Ӯ бори сеюм он суханонро гуфт ва афзуд: «Дар ҳақиқат шумо мисли занони ҳамсӯҳбати Юсуф ҳастед! Ба Абӯбакр фармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». Баъди он Абӯбакр берун омад ва ба намоз шурӯъ кард. Ин маврид пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, худро каме сабук ҳис кард ва ӯ дар миёни ду мард бо ёрмандии онҳо берун омад. Аз шиддати дард пойҳо устувор ба замин гузошта натавонистанаш ҳанӯз ҳам дар пеши назарам аст. Абӯбакр хост қафотар равад. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо аломати «дар ҷоят бош» имо кард. Баъд ӯро наздик бурданд ва ӯ дар паҳлӯи Абӯбакр бинишаст». Аз ал-Аъмаш пурсиданд: «Оё пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонду Абӯбакр ба ӯ пайравӣ карда намоз мехонд ва мардум ба намози Абӯбакр пайравӣ карда намоз мехонданд?» Ал-Аъмаш бо аломати «бале» сар ҷунбонд».*

Баъзе қисмати ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст, аз Шуъба, аз ал-Аъмаш. Ва Абӯмуъовия афзудааст, аз ал-Аъмаш: «Дар паҳлӯи чапи Абӯбакр бинишаст ва Абӯбакр рост истода намоз мехонд».

**665.** Иброҳим ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ибни Юсуф ба мо хабар дод, аз Маъмар, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ба ман хабар дода гуфт: Оиша гуфт: *«Ҳамин ки бемории пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вазнин ва дардаш тоқатфарсо шуд, аз занонаш иҷозат хост, ки бемордории ӯ дар хонаи ман бошад. Онҳо ризоят доданд. Ӯ дар миёни ду мард берун омад ва пойҳояшро базӯр ба замин мегузошт. Ӯ дар байни ал-Аббос ва марде дигар буд».*

Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ гуфт: «Ман он чиро, ки Оиша гуфта буд, ба Ибни Аббос зикр кардам. Ӯ ба ман гуфт: «Оё медонӣ марде, ки Оиша номашро нагуфт, кист?» Гуфтам: «Не».

Гуфт: «Ӯ Алӣ ибни Абӯтолиб аст».

## (40) Боб. Иҷозати намоз хондан дар манзили худ ба сабаби борон ё иллате (дигар)

**666.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, *ки Ибни Умар дар як шабе, ки сард буду шамол мевазид, барои намоз азон гуфт. Баъди он гуфт: «Дар маҳмилҳо(-и худ) намоз хонед!» Боз афзуд: «Дарвоқеъ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, – агар шаб сарду боронӣ бошад, ба муаззин амр мекард, ки гӯяд: «Дар маҳмилҳо(-и худ) намоз хонед!»*

**667.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Маҳмуд ибни ар-Рабеъ ал-Ансорӣ: *«Итбон ибни Молик ба қавми худ имоматӣ мекард ва ӯ нобино буд. Боре ӯ ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эй пайғамбари Худо, шабҳо торик аст ва (баъзан) сел меояд. Ва ман марди нобиноям. Эй пайғамбари Худо, дар ягон ҷои хонаи ман намоз хон, то ки ман онро ҷои намозхонӣ кунам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба хонаи ӯ омаду гуфт: «Дар куҷо мехоҳӣ, ки намоз хонам?» Ӯ дар хонааш ҷоеро нишон дод. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар он ҷо намоз гузорид».*

## (41) Боб. Оё имом фақат бо касони ҳозиршуда намоз мегузорад; ва оё рӯзи ҷумъа ҳангоми боридани борон бояд хутба гуфт?

**668.** Абдуллоҳ ибни Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл карда гуфт: Абдулҳамид – ёри аз-Зиёдӣ ба мо нақл карда гуфт: аз Абдуллоҳ ибни ал-Ҳорис шунидам, ки гуфт: *«Рӯзе, ки борон заминро тар карда буд, Ибни Аббос ба мо хутба гуфт. Вақте ки муаззин дар гуфтани азон ба ин калимот: «Ҳайя ало-с-салот» расид, (Ибни Аббос ба ӯ) амр кард: «Бигӯ: «Ас-салоту фӣ-р-риҳол!» (Намоз дар маҳмилҳо(-и худ) гузоред). Мардум норозиёна ва бо тааҷҷуб ба якдигар нигоҳ карданд. Ӯ гуфт: «Мисли ин ки шумо инро инкор мекунед ва ҳол он ки инро шахси беҳтар аз ман, яъне пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, карда буд. Ва ин (намози ҷумъа) ҳатмӣ ва воҷиб аст. Ман нахостам, ки шуморо дар машаққат афканам».*

Ва ҳадисе монанди инро аз Ҳаммод, аз Осим, аз Абдуллоҳ ибни ал-Ҳорис, аз Ибни Аббос нақл кардаанд, ба ҷуз он ки (Ибни Аббос) гуфт: *«Ман нахостам, ки шуморо дар гуноҳ гузорам ва шумо то ба зонуҳо олудаи лой ба масҷид биёед».*

**669.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, ки гуфт: *аз Абӯсаъид ал-Худрӣ суол кардам ва ӯ гуфт: «Абре омаду борон борид ва андаруни хонае, ки сақфаш аз шохаҳои хурмо буд, об рехт. Ва он гоҳ барои намоз иқомат гуфтанд. Ва ман пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки болои обу лой саҷда мекард ва дар пешонии ӯ қадре лой боқӣ монда буд».*

**670.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Анас ибни Сирин ба мо нақл карда гуфт: аз Анас шунидам, ки мегуфт: *«Яке аз ансориён, ки марди бузургҷусса буд, ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ман бо ту (дар масҷид ҳамроҳи ҷамоат) намоз хонда наметавонам». Пас ӯ барои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, таоме сохт ва ӯро ба хонааш даъват кард. Он (мард) барои ӯ бӯрёе густурд ва як гӯшаи онро об зада шуст. (Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам), рӯи он ду ракъат намоз хонд. Марде аз Оли ал-Ҷоруд аз Анас пурсид: «Оё пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози чошт мехонд?» Гуфт: «Ба ғайри ҳамон рӯз дигар ман надидаам, ки ӯ намози чошт хонда бошад».*

## (42) Боб. Ҳар гоҳ таом ҳозир шаваду ба намоз иқомат гӯянд, (чӣ бояд кард)?

Ибни Умар аз хӯрдани хӯроки шом шурӯъ мекард.

Ва Абуддардоъ гуфт: «Аз фақоҳати шахс он аст, ки аввал ба ҳоҷати худ рӯй оварад, то битавонад бо дили фориғ ба намоз бипардозад».

**671.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Ҳишом, ки гуфт: падарам ба ман нақл карда гуфт: аз Оиша шунидам, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ хӯроки шом оранду ба намоз иқомат гӯянд, шумо аз тановули хӯроки шом шурӯъ кунед».*

**672.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Анас ибни Молик, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ*

*хӯроки шом оварда шавад, шумо қабл аз адои намози шом ба тановули хӯрок шурӯъ намоед ва аз он бошитоб барнахезед».*

**673.** Убайд ибни Исмоил ба мо нақл кард, аз Абӯусома, аз Убайдуллоҳ, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ барои касе аз шумо хӯроки шом оранду ба намоз иқомат гӯянд, бигузор ӯ аз тановули хӯрок шурӯъ намояд ва шитоб накунад, то ҳангоме ки аз он фориғ гардад».* Ҳар гоҳ барои Ибни Умар таом меоварданду ба намоз иқомат мегуфтанд, ӯ то фориғ шудан (аз тановули хӯрок) ва ҳатто баъди шунидани қироати имом ҳам ба хондани намоз намеомад».

**674.** Ва Зуҳайр ва Ваҳб ибни Усмон гуфтанд, аз Мӯсо ибни Уқба, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо барои тановули хӯрок нишаста бошад, агарчи ба намоз иқомат гӯянд, шитоб накунад ва эҳтиёҷи худро аз таом қонеъ гардонад».* Ин ҳадисро Иброҳим ибни ал-Мунзир, аз Ваҳб ибни Усмон, ривоят кард. Ва Ваҳб аз аҳли Мадина аст.

### (43) Боб. Ҳар гоҳ имом ба намоз даъват шаваду дар дасташ чизе хӯрданӣ бошад, (чӣ бояд кунад)?

**675.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ба мо нақл кард, аз Солеҳ, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Ҷаъфар ибни Амр ибни Умайя ба ман хабар дод, ки падараш ба ӯ гуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки аз гӯшти (бирёни) дасти гӯсфанд луқмаҳо бурида мехӯрд. Дар ин ҳангом ба намоз даъват карданд, ӯ аз ҷой бархосту кордро ба замин гузошт. Ва он гоҳ вузӯ накарда намоз хонд».*

### (44) Боб. Дар бораи касе, ки машғули корҳои рӯзгор бошад ва чун ба намоз иқомат гӯянд, берун ояд

**676.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: ал-Ҳакам ба мо нақл кард, аз Иброҳим, аз ал-Асвад, ки гуфт: аз Оиша пурсидам: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар хонааш бо чӣ корҳо машғул мешуд? Гуфт: «Ӯ ба меҳнати аҳлаш – (Оиша) хидмати аҳли хонаро дар назар дошт – машғул мешуд. Ва ҳар гоҳ вақти намоз фаро расад, барои намозхонӣ берун мерафт».*

## (45) Боб. Дар бораи касе, ки фақат бо мақсади омӯзондани тарзи намозхонӣ ва суннати пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо мардум намоз гузорад

**677.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: Айюб ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, ки гуфт: *«Молик ибни ал-Ҳувайрис ба ин масҷиди мо омаду гуфт: «Дарвоқеъ ман ҳамроҳи шумо намоз мехонам, лекин мақсади ман (сирф) намоз хондан нест, балки мехоҳам ба тарзи намозхонии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ман дидаам, намоз хонам. Ман (Айюб) ба Абӯқилоба гуфтам: «Ӯ чӣ тавр намоз мехонд?» Гуфт: «Айнан мисли ин шайхи мо. Ва шайхи мо дар ракъати аввал ҳангоми сар аз саҷда бардоштан, пеш аз он ки аз ҷой бархезад, андаке менишаст».*

## (46) Боб. Аҳли илму фазл барои имоматӣ кардан сазовортаранд

**678.** Исҳоқ ибни Наср ба мо нақл карда гуфт: Ҳусайн ба мо нақл кард, аз Зоида, аз Абдулмалик ибни Умайр, ки гуфт: Абӯбурда ба ман нақл кард, аз Абӯмӯсо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бемор шуд ва бемориаш шиддат гирифт, гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». Оиша ба ӯ гуфт: «Ба ростӣ, ӯ марди нармдил аст ва агар дар мақоми ту истад, ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорида наметавонад». Ӯ гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». (Оиша ҳамон ҷавобашро) такрор кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад, дар ҳақиқат шумо мисли занҳои ҳамсӯҳбати Юсуф ҳастед». Фиристода(-и пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) назди Абӯбакр рафт ва ӯ дар зиндагии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорид.*

**679.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша – модари мӯъминон, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Ба ростӣ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми беморӣ гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузо-*

*рад». Оиша гуфт: ман гуфтам: «Дарвоқеъ Абӯбакр агар дар мақоми ту истад, аз фишори гиря қироати намозро ба мардум шунавонида наметавонад. Ба Умар бифармо, ки ба мардум (имоматӣ карда) намоз хонад». Оиша гуфт: ба Ҳафса гуфтам: «Ба ӯ бигӯ, ки Абӯбакр агар дар мақоми ту истад, аз фишори гиря қироати намозро ба мардум шунавонида наметавонад. Ба Умар бифармо, ки ба мардум (имоматӣ карда) намоз хонад». Ҳафса ҳамчунин кард. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Бас кун! Дар ҳақиқат ҳам шумо занҳо мисли занони ҳамсӯҳбати Юсуф ҳастед. Ба Абӯбакр бифармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». Ҳафса ба Оиша гуфт: «Аз ту ҳеҷ некӣ надидам».*

**680.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Анас ибни Молик ал-Ансорӣ, ки доим дар паи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буд ва хидмату ҳамроҳии ӯро дошт, ба ман хабар дод: *«Ҳангоми дардмандии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки баъдан аз он дард фавтид, Абӯбакр ба мардум (имоматӣ карда) намоз мехонд, то рӯзи душанбе ҳам фаро расид. Ва мардум ҳама барои намоз дар сафҳо истода буданд, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, парда аз дари ҳуҷраи худ бардошт, ӯ рост истода ба сӯи мо нигоҳ кард, чеҳрааш мисли ранги саҳифаи варақи Қуръон буд ва хушҳолона табассум мекард. Мо бо дидани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз шодӣ қасд доштем мафтун шуда (аз намоз) берун оем. Абӯбакр барои ба саф пайвастан пуштнокӣ рафт, ӯ гумон кард, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои гузоридани намоз берун омаданист. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо ишора кард, ки намозро ба итмом расонед ва пардаро сар дод. Ӯ ҳамон рӯз вафот кард».*

**681.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ба мо нақл кард, аз Анас, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, се рӯз берун набаромад. Ба намоз иқомат гуфтанд, Абӯбакр рафта дар пеши намоз истоданӣ шуд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пардаи дари ҳуҷраро бардошт; ва вақте ки чеҳраи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳувайдо шуд, мо ҳаргиз манзаре хуштар аз чеҳраи пайғамбар, ҳангоми ба мо намоён шуданаш, надида будем. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо дасташ ба Абӯбакр ишорат кард, ки пеш гузарад. Ва пайғамбар,*

*салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пардаро сар дод. Дигар мо ӯро надидем, то он ки фавтид».*

**682.** Яҳё ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба мо нақл карда гуфт: Юнус ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Ҳамза ибни Абдуллоҳ, ки ӯ хабар дод, аз падараш, ки гуфт: *«Вақте ки дарди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шиддат гирифт, бо ӯ дар бораи хондани намоз гуфтугӯ карданд. Ӯ гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». Оиша гуфт: «Ба ростӣ, Абӯбакр марди нармдил аст. Ҳар гоҳ қироат кунад, гиря гулӯгираш мешавад». Гуфт: «Шумо ба ӯ бифармоед, ӯ намоз гузорад». Ман он ҷавоби аввалиро такрор кардам. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Шумо ба ӯ бифармоед, ӯ намоз гузорад. Дар ҳақиқат шумо мисли занони ҳамсӯҳбати Юсуф ҳастед». Аз-Зубайдӣ, бародарзодаи аз-Зуҳрӣ ва Исҳоқ ибни Яҳё ал-Калбӣ (дар ривояти ин ҳадис) ба Юнус пайравӣ кардаанд, аз аз-Зуҳрӣ. Ва Уқайл ва Маъмар гуфтанд, аз аз-Зуҳрӣ, аз Ҳамза, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

### (47) Боб. Дар бораи касе, ки бо сабабе дар паҳлӯи имом қарор гирад

**683.** Закарийё ибни Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Ибни Нумайр ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ибни Урва ба мо хабар дод, аз падараш, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзҳои бемориаш ба Абӯбакр фармуд, ки ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад. Ва ӯ дар намози онҳо имоматӣ мекард. Урва гуфт: «Боре пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, худро сабуктар ҳис карда берун баромад. Дид, ки Абӯбакр имоматӣ карда ҳамроҳи қавм намоз мехонд. Вақте ки Абӯбакр ӯро дид, худро қафо кашид. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ ишорат кард, ки дар ҳамон ҷоят бибош. Он гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рафта дар паҳлӯи Абӯбакр нишаст. Абӯбакр ба намози пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пайравӣ карда намоз мехонду мардум ба намози Абӯбакр пайравӣ карда намоз мехонданд».*

### (48) Боб. Дар бораи касе, ки пеш даромада ба намози мардум имоматӣ карданӣ шаваду дар ин ҳангом

**имоми аввал биёяд, он гоҳ каси пешдаромада хоҳ худро қафо кашад, хоҳ не, намозаш равост**

*Дар ин бора Оиша аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (ҳадисе) нақл кардааст.*

**684.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абӯҳозим ибни Динор, аз Саҳл ибни Саъд ас-Соъидӣ, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои ҷорӣ кардани сулҳу салоҳ миёни қабилаи Амр ибни Авф рафта буд, вақти намоз фаро расид, муаззин назди Абӯбакр омаду аз ӯ пурсид: «Оё ба намози мардум имоматӣ мекунӣ, то иқоматро гӯям? Гуфт: «Оре». Ва Абӯбакр (имоматӣ карда) намоз хонд. Дар ҳоле, ки мардум дар намоз буданд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад ва аз байни мардум барои худ роҳ кушода, рафта дар саффи аввал истод. Мардум (барои огоҳ намудани Абӯбакр) кафкӯбӣ карданд.*

*Аммо Абӯбакр дар вақти намоз ҳеҷ гоҳ ба гӯшаи чашм наменигарист. Ва чун мардум бисёр кафкӯбӣ карданд, ба гӯшаи чашм нигоҳ кард ва пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ ишора намуд, ки дар ҷоят бибош. Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, барои ин амри пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду дасташро боло бардошта Худоро сипосу ситоиш кард, сипас Абӯбакр ба қафо рафту ба саф баробар шуд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш даромаду намозро адо кард. Вақте ки аз намоз берун шуд, гуфт: «Эй Абӯбакр, вақте ки ба ту амр кардам, ки дар ҷоят бибош, чаро қафо омадӣ?» Абӯбакр гуфт: «Ба писари Абӯқуҳофа насазад, ки аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш гузашта намоз хонад». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ман дидам, ки шумо бисёр кафкӯбӣ кардед, чаро? Ҳар гоҳ ба касе аз шумо ҳангоми намоз чизе рӯй диҳад, бигузор «Субҳона-л-Лоҳ» гӯяд. Агар ӯ чунин гӯяд, ба ӯ таваҷҷӯҳ хоҳанд кард. Ба таҳқиқ кафкӯбӣ кори занон аст».*

**(49) Боб. Агар ҳама дар қироат баробар бошанд, калонсолтари онҳо бояд (дар намоз) имом шавад**

**685.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Абӯқилоба, аз Молик ибни

ал-Ҳувайрис, ки гуфт: *«Мо – чанд нафар ҷавонон, ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омадем ва тақрибан бист шаб назди ӯ мондем. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо меҳрубон буд. Ӯ гуфт: «Ҳар гоҳ ба хонаҳои худ баргардед, (динро) ба аҳли худ таълим диҳед ва ба онҳо бифармоед, ки фалон намозро фалон вақт ва фалон намозро фалон вақт хонанд. Ва чун вақти намоз фаро расад, бигузор яке аз шумо азон гӯяд ва ба сол бузургтаратон ба шумо имом шавад».*

## (50) Боб. Ҳар гоҳ имом ба боздиди қавме равад, дар намозашон имоматӣ кунад

**686.** Муъоз ибни Асад ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Маҳмуд ибни ар-Рабеъ ба ман хабар дода гуфт: аз Итбон ибни Молик ал-Ансорӣ шунидам, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, иҷозати даромадан хост. Ман ба ӯ иҷозат додам. Ӯ гуфт: «Дар куҷои хонаат мехоҳӣ, ки намоз хонам?» Ман ба ӯ ҷоеро, ки мехостам, нишон додам. Ӯ бархост ва мо аз пушти ӯ саф кашидем. Баъд ӯ салом доду мо ҳам салом додем».*

## (51) Боб. Имом барои он аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд

*Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми бемориаш, ки баъд аз он вафот кард, ба мардум (имоматӣ карда) нишаста намоз хонд. Ва Ибни Масъуд гуфт: «Агар касе сари худро пеш аз имом бардорад, дарҳол бозгардонад ва ба андозаи вақти сар бардоштанаш бимонад ва баъди он боз ба имом пайравӣ намояд». Ва ал-Ҳасан дар бораи касе, ки бо имом ду ракъат намоз хонда, вале саҷда карда натавониста бошад, гуфт: «Дар ракъати дуюм ду саҷда кунад, баъд ракъати аввалро бо саҷдаҳояш аз нав хонад». Ва дар бораи касе, ки саҷда карданро фаромӯш намуда, аз ҷой хеста бошад: «(Баргашта) саҷда кунад».*

**687.** Аҳмад ибни Юнус ба мо нақл карда гуфт: Зоида ба мо нақл кард, аз Мӯсо ибни Абӯоиша, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба, ки гуфт: *«Назди Оиша даромада аз ӯ хоҳиш кардам: «Оё ба ман дар бораи бемории пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чизе нақл намекунӣ?» Гуфт: «Бале, ҳоли пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вазнин шуд. Ӯ пурсид: «Мардум намоз хон-*

*данд?» Ба ӯ гуфтам: «Не, онҳо мунтазири туанд». Гуфт: «Барои ман дар тағора об резед». (Оиша) гуфт: «Ҳамчунон кардем». Ӯ ғусл кард ва хост, ки аз ҷой бихезад, вале аз ҳуш рафт. Баъдтар ба ҳуш омаду пурсид: «Мардум намоз хонданд?» Гуфтем: «Не, онҳо мунтазири туанд, эй пайғамбари Худо». Гуфт: «Барои ман дар тағора об резед». (Оиша) гуфт: «Ӯ бинишасту ғусл кард. Пасон хост, ки аз ҷой хезад, вале аз ҳуш рафт. Баъдтар ба ҳуш омаду пурсид: «Мардум намоз хонданд?» Гуфтем: «Не, онҳо мунтазири туанд, эй пайғамбари Худо». Гуфт: «Барои ман дар тағора об резед». Ӯ бинишасту ғусл кард. Пасон хост аз ҷой хезад, вале аз ҳуш рафт. Баъдтар ба ҳуш омаду гуфт: «Мардум намоз хонданд?» Гуфтем: «Не, онҳо мунтазири туанд, эй пайғамбари Худо». Ва мардум дар масҷид барои хондани намози ишои охир (хуфтан) мунтазири пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, менишастанд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба сӯи Абӯбакр кас фиристод, ки ба мардум (имоматӣ карда) намоз хонад. Фиристода назди Абӯбакр омаду гуфт: «Ҳамоно пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ту мефармояд, ки ба мардум (имоматӣ карда) намоз бихонӣ». Ва Абӯбакр, ки марди нармдил буд, гуфт: «Эй Умар, намозро бо мардум ту бихон!» Умар ба ӯ гуфт: «Ту ба ин кор сазовортар ҳастӣ». Ва Абӯбакр он рӯзҳо (имоматӣ карда) намозҳоро хонд. Баъдтар пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, худро сабуктар ҳис кард ва дар миёни ду мард, ки яке аз онҳо ал-Аббос буд, барои намози пешин берун омад. Дар он ҳангом Абӯбакр ба мардум (имоматӣ карда) намоз мехонд. Чун Абӯбакр ӯро дид, хост ақиб гардад. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ имо кард, ки ақиб нагардад ва гуфт: «Маро дар паҳлӯи ӯ нишонед». Ӯро дар паҳлӯи Абӯбакр нишонданд». (Убайдуллоҳ) гуфт: «Абӯбакр ба намози пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, иқтидо карда, истода намоз хонданро давом дод ва мардум ба намози Абӯбакр иқтидо карданд. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар вақти намоз) нишаста буд».* Убайдуллоҳ боз афзуд: «Назди Абдуллоҳ ибни Аббос даромадам ва ба ӯ гуфтам: «Оё намехоҳӣ, ман ба ту ҳадисеро арз кунам, ки Оиша ба ман дар бораи бемории пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нақл кард?» Гуфт: «Биёр». Ман ба ӯ ҳадиси Оишаро арз кардам. Ӯ аз он ҳадис чизеро инкор накарда ҳамаро тасдиқ намуд, ба ҷуз он ки гуфт: «Оё номи мардеро, ки ҳамроҳи ал-Аббос (дар паҳлӯи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) буд, Оиша ба ту гуфт?» Гуфтам: «Не». Гуфт: «Он

кас Алӣ буд».

**688.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша – модари мӯъминон, ки вай гуфт: *«Боре пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳоле, ки аз дард шикоят дошт, дар хонааш нишаста намоз хонд. Қавм аз пушти ӯ барои хондани намоз рост истоданд. Ӯ ба онҳо ишораи «бишинед» кард. Вақте ки аз намоз берун шуд, гуфт: «Имом барои он аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд. Ҳар гоҳ имом ба рукӯъ равад, шумо ҳам ба рукӯъ равед ва ҳар гоҳ сар бардоред, шумо низ сар бардоред. Ва ҳар гоҳ нишаста намоз хонад, шумо ҳам нишаста намоз хонед».*

**689.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Анас ибни Молик, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савори асп шуд ва аз он афтоду паҳлӯи росташ сахт харошида шуд. Пас, яке аз намозҳоро нишаста адо намуд. Мо низ аз пушти ӯ намозро нишаста хондем. Вақте ки аз намоз берун шуд, гуфт: «Имом барои он аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд. Агар ӯ рост истода намоз гузорад, шумо ҳам истода намоз хонед; ва агар ба рукӯъ равад, шумо ҳам рукӯъ кунед; ва агар сарашро бардорад, шумо ҳам бардоред; ва чун гӯяд: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар касеро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), шумо гӯед: «Раббано ва лака-л-ҳамду» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Турост); ва агар рост истода намоз гузорад, шумо ҳам истода намоз хонед; ва агар нишаста намоз гузорад, шумо низ ҳама нишаста намоз хонед».*

Абӯабдуллоҳ гуфт: ал-Ҳумайдӣ гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суханони худ: «Агар имом нишаста намоз гузорад, шумо ҳам нишаста намоз хонед»-ро дар бемории пешинааш гуфта буд. Баъди он ҳам пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нишаста намоз гузорид ва мардум аз пушти ӯ рост истода намоз хонданд, вале ӯ ба онҳо нафармуд, ки бинишинанд. Дарвоқеъ охирин (чиз), яъне охирин аз кардаҳои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба эътибор гирифта мешавад».

## (52) Боб. Шахси ба имом иқтидокунанда кай саҷда кунад?

*Анас гуфт: «Ҳар гоҳ саҷда кунад, шумо ҳам саҷда кунед».*

**690.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл кард, аз Суфён, ки гуфт: Абӯисҳоқ ба ман нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Язид ба ман нақл карда гуфт: ал-Баро, ки дурӯғгӯ набуд, ба ман нақл карда гуфт: *«Ҳар гоҳ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мегуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар касеро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), касе аз мо то ба саҷда рафтани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пушташро хам намекард. Сипас, баъди ӯ мо низ ба саҷда мерафтем».*

Ҳадисе монанди инро Абӯнуъайм ба мо нақл кард, аз Суфён, аз Абӯисҳоқ.

## (53) Боб. Андар гуноҳи касе, ки сарашро пеш аз имом (аз саҷда) бардорад

**691.** Ҳаҷҷоҷ ибни Минҳол ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни Зиёд, ки гуфт: аз Абӯҳурайра шунидам, ки аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Оё касе аз шумо аз он натарсад, – ё эй, касе аз шумо аз он наметарсад – ки агар сарашро пеш аз имом бардорад, Худо сари ӯро сари хар гардонад – ё сурати ӯро Худо сурати хар гардонад?»*

## (54) Боб. Андар ҷоиз будани имоматии ғулом ва мавло (ғуломи озодшуда)

*Ва ба (намози) Оиша ғуломаш Заквон аз рӯи Мусҳаф қироат карда имоматӣ мекард*

Ва (ҷоиз будани имоматии) валадуззино, аъробӣ ва писарбачае, ки эҳтилом нашудааст, бинобар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Аз онҳо ҳар кӣ ба қироати Китоби Худо беҳтар бошад, имоматӣ кунад».* Ва ғулом бе сабаб аз намози ҷамоат манъ карда нашавад.

**692.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Анас ибни Иёз ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: *«Вақте ки муҳоҷирони нахустин пеш аз омадани пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ал-Усба – мавзеъе дар Қубо – омаданд, Солим – мавлои Абӯҳузайфа, дар намоз ба онҳо имоматӣ мекард. Ва ӯ дар байни онҳо беш аз дигарон Қуръон хонда буд».*

**693.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба

мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Абуттайёҳ ба ман нақл кард, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Агар ҳабашие, ки сараш мисли мавиз (сиёҳу хурд) аст, ба шумо пешво таъйин шавад, (дар тоати Худо) ба суханони ӯ гӯш диҳед ва ба ӯ итоат намоед».*

## (55) Боб. Агар имом намозро мукаммал адо накунад, аз пушти ӯ будагон онро мукаммал кунанд

**694.** Ал-Фазл ибни Саҳл ба мо нақл карда гуфт: ал-Ҳасан ибни Мӯсо ал-Ашяб ба мо нақл карда гуфт: Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ ибни Динор ба мо нақл кард, аз Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Имомон барои шумо намозро адо мекунанд. Ва чун намозро дуруст адо кунанд, савобаш аз они шумост ва ҳар гоҳ хато кунанд, низ савобаш аз они шумо ва гуноҳаш ба онҳост».*

## (56) Боб. Андар имоматӣ кардани мафтун ва бидъаткор

*Ва ал-Ҳасан гуфт: «Ту намозатро бихон, (ваболи) бидъат(-и имом) ба (гардани худи) ӯст».*

**695.** Абӯабдуллоҳ гуфт: ва Муҳаммад ибни Юсуф ба мо гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо нақл кард: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Ҳумайд ибни Абдурраҳмон, аз Убайдуллоҳ ибни Адӣ ибни Хиёр, *ки ӯ ҳангоми ба муҳосира афтодани Усмон ибни Аффон, разия-л-Лоҳу анҳу, наздаш даромаду гуфт: «Имоми (ҳақиқии) кулл ту ҳастӣ, мо дидаем, ки ба сари ту чиҳо омад. Ва имоми фитнагаре ба намози мо имоматӣ мекунад, мо дар ҳолати ҳараҷ мондаем». Ӯ гуфт: «Аз корҳое, ки мардум мекунанд, некӯтаринаш намоз аст ва мардум некӯӣ кунанд, ту ҳам ҳамроҳи онҳо некӯӣ кун; ва агар корҳои бад кунанд, ту аз бадии онҳо худро канор гир».*

Ва аз-Зубайдӣ гуфт: аз-Зуҳрӣ гуфт: «Ба назари мо набояд, ки аз пушти муханнас истода намоз хонанд, магар он ки зарурати ногузире пеш ояд».

**696.** Муҳаммад ибни Абон ба мо нақл кард: Ғундар ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Абуттайёҳ, ки вай аз Анас ибни Молик шунид, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Абӯзарр гуфт: *«(Ба суханони пешвои худ) агарчи ҳабашие бошад, ки сараш мисли мавиз (сиёҳу хурд) аст, гӯш деҳ ва ба ӯ*

*итоат кун».*

## (57) Боб. Агар намозгузорон ду нафар бошанд, яке дар паҳлӯи рост баробари имом истад

**697.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Ҳакам, ки гуфт: аз Саъид ибни Ҷубайр шунидам, ки аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: *«Шабе дар хонаи холаам Маймуна монда будам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози хуфтанро (дар масҷид) адо намуд, баъд омаду чаҳор ракъат намоз хонд, пасон бихуфт. Сипас бархосту ба намоз истод. Ман аз паҳлӯи чапаш истодам. Ӯ маро ба паҳлӯи росташ гузаронид. Он гоҳ панҷ ракъат намоз хонд ва боз ду ракъат намоз гузорид. Баъди он бихуфт, то ман дар хоб садои хуррок кашиданашро шунидам. Сипас барои адои намоз берун рафт».*

## (58) Боб. Агар мард дар тарафи чапи имом истад ва имом ӯро ба тарафи рости худ гузаронад, намози ҳар ду фосид нашавад

**698.** Аҳмад ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба мо нақл карда гуфт: Амр ба мо нақл кард, аз Абдураббиҳ ибни Саъид, аз Махрама ибни Сулаймон, аз Курайб – мавлои Ибни Аббос, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Дар хонаи Маймуна хоб рафтам ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамон шаб назди ӯ буд. Ӯ вузӯ кард. Баъди он ба намоз истод, ман аз тарафи чапи ӯ истодам, ӯ маро ба тарафи росташ гузаронид ва сездаҳ ракъат намоз хонд. Пасон бихуфт, то хуррок кашид. Ӯ вақте ки хоб мерафт, хуррок мекашид. Баъди он муаззин назди ӯ омад. Ӯ берун рафту намоз хонд, вале вузӯ накард».*

Амр гуфт: ин ҳадисро ба Букайр нақл кардам. Ӯ гуфт: айнан ҳаминро ба ман Курайб нақл кард.

## (59) Боб. Ҳар вақт имом бе нияти имоматӣ намоз гузориданӣ бошаду баъдтар қавм биёянд, ӯ ба онҳо имоматӣ кунад

**699.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Иброҳим ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Абдуллоҳ ибни Саъид ибни Ҷубайр,

аз падараш, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Шабе дар хонаи холаам мондам. Посе аз шаб пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту ба намоз истод. Ман ҳам бархостам ва барои хондани намоз аз тарафи чапи ӯ истодам, вале ӯ аз паси сарам гирифта, маро ба тарафи росташ гузаронид».*

## (60) Боб. Агар имом намозро ба дарозо адо кунад ва иқтидокунандаро ҳоҷат пеш ояд, аз саф бароянд ва (баъдан худ) намоз гузорад

**700.** Муслим ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Амр, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, *ки Муъоз ибни Ҷабал ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонд. Баъдан бармегашту ба намози қавмаш имоматӣ мекард.*

**701.** (Ва ба исноди дигар) Муҳаммад ибни Башшор ба ман нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Амр, ки гуфт: аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ шунидам, ки гуфт: *«Муъоз ибни Ҷабал ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонд, баъдан бармегашту ба намози қавмаш имоматӣ мекард. Боре ӯ дар хондани намози хуфтан имоматӣ кард ва сураи «Бақара»-ро қироат намуд. Марде аз саф берун шуд. Зоҳиран Муъоз ӯро сарзаниш кард. Ин хабар ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, расид. Ӯ ба Муъоз гуфт: «Ту фаттонӣ, ту фаттонӣ, ту фаттонӣ» – ё гуфт: «Ту фитнагарӣ, ту фитнагарӣ, ту фитнагарӣ». Ва ба ӯ ду сура аз сураҳои муфассали миёна (яъне на дароз ва на кӯтоҳ)-ро фармуд, ки дар намоз қироат кунад». Амр гуфт: «Ман номи он ду сураро фаромӯш кардам».*

## (61) Боб. Имом дар намоз қиёмро сабук ва рукӯъу суҷудро пурра анҷом диҳад

**702.** Аҳмад ибни Юнус ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл карда гуфт: аз Қайс шунидам, ки гуфт: Абӯмасъуд ба ман хабар дод, ки марде гуфт: *«Эй пайғамбари Худо, валлоҳ, ки ман аз он сабаб ба намози бомдоди ҷамоат намеоям, ки фалонӣ ин намозро ба дарозо адо мекунад». Он рӯз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми гуфтани ваъзончунон дар ғазаб буд, ки ӯро қаблан ғазабноктар аз он надида будам. Ӯ гуфт: «Ба ростӣ, дар байни шумо касоне ҳастанд, ки (мардумро аз ислом) дур мекунанд. Ва ҳар кӣ аз шу-*

*мо чун ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад, пас бигузор (намозро) осонтар карда хонад, зеро ки дар байни намозгузорон шахсони заиф, калонсол ва ҳоҷатманд низ албатта ҳастанд».*

## (62) Боб. Ҳар гоҳ касе танҳо намоз гузорад, ҳар қадар хоҳад ба дарозо кашад

**703.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад, бигузор сабук гузорад, зеро дар байни мардум шахсони заиф, бемор ва калонсол низ, албатта, ҳастанд. Ва ҳар гоҳ худ танҳо намоз гузорад, бигузор ҳар қадар хоҳад, ба дарозо кашад».*

## (63) Боб. Дар бораи касе, ки агар имомаш намозро ба дарозо кашад, аз ӯ шикоят кунад

Ва Абӯусайд гуфт: «Писарам, намозамонро дароз гузоридӣ».

**704.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Исмоил ибни Абӯхолид, аз Қайс ибни Абӯҳозим, аз Абӯмасъуд, ки гуфт: *марде гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба ростӣ, ман ба сабаби он ки фалонӣ намозро ба дарозо адо мекунад, ба хондани намози бомдоди ҷамоат намеоям». Ҳамон рӯз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чунон ба ғазаб омад, ки ман ҳеҷ гоҳ ин андоза ба ғазаб омадани ӯро надида будам. Ӯ гуфт: «Эй мардум, аз ҷумлаи шумо касоне ҳастанд, ки (одамонро аз ислом) дур мекунанд. Ва ҳар кӣ ба мардум имоматӣ кунад, бигузор (намозро) сабуктар карда хонад, зеро дар паси ӯ заифе, калонсоле ва ҳоҷатманде низ, албатта, ҳаст».*

**705.** Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Муҳориб ибни Дисор ба мо нақл карда гуфт: аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ал-Ансорӣ шунидам, ки гуфт: *«Шаб торик шуд, ки марде бо ду шутури обкаш омад ва Муъозро дид, ки намоз мехонад. Ӯ шутурон раҳо кард ва рӯ ба Муъоз овард. Муъоз сураи «Бақара» – ё «Нисо»-ро қироат кард. Он мард (ҷамоат) тарк карда рафт. Ба ӯ хабар доданд, ки Муъоз ӯро сарзаниш кардааст. Он мард назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омада аз Муъоз шикоят кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эй Муъоз, оё ту фаттон*

*ҳастӣ? – ё оё ту фитнагар ҳастӣ? (се бор). – Чаро дар намоз «Саббиҳи-сма раббика» (сураи «Аъло»), «Ва-ш-шамси ва зуҳоҳо» (сураи «Шамс») ва «Ва-л-лайли изо яғшоҳо» (сураи «Лайл»)-ро нахондӣ ва ҳол он ки дар пушти ту калонсоле, заифе ва ҳоҷатманде истода намоз мехонад». (Шуъба гуфт): «Ман чунин мепиндорам, ки ин (ҷумлаи охирин низ) дар зимни ҳадис аст».*

(Абӯабдуллоҳ гуфт:) Саъид ибни Масруқ, Мисъар ва аш-Шайбонӣ (дар ривояти ин ҳадис ба Шуъба) пайравӣ кардаанд.

Амр, Убайдуллоҳ ибни Миқсам ва Абӯзубайр гуфтанд, аз Ҷобир: «Муъоз дар намози хуфтан сураи «Бақара»-ро хонд». Ал-Аъмаш (дар ривояти ин ҳадис ба Шуъба) пайравӣ кардааст, аз Муҳориб.

## (64) Боб. Андар муҷаз ва мукаммал хондани намоз

**706.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ба мо нақл кард, аз Анас, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намозро муҷаз ва мукаммал мехонд».*

## (65) Боб. Дар бораи касе, ки бо шунидани гиряи тифл намозро сабук кунад

**707.** Иброҳим ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: ал-Валид ба мо хабар дода гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш – Абӯқатода, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ба ростӣ, ман ҳар гоҳ ба намоз меистам, мехоҳам, ки онро дароз хонам, вале гиряи тифлеро шунавам, намозро сабук мекунам, зеро намехоҳам, ки модари тифл ба машаққат афтад».*

(Дар ривояти ин ҳадис) Бишр ибни Бакр, Ибни ал-Муборак ва Бақия ба ал-Валид пайравӣ кардаанд, аз ал-Авзоъӣ.

**708.** Холид ибни Махлад ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ибни Билол ба мо нақл карда гуфт: Шарик ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: аз Анас ибни Молик шунидаам, ки мегуфт: *«Ман ҳаргиз дар паси имоме намоз нахондаам, ки намозро аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сабуктару мукаммалтар гузорида бошад. Ҳар гоҳ ӯ гиряи тифлро мешунид, аз хавфи он ки мабодо модараш ба гуноҳ афтад, намозро сабук мекард».*

**709.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл карда гуфт: Саъид ба мо нақл карда гуфт: Қатода ба мо нақл кард, ки Анас ибни Молик ба ӯ нақл кард, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ростӣ ки чун ба намоз мепардозам, мехоҳам онро дароз гузорам. Вале гиряи тифлро, ки шунидам, намозро сабук мегузорам, зеро аз гиряи ӯ сахт мутаассир шудани модарашро медонам».*

**710.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯадӣ ба мо нақл кард, аз Саъид, аз Қатода, аз Анас ибни Молик, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ба ростӣ ки чун ба намоз мепардозам, мехоҳам онро дароз хонам. Вале гиряи тифлро шунида онро сабук мехонам, зеро аз гиряи тифл сахт мутаассир шудани ӯро медонам».*

Ва (ба исноди дигар ҳадисе) монанди инро Мӯсо гуфт: Абон ба мо нақл кард: Қатода ба мо нақл карда гуфт: Анас ба мо нақл кард, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (66) Боб. Дар бораи касе, ки намоз гузорад ва баъдан ба намози қавме имоматӣ кунад

**711.** Сулаймон ибни Ҳарб ва Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфтанд: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Амр ибни Динор, аз Ҷобир, ки гуфт: *«Муъоз ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонд, сипас назди қавмаш омада ба намози онҳо имоматӣ мекард».*

## (67) Боб. Дар бораи касе, ки такбири имомро такрор кунад, то ба мардум шунавонад

**712.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Довуд ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Иброҳим, аз ал-Асвад, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Вақте ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гирифтори беморие шуд, ки оқибат аз он вафот кард, Билол назди ӯ омад ва ба ӯ азони намозро гуфт. Ӯ гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед, то намозро (имоматӣ карда) гузорад». Гуфтам: «Ба ростӣ, Абӯбакр марди нармдил аст. Агар дар мақоми ту истад, гиряаш ояд ва қироат карда натавонад». Гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед, то (имоматӣ карда) намоз гузорад». Ман ҳамон суханамро такроран гуфтам. Ӯ дар дафъаи сеюм*

*ё чаҳоруми гуфтани он суханон афзуд: «Ба ростӣ ки шумо мисли занони ҳамсӯҳбати Юсуф ҳастед. Ба Абӯбакр бифармоед, то (имоматӣ карда) намоз гузорад». Абӯбакр намоз гузорид. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар миёни ду мард бо ёрии онҳо берун омад ва пойҳо устувор ба замин гузошта натавонистани ӯ ҳанӯз пеши назарам ҳаст. Чун Абӯбакр ӯро дид, пуштнокӣ рафтан оғоз кард. Вале пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ ишора кард, ки намоз хонад. Пас, Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, пуштнокӣ рафт ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар паҳлӯи ӯ нишаст. Абӯбакр такбири (ӯро) ба мардум мешунавонид».* Муҳозир (дар ривояти ин ҳадис ба Абдуллоҳ ибни Довуд) пайравӣ кардааст, аз ал-Аъмаш.

### (68) Боб. Андар раво будани иқтидои марде ба имом ва ба он муқтадӣ иқтидо кардани мардум

Ва аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зикр шудааст: «Шумо ба ман иқтидо кунед ва касоне, ки дар пушти шумоанд, бигузор ба шумо иқтидо кунанд».

**713.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Абӯмуъовия ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Иброҳим, аз ал-Асвад, аз Оиша, ки гуфт: *«Чун аҳволи саломатии пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вазнин шуд, Балол омад ва барои ӯ азони намоз гуфт. Ӯ гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». Гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, ба ростӣ, Абӯбакр марди нармдил аст. Ва ҳар гоҳ, ки ӯ дар мақоми ту истад, (қироат ва такбирро) ба мардум шунавонида натавонад. Чӣ мешуд, ки ин корро ба Умар фармоӣ». Ӯ гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед (имоматӣ карда) намоз гузорад». Ман ба Ҳафса гуфтам: «Ба ӯ бигӯ, ки Абӯбакр марди нармдил аст ва ҳар вақт, ки дар мақоми ту истад, (қироатро) ба мардум шунавонида наметавонад. Чӣ мешуд, ки ин корро ба Умар фармоӣ». Ӯ гуфт: «Дар ҳақиқат шумо мисли занҳои ҳамсӯҳбати Юсуф ҳастед. Ба Абӯбакр фармоед, то ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». Ҳангоме ки Абӯбакр дохили намоз мешуд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, худро сабуктар ҳис кард ва дар ҳоле, ки пойҳояшро устувор ба замин гузошта наметавонист, дар байни ду мард бо ёрии онҳо ба масҷид даромад. Чун Абӯбакр садои (омадани) ӯро шунида, пуштнокӣ раф-*

*тан огоз кард, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ имо кард, (ки биистад). Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омада дар паҳлӯи чапи Абӯбакр бинишаст. Абӯбакр рост истода ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нишаста намоз мехонданд. Абӯбакр ба намози пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва мардум ба намози Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, иқтидо мекарданд.*

## (69) Боб. Оё имом ҳангоми шак (дар намоз) ба сухани мардум амал мекунад?

**714.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик ибни Анас, аз Айюб ибни Абӯтамима ас-Сахтаёнӣ, аз Муҳаммад ибни Сирин, аз Абӯҳурайра, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, боре ду ракъат хонда, аз намоз берун омад. Зулядайн ба ӯ гуфт: «Эй пайғамбари Худо, намозро қаср намудӣ ё фаромӯш кардӣ?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (ба мардум) гуфт: «Оё Зулядайн рост мегӯяд?» Мардум гуфтанд: «Оре». Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту ду ракъати дигар гузорид. Баъд салом дод ва такбир гуфт. Ва он гоҳ монанди ҳарвақта ё тӯлонитар аз он саҷда кард.*

**715.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Саъд ибни Иброҳим, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози пешинро ду ракъат хонд. Ба ӯ гуфтанд: «Ду ракъат хондӣ». Ӯ боз ду ракъат хонд ва салом дод. Баъди он ду бор саҷда кард».*

## (70) Боб. Агар имом дар намоз гиря кунад, (оё намоз фосид мешавад)?

Ва Абдуллоҳ ибни Шаддод гуфт: «Ман мавриде, ки дар саффи охирин будам, садои гиряолуди Умарро шунидам, ки (ин оят) қироат мекард: «Ҷуз ин нест, ки ғами сахту андӯҳи худро ба Худо баён мекунам» (12:86).

**716.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ибни Анас ба мо нақл кард, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша – модари мӯъминон, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми бемориаш гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». Оиша гуфт: «Гуфтам: ба*

*ростӣ, Абӯбакр ҳар гоҳ дар мақоми ту истад, аз хурӯҷи гиря (қироати намозро) ба мардум шунавонида наметавонад. Ба Умар бифармо, ки намозро хонад». Ӯ гуфт: «Ба Абӯбакр бифармоед ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорад». Оиша гуфт: ба Ҳафса гуфтам: «Ба ӯ бигӯ, ки агар Абӯбакр дар мақоми ту истад, аз хурӯҷи гиря (қироати намозро) ба мардум шунавонида наметавонад. Ба Умар бифармо, ки ба мардум (имоматӣ карда) намозро хонад». Ҳафса ҳамчунин кард. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Бас кун! Дар ҳақиқат ҳам шумо занҳо мисли занони ҳамсӯҳбати Юсуф ҳастед. Ба Абӯбакр фармоед, то ба мардум (имоматӣ карда) намозро гузорад». Ҳафса ба Оиша гуфт: «Аз ту ҳеҷ некӣ надидам».*

## (71) Боб. Баробар кардани сафҳо ҳангоми гуфтани иқомат ва баъди он

**717.** Абулвалид Ҳишом ибни Абдулмалик ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард: Амр ибни Мурра ба ман хабар дода гуфт: аз Солим ибни Абулҷаъд шунидам, ки гуфт: аз ан-Нӯъмон ибни Башир шунидам, ки мегуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба Худо қасам, сафҳои худро баробар кунед, вагарна Худо рӯйҳои шуморо ба ҳам мухолиф мегардонад».*

**718.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл кард, аз Абдулазиз, аз Анас, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Сафҳоро рост кунед, зеро ман шуморо аз паси пушти худ ҳам мебинам».*

## (72) Боб. Ҳангоми баробар кардани сафҳо ба мардум рӯй овардани имом

**719.** Аҳмад ибни Абӯраҷо ба мо нақл карда гуфт: Муъовия ибни Амр ба мо нақл карда гуфт: Зоида ибни Қудома ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ат-Тавил ба мо нақл карда гуфт: Анас ба мо нақл карда гуфт: *«Ба намоз иқомат гуфтанд ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯ ба ҷониби мо гардонида гуфт: «Сафҳоятонро рост кунед ва ба ҳам зич истед, зеро ман шуморо аз паси пушти худ ҳам мебинам».*

## (73) Боб. Саффи аввал

**720.** Абӯосим ба мо нақл кард, аз Молик, аз Сумай, аз Абӯсолеҳ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Шаҳидон инҳоянд: касе, ки ғарқ шуда мурда бошад; касе, ки аз тоун мурда бошад; касе, ки аз дарди шикам мурда бошад; касе, ки зери девор (ё чизи дигар) монда бошад».*

**721.** Ва (ба исноди дигар, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам), гуфт: *«Агар мардум медонистанд барвақт омадан барои адои намози пешин чӣ савобе дорад, (дар омадан) бар якдигар сабқат мекарданд ва агар медонистанд, ки дар хондани намозҳои хуфтану бомдод чӣ (савобе) ҳаст, агарчи ба тариқи хазидан бошад ҳам, худро ба ин ду (намоз) мерасониданд. Ва агар медонистанд, ки дар истодан дар саффи пеши намоз чӣ (савобе) ҳаст, байни худ қуръа зада, дар ин саф меистоданд».*

### (74) Боб. Рост кардани сафҳо аз (ҷумлаи) мукаммал шудани намоз аст

**722.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо нақл карда гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз Ҳаммом, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Имом барои он аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд, пас бо ӯ ихтилоф накунед, чун ба рукӯъ равад, шумо ҳам ба рукӯъ равед; ва чун гӯяд: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар касро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), гӯед: «Раббано лака-л-ҳамду» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Турост); чун ба саҷда равад, шумо ҳам саҷда кунед; ва ҳар гоҳ нишаста намоз гузорад, шумо ҳам нишаста намоз хонед. Ва дар намоз сафро рост кунед, зеро ки рост кардани саф аз (ҷумлаи) ҳусни (адои) намоз аст».*

**723.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Сафҳоятонро баробар кунед, зеро ки баробар кардани сафҳо аз (ҷумлаи) барпо доштани намоз аст».*

### (75) Боб. Андар гуноҳи касе, ки сафҳоро пурра накунад

**724.** Муъоз ибни Асад ба мо нақл карда гуфт: ал-Фазл ибни Мӯсо ба мо хабар дода гуфт: Саъид ибни Убайд ат-Тоӣ ба мо хабар дод, аз Бушайр ибни Ясор ал-Ансорӣ, аз Анас ибни Молик, *ки ба Мадина баргашт, аз ӯ пурсиданд: «Аз бозе, ки бо пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, паймон бастаӣ,*

*чӣ кореро аз мо хилоф дарёфтаӣ?» Гуфт: «Ман ба ҷуз он ки шумо сафҳоро рост намекунед, коре хилоф надидаам».*

Ва (ба исноди дигар) Уқба ибни Убайд гуфт, аз Бушайр ибни Ясор: «Анас ибни Молик назди мо ба Мадина омад» – ва ин ҳадисро овард.

### (76) Боб. Андар китф ба китф ва пой ба пои якдигар расонида истодан дар саф

Ва ан-Нӯъмон ибни Башир гуфт: «Ман дидам, ки марде аз мо шитоланг ба шитоланги ҳамсафаш мерасонид».

**725.** Амр ибни Холид ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл кард, аз Ҳумайд, аз Анас, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Сафҳоятонро рост кунед, ба ростӣ, ман шуморо аз паси пушти худ ҳам мебинам». Ва ҳар яке аз мо китф ба китф ва пой ба пои ҳамсафаш мерасонид.*

### (77) Боб. Ҳар гоҳ шахс аз тарафи чапи имом истад ва имом ӯро аз пушти худ гардонида ба тарафи рост гузаронад, намозаш саҳеҳ хоҳад буд

**726.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Довуд ба мо нақл кард, аз Амр ибни Динор, аз Курайб – мавлои Ибни Аббос, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Шабе бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз хондам. Ман аз тарафи чапи ӯ истодам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз паси пушти сарам гирифта, маро ба тарафи росташ гузаронид. Он гоҳ намоз гузорид ва бихуфт. Пас муаззин наздаш омад. Ӯ бархосту намоз гузорид, вале вузӯ накард».*

### (78) Боб. Оё зан худаш танҳо як саф мешавад?

**727.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Исҳоқ, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Ман ва ятиме, ки дар хонаи мо буд, аз пушти пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва модарам Умм Сулайм аз пушти мо истода намоз хондем».*

### (79) Боб. Ҷой гирифтан дар ҷониби рости масҷид ва аз паҳлӯи рости имом

**728.** Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Собит ибни Язид ба мо нақл кард: Осим ба мо нақл кард, аз аш-Шаъбӣ, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Шабе аз паҳлӯи чапи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба намоз истодам. Ӯ аз дасти ман – ё (гуфт): «бозуи ман» – гирифта ба тарафи росташ гузаронд ва бо досташ аз пуштам дошт».*

## (80) Боб. Агар байни имом ва қавм деворе ё сутрае бошад, (оё намоз гузоридан дуруст аст)?

Ва ал-Ҳасан гуфт: «(Агар дар мавқеъе) намоз бихонӣ, ки байни туву имом рӯде бошад, боке надорад». Ва Абӯмиҷлаз гуфт: «Ҳар кӣ такбири имомро шунавад, ба ӯ иқтидо кунад, агарчи байнашон роҳе ё деворе бошад».

**729.** Муҳаммад ба ман нақл карда гуфт: Абда ба ман хабар дод, аз Яҳё ибни Саъид ал-Ансорӣ, аз Амра, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабона дар ҳуҷрааш намоз мехонд ва девори ҳуҷра паст буд. Мардум шабаҳи пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, диданд. Чанде аз онҳо ба намози ӯ иқтидо карда, намоз гузориданд. Субҳ дар ин бора бо ҳам сӯҳбат карданд. Шаби дигар низ ба намоз истод. Мардум ҳам истоданду ба намозаш иқтидо карда намоз гузориданд. Ду ё се шаб чунин карданд, то дафъаи дигар пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, биништаст ва ба намоз набаромад. Чун субҳ шуд, мардум аз ӯ дар ин бора пурсиданд. Ӯ гуфт: «Ман тарсидам, ки мабодо намози шаб ба шумо фарз гардад».*

## (81) Боб. Намози шаб

**730.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абулфудайк ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз ал-Мақбурӣ, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бурёе дошт, ки онро рӯзона мегустурд ва шабона (мисли девор) онро (бар худ) ҳуҷра мегирифт. Мардум шабона ҷамъ омада аз пушти ӯ намоз мехонданд.*

**731.** Абдулаъло ибни Ҳаммод ба мо нақл карда гуфт:

Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: Мӯсо ибни Уқба ба мо нақл кард, аз Солим Абунназр, аз Буср ибни Саъид, аз Зайд ибни Собит, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар моҳи Рамазон барои худ ҳуҷрае гирифт. – (Буср ибни Саъид) гуфт: «Ба гумонам (Зайд ибни Собит) гуфт: («ҳуҷрае) аз бурё сохт». – Ва шабҳо дар он намоз мехонд. Чанде аз ёронаш ба намози ӯ иқтидо карда намоз хонданд. Чун аз кори онҳо пай бурд, вонамуд кард, ки менишинад, пасон назди онҳо баромад ва гуфт: «Ман дидаму фаҳмидам, ки шумо чӣ кор мекунед. Эй мардум, дар хонаатон намоз гузоред, зеро ба ҷуз намози фарз беҳтарин намоз ҳамон аст, ки шахс дар хонааш гузорад».*

## БОБҲОИ СИФАТИ НАМОЗ

### (82) Боб. Воҷиб будани такбир дар ифтитоҳи намоз

**732.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Анас ибни Молик ал-Ансорӣ ба ман хабар дод, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савори асп шуд ва паҳлӯи росташ сахт харошида шуд. Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Ва ҳамон рӯз яке аз намозҳои моро нишаста имоматӣ карда адо намуд; мо низ аз қафои ӯ намозро нишаста хондем. Баъд вақте ки салом дод, гуфт: «Имом барои он аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд, агар ӯ рост истода намоз гузорад, шумо ҳам рост истода намоз хонед; ва агар ба рукӯъ равад, шумо ҳам рукӯъ кунед; ва агар сарашро бардорад, шумо ҳам бардоред; ва агар ба саҷда равад, шумо ҳам саҷда кунед; ва чун гӯяд: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар касеро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), шумо гӯед: «Раббано ва лака-л-ҳамду» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Туро аст)».*

**733.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Лайс ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Анас ибни Молик, ки ӯ гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз асп афтиду (паҳлӯяш) сахт харошида шуд. Пас ӯ нишаста ба мо (имоматӣ карда) намоз гузорид, мо ҳам нишаста намоз хондем. Чун аз намоз берун шуд, гуфт: «Ҳамоно имом барои он аст, – ё (гуфт): «ҳамоно имом гузошта шудааст», – то ки ба ӯ иқтидо кунанд; агар такбир гӯяд, шумо ҳам такбир гӯед; агар ба рукӯъ*

*равад, шумо ҳам ба рукӯъ равед; агар сарашро бардорад, шумо ҳам бардоред; чун гӯяд: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар касеро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), шумо гӯед: «Раббано лака-л-ҳамду» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Туростˮ); ва агар ба саҷда равад, шумо ҳам ба саҷда равед».*

**734.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дода гуфт: Абуззинод ба ман нақл кард, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Имом барои он гузошта шудааст, ки ба ӯ иқтидо кунанд: агар ӯ такбир гӯяд, шумо ҳам такбир гӯед; агар ба рукӯъ равад, шумо ҳам рукӯъ кунед; чун гӯяд: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар касеро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), шумо гӯед: «Раббано ва лака-л-ҳамду» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Туростˮ); агар ба саҷда равад, шумо ҳам саҷда кунед; агар нишаста намоз гузорад, шумо ҳам нишаста намоз хонед».*

## (83) Боб. Ҳангоми такбири таҳрима баробари ифтитоҳи намоз боло кардани ду даст

**735.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Ибни Шиҳоб, аз Солим ибни Абдуллоҳ, аз падараш, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки намозро ифтитоҳ мекард ва ҳамчунин вақте ки барои рукӯъ «Аллоҳу акбар» мегуфт, дастҳо баробари ду китф боло мекард. Ва ҳамчунин ҳангоми аз рукӯъ бардоштани сар низ дастҳо боло карда мегуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ, Раббано ва лака-л-ҳамду»» (Худо дуои ҳар касеро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад, Парвардигоро, сипосу ситоиш Туростˮ). Вале ҳангоми ба саҷда рафтан ин корро намекард.*

## (84) Боб. Боло кардани дастон ҳангоми такбири таҳрима гуфтан, мавриди ба рукӯъ рафтан ва сар бардоштан

**736.** Муҳаммад ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, гуфт: Солим ибни Абдуллоҳ ба ман хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки ӯ гуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки ҳар гоҳ ба намоз меистод, дастон баробари ду китф боло ме-*

*бурд. Ва ҳангоми аз барои рукӯъ такбир гуфтан ин корро мекард ва чун сар аз рукӯъ мебардошт, (низ) ҳамин корро мекард ва мегуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар касеро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад). Вале ҳангоми ба саҷда рафтан ин корро намекард».*

**737.** Исҳоқ ал-Воситӣ ба мо нақл карда гуфт: Холид ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Холид, аз Абӯқилоба, *ки ӯ Молик ибни ал-Ҳувайрисро дидааст, ки ҳар гоҳ намоз хонданӣ шавад, такбир гуфта дастҳо боло мекардааст; ва чун ба рукӯъ рафтанӣ шавад, дастҳо боло мекардааст; ва ҳангоми сар аз рукӯъ бардоштан низ дастҳо боло мекардааст. Ва боз нақл мекардааст, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамчунин кард.*

## (85) Боб. (Ҳангоми намоз) дастҳо то куҷо бояд боло кард?

Ва Абӯҳумайд дар миёни ёрони худ гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дастҳо баробари ду китф боло кард».*

**738.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ибни Абдуллоҳ ба мо хабар дод, ки Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо гуфт: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки намозро бо такбир ифтитоҳ намуд ва дастҳо ҳангоми «Аллоҳу акбар» гуфтан то баландии ду китф боло кард. Ва чун барои рукӯъ «Аллоҳу акбар» гуфт, чунин кард. Ва чун «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар касеро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад) гуфт, низ чунин кард ва баъд гуфт: «Раббано ва лака-л-ҳамду» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Турост). Вале вақте ки ба саҷда рафт ва аз саҷда сар бардошт, ин корро накард».*

## (86) Боб. Боло кардани дастон ҳангоми бархостан аз ракъати дуюм

**739.** Айёш ба мо нақл карда гуфт: Абдулаъло ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Нофеъ, *ки Ибни Умар ҳар гоҳ ба намоз даромаданӣ мешуд, такбир мегуфт ва ду даст боло мекард. Ва чун ба рукӯъ мерафт, дастҳо боло мекард. Ва чун «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар касеро, ки Ӯро*

*сипосу ситоиш кунад, мешунавад) мегуфт, ду даст боло мекард. Ва чун аз ракъати дуюм бармехест, ду даст боло мекард. Ва ин корро Ибни Умар ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нисбат медод».*

Ин ҳадисро Ҳаммод ибни Салама ривоят кард, аз Айюб, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам. Ва мухтасари ин ҳадисро Ибни Таҳмон ривоят кард, аз Айюб ва Мӯсо ибни Уқба.

## (87) Боб. Андар гузоштани дасти рост болои дасти чап (ҳангоми намоз)

**740.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Абӯҳозим, аз Саҳл ибни Саъд, ки гуфт: *«Ба мардум фармуда мешуд, ки ҳар кас дар намоз дасти рост болои соиди чапаш гузорад».*

Абӯҳозим гуфт: «Ман ин ҳадисро аз Саҳл ибни Саъд бе он ки онро ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нисбат дода бошад, нашунидаам».

Исмоил (ибни Абӯувайс, шайхи Имом ал-Бухорӣ) гуфт: «Он ҳадис нисбат дода мешавад», вале «нисбат медиҳад» нагуфт.

## (88) Боб. Фурӯтанӣ дар намоз

**741.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Шумо маро мебинед, ки рӯй ба қибла – ана ба он ҷо – мекунам? Лекин ба Худо қасам, ҳеҷ як рукӯъу фурӯтании шумо аз ман пинҳон намемонад. Ба ростӣ ки ман аз паси пушти худ шуморо мебинам».*

**742.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: аз Қатода шунидам, ки аз Анас ибни Молик, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Рукӯъу суҷудро дуруст ба ҷо оред. Валлоҳ, ки ман шуморо аз пасам – шояд гуфта бошад: «Аз паси пушти худ – мебинам, ки чӣ гуна рукӯъу суҷуд мекунед».*

## (89) Боб. Баъди такбир чӣ гӯянд?

**743.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи*

*ва саллам, Абӯбакр ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, намозро бо «Ал-Ҳамду ли-л-Лоҳи Рабби-л-оламин» (1:1) (ситоиш Худоеро, ки Парвардигори оламҳост) ифтитоҳ мекарданд.*

**744.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ибни Зиёд ба мо нақл карда гуфт: Умора ибни ал-Қаъқоъ ба мо нақл карда гуфт: Абӯзуръа ба мо нақл карда гуфт: Абӯҳурайра ба мо нақл карда гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар миёни гуфтани такбири таҳрима ва қироат бо фурӯ бастани овоз, – Абдулвоҳид ибни Зиёд гуфт: ба гумонам гуфт: як муддат, – хомӯш мемонд». Ба ӯ гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, падару модари ман фидои ту бод, дар миёни такбиру қироат овоз фурӯ баста чӣ мегӯӣ? Гуфт: «Мегӯям: Аллоҳумма, боъид байнӣ ва байна хатоёя, камо боъадта байна-л-Машриқи ва-л-Мағриб. Аллоҳумма, наққинӣ мина-л-хатоё, камо юнаққо-с-савбу-л-абязу мина-д-данас. Аллоҳумма-ғсил хатоёя би-л-мои ва-с-салҷи ва-л-барад» (Бор Худоё, миёни ману гуноҳонам дурӣ гузор, чунон дурие, ки миёни Машриқу Мағриб гузоштаӣ. Бор Худоё, маро аз гуноҳон покиза кун, чунон ки ҷомаи сафед аз чирк покиза шавад. Бор Худоё, гуноҳони маро бо обу барфу жола бишӯй).*

## (90) Боб

**745.** Ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Нофеъ ибни Умар ба мо хабар дода гуфт: Ибни Абӯмулайка ба мо нақл кард, аз Асмо бинти Абӯбакр: *«Боре пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози кусуф гузорид. Ва дар қиём истод ва дурудароз истод; баъди он ба рукӯъ рафт ва дурудароз дар рукӯъ монд; сипас рост шуд ва дар қиём дурудароз истод; боз ба рукӯъ рафт ва дурудароз дар рукӯъ монд; баъди сар бардоштан ба саҷда рафт ва дурудароз дар саҷда монд; пасон сар бардошту боз ба саҷда рафт ва дурудароз дар саҷда монд; баъдан ба қиём бархост ва дурудароз дар он истод; баъд боз ба рукӯъ рафт ва дурудароз дар рукӯъ монд; сипас сар бардошту дурудароз дар қиём истод; баъд боз ба рукӯъ рафт ва дурудароз дар рукӯъ монд; пасон сар бардошту ба саҷда рафт ва дурудароз дар саҷда монд; пас сар бардошту боз ба саҷда рафт ва дурудароз дар саҷда монд. Баъд, аз намоз берун шуду гуфт: «Ҳамин ҳозир ҷаннат чунон ба ман наздик шуд, ки агар ҷуръат медоштам, хӯшае аз меваҳояш канда бароятон меовардам; ва дӯзах низ чунон ба ман наздик шуд, ки*

*гуфтам: «Эй Парвардигори ман, оё ман ҳам дар байни ин дӯзахиёнам?» Ногоҳ занеро дидам – (Нофеъ ибни Умар гуфт:) ба гумонам (Ибни Абӯмулайка) гуфт, – ки гурба баданашро мехарошид. Гуфтам: «Ин занро чӣ шудааст?» Гуфтанд: «Ӯ гурбаро андаруни ҳуҷраи дарбаста нигоҳ медоштааст ва на хӯрокаш медодаасту на раҳо мекардааст, то ки гурба худ хӯрдание, – Нофеъ гуфт: ба гумонам Ибни Абӯмулайка гуфт: «аз ҳашара ё ҳашароти рӯи замин» – ёфта хӯрад. Ва оқибат аз гуруснагӣ мурдааст».*

## (91) Боб. Андар ҷоиз будани чашм бардошта ба имом нигоҳ кардан ҳангоми намоз

*Ва Оиша гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи намози кусуф гуфт: «Ман дӯзахро дидам, ки бархе аз он бархе дигарро зада мешикаст ва ин дар он вақт буд, ки шумо ба дарозо кашида намоз хондани маро дидаед».*

**746.** Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Умора ибни Умайр, аз Абӯмаъмар, ки гуфт: *аз Хаббоб пурсидем: «Оё пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намозҳои пешин ва аср қироат мекард?» Гуфт: «Оре». Гуфтем: «Шумо инро чӣ гуна мефаҳмидед?» Гуфт: «Аз ларзиши ришаш».*

**747.** Ҳаҷҷоҷ ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Абӯисҳоқ ба мо хабар дода гуфт: аз Абдуллоҳ ибни Язид шунидам, ки хутба мекард, гуфт: *«Ал-Баро – ва ӯ дурӯғгӯ набуд, – ба мо нақл кард, ки ҳар гоҳ онҳо ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонданду ӯ сар аз рукӯъ мебардошт, онҳо рост мехестанд ва ба саҷда рафтани ӯро мединанд».*

**748.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор, аз Абдуллоҳ ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Боре дар рӯзгори пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, офтоб гирифт. Ӯ намоз гузорид. (Ба ӯ) гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, мо дидем, ки ту ҳангоми намоз хондан аз ҷои худ даст дароз карда чизе гирифтан хостӣ, баъд дидем, ки андаке қафо рафтӣ» Гуфт: «Ба ростӣ, ба ман ҷаннатро нишон доданд, даст дароз кардам, ки хӯшае аз мевааш канам. Ва агар мегирифтам, шумо аз он то*

*дунё боқист, мехӯрдед».*

**749.** Муҳаммад ибни Синон ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ба мо нақл карда гуфт: Ҳилол ибни Алӣ ба мо нақл кард, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо (имоматӣ карда) намоз гузорид. Баъд ба минбар баромада бо ҳар ду даст ба тарафи қиблаи масҷид ишора карду гуфт: «Ҳамин ҳозир ҳангоме, ки ба шумо (имоматӣ карда) намоз мегузоридам, ҷаннату дӯзахро дидам, ки дар девори ҷониби қибла мисли сурат намоён шуданд. Ман то имрӯз он чунон хайру шаррро надида будам». Инро се бор такрор кард».*

### (92) Боб. Андар (ҷоиз набудани) чашм бардошта ба осмон нигаристан ҳангоми адои намоз

**750.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо хабар дода гуфт: Ибни Абӯаруба ба мо нақл карда гуфт: Қатода ба мо нақл кард, ки Анас ибни Молик ба онҳо нақл карда гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Аҳволи қавмҳое, ки ҳангоми намоз чашм бардошта ба осмон нигоҳ кунанд, чӣ хоҳад шуд?» Дар ин маврид, ки суханҳои ӯ дурушт шуда буд, гуфт: «Ё онҳо ин амали худ бас кунанд, ё чашмонашон рабуда хоҳад шуд».*

### (93) Боб. Андар (ҳукми) ба гӯшаи чашм нигаристан ҳангоми намоз

**751.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абулаҳвас ба мо нақл карда гуфт: Ашъас ибни Сулайм ба мо нақл кард, аз падараш, аз Масруқ, аз Оиша, ки гуфт: *«Аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи нигаристан ҳангоми намоз суол кардам». Ӯ гуфт: «Ин (чизе) рабудан аст: Шайтон аз намози банда ҳиссае мерабояд».*

**752.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Урва, аз Оиша: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар хамиса (пероҳани нақшдор) намоз гузорид. Баъд гуфт: «Нақшу нигори ин пероҳан фикру ҳуши маро ба худ кашид. Инро ба Абӯҷаҳм бибаред ва анбиҷонияи (ҷомаи) дуруштбофти бенақше оред».*

### (94) Боб. Оё аз сабаби рух додани воқеае, ё дидани

**чизе, ё туфе дар (девори) қибла (намозхон) ба гӯшаи чашм нигоҳ мекунад?**

*Ва Саҳл гуфт: «Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, ба гӯшаи чашм нигоҳ карду пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид».*

**753.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Лайс ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми пеши мардум истода намоз гузоридан дар (девори ҷониби) қиблаи масҷид балғамеро афканда дид. Онро тарошида пок кард; баъди аз намоз берун шудан гуфт: «Ба дурустӣ ҳангоме ки касе аз шумо намоз мехонда бошад, Худо дар рӯ ба рӯи ӯст, ҳеҷ кас аз шумо дар вақти намоз зинҳор ба сӯи пеш оби даҳон наафканад».* Ин ҳадисро Мӯсо ибни Уқба ва Ибни Абӯраввод ривоят карданд, аз Нофеъ.

**754.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: Лайс ибни Саъд ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Анас ибни Молик ба ман хабар дода гуфт: *«Дар аснои намози бомдодро хондани мардум ба ҷуз пардаи дари ҳуҷраи Оишаро бардоштани пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дигар ҳодисаи ногаҳоние рух надод. Ӯ ба онҳо, ки дар сафҳо буданд, менигарист ва хушҳолона табассум мекард. Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, ба гумони ин, ки ӯ берун баромадан мехоҳад, пуштнокӣ рафта ба саф пайвастанӣ шуд ва мусулмонон азм доштанд аз мафтунӣ намозро вайрон кунанд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба онҳо ишорати «намозро ба итмом расонед» кард ва пардаро сар дод. Ва ӯ бегоҳи ҳамон рӯз вафот кард».*

## (95) Боб. Воҷиб будани қироат барои имом ва муқтадӣ дар ҳамаи намозҳо: дар ҳазару дар сафар; ва дар намози чи ҷаҳрйя ва чи хафия

**755.** Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл карда гуфт: Абдулмалик ибни Умайр ба мо нақл кард, аз Ҷобир ибни Самура, ки гуфт: *«Аҳли Куфа ба Умар, разия-л-Лоҳу анҳу аз Саъд (ибни Абӯваққос) шикоят бурданд ва ӯ Саъдро маъзул кард ва бар онҳо Аммор (ибни Ёсир)-ро волӣ таъйин кард. Ва шикояти онҳо аз Саъд бисёр буд, ҳатто гуфтанд, ки ӯ намозро саҳеҳ намехонад. Умар ба Саъд кас фиристод (ва ӯро назди худ хонд). Гуфт: «Эй Абӯисҳоқ, ин мардум мегӯянд, ки ту намозро нодуруст мехондаӣ?» Абӯисҳоқ гуфт: «Аммо ман ба Худо қасам*

*мехӯрам, ки ба онҳо имоматӣ карда, айнан мисли намоз хондани пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мегузоридам, аз он чизе кам намекардам. (Чунончи) намози хуфтанро мегузоридам ва ду ракъати аввали онро ба дарозо кашида мехондам ва ду ракъати дигарро сабук мехондам». Гуфт: «Эй Абӯисҳоқ, гумони мо ҳам дар бораи ту чунин буд». Умар ҳамроҳи ӯ шахсеро – ё ашхосеро – ба Куфа фиристод. Он шахс аз аҳли Куфа дар бораи Саъд пурсуҷӯ кард; ҳатто ягон масҷид намонд, ҳамаро давр заду пурсид. Дар ҳама ҷо Саъдро ба зикри хайр ситоиш намуданд. Ниҳоят, ба масҷиди банӣ Абс даромад. Аз байнашон Усома ибни Қатода ном марде, куняташ Абӯсаъда, бархосту гуфт: «Чун ту аз мо суол кардӣ, мегӯем, ки Саъд ба ҷангу ҷиҳод ҳамроҳи размандагон намеравад, ғаниматро баробар тақсим намекунад ва дар мурофиа аз рӯи адолат ҳукм намебарорад». Саъд гуфт: «Аммо ман дар ҳаққи ин одам се дуо мекунам: «Бор Худоё, агар ҳамин бандаи Ту, дурӯғгӯ бошад ва ин ҷо фақат барои риёкорию худнамоӣ бархоста бошад, умрашро дароз кун ва фақрашро низ баробари умраш зиёд кун ва ба балоҳову фитнаҳо гирифтораш кун!» Ва баъдҳо, ҳангоме ки аз он шахс аҳволпурсӣ мекарданд, дар ҷавоб мегуфт: «Мани мӯйсафеди гирифтори балоҳоро дуои Саъд гирифт». Абдулмалик гуфт: «Ман ӯро баъдҳо низ дидаам, аз куҳансолӣ абрӯвон ба чашмонаш афтода буданд. Ӯ баъзан пеши роҳи канизаконро гирифта, ба онҳо даст мерасонд».*

**756.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Маҳмуд ибни ар-Рабеъ, аз Убода ибни ас-Сомит, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ (дар намоз) сураи «Фотиҳа»-и Китобро нахонда бошад, намоз нагузоридааст».*

**757.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Саъид ибни Абӯсаъид ба ман нақл кард, аз падараш, аз Абӯҳурайра, *ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба масҷид даромад. Аз паси ӯ марде низ даромаду намоз хонд. Баъд ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, салом дод. Ӯ ба мард ҷавоби салом доду гуфт: «Баргарду намоз хон, зеро ту намоз нахондаӣ». Он мард баргашту мисли дафъаи аввал намоз хонд. Боз омаду ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, салом дод. Ӯ гуфт: «Баргарду намоз хон, зеро ту намоз нахондаӣ». Ва ҳамин тавр се дафъа*

*такрор шуд. Пас, он мард гуфт: «Ба Он (Зоте), ки туро барҳақ фиристодааст, қасам мехӯрам, ки аз ин беҳтар намоз хонда наметавонам, онро ту ба ман биомӯз». Ӯ гуфт: «Ҳар гоҳ ки ба намоз истодӣ, такбир гӯй. Баъди он ҳар чӣ аз Қуръон бароят муяссар шуда бошад, қироат кун; сипас рукӯъ кун чандоне, ки ором гирӣ; пасон сар бардошта қомат рост кун; баъд саҷда кун чандоне, ки дар саҷда ором гирӣ; ва он гоҳ сар бардору биншин чандоне, ки ором гирӣ. Ва дар ҳамаи намоз ҳамчунин кун».*

## (96) Боб. Қироат кардан дар намози пешин

**758.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Абдулмалик ибни Умайр, аз Ҷобир ибни Самура, ки гуфт: Саъд гуфт: *«Ба онҳо (имоматӣ карда) айнан мисли намоз хондани пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намозҳои пешину асрро мегузоридам ва аз он чизе кам намекардам. Ду ракъати аввалро, дарозо кашида ва ду ракъати охирро кӯтоҳ карда мехондам». Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Гумони мо ҳам дар бораи ту чунин буд».*

**759.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ду ракъати аввали намози пешин сураи «Фотиҳа» ва ду сура: дар ракъати аввал сураи дароз ва дар ракъати дуюм сураи кӯтоҳ зам карда мехонд. Гоҳо оятро шунаво мехонд. Дар намози аср (дар ду ракъати аввал) ба сураи «Фотиҳа» ду сура зам карда мехонд ва дар ракъати аввал дароз (қироат) мекард. Дар адои намози бомдод ракъати якумро дароз ва ракъати дуюмро кӯтоҳ мехонд».*

**760.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл карда гуфт: Умора ба ман нақл кард, аз Абӯмаъмар, ки гуфт: *аз Хаббоб пурсидем: «Оё пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намозҳои пешину аср қироат мекард?» Гуфт: «Оре». Гуфтам: «Инро чӣ гуна мефаҳмидед?» Гуфт: «Аз ларзиши риши ӯ».*

## (97) Боб. Қироат кардан дар намози аср

**761.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Умора ибни Умайр, аз Абӯмаъмар, гуфт: *ба Хаббоб ибни ал-Арат гуфтам: «Оё пайғамбар, салла-л-*

*Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намозҳои пешину аср қироат мекард?» Гуфт: «Оре». Гуфтам: «Қироат кардани ӯро чӣ гуна медонистед?» Гуфт: «Аз ларзиши риши ӯ».*

**762.** Маккӣ ибни Иброҳим ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар (ҳар як аз) ду ракъати (аввали) намозҳои пешину аср ба сураи «Фотиҳа»-и Китоб (дар ҳар ракъат) сурае зам мекарду мехонд. Ва гоҳо оятро ба мо мешунавонид».*

### (8) Боб. Қироат кардан дар намози шом

**763.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки ба қавли ӯ *Уммулфазл қироати сураи «Ва-л-мурсилоти урфо» (77)-ро аз ӯ шунида гуфтааст: «Эй писарҷон, валлоҳ, ту ин сураро қироат кардию ба ёдам овардӣ: ин охирин сура аст, ки ман аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам. Ӯ онро дар намози шом мехонд».*

**764.** Абӯосим ба ман нақл кард, аз Ибни Ҷурайҷ, аз Ибни Абӯмулайка, аз Урва ибни аз-Зубайр, аз Марвон ибни ал-Ҳакам, ки гуфт: *Зайд ибни Собит ба ман гуфт: «Ту чаро дар намози шом сураҳои кӯтоҳ зам карда мехонӣ? Ба ростӣ, ман худ шунидам, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ду сураи дароз дарозтарашро мехонд».*

### (99) Боб. Баланд қироат кардан дар намози шом

**765.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Муҳаммад ибни Ҷубайр ибни Мутъим, аз падараш, ки гуфт: *«Ман худ шунидам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намози шом сураи «Тур» (52)-ро хонд».*

### (100) Боб. Баланд қироат кардан дар намози хуфтан

**766.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Мӯътамир ба мо нақл кард, аз падараш, аз Бакр, аз Абӯрофеъ, ки гуфт: *«Намози хуфтанро ҳамроҳи Абӯҳурайра гузоридам ва ӯ сураи «Изо-с-*

*самоу-ншаққат» (84)-ро зам карда хонд ва ба саҷда рафт. Ман аз ӯ (дар хусуси ин саҷда) пурсидам, гуфт: «Аз паси Абулқосим, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар қироати ҳамин сура) саҷда карда будам ва то ба дидори ӯ расидан (яъне то мурдан) дар (қироати) он саҷда хоҳам кард».*

**767.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Адӣ, ки гуфт: аз ал-Баро шунидам: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар сафар буд ва дар яке аз ду ракъати намози хуфтан сураи «Ва-т-тини ва-з-зайтун» (95)-ро хонд».*

### (101) Боб. Қироати сураи саҷдадор дар намози хуфтан

**768.** Мусаддад ба ман нақл карда гуфт: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл карда гуфт: ат-Таймӣ ба мо нақл кард, аз Бакр, аз Абӯрофеъ, гуфт: *«Ман намози хуфтанро ҳамроҳи Абӯҳурайра гузоридам. Ӯ дар ин намоз сураи «Изо-с-самоу-ншаққат» (84)-ро қироат кард ва ба саҷда рафт. Ба ӯ гуфтам: «Ин чӣ саҷда аст?» Гуфт: «(Ҳангоми) аз паси Абулқосим, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (намоз хондан) дар (қироати) ҳамин (сура) ба саҷда рафта будам ва то ба дидори ӯ расидан (яъне то мурдан) дар (қироати) он саҷда хоҳам кард».*

### (102) Боб. Қироат кардан дар намози хуфтан

**769.** Халлод ибни Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Мисъар ба мо нақл карда гуфт: Адӣ ибни Собит ба мо нақл кард, ки ӯ аз ал-Баро, разия-л-Лоҳу анҳу, шунид, ки гуфт: *«(Овози) пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки дар намози хуфтан сураи «Ва-т-тини ва-з-зайтун» (95)-ро қироат мекард. Ман дигар ҳаргиз овозе – ё (гуфт): «қироате» – беҳтар аз он нашунидаам».*

### (103) Боб. Дароз қироат кардан дар ду ракъати аввал ва тарки қироат дар ду ракъати охир

**770.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абӯавн, ки гуфт: аз Ҷобир ибни Самура шунидам, ки гуфт: *Умар ба Саъд гуфт: «Аз ту дар бобати ҳама чиз, ҳатто намоз ҳам, шикоят кардаанд». Гуфт: «(Онҳо ҳар чӣ мегӯянд), лекин ман дар ду ракъати аввал ба дарозо қироат ме-*

*кунам ва дар ду ракъати охир қироатро тарк мекунам ва дар он намозе, ки ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, иқтидо карда хондаам, ба хатое роҳ намедиҳам». Гуфт: «Рост гуфтӣ, гумон дар бораи ту – ё гуфт: «Гумони ман дар бораи ту» – чунин буд».*

## (104) Боб. Қироат кардан дар намози бомдод

*Ва Умм Салама гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сураи «Ат-Тур» (52)-ро хонд».*

**771.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Сайёр ибни Салома ба мо нақл карда гуфт: «Ману падарам назди Абӯбарза ал-Асламӣ даромадем ва аз ӯ дар бораи вақти (хондани) намозҳо суол кардем». Ӯ гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози пешинро вақте мехонд, ки офтоб завол меёфт; ва чун намози асрро адо мекард, марде ба дуртарин мавзеи Мадина бармегашту офтоб ҳанӯз гарму нурпош буд; – ман фаромӯш кардам, ки Абӯбарза дар бораи намози шом чӣ гуфт, – ва аз таъхир шудани адои намози хуфтан то сеяки шаб боке надошт ва пеш аз намоз хоб рафтану баъди он сӯҳбат карданро дӯст намедошт; ва намози бомдодро вақте адо мекард, ки шахс аз он берун мешуд, ҳамнишини худро дидаву шинохта метавонист. Ӯ дар ду ракъат – ё дар як ракъати ин намоз – аз шаст то сад оят қироат мекард».*

**772.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дода гуфт: Ато ба ман хабар дод, ки вай аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу шунидааст, ки мегуфт: *«Дар ҳар як намоз қироат карда мешавад. Ва ҳар чиро, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо ҷаҳрия хонда буд, мо ба шумо ҷаҳрия хондем; ва ҳар чиро, ки ба мо хафия хонда буд, мо ба шумо хафия хондем. Агар ба «Умму-л-Қуръон» (сураи «Фотиҳа») чизе наафзуда хонӣ ҳам, (намозат) равост ва агар чизе афзоӣ, боз беҳтар аст».*

## (105) Боб. Баланд қироат кардан дар намози бомдод

*Ва Умм Салама гуфт: «Дар он ҳангом ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мегузориду сураи «ат-Тур» (52)-ро қироат мекард, ман аз пушти одамон тавоф(-и Каъба) кардам».*

**773.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Абӯбишр, аз Саъид ибни Ҷубайр, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳи чанде аз ёронаш барои рафтан ба бозори Укоз берун омад. Дар ин ҳангом байни шайтонҳову илми осмонӣ садде гузошта шуд. Ва барои задани онҳо ситораҳои паррон фиристода шуд. Пас шайтонҳо ба назди қавми худ баргаштанд. Аз онҳо пурсиданд: «Шуморо чӣ шуд?» Шайтонҳо гуфтанд: «Байни мову илми осмонӣ садде гузошта шуд ва барои задани мо ситораҳои паррон фиристода шуд». Гуфтанд: «Ба ғайр аз ҳодисае, ки ба тозагӣ рух дода бошад, дигар чизе наметавонад байни шумову илми осмонӣ монеа шавад. Пас сарзаминҳои машриқу мағрибро бигардед ва бибинед: ин чӣ чизе будааст, ки байни шумову илми осмонӣ монеа шудааст». Ва як гурӯҳ шайтонҳо, ки равонаи Тиҳома буданд, ба сӯи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рафтанд ва ӯ асвои сафар ба бозори Укоз дар Нахла ба ёронаш (имоматӣ карда) намози бомдод мегузорид. Чун (қироати) Қуръонро шуниданд, ба он гӯш фаро дода гуфтанд: «Валлоҳ, ин ҳамон чизест, ки байни шумову илми осмонӣ монеа гардидааст». Ва аз худи ҳамон ҷо ба назди қавмашон баргашта, гуфтанд: «Эй қавми мо, ба дурустӣ, мо Қуръони аҷибе шунидем, ки ба роҳи рост ҳидоят мекунад, пас ба он имон овардем ва ҳеҷ якеро бо Парвардигори хеш шарик муқаррар намекунем» (72:1/2). Бинобар он Худо ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оят нозил кард: «Бигӯ: ба сӯи ман ваҳй фиристода шуд» (72:1). Ин ҳамон аст, ки аз тариқи ваҳй суханони Ҷин ба ӯ расонида шуд».*

**774.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Айюб ба мо нақл кард, аз Икрима, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, қироати намозеро, ки баланд фармуданд, баланд ва паст фармуданд, паст адо намуд». «Парвардигори ту фаромӯшкор нест» (19:64). «Ба дурустӣ ки шуморо ба пайғамбари Худо пайравии некӯ ҳаст» (33:21).*

### (106) Боб. Андар зам кардани ду сура дар як ракъат; ва қироати оятҳои охири сура; ва қироати сурае пеш аз сураи дигар (баръакси тартиби ҷойгиршавии он дар Китоб); ва қироати аввали сура

*Ва аз Абдуллоҳ ибни ас-Соиб зикр шудааст: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намози бомдод сураи «Мӯъминун» (23)-ро қироат кард. Ва чун ба оятҳои зикри Мӯсо ва Ҳорун ё зикри Исо расид, сурфа гулӯгираш кард. Ва он гоҳ ба рукӯъ рафт».*

*Ва Умар дар ракъати якум як саду бист оят аз сураи «Бақара» (2) ва дар ракъати дуюм сурае аз (сураҳои) масонӣ (ки камтар аз дусад оят доранд) хонд.*

*Ва ал-Аҳнаф дар ракъати якум сураи «Каҳф» (18) ва дар ракъати дуюм сураи «Юсуф» (12) – ё «Юнус» (10)-ро қироат кард. Ва гуфт, ки ӯ ҳамроҳи Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, дар намози бомдод ин ду сураро хонда буд.*

*Ва Ибни Масъуд дар ракъати якум чиҳил оят аз сураи «Анфол»* (8) *ва дар ракъати дуюм сурае аз (сураҳои) муфассалро хонд.*

*Ва Қатода дар бораи касе, ки дар ду ракъат як сура мехонд – ё як сураро дар ду ракъат такроран мехонд, гуфт: «Ҳамааш Китоби Худост».*

**774а.** Ва Убайдуллоҳ ибни Умар гуфт, аз Собит, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Марде аз ансориён дар масҷиди Қубо дар намоз имоматӣ мекард. Ва ҳар дафъа чун дар намозе аз намозҳои ҷаҳрия сураеро ифтитоҳ карда қироат карданӣ мешуд, ба (сураи) «Қул ҳува-л-Лоҳу Аҳад» (Бигӯ: Ӯ Худои Ягона аст) (112) ифтитоҳ мекард ва чун аз (қироати) он фориғ мешуд, илова бар он боз сураи дигареро қироат мекард. Ва ин корро дар ҳар як ракъат мекард. Боре ёронаш дар ин бобат сухан кушода гуфтанд: «Ҳамоно ту бо ин сура ифтитоҳ мекунӣ, сипас чунин мепиндорӣ, ки ин барои намозат басанда нест, як сураи дигар (иловатан) қироат мекунӣ. Ту бояд: ё ҳамон сураро бихонӣ ё аз он даст бикашию дигареро бихонӣ». Ӯ гуфт: «Ман он сураро тарк намекунам, агар хоҳед, ки ман имоми намози шумо бошам, бигузоред бо (қироати) ҳамон (сура) имоматӣ кунам. Агар нахоҳед, ман тарки (имоматии) шумо хоҳам кард». Онҳо медонистанд, ки дар байнашон ӯ беҳтар аст ва намехостанд, ки каси дигар имоми намозашон бошад. Ва чун пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, назди онҳо омад, аз ин ҳодиса ба ӯ хабар доданд. Ӯ гуфт: «Эй фалонӣ, туро чӣ чиз монеъ шуд, ки гуфтаи ёрони худ иҷро кунӣ? Ва чӣ чиз водорат намуд, ки қироати ин сураро дар ҳар як ракъат лозим медонӣ?» Он (мард) гуфт: «Ман*

*онро дӯст медорам». Гуфт: «Бидон, ки он сурaро дӯст доштан туро ба ҷаннат дарорад».*

**775.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Амр ибни Мурра, ки гуфт: аз Абӯвоил шунидам, ки гуфт: *«Марде назди Ибни Масъуд омаду гуфт: «Ҳамин шаб дар як ракъат (сураҳои) муфассалро қироат кардам». (Ибни Масъуд) гуфт: «Ин қироати бисёр тез мисли хондани шеър аст. Ба ростӣ, ман сураҳои назири инҳоро медонам, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, байни онҳо ҷамъ меовард». Ва ӯ бист сура аз (сураҳои) муфассалро номбар намуд, ки (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз онҳо) дар ҳар ракъате дусураӣ қироат мекардааст».*

## (107) Боб. Намозхон дар ду ракъати охир сураи «Фотиҳа»-ро хонад

**776.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ду ракъати аввали намози пешин «Умму-л-Китоб» (сураи «Фотиҳа») ва як сура баъди ҳар ракъат ва дар ду ракъати охир фақат сураи «Фотиҳа»-ро қироат карда оятро шунаво мехонд. Ракъати якумро чандоне дароз мехонд, ки ракъати дуюмро он андоза дароз намекард. Ва (намозҳои) асру бомдодро айнан ба ҳамин тарз мегузорид.*

## (108) Боб. Дар бораи касе, ки дар намозҳои пешину аср паст қироат кунад

**777.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Умора ибни Умайр, аз Абӯмаъмар, (ки гуфт): *ба Хаббоб гуфтам: «Оё пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар намозҳои) пешину аср қироат мекард?» Гуфт: «Оре». Гуфтем: «Инро аз куҷо донистӣ?» Гуфт: «Аз ларзиши риши ӯ».*

## (109) Боб. Агар имом оятро (дар намози хафия) баланд қироат кунад, (боке надорад)

**778.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Авзоъӣ

ба ман нақл карда гуфт: Яҳё ибни Абӯкасир ба ман нақл кард: Абдуллоҳ ибни Абӯқатода ба ман нақл кард, аз падараш, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳар як аз ду ракъати аввали намозҳои пешину аср сураи «Фотиҳа»-ро ҳамроҳи як сураи дигар қироат карда баъзан оятро ба мо шунавонида мехонд. Ва дар ракъати якум дароз қироат мекард.*

## (110) Боб. Андар он ки дар ракъати якум дароз қироат кунанд

**779.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, аз падараш, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ракъати якуми намози пешин дароз ва дар ракъати дуюм кӯтоҳ қироат мекард. Ва дар намози бомдод айнан ҳамин тавр мекард.*

## (111) Боб. «Омин»-ро баланд гуфтани имом

*Ва Ато гуфт: «Омин дуо аст». Ибни аз-Зубайр ва касони ба ӯ иқтидокунанда чунон «омин» гуфтанд, ки масҷид акси садо дод.*

Ва Абӯҳурайра ба имом нидо мекард: «(Биист, то) «омин» гуфтан аз ман фавт нашавад».

Ва Нофеъ гуфт: *«Ибни Умар ҳаргиз «омин» гуфтанро фурӯ намегузошт ва дигаронро низ ба гуфтани он ташвиқ мекард. Аз ӯ шунидаам, ки «омин» гуфтан савоб аст».*

**780.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Саъид ибни ал-Мусайяб ва Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, ки онҳо ба Ибни Шиҳоб хабар доданд, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ ки имом «омин» гуфт, шумо ҳам «омин» гӯед, зеро агар «омин» гуфтани касе бо «омин» гуфтани фариштагон мувофиқ ояд, ҳамаи гуноҳони пешинааш омурзида мешавад».* Ибни Шиҳоб гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, «омин» мегуфт».*

## (112) Боб. Андар фазилати «омин» гуфтан

**781.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам,

гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо «омин» гӯяд ва фариштагон дар осмон «омин» гӯянд ва «омин» гуфтани яке бо дигаре мувофиқ ояд, ҳамаи гуноҳони пешинааш омурзида мешавад».*

## (113) Боб. «Омин»-ро баланд гуфтани иқтидокунанда

**782.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Сумай – мавлои Абӯбакр, аз Абӯсолеҳ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ имом: «ғайри-л-мағзуби алайҳим ва ло-з-золлин» (1:7) («на касоне, ки ба онҳо хашм гирифта шуд ва на гумроҳон») – гуфт, шумо «омин» гӯед, зеро агар «омин» гуфтани ҳар кӣ бо «омин» гуфтани фариштагон мувофиқ ояд, ҳамаи гуноҳони пешинааш омурзида мешавад». Муҳаммад ибни Амр (дар ин ҳадис ба Ибни Алқама ал-Лайсӣ) пайравӣ кардааст, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам. Ва Нуъайм ал-Муҷмир ҳам пайравӣ кардааст, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу.*

## (114) Боб. Андар (ҳукми) касе, ки берун аз саф рукӯъ кунад

**783.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммом ба мо нақл кард, аз ал-Аълам ва ӯ Зиёд аст, аз ал-Ҳасан, аз Абӯбакра, *ки ӯ ба намози пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар масҷид) ҳангоме расида омадааст, ки ӯ дар рукӯъ будааст. Бинобар ин Абӯбакра пеш аз расидан ба саф рукӯъ кардааст. Инро ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст. Ӯ гуфтааст: «Худо ин шавқи туро (ба намоз) зиёда гардонод, лекин дигарбора (ин корро) накун».*

## (115) Боб. Ба итмом расонидани такбир дар рукӯъ

*Инро Ибни Аббос гуфт, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам. Ва дар ин (боб ҳадиси) Молик ибни ал-Ҳувайрис* (№818) *низ дохил аст.*

**784.** Исҳоқ ал-Воситӣ ба мо нақл карда гуфт: Холид ба мо нақл кард, аз ал-Ҷурайрӣ, аз Абулъало, аз Мутарриф, аз Имрон ибни Ҳусайн, гуфт, *ки ӯ дар Басра ҳамроҳи Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, намоз гузориду гуфт: «Ин мард ба ёди мо намозеро овард,*

*ки ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мехондем». Ва боз афзуд, ки Алӣ ҳар бори аз саҷда сар бардоштан ва ҳар бори ба саҷда рафтан такбир мегуфт.*

**785.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, *ки ӯ ба онҳо (имоматӣ карда) намоз мехонд. Ва ҳар бори ба саҷда рафтану сар аз саҷда бардоштан такбир мегуфт. Баъди аз намоз берун шудан мегуфт: «Ба ростӣ, намози ман беш аз ҳамаи шумо ба намози пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамонанд аст».*

## (116) Боб. Ба итмом расонидани такбир дар саҷда

**786.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Ғайлон ибни Ҷарир, аз Мутарриф ибни Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Ман ва Имрон ибни Ҳусайн аз пушти Алӣ ибни Абӯтолиб, разия-л-Лоҳу анҳу, истода намоз хондем. Ӯ чун ба саҷда мерафт, такбир мегуфт; ва чун сар мебардошт, такбир мегуфт; ва чун баъди ду ракъат рост мешуд, такбир мегуфт. Баъди он ки намоз гузорид, Имрон ибни Ҳусайн дасти маро гирифту гуфт: «Ин шахс намози Муҳаммадро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ёди ман овард» – ё гуфт: «Ба ростӣ ки намози Муҳаммадро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо гузорид».*

**787.** Амр ибни Авн ба мо нақл карда гуфт: Ҳушайм ба мо нақл кард, аз Абӯбишр, аз Икрима, ки гуфт: *«Дар пеши мақом(-и Иброҳим) мардеро дидам, ки дар ҳар бори хаму рост шудан – ҳангоми қомат рост кардан ва (барои саҷда) сар гузоштан – такбир мегуфт. Дар ин бора ба Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳу, хабар додам. Ӯ гуфт: «Эй бемодар, магар ин намози пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нест?!»*

## (117) Боб. Гуфтани такбир ҳангоми аз саҷда хестан

**788.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммом ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Икрима, ки гуфт: *«Дар Макка аз пушти пире истода намоз мехондам. Ӯ (дар намоз) бисту ду бор такбир гуфт. Ман (дар ин бора) ба Ибни Аббос хабар дода гуфтам, ки ин пир аҳмақ аст». (Ибни Аббос) гуфт: «Модарат дар мотамат нишинад, охир ин суннати Абулқосим, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аст».*

Ва (ба исноди дигар) Мӯсо гуфт: Абон ба мо нақл карда гуфт:

(ҳамин ҳадисро) Қатода ба мо нақл карда гуфт: Икрима ба мо нақл кард: (ҳамин ҳадисро).

**789.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Абӯбакр ибни Абдурраҳмон ибни ал-Ҳорис ба ман хабар дод, ки вай аз Абӯҳурайра шунид, ки мегуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба намоз меистод, ҳангоми қиём такбир мегуфт; ҳангоми ба рукӯъ рафтан такбир мегуфт; баъди он – вақте ки қомат аз рукӯъ рост мекард, мегуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад); ва баъди рост шудан мегуфт: «Раббано, лака-л-ҳамд» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Туростт), – Абдуллоҳ (ибни Солеҳ) гуфт, (аз ал-Лайс): «Ва лака-л-ҳамд» (Ва сипосу ситоиш Туростт); – чун ба саҷда мерафт, такбир мегуфт; ва чун сар мебардошт, такбир мегуфт; пасон чун ба саҷда мерафт, такбир мегуфт; ва боз чун сар мебардошт, такбир мегуфт. Ва дар тамоми намоз то анҷом додани он чунин мекард. Ва чун баъди нишастан дар охири ракъати дуюм мехест, такбир мегуфт».*

## (118) Боб. Бар зону гузоштани кафҳои даст ҳангоми рукӯъ

*Ва Абӯҳумайд дар (ҳузури) ёронаш гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо дастҳо зонуро устувор мегирифт».*

**790.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абӯяъфур, ки гуфт: аз Мусъаб ибни Саъд шунидам, ки мегуфт: *«Дар паҳлӯи падарам намоз хондам ва (ҳангоми рукӯъ) ду кафи даст ба ҳам часпонда дар байни ду ронам гузоштам. Падарам маро аз ин кор манъ карду гуфт: «Мо ҳамин тавр мекардем, лекин моро манъ карданду фармуданд, ки дастҳо бар зону гузорем».*

## (119) Боб. Агар намозхон рукӯъро ба итмом нарасонад, (чӣ бояд кард)?

**791.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Сулаймон, ки гуфт: аз Зайд ибни Ваҳб шунидам, ки гуфт: *«Ҳузайфа мардеро дидааст, ки рукӯъ ва суҷудро ба итмом намерасонад, гуфтааст: «Ту намоз нахондаӣ ва агар бимирӣ,*

*дар дине дигар мемирӣ, на дар оне, ки Худо ба Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фиристодааст».*

### (120) Боб. Росту ҳамвор доштани пушт ҳангоми рукӯъ

*Ва Абӯҳумайд дар (ҳузури) ёронаш гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми рукӯъ рафтан тахтапушт росту ҳамвор хам кард».*

### (121) Боб. Андар ҳадди ба итмом расонидани рукӯъ; ва рост будану ором гирифтан дар он

**792.** Бадал ибни ал-Муҳаббар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: ал-Ҳакам ба ман хабар дод, аз Ибни Абӯлайло, аз ал-Баро, ки гуфт: *«Ба ҷуз қиёму қуъуд пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои рукӯъ, саҷда, (нишастан) дар байни ду саҷда ва сар бардоштан аз рукӯъ қариб баробар вақту муддат сарф мекард».*

### (122) Боб. Андар иода(-и намоз) фармудани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба шахсе, ки рукӯъро ба итмом нарасонид

**793.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба ман хабар дод, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Саъид ал-Мақбурӣ ба мо нақл кард, аз падараш, аз Абӯҳурайра: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба масҷид даромад, (аз паси ӯ) марде даромаду намоз хонд. Баъд омада ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, салом дод. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба саломи ӯ ҷавоб доду гуфт: «Баргарду намоз хон, ки ба таҳқиқ ту намоз нахондаӣ». Он (мард) дигарбора намоз хонд, баъд омаду ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, салом дод. Ӯ гуфт: «Баргарду намоз хон, ки ба таҳқиқ ту намоз нахондаӣ». Ин кор се дафъа такрор шуд. Пас он мард гуфт: «Ба Он (Зоте), ки туро барҳақ фиристодааст, қасам мехӯрам, ки аз ин беҳтар намоз хонда наметавонам. Ту ба ман онро биомӯз». Гуфт: «Ҳар гоҳ ба намоз истӣ, такбир гӯ, баъди он ҳар чӣ аз Қуръон туро муяссар шуда бошад, қироат кун. Сипас рукӯъ кун чандоне, ки ором гирӣ; пасон сар бардору қомат рост кун; баъд саҷда кун чандоне, ки ором гирӣ; пас сар бардору бинишин чандоне, ки ором гирӣ; боз*

*саҷда кун чандоне, ки ором гирӣ. Ва дар ҳамаи ин намоз ҳамчунин кун».*

### (123) Боб. Дуо кардан ҳангоми рукӯъ

**794.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Абуззӯҳо, аз Масруқ, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар рукӯъ ва саҷда мегуфт: «Субҳонака-л-Лоҳумма, Раббано ва би ҳамдика, Аллоҳумма-ғфир лӣ (Пок астӣ Ту Бор Худоё, Парвардигори мо, бо сипосу ситоиши Ту, Бор Худоё, маро биомурз)».*

### (124) Боб. Имом ва иқтидокунандагон ҳангоми аз рукӯъ сар бардоштан чӣ мегӯянд?

**795.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз Саъид ал-Мақбурӣ, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди гуфтани «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад) мегуфт: «Аллоҳумма, Раббано ва лака-л-ҳамд» (Бор Худоё, Парвардигоро, сипосу ситоиш Туроет). Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар гоҳ ки ба рукӯъ мерафт ва ҳар гоҳ ки сар мебардошт, такбир мегуфт. Ва чун баъди ду саҷда бармехост, мегуфт: «Аллоҳу Акбар».*

### (125) Боб. Андар фазилати гуфтани «Аллоҳумма Раббано, лака-л-ҳамд»

**796.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Сумай, аз Абӯсолеҳ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ имом гӯяд: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), шумо гӯед: «Аллоҳумма Раббано, лака-л-ҳамд» (Бор Худоё, Парвардигоро, сипосу ситоиш Туроет), зеро агар дуо гуфтанаш бо дуогӯии фариштагон мувофиқ ояд, ҳамаи гуноҳони содир кардаи ӯ омурзида мешавад».*

### (126) Боб

**797.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо

нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: *«Ба ростӣ ки ман намозро ба намози пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам наздик карда мехонам». Ва Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, дар ракъати охирини намозҳои пешин, хуфтан ва бомдод баъди гуфтани «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад) (дуои) Қунутро мехонд, мӯъминонро дуои хайр ва кофиронро лаънат мекард».*

**798.** Абдуллоҳ ибни Абуласвад ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл кард, аз Холид ал-Ҳаззо, аз Абӯқилоба, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Қунут дар намозҳои шому бомдод хонда мешуд».*

**799.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Нуъайм ибни Абдуллоҳ ал-Муҷмир, аз Алӣ ибни Яҳё ибни Халлод аз-Зуроқӣ, аз падараш, аз Рифоъа ибни Рофеъ аз-Зуроқӣ, ки гуфт: *«Рӯзе пушти пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, истода намоз мехондем. Чун ӯ аз рукӯъ сар бардошт, гуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад). Марде аз пушти ӯ гуфт: «Раббано ва лака-л-ҳамду ҳамдан касиран, таййибан, муборакан фиҳи» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Турост, сипосу ситоиши бисёри некӯи муборак). Вақте ки ӯ аз намоз берун шуд, пурсид: «Гӯяндаи он кист?» Гуфт: «Ман». Гуфт: «Ман сию анд фаришта дидам, ки барои якумин шуда навиштани ин суханҳо шитоб доштанд».*

### (127) Боб. Андар ором гирифтани намозхон баъди аз рукӯъ сар бардоштан

*Ва Абӯҳумайд гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сар бардошту рост шуд, то ҳар мӯҳраи сутунмӯҳрааш дар ҷои худ қарор гирифт».*

**800.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Собит, ки гуфт: *«Анас намозхонии пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо васфкунон нишон медод ва ҳангоми намоз чун аз рукӯъ сар мебардошт, то ҳадде рост меистод, ки мо мегуфтем: «Мабодо ки (саҷда кардан) аз ёдаш рафта бошад».*

**801.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Ҳакам, аз Ибни Абӯлайло, аз ал-Баро, разия-л-Лоҳу

анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои рукӯъ, саҷда, сар бардоштан аз рукӯъ ва (нишастан) байни ду саҷда тақрибан баробар муддату вақт сарф мекард».*

**802.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Абӯқилоба, ки гуфт: *«Берун аз вақти намоз Молик ибни ал-Ҳувайрис ба мо тарзи намозхонии пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нишон дод: ба намоз истод ва қиёмро устувор кард; баъд ба рукӯъ рафт ва рукӯъро устувор кард; пасон сар бардошту фурсате рост бимонд». Абӯқилоба афзуд: «(Молик ибни ал-Ҳувайрис) бо мо монанд ба намози шайхи мо – Абӯбурайд – намозе бихонд. Ва ин Абӯбурайд ҳар гоҳ сарашро аз саҷдаи охир мебардошт, рост менишаст, баъд аз ҷо бармехост».*

## (128) Боб. Намозхон ҳангоми ба саҷда рафтан такбир гӯяд

*Ва Нофеъ гуфт: «Ибни Умар дастонашро пеш аз зону ба замин мегузошт».*

**803.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: *Абӯбакр ибни Абдурраҳмон ибни ал-Ҳорис ибни Ҳишом ва Абӯсалама ибни Абдурраҳмон ба ман хабар доданд, ки Абӯҳурайра дар ҳар намози фарзӣ ва ғайри фарзӣ, дар Рамазон ва ғайри он такбир мегуфт; вақте ки ба намоз меистод, такбир мегуфт; баъди он чун ба рукӯъ мерафт, такбир мегуфт; пасон мегуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад); баъд, пеш аз он ки ба саҷда равад, мегуфт: «Раббано ва лака-л-ҳамд» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Турост); пасон чун ба саҷда мерафт, мегуфт: «Аллоҳу Акбар»; баъд чун аз саҷда сар мебардошт, такбир мегуфт; боз вақте ки саҷда мекард, такбир мегуфт; чун аз саҷда сар мебардошт, такбир мегуфт; сипас вақте ки дар охири ракъати дуюм аз қаъда бармехост, такбир мегуфт. Ӯ ин корро дар ҳар як ракъат то аз намоз фориғ шудан мекард. Баъд вақте ки аз намоз берун мешуд, мегуфт: «Қасам ба Он (Зоте), ки ҷони ман ба дасти Ӯст, ман дар адои намоз аз ҳамаи шумо бештар ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, монанду наздиктар ҳастам. Ва дарвоқеъ то лаҳзаи дунёро падруд гуфтанаш адои намози ӯ ҳамин гуна буд».*

**804.** (Абӯбакр ибни Абдурраҳмон ибни ал-Ҳорис ибни Ҳишом ва Абӯсалама ибни Абдурраҳмон) гуфтанд: ва Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун сар мебардошт, мегуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ Раббано ва лака-л-ҳамд» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад. Парвардигоро, сипосу ситоиш Туро́ст). Мардумонро дуои хайр мекард ва гоҳо онҳоро як-як ном мебурду мегуфт: «Бор Худоё, ал-Валид ибни ал-Валид, Салама ибни Ҳишом, Айёш ибни Абӯрабиъа ва мӯъминони нотавонро наҷот деҳ. Бор Худоё, бори гаронеро, ки бар дӯши қабилаи Музар ниҳодаӣ, гаронтар кун ва солҳои қаҳтии баробари солҳои замони Юсуфро бар онҳо бигумор!» Ва дар он рӯзгор мардуми қисми шарқии қабилаи Музар ба ӯ мухолифат доштанд».*

**805.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён чандин бор ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: аз Анас ибни Молик шунидаам, ки мегуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз болои асп афтод, – шояд Суфён ба ҷои «ан фарас» (аз болои асп) «мин фарас» (аз асп) гуфта бошад, – ва паҳлӯи росташ сахт харошида шуд. Мо ба иёдати ӯ даромадем. Баъд вақти намоз фаро расид. Ӯ бо мо нишаста намоз гузорид ва мо ҳам нишастем. – Бори дигар Суфён (ин ҷои ҳадисро чунин) гуфт: «Мо нишаста намоз хондем». – Чун намоз тамом шуд, ӯ гуфт: «Ҳамоно имом барои он аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд: агар ӯ такбир гӯяд, шумо ҳам такбир гӯед; ва агар ба рукӯъ равад, шумо ҳам ба рукӯъ равед; ва агар сарашро бардорад, шумо ҳам бардоред; ва агар гӯяд: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), шумо гӯед: «Раббано ва лака-л-ҳамд» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Туро́ст); ва агар ба саҷда равад, шумо низ саҷда кунед».* Суфён гуфт: «Оё ин ҳадисро Маъмар ҳам чунин овардааст?» Гуфтам (яъне Алӣ ибни Абдуллоҳ): «Оре». Гуфт: «Дарвоқеъ ҳифз кардааст, аз-Зуҳрӣ низ ҳамчунин гуфт: «Ва лака-л-ҳамд» (Сипосу ситоиш Туро́ст). Ман онро (бо ибораи) «мин шиққиҳи-л-айман» (аз паҳлӯи росташ) ёд кардаам». (Суфён гуфт): «Мавриде ки мо аз назди аз-Зуҳрӣ баромадем, ман дар назди Ибни Ҷурайҷ будам, ӯ гуфт: «Соқи росташ сахт харошида шуд».

## (129) Боб. Андар фазилати саҷда кардан

**806.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Саъид ибни ал-Мусайяб ва Ато ибни Язид ал-Лайсӣ ба ман хабар доданд, ки Абӯҳурайра ба онҳо хабар дод: *мардум пурсиданд: «Эй пайғамбари Худо, оё Парвардигорамонро рӯзи қиёмат хоҳем дид?» Гуфт: «Оё шумо шаби моҳи пурра вақте ки абре набошад, аз будани моҳ шубҳа мекунед?» Гуфтанд: «Не, эй пайғамбари Худо». Гуфт: «Оё шумо вақте ки абре набошад, аз будани офтоб шубҳа мекунед?» Гуфтанд: «Не». Гуфт: «Ба ростӣ ки шумо Ӯро ҳамчунон хоҳед дид. Рӯзи қиёмат вақте ки мардум ҳашр карда мешаванд, (Худо) гӯяд: «Ҳар кас ба ҳамон чизе, ки онро мепарастид, пайравӣ кунад!» Аз мардум баъзе ба офтоб ва баъзеи дигар ба моҳ пайравӣ хоҳанд кард, касоне низ хоҳанд буд, ки аз паси бутҳо мераванд. Ва фақат ҳамин уммат боқӣ мемонанд, ки дар байнашон мунофиқон ҳам хоҳанд буд. Худои азза ва ҷалла, назди онҳо ояду гӯяд: «Ман Парвардигори шумоам». Онҳо гӯянд: «То омадани Парвардигори мо ҷоямон ҳамин ҷост. Ва ҳар гоҳ Парвардигори мо ояд, мо ӯро хоҳем шинохт». Боз Худо наздашон ояду гӯяд: «Ман Парвардигори шумоам». Онҳо гӯянд: «Ту Парвардигори моӣ». Ӯ онҳоро даъват кунад ва Пули Сирот дар тарафҳои кӯтоҳтарини ҷаҳаннам гузошта шавад. Аз байни пайғамбарон ман аввалинам, ки бо уммати худ аз Пули Сирот мегузарам. Он рӯз ба ҷуз пайғамбарон касе сухан нагӯяд. Ва сухани пайғамбарон он рӯз чунин хоҳад буд: «Бор Худоё, моро ба саломат нигаҳ дор, ба саломат!» Ва дар дӯзах чангакҳое ҳастанд шабеҳи хори саъдон. Оё шумо хори саъдонро дидаед?» Гуфтанд: «Оре». Гуфт: «Он чангакҳо монанди хори саъдонанд, лекин калонтаранд ва бузургии онҳоро аз ғайри Худо касе намедонад. Он чангакҳо одамонро мувофиқи аъмолашон мерабоянд. Аз онҳо баъзе бо ҳамон аъмоли худ несту нобуд хоҳанд шуд ва бархе тикка-тикка хоҳанд шуд. Лекин баъд боз наҷот мееёбанд: Ҳар гоҳ Худо хоҳад, ки ба касе аз аҳли дӯзах меҳрубонӣ кунад, ба малоика амр мекунад: «Касонеро, ки Худоро парастидаанд, аз дӯзах берун оред». Пас онҳоро аз рӯи нақши саҷда шинохта берун оранд, зеро Худо ба оташи дӯзах ҳаром гардонидааст, ки ҷойҳои нақши саҷда доштаро бихӯрад. Ва онҳоро вақте ки аз оташи дӯзах берун меоранд, метавон дид, ки ғайр аз ҷойҳои нақши саҷда тамоми вуҷуди фарзанди Одамро оташи дӯзах хӯрдааст. Онҳоро чун аз оташи дӯзах берун оранд, (ғайр аз ҷойҳои нақши саҷда) та-*

*мом сӯхта сиёҳ шуда бошанд. Он гоҳ ба онҳо оби ҳаёт бирезанд. Онҳо айнан монанди неш задани дона дар лои селовард мерӯянд. Сипас Худо аз баровардани ҳукми бандагон фориғ мешавад ва як мард миёни ҷаннату дӯзах боқӣ мемонад. Ин охирин шахсе аз аҳли дӯзах аст, ки ба ҷаннат медарояд. Ва ӯ рӯй ба сӯи дӯзах истода мегӯяд: «Парвардигори ман, рӯи маро аз оташи дӯзах бигардон, ки дами бадбӯяш маро заҳрогин кард ва забонааш маро бисӯзонд». (Худо) гӯяд: «Агар ин хоҳиши ту иҷро шавад, боз ғайри он чизе талаб хоҳӣ кард?» Ӯ гӯяд: «Не, қасам ба иззати Ту». Худо бо ҳамин шарт бо ӯ аҳду паймон баста хоҳиши ӯро иҷро кунад ва рӯяшро аз оташи дӯзах ба сӯи дигар бигардонад. Ва чун рӯй ба тарафи ҷаннат гардонад, хуррамии онро бибинад ва он миқдор, ки Худо хоста бошад, хомӯш бимонад, пасон гӯяд: «Парвардигоро, маро ба дари ҷаннат наздик бибар!» Худо ба ӯ гӯяд: «Оё ту аҳду паймон набаста будӣ, ки ғайри ҳамон хоҳишат дигар чизе талаб нахоҳӣ кард?» Ӯ гӯяд: «Парвардигоро, маро магузор, ки бадбахттарини офаридаҳоят бошам». Худо гӯяд: «Оё агар он чӣ, ки мехоҳӣ, ба ту дода мешавад, ғайри он чизе талаб нахоҳӣ кард?» Ӯ гӯяд: «Не, ба иззати Ту қасам, ки ғайри он чизе талаб нахоҳам кард». Парвардигораш бо ҳамин аҳду паймон хоҳиши ӯро иҷро кунад ва ӯро ба дари ҷаннат наздик барад. Ва чун ба дари ҷаннат расад, шукуфоӣ, сафову тозагӣ ва хуррамии онро бинад ва он миқдор, ки Худо хоста бошад, хомӯш монад. Баъд гӯяд: «Парвардигоро, маро ба ҷаннат дарор!» Худои Таъоло ба ӯ гӯяд: «Вой бар ту, эй фарзанди Одам, чӣ бевафову паймоншикан ҳастӣ!?» Охир он ту набудӣ, ки аҳду паймон бастӣ ва гуфтӣ: ғайри он чӣ ба ту доданд, дигар талаб накунӣ?!» Ӯ гӯяд: «Парвардигоро, маро бадбахттарини офаридагонат нагардон». Худои азза ва ҷалла бар ӯ бихандад. Баъди он барои даромадан ба ҷаннат дастурӣ диҳаду ба ӯ гӯяд: «Ҳар чӣ хоҳӣ, биталаб». Ӯ талаб кунад, то ҳамаи хоҳишу орзуҳояш тамом шаванд. Худои азза ва ҷалла гӯяд: «Фалону фалон чизҳоро биталаб». Ва Парвардигораш орзуву хоҳишҳои пештараро ба ёдаш орад. Ва чун ҳамаи ин орзуву хоҳишҳо ба охир расанд, Худои Таъоло гӯяд: «Ҳамаи ин ва ба болои он ҳамон қадари дигар аз они туст».* Абӯсаъид ал-Худрӣ ба Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: ба ростӣ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *Худои азза ва ҷалла гуфт: «Ҳамаи ин ва ба болои он даҳчанди он аз они туст».* Абӯҳурайра гуфт: «Ман аз

пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ғайри ҳамон гуфтааш, ки *«Ҳамаи ин ва ба болои он ҳамон қадари дигар аз они туст»,* дигар чизеро дар ёд надорам». Абӯсаъид ал-Худрӣ гуфт: ман аз ӯ шунидаам, ки мегуфт: *«Ҳамаи ин ва ба болои он даҳчанди он аз они туст».*

### (130) Боб. Бозуҳо (аз паҳлӯ) ва шикам аз ронҳо дур доштани намозхон ҳангоми саҷда

**807.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: Бакр ибни Музар ба ман нақл кард, аз Ҷаъфар, аз Ибни Ҳурмуз, аз Абдуллоҳ ибни Молик ибни Буҳайна: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар гоҳ намоз мегузорид, миёни ду даст то ба ҳадде кушода медошт, ҳатто сафедии зери бағали ӯ намоён мешуд».* Ва ал-Лайс гуфт: «(Ҳадисе) монанди инро Ҷаъфар ибни Рабиъа ба ман нақл кард.

### (131) Боб. Намозхон сари ангуштони пойҳо ҷониби қибла гардонад

*Инро Абӯҳумайд ас-Саъидӣ, гуфтааст, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

### (132) Боб. Агар намозхон саҷдаро ба итмом нарасонад, (чӣ мешавад)?

**808.** Ас-Салт ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Маҳдӣ ба мо нақл кард, аз Восил, аз Абӯвоил, аз Ҳузайфа: *«Ӯ мардеро дид, ки рукӯъу саҷдаи худ ба итмом намерасонид. Ва чун намозашро хонда адо кард, Ҳузайфа ба ӯ гуфт: «Ту намоз нахондаӣ». (Абӯвоил) гуфт: ба гумонам Ҳузайфа гуфт: «Агар бимирӣ, на бар суннати Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мемирӣ».*

### (133). Боб. Андар саҷда кардан бо ҳафт устухон(-и бадан)

**809.** Қабиса ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Амр ибни Динор, аз Товус, аз Ибни Аббос: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, амр шуд, ки бо ҳафт узви бадан саҷда кунад: пешонӣ, дастон, ду зону ва пойҳо ва дар ин ҳол на мӯй ва*

*на либоси худро ҷамъ нигоҳ надорад».*

**810.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Амр, аз Товус, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Моро фармудаанд, ки бо ҳафт устухон саҷда кунем ва дар ин ҳол на либос ва на мӯйро ҷамъ нигоҳ надорем».*

**811.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Исроил ба мо нақл кард, аз Абӯисҳоқ, аз Абдуллоҳ ибни Язид ал-Хатмӣ, ки гуфт: ал-Баро ибни Озиб, ки ӯ дурӯғ намегуфт, ба мо нақл карда гуфт: *«Аз пушти пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, истода намоз мехондем ва ӯ ҳар гоҳ мегуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), касе аз мо то пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пешонии худ ба замин намегузошт, пушти худро хам намекард».*

## (134) Боб. Андар саҷда кардан бо бинӣ

**812.** Муъалло ибни Асад ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Товус, аз падараш, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ман фармуда шудааст, ки бо ҳафт устухон саҷда кунам: пешонӣ – ва ӯ бо дасташ ба бинӣ ишора намуд, – ду даст, ду зону ва сари ангуштони ҳарду пой. Ва дар ин ҳол либосу мӯро ҷамъ нигоҳ надорам».*

## (135) Боб. Андар саҷда кардан бо бинӣ ва саҷда кардан дар рӯи лой

**813.** Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, ки гуфт: «Назди Абӯсалама ал-Худрӣ рафта ба ӯ гуфтам: «Оё бо мо ба нахлистон намеравӣ, ки суҳбат кунем?» Ӯ баромад. Ман гуфтам: «Дар бобати лайлатулқадр ҳар чӣ аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаӣ, нақл кун». Гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар даҳ рӯзи аввали Рамазон ба эътикоф нишаст. Мо ҳамроҳи ӯ ба эътикоф нишастем. Ҷабраил назди ӯ омаду гуфт: «Он чӣ ту талаб дорӣ, дар пеш аст». Ӯ дар даҳ рӯзи мобайн ҳам ба эътикоф нишаст. Мо низ ҳамроҳи ӯ ба эътикоф нишастем. Ҷабраил назди ӯ омаду гуфт: «Он чӣ ту талаб дорӣ, дар пеш аст». Субҳи рӯзи бистуми Рамазон пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам,*

*бархост ва хутба карда гуфт: «Ҳар кӣ ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба эътикоф нишаста буд, боз ба идома додани он баргардад. Зеро ки ба ман дар хоб лайлатулқадрро нишон доданд, лекин фаромӯш кардам, ки кадом шаб буд. Ба дурустӣ ки он дар яке аз шабҳои тоқи даҳаи охири моҳ аст. Ва дар хоб дидам, ки дар рӯи лою об саҷда мекунам». Сақфи масҷид аз шохаҳои нахл пӯшонида буданд. Ҳамон вақт дар осмон абре надидем. Ногаҳон пораи абр омаду ба сари мо борид. Пас пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо (имоматӣ карда) намоз гузорид. Ман осори лою об дар пешонӣ ва нӯги бинии пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам. Ин исботи рост баромадани хоби ӯ буд».*

## (136) Боб. Андар гиреҳ кардану бастани либос (бар тан); дар бораи касе, ки аз хавфи намоён шудани авраташ либосашро ба худ печонад

**814.** Муҳаммад ибни Касир ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз Абӯҳозим, аз Саҳл ибни Саъд, ки гуфт: *«Мардум ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонданд. Изорҳои худро ба сабаби хурд будан ба гарданашон баста буданд. Ва ба занҳо фармуданд, ки то рост нишастани мардҳо сарҳои худ аз саҷда набардоранд».*

## (137) Боб. Намозхон мӯяшро ҷамъ накунад

**815.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод – ва ӯ ибни Зайд аст – ба мо нақл кард, аз Амр ибни Динор, аз Товус, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фармуда шудааст, ки бо ҳафт устухон саҷда кунад. Ва дар ин ҳол на либос ва на мӯяшро ҷамъ нигоҳ надорад».*

## (138) Боб. Намозхон ҳангоми адои намоз либосашро ҷамъ нигоҳ надорад

**816.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Амр, аз Товус, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Маро фармуда шудааст, ки бо ҳафт (андом) саҷда кунам ва на мӯю на либосро ҷамъ нигоҳ надорам».*

## (139) Боб. Андар тасбеҳ ва дуо гуфтан ҳангоми саҷда

**817.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Суфён, ки гуфт: Мансур ба ман нақл кард, аз Муслим, аз Масруқ, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар рукӯъу саҷда «Субҳонака-л-Лоҳумма, Раббано ва би ҳамдика, Аллоҳумма-ғфир лӣ» (Покӣ Туростa, Бор Худоё, Парвардигоро ва бо сипосу ситоиши Ту, Бор Худоё, маро биомурз)-ро бисёр мегуфт ва аз рӯи фармудаи Қуръон амал мекард».*

## (140) Боб. Байни ду саҷда фурсате ором нишастан

**818.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Абӯқилоба, ки Молик ибни ал-Ҳувайрис ба ёронаш гуфт: «Мехоҳед ман ба шумо аз намози пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хабар диҳам?» (Абӯқилоба) гуфт: *«Ва ин сӯҳбат берун аз вақти намоз доир шуд». (Молик) бархосту ба намоз истод, баъд ба рукӯъ рафт ва такбир гуфт. Пасон сарашро бардошту андак вақт рост истод; сипас саҷда кард ва сар бардошта, андаке дар ҳамон ҳол бимонд. Ва ӯ айнан ба тарзи намозхонии Амр ибни Салама – ин шайхи мо – намоз хонд». Айюб гуфт: «Он чӣ ӯ дар намоз мекард, ман ҳаргиз надидаам, ки дигарон онро карда бошанд; ӯ дар ракъати сеюм ё чаҳорум менишаст».*

**819.** (Молик ибни ал-Ҳувайрис) гуфт: *«Мо назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омадем ва муддате наздаш мондем. Ӯ гуфт: «Ҳар гоҳ назди аҳли худ бозгардед, фалон намозро дар фалон вақт адо кунед ва фалон намозро дар фалон вақт хонед. Чун вақти намоз фаро расад, бигузор яке аз шумо азон гӯяд ва бузургтаринатон имом шавад».*

**820.** Муҳаммад ибни Абдурраҳим ба мо нақл карда гуфт: Абӯаҳмад Муҳаммад ибни Абдуллоҳ аз-Зубайрӣ ба мо нақл карда гуфт: Мисъар ба мо нақл кард, аз ал-Ҳакам, аз Абдурраҳмон ибни Абӯлайло, аз ал-Баро, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои саҷда, рукӯъ ва нишастан дар байни ду саҷда тақрибан баробар муддату вақт сарф мекард».*

**821.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Собит, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу,

ки гуфт: *«Ба ростӣ, ман пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, ки ба мо (имом шуда) намоз хонд ва ман аз он намозхонии ӯ чизе кам накарда бо шумо намоз мехонам». Собит гуфт: «Он чӣ Анас мекард, ман ҳаргиз надидаам, ки шумо карда бошед, ӯ чун сар аз рукӯъ мебардошт, то ҳадде рост меистод, ки кас фикр мекард: «Мабодо (саҷда карданро) аз хотир бароварда бошад». Ва низ дар байни ду саҷда то ҳадде таваққуф мекард, ки кас фикр мекард: «Мабодо (саҷдаи дуюмро) фаромӯш карда бошад».*

## (141) Боб. Намозхон бояд ду соиди худ ба замин нарасонад

*Ва Абӯҳумайд гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, саҷда кард ва дастҳоро нахобонида ва (ба бадан) начаспонида ба замин гузошт».*

**822.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: шунидам, ки Қатода гуфт, аз Анас ибни Молик, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Дар саҷда росту устувор шавед; касе аз шумо набояд ду соидашро сагвор ба замин густурад».*

## (142) Боб. Дар бораи касе, ки баъди ракъати тоқи намоз фурсате рост нишаста, пас, аз ҷой бархезад

**823.** Муҳаммад ибни ас-Саббоҳ ба мо нақл карда гуфт: Ҳушайм ба мо хабар дода гуфт: Холид ал-Ҳаззо ба мо хабар дод, аз Абӯқилоба, ки гуфт: *Молик ибни ал-Ҳувайрис ал-Лайсӣ ба мо хабар дод, ки вай пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар мавриди намозхонӣ дидааст; ва ӯ ҳар гоҳ ба охири ракъати тоқи намоз мерасид, то фурсате рост нанишинад, аз ҷой намехест».*

## (143) Боб. Ҳар гоҳ намозхон баъди ракъате бархостанӣ шавад, ба замин чӣ гуна такя кунад?

**824.** Муъалло ибни Асад ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Абӯқилоба, ки гуфт: *«Молик ибни ал-Ҳувайрис ба масҷидамон омаду ба мо (имоматӣ карда)*

*намоз хонд ва гуфт: «Дарвоқеъ ман бо шумо намоз мехонам, лекин мақсади ман хондани намоз нест, балки мехоҳам тарзи намозхонии пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ман дидаам, ба шумо нишон диҳам». Айюб гуфт: ба Абӯқилоба гуфтам: «Намозхонии ӯ чӣ гуна буд?» Гуфт: «Монанди намозхонии ин шайхи мо». Ӯ Амр ибни Саламаро дар назар дошт. Айюб гуфт: «Он шайх такбирро ба итмом мерасонид ва ҳар гоҳ аз саҷдаи дуюм сар мебардошт, андак вақт менишаст ва ба замин такя мекард ва он гаҳ аз ҷой мехест».*

## (144) Боб. Намозхон баъди ду саҷда такбир гуфта аз ҷо хезад

*Ва Ибни аз-Зубайр ҳангоми бархостан такбир мегуфт.*

**825.** Яҳё ибни Солеҳ ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ибни Сулаймон ба мо нақл кард, аз Саъид ибни ал-Ҳорис, ки гуфт: *«Абӯсаъид ба мо (имоматӣ карда) намоз хонд. Чун сарашро аз саҷда бардошт, чун ба саҷда рафт, чун сарашро аз он бардошт ва чун баъди ду ракъат бархост, бо овози баланд такбир гуфт». Сипас гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, ки ҳамин тарз намоз мегузорид».*

**826.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл карда гуфт: Ғайлон ибни Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мутарриф, ки гуфт: *«Ману Имрон аз пушти Алӣ ибни Абӯтолиб, разия-л-Лоҳу анҳу, истода намоз хондем. Ӯ чун ба саҷда мерафт, такбир мегуфт; ва чун сарашро мебардошт, такбир мегуфт; ва чун баъди ду ракъат рост мешуд, такбир мегуфт. Баъди он ки ӯ саломи намоз дод, Имрон дасти маро гирифту гуфт: «Ба ростӣ, ин кас ба мо намози Муҳаммадро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гузорид» – ё гуфт: «Ба ростӣ, ин кас намози Муҳаммадро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ёди ман овард».*

## (145) Боб. Суннати нишастан дар ташаҳҳуд

*Ва Умму-д-Дардо дар намоз мисли мард менишаст ва ӯ зане буд фақеҳа.*

**827.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Абдурраҳмон ибни ал-Қосим, аз Абдуллоҳ ибни Абдуллоҳ, ки вай ба (Абдурраҳмон ибни ал-Қосим) хабар дод: *«Ман Абдуллоҳ*

*ибни Умарро, разия-л-Лоҳу анҳумо, дидам, ки ӯ дар вақти намоз чорзону менишаст. Ман, ки дар он айём навҷавон будам, ҳамчунин кардам. Абдуллоҳ ибни Умар маро аз ин кор манъ карду гуфт: «Суннати намоз ин аст, ки пои ростро истода дорӣ ва пои чапро тaҳ кунӣ». Ман гуфтам: «Лекин худат чорзону нишастаӣ?!» Гуфт: «Ба ростӣ, пойҳоям қуввати бардоштани маро надорад».*

**828.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Холид, аз Саъид, аз Муҳаммад ибни Амр ибни Ҳалҳала, аз Муҳаммад ибни Амр ибни Ато; ва (ба исноди дигар) ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Язид ибни Абӯҳабиб ва Язид ибни Муҳаммад, аз Муҳаммад ибни Амр ибни Ҳалҳала, аз Муҳаммад ибни Амр ибни Ато, ки ӯ бо чанде аз ёрони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нишаста буд, (гуфт:) «Он ҷо тарзи намозхонии пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ёд овардем. Абӯҳумайд ас-Соъидӣ гуфт: *«Ман тарзи намоз гузоридани пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз шумо беҳтар дар ёд дорам. Ман дидаам, ӯ ҳар гоҳ ки такбир мегуфт, дастҳо баробари китф мебардошт; ва чун ба рукӯъ мерафт, бо дастҳо зонуҳоро устувор мегирифт ва пушташро росту ҳамвор дуто мекард; ва чун сар мебардошт, то дар ҷои худ қарор гирифтани ҳар як мӯҳраи сутунмӯҳрааш рост меистод. Ва ҳар гоҳ ки ба саҷда мерафт, дастҳоро ба замин нагустурда ва ба бадан начаспонида мегузошт; ва сари ангушти пойҳоро қатъ карда ҷониби қибла мегардонид; ва чун бар сари ду ракъат нишастанӣ шавад, бар пои чап менишаст ва пои ростро истода медошт; ва чун дар ракъати охирин нишастан мехост, пои чапро андаке пештар бароварда, пои ростро истода, худ бар сурин менишаст».* (Инро) ал-Лайс аз Язид ибни Абӯҳабиб ва Язид ибни Муҳаммад ибни Амир ибни Ҳалҳала ва Ибни Ҳалҳала, аз Ибни Ато шунидаанд. Ва Абӯсолеҳ гуфт, аз ал-Лайс: «Ҳар як мӯҳра». Ва Ибни Муборак гуфт, аз Яҳё ибни Айюб, *ки гуфт: Язид ибни Абӯҳабиб ба ман нақл кард, ки Муҳаммад ибни Амр ба ӯ нақл кард: «Ҳар як мӯҳра».*

### (146) Боб. Дар бораи касе, ки ба раъйи ӯ ташаҳҳуди якум воҷиб нест

*Зеро ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди ракъати дуюм нанишаста аз ҷо бархост ва дубора нанишаст.*

**829.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Абдурраҳмон ибни Ҳурмуз – мавлои банӣ Абдулмутталиб ва боре дигар гуфт: «Мавлои Рабиъа ибни ал-Ҳорис ба ман нақл кард, ки Абдуллоҳ ибни Буҳайна ва ӯ аз қабилаи Азди Шануа – ҳампаймони қабилаи Абд Манофи ва аз ёрони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буд, (гуфт): *«Боре пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба онҳо (имоматӣ карда) намози пешин гузорид ва баъди ду ракъати аввал нанишаста аз ҷой бархост. Ва мардум низ аз ҷо бархостанд. Чун намозро ба охир расониду мардум дар интизори салом доданаш буданд, ӯ нишаста такбир гуфт ва пеш аз салом ду саҷда карду баъдан салом дод».*

## (147) Боб. Ташаҳҳуд андар қаъдаи якум

**830.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Бакр ба мо нақл кард, аз Ҷаъфар ибни Рабиъа, аз ал-Аъраҷ, аз Абдуллоҳ ибни Молик ибни Буҳайна, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо (имоматӣ карда) намози пешин гузорид. Ӯ (баъди ракъати дуюм) аз ҷой бархост, вале бояд ки (барои ташаҳҳуд) менишаст. Чун намозро ба охир расонид, нишаста ду саҷда кард».*

## (148) Боб. Ташаҳҳуд андар қаъдаи ахир

**831.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Шақиқ ибни Салама, ки гуфт: Абдуллоҳ гуфт: «Вақте ки ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, иқтидо карда намоз мехондем, мегуфтем: «Салом ба Ҷабраилу Микоил, салом ба фалону фалон». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба гӯшаи чашм ба мо нигаристу гуфт: *«Ба ростӣ (яке аз исмҳои) Худо худ «ас-Салом» аст ва ҳар гоҳ касе аз шумо намоз гузорад, бояд гӯяд: «Ат-таҳийёту ли-л-Лоҳи, ва-с-салавоту ва-т-таййибот. Ас-салому алайка айюҳо-н-набийю ва раҳмату-л-Лоҳи ва баракотуҳу. Ас-салому алайно ва ало ибоди-л-Лоҳи-с-солиҳин» (Дурудҳо, намозҳо ва некӯиҳо хосси Худост. Салому раҳмати Худо ва баракоташ бар ту бод, эй пайғамбар. Ва салом бар мову бандагони некӯкори Худо бод). – Ва чун шумо инро бигӯед, ба дурустӣ, саломи шумо ба ҳар як бандаи некӯкори Худо, ки дар осмону замин аст, мерасад. – «Ашҳаду ан ло илоҳа илло-л-Лоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу» (Гувоҳӣ*

*медиҳам, ки ҷуз Худо ҳеҷ маъбуде нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва пайғамбари Ӯст)».*

### (149) Боб. Дуои пеш аз салом додан

**832.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Урва ибни аз-Зубайр ба мо хабар дод, аз Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ба ӯ хабар дод: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намоз дуо мекард: «Аллоҳумма иннӣ аъузу бика мин азоби-л-қабри. Ва аъузу бика мин фитнати-л-Масеҳи-д-Даҷҷоли. Ва аъузу бика мин фитнати-л-маҳё ва фитнати-л-мамоти. Аллоҳумма иннӣ аъузу бика мина-л-маъсами ва-л-мағрами». (Бор Худоё, ман аз азоби қабр ба Ту паноҳ мебарам. Ва аз фитнаи Масеҳи Даҷҷол ба Ту паноҳ мебарам. Ва аз фитнаи ҳаёту мамот ба Ту паноҳ мебарам. Бор Худоё, ман аз гуноҳ кардан ва қарздор шудан ба Ту паноҳ мебарам). – Касе ба ӯ гуфт: «Чаро аз қарздор шудан бисёр паноҳ металабӣ?» Гуфт: «Ба ростӣ ки мард агар қарздор шавад, чун сухан гӯяд, дурӯғ гӯяд ва чун ваъда диҳад, хилоф кунад».*

**833.** Ва (ба исноди дигар Шуъайб) гуфт, аз аз-Зуҳрӣ: Урва ба ман хабар дод, ки Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: *«Шунидам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намоз аз фитнаи Даҷҷол паноҳ металабид».*

**834.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Язид ибни Абӯҳабиб, аз Абулхайр, аз Абдуллоҳ ибни Амр, аз Абӯбакри Сиддиқ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки ӯ ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Маро дуое биомӯз, ки онро дар намозам бигӯям». Гуфт: *«Бигӯ: «Аллоҳумма иннӣ заламту нафсӣ зулман касиран ва ло яғфиру-з-зунуба илло Анта, фа-ғфир лӣ мағфиратан мин индика, ва-рҳамнӣ, иннака Анта-л-Ғафуру-р-Раҳим» (Бор Худоё, ба дурустӣ ки ман дар ҳаққи худ ситам бисёр кардаам ва ба ҷуз Ту касе гуноҳонро наомурзад, пас ба ман аз ҷониби худ омурзише бидеҳ ва ба ман раҳмат кун, ба ростӣ ки Ту Омурзандаи Меҳрубон ҳастӣ).*

### (150) Боб. Он чӣ аз дуо, ки баъд аз ташаҳҳуд ихтиёр карда шавад ва воҷиб набудани он дуо

**835.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз

ал-Аъмаш, ки гуфт: Шақиқ ба ман нақл кард, аз Абдуллоҳ, ки гуфт: «Ҳар гоҳ дар намоз ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бошем, мегуфтем: «Салом ба Худо аз бандагонаш, салом ба фалону фалон». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ас-салому ало-л-Лоҳ» (Салом ба Худо) нагӯед, зеро ки (яке аз исмҳои) Худо худ «ас-Салом» аст; балки бигӯед: «Ат-таҳийёту ли-л-Лоҳи, ва-с-салавоту ва-т-таййибот. Ас-салому алайка айюҳо-н-набийю ва раҳмату-л-Лоҳи ва баракотуҳу. Ас-салому алайно ва ало ибоди-л-Лоҳи-с-солиҳин». (Дурудҳо, намозҳо ва некӯиҳо хосси Худост. Салому раҳмати Худо ва баракоташ бар ту бод, эй пайғамбар. Ва салом бар мову бандагони некӯкори Худо бод). – Ва ҳар гоҳ шумо инро бигӯед, ба дурустӣ, саломи шумо ба ҳар як банда, ки дар осмон ё миёни осмону замин аст, мерасад. – «Ва ашҳаду ан ло илоҳа илло-л-Лоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу». (Гувоҳӣ медиҳам, ки ҷуз Худо ҳеҷ маъбуде нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва пайғамбари Ӯст). Баъди он намозхон ихтиёр дорад ҳар дуоеро, ки ба худаш маъқул аст, бигӯяд».*

## (151) Боб. Дар бораи касе, ки то адо намудани намоз пешонию бинии худро пок накунад

*Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ал-Ҳумайдиро дидам, ки барои дар намоз пешонӣ пок накардан ҳамин ҳадисро ҳуҷҷат меовард».*

**836.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, ки гуфт: аз Абӯсаъид ал-Худрӣ суол кардам, ӯ гуфт: *«Ман пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки болои обу лой саҷда мекард ва дар пешонии ӯ осори лой дидам».*

## (152) Боб. Салом додан (дар охири намоз)

**837.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл карда гуфт: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Ҳинд бинти ал-Ҳорис, ки Умм Салама, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, салом медод, занон баъди саломи ӯ бармехестанд ва ӯ пеш аз бархостан андаке тавaққуф мекард». Ибни Шиҳоб гуфт: «Ба назари ман – ва Худо беҳтар донад – таваққуфи ӯ барои он буд, ки занҳо бемалол баромада раванд, то мардони аз намоз баромада онҳоро*

*нашиносанд».*

## (153) Боб. Муқтадӣ баробари салом додани имом салом диҳад

*Ва Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, мустаҳаб медонист, ки чун имом салом дод, касони аз паси ӯ буда салом диҳанд.*

**838.** Ҳиббон ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Маҳмуд ибни ар-Рабеъ, аз Итбон, ки гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз хондем ва чун ӯ салом дод, мо ҳам салом додем».*

## (154) Боб. Дар бораи касе, ки ба имом ҷавоби салом надода, бо салом додан дар охири намоз иктифо кунад

**839.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: *«Маҳмуд ибни ар-Рабеъ ба ман хабар дод ва ба боварӣ гуфт, ки пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ёд дорад, ки ӯ аз далви дар хонаашон буда ба даҳон об гирифта (ба ӯ) пошид».*

**840.** Ӯ боз гуфт: аз Итбон ибни Молик ал-Ансорӣ – ва ӯ аз (қабилаи) банӣ Солим буд, шунидам, ки гуфт: *«Ман ба қавми худ – банӣ Солим – (имоматӣ карда) намоз мегузоридам; ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омада гуфтам: «Ба ростӣ ки чашми ман оҷиз шудааст ва гоҳо сел омада байни ману масҷиди қавми ман монеъ мешавад. Хоҳиш дорам, ки ту биёӣ ва дар ягон ҷои хонаи ман намоз гузорӣ, то ман онро ҷои намозхонӣ кунам». Ӯ гуфт: «Иншоаллоҳ, чунин кунам». Рӯзи дигар пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳи Абӯбакр баъди баланд шудани (офтоби) рӯз ба хонаам омад. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои ба хона даромадан иҷозат хост, ман ба ӯ иҷозат додам. Ӯ нанишаста гуфт: «Дар куҷои хонаат мехоҳӣ, ки намоз хонам?» Ман ба ӯ ҷоеро, ки мехостам намоз хонад, нишон додам. Ӯ ба намоз истод, мо аз пушти ӯ саф кашидем. Баъд ӯ салом дод ва мо низ салом додем».*

## (155) Боб. Ба зикр рафтан баъди адои намоз

**841.** Исҳоқ ибни Наср ба мо нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба

мо нақл карда гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо нақл карда гуфт: Амр ба ман хабар дод, ки Абӯмаъбад – мавлои Ибни Аббос, ба ӯ хабар дод, ки Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба вай хабар дод: *«Дар аҳди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, одат буд, ки баъди аз намози фарз берун шудани мардум барои зикр овоз баланд карда шавад».*

Ва Ибни Аббос гуфт: «Ман ҳар гоҳ овози барои зикр баланд шударо мешунидам, медонистам, ки мардум аз намози фарз берун шудаанд».

**842.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Амр ба мо нақл карда гуфт: Абӯмаъбад ба ман хабар дод, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Ман бо шунидани такбир ба анҷом расидани намози пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мефаҳмидам».*

Алӣ гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Амр, ки гуфт: «Абӯмаъбад аз ростгӯтарин мавлоёни Ибни Аббос буд». Алӣ гуфт: «Ва номи ӯ Нофиз аст».

**843.** Муҳаммад ибни Абӯбакр ба мо нақл карда гуфт: Мӯътамир ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, аз Сумай, аз Абӯсолеҳ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: «Фақирон назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омада гуфтанд: «Аҳли сарвату амволи бисёр ҳам ба мартабаҳои баланд ва ҳам ба неъматҳои ҷовидон соҳиб шуданд; онҳо айнан монанди мо намоз мегузоранд ва айнан монанди мо рӯза медоранд. Ва онҳо, гузашта аз он, бо сарвати худ бар мо бартарӣ доранд, зеро бо он ҳаҷҷу умра мекунанд, ба ҷиҳод мебароянд ва садақа медиҳанд». Гуфт: *«Оё мехоҳед, кореро ба шумо гӯям, ки агар онро иҷро кунед, ҳатман ба он пешрафтагон расида мегиред ва касе минбаъд ба шумо баробар нахоҳад шуд? Шумо ва онҳое, ки айнан ҳамон кори манзури маро мекунанд, беҳтарин касоне хоҳед буд, ки дар байни онҳо ҳастед?! – Пас аз адои ҳар як намоз сию се бор «субҳона-л-Лоҳ», сию се бор «ал-ҳамду ли-л-Лоҳ» ва сию се бор «Аллоҳу Акбар» гӯед». Мо дар байни худ ихтилоф кардем ва баъзеҳо гуфтанд: «Сию се бор «субҳона-л-Лоҳ», сию се бор «ал-ҳамду ли-л-Лоҳ» ва сию чаҳор бор «Аллоҳу Акбар» бояд гӯем». Ман назди ӯ баргаштам. Ӯ гуфт: «Субҳона-л-Лоҳ», «ал-ҳамду ли-л-Лоҳ» ва «Аллоҳу Акбар» мегӯӣ, ки ҳар яки он сию се бор бошад».*

**844.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Абдулмалик ибни Умайр, аз Варрод – муншии ал-Муғира ибни Шуъба, ки гуфт: «Ал-Муғира дар номаи ба

Муъовия фиристодааш ба ман имло кард: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди ҳар як намози фарз мегуфт: «Ло илоҳа илло-л-Лоҳу ваҳдаҳу, ло шарика лаҳу, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва Ҳува ало кулли шайъин қадир. Аллоҳумма ло мониъа ли мо аътайта ва ло муътия ли мо манаъта ва ло янфаъу зо-л-ҷадди минка-л-ҷадду» (Ба ҷуз Худо маъбуде нест, Ягонае, ки шарик надорад; подшоҳӣ, сипосу ситоиш Ӯрост; Ӯ бар ҳама чиз Тавоност. Бор Худоё, ҳар чӣ Ту бидиҳӣ, онро ҳеҷ монеъе нест; ва он чиро, ки Ту манъ кардӣ, баргардонандаи он нахоҳад буд; ва ҳар соҳиби дороӣ пеши Ту истад, дороиаш ба ӯ манфиате нарасонад)».*

Ва ҳамин ҳадисро Шуъба аз Абдулмалик гуфт, аз ал-Ҳакам, аз ал-Қосим ибни Мухаймира, аз Варрод. Ва ал-Ҳасан гуфт: «Ҷадд» ба маънои «дороӣ» аст.

## (156) Боб. Имом баъди салом додан рӯй ба мардум гардонад

**845.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ибни Ҳозим ба мо нақл карда гуфт: Абӯраҷо ба мо нақл кард, аз Самура ибни Ҷундаб, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди адои намоз рӯй ба сӯи мо гардонд».*

**846.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик ибни Солеҳ ибни Кайсон, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд, аз Зайд ибни Холид ал-Ҷуҳанӣ, ки ӯ гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Ҳудайбия баъди бороне, ки шабона борид, ба мо (имоматӣ карда) намози бомдодро гузорид. Чун аз намоз берун шуд, рӯй ба мардум гардониду гуфт: «Оё медонед, ки Парвардигоратон чӣ гуфт?» Гуфтанд: «Худову расули Ӯ беҳтар донанд». Гуфт: «Аз бандагонам баъзе ба Ман мӯъмин шуданд ва баъзе – кофир: касоне, ки гуфтанд: «Аз фазлу раҳмати Худо ба мо борон борид» – инҳо ба Ман (бовар карда) мӯъмин шуданд ва ба ситорагон нагаравиданд. Аммо касоне, ки гуфтанд: «Аз таъсири фалону фалон ситора борон борид» – инҳо ба Ман (бовар накарда) кофир шуданд ва ба ситорагон гаравиданд».*

**847.** Абдуллоҳ ба мо нақл кард, ки аз Язид шунид, ки гуфт: Ҳумайд ба мо хабар дод, аз Анас, ки гуфт: «Шабе пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хондани намози хуфтанро

то ними шаб ба таъхир андохт. Баъд назди мо берун омад. Ва чун намоз гузорид, рӯй ба сӯи мо гардониду гуфт: *«Ба дурустӣ ки мардум намоз хонданду ба хоб рафтанд ва ба ростӣ, шумо тамоми муддати намозро интизорӣ кашидан низ андар намоз будед».*

## (157) Боб. Дар ҷои намоз мондани имом баъди салом додан

**848.** Ва Одам ба мо гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Нофеъ, ки гуфт: «Ибни Умар дар ҳамон ҷое намози нафл мехонд, ки дар он ҷо намози фарзро хонда буд». Ва ал-Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр низ ҳамчунин мекард. Ва аз Абӯҳурайра (ин ҳадиси) марфӯъро ёд кардаанд: *«Имом дар ҳамон ҷо(-и намози фарз хондааш) намози нафл намехонад». (Абӯабдуллоҳ гуфт:) Ин ҳадис саҳеҳ нест.*

**849.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл карда гуфт: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Ҳинд бинти ал-Ҳорис, аз Умм Салама: *«Ҳар гоҳ ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, салом медод, дар ҷои худ андаке таваққуф мекард».* Ибни Шиҳоб гуфт: «Ба назари мо – ва Худо беҳтар донад – таваққуфи ӯ барои он буд, ки занҳо бемалол баромада раванд».

**850.** Ва Ибни Абӯмарям гуфт: Нофеъ ибни Язид ба мо хабар дода гуфт: Ҷаъфар ибни Рабиъа ба ман хабар дод, ки Ибни Шиҳоб ба вай навишта гуфтааст: Ҳинд бинти ал-Ҳорис ал-Фиросия ба ман нақл кард, аз Умм Салама, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва Ҳинд аз ҳамнишинони Умм Салама буд, гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, саломи намозро медод ва пеш аз он ки ӯ аз ҷои намоз равад, занҳо берун мерафтанд ва ба хонаҳояшон медаромаданд».* Ва (ба исноди дигар) Ибни Ваҳб гуфт, аз Юнус, аз Ибни Шиҳоб: Ҳинд ал-Фиросия ба ман хабар дод.

Ва Усмон ибни Умар гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ: Ҳинд ал-Фиросия ба ман нақл кард. Ва аз-Зубайдӣ гуфт: аз-Зуҳрӣ ба ман хабар дод, ки Ҳинд бинти ал-Ҳорис ал-Қурашия ба вай хабар дод ва ӯ зани Маъбад ибни ал-Миқдод – ҳампаймони (қабилаи) банӣ Зуҳра буд ва ба хонаҳои занони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рафтуо дошт. Ва Шуъайб гуфт, аз аз-Зуҳрӣ: Ҳинд ал-Қурашия ба ман нақл кард.

Ва Ибни Абӯатиқ гуфт, аз аз-Зуҳрӣ, аз Ҳинд ал-Фиросия. Ва ал-Лайс гуфт: Яҳё ибни Саъид ба ман нақл кард, ки ӯ ин ҳадисро нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз қурайшизане ва он зан ин ҳадисро нақл кард, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (158) Боб. Дар бораи касе, ки ба мардум имоматӣ карда намоз гузорад ва зарурате ба ёдаш омада (пеш аз мардум) аз болои сари онҳо гузашта берун равад

**851.** Муҳаммад ибни Убайд ба мо нақл карда гуфт: Исо ибни Юнус ба мо нақл кард, аз Умар ибни Саъид, ки гуфт: Ибни Абӯмулайка ба ман хабар дод, аз Уқба, ки гуфт: *«Дар Мадина аз пушти пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, истода намози аср хондам. Ӯ салом дод, зуд бархосту аз байни сари мардум гузашта ба ҳуҷраи яке аз занҳояш даромад. Мардум аз ин шитоби ӯ дар тааҷҷуб афтоданд. Пас назди онҳо берун омад ва дид, ки мардум аз шитоби ӯ дар тааҷҷубанд, гуфт: «Каме зар дар хона буд, ҳамон ба ёдам омад. Нахостам, ки он фикри маро банд кунад, рафта фармудам, ки онро тақсим кунанд».*

## (159) Боб. Андар он ки баъди адои намоз ҳам ба рост ва ҳам ба чап баргаштан ва (ё) баромада рафтан (равост)

*Ва Анас ибни Молик ҳам ба сӯи рост ва ҳам ба сӯи чап бармегашт ва касонеро, ки қасдан – ё касонеро, ки дониста – фақат ба рост бармегаштанд, айб мекард».*

**852.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт, аз Сулаймон, аз Умора ибни Умайр, аз ал-Асвад, ки гуфт: Абдуллоҳ гуфт: *«Набояд касе аз шумо ба гумони ин, ки баъди намоз фақат ба дасти рост баргашта рафтан дуруст аст, баҳрае аз намози худро ба Шайтон гузорад. Зеро ман бисёр дидаам, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди намоз ба дасти чап баргашта мерафт».*

## (160) Боб. Он чӣ аз хусуси сир, пиёз ва гандано омадааст

*Ва сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ҳар кӣ бар асари гуруснагӣ ё ғайри он сир ё пиёз хӯрда бошад, ба масҷиди мо наздик наояд».*

**853.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Нофеъ ба ман нақл кард, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, *ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ғазваи Хайбар гуфт: «Ҳар кӣ аз ин рустанӣ – ӯ сирро дар назар дошт – хӯрда бошад, ба масҷиди мо наздик нашавад».*

**854.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абӯосим ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дода гуфт: Ато ба ман хабар дода гуфт: аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ шунидам, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ аз ин рустанӣ – муроди ӯ сир буд – хӯрда бошад, пеши мо ба масҷид наояд».* Ман гуфтам: «Ӯ чиро дар назар дошт?» Ҷобир гуфт: «Ба фикрам хоми онро дар назар дошт». Ва Махлад ибни Язид гуфт, аз Ибни Ҷурайҷ: «Фақат бӯи бади онро».

**855.** Саъид ибни Уфайр ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба мо нақл кард, аз Юнус, аз Ибни Шиҳоб: Ато ба бовар̣ӣ гуфт, ки Ҷобир ибни Абдуллоҳ ба боварӣ гуфт, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ сир ё пиёз хӯрда бошад, бигузор аз мо дурӣ ҷӯяд – ё гуфт: аз масҷиди мо дур бошад – ва дар хонааш биншинад». Ва боре ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, як дег сабзавот аз тараҳо(-и хӯрокӣ) оварданд. Ӯ дар он бӯе дарёфту (дар бораи он) пурсид. Пас ба вай ҳамаи тараҳои он дегро номбар карданд. Он гоҳ бифармуд, то онро ба яке аз ёронаш, ки ҳамроҳи ӯ буд, наздиктар гузоранд. Чун ӯ аз хӯрдан худдорӣ кардани ёрашро дид, гуфт: «Ту бихӯр, (ман намехӯрам,) зеро ман бо касе роз мегӯям, ки ту бо ӯ ҳамроз нестӣ».*

Ва Аҳмад ибни Солеҳ гуфт, аз Ибни Ваҳб: «Ба ӯ бадре оварданд». Ва Ибни Ваҳб гуфт: «Бадре» – яъне табақе оварданд, ки дар он сабзавот буд». (Абӯабдуллоҳ гуфт:) Ал-Лайс ва Абӯсафвон, аз Юнус қиссаи дегро зикр накардаанд ва ман намедонам, ки он аз забони аз-Зуҳрӣ гуфта шудааст ё дар худи ҳадис омадааст.

**856.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл кард, аз Абдулазиз, гуфт: марде аз Анас пурсид: «Оё ту аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чизе дар бораи сир шунидаӣ?» Анас гуфт: *пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳар кӣ аз ин рустанӣ хӯрда бошад, ба мо наздик нашавад ва бо мо намоз нахонад».*

### (161) Боб. Андар вузӯ кардани бачагон; ва кай

**ғуслу таҳорат бар онҳо воҷиб мегардад? Ҳозир шудани онҳо дар намозҳои ҷамоат, Идайн ва ҷаноза; ва дар саф истодани онҳо**

**857.** Ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба ман нақл карда гуфт: Шуъба ба ман нақл карда гуфт: аз Сулаймон аш-Шайбонӣ шунидам, ки гуфт: *аз аш-Шаъбӣ шунидам, ки гуфт: «Он касе, ки ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз пеши қабри хароба гузаштааст, ба ман хабар дод, ки ӯ ба онҳо имоматӣ кард ва онҳо аз пушти ӯ саф кашиданд». Ман (Сулаймон аш-Шайбонӣ) гуфтам: «Эй Абӯамр, ба ту кӣ нақл кард?» (Аш-Шаъбӣ) гуфт: «Ибни Аббос».*

**858.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Сафвон ибни Сулайм ба ман нақл кард, аз Ато ибни Ясор, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ғусл кардан дар рӯзи ҷумъа барои ҳар инсони ба синни эҳтилом расида воҷиб аст».*

**859.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз Амр, ки гуфт: Курайб ба ман хабар дод, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Шабе дар хонаи холаам Маймуна мондам. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бихуфт. Чун посе аз шаб гузашт, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархост ва аз машки овезон сабук вузӯ кард». – Амр он вузӯро хеле сабуку андак гуфтааст. – «Баъди он бархосту ба намоз истод. Ман ҳам бархостаму айнан мисли ӯ вузӯ кардам. Баъд омада аз тарафи чапи ӯ истодам. Ӯ маро баргардониду аз тарафи рости худ гузошт. Пас он миқдор, ки Худо хост, намоз хонд. Баъд дароз кашиду хоб рафт, то хуррок кашиданаш шунида мешуд. Муаззине, ки барои ӯ азони намоз мегуфт, омад. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бе он ки вузӯ кунад, ҳамроҳи муаззин баромада намоз гузорид».* Ба Амр гуфтем: «Мардум мегӯянд, ки дарвоқеъ, чашмони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хоб мераванд, вале дилаш бедор аст». Амр гуфт: аз Убайд ибни Умайр шунидам, ки мегуфт: *«Ба дурустӣ ки хоб дидани пайғамбарон ваҳӣ аст». Баъд қироат кард: «Ҳамоно ман дар хоб мебинам, ки ман туро забҳ мекунам» (37:102).*

**860.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа, аз Анас ибни Молик, ки

модаркалонаш Мулайка таоме таҳия кард ва пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, даъват намуд. Ӯ аз он бихӯрду гуфт: *«Хезед, ман ба шумо (имоматӣ карда) намоз мегузорам». Ман бархоста ба рӯи бурёе аз мо, ки бар асари истифодаи дуру-дароз сиёҳ шуда буд, истодам ва дар (гӯшае аз) он об пошидам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту ба намоз истод, ману ятиме аз паси ӯ истодем ва кампир аз пушти мо истод. Ӯ ба мо ду ракъат намоз хонд».*

**861.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки ӯ гуфт: *«Рӯзе дар айёми қариб ба синну соли эҳтилом расиданам савори модахаре омадам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Мино бо мардум аз ғайри будани деворе (дар пеш) намоз мехонд. Ман аз пеши баъзе аз сафбудагон гузашта пиёда шудам ва харро ба чаридан раҳо карда, худам ба саф даромадам. Инро касе ба ман инкор накард».*

**862.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Урва ибни аз-Зубайр ба ман хабар дод, ки Оиша гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (барои хондани намози хуфтан) таъхир кард...» Ва (ба исноди дигар) Айёш гуфт: Абдулаъло ба мо нақл карда гуфт: Маъмар ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои хондани намози хуфтан таъхир кард, то он ки Умар ба ӯ нидо кард: «Ба ростӣ ки занону кӯдакон хоб рафтанд». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баромаду (ба мардум) гуфт: «Дарвоқеъ, аз ҳамаи мардуми рӯи замин ба ҷуз шумо касе ин намозро чунин адо намекунад». Ва дар он рӯзгор касе ба ғайр аз аҳли Мадина намозро боҷамоат намехонд».*

**863.** Амр ибни Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Абдурраҳмон ибни Обис ба ман нақл кард: аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидам, ки марде ба ӯ гуфт: *«Оё ҳангоми (дар намози ид) баромадани пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ту ҳам ҳозир будӣ?» Гуфт: «Оре ва агар қаробати ман бо ӯ намебуд, ба он ҳозир намешудам, – яъне ба сабаби хурдсолӣ – ӯ ба назди парчаме, ки дар пеши хонаи Касир ибни ас-Салт буд, омад, пасон хутба хонд. Сипас назди занон рафту ваъз гуфт, панд дод*

*ва ба онҳо фармуд, ки садақа кунанд. Ҳар зане даст ба зару зевар ва ҳалқаҳои худ бурда онро кушод ва ба домани ҷомаи Билол партофт. Баъди он ӯву Билол ба хона омаданд».*

## (162) Боб. Дар вақти шаб ва торикии поёни шаб ба масҷид омадани занон

**864.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Урва ибни аз-Зубайр ба ман хабар дод, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои хондани намози хуфтан таъхир кард, то он ки Умар ба ӯ нидо кард: «Занону кӯдакон хоб рафтанд». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз хона баромаду ба мардум гуфт: «Аз ҳамаи мардуми рӯи замин ба ғайри шумо касе мунтазири ин намоз нест». Ва дар он рӯзгор ин намозро боҷамоат ба ҷуз Мадина дар ҷои дигар намехонданд. Ва онҳо намози хуфтанро дар фосилаи байни нопадид шудани шафақ, то сеяки аввали шаб, адо мекарданд».*

**865.** Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл кард, аз Ҳанзала, аз Солим ибни Абдуллоҳ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Агар занҳоятон аз шумо барои шабона ба масҷид рафтан иҷозат пурсанд, ба онҳо иҷозат диҳед».* (Дар ривояти ин ҳадис) Шуъба (ба Убайдуллоҳ ибни Мӯсо) пайравӣ кардааст, аз ал-Аъмаш, аз Муҷоҳид, аз Ибни Умар, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (163) Боб. (Баъди намоз аз ҷой) бархостани имоми донишмандро мунтазир шудани мардум

**866.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Усмон ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Ҳинд бинти ал-Ҳорис ба ман нақл кард, ки Умм Салама, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ хабар дод: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, занон ҳар гоҳ ки дар охири намози фарз салом медоданд, аз ҷой мехестанд (ва мерафтанд). Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва мардони намозгузор он миқдор, ки Худо мехост, дар он ҷо мемонданд. Ва чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ҷой мехест, он мардон низ мехестанд».*

**867.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик (таҳвил).

Ва Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Яҳё ибни Саъид, аз Амра бинти Абдурраҳмон, аз Оиша, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози бомдодро адо мекард, занон бо пӯшишҳои худ сару тан печонида баромада мерафтанд ва аз сабаби торикии поёни шаб онҳоро шинохта намешуд».*

**868.** Муҳаммад ибни Мискин ба мо нақл карда гуфт: Бишр ба мо нақл карда гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо хабар дода гуфт: Яҳё ибни Абӯкасир ба ман нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода ал-Ансорӣ, аз падараш, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ростӣ, ман ҳар гоҳ ки дар намоз меистам, мехоҳам онро тӯлонӣ хонам, вале чун гиряи кӯдакеро шунавам, намозро сабук мекунам – намехоҳам, ки ба модари кӯдак машаққат оварад».*

**869.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Яҳё ибни Саъид, аз Амра бинти Абдурраҳмон, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Агар пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамон вақт дармеёфт, ки занон имрӯз чӣ корҳое мекунанд, албатта, онҳоро (аз рафтан ба масҷид) манъ мекард, чунон ки занони банӣ Исроилро манъ карда буданд». (Яҳё ибни Саъид гуфт:) ба Амра гуфтам: «Оё (занони банӣ Исроилро) манъ карда буданд?» Гуфт: «Оре».*

## (164) Боб. Андар намоз гузоридани занон аз паси мардон

**870.** Яҳё ибни Қазаъа ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Ҳинд бинти ал-Ҳорис, аз Умм Салама, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, салом медод, занон баъди саломи ӯ бармехестанд ва ӯ пеш аз он ки бархезад, дар ҷои нишастааш андаке таваққуф мекард». Аз-Зуҳрӣ гуфт: «Ба назари мо – ва Худо беҳтар донад – ӯ барои он чунин мекард, ки занонро касе аз мардон нашинохта, баромада раванд».*

**871.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Ибни Уяйна ба мо нақл кард, аз Исҳоқ, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар хонаи Умм Сулайм намоз гузо-*

*рид. Ману ятиме аз паси ӯ истодем ва Умм Сулайм аз паси мо истод».*

## (165) Боб. Андар зуд баромада рафтани занон баъди намози бомдод ва кам таваққуф кардани онҳо дар масҷид

**872.** Яҳё ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Мансур ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ба мо нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни ал-Қосим, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози бомдодро дар торикии поёни шаб мегузорид. Баъд занони мӯъминон баромада мерафтанд ва аз сабаби торикии поёни шаб онҳоро шинохта намешуд – ё онҳо якдигарро намешинохтанд».*

## (166) Боб. Андар иҷозат пурсидани зан аз шавҳар барои ба масҷид баромадан

**873.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл кард, аз Маъмар, аз аз-Зуҳрӣ, аз Солим ибни Абдуллоҳ, аз падараш, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Агар зани касе аз шумо иҷозати ба масҷид рафтан пурсад, манъаш накунед».*

## (167) Боб. Андар намоз гузоридани занон аз паси мардон

**874.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Ибни Уяйна ба мо нақл кард, аз Исҳоқ, аз Анас, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар хонаи Умм Сулайм намоз гузорид. Ману ятиме аз паси ӯ истодем ва Умм Сулайм аз паси мо истод».*

**875.** Яҳё ибни Қазаъа ба мо нақл кард: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Ҳинд бинти ал-Ҳорис, аз Умм Салама, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, салом медод, баъд аз адои салом занон бармехестанд ва ӯ пеш аз он ки бихезад, дар ҷои нишастааш андаке таваққуф мекард». (Умм Салама) гуфт: «Ба назари мо – ва Худо беҳтар донад – ӯ барои он чунин мекард, ки занонро мардон нашинохта, баромада раванд».*

# XI. КИТОБИ ҶУМЪА

## (1) Боб. Андар фарз будани намози ҷумъа

*Бино бар сухани Худои Таъоло: «Чун дар рӯзи ҷумъа барои намоз азон гуфта шавад, ба сӯи ёд кардани Худо саъй кунед ва хариду фурӯшро бигузоред; агар бидонед, ин барои шумо беҳтар аст» (62:9).*

**876.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод: Абуззинод ба мо нақл кард, ки Абдурраҳмон ибни Ҳурмуз ал-Аъраҷ – мавлои Рабиъа ибни ал-Ҳорис ба ӯ нақл кард, ки вай аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, шунид: ӯ аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидааст, ки мегуфт: *«Ҳарчанд ки ба аҳли Китоб пеш аз мо Китоб дода шуд, вале мо вомондагон(-и ин ҷаҳон) ва пештозони рӯзи қиёмат ҳастем. Баъд, онҳо нисбат ба ҳамин рӯз(-и ҷумъа), ки ба онҳо фарз шудааст, низ ихтилоф карданд. Аммо Худо моро ба ҷумъа ҳидоят намуд ва мардумон ҳама дар ин (кор) аз паи мо оянд: яҳудиён – фардо ва насрониён – пасфардо».*

## (2) Боб. Андар фазилати ғусл кардан рӯзи ҷумъа

*Ва оё ба кӯдакон ё занон ҳозир шудан ба намози ҷумъа лозим аст?*

**877.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар касе аз шумо ба намози ҷумъа омаданӣ шавад, бояд ғусл кунад».*

**878.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Ҷувайрия ибни Асмо ба мо нақл кард, аз Молик, аз аз-Зуҳрӣ, аз Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Дар он ҳангом, ки Умар ибни ал-Хаттоб рӯзи ҷумъа ба хутба рост истода буд, марде аз муҳоҷирони нахустин – аз ёрони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вориди масҷид шуд. Умар ба ӯ нидо кард: «Ин чӣ соати омадан аст?» Гуфт: «Кори заруре доштам ва ҳанӯз ба хона барнагашта, овози азонро шунидаму фақат вузӯ кардам (ва ин ҷо шитофтам)». (Умар) гуфт: «Фақат вузӯ? Ва ту ба дурустӣ, донистаӣ, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ғусл кардан мефармуд».*

**879.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Сафвон ибни Сулайм, аз Ато ибни Ясор, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ғусли рӯзи ҷумъа барои ҳар як инсони болиғ воҷиб аст».*

## (3) Боб. Андар хушбӯӣ задан барои намози ҷумъа

**880.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ба мо нақл карда гуфт: Ҳарамӣ ибни Умора ба мо хабар дода гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абӯбакр ибни ал-Мункадир, ки гуфт: Амр ибни Сулайм ал-Ансорӣ ба ман нақл карда гуфт: «Ман гувоҳӣ медиҳам, ки Абӯсаъид гуфт: *ман гувоҳӣ медиҳам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ғусли рӯзи ҷумъа барои ҳар як инсони болиғ воҷиб аст ва низ бояд, ки дандонҳо бо мисвок шӯяд; ва агар ёбад, ба худ хушбӯӣ занад».*

Амр гуфт: «Аммо дар бораи ғусл: ман гувоҳӣ медиҳам, ки воҷиб аст; ва аммо аз хусуси шустани дандонҳо бо мисвок ва хушбӯӣ задан: Худо беҳтар донад, ки он воҷиб аст ё не; лекин дар ҳадис чунин омадааст». Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ӯ (Абӯбакр) бародари Муҳаммад ибни ал-Мункадир аст ва ӯро ба ҷуз Абӯбакр номе набувад». Ва ин ҳадисро аз ӯ Букайр ибни ал-Ашаҷҷ, Саъид ибни Абӯҳилол ва чанде дигар ривоят кардаанд. Ва кунияти Муҳаммад ибни ал-Мункадир Абӯбакр ва Абӯабдуллоҳ буд».

## (4) Боб. Андар фазилати намози ҷумъа

**881.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Сумай – мавлои Абӯбакр ибни Абдурраҳмон, аз

Абӯсолеҳ ас-Саммон, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ рӯзи ҷумъа мисли ғусли ҷанобат ғусл кунад, баъди он (дар соати аввали рӯз) ба масҷид равад, баробари он аст, ки як шутур қурбонӣ карда бошад; ва ҳар кӣ дар соати дуюм равад, баробари он аст, ки як гов қурбонӣ карда бошад; ва ҳар кӣ дар соати сеюм равад, баробари он аст, ки як гӯсфанди шохдор қурбонӣ карда бошад; ва ҳар кӣ дар соати чаҳорум равад, баробари он аст, ки як мурғ қурбонӣ карда бошад; ва ҳар кӣ дар соати панҷум равад, баробари он аст, ки як тухм қурбонӣ карда бошад. Ва чун имом (барои гуфтани хутба) барояд, фариштаҳо ҳозир шуда гӯш ба он хутба ниҳанд».*

### (5) Боб

**882.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра: *«Дар он ҳангом, ки Умар разия-л-Лоҳу анҳу, рӯзи ҷумъа хутба мегуфт, марде вориди масҷид шуд. Умар гуфт: «Чаро ба намоз дер меоед?» Он мард гуфт: «Чуз ин набуд, ки чун азонро шунидам, вузӯ кардам». Ӯ гуфт: «Оё аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нашунидаед, ки гуфт: «Ҳар кӣ аз шумо ба намози ҷумъа рафтанӣ шавад, бояд ғусл кунад».*

### (6) Боб. Ба худ равғани хушбӯй молида ба намози ҷумъа рафтан

**883.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз Саъид ал-Мақбурӣ, ки гуфт: падарам ба ман хабар дод, аз Ибни Вадиъа, аз Салмони Форсӣ, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Агар шахс рӯзи ҷумъа ғусл кунад ва то ҳадди имкон худро пок созад, аз равғанҳои доштааш ба худ молад, ё аз хушбӯиҳои мавҷудаи хонааш ба худ хушбӯӣ занад; баъди он (сӯи масҷид) барояд, аз байни ду кас бурида нагузашта (ҷой гирад), сипас он миқдор, ки Худо дар сарнависшти ӯ навиштааст, намоз хонад ва чун имом сухан гӯяд, ба он бодиққат гӯш диҳад, албатта, ҳамаи гуноҳони аз он ҷумъа то ин ҷумъа содиркардааш омурзида мешавад».*

**884.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки Товус гуфт: *«Ба Ибни Аббос гуфтам: зикр*

*кардаанд, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Рӯзи ҷумъа, агарчи боҷанобат набошед, ғусл кунед, саратонро бишӯед ва хушбӯӣ ба худ молед». Ибни Аббос гуфт: «Дар бораи ғусл: оре, чунин гуфт, аммо дар бораи хушбӯиҳо намедонам, ки чӣ гуфт».*

**885.** Иброҳим ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо хабар дод, ки Ибни Ҷурайҷ ба онҳо хабар дода гуфт: Иброҳим ибни Майсара ба ман хабар дод, аз Товус, *аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки ӯ суханонеро, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи ғусли рӯзи ҷумъа гуфтааст, зикр намуд. Ман ба Ибни Аббос гуфтам: «Оё агар хушбӯие ё равғане дар хонааш бошад, ба худ бимолад?» Ӯ гуфт: «Ман инро намедонам».*

## (7) Боб. (Барои намози ҷумъа ҷоиз аст) шахс аз ҳар чизе, ки дорад, беҳтаринашро пӯшад

**886.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар: *Умар ибни ал-Хаттоб дар назди дари масҷид дид, ки ҳуллае (ридо ва эзор) аз ҳарир мефурӯшанд, гуфт: «Эй пайғамбари Худо, чӣ мешавад, ки ин (ҳулла)-ро бихарӣ, онро рӯзҳои ҷумъа ва рӯзҳои қабули намояндагон, ки наздат меоянд, бипӯшӣ?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Инро касе пӯшад, ки аз (хайри) охират насибу баҳрае надорад». Баъдҳо ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳуллаҳое аз он (матоъ) овsecuring ва яке аз онҳоро ба Умар ибни ал-Хаттоб, разия-л-Лоҳу анҳу, дод. Умар гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ту ин ҳулла ба ман пӯшонидӣ ва худат дар бораи ҳуллаи Уторид он суханҳоро гуфта будӣ?» Пайғамбари Худо салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ман инро ба ту пӯшондам, на барои он ки ту онро пӯшида гардӣ». Умар ибни ал-Хаттоб, разия-л-Лоҳу анҳу, онро ба як бародари мушрикаш пӯшонд, ки дар Макка буд.*

## (8) Боб. Мисвок кардани дандонҳо рӯзи ҷумъа

*Ва Абӯсаъид гуфт, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ӯ дандонҳояшро мисвок мекард.*

**887.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба

мо хабар дод, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Агар ман медонистам, ки ба уммат – ё ба мардум – машаққат нахоҳад шуд, мефармудам, ки пеш аз ҳар намоз дандонҳо мисвок кунанд».*

**888.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ибни ал-Ҳабҳоб ба мо нақл карда гуфт: Анас ба мо нақл карда гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ман ба шумо дар бораи мисвок кардан бисёрҳо гуфтаам».*

**889.** Муҳаммад ибни Касир ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз Мансур ва Ҳусайн, аз Абӯвоил, аз Ҳузайфа, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабона аз хоб мехест, даҳонашро мисвок мекард».*

### (9) Боб. Дар бораи касе, ки дандонҳо бо мисвоки каси дигар мисвок кунад

**890.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ибни Билол ба ман нақл карда гуфт: Ҳишом ибни Урва гуфт: падарам ба ман хабар дод, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Абдурраҳмон ибни Абӯбакр ба хонаи ман омад ва ӯ мисвоке бо худ дошт, ки бо он дандонҳо мисвок мекард. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ нигоҳ кард. Ман ба ӯ гуфтам: «Эй Абдурраҳмон, ин мисвокро ба ман деҳ». Ӯ онро ба ман дод. Ман (ҷои истифодашудаи) онро шикастам. Баъд онро андаке хоидам ва ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, додам. Ӯ дар ҳоле ки ба синаи ман такя мекард, бо он дандонҳо мисвок намуд».*

### (10) Боб. Он чӣ дар (замми сураи) намози бомдоди рӯзи ҷумъа қироат карда шавад

**891.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Саъд ибни Иброҳим, аз Абдурраҳмон, ки ӯ писари Ҳурмуз ал-Аъраҷ аст, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намози бомдоди рӯзи ҷумъа (дар замми сура) «Алиф. Лом. Мим. Танзилу»*

*(Саҷда, 32) ва «Ҳал ато ало-л-инсони» (Даҳр, 76)-ро қироат мекард».*

## (11) Боб. Андар (гузоридани) намози ҷумъа дар деҳот ва шаҳрҳо

**892.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Абӯомир ал-Ақадӣ ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Таҳмон ба мо нақл кард, аз Абӯҷамра аз-Зубаъӣ, аз Ибни Аббос, ки ӯ гуфт: *«Дарвоқеъ бори нахуст намози ҷумъа баъди намози ҷумъаи Масҷиди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар масҷиди (қабилаи) Абдулқайс, дар (деҳаи) Ҷувосои Баҳрайн гузорида шуд».*

**893.** Бишр ибни Муҳаммад ал-Марвазӣ ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Юнус ба ман хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ибни Абдуллоҳ ба мо хабар дод, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Ҳамаи шумо парастор ҳастед».* Ва ал-Лайс илова кард: Юнус гуфт: Рузайқ ибни Ҳукайм ба Ибни Шиҳоб, ки ман он рӯзҳо дар Водӣ-л-Қуро ҳамроҳаш будам, нома навишт: «Раъйи ту чист, агар мо дар ин ҷо намози ҷумъа барпо кунем?» Рузайқ дар он вақт омили замине буд, ки дар он кор мекард. Ва дар он ҷамоате аз сиёҳпӯстон ва ғайри онҳо буданд. Ва Рузайқ он рӯзгор дар шаҳри Айла буд. (Алқисса), Ибни Шиҳоб ҷавоби нома нависонд ва ман шунидам, ки ба ӯ мефармуд, намози ҷумъа барпо дорад; ба ӯ хабар медод, ки Солим ба ӯ нақл кард: Абдуллоҳ ибни Умар мегуфт: аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Ҳар яки шумо парастор ва масъули онҳоед, ки дар парастории шумоанд: имом парастору масъули қавми худ аст; ва мард парастори хонаводаи худ аст ва низ масъули онҳоест, ки зери парасториаш ҳастанд; ва зан парастори хонаи шавҳар аст ва масъули онҳоест, ки дар парасториаш ҳастанд; ва ходим парастори моли хоҷааш аст ва масъули ҳамон мол аст, ки дар парастории ӯст».* (Юнус) гуфт: «Ба фикрам ӯ чунин гуфт: *«Мард парастори моли падар аст ва масъули ҳамон мол аст, ки дар парастории ӯст. Ва ҳар яки шумо парастored ва масъули онҳое ҳастед, ки дар парастории шумоанд».*

## (12) Боб. Оё занон, кӯдакон ва дигарон, ки ба намози

**ҷумъа ҳозир намешаванд, бояд ғусл кунанд?**

*Ва Ибни Умар гуфт: «Танҳо касоне бояд ғусл кунанд, ки хондани намози ҷумъа барояшон воҷиб аст».*

**894.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ибни Абдуллоҳ ба ман нақл кард, ки ӯ аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо шунидааст, ки мегуфт: аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Ҳар касе аз шумо ба намози ҷумъа омаданӣ шавад, бояд ғусл кунад».*

**895.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба ман нақл кард, аз Молик, аз Сафвон ибни Сулайм, аз Ато ибни Ясор, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ғусли рӯзи ҷумъа барои ҳар як инсони болиғ воҷиб аст».*

**896.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: Ибни Товус ба мо нақл кард, аз падараш, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Мо вомондагон(-и ин ҷаҳон) ва пештозони рӯзи қиёмат ҳастем. (Ба аҳли Китоб) пеш аз мо Китоб дода шуд ва ба мо баъди онҳо Китоб дода шуд; ва онҳо нисбат ба ин рӯзи ҷумъа ихтилоф карданд, вале Худо моро ба он ҳидоят кард; фардо аз они яҳудиён аст ва пасфардо – аз они насрониён» ва сукут кард.*

**897.** Баъд аз он гуфт: *«Ҳар мусулмонро воҷиб аст, ки ҳар ҳафта рӯзе ғусл кунад ва дар он сару тан бишӯяд».*

**898.** Ин ҳадисро Абон ибни Солеҳ ривоят кард, аз Муҷоҳид, аз Товус, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳаққи Худои Таъоло бар ҳар як мусулмон аст, ки ҳар ҳафта рӯзе ғусл кунад».*

## (13) Боб

**899.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл кард: Шабоба ба мо нақл кард: Варқо ба мо нақл кард, аз Амр ибни Динор, аз Муҷоҳид, аз Ибни Умар, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ба занон иҷозат диҳед шабона низ ба масҷид раванд».*

**900.** Юсуф ибни Мӯсо ба мо нақл кард: Абӯусома ба мо нақл кард: Убайдуллоҳ ибни Умар ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни

Умар, ки гуфт: «Умарро зане буд, ки дар намозҳои ҷамоати бомдоду хуфтан ба масҷид ҳозир мешуд. Ба ӯ гуфтанд: «Чаро ту ба Умар маъқул набудан ва рашк кардани ӯро донӣ ҳам (барои хондани ин намозҳо) берун меоӣ?» Гуфт: «Чӣ чиз ӯро бозмедорад, ки маро аз ин кор манъ кунад?» Гуфтанд: «Ӯро чунин суханони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (аз манъ кардани ту) бозмедорад: *«Бандагон – канизони Худоро аз рафтан ба масҷидҳои Худо манъ накунед».*

## (14) Боб. Ҳангоми боридани борон намозхонро рухсат аст, ки ба намози ҷумъа ҳозир нашавад

**901.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абдулҳамид – ёри аз-Зиёдӣ ба ман хабар дода гуфт: Абдуллоҳ ибни ал-Ҳорис – писарамаки Муҳаммад ибни Сирин ба мо нақл кард: *«Дар як рӯзи боронӣ Ибни Аббос ба муаззини худ гуфт: «Ҳар гоҳ дар азон «Ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ» (Гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад пайғамбари Худо аст) гуфтӣ, «Ҳайя ала-с-салот» (Биёед ба намоз) нагӯ, (ба ҷои он) бигӯ: «Саллу фӣ буютикум» (Дар хонаҳоятон намоз хонед). Мардум инро қабул накарданд. Ӯ гуфт: «Шахсе, ки беҳтар аз ман аст, айнан ҳамин корро карда буд. Ба ростӣ, намози ҷумъа ҳатмӣ ва воҷиб аст, лекин ман маъқул надонистам, ки шуморо (аз ҷо) берун орам ва дар ин обу лой ва замини лағжон роҳ равед».*

## (15) Боб. Мардум аз чӣ қадар масофа ба намози ҷумъа оянд ва он киро воҷиб аст?

*Бино бар сухани Худои азза ва ҷалла: «Чун дар рӯзи ҷумъа барои намоз азон гуфта шавад, ба сӯи ёд кардани Худо саъй кунед» (62:9).*

*Ва Ато гуфт: «Агар ту дар деҳаи дорои (масҷиди) ҷомеъ бошӣ ва ба намози ҷумъа азон гуфта шавад, бар ту воҷиб аст, ки дар он намоз ҳозир шавӣ, агарчи азонро шунида бошӣ ё не». Ва Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, гоҳо дар қасри худ намози ҷумъа барпо медошт ва гоҳо не. Ва он қаср дар аз-Зовия, дар масофаи ду фарсах(-и Басра) воқеъ буд.*

**902.** Аҳмад ибни Солеҳ ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Ваҳб ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни ал-Ҳорис ба ман хабар дод, аз Убайдуллоҳ ибни Абӯҷаъфар, ки Муҳаммад ибни Ҷаъфар

ибни аз-Зубайр ба ӯ нақл кард, аз Урва ибни аз-Зубайр, аз Оиша, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Мардум ба навбат аз манзилҳои худ ва аз ал-Аволӣ, аз роҳҳои пургарду ғубор қадам зада ба намози ҷумъа меомаданд ва баданашон пургарду арақин буд, аз сару рӯяшон арақ мерехт. Боре, вақте ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар хонаи ман буд, ба наздаш касе аз онҳо омад. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эй кошки шумо барои ин рӯзи ҷумъа худро шуста покиза мекардед».*

## (16) Боб. Вақти намози ҷумъа баъд аз заволи офтоб аст

*Ва ҳамчунин аз Умар, Алӣ, ан-Нӯъмон ибни Башир ва Амр ибни Ҳурайс, разия-л-Лоҳу анҳум ҳамин гуна ривоят кардаанд.*

**903.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо хабар дод, ки ӯ аз Амра дар бораи ғусли рӯзи ҷумъа суол кард. Амра гуфт: «Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: *«Мардум машғули кору бори худ буданд ва чун ба намози ҷумъа рафтанӣ шуданд, дар ҳамон либосу намуд мерафтанд. Ба онҳо гуфтанд: «Лоақалл шустушӯ мекардед».*

**904.** Сурайҷ ибни ан-Нӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ибни Сулаймон ба мо нақл кард, аз Усмон ибни Абдурраҳмон ибни Усмон ат-Таймӣ, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Вақте ки офтоб (аз қиём ба ғарб) майл мекард, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози ҷумъа мехонд».*

**905.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Ҳумайд ба мо хабар дод, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Мо ба намози ҷумъа барвақт меомадем ва баъди намоз қайлула мекардем».*

## (17) Боб. Агар рӯзи ҷумъа гармо шиддат кунад, чӣ бояд кард?

**906.** Муҳаммад ибни Абӯбакр ал-Муқаддамӣ ба мо нақл карда гуфт: Ҳарамӣ ибни Умора ба мо нақл карда гуфт: Абӯхалда – ӯ Холид ибни Динор аст – ба мо нақл карда гуфт: аз Анас ибни Молик шунидам, ки мегуфт: *«Ҳар гоҳ сармо шиддат кунад, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зудтар ба гузоридани намоз шурӯъ менамуд ва ҳар гоҳ гармо шиддат кунад, хондани намозро – яъне ҷумъаро – то паст шудани шиддати гармо ба*

*таъхир меандохт».*

Юнус ибни Букайр гуфт: Абӯхалда ба мо хабар дод: «Намозро» гуфт, вале «ҷумъа»-ро зикр накард».

Ва (ба исноди дигар) Бишр ибни Собит гуфт: Абӯхалда ба мо нақл карда гуфт: «Амире ба мо (имоматӣ карда) намози ҷумъаро гузорид». Баъд, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, пурсид: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози пешинро чӣ гуна адо мекард?»*

### (18) Боб. Андар пиёда рафтан ба намози ҷумъа

*Ва сухани Худо, ҷалла зикруҳу: «Пас ба сӯи ёд кардани Худо саъй кунед» (62:9). Ва гуфтаанд: «саъй» – амал ва рафтан аст, бино бар сухани Худои Таъоло: «Ва барои он саъй кунад – саъйе, ки лоиқи он аст» (17:19). Ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо гуфт: «Дар он ҳангом (ки азон гуфта шавад) машғули хариду фурӯш будан ҳаром аст». Ва Ато гуфт: «(Машғул будан) ба ҳамаи касбу ҳунарҳо ҳаром аст». Ва Иброҳим ибни Саъд гуфт, аз аз-Зуҳрӣ: «Чун муаззин рӯзи ҷумъа азон гӯяд, намозхон агарчи мусофир бошад, бояд ба намози ҷумъа – ҳозир шавад».*

**907.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: ал-Валид ибни Муслим ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Абоба ибни Рифоъа ба мо нақл карда гуфт: ҳангоме ки ман ба намози ҷумъа мерафтам, Абӯабс ба ман расиду гуфт: аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Ҳар кӣ пояш дар роҳи Худо гардолуд шудааст, Худо ӯро ба оташи дӯзах ҳаром гардонид».*

**908.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл карда гуфт: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Саъид ва Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам. Ва (ба исноди дигар) Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Абӯсалама ибни Абдурраҳмон ба ман хабар дод, ки Абӯҳурайра гуфт: аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Ҳар гоҳ иқомати намоз гуфта шавад, ба он бошитоб наравед, балки (оҳиста) равед; ва бояд ки дар ин мавриди ором бошед. Ва он чиро, ки аз намоз дарёфт карда тавонед, бихонед ва ҳар чӣ аз шумо фавт шавад, пасон ба итмом расонед».*

**909.** Амр ибни Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Абӯқутайба ба мо

нақл карда гуфт: Алӣ ибни ал-Муборак ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода, (Абӯабдуллоҳ ал-Бухорӣ гуфт:) «Ман ёд надорам (ки Абдуллоҳ ин ҳадисро ривоят карда бошад), магар аз падараш, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«То маро набинед, ба намоз наистед ва (дар ин ҳол) бояд ки ором бошед»*.

## (19) Боб. Рӯзи (намози) ҷумъа аз байни ду кас бурида нагузарад

**910.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо хабар дод, аз Саъид ал-Мақбурӣ, аз падараш, аз Ибни Вадиъа, аз Салмони Форсӣ, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ рӯзи ҷумъа ғусл кунад, то ҳадди имкон худро пок намояд, сипас аз равған ё хушбӯиҳо ба худ молад, баъди он (ба масҷид) равад, аз байни ду кас бурида нагузашта (ҷой гирад), он миқдор, ки Худо дар сарнавишти ӯ навиштааст, намоз хонад ва чун имом (ба хутба) барояд, бодиққат гӯш диҳад, албатта, ҳамаи гуноҳони аз он ҷумъа то ин ҷумъа содиркардааш омурзида шавад»*.

## (20) Боб. Рӯзи ҷумъа (намозхон) бародари худро аз ҷой хезонида, ба ҷои ӯ нанишинад

**911.** Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Махлад ибни Язид ба мо хабар дода гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дода гуфт: аз Нофеъ шунидаам, ки мегуфт: аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидаам, ки мегуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, манъ кардааст, ки мард бародарашро аз ҷой хезонида, худ ба ҷои ӯ нишинад»*. Аз Нофеъ пурсидам: «Дар (намози) чумъа?» Гуфт: *«Дар (намози) ҷумъа ва ғайри он»*.

## (21) Боб. Азони рӯзи ҷумъа (кай машрӯъ шуд)?

**912.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз ас-Соиб ибни Язид, ки гуфт: *«Дар аҳди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (ва замони) Абӯбакр ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, рӯзи ҷумъа вақте ки имом ба минбар баромада менишаст, азони якумро мегуфтанд; ва дар аҳди Усмон, разия-л-Лоҳу анҳу мардум(-и мусулмон) бисёр шуданд, ӯ*

*дар аз-Завро азони сеюмро (ба эътибори иқомат) илова намуд».* Абӯабдуллоҳ гуфт: *«Аз-Завро мавзеъест дар бозори Мадина».*

## (22) Боб. Рӯзи ҷумъа як муаззин (азон мегӯяд)

**913.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Абӯсалама ал-Моҷишун ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз ас-Соиб ибни Язид: *«Он кас, ки рӯзи ҷумъа азони сеюмро ба сабаби зиёд шудани аҳолии Мадина афзудааст, Усмон ибни Аффон, разия-л-Лоҳу анҳу, мебошад. Ва пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз як муаззин беш набуд. Ва рӯзи ҷумъа, вақте ки имом менишаст, азон мегуфтанд – яъне бар минбар».*

## (23) Боб. Имом дар минбар нишаста ҳар гоҳ азонро шунавад, ба он ҷавоб мегардонад

**914.** Ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Абӯбакр ибни Усмон ибни Саҳл ибни Ҳунайф ба мо хабар дод, аз Абӯумома ибни Саҳл ибни Ҳунайф, ки гуфт: *«Ман аз Муъовия ибни Абӯсуфён, ҳангоме ки дар минбар нишаста буд ва муаззин бонги намоз дода гуфт: «Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар», шунидам (дар ҷавоб) гуфт: «Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар». (Муаззин) гуфт: «Ашҳаду ан ло илоҳа илло-л-Лоҳ» (Гувоҳӣ медиҳам, ки ҷуз Худо ҳеҷ маъбуде нест) Муъовия гуфт: «Ва ман низ». Муаззин гуфт: «Ашҳаду анна Муаммадан расулу-л-Лоҳ» (Гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад пайғамбари Худо аст). Муъовия гуфт: «Ва ман низ». Ва чун муаззин бонги намозро ба поён расонид, (Муъовия) гуфт: «Эй мардум, ба ростӣ, ҳар он чӣ аз ман ҳангоми азон гуфтани муаззин шунидед, ман аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки онро дар ҳамин нишастгоҳ нишаста мегуфт».*

## (24) Боб. Ҳангоми азон гуфтан имом бар минбар менишинад

**915.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, ки *ас-Соиб ибни Язид ба ӯ хабар дод: «Рӯзи ҷумъа вақте ки аҳли масҷид зиёд шуд, Усмон гуфтани азони дуюмро фармуд. Он маврид азони рӯзи ҷумъаро ҳангоме мегуфтанд, ки имом (бар минбар) менишаст».*

## (25) Боб. Андар гуфтани азон пеш аз хутба

**916.** Муҳаммад ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: аз ас-Соиб ибни Язид шунидаам, ки мегуфт: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (ва замони) Абӯбакру Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, рӯзи ҷумъа вақте ки имом бар минбар менишаст, азони якуми рӯзи ҷумъаро мегуфтанд. Ва чун хилофати Усмон разия-л-Лоҳу анҳу фаро расид ва мардум зиёд шуданд, Усмон фармуд, ки рӯзи ҷумъа азони сеюм гӯянд. Ва ин азонро дар аз-Завро мегуфтанд. Ва ҳамин тарз ин одат устувор гардид».*

## (26) Боб. Андар хутба гуфтан бар минбар

*Ва Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар минбар хутба гуфт».*

**917.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Яъқуб ибни Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулқорӣ ал-Қурашӣ ал-Искандаронӣ, гуфт: Абӯҳозим ибни Динор ба мо нақл кард: *«Як гурӯҳ мардон дар бобати аз кадом навъи чӯб будани минбар(-и пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) шак оварда, байни худ муҷодала намуда, ба назди Саҳл ибни Саъд ас-Соъидӣ омаданд ва аз ӯ дар ин бора суол карданд. Ӯ гуфт: «Валлоҳ, ба дурустӣ ки ман аз кадом нави чӯб будани онро медонам. Дарвоқеъ ман рӯзи аввали гузошта шудани минбар ва рӯзи нахусти бар он нишастани пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба фалона – Саъд занеро ном бурд – кас фиристод (ва гуфт): «Ба ғуломи дуредгарат бифармо барои ман чӯбҳое дуруст кунад, то ман ҳар гоҳ ба мардум сухан гуфтанӣ шавам, бар онҳо бинишинам». Зан ғуломашро бифармуд ва ӯ аз дарахти гази ҷангал(-и назди Мадина) чӯбҳое дуруст кард ва овард. Баъд зан онҳоро ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фиристод. Ӯ бифармуд, ки онҳоро дар ана ҳамин ҷо гузоранд. Сипас ман дидам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар он истода намоз хонд: дар болои он истода такбир гуфт ва рукӯъ кард; сипас пуштнокӣ рафта поин омад ва дар буни минбар рӯи замин саҷда кард; сипас (ба ҷои пештара) боз-*

*гашта, чун аз намоз фориғ шуд, ба мардум рӯй оварда гуфт: «Эй мардум, танҳо барои он ки шумо ба ман иқтидо кунед ва тарзи намозгузории маро ёд гиред, чунин кардам».*

**918.** Саъид ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба ман хабар дода гуфт: Ибни Анас ба ман хабар дод, ки вай аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ шунидааст, ки мегуфт: *«Танаи дарахти хурмо буд, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (барои хутба) болои он меистод. Ва мавриде, ки минбарро гузоштанд, аз он танаи дарахт нолае шунидем, ки шабеҳи нолаи модашутурони бори даҳмоҳадошта буд; пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз минбар поин омада даст бар он гузошт».*

Сулаймон гуфт, аз Яҳё: Ҳафс ибни Убайдуллоҳ ибни Анас ба ман хабар дод, ки ӯ аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ шунидааст.

**919.** Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Солим, аз падараш, ки гуфт: *аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки бар минбар хутба мегуфт, шунидам, ки гуфт: «Ҳар кӣ ба намози ҷумъа ояд, бояд ғусл кунад».*

## (27) Боб. Рост истода хутба гуфтан

*Ва Анас гуфт: «Он ҳангом ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рост истода хутба мегуфт...».*

**920.** Убайдуллоҳ ибни Умар ал-Қаворирӣ ба мо нақл карда гуфт: Холид ибни ал-Ҳорис ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ибни Умар ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рост истода хутба мегуфт, баъди он менишаст, сипас боз бармехост – ҳамчунон ки ҳоло шумо мекунед».*

## (28) Боб. Имом рӯй ба қавм оварад; ва мардум ҳангоми хутба рӯй ба имом оваранд

*Ибни Умар ва Анас, разия-л-Лоҳу анҳум, рӯй ба имом овар-данд.*

**921.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Ҳилол ибни Абӯмаймуна: Ато ибни Ясор ба мо нақл кард, ки ӯ аз Абӯсаъид ал-Худрӣ шунидааст, ки гуфт: *«Ба ростӣ ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзе бар*

*минбар нишаст ва мо гирди ӯ нишастем».*

## (29) Боб. Дар бораи шахсе, ки дар хутба пас аз сано(-и Худо) «аммо баъд» гуфт

*Инро Икрима ривоят кард, аз Ибни Аббос, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

**922.** Ва Маҳмуд гуфт: Абӯусома ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ибни Урва ба мо нақл карда гуфт: Фотима бинти ал-Мунзир ба ман хабар дод, аз Асмо бинти Абӯбакр, ки гуфт: *«Ба назди Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо даромадам ва мардум намоз мехонданд, гуфтам: «Ба мардум чӣ шудааст?» Оиша бо сараш ба осмон ишора кард. Ман пурсидам: «Оё ин нишона(-и охират) аст?» Ӯ бо сараш ишора кард» – яъне «оре». (Асмо) гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, адои намозро ба дарозо кашид, то ба дараҷае, ки ман қариб аз ҳуш рафтам. Дар паҳлӯям машки пури об буд. Ман онро кушода, аз он ба сарам об рехтан гирифтам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз намоз берун шуд, ки офтоб ҳам аз хусуф баромад. Ӯ ба мардум хутба гуфта дар он Худоро – он чунон ки сазовори Ӯст, сипосу ситоиш кард, сипас гуфт: «Аммо баъд». (Асмо) гуфт: «Дар ин ҳангом чанде аз занони ансорӣ мағал бардоштанд. Ман барои таскин додани онҳо наздашон рафтам». Ва он гоҳ (азбаски суханони пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нашунидам) аз Оиша пурсидам: «Ӯ чӣ гуфт?» (Оиша) гуфт: «Ӯ гуфт: «Ҳеҷ чиз намонд, ки ман надида бошам, ҳамаро дар ҳамин ҷои истодаам ба ман нишон доданд – ҳатто ҷаннату дӯзахро. Ва, дарвоқеъ, чунин ба ман ваҳй омад, ки шумо дар қабрҳо ҳатман бо фитнае имтиҳон мешавед, ки мисли фитнаи Масеҳи Даҷҷол ё чизи ба он наздик аст. (Фариштагон) назди ҳар яки шумо меоянду мегӯянд: «Ту дар бораи ин мард (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) чӣ медонӣ?» Ҳар кӣ имон дорад – ё гуфт: яқин дорад (Ҳишом шак кардааст, ки кадоме аз ин таъбирҳо саҳеҳтар аст) – мегӯяд: «Ӯ пайғамбари Худо – Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аст, бо нишонаҳои возеҳ ва ҳидоят ба сӯи мо омад ва мо ба ӯ имон овардем, ӯро иҷобат намудем, аз паяш рафтем ва ӯро ростқавл ёфтем. Ба ӯ гӯянд: «Ту некӯкор ҳастӣ, бихоб. Мо донистаем, ки ту дар ҳақиқат ба ӯ имон оварда будӣ». Аммо ҳар кӣ мунофиқ бо-*

*шад – ё гуфт бадгумон бошад (Ҳишом шак кардааст, ки кадоме аз ин таъбирҳо саҳеҳтар аст) – агар аз ӯ пурсанд, ки: «Ту дар бораи ин мард (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) чӣ медонӣ?» гӯяд: «Ман намедонам, чизе, ки аз мардум мешунидам, ҳамонро мегуфтам». Ҳишом гуфт: «Ба ростӣ, Фотима инро ба ман гуфта буд ва ман ба ёд гирифтам, лекин ӯ дар ҳаққи мунофиқон суханҳои дурушт мегуфт».*

**923.** Муҳаммад ибни Маъмар ба мо нақл карда гуфт: Абӯосим ба мо нақл кард, аз Ҷарир ибни Ҳозим, ки гуфт: аз ал-Ҳасан шунидам, ки мегуфт: Амр ибни Тағлиб ба мо нақл кард: *«Ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, амволе – ё асироне – оварданд. Ӯ қисмат кард: ба баъзе мардон ато кард ва ба баъзеи дигар чизе надод. Баъд ба ӯ хабар расониданд: касоне, ки чизе нагирифта буданд, гила доранд. Ӯ Худоро сипосу ситоиш карду ба Ӯ сано хонд, сипас гуфт: «Аммо баъд. Валлоҳ, ки ман ба як кас чизе ато мекунам ва ба каси дигар чизе намедиҳам; ва он кас, ки чизеаш надодаам, барои ман аз он, ки ба ӯ чизе ато кардаам, маҳбубтар аст. Аммо ман ба қавмҳое, ки дар дилҳояшон ҳирсу бесабрӣ ва тарсу тардид мебинам, чизе ато мекунам ва ба дигар қавмҳо, ки Худо дар дилҳои онҳо қаноат ва некӯкорӣ ҷой карда аст, чизе ато карданро шоиста намедонам. Ва Амр ибни Тағлиб аз ҷумлаи инҳост». (Амр ибни Тағлиб афзуд:) «Валлоҳ, ки ин суханони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бароям аз соҳиб шудан ба галаи шутурони сурхмӯй хушояндтар аст». Ва Юнус (дар ривояти «аммо баъд») ӯро пайравӣ кардааст.*

**924.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Урва ба ман хабар дод, ки Оиша ба вай хабар додааст: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, боре ними шаб берун омад ва дар масҷид намоз гузорид. Ва марде чанд ба намози ӯ иқтидо карда намоз хонданд. Бомдодон ин воқеа мавзӯи гуфтугӯи мардум шуд. (Шаби дигар) онҳо бештар ҷамъ омаданд ва бо ӯ намоз хонданд. Бомдодон ин воқеа боз мавзӯи гуфтугӯи мардум шуд. Дар шаби сеюм аҳли масҷид боз бисёртар шуданд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун баромад ва мардум ба намози ӯ иқтидо карда намоз хонданд. Ва чун шаби чаҳорум буд, масҷид дигар гунҷоиши он миқдор намозхонро надошт, лекин пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фақат ба намози бомдод берун баромад. Чун намози бомдодро адо намуд, рӯй*

*ба мардум оварду калимаи шаҳодатро ба забон ронд. Сипас гуфт: «Аммо баъд. Ин ҳама саъю кӯшиши шумо, албатта, аз назари ман пинҳон намондааст, лекин (шабона набаромадам), тарсидам мабодо ин (намози нимишабӣ) бароятон фарз гардад ва шумо аз адои он оҷиз бимонед». (Дар ривояти «аммо баъд») Юнус ба ӯ пайравӣ кардааст.*

**925.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Урва ба ман хабар дод, аз Абӯҳумайд ас-Соъидӣ, *ки ӯ чунин хабар додааст: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, як шаб баъди намоз бархосту калимаи шаҳодатро ба забон ронд ва Худоро он чунон, ки сазовори Ӯст, сано хонду гуфт: «Аммо баъд». (Дар ривояти ин ҳадис) Абӯмуъовия ва Абӯусома (ба Урва) пайравӣ кардаанд, аз Ҳишом, аз падараш, аз Абӯҳумайд, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: «Аммо баъд». Ва ал-Аданӣ дар ривояти «Аммо баъд» низ ба ӯ пайравӣ кардааст, аз Суфён.*

**926.** Абулямон ба мо хабар дода гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Алӣ ибни ал-Ҳусайн ба ман нақл кард, аз ал-Мисвар ибни Махрама, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (ба хутба) бархост ва аз ӯ шунидаам, ки баъди калимаи ташаҳҳуд мегуфт: «Аммо баъд». (Дар ривояти ин ҳадис) аз-Зубайдӣ ба ӯ пайравӣ кардааст, аз аз-Зуҳрӣ.*

**927.** Исмоил ибни Абон ба мо нақл карда гуфт: Ибни ал-Ғасил ба мо нақл карда гуфт: Икрима ба мо нақл кард, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба минбар баромад ва он охирин бор нишастани ӯ бар он (минбар) буд. Ӯ изори бузургеро (чун ридо) ба китф партофта, сарашро бо дастори равғание баста буд. Пас Худоро сипосу ситоишкунон ба Ӯ сано хонд. Баъд гуфт: «Эй мардум, наздиктари ман биёед». Мардум наздиктари ӯ рафта, дар атрофаш ҷамъ шуданд, он гоҳ гуфт: «Аммо баъд. Ба дурустӣ, дар ин маҳалла шумори ансориён кам мешавад ва шумори одамон(-и дигар) зиёд мегардад. Ҳар кӣ маъмури корҳои уммати Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шавад ва дар ин амал ба касе зараре ё манфиате расонида тавонад, бигузор, ба некӯкори онҳо ба чашми қабул нигарад ва бадкори онҳоро бибахшояд».*

## (30) Боб. Андар нишастани имом

**рӯзи ҷумъа дар байни ду хутба**

**928.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Бишр ибни ал-Муфаззал ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ибни Умар ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду хутба мекард ва дар фосилаи байни онҳо менишаст».*

## (31) Боб. Андар рӯзи ҷумъа ба хутба гӯш андохтан

**929.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Абӯабдуллоҳ ал-Ағарр, аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Чун рӯзи ҷумъа расад, фариштагон бар дари масҷид биистанд ва ҳар нафари аввал ояндаро ба аввал бинависанд (якумро якум, дуюмро дуюм ва ғайра). Ва масали касе, ки дар соатҳои аввали рӯз ба масҷид ояд, монанди масали касест, ки як шутур қурбонӣ карда бошад; баъд ба монанди касест, ки гове қурбонӣ карда бошад; баъд – гӯсфандеро; баъд – мурғеро; баъд – тухмеро. Ва чун имом (барои хутбаву намоз) барояд, фариштагон суҳуфи худро печонида мемонанд ва гӯш ба он (хутба) мениҳанд».*

## (32) Боб. Имом ҳангоми хутба гуфтан чун марди ба масҷид омадаро бинад, ба ӯ фармояд, ки ду ракъат намоз хонад

**930.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Амр ибни Динор, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Рӯзи ҷумъа вақте ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мардум хутба мехонд, марде ба масҷид омад, ба ӯ гуфт: «Эй фалонӣ, оё намоз хондӣ?» Гуфт: «Не». Гуфт: «Бархезу бихон».*

## (33) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми хутба гуфтани имом ба масҷид ояд ва ду ракъати сабук намоз хонад

**931.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Амр, ки аз Ҷобир шунидааст, ки гуфт: *«Рӯзи ҷумъа вақте ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хутба мехонд, марде ворид(-и масҷид) шуд, ӯ гуфт: «Намоз хондӣ?» Гуфт: «Не». Гуфт: «Пас ду ракъат бихон».*

### (34) Боб. (Ба дуо) бардоштани дастон дар хутба

**932.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Абдулазиз, аз Анас; ва (ба исноди дигар) аз Юнус, аз Собит, аз Анас, ки гуфт: *«Дар он ҳангом ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи ҷумъа хутба мехонд, марде бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, чорпоён талаф шуданд, гӯсфандон мурданд, Худоро дуо кун ба мо борон фиристад». Ӯ ду даст дароз намуду дуо кард».*

### (35) Боб. Андар истисқо кардан дар хутбаи рӯзи ҷумъа

**933.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Абулвалид ибни Муслим ал-Авзоъӣ ба мо нақл карда гуфт: Абӯамр ба мо нақл карда гуфт: Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа ба ман нақл кард, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Дар аҳди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, соле ба сари мардум қаҳтӣ омад. Рӯзи ҷумъа ҳангоме ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хутба мехонд, аъробие бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, молу манол ҳама нобуд гардид, аҳлу иёл гурусна монд, Худоро барои мо дуо кун!» Ӯ ду даст ба дуо бардошт ва мо дар он лаҳза дар осмон пораи абреро ҳам намедидем, лекин қасам ба Оне, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ӯ ҳанӯз дастҳо поин накарда буд, ки абрҳои ҳар яке монанди кӯҳ пайдо шуданд. Баъд, ӯ ҳанӯз аз минбар фуруд наомада дидам, ки аз риши ӯ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оби борон мешорид. Ҳамон рӯз, фардои он рӯз, пасфардои он рӯз ва рӯзҳои баъди он – то ҷумъаи дигар ба сари мо борон борид. Он аъробӣ – ё гуфт каси дигар – бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, биноҳо ҳама вайрон, молу манол ғарқи об шуданд, Худоро барои мо дуо кун!» Ӯ дастон ба дуо бардошту гуфт: «Бор Худоё, ба гирду атрофи мо бирезон, на бар сари мо!» Баробари он ки бо дасташ ба ҷониби абр ишора кард, дар ҳамон ҷониб абр пароканда ва осмон кушода шуд. Ва (осмони) Мадина доирашакл гардид. Ва аз водии Қанот як моҳи тамом сел рафт. Ва ҳар кӣ аз ноҳия меомад, фақат аз боронҳои сахт нақл мекард».*

### (36) Боб. Рӯзи ҷумъа ҳангоми хутба хондани имом хомӯш нишаста гӯш додан

*Ва агар шахсе ба ҳамнишинаш гӯяд: «Хомӯш, гӯш кун» – ба таҳқиқ лағв гуфта бошад. Ва Салмон гуфт: аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ҳар гоҳ имом сухан гӯяд, дигарон бояд хомӯш гӯш кунанд».*

**934.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард: Ибни Шиҳоб ба ман хабар дода гуфт: Саъид ибни ал-Мусайяб ба ман хабар дод, ки Абӯҳурайра ба вай хабар дод: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Рӯзи ҷумъа ҳангоми хутба хондани имом агар ба ҳамнишинат гӯӣ: «Хомӯш, гӯш кун!» – ба таҳқиқ лағв (сухани беҳуда) гуфта бошӣ».*

### (37) Боб. Соате аз рӯзи ҷумъа (ки дуо дар он мустаҷоб гардад)

**935.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи ҷумъаро зикр карду гуфт: *«Дар ин рӯз соате ҳаст ва агар чунон мувофиқ ояд, ки бандаи мусулмон он ҳангом ба намоз истода бошад ва аз Худои Таъоло чизе талаб кунад, Худо, албатта, ба ӯ хостаашро медиҳад».* Ва бо дасташ «ниҳоят кам будани ин вақт»-ро ишора намуд.

### (38) Боб. Ҳар гоҳ мардум дар намози ҷумъа имомро тарк кунанд, намози имом ва онҳое, ки бо ӯ монданд, равост

**936.** Муъовия ибни Амр ба мо нақл карда гуфт: Зоида ба мо нақл кард, аз Ҳусайн, аз Солим ибни Абӯҷаъд, ки гуфт: Ҷобир ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: *«Дар он ҳангом ки мо бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар (тараддуди) намози ҷумъа будем, корвоне бо ғизо расида омад. Мардум рӯй ба сӯи он корвон гардониданду рафтанд; ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз дувоздаҳ мард беш кас намонд. Пас ин оят нозил шуд: «Ва чун тиҷорате ё бозие бибинанд, мутафарриқ шуда, ба сӯи он мутаваҷҷеҳ мешаванд ва туро истода бигузоранд» (62:11).*

## (39) Боб. Андар хондани намоз баъди (намози) ҷумъа ва пеш аз он

**937.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш аз намози пешин ду ракъат ва баъди он ду ракъат намоз мехонд. Ва баъди намози шом дар хона ду ракъат ва баъди намози хуфтан ду ракъат намоз мехонд. Ва ӯ баъди ҷумъа то аз масҷид рафтан намоз намехонд, баъд (дар хона) ду ракъат намоз мехонд».*

## (40) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ва чун намоз тамом карда шавад, дар замин пароканда шавед ва аз фазли Худо талаб кунед» (62:10)

**938.** Саъид ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Абӯғассон ба мо нақл кард: Абӯҳозим ба ман нақл кард, аз Саҳл ибни Саъд, ки гуфт: *«Дар миёни (қавми) мо зане буд ва ӯ дар лаби ҷӯякҳои киштзори худ лаблабу мекорид. Чун рӯзи ҷумъа мерасид, бехҳои лаблабуро меканду дар дег меандохт, баъд болои он як каф ҷав мепартофт ва онро якҷоя мекӯфт ва ин бехҳои лаблабу (ба ҷои) гӯшти болои таом мешуд. Ҳар гоҳ аз намози ҷумъа баромада мерафтем, ба он зан салом медодем. Ӯ аз он таоми пухтааш назди мо мегузошт, мо онро (пок) мелесидем. Ва ба хотири ҳамин таоми зан бо орзуи (зудтар фаро расидани) рӯзи ҷумъа мезистем».*

**939.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯҳозим ба мо нақл кард, аз падараш, аз Саҳл: ҳамин ҳадисро нақл карду гуфт: *«Мо фақат баъди (намози) ҷумъа қайлула мекардему таоми чошт мехӯрдем».*

## (41) Боб. Андар қайлула кардан баъди намози ҷумъа

**940.** Муҳаммад ибни Уқба аш-Шайбонӣ ба мо нақл карда гуфт: Абӯисҳоқ ал-Фазорӣ, ба мо нақл кард, аз Ҳумайд, ки гуфт: аз Анас шунидам, ки мегуфт: *«Ба (намози) ҷумъа хеле барвақт меомадем ва баъди он қайлула мекардем».*

**941.** Саъид ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Абӯғассон ба мо нақл карда гуфт: Абӯҳозим ба ман нақл кард, аз Саҳл, ки

гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози ҷумъаро адо мекардем, баъди он фурсати қайлула мерасид»*.

# XII. КИТОБИ (НАМОЗИ) ХАВФ

## (1) Боб. Намози хавф

*Ва сухани Худои Таъоло: «Ва чун дар замин сафар кунед ва агар аз он битарсед, ки кофирон шуморо дар бало афкананд, гуноҳе шуморо нест, ки намозро (қадаре) кӯтоҳ созед. Ба дурустӣ ки кофирон душмани ошкорои шумо ҳастанд. Ва чун дар миёни онҳо бошӣ ва барои онҳо намоз барпо кунӣ, бояд ки гурӯҳе аз онҳо бо ту биистанд ва силоҳи хеш бигиранд; ва чун саҷда кунанд, бояд ки аз паси шумо бошанд; ва он гурӯҳи дигар, ки ҳанӯз намоз накардаанд, бояд ки биёянду бо ту намоз гузоранд ва бояд ки ҳизру силоҳи худ бигиранд. Кофирон орзу доштанд, ки кош аз силоҳ ва матои хеш ғофил шавед, то якбора ба шумо ҳамла оранд. Ва агар шуморо ранҷе аз борон бошад ё бемор бошед, шуморо ҳеҷ гуноҳе нест, ки силоҳи худро ниниҳед ва, албатта, ҳизри худ бигиред. Ба дурустӣ ки Худо азоби расвокунандае барои кофирон омода кардааст»* (4: 1-1/102).

**942.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: аз ӯ суол кардам: «Оё пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, он намозро, яъне намози хавфро, хонда буд?» (Аз-Зуҳрӣ) гуфт: Солим ба ман хабар дод, ки Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар тарафҳои Наҷд ғазо карда будам. Боре, чун бо душман рӯ ба рӯ шудем, барои ҷанг саф кашидем. Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту ба мо (имоматӣ карда) ба хондани намоз истод. Ва гурӯҳе аз мардум бо ӯ ба намоз истоданд. Ва гурӯҳе дигар рӯ*

*ба душман (омодаи ҷанг) истоданд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо ҳамроҳонаш як рукӯъу ду саҷда кард. Сипас он гурӯҳ ба ҷои гурӯҳе рафта истод, ки ҳанӯз намоз нахонда буд. Ва (гурӯҳи дуюм) омаду пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо он гурӯҳ як рукӯъу ду саҷда карду баъд салом дод. Ва он гоҳ ҳар кас бархосту дар алоҳидагӣ як рукӯъу ду саҷда кард».*

## (2) Боб. Пиёда ва савора хондани намози хавф; «роҷил» (ба пой истода) «қоим» (рост истода) аст

**943.** Саъид ибни Яҳё ибни Саъид ал-Қурашӣ ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл карда гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо нақл кард, аз Мӯсо ибни Уқба, аз Нофеъ, аз Ибни Умар монанд ба сухани Муҷоҳид: *«Агар (мусулмонон дар ҷанг бо душманон) ба ҳам омехта – ё рӯ ба рӯ – шаванд, намозро пиёда бояд хонд». Ва Ибни Умар аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, афзудааст: «Ва агар (душманон) ба миқдор бештар бошанд, он гоҳ бигузор пиёда ва савора намоз хонанд».*

## (3) Боб. Дар намози хавф баъзеҳо баъзеи дигарро посбонӣ кунанд

**944.** Ҳайва ибни Шурайҳ ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҳарб ба мо нақл кард, аз аз-Зубайдӣ, аз аз-Зуҳрӣ, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархост ва мардум ҳамроҳи ӯ бархостанд; ӯ такбир гуфт, дигарон низ бо ӯ такбир гуфтанд; ӯ ба рукӯъ рафт ва гурӯҳе аз мардум низ ба рукӯъ рафтанд; баъд ӯ саҷда кард, дигарон ҳам бо ӯ саҷда карданд. Сипас ӯ ба ракъати дуюм бархост. Ва онҳое, ки саҷда карда буданд, бархостанду бародарони худро посбонӣ карданд. Ва гурӯҳи дигар омаданду бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба рукӯъ рафтанд. Мардум ҳама дар намоз буданд, вале дар айни ҳол баъзеҳо баъзеи дигарро посбонӣ мекарданд».*

## (4) Боб. Андар тарзи хондани намоз ҳангоми фатҳи қалъаҳо ва рӯ ба рӯ шудан бо душман

*Ва ал-Авзоъӣ гуфт: «Ҳар гоҳ имконияти фатҳ фароҳам ояд ва намоз хонда натавонанд, бо имову ишора намоз хонанд: ҳар кас барои худаш. Ва агар бо имову ишора ҳам намоз хонда натавонанд, адои онро ба таъхир гузоранд, то ҷанг ба поён расад ё худ эмин шаванд, он гоҳ ду ракъат намоз хонанд. Ва агар инро ҳам натавонанд, пас як ракъат хонанд ва ду саҷда кунанд. Вале агар инро ҳам натавонанд, фақат як такбир гуфтан барои онҳо кифоя нест ва намозро то эмин шудан ба таъхир гузоранд». Ва Макҳул низ ҳаминро гуфтааст. Ва Анас гуфт: «Ман дар фатҳи қалъаи Тустар ширкат доштам. Ҳангоми дамидани сапеда оташи ҷанг пурзӯр шуд ва мардум намоз хонда натавонистанд. Мо намозро танҳо баъди баланд шудани офтоб хондем. Мо намозро ҳамроҳи Абӯмӯсо хондем ва фирӯзӣ насиби мо шуд». Ва Анас гуфт: «Агар ба ивази ҳамон намоз дунёву тамоми доройяшро медоданд, (он андоза) хушнуд намешудам».*

**945.** Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Вакеъ ба мо нақл кард, аз Алӣ ибни ал-Муборак, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Абӯсалама, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Рӯзи (ҷанги) Хандақ Умар омаду кофирони Қурайшро дашном додан гирифт ва гуфт: «Эй пайғамбари Худо, намози асрро ҳанӯз нахонда будам, ки офтоб ба фурӯ рафтан майл намуд». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Валлоҳ, ки ман ҳам онро ҳанӯз нахондаам». (Ҷобир) гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба водии Бутҳон фуруд омад ва вузӯ карда, баъди фурӯ рафтани офтоб намози асрро (қазоӣ) хонд ва пасон намози шомро ба ҷо овард».*

## (5) Боб. Таъқибкунандаи душман ва таъқибшаванда (аз тарафи душман) намозро савора ва бо имову ишора хонанд

*Ва ал-Валид гуфт: «Ман ба ал-Авзоъӣ бар пушти чорпо нишаста намоз хондани Шураҳбил ибни ас-Самт ва ёрони ӯро ёд кардам». Ӯ гуфт: «Дарвоқеъ ҳамин тавр буд. Ҳангоми хавфи фавт шудани намоз мо чунин мекардем». Ва ал-Валид (барои тақвияти ин гуфтаҳо) суханони пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, далел меовард: «То ба (маҳаллаи) бану Қурайза (расидан) касе намози аср нахонад».*

**946.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Асмо ба мо нақл карда

гуфт: Ҷувайрия ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: *«Вақте ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз (ҷанги) Аҳзоб баргашт, ба мо гуфт: «То ба (маҳаллаи) бану Қурайза (расидан) касе намози аср нахонад». Гурӯҳеро намози аср ҳангоми дар роҳ будан фаро расид. Баъзеашон гуфтанд: «То ба он ҷо нарасем, намоз намехонем». Ва баъзеи дигар гуфтанд: «Ӯ инро нахостааст, шояд адои намоз кунем». Ин воқеаро ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтанд. Ӯ касе аз онҳоро сарзаниш накард».*

### (6) Боб. Андар гуфтани такбир ва дар торикии поёни шаб хондани намози бомдод; ва адои намоз пеш аз ҳуҷуму муҳораба

**947.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Абдулазиз ибни Суҳайб ва Собит ал-Бунонӣ, аз Анас ибни Молик: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози бомдодро дар торикии поёни шаб адо намуд, баъди он савор шуду гуфт: «Аллоҳу Акбар, хароб шуд Хайбар, мо чун ба майдони қавме фуруд оем, «бад бошад субҳи он бимкардагон» (37: 177). (Аҳли Хайбар) дар роҳу кӯчаҳо медавиданду мегуфтанд: «Муҳаммад ва хамиси ӯ (омаданд)». – (Ва Абдулазиз) гуфт: «хамис» лашкар аст». – Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар онҳо пирӯзӣ ёфт, ҷангиёни онҳоро кушт ва занону кӯдаконашонро асир кард. (Аз асирон) Сафия баҳраи Диҳя ал-Калбӣ шуд, сипас баҳраи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гардид. Баъди он (Сафияро) ба занӣ гирифт ва озод карданашро кобини ӯ ҳисобид».* Абдулазиз ба Собит гуфт: «Эй Абӯмуҳаммад, ту аз Анас пурсидӣ, ки ба маҳри Сафия чӣ дод?» (Собит) «худи ӯро маҳри ӯ гардонд» гуфт ва табассум кард».

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# XIII. КИТОБ (АНДАР УМУРИ) ИДАЙН

## (1) Боб. Андар Идайн ва оростани худ дар он

**948.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ибни Абдуллоҳ ба ман хабар дод, ки Абдуллоҳ ибни Умар гуфт: *«Умар ҷуббае дид аз дебои дурушт, ки дар бозор мефурӯхтанд ва онро гирифта назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оварду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ин (ҷубба) бихар, то рӯзҳои ид ва қабули намояндагон бо он пероста бошӣ». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Ба ростӣ, ин либоси касест, ки (аз хайри охират) насибу баҳрае надорад». Ва (дар ин ҳол) Умар чанде, ки Худо хоста буд, нигарон монд. Сипас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ ҷуббае аз дебо фиристод. Умар он ҷуббаро гирифта назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ту гуфта будӣ, ки ин либоси шахси (аз хайри охират) бенасибу бебаҳра аст ва ҳоло ин ҷуббаро ба ман фиристодӣ». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Онро фурӯхта бо (пули) он ягон ҳоҷати худ мебарорӣ».*

## (2) Боб. Андар будан бо найзаҳо ва сипарҳо дар рӯзи ид

**949.** Аҳмад ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба мо нақл карда гуфт: Амр ба мо хабар дод, ки Муҳаммад ибни Абдурраҳмон ал-Асадӣ ба ӯ нақл кард, аз Урва, аз Оиша, ки гуфт: *«Ҳангоме ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дохили хонаи ман шуд, ду канизак назди ман суруди (рӯзи) «Буъос»-ро мехонданд. Ӯ дар рӯи бистар дароз кашиду рӯй гардонд. Ин маврид*

*Абӯбакр дохили хона шуд ва маро сахт сарзаниш карду гуфт: «Созу навои шайтонӣ дар ҳузури пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам?!» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ рӯй оварду гуфт: «Онҳоро ба ҳолашон бигузор». Вақте ки (ҳуши Абӯбакр) ба дигар сӯ шуд, (ба канизакон бо нигоҳ) ишорат кардам, онҳо баромада рафтанд».*

**950.** *Рӯзи ид буд. Чанде аз ҳабашиён бо найзаҳову сипарҳо бозӣ мекарданд. (Аз ёдам рафтааст) ё ман аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хоҳиш кардам ё худи ӯ ба ман гуфт: «Мехоҳӣ тамошо кунӣ?» Гуфтам: «Оре». Ӯ маро ба қафои худ гузаронид, рӯи ман ба рӯяш мерасид ва ӯ мегуфт: «Шобош, эй бану Арфида!». Баъди он ки ман хаста шудам, ӯ пурсид: «Бас аст?» Гуфтам: «Бале». Гуфт: «Пас бирав».*

## (3) Боб. Андар суннати гузаронидани Идайн барои аҳли ислом; (суннати дуо кардан дар ид)

**951.** Ҳаҷҷоҷ ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Зубайд ба ман хабар дода гуфт: аз аш-Шаъбӣ шунидам, аз ал-Баро, ки гуфт: аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки хутба мехонд ва гуфт: *«Ба ростӣ, аввалин коре, ки мо ин рӯзро бо он огоз мекунем, хондани намоз аст. Баъди он бармегардему қурбонӣ мекунем. Ва ҳар кӣ чунин кунад, албатта, суннати мо ба ҷо меорад».*

**952.** Убайд ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Вақте ки Абӯбакр ба хона дохил шуд, назди ман ду канизаки ансориён нишаста буданд ва аз сурудҳое, ки ансориён рӯзи «Буъос» қавволагӯӣ карда буданд, мехонданд». Оиша афзуд: «Лекин он ду сароянда набуданд». Ва Абӯбакр гуфт: «Оё созҳои шайтониро ба хонаи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, овардӣ?» Ва ин ҳодиса дар рӯзи ид ба вуқӯъ омада буд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Эй Абӯбакр, ба дурустӣ ки ҳар қавмеро иде ҳаст ва ин иди мост».*

## (4) Боб. Рӯзи иди Фитр тановул кардан пеш аз баромадан ба намоз

**953.** Муҳаммад ибни Абдурраҳим ба мо нақл кард: Саъид ибни Сулаймон ба мо хабар дода гуфт: Ҳушайм ба мо нақл карда

гуфт: Убайдуллоҳ ибни Абӯбакр ибни Анас ба мо хабар дод, аз Анас, ки гуфт: *«Рӯзи иди Фитр пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, то чанд дона хурмо намехӯрд, (аз хона) намебаромад».* Ва Мураҷҷаъ ибни Раҷо гуфт: Убайдуллоҳ ба ман нақл карда гуфт: Анас ба ман нақл кард, аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Ӯ ба адади тоқ хурмо мехӯрд».*

## (5) Боб. Андар (ҳукми) хӯрок хӯрдан рӯзи иди Қурбон

**954.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Муҳаммад ибни Сирин, аз Анас, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ пеш аз намоз қурбонӣ карда бошад, бояд иода кунад». Марде аз ҷой бархосту гуфт: «Имрӯз рӯзест, ки кас дар он гӯшт хӯрдан мехоҳад» – ва аз (фақр ва ниёзмандии) ҳамсояҳо сухан гуфт. Ба назар чунин намуд, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (суханони) ӯро тасдиқ кард. Он (мард) гуфт: «Ман як бузғолаи мода дорам, ки барои ман аз ду гӯсфанди парвоӣ ҳам азизтар аст». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ рухсат дод, (ки онро қурбонӣ кунад). Лекин намедонам, ки он рухсат ба касони ғайри ӯ дахл дошт ё не.*

**955.** Усмон ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мансур, аз аш-Шаъбӣ, аз ал-Баро ибни Озиб, ки гуфт: *«Рӯзи иди Қурбон пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди намоз ба мо хутба карду гуфт: «Ҳар кӣ чун намози мо намоз хонда ва чун қурбонии мо қурбонӣ карда бошад, албатта, маносикро дарёфтааст. Ва ҳар кӣ пеш аз намоз қурбонӣ карда бошад, ин забҳи пеш аз намоз аст ва қурбонӣ нест». Абӯбурда ибни Ниёр – тағои ал-Баро – гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ба ростӣ, ман гӯсфандамро пеш аз намози ид қурбонӣ кардам, зеро медонистам, ки имрӯз рӯзи хӯрдану ошомидан аст. Ва ман хостам, ки аввалин қурбонӣ гӯсфанди хонаи ман бошад, бинобар ин гӯсфандамро забҳ кардам ва таом хӯрда, баъд ба намози ид омадам». (Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Ин гӯсфандат барои гӯшт аст, (на барои қурбонӣ)». Ӯ гуфт: «Эй пайғамбари Худо, мо як бузғолаи мода дорем, ки барои ман аз ду гӯсфанд ҳам азизтар аст, (қурбонӣ кардани) ҳамон маро раво хоҳад буд?» Гуфт: «Оре». Лекин баъди ту (чунин қурбонӣ) ба ҳеҷ кас раво нахоҳад буд».*

## (6) Боб. Баромадан ба намозгоҳи беминбар

**956.** Саъид ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо нақл карда гуфт: Зайд ибни Аслам ба ман хабар дод, аз Иёз ибни Абдуллоҳ ибни Абӯсарҳ, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзҳои иди Фитр ва иди Қурбон ба Мусалло (намозгоҳи наздики Мадина) мебаромад. Ва нахустин коре, ки бо он рӯзи идро оғоз мекард, гузоридани намоз буд. Баъдан аз намоз берун мешуду рӯ ба рӯи мардум меистод ва мардум дар сафҳои худ менишастанд. Ӯ ба онҳо мавъиза, васият ва амри маъруф мекард. Ва агар дастаи мусаллаҳеро ба ҷонибе фиристоданӣ мешуд, ҷудо мекард ва агар фармоише медошт, мефармуд; баъди он баромада мерафт».* Ва Абӯсаъид гуфт: «Ва мардум дар ҳамин роҳу равиш буданд, то боре барои намози иди Қурбон – ё Фитр – ҳамроҳи Марвон, ки он маврид амири Мадина буд, берун баромадам. Чун ба Мусалло расидем, дар он ҷо минбаре дидем, ки Касир ибни ас-Салт сохтааст. Ва ногоҳ Марвон хост, ки пеш аз хондани намоз ба он минбар барояд. Ман ба бари ҷомаи ӯ чанг зада ба сӯи худ кашидам. Ӯ бари ҷома аз дасти ман раҳо карду ба минбар баромад ва пеш аз намоз хутба хонд». Ман ба ӯ гуфтам: «Ба Худо, ки роҳу равиши пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, тағйир додед». Ӯ гуфт: «Эй Абӯсаъид, он чӣ ту медонистӣ, кайҳо барбод рафт». Гуфтам: «Валлоҳ, он чӣ ман медонам, аз он чӣ намедонам, беҳтар аст». Ӯ гуфт: «Ба ростӣ, мардум баъди адои намоз барои шунидани хутбаи мо наменишинанд, бинобар ин хутбаро пеш аз намоз гузоштам».

## (7) Боб. Андар пиёда ва савора ба (намози) ид рафтан; ва азону иқомат нагуфта пеш аз хутба намоз гузоридан

**957.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: Анас ибни Иёз ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар идҳои Қурбону Фитр намоз мегузорид, баъди намоз хутба мехонд».*

**958.** Иброҳим ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо хабар дод, ки Ибни Ҷурайҷ ба онҳо хабар дода гуфт: Ато ба ман хабар дод, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, ки гуфт: (аз Ҷобир ибни

Абдуллоҳ) шунидам, ки мегуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи (иди) Фитр берун омад ва пеш аз хутба ба хондани намоз оғоз кард».*

**959.** (Ибни Ҷурайҷ) гуфт: ва Ато ба ман хабар дод, ки Ибни Аббос рӯзи аввали ба хилофат байъат шудани Ибни аз-Зубайр ба ӯ кас фиристод (ва гуфт): *«(Дар аҳди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) рӯзи (иди) Фитр ба намоз(-и ид) азон намегуфтанд ва ба таҳқиқ хутба баъди адои намоз буд.*

**960.** Ва Ато ба ман хабар дод, аз Ибни Аббос ва аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, ки гуфтанд: *«На рӯзи (иди) Фитр ва на рӯзи (иди) Қурбон (ба намози ид) азон намегуфтанд».*

**961.** Ва Ато аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ гуфт: аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ шунидаам, ки мегуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту идро бо хондани намоз оғоз кард, баъди он ба мардум хутба хонд. Ва чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (аз хутба) фориғ шуд, фуруд омаду назди занон рафт ва ба дасти Билол такякунон ба онҳо ваъз гуфт. Ва Билол ҷомаи худро густурда буд ва занон ба он ҳар чӣ садақа карданӣ доштанд, мепартофтанд».* (Ибни Ҷурайҷ) гуфт: ба Ато гуфтам: «Оё ба раъйи ту ҳоло ҳам аз воҷиботи имом аст, ки чун (аз хутба) фориғ шавад, назди занон рафта ба онҳо ваъз гӯяд?» Гуфт: «Ба ростӣ ки ин бар (гардани) онҳо воҷиб аст ва онҳоро чӣ шудааст, ки ин корро намекунанд?»

## (8) Боб. Андар хондани хутба баъди намози ид

**962.** Абӯосим ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дода гуфт: ал-Ҳасан ибни Муслим ба ман хабар дод, аз Товус, аз Ибни Аббос, ки гуфт: *«Ман дар (адои намози) ид ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Абӯбакр, Умар ва Усмон, разия-л-Лоҳу анҳум, будам, ҳамаи онҳо намозро пеш аз хутба мехонданд».*

**963.** Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Абӯбакр ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, намозҳои Идайнро пеш аз хутба мегузориданд».*

**964.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Адӣ ибни Собит, аз Саъид ибни Ҷубайр, аз Ибни

Аббос: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи (иди) Фитр, ду ракъат намози ид адо кард ва на пеш аз он ва на баъди он намозе нахонд. Сипас ҳамроҳи Билол назди занон омад ва онҳоро садақа кардан фармуд. Занҳо барои садақа яке ҳалқа ва дигаре тавқи гардан партофтан гирифтанд».*

**965.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Зубайд ба мо нақл карда гуфт: аз аш-Шаъбӣ шунидам, ки аз ал-Баро ибни Озиб гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳамоно аввалин коре, ки мо бо он ин рӯзро оғоз мекунем, хондани намоз аст. Баъди он бармегардему қурбонӣ мекунем. Ва ҳар кӣ чунин кунад, ба таҳқиқ суннати моро дарёфтааст. Ва ҳар кӣ пеш аз намози ид забҳ кунад, ин гӯштест, ки ба аҳли хонааш тақдим кардааст ва дар он нишонае аз қурбонӣ нест». Марде аз ансориён, ки ӯро Абӯбурда ибни Ниёр мехонданд, гуфт: «Эй пайғамбари Худо, (гӯсфандеро барои қурбонӣ пеш аз намоз) забҳ кардам, лекин ман як бузғолаи мода дорам, ки аз мусинна (гӯсфанди яксола) ҳам беҳтар аст». Ӯ гуфт: «Ҳамонро ба ҷои гӯсфанд қурбонӣ кун, лекин ин ба ғайри ту ба дигар кас кифоят намекунад». Ё (гуфт): «Раво нест».*

## (9) Боб. Рӯзи ид ва дар Ҳарам бо худ силоҳ бардоштан макрӯҳ аст

*Ва ал-Ҳасан гуфт: «Дар рӯзи ид бо худ бардоштани силоҳро наҳӣ кардаанд, магар ин ки аз душман хавфе бошад».*

**966.** Закарийё ибни Яҳё Абуссукайн ба мо нақл карда гуфт: ал-Муҳорибӣ ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Суқа ба мо нақл кард, аз Саъид ибни Ҷубайр, ки гуфт: *«Ман ҳамроҳи Ибни Умар будам, ки ба кафи пои ӯ нӯги найза расида захмӣ кард ва ӯ порикоб шуд. Ман фуруд омада онро берун кашидам. Ин ҳодиса дар Мино рӯй дод ва хабари он ба ал-Ҳаҷҷоҷ расид ва ӯ ба иёдаташ омад. Ва ал-Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Кош медонистем, ки ин захм ба ту кӣ зад?» Ибни Умар гуфт: «Ин захмро ба ман ту задӣ». Гуфт: «Чӣ гуна?» (Ибни Умар) гуфт: «Ту дар рӯзе силоҳ бардоштӣ, ки он рӯз силоҳ бардоштан манъ буд ва силоҳро ба Ҳарам даровардӣ ва ҳол он ки силоҳ ба Ҳарам ҳаргиз намедароварданд».*

**967.** Аҳмад ибни Яъқуб ба мо нақл карда гуфт: Исҳоқ ибни Саъид ибни Амр ибни Саъид ибни ал-Ос ба ман нақл кард, аз па-

дараш, ки гуфт: *«Вақте ки ал-Ҳаҷҷоҷ ба назди Ибни Умар даромад, ман он ҷо будам. Ӯ гуфт: «Чӣ ҳол дорӣ?» (Ибни Умар) ҷавоб дод: «Хуб аст». Гуфт: «Ин захм ба ту кӣ зад?» (Ибни Умар) гуфт: «Ин захмро ба ман касе зад, ки дар рӯзи мамнӯъ будани ҳамли силоҳ, ба ҳамли он амр кард»* – яъне ал-Ҳаҷҷоҷ.

## (10) Боб. Барвақт адо намудани намози ид

*Ва Абдуллоҳ ибни Бусsucc гуфт: «Мо (дар аҳди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) дар ин ҳангом аз намоз фориғ мешудем. Ва ин вақти намози тасбеҳ (зуҳо ва ишроқ) аст».*

**968.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Зубайд, аз аш-Шаъбӣ, аз ал-Баро, ки гуфт: *«Рӯзи иди Қурбон пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо хутба карду гуфт: «Аввалин коре, ки мо бо он ин рӯзро оғоз мекунем, хондани намоз аст. Баъди он бармегардему қурбонӣ мекунем. Ва ҳар кӣ чунин кунад, ба таҳқиқ суннати моро дарёфтааст. Ва ҳар кӣ пеш аз хондани намози ид забҳ кунад, ин гӯштест, ки барои хӯрдани аҳли хонааш бошитоб забҳ кардааст ва дар он аз қурбонӣ нишоне нест». Тағои ман Абӯбурда ибни Ниёр бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ман пеш аз он ки намоз хонам, забҳ кардам, лекин ман як бузғолаи мода дорам, ки аз мусинна (гӯсфанди яксола) ҳам беҳтар аст». Ӯ гуфт: «Ҳамонро, (ба ҷои гӯсфанд) қурбонӣ кун, – ё гуфт: «Ҳамонро забҳ кун», – лекин баъди ту қурбонӣ кардани бузғола ҳаргиз барои касе раво нахоҳад буд».*

## (11) Боб. Андар фазилати амал(-и солеҳ) дар рӯзҳои ташриқ

*Ва Ибни Аббос гуфт: (Дар ин сухани Худои Таъоло) «Ва номи Худоро дар чанд рӯзи донисташуда ёд кунанд» (22:28) – (мурод) даҳ рӯзи аввали Зулҳиҷҷа аст; «Ва чанд рӯзи шумурдашуда» (2:203): (ба маънои) рӯзҳои ташриқ мебошад. Ва Ибни Умар ва Абӯҳурайра дар даҳ рӯзи Зулҳиҷҷа ба бозор баромада такбир мегуфтанд ва мардум дар пайравии онҳо низ такбир мегуфтанд. Ва Муҳаммад ибни Алӣ пас аз намози нафл ҳам такбир мегуфт.*

**969.** Муҳаммад ибни Аръара ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Сулаймон, аз Муслим ал-Батин, аз Саъид ибни Ҷубайр, аз Ибни Аббос, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва

саллам, ки гуфт: *«Ҳеҷ амали (солеҳи) рӯзҳои дигар беҳтар аз он (амале) нест, ки дар ин даҳ рӯз(-и аввали Зулҳиҷҷа) иҷро шавад». (Ёрон) аз ӯ пурсиданд: «Ҳатто ҷиҳод ҳам аз он беҳтар нест?» Гуфт: «Ҳатто ҷиҳод ҳам аз он беҳтар нест, магар ин ки марде (дар роҳи Худо) ҷону моли худро дар хатар гузорад ва бо ҳеҷ як (аз ин ду) барнагардад»* (яъне шаҳид шавад).

## (12) Боб. Такбир гуфтан дар рӯзҳои Мино ва ҳангоми гузаштан ба Арафа

*Ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, дар Мино андаруни чодари худ такбир мегуфт ва аҳли Масҷид овози ӯро шунида такбир мегуфтанд. Ва аҳли бозорҳо ҳама такбир мегуфтанд, то Мино аз садои такбир ба ларза медаромад. Ва Ибни Умар он рӯзҳо дар Мино пас аз ҳамаи намозҳо, дохили хайма, дар рӯи бистар, ҳангоми нишастану рафтан – дар ҳамаи он рӯзҳо такбир мегуфт. Ва Маймуна рӯзи қурбонӣ такбир мегуфт. Ва занон ҳамроҳи мардон дар Масҷид шабҳои ташриқ аз пушти Абон ибни Усмон ва Умар ибни Абдулазиз такбир мегуфтанд.*

**970.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Молик ибни Анас ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Абӯбакр ас-Сақафӣ ба ман нақл карда гуфт: *«Вақте ки мо аз Мино ба Арафот мегузаштем, аз Анас дар хусуси талбия суол кардам: «Ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна амал мекардед?» Гуфт: «Талбиягӯянда талбия мегуфт ва касе ба ӯ эрод намегирифт ва такбиргӯянда такбир мегуфт ва низ касе ба ӯ эрод намегирифт».*

**971.** Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Умар ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Осим, аз Ҳафса, аз Умм Атия, ки гуфт: *«Ба мо мефармуданд, ки рӯзи ид берун оем; дӯшизагонро низ аз кунҷи хонаҳо берун меовардем; занони ҳоизаро низ берун меовардем ва онҳо аз пушти мардум истода бо такбири онҳо такбир мегуфтанд ва бо дуои онҳо дуо мекарданд; ва (аз даргоҳи Худо) баракати он рӯзу покӣ аз гуноҳҳоро металабиданд».*

## (13) Боб. Рӯзи ид рӯ ба ҳарба (найзак) намоз гузоридан

**972.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ба мо нақл

кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар: *«Дар рӯзҳои иди Фитру Қурбон дар пеши пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба замин найзакеро мехалонданд ва ӯ намоз мегузорид».*

### (14) Боб. Пешопеши имом рӯзи ид бардошта бурдани аназа (найзаки кӯтоҳ) ё ҳарба (найзак)

**973.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл карда гуфт: ал-Валид ба мо нақл карда гуфт: Абӯамр ба мо нақл карда гуфт: Нофеъ ба ман хабар дод, аз Ибни Умар, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, субҳ ба намозгоҳ равон мешуд ва пешопеши ӯ аназаро бурда дар замин устувор мекарданд ва ӯ рӯ ба он намоз мегузорид».*

### (15) Боб. Ба намозгоҳ баромадани занон(-и пок) ва ҳоиза

**974.** Абдуллоҳ ибни Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Муҳаммад, аз Умм Атия, ки гуфт: *«Ба мо амр карда шуд, ки духтарони болиғ ва (дӯшизагони) парданишинро низ (ба намози ид) берун барорем».* Ва (ҳадиси) монанди инро (Ҳаммод) ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Ҳафса ва (Айюб) дар ҳадиси Ҳафса афзуда гуфт – ё Ҳафса гуфт: – *«Духтарони болиғ ва (дӯшизагони) парданишинро берун меовардем, лекин занони ҳоиза худро аз намозгоҳ канора мегирифтанд».*

### (16) Боб. Ба намозгоҳ баромадани кӯдакон

**975.** Амр ибни Аббос ба мо нақл карда гуфт: Абдурраҳмон ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни Обис, ки гуфт: аз Ибни Аббос шунидам, ки гуфт: *«(Дар хурдсолиам) рӯзи иди Фитр – ё Қурбон – ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (ба намозгоҳ) баромадам. Ӯ намози идро гузорид, баъди он хутба хонд, сипас назди занон омаду ваъз, панду насиҳат гуфт ва онҳоро садақа кардан фармуд».*

### (17) Боб. Рӯ ба мардум овардани имом дар хутбаи ид

*Абӯсаъид гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯ ба рӯи мардум истод».*

**976.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Талҳа ба мо нақл кард, аз Зубайд, аз аш-Шаъбӣ, аз ал-Баро, ки гуфт:

*«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи иди Қурбон (ба ал-Бақеъ) баромад ва ду ракъат намози ид гузорид. Баъди он рӯ ба сӯи мо гардонида гуфт: «Ба ростӣ, аввалин кор аз маносики имрӯз он аст, ки бо намоз оғоз намоем, баъди он баргардем ва қурбонӣ кунем. Ва ҳар кӣ чунин кунад, ба таҳқиқ мутобиқи суннати мо амал карда бошад. Ва ҳар кӣ (ҳайвонро) пеш аз намоз забҳ карда бошад, пас ӯ барои аҳли хонааш чунин шитоб кардааст ва дар он аз қурбонӣ нишоне нест». Марде бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ман (гӯсфанди қурбониро пеш аз намоз) забҳ кардам, лекин як бузғолаи мода дорам, ки аз мусинна (гӯсфанди яксола) ҳам беҳтар аст». Ӯ гуфт: «Ҳамонро забҳ кун, лекин минбаъд чунин кор ҳаргиз ба касе раво нахоҳад буд».*

## (18) Боб. Андар нишонае, ки ба намозгоҳ (гузошта шавад)

**977.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Суфён, ки гуфт: Абдурраҳмон ибни Обис ба ман нақл карда гуфт: аз Ибни Аббос шунидам, ки аз ӯ пурсидаанд: *«Оё дар намози ид бо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳозир будӣ?» Гуфт: «Оре; ва агар ман бо ӯ қаробат намедоштам, аз сабаби хурдсолӣ дар он ҳозир намешудам. Ӯ ба наздики аломате, ки дар пеши хонаи Касир ибни ас-Салт буд, омад ва намоз гузорид, пас аз он хутба хонд, баъд ҳамроҳи Билол назди занон рафта ба онҳо ваъз, панду насиҳат гуфт ва фармуд, ки садақа кунанд. Занҳоро дидам, ки дастҳо ёзонда зеварҳои худро ба ҷомаи (густурдаи) Билол мепартофтанд. Ва он гаҳ ӯ ва Билол ба хона рафтанд».*

## (19) Боб. Рӯзи ид ба занон панд гуфтани имом

**978.** Исҳоқ ибни Иброҳим ибни Наср ба ман нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ҷурайҷ ба мо нақл карда гуфт: Ато ба ман хабар дод, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, гуфт: (аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ) шунидаам, ки мегуфт: *«Рӯзи иди Фитр пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту намоз гузорид; ӯ (идро) бо адои намоз оғоз намуд, сипас хутба хонд. Ва чун фориғ шуд, фуруд омаду назди занон рафт ва ба дасти Билол такякунон ба онҳо ваъз гуфт. Ва Билол ҷомаи худро густурда буд ва занон дар он чизҳои садақа карданиро мепартофтанд». Ба Ато гуфтам: «Оё ин закоти рӯзи Фитр буд?» Гуфт:*

*«Не, балки он вақтҳо (занон) ҳамин тавр садақае мекарданд: ҳар зане ангуштарин ё зеварҳои дигари худро мепартофт». Гуфтам: «Оё ба раъйи ту ин кор аз воҷиботи имом аст, ки бояд кунад ва ба занон ваъз гӯяд?» Гуфт: «Ба дурустӣ ки ин кор воҷиби онҳост ва аз чӣ боис бошад, ки ин корро намекунанд?»*

**979.** Ибни Ҷурайҷ гуфт: ва ал-Ҳасан ибни Муслим ба ман хабар дод, аз Товус, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Ман дар (адои намози) иди Фитр ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Абӯбакр, Умар ва Усмон, разия-л-Лоҳу анҳум, ҳозир будам. Онҳо ин намозро пеш аз хутба мегузориданд. Баъди он хутба хонда мешуд. Боре пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (барои адои намози ид) берун баромад. Ҳанӯз аз пеши назарам нарафтааст, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна бо ишораи даст мардумро ба ҷойҳояшон нишонд, баъд рӯ ба мардум аз байни сафҳои онҳо гузашта назди занон рафт ва Билол ҳамроҳи ӯ буд. Ӯ (ин оятро) зикр кард: «Эй пайғамбар, чун занони мӯъмин назди ту биёянд ва бо ту байъат кунанд...» (60:12) – то охири оят. Баъд чун аз оят фориғ шуд, гуфт: «Оё шумо бар ҳамин (байъат) ҳастед?» Занон чизе нагуфтанд, магар яке аз онҳо, ки гуфт: «Оре». – Ҳасан дақиқан намедонад, ки он зан кӣ буд. – (Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Пас садақа кунед». Билол ҷомаи худ бигустурду гуфт: «Биёед, падару модари ман фидои шумо бод». Занҳо фатах ва ангуштаринҳои худро дар ҷомаи Билол партофтан гирифтанд».*

Абдурраззоқ гуфт: «ал-Фатах» хотамҳои бузургест, ки дар ҷоҳилия (маъмул) буд».

## (20) Боб. Агар дар рӯзи ид зан чодар надошта бошад, (чӣ кунад)?

**980.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Айюб ба мо нақл кард, аз Ҳафса бинти Сирин, ки гуфт: «Мо рӯзҳои ид духтарони худро манъ мекардем, ки (ба намози ид) берун бароянд. Боре зане омаду дар қасри бану Халаф манзил кард. Ман назди ӯ рафтам. Ӯ нақл кард, ки шавҳари хоҳараш ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар дувоздаҳ ғазо иштирок доштааст. Ва дар шаш-тои он хоҳараш ҳамроҳи шавҳар будааст. Ва он (хоҳар) гуфтааст:

«Мо беморонро парасторӣ ва захмдоронро давову дармон мекардем». Боре ӯ пурсидааст: «Эй пайғамбари Худо, агар зане аз мо чодар надошта бошаду ба намози ид набарояд, оё боке дорад?» Ӯ гуфтааст: *«Бояд дугонааш аз чодари худ ба ӯ бипӯшонад, зеро занҳо бояд дар корҳои хайр, дуову ниёиши мӯъминон ширкат кунанд».* Ҳафса гуфт: «Вақте ки Умм Атия омад, ман назди ӯ рафта суол кардам: «Оё (аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи фалон чизҳо шунидаӣ (чӣ мегуфт)?» Гуфт: «Оре, падарам фидояш» – ва ӯ ҳар гоҳ ки пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зикр мекард, албатта, мегуфт: «падарам фидояш». – Ӯ гуфт: *«Духтарони болиғи парданишин – Айюб шак кард (ва гуфт): – ё гуфт: «духтарони болиғ ва дӯшизагони парданишин» ва занони ҳоиза низ бояд берун бароянд, вале занони ҳоиза аз намозгоҳ дар канор истанд. Ва (занҳо) дар корҳои хайр, дуову ниёиши мӯъминон бояд ширкат кунанд».* (Ҳафса) гуфт: «Он гоҳ (аз Умм Атия) пурсидам: оё занони ҳоиза низ?» Гуфт: «Оре, оё занони ҳоиза дар Арафот ҳозир намешаванд? Оё дар фалону фалон (корҳои дин) ҳозир намешаванд?»

### (21) Боб. Занони ҳоиза аз намозгоҳ дар канор истанд

**981.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯадӣ ба мо нақл кард, аз Ибни Авн, аз Муҳаммад, ки гуфт: Умм Атия гуфт: *«Ба мо фармуданд, ки (ба намози ид) бароем; занони ҳоиза, духтарони болиға ва дӯшизагони парданишинро низ берун барорем» – Ибни Авн гуфт: «Ё духтарони болиғаи парданишинро». – Аммо занони ҳоиза дар намозҳои боҷамоати мусулмонон ва дуову ниёиши онҳо ҳозир шаванду аз намозгоҳ дар канор истанд».*

### (22) Боб. Рӯзи иди Қурбон куштан(-и шутур) ва забҳ(-и чорпои қурбонӣ) дар намозгоҳ

**982.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл карда гуфт: Касир ибни Фарқад ба ман нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намозгоҳ шутуре ё чорпои дигареро кушта қурбонӣ мекард».*

### (23) Боб. Андар сухан гуфтани имом

**ба мардум ҳангоми хутбаи ид**

*Ва чун аз имом мавриди хутба кардан дар бораи чизе пурсанд, (чӣ кунад)?*

**983.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абулаҳвас ба мо нақл карда гуфт: Мансур ибни ал-Мӯътамир ба мо нақл кард, аз аш-Шаъбӣ, аз ал-Баро ибни Озиб, ки гуфт: *«Рӯзи иди Қурбон пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди намоз ба мо хутба хонду гуфт: «Ҳар кӣ чун намози мо намоз хонда, чун қурбонии мо қурбонӣ карда бошад, ба таҳқиқ, маносикро дарёфтааст. Ва ҳар кӣ пеш аз намоз қурбонӣ карда бошад, куштани ин гӯсфанд барои гӯшт аст». Абӯбурда ибни Ниёр бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, валлоҳ, ман (гӯсфандеро) пеш аз баромадан ба намоз қурбонӣ кардам, зеро медонистам, ки имрӯз рӯзи хӯрдану ошомидан аст. Пас шитоб намудам ва худ хӯрдам ва ба аҳли хона ва ҳамсоягон бидодам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Куштани ин гӯсфанд барои гӯшт аст». Гуфт: «Ман як бузғолаи мода дорам, ки аз ду гӯсфанди парвоӣ беҳтар аст, барои ман қурбонӣ мешавад?» Гуфт: «Оре, лекин баъди ту чунин қурбонӣ ба касе ҳаргиз раво нахоҳад буд».*

**984.** Ҳомид ибни Умар ба мо нақл кард, аз Ҳаммод ибни Зайд, аз Айюб, аз Муҳаммад, ки Анас ибни Молик гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи иди Қурбон намозро адо намуд. Баъди он хутба хонду фармуд: «Ҳар кӣ пеш аз намоз забҳ карда бошад, бояд яки дигар забҳ кунад». Марде аз ансориён бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, маро ҳамсояҳое ҳастанд – (ровӣ) – ё «фақир» гуфт – ё «бағоят бечора» гуфт – ва бинобар ин ман пеш аз намоз забҳ кардам, лекин бузғолае дорам, ки барои ман аз ду гӯсфанди парвоӣ азизтар аст». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ иҷозат дод, ки онро қурбонӣ кунад».*

**985.** Муслим ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Асвад, аз Ҷундаб, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи иди Қурбон намоз гузорид, сипас хутба хонд, баъди он забҳ карду гуфт: «Ҳар кӣ пеш аз намоз забҳ карда бошад, бояд ба ҷои он яки дигарро забҳ кунад; ва ҳар кӣ ҳанӯз забҳ накарда бошад, бояд ки «Бисми-л-Лоҳ» гӯён забҳ кунад».*

**(24) Боб. Дар бораи касе, ки рӯзи ид (бо роҳе ба намоз рафта) бо роҳи дигар баргардад**

**986.** Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абӯтумайла Яҳё ибни Возеҳ ба мо хабар дод, аз Фулайҳ ибни Сулаймон, аз Саъид ибни ал-Ҳорис, аз Ҷобир, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи ид (бо роҳе ба намоз мерафт ва) бо роҳи дигар бармегашт».*

(Дар ривояти ин ҳадис) Юнус ибни Муҳаммад (ба Абӯтумайла) пайравӣ кардааст, аз Фулайҳ, аз Абӯҳурайра. Вале ҳадиси Ҷобир саҳеҳтар аст.

## (25) Боб. Ҳар гоҳ намози ид барои касе фавт шавад, ду ракъат намоз гузорад

*Ва занҳо ва ҳар кӣ дар хона ва деҳот бошанд, низ чунин кунанд, бинобар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Эй аҳли ислом, ин иди мо аст». Анас ибни Молик ба мавлояшон Ибни Абӯутба дар аз-Зовия (қаср дар дуфарсахии Басра) фармуд, аҳли хона ва фарзандони ӯро ҷамъ кунад. Ва Анас монанди намозу такбири аҳли шаҳр намоз гузорид.*

*Ва Икрима гуфт: «Аҳли савод (деҳот) дар рӯзи ид айнан мисли он ки имом мекунад, ҷамъ шуда ду ракъат намоз мегузоранд».*

*Ва Ато гуфт: «Агар намози ид барои касе фавт шавад, ду ракъат намоз гузорад».*

**987.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва, аз Оиша, ки *дар айёми Мино ҳангоме ки Абӯбакр ба хонаи ӯ дохил шуд, дар ҳузураш ду канизак буданд ва дафу соз мезаданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сару рӯи худ бо ҷома пӯшонида хобида буд. Абӯбакр канизаконро сахт сарзаниш кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯяшро кушоду гуфт: «Эй Абӯбакр, онҳоро ба ҳолашон бигузор, ҳоло айёми ид аст, ин рӯзҳо рӯзҳои Мино аст».*

**988.** Ва (ба исноди дигар) Оиша гуфт: *«(Чунин ҳодисаро низ) дида будам, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, маро панаҳ мекарду ман дар саҳни Масҷид ҷангбозии ҳабашиёнро тамошо мекардам. (Умар) ба онҳо бонг зада сарзаниш кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Онҳоро ба ҳолашон бигузор, эмин бозӣ кунед, эй бану Арфида».* Яъне мурοди ӯ (аз «эмин») амн буд, (на амон додан).

## (26) Боб. Андар гузоридани намоз пеш аз намози ид ва баъди он

*Ва Абулмуъалло гуфт: аз Саъид шунидам, аз Ибни Аббос, ки ӯ пеш аз намози ид намоз хонданро макрӯҳ медонист.*

**989.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Адӣ ибни Собит ба ман нақл карда гуфт: аз Саъид ибни Ҷубайр шунидам, аз Ибни Аббос: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи иди Фитр берун омаду ду ракъат намоз(-и ид) гузорид ва на пеш аз он ва на баъди он намозе нахонд. Ва Билол ҳамроҳи ӯ буд».

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# XIV. КИТОБИ ВИТР

## (1) Боб. Андар он чӣ дар бораи (намози) витр омадааст

**990.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Нофеъ ва Абдуллоҳ ибни Динор, аз Ибни Умар, *ки марде аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи (тарзи адои) намози шаб суол кард. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Намози шаб ду ракъат – ду ракъат аст ва агар касе аз шумо бим дошта бошад, ки вақти намози бомдод ногаҳон фаро мерасад (ва ӯ витрро нохонда мемонад), бигузор як ракъат намоз хонад ва ин (як ракъат) намозҳои то ҳамин вақт адо намудаи ӯро витр (тоқ) мегардонад».*

**991.** Ва (ба ҳамин иснод) аз Нофеъ: *«Абдуллоҳ ибни Умар дар миёни як ракъат(-и охир) ва ду ракъати (аавали) намози витр салом медод, то ки баъзе корҳои зарурии худро (ба касонаш) фармояд».*

**992.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Махрама ибни Сулаймон, аз Курайб, ки Ибни Аббос ба ӯ хабар дод, *ки ӯ шабе дар хонаи Маймуна, ки холаам буд, мондааст (ва гуфт): «Ман дар паҳнои болишт сар гузошта хоб рафтам. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва зани ӯ дар дарозои он сар гузошта хоб рафтанд. Ӯ то нисфи шаб ё қариби он бихуфт. Пас бедор шуду рӯяшро молида худро ҳушёр кард. Баъди он аз сураи Оли имрон даҳ оят қироат кард. Сипас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту сӯи машки овезон рафт ва аз он некӯ вузӯ кард. Сипас бархосту ба намоз истод,*

*ман ҳам монанди ӯ кардам ва дар паҳлӯи ӯ истодам. Ӯ дасти росташ ба сарам ниҳоду гӯшамро гирифта тоб дод. Баъд ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, баъд намози витр хонд. Пасон болои ҷогаҳ то омадани муаззин дароз кашид. Ва он гаҳ бархосту ду ракъат намоз хонд. Баъди он берун баромаду намози бомдодро гузорид».*

**993.** Яҳё ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба ман нақл карда гуфт: Амр ба ман хабар дод, ки Абдурраҳмон ибни ал-Қосим ба вай нақл кард, аз падараш, аз Абдуллоҳ ибни Умар, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Намози шаб ду ракъат – ду ракъат аст ва агар хоҳиши аз намоз берун омадан дорӣ, як ракъат намоз хон ва (он як ракъат) намози то он вақт хондаи туро витр (тоқ) мегардонад». Ал-Қосим гуфт: «Аз бози рӯи ақл омадан мардумро медидем, ки дар витр се ракъат намоз мехонданд. Ба таҳқиқ ҳамаи ин барои маҷоли васеъ додан аст. Ман бовар дорам, ки дар ҳеҷ кадоми ин боке нест».*

**994.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Урва, ки Оиша ба вай хабар додааст: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ёздаҳ ракъат намоз мехонд ва ин буд намози ӯ» – ӯ намози шабонаро дар назар дошт – «ва дар ин намоз чун ҳар бор ба саҷда мерафт, баъди гузаштани фурсате, ки ҳар яки шумо барои хондани панҷоҳ оят сарф мекунад, сар аз он мебардошт. Ва пеш аз намози бомдод ду ракъат намоз мехонд ва то барои намоз омадани муаззин болои ҷогаҳ ба паҳлӯи рост дароз мекашид».*

## (2) Боб. Вақти адои намози витр

*Абӯҳурайра гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ман пеш аз хоб намози витр хондан фармуд».*

**995.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл карда гуфт: Анас ибни Сирин ба мо нақл карда гуфт: ба Ибни Умар гуфтам: «Ба раъйи ту оё дар ду ракъат намози пеш аз фарзи бомдод қироатро ба дарозо кашам, равост?» Ӯ гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози шабонаро ду ракъат – ду ракъат мехонд ва бо як ракъат (онро) витр (тоқ) мегардонд; ва ду ракъат намози пеш аз фарзи бомдодро ҳанӯз садои азон аз*

*гӯшаш нарафта адо мекард».* Ҳаммод гуфт: «Яъне босуръат».

**996.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл карда гуфт: Муслим ба ман нақл кард, аз Масруқ, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар шаб намози витр мехонд ва намози витри ӯ бо фаро расидани саҳар итмом меёфт».*

## (3) Боб. Андар бедор кардани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аҳли байташро ба намози витр

**997.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Оиша, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар вазъе, ки ман дар бистари ӯ аз сӯи пеш мехобидам, намоз мехонд. Ва ҳар бор, ки витр хонданӣ мешуд, маро бедор мекард. Ва ман ҳам витр мехондам».*

## (4) Боб. Намозхон дар охири намозҳояш бояд витр гузорад

**998.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Нофеъ ба ман нақл кард, аз Абдуллоҳ, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Охирин намози шабонаи худро витр созед».*

## (5) Боб. Андар савори чорпо адо кардани витр

**999.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Абӯбакр ибни Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ ибни Умар ибни ал-Хаттоб, аз Саъид ибни Ясор, ки вай гуфт: *«Дар роҳи Макка ҳамроҳи Абдуллоҳ ибни Умар мерафтам». Саъид (боз) гуфт: «Аз тарси он ки вақти намози бомдод фаро расад (ва витрро нохонда монам) аз чорпо фуруд омадаму намози витр хондам. Баъд ба ӯ расида гирифтам. Абдуллоҳ ибни Умар гуфт: «Куҷо будӣ?» Гуфтам: «Тарсидам, ки вақти намози бомдод фаро мерасад, пас фуруд омадаму витр хондам». Абдуллоҳ гуфт: «Оё туро «ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пайравии некӯ» (33:21) нест?» Гуфтам: «Бале, валлоҳ, ки ҳаст». Гуфт: «Дарвоқеъ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози витрро дар ҳоли савори шутур будан низ мехонд».*

## (6) Боб. (Андар ҳукми) витр ҳангоми сафар

**1000.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Ҷувайрия ибни Асмо ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози шабро, ба ғайр аз фарз, ҳангоми сафар дар болои сутури худ ба кадом сӯе равона бошад, (ба ҳамон сӯ рӯ оварда) бо имову ишора адо мекард. Намози витрро низ дар болои сутури худ мегузорид».*

## (7) Боб. Андар гуфтани дуои Қунут пеш аз рукӯъ ва баъди он

**1001.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Муҳаммад ибни Сирин, гуфт: *аз Анас пурсиданд: «Оё пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намози бомдод дуои Қунут мехонд?» Гуфт: «Оре». Боз аз ӯ пурсиданд: «Оё пеш аз рукӯъ мехонд?» Гуфт: «Як муддат баъд аз рукӯъ (низ хонда буд)».*

**1002.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл карда гуфт: Осим ба мо нақл карда гуфт: аз Анас ибни Молик дар бораи дуои Қунут суол кардам, гуфт: «Албатта, дуои Қунут буд». Гуфтам: «Пеш аз рукӯъ ё баъди он?» Гуфт: «Пеш аз рукӯъ». Гуфтам: «Ба ростӣ, фалонӣ ба ман хабар дод, ки ту гуфтӣ: «Баъди рукӯъ». Гуфт: «Дурӯғ гуфтааст. *Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми намоз фақат як моҳ баъди рукӯъ дуои Қунут гуфта буд. Ба фикри ман сабабаш ин буд: ӯ як гурӯҳ мардумро, ки «қории Қуръон» мегуфтанд – тақрибан иборат аз ҳафтод мард – ба назди қавме аз мушрикон фиристод. Ва он гурӯҳ дар шумор аз он қавм камтар буданд. Байни он қавм ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аҳду паймон вуҷуд дошт. (Мушрикон аҳду паймон шикаста он ҳафтод танро куштанд). Ва он гаҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, як моҳ дар намоз дуои Қунут мегуфту он қавмро дуои бад мекард».*

**1003.** Аҳмад ибни Юнус ба мо нақл кард: Зоида ба мо нақл кард, аз ат-Таймӣ, аз Абӯмиҷлаз, аз Анас ибни Молик, гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, як моҳ дар намоз дуои Қунут гуфт ва (қабилаҳои) Риъл ва Заквонро дуои бад мекард».*

**1004.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ба мо нақл

карда гуфт: Холид ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, аз Анас, ки гуфт: *«Дуои Қунут дар намозҳои шому бомдод буд»*.

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# XV. КИТОБИ ИСТИСҚО

## (1) Боб. Андар истисқо. Ва (ба намозгоҳ) баромадани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои адои намози истисқо

**1005.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр, аз Аббод ибни Тамим, аз амакаш, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои адои намози истисқо (ба намозгоҳ) баромад ва ридои худро божгуна кард».*

## (2) Боб. Дуои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Солҳои қаҳтиро монанди солҳои замони Юсуф бар онҳо бигумор!»

**1006.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Муғира ибни Абдурраҳмон ба мо нақл кард, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун аз ракъати охирин сар бардошт, мегуфт: «Бор Худоё, Айёш ибни Абӯрабиъаро наҷот деҳ; Бор Худоё, Салама ибни Ҳишомро наҷот деҳ; Бор Худоё, ал-Валид ибни ал-Валидро наҷот деҳ; Бор Худоё, мӯъминони нотавонро наҷот деҳ; Бор Худоё, бори гаронеро, ки бар дӯши қабилаи Музар ниҳодаӣ, гаронтар кун; Бор Худоё, солҳои қаҳтиро монанди солҳои замони Юсуф бар онҳо бигумор». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Худо (қабилаи) Ғифорро мағфират кунад ва Худо (қабилаи) Асламро солим нигаҳ дорад!»*

Ибни Абуззинод гуфт, аз падараш: «Ин ҳама (дуоҳо) дар намози бомдод гуфта мешуданд».

**1007.** Усмон ибни Абӯшайба ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба мо нақл кард, аз Мансур, аз Абуззуҳо, аз Масруқ, ки гуфт: дар назди Абдуллоҳ будем, ӯ гуфт: *«Вақте ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ислом рӯй гардонидани мардум(-и Қурайш)-ро дид, гуфт: «Бор Худоё, бар онҳо ҳафт соли гуруснагӣ монанди ҳафт соли (қаҳтии замони) Юсуфро бигумор». Онҳо гирифтори чунон қаҳтие шуданд, ки ҳама чиз хушк шуд; ҳатто пӯст ва мурдаву лоша хӯрданд ва ҳар кӣ аз онҳо чун ба осмон менигарист, аз фарти гуруснагӣ дар он ҷо дуд медид. Пас Абӯсуфён назди ӯ омаду гуфт: «Эй Муҳаммад, ту ба тоати Худо ва нигоҳ доштани пайванди хешию таборӣ амр мекунӣ ва ҳол он ки қавми худат ҳалок шуданд, Худоро барои онҳо дуо кун». Худои Таъоло гуфт: «Пас рӯзеро мунтазир бош, ки осмон дуде зоҳир биёрад» (44:10) – то он ҷо ки гуфт: «...Ҳамоно шумо (ба куфр) бозгардандаед. Рӯзе ки ба он даргирифт кардани бузург даргирифт кунем» (44:10-15).* Ва *«ал-батша» (гирифтор кардан) дар рӯзи Бадр буд. Дар ҳақиқат омадани дуд (ад-духон), гирифтор кардан (ал-батша), ҷазои лозим (ал-Лизом) ва (пешгӯиҳои) сураи «Рум»* (30) – *ҳама воқеъ шуданд».*

## (3) Боб. Ҳар гоҳ қаҳтӣ ояд, мардум аз имом дархости истисқо кунанд

**1008.** Амр ибни Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Абӯқутайба ба мо нақл карда гуфт: Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ ибни Динор ба мо нақл кард, аз падараш, ки гуфт: *аз Ибни Умар шунидам, ки шеъри Абӯтолибро мехонд:*

*Ва абяза, юстасқа-л-ғамому би ваҷҳиҳи,*
*Симола-л-ятомо исматан ли-л-аромили.*

*«Он тозарӯй (яъне Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам), ки тавассути ӯ аз абр боридани борон талаб мешавад, парастори ятимону беваҳоро дар (паноҳи) исматаш нигоҳдор аст».*

**1009.** Ва (ба исноди дигар) Умар ибни Ҳамза гуфт: Солим ба мо нақл кард, аз падараш: *«Басо ҳангоме ки пайғамбар, салла-л-*

*Лоҳу алайҳи ва саллам, бар сари минбар (аз Худо) талаби борон мекард ва то аз новадонҳо об ҷорӣ намешуд, аз он ҷо фуруд намеомад, ман ба рӯи ӯ менигаристаму ба ёдам ин гуфтаи шоир мерасид:*

*Ва абяза, юстасқа-л-ғамому би ваҷҳиҳи,*
*Симола-л-ятомо исматан ли-л-аромили.*

*«Он тозарӯй (яъне Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам), ки тавассути ӯ аз абр боридани борон талаб мешавад, парастори ятимону беваҳоро дар (паноҳи) исматаш нигаҳдор аст».*

Ва ин гуфтаи Абӯтолиб буд.

**1010.** Ал-Ҳасан ибни Муҳаммад ба ман нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Ансорӣ ба мо нақл карда гуфт: Абӯабдуллоҳ ибни ал-Мусанно ба ман нақл кард, аз Сумома ибни Абдуллоҳ ибни Анас, аз Анас: *«Ҳар гоҳ ки қаҳтӣ мешуд, Умар ибни ал-Хаттоб, разия-л-Лоҳу анҳу тавассути ал-Аббос ибни Абдулмутталиб дуои талаби борон мекарду мегуфт: «Бор Худоё, дарвоқеъ, мо ба Ту тавассути пайғамбарамон бо дуои талаби борон рӯй меовардем ва Ту ба мо борон мефиристодӣ; ҳоло тавассути амаки пайғамбарамон ба Ту бо дуои талаби борон рӯ меорем, ба мо борон фирист». Анас гуфт: «Ва он гаҳ Худо ба онҳо борон медод».*

## (4) Боб. Андар божгуна кардани ридо ҳангоми (намозу дуои) истисқо

**1011.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Ваҳб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо хабар дод, аз Муҳаммад ибни Абӯбакр, аз Аббод ибни Тамим, аз Абдуллоҳ ибни Зайд: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ридояшро ҳангоми (намози) истисқо божгуна пӯшид».*

**1012.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Абӯбакр ба мо нақл кард, ки вай аз Аббод ибни Тамим шунид, ки падараш нақл мекард, аз амакаш Абдуллоҳ ибни Зайд: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба намозгоҳ баромад ва дуои талаби борон кард, рӯй ба қибла оварду ридо божгуна пӯшид, пас ду ракъат намоз хонд».* Абӯабдуллоҳ гуфт: Ибни Уяйна мегуфт: «Ӯ (Абдуллоҳ ибни Зайд) соҳиби азон буд».

Лекин ин гуфтаи ӯ носаҳеҳ аст, зеро ки ин Абдуллоҳ ибни Зайд ибни Осим ал-Мозинӣ – Мозини ансориён аст.

### (5) Боб. Вақте ки муҳаррамоти Худо шикаста шавад, Парвардигор, азза ва ҷалла, ба халқи Худ қаҳтӣ фиристода интиқом меситонад

### (6) Боб. (Адои намозу дуои) истисқо дар масҷиди ҷомеъ

**1013.** Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абӯзамра Анас ибни Иёз ба мо хабар дода гуфт: Шарик ибни Абдуллоҳ ибни Абӯнамир ба мо хабар дод, ки вай аз *Анас ибни Молик шунидааст, ки мегуфт: «Рӯзи ҷумъа дар ҳоле, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рост истода хутба мехонд, марде аз дари рӯ ба рӯи минбар вориди масҷид шуд. Ӯ рӯ ба рӯи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рост истоду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, чорпо ҳама талаф шуд, роҳҳо бурида гашт, Худоро дуо кун, ки ба мо борон фиристад». (Анас) афзуд: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду даст ба дуо бардошту гуфт: «Бор Худоё, ба мо борон фирист, Бор Худоё ба мо борон фирист, Бор Худоё ба мо борон фирист». Анас гуфт: «Ба Худо қасам, ки мо он ҳангом дар осмони соф пораи абре намедидем ва миёни мову (кӯҳи) Салъ хонае ё ҳавлие набуд, (ки абрро аз мо панаҳ кунад)». (Анас) гуфт: «Ва аз паси он (кӯҳ) абре монанди сипари мудаввар баромад. Ва чун мобайни осмон расид, паҳн шуд, сипас борон борид». Боз гуфт: «Валлоҳ, мо шаш рӯзи тамом офтобро надидем. Баъди он, рӯзи ҷумъаи дигар дар мавриде ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рост истода хутба мехонд, марде аз дари масҷид ворид шуд ва рӯ ба рӯи ӯ истоду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, молу манол нобуд гардид, роҳҳо ҳама бурида шуд, Худоро дуо кун боронро боздорад». (Анас) гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду даст ба дуо бардошту гуфт: «Бор Худоё, онро ба гирду атрофи мо бирезон, на бар сари мо. Бор Худоё, бар теппаҳо, кӯҳҳо, кӯҳталҳо, водию дарахтзорҳо бирезон».* Анас гуфт: «Борон бозмонд ва мо баромада дар зери офтоб роҳ паймудем». Шарик гуфт: ман аз Анас пурсидам: «Оё ӯ (ҳамон) марди пешина буд?» Ӯ гуфт: «Намедонам».

### (7) Боб. Рӯй ҷониби қибла наоварда дар хутбаи намози ҷумъа талаби борон кардан

**1014.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Ҷаъфар ба мо хабар дод, аз Шарик, аз Анас ибни Молик: *«Рӯзи ҷумъа, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рост истода хутба мехонд, аз дари ҷониби Дору-л-қазо (қозихона) марде вориди масҷид шуд ва рӯ ба рӯи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, истода гуфт: «Эй пайғамбари Худо, молу манол нобуд гашт, роҳҳо ҳама бурида шуд, Худоро дуо кун, ки ба мо борон фиристад». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду даст ба дуо бардошту гуфт: «Бор Худоё, ба мо борон фирист, Бор Худоё, ба мо борон фирист, Бор Худоё, ба мо борон фирист». Анас гуфт: «Ба Худо қасам, ки мо он маврид дар осмони соф пораи абре надидем ва миёни мову кӯҳи Салъ хонае ё ҳавлие набуд (ки абрро аз мо панаҳ кунад)». (Анас) гуфт: «Ва аз паси он (кӯҳ) абре монанди сипари мудаввар баромад ва чун миёни осмон расид, паҳн шуд, сипас борон борид. Валлоҳ, мо шаш рӯзи тамом офтобро надидем. Сипас, дар рӯзи ҷумъа ҳангоме ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рост истода хутба мехонд, марде аз ҳамон дар ворид шуд ва рӯ ба рӯи ӯ истода гуфт: «Эй пайғамбари Худо, молу манол нобуд гардид, роҳҳо ҳама бурида шуд, Худоро дуо кун боронро боздорад». (Анас) гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду даст ба дуо бардошту гуфт: «Бор Худоё, онро ба гирду атрофи мо бирезон, на бар сари мо; Бор Худоё, онро бар теппаву кӯҳталҳо, ба водию дарахтзорҳо бирезон».* (Анас) гуфт: «Борон бозмонд ва мо баромада зери офтоб роҳ паймудем». Шарик гуфт: ман аз Анас ибни Молик пурсидам: «Оё ин (ҳамон) марди пешина буд?» Ӯ гуфт: «Намедонам».

## (8) Боб. Аз болои минбар талаби борон кардан

**1015.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо хабар дод, аз Қатода, аз Анас, ки гуфт: *«Дар рӯзи ҷумъа ҳангоме ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хутба мехонд, марде омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, борон қаҳт шуд, Худоро дуо кун, ки ба мо борон фиристад». Ӯ дуо кард, борон борид. Мо (аз шиддати борон) қариб буд, ки ба манзилҳоямон нарасем. Ва ҳамин тарз то рӯзи ҷумъаи дигар борон борид». (Анас) гуфт: «Ҳамон мард – ё каси дигар – аз ҷой бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, Худоро дуо кун, то онро аз мо ба сӯи дигар би-*

*гардонад». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Бор Худоё, онро ба гирду атрофи мо бирезон, на бар сари мо».* (Анас) гуфт: «Ба ростӣ абрро дидам, ки ба росту чап пароканда мешуд; борон дар он ҷойҳо меборид ва бар сари аҳли Мадина намеборид».

### (9) Боб. Дар бораи касе, ки барои истисқо бо намози ҷумъа иктифо намуд

**1016.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо хабар дод, аз Молик, аз Шарик ибни Абдуллоҳ, аз Анас, ки гуфт: «Марде назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: *«Чорпо ҳама талаф гардид, роҳҳо бурида шуд». Ӯ дуо кард ва аз он ҷумъа то ҷумъаи дигар борон борид. Сипас (он мард) омаду гуфт: «Хонаҳо вайрон, роҳҳо бурида шуд, чорпо ҳама талаф гардид. Худоро дуо кун, ки онро аз мо боздорад». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ҷой бархосту гуфт: «Бор Худоё, онро бар теппаву кӯҳталҳо, водию дарахтзорҳо бирез». Он абр чун ҷомае, ки аз тан бадар кунанд, аз болои Мадина дур шуд».*

### (10) Боб. Ҳар гоҳ аз бисёрии борон роҳҳо бурида шавад, дуо кунанд

**1017.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Шарик ибни Абдуллоҳ ибни Абӯнамир, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Марде назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, чорпо ҳама талаф гардид, роҳҳо бурида шуд, Худоро дуо кун». Ва он гаҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дуо кард ва аз он ҷумъа то ҷумъаи дигар борон борид. Пас боз марде назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, хонаҳо вайрон, роҳҳо бурида шуданд ва чорпо ҳама талаф гардид». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Бор Худоё, онро бар сари кӯҳу теппаҳо, ба водию дарахтзорҳо бирез». Он абр чун ҷомае, ки аз тан бадар кунанд, аз болои Мадина дур шуд».*

### (11) Боб. Андар он чӣ гуфта шуд: «Дарвоқеъ, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи ҷумъа дар дуои талаби борон ридои худ божгуна накард»

**1018.** Ҳасан ибни Бишр ба мо нақл карда гуфт: Муъофо ибни Имрон ба мо хабар дод, аз ал-Авзоъӣ, аз Исҳоқ ибни Абдуллоҳ, аз Анас ибни Молик: *«Марде ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз талаф шудани молу манол ва машаққат кашидани аҳлу иёл шикоят бурд. Ӯ аз Худо дуои талаби борон кард». (Ровӣ гуфт:) «Лекин (Анас) зикр накард, ки (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) ридояшро божгуна ва рӯяшро ҷониби қибла карда бошад».*

### (12) Боб. Ҳар гоҳ мардум аз имом хоҳиши дуои истисқо кунанд, ӯ набояд рад намояд

**1019.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Шарик ибни Абдуллоҳ ибни Абӯнамир, аз Анас ибни Молик, ки вай гуфт: *«Марде назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, чорпо ҳама талаф гардид, роҳҳо бурида шуд, Худоро дуо кун». Ӯ Худоро дуо кард. Ва аз он ҷумъа то ҷумъаи дигар борон борид. Боз марде назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, хонаҳо вайрон, роҳҳо бурида шуданд ва чорпо талаф гардид». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Бор Худоё, онро бар пушти кӯҳу теппаҳо ва бар водию дарахтзорҳо бирез». Он абр чун ҷомае, ки аз тан бадар кунанд, аз болои Мадина дур шуд».*

### (13) Боб. Агар мушрикон аз мусулмонон дар қаҳтӣ талаби шафоат кунанд, (чӣ бояд кард)?

**1020.** Муҳаммад ибни Касир ба мо хабар дод, аз Суфён, ки гуфт: Мансур ва ал-Аъмаш ба мо хабар доданд, аз Абуззуҳо, аз Масруқ, ки гуфт: рӯзе назди Ибни Масъуд омадам, ӯ гуфт: *«Ҳамоно қурайшиён дар қабули ислом таъхир карданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳаққи онҳо дуои бад кард. Онҳо соле ба чунон қаҳтӣ гирифтор шуданд, ки ба ҳалокат расиданд ва ҳатто мурдаву устухонҳо хӯрданд. Абӯсуфён назди ӯ омаду гуфт: «Эй Муҳаммад, ту барои он омадаӣ, ки мардумро ба ҳифз доштани пайванди хешу таборӣ амр кунӣ. Ба ростӣ ки қавми ту ба ҳалокат расиданд. Барои онҳо Худои Таъолоро дуо кун». Ӯ (ин оятро) хонд: «Пас рӯзеро мунтазир бош, ки осмон дуде зоҳир биёрад» (44:10). Баъди ин*

*ҳам онҳо дубора кофир шуданд. Дар ин хусус сухани Ӯ Таъоло ҳаст: «Рӯзе, ки шуморо ба он даргирифт кардани бузург даргирифт кунем» (44:16). (Яъне дар) рӯзи Бадр. Гуфт: ва ба исноди дигар Асбот афзуд, аз Мансур: «Ва он гаҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои онҳо дуо кард ва онҳо аз борон сероб шуданд, ҳафт рӯз паиҳам борон борид. Мардум аз бисёрии борон шикоят карданд. Ӯ гуфт: «Бор Худоё, онро ба гирду атрофи мо бирезон, на бар сари мо».* Абр аз сари ӯ пароканда шуд ва борон ба гирду атроф борид».

## (14) Боб. Андар дуое, ки ҳангоми бисёр боридани борон кунанд: «Ба гирду атрофи мо бирез, на бар сари мо»

**1021.** Муҳаммад ибни Абӯбакр ба ман нақл карда гуфт: Мӯътамир ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, аз Собит, аз Анас, ки вай гуфт: *«Рӯзи ҷумъа пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хутба мекард. Мардум аз ҷой барҷастанду фарёд бардоштанд: «Эй пайғамбари Худо, борон қаҳт шуд, дарахтон ҳама хушкид, чорпо талаф гардид. Худоро дуо кун, ки ба мо борон фиристад. Ӯ ду бор гуфт: «Бор Худоё, ба мо борон фирист». Ва ба Худо қасам, мо дар он вақт дар осмони соф пораи абре намедидем. Абр пайдо шуду борон борид. Ӯ аз минбар поин омаду намоз гузорид, баъд, аз он берун шуд. То рӯзи ҷумъаи дигар пайваста борон борид. Ва чун пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои хутба хондан аз ҷой бархост, мардум ба ӯ фарёд заданд: «Хонаҳо ҳама вайрону роҳҳо бурида шуд, Худоро дуо кун, ки боронро аз мо боздорад». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, табассум карду гуфт: «Бор Худоё, ба гирду атрофи мо бирез, на бар сари мо». Осмони Мадина кушода шуд ва борон дар атрофи он биборид ва дар Мадина дигар қатрае ҳам наборид. Чун ба Мадина нигаристам, он дар (ҳалқае) монанди афсар монда буд».*

## (15) Боб. Андар рост истода дуои истисқо кардан

**1022.** Ва Абӯнуъайм ба мо гуфт, аз Зуҳайр, аз Абӯисҳоқ: *«Абдуллоҳ ибни Язид ал-Ансорӣ берун баромад ва ал-Баро ибни Озиб ва Зайд ибни Арқам, разия-л-Лоҳу анҳум, ҳамроҳи ӯ баромаданд. Ӯ борон талабида дуо кард, пас ҳамроҳи онҳо бе минбар ба пой рост истода омурзиш талабида дуо кард, сипас бе он ки*

*азону иқомат гӯяд, ду ракъат бо қироати баланд намоз гузорид». Абӯисҳоқ гуфт: «Абдуллоҳ ибни Язид пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидааст, (ки ҳамчунин мекард)».*

**1023.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Аббод ибни Тамим ба ман нақл кард, ки амакаш, ки аз саҳобагони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буд, ба ӯ хабар дод: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳи мардум берун баромад, то барои онҳо борон талабида дуо кунад. Ӯ аз ҷой бархосту рост истода Худоро дуо кард. Баъд рӯ ба қибла оварду ридои худ божгуна кард. Ва он гаҳ барояшон борон борид».*

## (16) Боб. Адои намози истисқо бо қироати баланд

**1024** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Аббод ибни Тамим, аз амакаш, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои адои намози истисқо берун баромад. Ӯ рӯ ба қибла оварда дуо кард ва ридои худ божгуна намуд. Баъди он бо қироати баланд ду ракъат намоз гузорид».*

## (17) Боб. Андар он ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна пушт ба мардум гардонид

**1025.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Аббод ибни Тамим, аз амакаш, ки гуфт: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзе дидам, ки барои (адои намози) истисқо берун баромад». (Амакаш) гуфт: «Ӯ пушт ба мардум гардониду рӯ ба қибла оварда дуо кард. Баъди он ридои худ божгуна намуд. Сипас ба мо (имоматӣ карда) бо қироати баланд ду ракъат намоз гузорид».*

## (18) Боб. Намози истисқо ду ракъат аст

**1026.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр, аз Аббод ибни Тамим, аз амакаш: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, борон талабида дуо кард ва ду ракъат намоз гузорид ва ридои худ божгуна кард».*

## (19) Боб. Андар (гузоридани

**намози) истисқо дар намозгоҳ**

**1027.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр: Аббод ибни Тамим шунид, аз амакаш, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои талаби борон ба намозгоҳ баромад ва рӯ ба қибла оварда ду ракъат намоз гузорид; ӯ ридои худ божгуна карда буд»*. Суфён гуфт: ал-Масъудӣ ба ман хабар дод, аз Абӯбакр, ки гуфт: *«Ӯ тарафи рости ридоро ба тарафи чап гардонид»*.

## (20) Андар рӯ ба қибла овардан ҳангоми истисқо

**1028.** Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ба мо хабар дода гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Абӯбакр ибни Муҳаммад ба ман хабар дод, ки Аббод ибни Тамим ба ӯ хабар дод: Абдуллоҳ ибни Зайд ал-Ансорӣ ба вай хабар дод: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои адои намоз ба намозгоҳ баромад. Ва ӯ ҳангоми дуо – ё ҳангоми нияти дуо кардан – рӯ ба қибла оварду ридои худ божгуна намуд»*. Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ин Ибни Зайд Мозинӣ аст ва аввалӣ куфӣ аст ва Ибни Язид аст».

## (21) Боб. Ҳангоми истисқо мардум ҳамроҳи имом даст ба дуо бардоранд

**1029.** Айюб ибни Сулаймон гуфт: Абӯбакр ибни Абӯувайс ба ман нақл кард, аз Сулаймон ибни Билол: аз Яҳё ибни Саъид гуфт: аз Анас ибни Молик шунидам, ки гуфт: *«Рӯзи ҷумъа марди аъробие аз аҳли бодия назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, чорпо ҳама нобуд шуд, аҳлу иёл, мардум ба ҳалокат расиданд». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду даст ба дуо бардошт ва мардум низ якҷоя бо ӯ даст ба дуо бардоштанд». (Анас ибни Молик) гуфт: «Мо ҳанӯз аз масҷид набаромада борон борид. Ва то рӯзи ҷумъаи оянда беист борон борид. Он мард назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, мусофир аз роҳ бозмонд, роҳ баста шуд»*.

**1030.** Ва (ба исноди дигар) ал-Увайсӣ гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба ман нақл кард, аз Яҳё ибни Саъид ва Шарик: онҳо аз Анас шуниданд, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Ӯ*

*ду даст ончунон бардошт, ки ман сафедии зери бағали ӯро дидам».*

## (22) Боб. Андар даст ба дуо бардоштани имом ҳангоми истисқо

**1031.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ва Ибни Абӯадӣ ба мо нақл карданд, аз Саъид, аз Қатода, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳеҷ кадом аз дуоҳояш дастони худ боло намебардошт, ба ҷуз (дуои) истисқо. Ва ӯ дастҳо ончунон мебардошт, ки сафедии зери бағалаш намоён мегашт».*

## (23) Боб. Ҳангоми боридани борон чӣ бояд гуфт?

*Ва Ибни Аббос гуфт: «(Маънои) «ка сайибин» борон аст (аз 2:19 – монанди борон). Ва дигаре гуфтааст: «Соба» (борид) ва «асоба» (тар кард) (яъне ҳар ду як маъно доранд ва дар замони ҳозира – оянда) ясубу «тар мекунад (мешаванд).*

**1032.** Муҳаммад ибни Муқотил Абулҳасан Ал-Марвазӣ ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Убайдуллоҳ ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз ал-Қосим ибни Муҳаммад, аз Оиша: *«Ҳар гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, медид, ки борон меборад, мегуфт: «Аллоҳумма саййибан нофиъан» (Бор Худоё, инро борони судманд гардон)».*

(Дар ривояти ин ҳадис) ал-Қосим ибни Яҳё ба ӯ (Ибни Ато ибни Муқаддам ал-Муқаддамӣ) пайравӣ кардааст, аз Убайдуллоҳ. Ва ал-Авзоъӣ ва Уқайл низ онро ривоят кардаанд, аз Нофеъ.

## (24) Боб. Дар бораи каси зери борон монда, ки оби борон аз ришаш шоридааст

**1033.** Муҳаммад ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо хабар дода гуфт: Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа ал-Ансорӣ ба мо нақл карда гуфт: Анас ибни Молик ба ман нақл карда гуфт: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, соле ба сари мардум қаҳтӣ омад. Боре, рӯзи ҷумъа, ҳангоме ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар минбар хутба мехонд, аъробие бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо,*

*молу манол ҳама нобуд гардид, аҳлу иёл гурусна монд, Худоро дуо кун, ба мо борон фиристад». Анас гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду даст ба дуо бардошт. Он лаҳза дар осмон пораи абре набуд». Боз гуфт: «Абрҳои монанди кӯҳ пайдо шуданд. Ӯ ҳанӯз аз минбар поин наомада буд, ки ман аз ришаш шоридани боронро дидам». (Анас) гуфт: «Ҳамон рӯз, фардои он рӯз, пасфардои он рӯз ва рӯзҳои баъди он то ҷумъаи дигар борон борид. Он аъробӣ – ё марди дигар – бархосту гуфт: «Эй пайғамбари Худо, биноҳо ҳама вайрон гашту молу манол зери об монд, Худоро дуо кун». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду даст (ба дуо) бардошту гуфт: «Бор Худоё, онро ба гирду атрофи мо бирезон, на бар сари мо».*

*(Анас) гуфт: «Баробари он ки бо даст ҷонибе аз осмонро ишора кард, дар ҳамон ҷо абр пароканда ва осмон кушода шуд. Мадина дар доирае (монанд ба фазои беабр) монда буд ва аз водӣ – водии Қанот – як моҳи тамом сел ҷорӣ гашт. Ва ҳар кӣ аз ноҳия меомад, фақат аз боронҳои сахт сухан мегуфт».*

## (25) Боб. Ҳангоми вазидани бод (чӣ бояд кард?)

**1034.** Саъид ибни Абӯмарям ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо хабар дода гуфт: Ҳумайд ба ман хабар дод, ки ӯ аз Анас шунидааст, ки мегуфт: *«Вақте ки тундбод мевазид, (аломати биме аз) он дар чеҳраи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, падидор мешуд».*

## (26) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Бо боди Сабо ба ман нусрат дода шуд»

**1035.** Муслим ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Ҳакам, аз Муҷоҳид, аз Ибни Аббос, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Бо боди Сабо ба ман нусрат дода шуд ва қавми Од бо боди Дабур ба ҳалокат расонда шуданд».*

## (27) Боб. Он чӣ дар бораи заминҷунбиҳо ва нишонаҳо(-и қиёмат) гуфтаанд

**1036.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дода гуфт: Абуззинод ба мо хабар дод, аз Абдурраҳмон ал-Аъраҷ,

аз Абӯҳурайра, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ ки илм аз миён равад, заминҷунбиҳо зиёд шавад, вақт бебарака гардад ва зуд гузарад, фитнаҳо падид оянд, ҳарҷ, ки он куштор аст, зиёд шавад ва дороии шумо бағоят афзуда, фаровон гардад, қиёмат фаро хоҳад расид».*

**1037.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Ҳусайн ибни ал-Ҳасан ба мо нақл карда гуфт: Ибни Авн ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: *(Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт:) «Бор Худоё, дар Шоми мо ва дар Ямани мо ба мо баракатро арзонӣ дор». (Ибни Умар) гуфт: (Саҳобагон) гуфтанд: «Ва дар Наҷди мо низ». (Ибни Умар) гуфт: (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Бор Худоё, бар Шоми мо ва бар Ямани мо баракат ато кун». (Ибни Умар) гуфт: (Саҳобагон) гуфтанд: «Ва дар Наҷди мо низ». (Ибни Умар) гуфт: Ӯ гуфт: «Дар он ҷо заминҷунбиҳо ва фитнаҳост ва аз ҳамон ҷо шохи Шайтон мебарояд».*

## (28) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ва он (Қуръон)-ро ки ба дурӯғ нисбат мекунед, ризқи худ месозед» (56:82)

*Ибни Аббос гуфт: («Ризқи худ» ба маънои) «шукри шумост».*

**1038.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Солеҳ ибни Кайсон, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд, аз Зайд ибни Холид ал-Ҷуҳанӣ, ки вай гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Ҳудайбия баъди борони шабона ба мо (имоматӣ карда) намози бомдод гузорид. Чун пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз намоз берун шуд, рӯй ба мардум гардонида гуфт: «Оё медонед, ки Парвардигоратон чӣ гуфт?» Гуфтанд: «Худову пайғамбараш беҳтар донанд». Гуфт: «Аз бандагонам ин субҳ баъзе ба Ман мӯъмин шуданд ва бархе – кофир; касоне, ки гуфтанд: «Аз фазлу раҳмати Худо ба мо борон борид» – инҳо ба Ман эътиқод баста мӯъмин шуданд ва ба ситорагон бовар накарданду мункири онҳо гардиданд. Ва аммо касоне, ки гуфтанд: «Ба таъсири фалону фалон ситора борон борид» – ба Ман бовар накарда кофир шуданд ва эътиқодманди ситорагон гардиданд».*

## (29) Боб. Вақти боридани боронро фақат Худо донад

*Ва Абӯҳурайра гуфт, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Панҷ чиз аст, ки ҷуз Худо зоте онҳоро намедонад».*

**1039.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Динор, аз Ибни Умар, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Калиди ғайб панҷ чиз аст, ки онро ҷуз Худо касе намедонад: касе намедонад, ки фардо чӣ хоҳад шуд; ва касе намедонад, ки дар бачадонҳо чӣ воқеа мешавад; ва ҳеҷ кас намедонад, ки фардо чӣ кор хоҳад кард; ва ҳеҷ кас намедонад, ки дар куҷо хоҳад мурд; ва касе намедонад, ки борон кай хоҳад борид».* (Мазмуни ин ҳадис мутобиқи ояти 34 сураи «Луқмон» (31) аст).

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# XVI. КИТОБИ КУСУФ

### (1) Боб. Гузоридани намоз ҳангоми кусуфи офтоб

**1040.** Амр ибни Авн ба мо нақл карда гуфт: Холид ба мо нақл кард, аз Юнус, аз ал-Ҳасан, аз Абӯбакра, ки гуфт: «Дар ҳузури пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будем, ки офтоб кусуф кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ҷой бархосту ридои худро (бар замин) кашида вориди масҷид шуд. Мо низ ба он ҷо даромадем. Ӯ ба мо (имоматӣ карда) ду ракъат намоз хонд, то офтоб падидор гашт. Ва он гаҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ростӣ ки офтобу моҳ ба сабаби фавти касе кусуф намекунанд. Ҳар гоҳ кусуф кардани онҳоро бинед, намоз хонеду дуо кунед, то дар он чӣ бо шумо рух додааст, кушоише шавад»*.

**1041.** Шиҳоб ибни Аббод ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Ҳумайд ба мо нақл кард, аз Исмоил, аз Қайс, ки гуфт: аз Абӯмасъуд шунидам, ки мегуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба дурустӣ ки офтобу моҳ ба сабаби фавти касе аз мардумон кусуф намекунанд, балки онҳо ду нишона аз нишонаҳои Худоанд. Ҳар гоҳ (кусуфи) онҳоро бинед, бархезеду намоз хонед»*.

**1042.** Асбағ ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба ман хабар дода гуфт: Амр ба ман хабар дод, аз Абдурраҳмон ибни ал-Қосим, ки ба ӯ нақл кардааст, аз падараш, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки вай аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хабар медод: *«Ба ростӣ ки офтобу моҳ ба сабаби фавтидан ё зистани касе хусуф намекунанд, балки онҳо ду нишона аз*

*нишонаҳои Худоанд. Ҳар гоҳ кусуфи онҳоро бинед, намоз хонед».*

**1043.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Ҳошим ибни ал-Қосим ба мо нақл карда гуфт: Шайбон Абӯмуъовия ба мо нақл кард, аз Зиёд ибни Илоқа, аз ал-Муғира ибни Шуъба, гуфт: «Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзе, ки Иброҳим (писараш) фавтид, офтоб кусуф намуд. Мардум гуфтанд: «Офтоб ба сабаби вафоти Иброҳим кусуф кард». Бинобар он пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ростӣ ки офтобу моҳ ба сабаби фавтидан ё зистани касе кусуф намекунанд. Ҳар гоҳ кусуфро бинед, намоз хонед ва Худоро дуо кунед».*

## (2) Боб. Андар садақа додан ҳангоми кусуф

**1044.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, ки ӯ гуфт: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, офтоб хусуф кард. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, якҷоя бо мардум намоз гузорид. Ӯ дар қиём истод ва қиёмро ба дарозо гузошт; сипас рукӯъ кард ва рукӯъро ба дарозо кашид; баъди он ба қиём истод ва қиёмро ба дарозо кашид, вале ин қиём аз он нахустин кӯтоҳтар буд; баъди он рукӯъ кард ва рукӯъро ба дарозо кашид, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд; сипас саҷда кард ва саҷдаро ба дарозо кашид; ва баъд ракъати дуюмро айнан ба мисли ракъати якум адо намуд. Ва он гаҳ аз намоз вақте берун омад, ки офтоб падидор шуда буд. Ӯ ба мардум хутба хонда Худоро сипосу ситоиш ва сано гуфт, пас аз он гуфт: «Ба дурустӣ ки офтобу моҳ ду нишона аз нишонаҳои Худоанд, ба сабаби фавтидан ё зистани касе хусуф намекунанд. Ҳар гоҳ хусуфро бинед, Худоро дуо кунед, такбир гӯед, намоз хонед ва садақа диҳед». Боз гуфт: «Эй уммати Муҳаммад, ба Худо қасам, ҳар гоҳ бандае – хоҳ мард, хоҳ зан – зино кунад, рашку ғазаби касе аз рашку ғазаби Худо бештар нахоҳад буд. Эй уммати Муҳаммад, агар он чиро, ки ман медонам, шумо ҳам медонистед, албатта, камтар механдидеду бештар мегиристед».*

## (3) Боб. Андар нидо кардан ҳангоми кусуф: «Ба намози ҷамоат (шитобед)»

**1045.** Исҳоқ ба ман нақл карда гуфт: Яҳё ибни Солеҳ ба мо

хабар дода гуфт: Муъовия ибни Салом ибни Абуссалом ал-Ҳабашӣ ад-Димашқӣ ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Абӯкасир ба мо нақл карда гуфт: Абӯсалама ибни Абдурраҳмон ибни Авф аз-Зуҳрӣ ба ман хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Амр, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун офтоб кусуф кард, нидо карданд: «Инна-с-салота ҷомиъатун». (Ба намози ҷамоат (шитобед).*

### (4) Боб. Андар хутба хондани имом ҳангоми кусуф

*Ва Оишаву Асмо гуфтанд: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хутба хонд».*

**1046.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба ман нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб (таҳвил).

Ва (ба исноди дигар) Аҳмад ибни Солеҳ ба ман нақл карда гуфт: Анбаса ба ман нақл карда гуфт: Юнус ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Урва ба ман нақл кард, аз Оиша, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Дар зиндагии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, офтоб хусуф кард. Ӯ ба масҷид баромад ва мардум аз пушти ӯ саф кашиданд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, такбир гуфту ба дарозо қироат кард; сипас такбир гуфту дарозо ба рукӯъ рафт, баъд гуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад) ва рост шуду саҷда накард ва дароз қироат кард, вале ин қироат аз он нахустин кӯтоҳтар буд; баъди он такбир гуфту дароз ба рукӯъ рафт, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Сипас гуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ, Раббано ва лака-л-ҳамд» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад. Эй Парвардигоро, сипосу ситоиш Туростп). Пас аз он саҷда кард. Сипас дар ракъати дигар низ айнан ҳамин кор кард. Ва (ба ҳамин тариқ) чаҳор рукӯи мукаммал дар чаҳор саҷда адо намуд. Ва пеш аз он ки ӯ аз намоз берун шавад, офтоб падидор гашт. Баъди он бархосту Худоро ончунон ки сазовори Ӯст, сано хонд ва гуфт: «Он ду (офтобу моҳ) ду нишонае аз нишонаҳои Худоанд, ба сабаби фавтидан ё зистани касе хусуф намекунанд; ҳар гоҳ (хусуфи) онҳоро бинед, ба хондани намоз бипардозед». Ва Касир ибни Аббос нақл мекард, ки Абдуллоҳ ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, рӯзи кусуфи офтоб монанди ҳадиси Урва аз Оиша*

*ҳадисе нақл мекард. Ман (аз-Зуҳрӣ) ба Урва гуфтам: «Ҳамоно бародарам (Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр) рӯзи хусуфи офтоб дар Мадина айнан мисли намози бомдод ду ракъат намоз хонд ва ба он чизе наафзуд». Гуфт: «Бале, зеро ки бародарам дар ин суннат хато кард».*

## (5) Боб. Оё офтоб «кусуф кард» бояд гуфт, ё «хусуф кард»?

*Ва Худои Таъоло гуфт: «Ва моҳ хусуф кунад» (75:8).*

**1047.** Саъид ибни Уфайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл карда гуфт: Уқайл ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, гуфт: Урва ибни аз-Зубайр ба ман хабар дод, ки Оиша, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ хабар дод: *«Рӯзи хусуфи офтоб пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз хонд; ӯ ба намоз истоду такбир гуфт ва дароз қироат кард, сипас дароз ба рукӯъ рафт. Баъд сар бардошту гуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад). Ва ҳамчунон рост истоду ба дарозо қироат кард, вале ин қироат аз он нахустин кӯтоҳтар буд; баъди он боз дароз ба рукӯъ рафт, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд; пас аз он дароз саҷда кард. Ва баъд – дар ракъати дуюм – айнан ҳаминро такрор кард, баъди он салом дод. Ва дар ин ҳангом офтоб падидор шуд. Ба мардум хутба хонду дар бораи кусуфи офтобу моҳ гуфт: «Онҳо ду нишона аз нишонаҳои Худоанд, ба сababи фавтидан ё зистани касе хусуф намекунанд. Ҳар гоҳ (хусуфи) онҳоро бинед, ба намоз хондан бипардозед».*

## (6) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Худо бандагонашро бо кусуф метарсонад»

*Инро Абӯмӯсо аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам гуфтааст.*

**1048.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Юнус, аз ал-Ҳасан, аз Абӯбакра, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ростӣ ки офтобу моҳ ду нишона аз нишонаҳои Худоанд, ба сababи фавтидани касе кусуф намекунанд, валекин Худои Таъоло бо онҳо бандагонашро метарсонад».*

Ва Абӯабдуллоҳ гуфт: Абдулворис, Шуъба, Холид ибни

Абдуллоҳ ва Ҳаммод ибни Салама (дар ривояти ин ҳадис) аз Юнус (фикраи) «бо онҳо бандагонашро метарсонад»-ро зикр накардаанд. Ва (дар ҳазфи ин фикра) Ашъас (ба Юнус) пайравӣ кардааст, аз ал-Ҳасан. Ва Мӯсо низ онро пайравӣ карда гуфтааст, аз Муборак, аз ал-Ҳасан: Абӯбакра ба ман хабар дод, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ба ростӣ ки Худои Таъоло бо онҳо бандагонашро метарсонад».

## (7) Боб. Андар паноҳ талабидан ба Худо аз азоби гӯр ҳангоми кусуф

**1049.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Яҳё ибни Саъид, аз Амра бинти Абдурраҳмон, аз Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, *ки яҳудизане назди ӯ омаду садақа талабид ва ба ӯ гуфт: «Худо туро аз азоби гӯр паноҳ диҳад». Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пурсид: «Оё мардум дар гӯрҳояшон азоб дода мешаванд?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «(Бале,) Худо аз он паноҳ диҳад».*

**1050.** *Боз, рӯзе саҳарӣ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савори сутур шуд, ки офтоб хусуф кард. Чоштгоҳ баргашт. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди ҳуҷраҳои занонаш гузашт. Баъд ба намоз истод ва мардум аз пушти ӯ истоданд. Ӯ дароз дар қиём истод, баъди он дароз рукӯъ кард. Сипас сар бардошту дароз ба қиём истод, вале ин қиём аз нахустин кӯтоҳтар буд. Пас аз он дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъд сар бардошту ба саҷда рафт. Сипас бархосту дароз ба қиём истод, вале ин қиём аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъди он дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъд бархосту дароз ба қиём истод, вале ин қиём аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Пас аз он дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Ва он гаҳ сар бардошту ба саҷда рафт. Ва аз намоз берун шуда он чӣ Худо аз гуфтанӣ хоста буд, гуфт, сипас (ба мардум) фармуд, то ба Худо аз азоби гӯр паноҳ талабанд».*

## (8) Боб. Дарозо саҷда кардан дар намози кусуф

**1051.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, аз Абдуллоҳ ибни Амр, ки вай гуфт:

*«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун офтоб кусуф кард, нидо карданд: «Инна-с-салота ҷомиъатун». (Ба намози ҷамоат шитобед). Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар як ракъат ду рукӯъ кард. Баъди он бархосту дар ракъати дигар ду рукӯъ кард. Пасон биншаст, баъд офтоб падидор шуд». (Абдуллоҳ ибни Амр) гуфт: Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: «Ман қаблан ҳаргиз саҷдае аз ин дарозтар накарда будам».*

## (9) Боб. Бо ҷамоат гузоридани намози кусуф

*Ва Ибни Аббос дар рӯи суффаи Замзам ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорид. Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Аббос (низ барои намози кусуф) ҷамоатро ҷамъ кард. Ва Ибни Умар (бо мардум) намоз(-и кусуф) хонд.*

**1052.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Зайд ибни Аслам, аз Ато ибни Ясор, аз Абдуллоҳ ибни Аббос, гуфт: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, офтоб хусуф кард. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз гузорид ва ба дарозо – тақрибан баробари фурсати хондани сураи «Бақара» дар қиём истод. Баъд дароз рукӯъ кард. Сипас сар бардошту дароз ба қиём истод, вале ин қиём аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъдан дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Пас саҷда кард. Сипас бархосту дароз ба қиём истод, вале ин қиём аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъдан дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъд сар бардошту дароз ба қиём истод, вале ин қиём аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Сипас дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъди он саҷда кард. Пасон аз намоз берун шуд. Офтоб дар ин вақт падидор гашта буд. Ӯ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ба ростӣ ки офтобу моҳ ду нишона аз нишонаҳои Худоанд, ба сабаби фавтидан ё зистани касе хусуф намекунанд. Ҳар гоҳ хусуфро бинед, Худоро зикр кунед».* Гуфтанд: «Эй пайғамбари Худо, мо дидем, ки ту дар ҷои ба намоз истодаат даст дароз карда чизеро гирифтанӣ шудӣ. Баъд дидем, андаке қафо рафтӣ». Ӯ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ростӣ бароям ҷаннатро нишон доданд, даст дароз кардам, то хӯшае аз мевааш канам. Ва агар аз он мекандам, шумо аз он то дунё боқист, мехӯрдед. Ва ба ман*

*оташи дӯзахро нишон доданд, ман то имрӯз манзараеро мудҳиштар аз он ёд надорам. Ва дидам, ки бештари аҳли дӯзах занонанд».* Гуфтанд: «Ба чӣ сабаб, эй пайғамбари Худо?» Гуфт: *«Ба сабаби куфронашон».* Гуфтан: «Оё ба Худо куфрон мекунанд?» Гуфт: *«Ба шавҳаронашон куфрон мекунанд; ба некию эҳсон куфрон мекунанд; агар ба нафаре аз онҳо тамоми умр некӣ кунӣ ва боре аз ҷониби ту амали ба назараш нохушеро бинад, хоҳад гуфт: «Аз ту ҳаргиз некие надидам».*

## (10) Боб. Андар намоз гузоридани занон ҳамроҳи мардон ҳангоми кусуф

**1053.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз занаш Фотима бинти ал-Мунзир, аз Асмо бинти Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки ӯ гуфт: *«Ҳангоми хусуф кардани офтоб назди Оиша – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омадам. Дидам, ки мардум ба намоз истодаанд ва ӯ низ ба намоз истодааст. Ман гуфтам: «Мардумро чӣ шудааст?» Ӯ бо даст ба осмон ишора карду гуфт: «Субҳона-л-Лоҳ». Ман гуфтам: «Оё ин нишона(-и қиёмат) аст?» Ӯ боз ишорат кард, яъне «бале». Асмо гуфт: «Ман низ (ба намоз) истодам, то дараҷае, ки қариб аз ҳуш рафтам ва ба сарам об рехтан гирифтам. Чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз намоз берун шуд, Худоро сипосу ситоиш карда сано хонду пас аз он гуфт: «Ҳеҷ чиз намонд, ки ман дар ҳамин ҷои истодаам набинам – ҳатто ҷаннату дӯзах. Ва ба ростӣ ба ман ваҳй омад, ки шумо ҳатман дар қабрҳо (ба чизе) мисли – ё тақрибан монанди – (намедонам аз ин ду калима кадомеро Асмо гуфта буд) фитнаи Даҷҷол имтиҳон мешавед. (Фариштагон) назди ҳар яки шумо меоянду мепурсанд: «Ту дар бораи ин мард (яъне пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) чӣ медонӣ?» Шахсе, ки имон дорад, – ё яқин дорад – (намедонам аз ин ду калима кадомеро Асмо гуфта буд) мегӯяд: «Ӯ Муҳаммад, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо нишонаҳои возеҳ ва бо ҳидоят сӯи мо омад ва мо ба ӯ имон овардему пайравӣ кардем». Ба ӯ гӯянд: «Ту шоиста ҳастӣ, бихоб. Ба дурустӣ, мо донистем, ки ту ба ӯ имон доштаӣ». Аммо шахси мунофиқ – ё бадгумон – (намедонам аз ин ду калима кадомеро Асмо гуфта буд) мегӯяд: «Ман намедонам, ҳар чӣ аз мардум*

*мешунидам, ҳамон мегуфтам».*

## (11) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми кусуфи офтоб банда озод кардан дӯст дорад

**1054.** Рабеъ ибни Яҳё ба мо нақл карда гуфт: Зоида ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз Фотима, аз Асмо, ки гуфт: *«Дарвоқеъ, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми кусуфи офтоб банда озод кардан фармуд».*

## (12) Боб. Андар гузоридани намози кусуф дар масҷид

**1055.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Яҳё ибни Саъид, аз Амра бинти Абдурраҳмон, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки *яҳудизане назди Ӯ омаду садақа талабид. Баъд гуфт: «Худо туро аз азоби гӯр паноҳ диҳад». Оиша аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пурсид: «Оё мардум дар гӯрҳояшон азоб дода мешаванд?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «(Бале,) Худо аз он паноҳ диҳад».*

**1056.** *«Боз, рӯзе саҳаргоҳ, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савори сутур шуд, ки офтоб кусуф кард. Чоштгоҳ баргашт. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди ҳуҷраҳои занонаш гузашт. Баъд ба намоз истод ва мардум аз пушти ӯ истоданд. Ӯ дароз ба қиём истод, баъди он дароз рукӯъ кард. Сипас сар бардошту дароз ба қиём истод, вале ин қиём аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Пас аз он дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъд сар бардошту ба саҷда рафта саҷдаи дароз кард. Сипас бархосту дароз ба қиём истод, вале ин қиём аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъди он дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Пасон дароз ба қиём истод, вале ин қиём аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Баъди он дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Сипас ба саҷда рафт, вале ин саҷда аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз намоз берун шуду он чиро гуфт, ки гуфтанаш хости Худо буд. Баъди он мардумро фармуд, то ба Худо аз азоби гӯр паноҳ талабанд».*

## (13) Боб. Офтоб ба сабаби фавтидан ё

**зистани касе кусуф намекунад**

*Абӯбакра, ал-Мугира, Абӯмӯсо, Ибни Аббос ва Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳум, ин (ҳадис)-ро ривоят кардаанд.*

**1057.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Исмоил, ки гуфт: Қайс ба ман нақл кард, аз Абӯмасъуд, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Офтобу моҳ ба сабаби фавтидан ё зистани касе кусуф намекунанд, балки онҳо ду нишонае аз нишонаҳои Худоанд. Ва ҳар гоҳ (кусуф кардани) онҳоро бинед, намоз хонед».*

**1058.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ ва Ҳишом ибни Урва, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, офтоб кусуф кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту бо мардум намоз гузорид ва қироати дароз кард. Сипас рукӯъ кард ва онро дароз кашид. Баъди он сар бардошт ва қироати дароз кард, вале ин қироат аз он нахустин кӯтоҳтар буд. Сипас дароз рукӯъ кард, вале ин рукӯъ кӯтоҳтар аз он нахустин буд. Сипас сарашро бардошту ду саҷда кард. Баъд бархосту ракъати дуюмро айнан монанди якум адо намуд. Пасон бархосту гуфт: «Ба ростӣ ки офтобу моҳ ба сабаби фавтидан ё зистани касе хусуф намекунанд, балки онҳо ду нишонае аз нишонаҳои Худоанд, ки ба бандагонаш зоҳир мекунад. Ва ҳар гоҳ инро бибинед, ба хондани намоз бипардозед».*

## (14) Боб. Андар зикр(-и Худо) кардан ҳангоми кусуф

*Ин (ҳадис)-ро Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ривоят кардааст.*

**1059.** Муҳаммад ибни ал-Ало ба мо нақл карда гуфт: Абӯусома ба мо нақл кард, аз Бурайд ибни Абдуллоҳ, аз Абӯбурда, аз Абӯмӯсо, ки гуфт: *«Офтоб хусуф кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз тарси он ки мабодо қиёмат фаро расида бошад, бархосту ба масҷид омад ва бо дарозтарин қиём, рукӯъ ва саҷда намоз хонд, ки ман пеш аз ин ҳаргиз надида будам, ки чунин намоз хонда бошад». Ва гуфт: «Инҳо нишонаҳоеанд, ки Худо онҳоро мефиристад ва онҳо ба сабаби фавтидан ё зистани касе воқеъ намегарданд, балки Худо бо онҳо бандагонашро метарсонад. Ҳар гоҳ осоре аз он бибинед, пас ба зикру дуо ва талаби омурзиш аз Худо бипардозед».*

## (15) Боб. Андар дуо кардан ҳангоми хусуф

*Ин (ҳадис)-ро Абӯмӯсо ва Оиша, разия-л-Лоҳу анҳумо, овардаанд, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

**1060.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Зоида ба мо нақл карда гуфт: Зиёд ибни Илоқа ба мо нақл карда гуфт: аз ал-Муғира ибни Шуъба шунидам, ки мегуфт: *«Рӯзе, ки Иброҳим (писари пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) фавтид, офтоб кусуф кард. Мардум гуфтанд: «(Офтоб) ба сабаби фавти Иброҳим кусуф кард». Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ба ростӣ ки офтобу моҳ ду нишона аз нишонаҳои Худоанд ва ба сабаби фавтидан ё зистани касе кусуф намекунанд. Ҳар гоҳ (кусуф кардани) онҳоро бибинед, то аз кусуф баромадани онҳо Худоро дуо кунед ва намоз хонед».*

## (16) Боб. «Аммо баъд» гуфтани имом дар хутбаи кусуф

**1061.** Ва Абӯусома гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: Фотима бинти ал-Мунзир ба ман хабар дод, аз Асмо, ки гуфт: *«Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки аз намоз берун шуд, офтоб аз кусуф баромада буд. Ӯ хутба хонду Худоро – ончунон ки сазовори Ӯст – сипосу ситоиш намуд. Пас аз он гуфт: «Аммо баъд».*

## (17) Боб. Андар гузоридани намоз ҳангоми кусуфи моҳ

**1062.** Маҳмуд ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Омир ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Юнус, аз ал-Ҳасан, аз Абӯбакра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, офтоб кусуф кард ва ӯ ду ракъат намоз гузорид».*

**1063.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Юнус ба мо нақл кард, аз ал-Ҳасан, аз Абӯбакра, ки гуфт: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, офтоб хусуф кард, ӯ берун баромад ва ридои худ (ба замин) кашида (мерафт), то ба масҷид расид. Мардум гирди ӯ ҷамъ омаданд ва ӯ ба онҳо (имоматӣ карда) ду ракъат намоз гузорид. Пас офтоб аз хусуф баромад. Ӯ гуфт: «Ба ростӣ ки офтобу моҳ ду нишона аз нишонаҳои Худоанд ва онҳо ба сабаби фавтидани касе хусуф намекунанд. Ва ҳар гоҳ чунин шавад, намоз хонед ва дуо кунед, то дар*

*ҳар чӣ бо шумо рух додааст, кушоише шавад». Ин гуфтугузор аз он сабаб ба миён омад, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, писаре дошт, ӯро Иброҳим мехонданд ва ҳамон рӯз фавтида буд. Ва мардум мегуфтанд: (сababи хусуф) ин аст».*

## (18) Боб. Ракъати якуми намози кусуф дарозотар аст

**1064.** Маҳмуд ибни Ғайлон ба мо нақл карда гуфт: Абӯаҳмад ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Амра, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми кусуфи офтоб ба онҳо (имоматӣ карда) бо чаҳор рукӯъ ду ракъат намоз хонд, ки (ҳар рукӯи) аввал дарозотар (аз дигарӣ) буд».*

## (19) Боб. Қироати баланд кардан дар намози кусуф

**1065.** Муҳаммад ибни Меҳрон ба мо нақл карда гуфт: ал-Валид ибни Муслим ба мо нақл карда гуфт: Ибни Намир ба мо хабар дод, ки аз Ибни Шиҳоб шунидааст, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар намози хусуф қироати баланд кард. Ва чун аз қироат фориғ шуд, такбир гуфт ва ба рукӯъ рафт. Ва чун аз рукӯъ сар бардошт, гуфт: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ, Раббано ва лака-л-Ҳамд» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад. Парвардигоро, сипосу ситоиш Туrост). Сипас ҳамин тарзи қироатро дар намози кусуф, ки аз ду ракъат, чаҳор рукӯъ ва чаҳор саҷда иборат буд, такрор кард».*

**1066.** Ва ал-Авзоъӣ ва дигарон гуфтанд: аз аз-Зуҳрӣ шунидам, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, офтоб хусуф кард ва ӯ мунодӣ фиристод, (ки нидо кунед): «Ас-салоту ҷомиъатун» (Ба намози ҷамоат шитобед). Пас худ пеш даромаду бо чаҳор рукӯъ ва чаҳор саҷда ду ракъат намоз хонд.* Ал-Валид гуфт: Абдурраҳмон ибни Намир ба ман хабар дод, ки Ибни Шиҳоб (ҳадисе) монанди инро шунидааст. Аз-Зуҳрӣ гуфт: «Ман (ба Урва) гуфтам: «Бародарат – Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр чунин накарда буд; ӯ он гоҳ ки дар Мадина намоз гузорида буд, ба ҷуз ду ракъати монанди намози бомдод чизе нахонда буд». Ӯ гуфт: «Бале, зеро ки ӯ дар (ин) суннат хато кард». (Дар ривояти ин ҳадис) Суфён ибни Ҳусайн ва Сулаймон ибни Касир дар бобати қироати баланд (ба

Абдурраҳмон ибни Намир) пайравӣ кардаанд, аз аз-Зуҳрӣ.

# XVII. КИТОБИ САҶДАИ ТИЛОВАТ ДАР ҚУРЪОН

### (1) Боб. Он чӣ дар бораи саҷдаи тиловат дар Қуръон ва суннати он овардаанд

**1067.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абӯисҳоқ, ки гуфт: аз ал-Асвад шунидам, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Макка сураи «Наҷм» (53)-ро қироат кард ва дар он ба саҷда рафт. Ва ҳамаи онҳое, ки бо ӯ буданд, низ саҷда карданд, ҷуз пирамарде, ки як каф сангреза ё хок гирифта то пешониаш бардошта гуфт: «Барои ман ҳамин кофист». Чанде баъд ӯро дидам, ки чун кофир кушта шуд».*

### (2) Боб. Андар саҷдаи (сураи) «Танзилу-с-Саҷда» (32)

**1068.** Муҳаммад ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз Саъд ибни Иброҳим, аз Абдурраҳмон, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи ҷумъа дар намози бомдод сураи «Алиф. Лом. Мим. Танзилу-с-Саҷда» (32)-ро (дар ракъати якум) ва сураи «Ҳал ато ала-л-инсони» (76)-ро (дар ракъати дуюм) қироат мекард».*

### (3) Боб. Андар саҷдаи (сураи) «Сод» (38)

**1069.** Сулаймон ибни Ҳарб ва Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфтанд: Ҳаммод – ва ӯ ибни Зайд аст – ба мо нақл кард, аз Ай-

юб, аз Икрима, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«(Саҷдаи сураи) «Сод» на аз он саҷдаҳоест, ки бар онҳо амр шудааст, лекин ман воқеан дидаам, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, саҷда мекард».*

## (4) Боб. Андар саҷдаи (сураи) «Наҷм» (53)

*Ин (ҳадис)-ро Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфтааст, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

**1070.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо хабар дод, аз Абӯисҳоқ, аз ал-Асвад, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сураи «Наҷм» (53)-ро қироат карду дар он ба саҷда рафт ва аз қавм касе намонда ҳама саҷда карданд. Ва марде аз қавм як каф сангреза – ё хокро – гирифта то рӯяш боло бардошту гуфт: «Барои ман ҳамин кофист». Ба ростӣ, ман ӯро баъдтар дидам, ки чун кофир кушта шуд».*

## (5) Боб. Андар саҷда кардани мусулмонон бо мушрикон

*Ва мушрик наҷас аст, ки вузӯ надорад.*

*Ва Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, бе вузӯ низ саҷда мекард.*

**1071.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Айюб ба мо нақл кард, аз Икрима, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар (қироати сураи) «Наҷм» (53) ба саҷда рафт ва ҳамроҳи ӯ мусулмонону мушрикон, ҷинну инс саҷда карданд.*

Ин ҳадисро Ибни Таҳмон ривоят кардааст, аз Айюб.

## (6) Боб. Дар бораи касе, ки (ояти) саҷда қироат карда, вале саҷда накард

**1072.** Сулаймон ибни Довуд Абуррабеъ ба мо нақл карда гуфт: Исмоил ибни Ҷаъфар ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Хусайфа ба мо хабар дод, аз Ибни Қусайт, аз Ато ибни Ясор, *ки Ато ба Ибни Қусайт хабар додааст, ки ӯ аз Зайд ибни Собит, разия-л-Лоҳу анҳу, (дар бораи саҷда) суол кард. (Зайд) ба таъкид гуфт, ки ӯ (сураи) «Ва-н-Наҷм» (53)-ро дар назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хонд ва ӯ дар он саҷда накард.*

**1073.** Одам ибни Абӯиёс ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Абдуллоҳ ибни

Қусайт ба мо нақл кард, аз Ато ибни Ясор, аз Зайд ибни Собит, ки гуфт: *«Дар назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (сураи) «Ва-н-Наҷм» (53)-ро хонда будам ва ӯ дар он саҷда накард».*

### (7) Боб. Андар саҷдаи (сураи) «Изо-с-самоу-ншаққат» (84:1)

**1074.** Муслим ибни Иброҳим ва Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфтанд: Ҳишом ба мо хабар дод, аз Яҳё, аз Абӯсалама, ки гуфт: *Абӯҳурайраро, разия-л-Лоҳу анҳу, дида будам, ки «Изо-с-самоу-ншаққат» (84:1)-ро хонд ва дар он саҷда кард. Гуфтам: «Эй Абӯҳурайра, мебинам, ки саҷда мекунӣ?» Гуфт: «Агар саҷда кардани пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намедидам, саҷда намекардам».*

### (8) Боб. Дар бораи касе, ки ба саҷдаи қорӣ саҷда кунад

*Ва Ибни Масъуд ба Тамим ибни Ҳазлам, ки дар он вақт писари ноболиғ буду ба Ибни Масъуд (ояти) саҷда қироат кард, гуфт: «Саҷда кун ва ту ба таҳқиқ (дар ин саҷда) ба мо имом ҳастӣ».*

**1075.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Нофеъ ба ман нақл кард, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сураи саҷдадореро барои мо мехонд, ӯ саҷда мекард ва мо низ саҷда мекардем, то ҳадде, ки баъзеи мо барои гузоштани пешонӣ ҷой намеёфтанд».*

### (9) Боб. Музоҳими ҳамдигар шудани мардум ҳангоми (ояти) саҷда қироат кардани имом

**1076.** Бишр ибни Одам ба мо нақл карда гуфт: Алӣ ибни Мусҳир ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ба мо хабар дод, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми дар наздаш будани мо чун (ояти) саҷда мехонд, саҷда мекард, мо низ ҳамроҳи ӯ саҷда мекардем ва дар ин ҳол музоҳими ҳамдигар мешудем, ки баъзеи мо барои пешонӣ гузошта саҷда кардан ҷой намеёфт».*

## (10) Боб. Дар бораи касе, ки ба раъйи ӯ Худои азза ва ҷалла саҷда(-и тиловат)-ро воҷиб нагардондааст

*Ва ба Имрон ибни Ҳусайн гуфтанд: «Он мард (ояти) саҷда шунид, вале барои (то охир гӯш кардани) он нанишаст». Гуфт: «Чӣ, ба раъйи ту, агар ин мард барои он (то охир) менишаст, (саҷда) бар ӯ воҷиб мегардид?» (Абӯабдуллоҳ гуфт): «Ба назар чунон мерасад, ки ӯ саҷдаро бар вай воҷиб намешумурдааст». Ва Салмон гуфт: «Мо барои (шунидани) ин (оят ва саҷда кардан) субҳ ба роҳ набаромадем». Ва Усмон, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Ҳамоно саҷда ба касе воҷиб аст, ки бо ҷаҳду ният он (ояти саҷда)-ро шунида бошад». Ва аз-Зуҳрӣ гуфт: «Шахс танҳо дар сурати ботаҳорат будан саҷда мекунад. Ва ҳар гоҳ муқим бошию саҷда карданӣ шавӣ, рӯй ба қибла ор; ва агар савора бошӣ, ин воҷиб нест ва рӯят ҳар сӯ, ки бошад, саҷда кун». Ва ас-Соиб ибни Язид ба саҷдаи қиссахонон саҷда намекард.*

**1077.** Иброҳим ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ибни Юсуф ба мо хабар дод, ки Ибни Ҷурайҷ ба онҳо хабар дода гуфт: Абӯбакр ибни Абӯмулайка, аз Усмон ибни Абдурраҳмон ат-Таймӣ, аз Рабиъа ибни Абдуллоҳ ибни ал-Ҳудайр ат-Таймӣ – Абӯбакр гуфт: «Ва Рабиъа аз баргузидагони мардум буд» – аз он чӣ ки Рабиъа дар ҳузури Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, дидааст, ба ман хабар дод: *«Ӯ рӯзи ҷумъа аз болои минбар сураи «Наҳл» (16)-ро хонд ва чун ба (ояти) саҷда расид, аз минбар поин омаду саҷда кард ва мардум низ саҷда карданд. Боз чун ҷумъаи оянда фаро расид, ҳамон (сураро) қироат кард ва чун ба ояти саҷда расид, гуфт: «Эй мардум, мо аз ояти саҷда мурур мекунем, ҳар кӣ дар он саҷда кунад, савоб дарёбад ва ҳар кӣ дар он саҷда накунад, барояш гуноҳ нест». Ва худи Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, саҷда накард».*

Ва Нофеъ афзуд, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Ба дурустӣ ки Худо саҷдаро фарз накардааст, магар он ки худи мо онро хоста бошем».*

## (11) Боб. Дар бораи касе, ки дар намоз (ояти) саҷда қироат карда ба саҷда равад

**1078.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Мӯътамир ба мо нақл карда гуфт: аз падарам шунидам, ки гуфт: Бакр ба ман нақл кард, аз Абӯрофеъ, ки гуфт: *«Ман намози хуфтанро ҳамроҳи*

*Абӯҳурайра гузоридам. Ӯ (сураи) «Изо-с-самоу-ншаққат» (84)-ро қироат карду ба саҷда рафт. Ман пурсидам: «Ин чист?» Гуфт: «Ман аз паси Абулқосим, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар қироати ин сура) саҷда(-и тиловат) карда будам ва то ба дидори ӯ расидан (яъне то мурдан) ҳангоми (қироати) он саҷда хоҳам кард».*

### (12) Боб. Дар бораи касе, ки аз анбӯҳии мардум барои саҷда кардан ҷой наёфта бошад

**1079.** Садақа ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо хабар дод, аз Убайдуллоҳ, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сураеро мехонд, ки дар он саҷда ҳаст, саҷда мекард, мо низ саҷда мекардем, то дараҷае, ки баъзеи мо барои гузоштани пешонӣ ҷой намеёфт».*

# XVIII. КИТОБИ ҚАСР ХОНДАНИ НАМОЗ

## (1) Боб. Он чӣ дар бораи қаср омадааст; ва барои қасри намоз муддати иқомат чӣ қадар аст?

**1080.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Осим ва Ҳусайн, аз Икрима, аз ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нуздаҳ (рӯз дар Макка) иқомат дошт ва намозро қаср карда хонд. Ва мо низ агар нуздаҳ рӯз сафар мекардем, намозро қаср менамудем; ва агар аз ин бештар (сафар) мекардем, (намозро) ба тамомӣ мегузоридем».*

**1081.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Абӯисҳоқ ба мо нақл карда гуфт: аз Анас шунидам, ки мегуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз Мадина ба сӯи Макка роҳӣ шудем. Ӯ то Мадина баргаштани мо ду ракъат-ду ракъат намоз мегузорид». Гуфтам: «Оё муддате дар Макка иқомат доштед?». Анас гуфт: «Мо дар он ҷо даҳ рӯз иқомат кардем».*

## (2) Боб. Намоз гузоридан дар Мино

**1082.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Нофеъ ба ман хабар дод, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Абӯбакр ва Умар дар Мино (намозро) ду ракъат хондаам. Ва ҳамроҳи Усмон низ дар аввалҳои хилофаташ – ҳамчунон, лекин ӯ баъдтар намозро ба тамомӣ мегузорид».*

**1083.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Абӯисҳоқ ба мо хабар дода гуфт: аз Ҳориса ибни Ваҳб шунидам, ки гуфт: *«Дар эминтарини вақтҳо пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Мино ба мо (имоматӣ карда) ду ракъат намоз гузорид».*

**1084.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Абдулвоҳид ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, ки гуфт: Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: аз Абдурраҳмон ибни Язид шунидам, ки мегуфт: *«Усмон ибни Аффон, разия-л-Лоҳу анҳу, дар Мино ба мо (имоматӣ карда) чаҳор ракъат намоз гузорид. Ин воқеаро ба Абдуллоҳ ибни Масъуд, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфтанд. Ӯ гуфт: «Инно ли-л-Лоҳи ва инно илайҳи роҷиъун» (2:156) (Ҳамоно мо аз они Худоем ва мо ба сӯи Вай боз хоҳем гашт). Сипас афзуд: «Ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Мино ду ракъат намоз хондаам; ҳамроҳи Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, дар Мино ду ракъат намоз хондаам; ҳамроҳи Умар ибни ал-Хаттоб, разия-л-Лоҳу анҳу, дар Мино ду ракъат намоз хондаам; эй кош, аз чаҳор ракъат ду ракъат намози мақбул насиби ман мешуд».*

## (3) Боб. Муддати иқомати пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳаҷҷаш чӣ қадар буд?

**1085.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: Айюб ба мо хабар дод, аз Абулъолия ал-Барро, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва ёронаш бомдоди (рӯзи) чаҳоруми (Зулҳиҷҷа ба Макка) расида (барои ҳаҷ) талбия гуфтанд; ӯ ба ёрони худ – ба истиснои касоне, ки бо худ чаҳорпои қурбонӣ доштанд, фармуд, то ҳаҷҷи худро ба умра табдил кунанд».* (Дар ривояти ин ҳадис) Ато (ба Абулъолия) пайравӣ кардааст, аз Ҷобир.

## (4) Боб. Дар чӣ миқдор (масофаи сафар) намоз қаср хонда мешавад?

*Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (тай намудани) роҳи якшабонарӯзиро «сафар» номидааст. Ибни Умар ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳум, дар сафари чаҳор барид роҳ, ки баробари шонздаҳ фарсах аст, намозро қаср мекарданд ва рӯза намедоштанд.*

**1086.** Исҳоқ ибни Иброҳим ал-Ҳанзалӣ ба мо нақл карда гуфт: ба Абӯусома гуфтам: Убайдуллоҳ ба шумо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Зан, то он ки ҳамроҳаш соҳибмаҳраме набошад, ба серӯза (роҳ) ба сафар набарояд».*

**1087.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Зан, то он ки ҳамроҳаш соҳибмаҳраме набошад, ба сафари серӯза набарояд».*

(Дар ривояти ин ҳадис) Аҳмад (ба Убайдуллоҳ) пайравӣ кардааст, аз Ибни ал-Муборак, аз Убайдуллоҳ, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

**1088.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл карда гуфт: Саъид ал-Мақбурӣ ба мо нақл кард, аз падараш, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Барои зане, ки ба Худову рӯзи охират имон дорад, агар маҳраме надошта бошад, баромадан ба сафари якшабонарӯзӣ ҷоиз нест».*

(Дар ривояти ин ҳадис) Яҳё ибни Абӯкасир, Суҳайл ва Молик (ба Ибни Абӯзиъб) пайравӣ кардаанд, аз ал-Мақбурӣ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу.

## (5) Боб. Ҳар гоҳ шахс аз ҷои иқомати худ берун равад, (намозро) қаср кунад

*Ва Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, (аз Куфа) берун рафт ва дар ҳоле, ки ҳанӯз хонаҳоро медид, намозро қаср кард. Ва чун баргашт, ба ӯ гуфтанд: «Ин Куфа аст, (намозро ба тамомӣ бихонем)?» Гуфт: «На, то вориди шаҳр нашавем, (намозро қаср бояд кард)».*

**1089.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни ал-Мункадир ва Иброҳим ибни Майсара, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози пешинро дар Мадина чаҳор ракъат ва (асрро) дар Зу-л-Ҳулайфа ду ракъат хондам».*

**1090.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Намоз дар оғози фарз шуданаш ду ракъат буд,*

*ҳамчунон намози сафар муқаррар шуд; ва ба тамомӣ адо намудани намоз барои муқим таъйин гардид».*

Аз-Зуҳрӣ гуфт: ба Урва гуфтам: «Оиша «ба тамомӣ» гуфта чиро дар назар дошт?» Гуфт: «Ӯ айнан монанди Усмон инро таъвил кардааст».

## (6) Боб. Намози шом дар сафар (низ) се ракъат хонда мешавад

**1091.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ба ман хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, ки ҳар гоҳ дар сафар зарурати бошитоб роҳ паймудан пеш ояд, адои намози шомро ба таъхир меандохт, то онро бо намози хуфтан якҷоя хонад». Солим гуфт: «Абдуллоҳ низ агар дар сафар шитобон роҳ мепаймуд, ҳамин тавр мекард».*

**1092.** Ва (ба исноди дигар) ал-Лайс афзуда гуфт: Юнус ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб: Солим гуфт: «Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, дар Муздалифа намозҳои шому хуфтанро як карда мехонд». Солим гуфт: «Ибни Умар дар он ҳангом, ки бо шунидани хабари марги занаш Сафия бинти Абӯубайд ба роҳ баромада буд, адои намози шомро ба таъхир андохт. Ба ӯ гуфтам: «Намоз!» Ӯ гуфт: «Роҳ гард!» Сипас гуфтам: «Намоз!» Гуфт: «Роҳ гард!» Ҳамин тавр ӯ ду ё се мил роҳ паймуд. Баъд фуруд омаду намоз хонд, он гоҳ гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, ки ҳар гоҳ зарурати ба шитоб роҳ паймудан пеш меомад, ҳамин тавр намоз мехонд». Ва Абдуллоҳ гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, ки ҳар гоҳ зарурати шитобон роҳ паймудан пеш ояд, адои намози шомро ба таъхир меандохт, сипас онро се ракъат мехонд, пасон салом медод. Баъди он вақти зиёде нагузашта ба намози хуфтан иқомат мегуфт ва онро ду ракъат хонда салом медод. Ва баъди намози хуфтан то фаро расидани ними шаб намози нофилае намехонд».

## (7) Боб. Савори чаҳорпо гузоридани намози нафл ва ба сӯе, ки чаҳорпо равона аст, рӯ овардан

**1093.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Абдулаъло ба мо нақл карда гуфт: Маъмар ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз

Абдуллоҳ ибни Омир, аз падараш, ки гуфт: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шутурсавор дидам: ӯ рӯй ба сӯе, ки шутур равона буд, намоз, мегузорид».*

**1094.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Муҳаммад ибни Абдурраҳмон, ки Ҷобир ибни Абдуллоҳ ба вай хабар дод: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози нафлро савора ва рӯ ба ҷониби ғайри қибла адо мекард».*

**1095.** Абдулаъло ибни Ҳаммод ба мо нақл карда гуфт: Вуҳайб ба мо нақл карда гуфт: Мӯсо ибни Уқба ба мо нақл кард, аз Нофеъ, ки гуфт: *«Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, савори шутур намоз адо мекард ва ҳамчунон витрро мехонд ва хабар медод, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамин тавр мекард».*

## (8) Боб. Савори чаҳорпо бо имову ишора ба ҷо овардани намоз

**1096.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Муслим ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Динор ба мо нақл карда гуфт: *«Ҳангоми сафар Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, савори шутур, ба сӯе, ки шутур равона бошад, намоз мехонд ва онро бо имову ишора ба ҷо меовард». Ва Абдуллоҳ зикр кардааст, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамин тавр мекард.*

## (9) Боб. Шахс барои адои намози фарз бояд (аз чаҳорпо) фуруд ояд

**1097.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Абдуллоҳ ибни Омир ибни Рабиъа, ки Омир ибни Рабиъа ба вай хабар дода гуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, савори шутур буд, намози нофила мехонд ва рӯ ба ҳар сӯе, ки (шутур) равона бошад, бо сари худ имову ишора мекард. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар адои намози фарз чунин намекард».*

**1098.** Ва (ба исноди дигар) ал-Лайс гуфт: Юнус ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Солим гуфт: *«Абдуллоҳ ибни Умар ҳар гоҳ ба сафар бароед, намозро шабона савори чаҳорпо мехонд ва парвое надошт, ки рӯяш ба кадом ҷониб аст». Ибни Умар, гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам,*

*савори шутур ҳар сӯ, ки рост ояд, намози нофила мехонд ва ҳамчунон витрро адо мекард, лекин ҳаргиз савори чаҳорпо намози фарзро ба ҷо намеоварод».*

**1099.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Муҳаммад ибни Абдурраҳмон ибни Савбон, ки гуфт: Ҷобир ибни Абдуллоҳ ба ман нақл кард: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савори шутураш рӯ ба машриқ намоз мехонд ва ҳар гоҳ ки мехост намози фарз гузорад, фуруд омада рӯй ҷониби қибла меовард».*

## (10) Боб. Савори хар адо кардани намози нофила

**1100.** Аҳмад ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Ҳаббон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммом ба мо нақл карда гуфт: Анас ибни Сирин ба мо нақл карда гуфт: *«Вақте ки Анас аз Шом омад, мо ба пешвозаш баромадем ва ӯро дар Айну-т-тамр вохӯрдем. Ӯро дидам, ки харсавор намоз мехонд ва рӯяш ба ин ҷониб, яъне ба сӯи чапи қибла буд. Гуфтам: «Туро дидам, ки ба ҷониби ғайри қибла рӯй оварда намоз мехондӣ». Гуфт: «Агар ман ҳамин тарз намоз хондани пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намедидам, ҳаргиз чунин намекардам».*

Ин ҳадисро Иброҳим ибни Таҳмон ривоят кардааст, аз Ҳаҷҷоҷ, аз Анас ибни Сирин, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (11) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми сафар пеш аз намози (фарз) ва баъди он нофила нахонда бошад

**1101.** Яҳё ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба ман нақл карда гуфт: Умар ибни Муҳаммад ба ман нақл кард, ки Ҳафс ибни Осим ба ӯ нақл карда гуфт: *Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба мусофарат баромаду гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳӣ кардаам, вале ҳангоми сафар боре ҳам надидаам, ки намози нофила хонда бошад». Ва Худо, ҷалла зикруҳу, гуфт: «Ба ростӣ ки шуморо ба пайғамбари Худо пайравии некӯ ҳаст» (33:21).*

**1102.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Исо ибни Ҳафс ибни Осим, ки гуфт: падарам ба ман нақл кард, ки вай аз Ибни Умар шунидааст, ки мегуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳӣ кардаам ва ӯ ҳангоми*

*сафар ба ду ракъат чизе наафзуд. Ва Абӯбакр, Умар ва Усмон, разия-л-Лоҳу анҳум, (низ ҳамроҳӣ будам) ҳамчунин мекарданд».*

## (12) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми сафар нофиларо пеш аз намози фарз хонда бошад, на баъди он

*Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми сафар ду ракъат намози (суннати) бомдодро хонд.*

**1103.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Амр, аз Ибни Абӯлайло, ки гуфт: *«Ба ғайр аз Умм Ҳонӣ касе хабар надодааст, ки намози зуҳо хондани пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дида бошад. (Умм Ҳонӣ) зикр кардааст: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи фатҳи Макка дар хонаи ман ғусл кард, пас ҳашт ракъат намоз гузорид. Ман ҳаргиз ба ин сабукӣ намоз хондани ӯро надида будам, лекин ӯ ҳамаи рукӯъ ва суҷудро пурра адо намуд».*

**1104.** Ва (ба исноди дигар) ал-Лайс гуфт: Юнус ба ман нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: *Абдуллоҳ ибни Омир ба ман нақл кард, ки падараш хабар додааст, ки пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми сафар, шабона, савори шутур рӯ ба ҳар сӯе, ки рост ояд, намози нафл хонданашро дидааст.*

**1105.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ибни Абдуллоҳ ба ман хабар дод, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савори шутур рӯяш ба ҳар сӯе, ки бошад, бо имову ишораи сар намози нафл мехонд. Ва Ибни Умар ҳамчунин мекард».*

## (13) Боб. Ҳангоми сафар як карда хондани намозҳои шому хуфтан

**1106.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: аз аз-Зуҳрӣ шунидам, ки аз Солим, аз падараш, гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зарурати бошитоб роҳ паймудан пеш ояд, намозҳои шому хуфтанро ба ҳам як карда мехонд».*

**1107.** Ва (ба исноди дигар) Иброҳим ибни Таҳмон гуфт, аз Ҳусайн ал-Муъаллим, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Икрима, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савора роҳ мепаймуд, намозҳои*

*пешину аср, ҳамчунин шому хуфтанро як карда мехонд».*

**1108.** Ва (ба исноди дигар) аз Ҳусайн, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Ҳафс ибни Убайдуллоҳ ибни Анас, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ҳангоми сафар пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намозҳои шом ва хуфтанро як карда мехонд».*

(Дар ривояти ин ҳадис) Алӣ ибни ал-Муборак ва Ҳарб (ба Ҳусайн) пайравӣ кардаанд, аз Яҳё, аз Ҳафс, аз Анас: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, як карда хонд».*

## (14) Боб. Оё ҳангоми намозҳои шому хуфтанро як карда хондан азону иқомат гуфта мешавад?

**1109.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ба ман хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидаам, ки ҳар гоҳ дар сафар барояш зарурати шитобон роҳ паймудан пеш ояд, адои намози шомро ба таъхир меандохт, то ки ин ва намози хуфтанро якҷо адо намояд». Солим гуфт: «Абдуллоҳ низ агар зарурати шитобон роҳ паймудан пеш ояд, ҳамчунин мекард; ва барои намози шом иқомат мегуфт, онро се ракъат мехонд, пасон салом медод. Баъд андаке нагузашта ба намози хуфтан иқомат мегуфт ва онро ду ракъат хонда салом медод. Ва дар миёни ин ду намоз ракъате нофила намехонд. Ва баъди намози хуфтан низ то фаро расидани ними шаб намозе намегузорид».*

**1110.** Исҳоқ ба мо нақл карда гуфт: Абдуссамад ба мо хабар дода гуфт: Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба ман нақл карда гуфт: Ҳафс ибни Убайдуллоҳ ибни Анас ба ман нақл кард, ки Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ба вай нақл кардааст: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми сафар ин ду намоз – яъне шому хуфтанро – якҷо мехонд».*

## (15) Боб. Ҳар кӣ пеш аз гашти офтоб ба роҳ баромаданӣ бошад, адои намози пешинро то фаро расидани аср ба таъхир гузорад

*Дар ин бора Ибни Аббос (нақл кардааст), аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

**1111.** Ҳассон ал-Воситӣ ба мо нақл карда гуфт: ал-Муфаззал

ибни Фазола ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш аз гашти офтоб ба роҳ баромаданӣ мешуд, адои намози пешинро то фаро расидани намози аср ба таъхир мегузошт. Баъд ҳар дуро якҷо мехонд. Ва агар (айни) гашти офтоб мебуд, намози пешинро мехонд, сипас ба роҳ мебаромад».*

## (16) Боб. Ҳар кӣ баъди гашти офтоб ба роҳ баромаданӣ бошад, намози пешинро хонда, сипас ба роҳ барояд

**1112.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: ал-Муфаззал ибни Фазола ба мо нақл карда гуфт, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Анас ибни Молик, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш аз гашти офтоб ба роҳ баромаданӣ мешуд, адои намози пешинро то фаро расидани намози аср ба таъхир мегузошт. Баъд фуруд меомаду ҳар дуро якҷо мехонд. Ва агар ӯ баъди гашти офтоб ба роҳ мебаромад, намози пешинро хонда, сипас ба роҳ мебаромад».*

## (17) Боб. Андар (ҳукми) нишаста адо кардани намоз

**1113.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл кард, аз Молик, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақтҳои аз дард шикоят доштан дар хона намоз хонд ва онро нишаста ба ҷо овард. Қавм аз пушти ӯ рост истода намоз хонданд. Ӯ ба онҳо ишора кард, ки нишинанд. Вақти аз намоз берун шудан гуфт: «Ҳамоно имом барои он аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд: ҳар гоҳ ба рукӯъ равад, шумо низ ба рукӯъ равед ва ҳар гоҳ сар бардорад, шумо низ сар бардоред».*

**1114.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Ибни Уяйна ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз болои асп афтид ва тарафи росташ сахт харош – ё осеб – ёфт. Мо барои иёдат наздаш даромадем. Вақти намоз фаро расид. Ӯ нишаста намоз гузорид, мо ҳам аз паси ӯ нишаста намоз хондем. Ва гуфт: «Ҳамоно имом барои он аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд; агар ӯ такбир гӯяд, шумо ҳам такбир гӯед; ва агар ба рукӯъ равад, шумо ҳам ба рукӯъ равед; ва агар сарашро бардорад, шумо ҳам бардо-*

*ред; ва агар гӯяд: «Самиъа-л-Лоҳу ли ман ҳамидаҳ» (Худо дуои ҳар киро, ки Ӯро сипосу ситоиш кунад, мешунавад), шумо гӯед: «Раббано ва лака-л-ҳамд» (Парвардигоро, сипосу ситоиш Туростr).*

**1115.** Исҳоқ ибни Мансур ба мо нақл карда гуфт: Равҳ ибни Убода ба мо нақл карда гуфт: Ҳусайн ба мо хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Бурайда, аз Имрон ибни Ҳусайн, разия-л-Лоҳу анҳу, ки ӯ аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кард (таҳвил).

Ва (ба исноди дигар) Исҳоқ ба мо хабар дода гуфт: Абдуссамад ба мо хабар дода гуфт: аз падарам шунидам, ки гуфт: ал-Ҳусайн ба мо нақл кард, аз Ибни Бурайда, ки гуфт: Имрон ибни ал-Ҳусайн, ки бавосир дошт, ба ман нақл карда гуфт: *«Аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи намозро нишаста хондани шахс суол кардам. Ӯ гуфт: «Беҳтар аст, ки рост истода намоз хонад ва ҳар кӣ нишаста намоз хонад, ба ӯ ними савоби ростистода мерасад; ва ҳар кӣ хоб рафта намоз хонад, ба ӯ ними савоби нишаста мерасад».*

## (18) Боб. Нишаста бо имову ишора ба ҷо овардани намоз

**1116.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл карда гуфт: Ҳусайн ал-Муъаллим ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Бурайда, ки Имрон ибни Ҳусайн марде буд гирифтори бавосир. Ва (ба исноди дигар) боре Абӯмаъмар гуфт, аз Имрон, ки гуфт: *«Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи намоз хондани шахсе, ки нишаста бошад, суол кардам. Ӯ гуфт: «Беҳтар аст, ки рост истода намоз хонад ва ҳар кӣ нишаста намоз хонад, ба ӯ ними савоби ростистода мерасад; ва ҳар кӣ хоб рафта намоз хонад, ба ӯ нисфи савоби нишаста мерасад».*

*Ва Абӯабдуллоҳ гуфт: «хоб рафта» дар ин ҷо, ба фикри ман, маънои «дароз кашида»-ро дорад.*

## (19) Боб. Шахс агар илоҷи нишаста намоз хондан надошта бошад, ба паҳлӯ дароз кашида намоз гузорад

*Ва Ато гуфт: «Ҳар гоҳ шахс ба ҷониби қибла рӯй оварда натавонад, рӯяш ба ҳар ҷонибе, ки бошад, намоз хонад».*

**1117.** Абдон ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ, аз Иброҳим ибни Таҳмон, ки гуфт: ал-Ҳусайн ал-Муктиб ба ман нақл кард, аз Ибни Бурайда, аз Имрон ибни Ҳусайн, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ман бемории бавосир доштам, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи чӣ гуна хондани намоз суол кардам. Ӯ гуфт: «Рост истода намоз хон ва агар натавонӣ – нишаста; ва агар натавонӣ – ба паҳлӯ дароз кашида хон».*

### (20) Боб. Агар шахс дар ҳоли нишаста намоз хондан офият ёбад ё худро сабуктар ҳис кунад, бақияи намозро (чунон ки бояд) ба итмом расонад

*Ва ал-Ҳасан гуфт: «Агар бемор бихоҳад, ду ракъат рост истода ва ду ракъат нишаста намоз гузорад».*

**1118.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, модари мӯъминон, ки ӯ (ба Урва) хабар дод: *«Ман пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, то ба синни солхӯрдагӣ расиданаш ҳаргиз надидаам, ки нишаста намози шаб гузорида бошад. Ӯ (ҳангоми солхӯрдагӣ) дар намоз нишаста қироат мекард ва чун рукӯъ карданӣ мешуд, аз ҷой мехест ва тахминан сӣ ё чиҳил оят қироат мекарду сипас ба рукӯъ мерафт».*

**1119.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Язид ва Абунназр – мавлои Умар ибни Убайдуллоҳ, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Оиша, модари мӯъминон, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нишаста намоз мехонд ва дар ҳамон ҳолати нишаста қироат мекард. Ва чун аз қироати ӯ тахминан сӣ ё чиҳил оят боқӣ мемонд, аз ҷой мехест ва рост истода онро қироат мекард, баъди он ба рукӯъ мерафт. Сипас саҷда мекард. Ва ракъати дуюмро низ ба ҳамин тарз ба ҷо меовард. Вақте ки намозро хонда ба охир мерасонид, менигарист: агар ман бедор бошам, бо ман сухан мегуфт ва агар хуфта бошам, худ низ дароз мекашид».*

# XIX. КИТОБИ ТАҲАҶҶУД

## (1) Боб. (Намози) таҳаҷҷуд дар шаб

Ва қавли Ӯ, азза ва ҷалла: «Ва баъзеи шабро (ба намоз) бо қироати Қуръон бедор бош, (ин намози шаб) барои ту зиёда шуд» (17:79).

**1120.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон ибни Абӯмуслим ба мо нақл кард, аз Товус, ки аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидааст, ки мегуфт: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабона барои адои намози таҳаҷҷуд мехест, мегуфт: «Аллоҳумма лака-л-ҳамду, Анта Қайййму-с-самовоти ва-л-арзи ва ман фиҳинна; ва лака-л-ҳамду, лака мулку-с-самовоти ва-л-арзи ва ман фиҳинна; ва лака-л-ҳамду, Анта нуру-с-самовоти ва-л-арзи; ва лака-л-ҳамду; Анта Малику-с-самовоти ва-л-арзи; ва лака-л-ҳамду, Анта-л-Ҳаққу ва ваъдука-л-ҳаққу ва лиқоука ҳаққун ва қавлука ҳаққун ва-л-ҷаннату ҳаққун ва-н-нору ҳаққун ва-н-набийюна ҳаққун ва Муҳаммадун, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳаққун ва-с-соъату ҳаққун. Аллоҳума лака асламту ва бика оманту ва алайка таваккалту ва илайка анабту ва бика хосамту ва илайка ҳокамту. Фа-ғфир лӣ мо қаддамту ва мо аххарту ва мо асрарту ва мо аъланту; Анта-л-Муқаддиму ва Анта-л-Муаххиру, ло илоҳа илло Анта ав ло илоҳа ғайрука». (Бор Худоё, сипосу ситоиш Туроcт, Барпокунандаи осмонҳову замин ва ҳар кӣ дар онҳост, Туӣ; сипосу ситоиш Туроcт, подшоҳии осмонҳову замин ва ҳар кӣ дар онҳост аз они Туст; сипосу ситоиш Туроcт, нури осмонҳову замин Туӣ; сипосу ситоиш Туроcт, Фармонравои*

*осмонҳову замин Туӣ; сипосу ситоиш Туростт, Ту Ҳақ ҳастӣ ва ваъдаи Ту ҳақ аст, дидори Ту ҳақ аст, сухани Ту ҳақ аст; ҷаннат ҳақ аст, дӯзах ҳақ аст, пайғамбарон ҳаққанд, Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳақ аст, қиёмат ҳақ аст. Бор Худоё, ба фармони Ту гардан ниҳодам, ба Ту имон овардам, бар Ту таваккул кардам, ба сӯи Ту руҷӯъ намудам, бо (далелу бурҳони) Ту ба душманон ситезидам ва ҳамаро ба ҳукми Ту вогузоштам. Он чиро, ки пеш ва баъд содир кардам, он чиро, ки пинҳон кардаму он чиро, ки ошкор намудам, биомурз. Пешбар Туӣ, Вопасдоранда Ту ҳастӣ, нест худое магар Ту – ё ғайр аз Ту худое нест).* Суфён гуфт: ва Абдулкарим Абӯумайя афзуд: *«Ва ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-Лоҳ» (Ҳеҷ тавоноӣ ва нерӯе нест, магар бо Худо).*

Суфён гуфт: Сулаймон ибни Абӯмуслим гуфт, ки ин (ҳадисро) аз Товус шунидааст, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (2) Боб. Андар фазилати шабхезӣ

**1121.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: Маъмар ба мо хабар дод (таҳвил).

Ва (ба исноди дигар) Маҳмуд ба ман нақл карда гуфт: Абдурраззоқ ба мо нақл карда гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Солим, аз падараш, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Дар замони зиндагонии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар гоҳ касе хоб медид, онро ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нақл мекард. Ман ҳам орзу доштам, ки хобе бибинаму онро ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нақл кунам. Ман ҷавони наврас будам ва дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар масҷид хоб мерафтам. Ва боре дар хоб дидам, ки гӯё ду фаришта маро гирифта ҷониби дӯзах бурданд ва дидам, ки дӯзахро мисли бинои болои чоҳ аз санг сохтаанд ва онро ду сутун ҳаст ва дар он мардумон дидам. Ба ростӣ ки ман онҳоро шинохтаму хостам гӯям: «Аъузу би-л-Лоҳи мина-н-нор» (Ба Худо аз оташи дӯзах паноҳ мебарам). Боз гуфт: «Он гоҳ фариштаи дигарро вохӯрдем ва ба ман гуфт: «Натарс!»*

**1122.** Пасон хобамро ба Ҳафса нақл кардам, ӯ онро ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нақл кард,

гуфт: *«Абдуллоҳ нек мардест, агар шабҳо хеста намоз мехонд (беҳтар мебуд)».* Баъди ин Ибни Умар ба ҷуз андаке аз шаб дигар хоб намерафт.

### (3) Боб. Андар дароз саҷда кардан дар намози шабона

**1123.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Урва ба ман хабар дод, ки Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ба ӯ хабар дод: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ёздаҳ ракъат намози шаб мехонд ва ин намози ӯ буд. Чун ҳар бор ба саҷда мерафт, баъди гузаштани вақте, ки ҳар яки шумо барои хондани панҷоҳ оят сарф мекунед, сар мебардошт. Ва пеш аз намози бомдод ду ракъат намоз мехонд. Ва то барои (даъват ба) намоз омадани муаззин ба паҳлӯи рост дароз мекашид».*

### (4) Боб. Андар (раво будани) тарки шабхезӣ барои бемор

**1124.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз ал-Асвад, ки гуфт: аз Ҷундуб шунидаам, ки мегуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз беморие шикоят дошт ва як ё ду шаб (барои таҳаҷҷуд) барнахест».*

**1125.** Муҳаммад ибни Касир ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз ал-Асвад ибни Қайс, аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ҷабраил, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чанде ба сӯи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, наомад. Зане аз қабилаи Қурайш гуфт: «Шайтонаш боре дигар назди ӯ намеояд». Пас (ин оят) нозил шуд: «Қасам ба чоштгоҳ; ва қасам ба шаб, чун бипӯшад, Парвардигорат туро фурӯ нагузошт ва душман надошт» (93:1-3).*

### (5) Боб. Андар ташвиқи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, умматро ба адои намозҳои таҳаҷҷуд ва нофила бидуни воҷиб гардондани ин (намозҳо)

*Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам шабе, ба дари хонаи Фотима ва Алӣ, алайҳимо-с-салом, омад, то онҳоро ба намоз даъват намояд.*

**1126.** Ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба

мо нақл карда гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Ҳинд бинти ал-Ҳорис, аз Умм Салама, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Шабе пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз хоб бедор шуду гуфт: «Субҳона-л-Лоҳ, чӣ фитнаву бало, ки имшаб фурӯ рехт, чӣ хазинаҳое (аз хайру баракат), ки фурӯ фиристода шуд! Соҳибагони ин ҳуҷраҳоро (барои намоз) кӣ бедор мекунад? Эй басо, пероҳанпӯшони ин дунё, ки бараҳнагони охиратанд».*

**1127.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Алӣ ибни Ҳусайн ба ман хабар дод, ки Ҳусайн ибни Алӣ ба вай хабар дод, ки Алӣ ибни Абӯтолиб ба ӯ хабар дод: *«Шабе пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба хонаи ману Фотима – духтари пайғамбар, алайҳи-с-салом, омаду гуфт: «Оё намоз намехонед?» Ман гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, ҷонҳои мо дар дасти Худост, агар Ӯ шабона намоз хондани моро хоҳад, чунон созад, ки мо худ хезем». Вақте ки ин суханҳоро гуфтем, ӯ дар посух ба ман чизе нагуфт ва пушт гардониду рафт. Сипас, дар ҳамон ҳол аз таассуф ба ду ронаш мезад ва ман шунидам, ки мегуфт: «Одамӣ дар ҷадалу хусумат аз ҳама чиз бештар аст» (18:54).*

**1128.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гоҳо аз корҳое даст мекашид, ки худ иҷро карданашро дӯст медошт ва ин танҳо аз тарси он буд, ки мабодо мардум ҳам иҷро кунанду бар онҳо фарз гардад. Ва ҳар намози зуҳо, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гузоридааст, ман ҳам албатта, мегузорам».*

**1129.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Урва ибни аз-Зубайр, аз Оиша – модари мӯъминон, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабе дар масҷид намоз гузорид, мардум ба ӯ иқтидокунон намоз хонданд. Шаби дигар низ намоз гузорид ва мардум бисёр шуданд. Баъди он шаби сеюм – ё чаҳорум – низ мардум ҷамъ омаданд, вале пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, назди онҳо набаромад. Чун бомдод шуд, гуфт: «Ба ростӣ, ман кори кардаи шуморо дидам ва он чӣ, ки ма-*

*ро аз баромадан ба ҳузури шумо боздошт, тарси ман буд, ки мабодо ин кор бароятон фарз гардад». Ва ин дар моҳи рамазон буд.*

### (6) Боб. Ба шаб намоз гузоридани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чандоне, ки пойҳояш варам карданд

*Ва Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: «Ӯ шабҳо мехест (ва намоз мехонд), ҳатто пойҳояш мекафиданд».* Ва «футур» – «шуқуқ; «инфатарат» – «иншаққат» – аст. (Ҳар ду феъл ба маънои «кафидан», «даридан», «тарқидан» аст).

**1130.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Мисъар ба мо нақл кард, аз Зиёд, ки гуфт: аз Муғира, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидам, ки мегуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабҳо мехест – ё намоз мехонд – ба ҳадде, ки пойҳояш – ё соқҳояш – варам меоварданд. Вақте ба ӯ мегуфтанд, (ки Худо туро омурзидааст, чаро чунин мекунӣ) мегуфт: «Пас чаро бандаи шукргузор набошам?!»*

### (7) Боб. Дар бораи касе, ки наздики субҳ хоб равад

**1131.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Динор ба мо нақл кард, ки Амр ибни Авс ба вай хабар дод: Абдуллоҳ ибни Амр ибни ал-Ос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба вай хабар дод, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба вай гуфт: *«Маҳбубтарин намоз барои Худо намози Довуд, алайҳи-с-салом, аст; ва маҳбубтарин рӯза барои Худо, рӯзаи Довуд аст: ӯ дар як ними шаб хоб мерафт, дар сеяки он (барои намоз) мехест ва дар шашяки он боз хоб мерафт; як рӯз рӯза медошт, рӯзи дигар рӯза мехӯрд».*

**1132.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман хабар дод, аз Шуъба, аз Ашъас, ки гуфт: аз падарам шунидаам, ки мегуфт: аз Масруқ шунидаам, ки мегуфт: *аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, суол кардам: «Кадом амал маҳбубтарин шуғли пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам буд?» Гуфт: «Амале, ки пайваста иҷро шавад». Пурсидам: «Ӯ кай (барои намози шаб) мехест?» Гуфт: «Баробари шунидани нахустин бонги хурӯс».*

Муҳаммад ибни Салом ба мо нақл карда гуфт: Абулаҳвас ба мо хабар дод, аз ал-Ашъас, ки гуфт: *«Чун бонги хурӯс мешунид,*

*мехесту намоз мехонд».*

**1133.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл карда гуфт: падарам зикр кард, аз Абӯсалама, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Дамидани субҳ дар (хонаи) ман ӯро ҷуз хуфта дарнамеёфт».* Оиша пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар назар дошт.

## (8) Боб. Дар бораи касе, ки саҳархӯрӣ кунаду то гузоридани намози бомдод нахусбад

**1134.** Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Равҳ ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Абӯаруба ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва Зайд ибни Собит, разия-л-Лоҳу анҳу, саҳархӯрӣ карданд. Вақте ки аз саҳархӯрӣ фориғ шуданд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои адои намоз бархост ва намоз гузорид. Аз Анас пурсидем: «Аз фориғ шудани онҳо аз саҳархӯрӣ то даромаданашон ба намоз чанд вақт гузашт?» Гуфт: «Ба қадри муддате, ки шахс панҷоҳ оят қироат кунад».*

## (9) Боб. Дароз қиём кардан дар намози шаб

**1135.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Абӯвоил, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Шабе ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз хондам. Ӯ дар қиём он қадар истод, ки ман андешаи бад кардам. Гуфтем: «Чӣ андешае кардӣ?» Гуфт: «Андешидам, ки бинишинам ва пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, танҳо гузорам».*

**1136.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Холид ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Ҳусайн, аз Абӯвоил, аз Ҳузайфа, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Ҳар гоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабона барои таҳаҷҷуд аз хоб мехест, даҳон бо мисвок мешуст».*

## (10) Боб. Намози пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна буд? Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабона чанд ракъат намоз мехонд?

**1137.** Абулямон ба мо нақл карда гуфт: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ибни Абдуллоҳ ба ман хабар дод, ки Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: *марде гуфт: «Эй пайғамбари Худо, намози шаб чӣ гуна аст?» Гуфт: «Ду ракъат-ду ракъат (бихон) ва чун аз ногаҳон фаро расидани субҳ хавф барӣ, бо як ракъат (намозро) витр (тоқ) бигардон».*

**1138.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Шуъба, ки гуфт: Абӯҷамра ба ман нақл кард, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Намози пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам* – яъне дар шаб – *сездаҳ ракъат буд».*

**1139.** Исҳоқ ба ман нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Исроил ба ман хабар дод, аз Абӯҳусайн, аз Яҳё ибни Вассоб, аз Масруқ, ки гуфт: *«Аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, дар бораи намози шабонаи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суол кардам. Ӯ гуфт: «Ҳафт ракъат, нӯҳ ракъат ва ёздаҳ ракъат буд – аз ғайри ду ракъат (суннати) намози бомдод».*

**1140.** Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳанзала ба мо хабар дод, аз ал-Қосим ибни Муҳаммад, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабона сездаҳ ракъат намоз мехонд, ки намози витр ва ду ракъат (суннати) намози бомдод аз он ҷумлаанд».*

### (11) Боб. Бархостани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба шаб; хоби ӯ ва он чӣ аз шабхезӣ (барои намоз), ки мансух шудааст

*Ва сухани Ӯ Таъоло: «Эй (марди) ҷома бар худ печида! Қиёми шаб кун, магар андаке; (қиём кун) ними шаб ё андаке аз он кам кун. Ё андаке бар ними шаб биафзо ва Қуръонро ба возеҳ хондан тартил кун. Ба дурустӣ ки Мо фармоне душворро бар ту нозил хоҳем кард. Ҳароина қиёми шаб дар мувофиқати забон бо дил зиёдатар аст ва дар талаффузи алфоз дурусттар. Ҳароина туро дар рӯз шуғли бисёр аст» (73: 1-7). Ва сухани Ӯ: «Худо донист, ки шумо онро фаро гирифта нометавонед, пас, бар шумо ба раҳмат бозгашт, то он чӣ аз Қуръон осон бошад, бихонед. Худо донист, ки баъзе аз шумо бемор хоҳанд буд ва дигарон дар замин сафар мекунанд, то аз фазли Худо талаби рӯзӣ намоянд ва дигарон дар роҳи Худо корзор мекунанд. Пас, он чӣ аз Қуръон*

*осон бошад, бихонед ва намоз барпо доред ва закот бидиҳед ва – бо вом додани нек – Худоро вом диҳед. Ва он чиро аз амали нек, ки барои хештан мефиристед, наздики Худо беҳтар ва ба эътибори музд бузургтар хоҳед ёфт» (73:20).*

Абӯабдуллоҳ гуфт: Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: «нашаа» (ки дар оят аз он калимаи «ношиат» сохта шудааст) дар забони ҳабашӣ ба маънои «барои намоз хестан» аст; дар бораи «витоан» (ки дар оят «ватъан» аст) гуфт: «мувотаатан ли-л-Қуръони», яъне ба шунидану дидану қалбан эҳсос кардани шахс бештар созгор ва мувофиқ аст. Ва маънои «ли ювотиу» «то ки мувофиқат кунанд ва созгор бошанд» аст.

**1141.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба ман нақл кард, аз Ҳумайд, ки вай аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст, ки мегуфт: *«Дар баъзе моҳҳо (ғайри Рамазон) пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзҳои паиҳам рӯза мехӯрд, то ҳадде мо гумон доштем, ки ӯ дар ин моҳ рӯза намедорад ва рӯзҳои моҳи дигар паиҳам рӯза медошт, то ҳадде гумон доштем, ки ӯ рӯзе ҳам тарки рӯза намекунад; ва гоҳо умед надоштӣ, ки шабона намоз хондани ӯро бибинӣ, вале медидӣ; ва ё умед надоштӣ, ки хоб рафтанашро бибинӣ, вале медидӣ».* Ва (дар ривояти ин ҳадис) Сулаймон ва Абӯхолид ал-Аҳмар (ба Муҳаммад ибни Ҷаъфар) пайравӣ кардаанд, аз Ҳумайд.

## (12) Боб. Ҳар гоҳ шахс шабона намоз нахонад, Шайтон дар пушти сараш гиреҳ бандад

**1142.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абуззинод, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Агар касе аз шумо шабона (барои намоз нахеста) хоб равад, Шайтон дар пушти сараш се гиреҳ мебандад ва дар ҷои ҳар гиреҳ мезанаду мегӯяд: «Шаби дароз дар пеш аст, бихоб!» Ва агар ин шахс бедор шуда Худоро зикр кунад, як гиреҳ кушода мегардад; ва агар вузӯ кунад, гиреҳи дигар кушода мешавад; ва агар намоз хонад, гиреҳи сеюм кушода мегардад ва ӯ субҳ бардаму сабукрӯҳ бармехезад, вагарна субҳ гаронҷону хастаҳол бармехезад».*

**1143.** Муаммал ибни Ҳишом ба мо нақл карда гуфт: Исмо-

ил ибни Атия ба мо нақл карда гуфт: Авф ба мо нақл карда гуфт: Абӯраҷо ба мо нақл карда гуфт: Самура ибни Ҷундаб, разия-л-Лоҳу анҳу, ба мо нақл кард, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки дар бораи таъбири хоб гуфт: *«Аммо ҳар кас дар хоб бинад, ки сараш бо санг харош ёфтааст, таъбираш ин аст, ки ӯ Қуръонро фаро мегираду (сипас) онро фаромӯш карда ба он амал намекунад ва намози фарз нохонда ба хоб меравад».*

### (13) Боб. Ҳар кӣ намоз нахонда бихобад, Шайтон дар гӯшаш мешошад

**1144.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Абулаҳвас ба мо нақл карда гуфт: Мансур ба мо нақл кард, аз Абӯвоил, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Дар назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мардеро ном бурданду гуфтанд: «То дамидани субҳ хобид, барои намоз аз хоб барнахост». Ӯ гуфт: «Шайтон дар гӯшаш шошидааст».*

### (14) Боб. Андар дуову намози охири шаб

*Ва Худои азза ва ҷалла, гуфт: «Андаке аз шаб хоб мекарданд».* – «Яҳҷаъуна» – хоб мекарданд. – *«Ва вақти саҳар онҳо талаби омурзиш менамуданд» (51: 17/18).*

**1145.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард, аз Молик, аз Ибни Шиҳоб, аз Абӯсалама ва Абӯабдуллоҳ ал-Ағарр, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Парвардигорамон, Таборака ва Таъоло, ҳар шаб, вақте ки сеяки охири шаб боқӣ мемонад, ба осмони наздик фуруд омада мегӯяд: «Кист, ки Маро дуо кунад, то дуояш мустаҷоб гардонам; кист, ки аз Ман чизе бихоҳад, то бидиҳамаш; кист, ки аз Ман омурзиш талабад, то ӯро биомурзам?»*

### (15) Боб. Дар бораи касе, ки аввали шаб хуфта бошад ва охири шабро зинда дорад

*Ва Салмон ба Абуддардо, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: «Бихоб!» Ва чун охири шаб буд, гуфт: «Бихез!» (Вақте ки) пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (инро шунид), гуфт: «Салмон рост гуфт».*

**1146.** Абулвалид ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард. Ва (ба исноди дигар) Сулаймон ба ман нақл карда гуфт: Шуъба ба ман нақл кард, аз Абӯисҳоқ, аз ал-Асвад, ки гуфт: *аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, суол кардам: «Намози шабонаи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна буд?» Гуфт: «Ӯ аввали шаб хоб мерафт ва охири шаб бармехесту намоз мехонд, баъди он дубора ба ҷои хоб меомад ва чун муаззин азон мегуфт, аз ҷой ҷаста мехест. Ва агар ба ғусл ҳоҷат мебуд, ғусл мекард ва агар не, вузӯ карда берун мебаромад».*

## (16) Боб. Андар шабхезии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои намоз дар моҳи Рамазон ва ғайри он

**1147.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард: Молик ба мо хабар дод, аз Саъид ибни Абӯсаъид ал-Мақбурӣ, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, ки ба ӯ (ал-Мақбурӣ) хабар дод, *ки ӯ аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, суол кард: «Намози шабонаи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар моҳи Рамазон чӣ гуна буд?» Гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар моҳи Рамазон ва ғайри он ба ҳамон ёздаҳ ракъат чизе намеафзуд: чор ракъат намоз мехонд – ту аз ҳусну тӯле, ки ҳар ракъати он дошт, напурс; боз чор ракъат намоз мехонд – ту аз он ҳусну тӯле, ки ҳар ракъати он дошт, напурс; пасон се ракъат намоз мегузорид». Оиша гуфт: «Ман гуфтам: эй пайғамбари Худо, оё пеш аз адои намози витр хоб меравӣ?» Гуфт: «Эй Оиша, ба ростӣ ки чашмонам хоб мераванду дилам бедор аст».*

**1148.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл кард, аз Ҳишом, ки гуфт: падарам ба ман хабар дод, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Ман ҳаргиз пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, надидаам, ки дар ягон (намозе) аз намози шаб нишаста қироат карда бошад, вале чун калонсол шуд, нишаста қироат мекард ва чун аз сура сӣ ё чиҳил оят боқӣ мемонд, онро аз ҷой хеста қироат мекард ва он гаҳ ба рукӯъ мерафт».*

## (17) Боб. Андар фазилати шабу рӯз ботаҳорат будан; ва фазилати шабона ва рӯзона хондани намози баъди вузӯ

**1149.** Исҳоқ ибни Наср ба мо нақл кард: Абӯусома ба мо нақл

кард, аз Абӯҳайён, аз Абӯзуръа, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки *пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми фаро расидани вақти намози бомдод, ба Билол гуфт: «Эй Билол, боумедтарин коре, ки дар роҳи ислом кардаӣ, кадом аст, ба ман бигӯ, зеро ман дар ҷаннат садои наълайни туро аз наздик шунидам?» Гуфт: «Боумедтарин кори ман ин аст, ки ҳар гоҳ, дар кадом соате аз шаб ё рӯз таҳорат накунам, бо ҳамон таҳорат ҳатман ягон намози бароям тақдир шударо мехонам».*

Абӯабдуллоҳ гуфт: «Маънои «даффа наълайк» (садои наълайн, шарфаи пой) ҳаракат додан аст.

## (18) Боб. Андар он сахтгирие, ки дар ибодат макрӯҳ аст

**1150.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл кард, аз Абдулазиз ибни Суҳайб ба мо нақл кард, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (ба масҷид) даромад ва дид, ки байни ду сутун банде кашидаанд, гуфт: «Ин чӣ банд аст?» Гуфтанд: «Ин банд аз они Зайнаб аст, ҳар гоҳ дар намоз монда шавад, (барои ба қиём хестан) онро даст гирад». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Лозим нест, онро бикушоед, ҳар яки шумо бо нишоту бардамӣ бояд намоз хонад. Ҳар гоҳ бемадор шавад, бигузор бинишинад».*

**1151.** (Абӯмаъмар) гуфт: ва Абдуллоҳ ибни Маслама, гуфт, аз Молик, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Зане аз банӣ Асад дар хонаи ман буд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, назди ман даромаду гуфт: «Ин зан кист?» Гуфтам: «Фалона, ки ба сабаби намозхонии зиёд шаб нахуфтааст». Гуфт: «Бас кун, шумо бояд ки амалҳоро аз рӯи тавону тоқат анҷом диҳед. Ба ростӣ, Худо ҳаргиз (аз додани савоб) ба малол намеояд, то худи шумо (аз иҷрои корҳои савоб) ба малол наоед».*

## (19) Боб. Андар он шабхезие, ки тарки он бар каси шабзиндадор макрӯҳ аст

**1152.** Аббос ибни ал-Ҳусайн ба мо нақл карда гуфт: Мубашшир ибни Исмоил ба мо нақл кард, аз ал-Авзоъӣ (таҳвил).

Ва (ба исноди дигар) Муҳаммад ибни Муқотил Абулҳасан ба ман нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: ал-Авзоъӣ

ба мо хабар дода гуфт: Яҳё ибни Абӯкасир ба ман нақл карда гуфт: Абӯсалама ибни Абдурраҳмон ба ман нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Амр ибни ал-Ос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ман гуфт: «Эй Абдуллоҳ, монанди фалонӣ набош, ки ӯ шабҳо (барои намоз) мехест, баъдтар тарки шабхезӣ кард».*

Ва (ба исноди дигар) Ҳишом гуфт: Ибни Абулъишрин гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Умар ибни ал-Ҳакам ибни Савбон, ки гуфт: Абӯсалама (ҳадисе) монанди инро ба ман нақл кард. Ва (дар ривояти ин ҳадис) Амр ибни Абӯсалама (ба Ибни Абулъишрин) пайравӣ кардааст, аз ал-Авзоъӣ.

## (20) Боб

**1153.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Амр, аз Абулаббос, ки гуфт: аз Абдуллоҳ ибни Амр, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидам, ки гуфт: *пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ман гуфт: «Ба ман хабар доданд, ки ту шабона (барои намоз) мехезӣ ва рӯзона рӯза медорӣ, (рост аст)?» Гуфтам: «(Оре,) ман чунин мекунам». Гуфт: «Ба ростӣ ки ҳар гоҳ ту чунин кунӣ, чашмонат заиф мегарданд ва нафсат бемадор мешавад ва ҳол он ки нафсат бар ту ҳақ дорад ва аҳли хонаат бар ту ҳақ доранд. Рӯзе рӯза дор ва рӯзе бихӯр, порае аз шаб бархезу порае бихоб!»*

## (21) Боб. Андар фазилати касе, ки шабона бедор шуд ва намоз гузорид

**1154.** Садақа ибни ал-Фазл ба мо нақл карда гуфт: ал-Валид ба мо хабар дод, аз ал-Авзоъӣ, ки гуфт: Умайр ибни Ҳонӣ ба мо нақл карда гуфт: Ҷунода ибни Абӯумайя ба ман нақл карда гуфт: Убода ибни ас-Сомит ба ман нақл кард, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар кӣ шабона бедор шавад, гӯяд: «Ло илоҳа илло-л-Лоҳу Ваҳдаҳу, ло шарика лаҳ, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва Ҳува ало кулли шайъин Қадир. Ал-ҳамду ли-л-Лоҳ ва Субҳона-л-Лоҳ ва ло илоҳа илло-л-Лоҳ ва-л-Лоҳу Акбар ва ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-Лоҳ» (Нест ҳеҷ маъбуде ҷуз Худо, Ягона асту шарике надорад, подшоҳӣ аз они Ӯст ва сипосу ситоиш Ӯрост ва Ӯ ба ҳама чиз Тавоност. Сипосу ситоиш Ху-*

*дороcт ва Худо Пок аст ва нест ҳеҷ маъбуде ҷуз Худо ва Худо Бузург аст ва ҳеҷ нерӯ ва қуввате нест, магар бо Худо). Сипас гӯяд: «Бор Худоё, маро биомурз», ё дуо кунад, мустаҷоб мегардад. Ва агар вузӯ кунад, намозаш қабул мешавад».*

**1155.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Юнус, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: ал-Ҳайсам ибни Абӯсинон ба ман хабар дод, ки вай аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст ва ӯ қиссаҳо нақл мекарду дар он пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, зикр менамуд: *«Ба ростӣ бародари шумо – ӯ Абдуллоҳ ибни Равоҳаро дар назар дошт – сухани беҳудаву сақат намегӯяд:*

Ва фино расулу-л-Лоҳи ятлу китобаҳу,
Иза-ншаққа маъруфун мина-л-фаҷри сотиъу.
Ароно-л-ҳудо баъда-л-ъамо фа қулубуно
Биҳи муқонотун анна мо қола воқиъу.
Ябиту юҷофӣ ҷанабаҳу ан фирошиҳи,
Иза-стасқалат би-л-мушрикина-л-мазоҷиъу.

«Дар миёни мо пайғамбари Худост, ки Китоби Ӯро тиловат мекунад,
Он гоҳ ки сапедадами бомдод медамад.
Ӯ ба мо роҳи ростро намуд баъд аз гумроҳӣ. Бинобар он дилҳои мо
Гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳар чӣ ӯ гуфтааст, шуниданист.
Ӯ шабро рӯз мекунад, паҳлӯяш дур аз бистар,
Ҳол он ки аз (ҷисми) мушрикон бистарҳо гаронбор гаштааст».

Уқайл (дар ривояти ин ҳадис ба Юнус) пайравӣ кардааст. Ва (ба исноди дигар) аз-Зубайдӣ гуфт: аз-Зуҳрӣ ба ман хабар дод, аз Саъид ва ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра.

**1156.** Абуннӯъмон ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Дар вақти зиндагии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хоб дидам, ки гӯё дар дастам порчае истабрақ (дебои дурушт) будааст ва он бо ман ба ҳар макони ҷаннат, ки орзу мекунам, парида мерафт; ва ҳамчунон дидам, ки ду нафар (фаришта) назди ман омада хостанд, ки маро ба дӯзах баранд. Дар ин ҳангом фариштаи дигар омаду гуфт: «Натарс. Ӯро ба*

*ҳолаш бигузоред».*

**1157.** Ҳафса яке аз он хобҳои маро ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нақл кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Абдуллоҳ нек мардест, вале агар шабҳо хеста намоз мехонд (боз ҳам беҳтар мебуд)». Ҳамин тавр Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, аз он вақт шабҳо хеста намоз мехонд.*

**1158.** *Ва ёрон паиҳам назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омада хоби дидаашонро нақл мекарданд, ки (аз рӯи таъбири он) лайлатулқадр шаби ҳафтуми даҳаи охири Рамазон аст. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Мебинам, ки хобҳои шумо дар хусуси лайлатулқадр пайваста ба даҳаи охири моҳ рост меоянд. Ва ҳар кӣ дар садади муайян намудани он шаб бошад, пас онро дар даҳаи охир ҷӯяд».*

### (22) Боб. Аладдавом адо намудани ду ракъат (суннати) намози бомдод

**1159.** Абдуллоҳ ибни Язид ба мо нақл карда гуфт: Саъид – ва ӯ Ибни Абӯайюб аст – гуфт: Ҷаъфар ибни Рабиъа ба ман нақл кард, аз Арок ибни Молик, аз Абӯсалама, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, адои намози хуфтан кард, баъд ҳашт ракъат (истода) ва ду ракъат нишаста намоз хонд ва сипас дар миёни ду нидо (азону иқомати бомдод) ду ракъат ба ҷо овард. Ӯ ин ду ракъат намозро ҳаргиз тарк накардааст».*

### (23) Боб. Андар дароз кашидан ба паҳлӯи рост баъди адои ду ракъат (суннати) намози бомдод

**1160.** Абдуллоҳ ибни Язид ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Абӯайюб ба мо нақл карда гуфт: Абуласвад ба ман нақл кард, аз Урва ибни аз-Зубайр, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун ду ракъат (суннати) намози бомдод адо мекард, ба паҳлӯи рост дароз кашида хоб мерафт».*

### (24) Боб. Дар бораи касе, ки баъди адои ду ракъат суннати намози бомдод сӯҳбат кунад ва дароз накашад

**1161.** Бишр ибни ал-Ҳакам ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард: Солим Абунназр ба ман нақл кард, аз Абӯсалама, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Баъди он ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (суннати) намоз(-и бомдод) мехонд, агар ман бедор бошам, бо ман сухан мегуфт, вагарна то азони намоз дароз мекашид».*

## (25) Боб. Андар сӯҳбат кардан баъди ду ракъат (суннати) намози бомдод

**1162.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард: Абунназр гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Салама, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду ракъат намоз мехонд, сипас агар ман он лаҳза бедор бошам, бо ман сухан мегуфт, вагарна дароз мекашид».* Ман (Алӣ ибни ал-Мадинӣ) ба Суфён гуфтам: «Ба ростӣ, баъзеҳо ин ҳадисро бо иловаи *«ду ракъат намози бомдод»* ривоят мекунанд». Ӯ гуфт: «Ин ҳамон (суннати намози бомдод) аст».

## (26) Боб. Илзоман адо намудани ду ракъат (суннати) намози бомдод; ва дар бораи касе, ки ин ду ракъатро нафл номида бошад

**1163.** Баён ибни Амр ба мо нақл кард: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл кард: Ибни Ҷурайҷ ба мо нақл кард, аз Ато, аз Убайд ибни Умайр, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар миёни нафлҳо намозеро илзомитар ва пайгиронатар аз ду ракъати пеш аз фарзи бомдод адо намекард».*

## (27) Боб. Он чӣ дар ду ракъати суннати намози бомдод қироат мешавад

**1164.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Ҳишом, аз Урва, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабона сездаҳ ракъат намоз мехонд, баъд чун азони намози бомдод мешунид, ду ракъат намози сабук мегузорид».*

**1165.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард,

аз Муҳаммад ибни Абдурраҳмон, аз аммааш – Амра, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам» (таҳвил).

Ва (ба исноди дигар) Аҳмад ибни Юнус ба мо нақл карда гуфт: Зуҳайр ба мо нақл карда гуфт: Яҳё, ки Ибни Саъид аст, ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни Абдурраҳмон, аз Амра, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду ракъат намозеро, ки пеш аз (фарзи) намози бомдод хонда мешавад, то ҳадде сабук ба ҷо меовард, ки ман ба худ мегуфтам: «Оё ӯ Умму-л-Китоб (сураи Фотиҳа)-ро қироат карда бошад?»*

## (28) Боб. Он чӣ дар бораи ду ракъат-ду ракъат будани намози нафл омадааст

*(Муҳаммад ал-Бухорӣ гуфт:) Ин (хабар) аз Аммор, Абӯзар, Анас, Ҷобир ибни Зайд, Икрима ва аз-Зуҳрӣ, разия-л-Лоҳу анҳум, зикр шудааст. Ва Яҳё ибни Саъид ал-Ансорӣ гуфт: «Аз фақеҳони шаҳрамон (Мадина) касеро надидаам, ки рӯзона баъди хондани ҳар ду ракъат (нафл) салом надода бошад».*

**1166.** Қутайба ба мо нақл карда гуфт: Абдурраҳмон ибни Абулмаволӣ ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни ал-Мункадир, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, он тавр ки ба мо сураи Қуръон меомӯхт, ҳамон тарз истихора карданро дар ҳар кор таълим медод ва мегуфт: «Ҳар кадоми шумо ҳар гоҳ ба коре ҳиммат гуморад, бигузор ду ракъат намози ғайри фарз хонад, сипас бигӯяд: «Аллоҳумма иннӣ астахирука би илмика ва астақдирука би қудратика ва асъалука мин фазлика-л-азим; фа иннака тақдиру ва ло ақдиру ва таъламу ва ло аъламу ва Анта Аллому-л-ғуюб. Аллоҳумма ин кунта таъламу анна ҳоза-л-амра хайрун лӣ фӣ динӣ ва маъошӣ ва оқибати амрӣ – ё гуфт: ъоҷили амрӣ ва оҷилиҳи – фа-қдирҳу ва яссирҳу лӣ, сумма борик лӣ фиҳи. Ва ин кунта таъламу анна ҳоза-л-амра шаррун лӣ фӣ динӣ ва маъошӣ ва оқибати амрӣ – ё гуфт: фӣ ъоҷили амрӣ ва оҷилиҳи – фа-срифҳу аннӣ ва-срифнӣ анҳу ва-қдур лия-л-хайра ҳайсу кона, сумма арзинӣ биҳи» (Бор Худоё, ҳамоно ман аз Ту ба илми Ту истихора мекунам; ва ба қудрати Ту аз Ту ҷӯяндаи нерӯям; ва талабгори фазли бузурги Ту; дарвоқеъ Ту Тавоноӣ ва ман нотаво-*

*нам; Ту Доноӣ ва ман нодонам. Ва Туӣ Донандаи ниҳонҳо. Бор Худоё, Ту медонӣ, агар ин кор барои ман, дини ман, рӯзгори ман ва оқибати кори ман – ё гуфт: барои ҳозиру ояндаи ман – хайру некфарҷом бошад, онро бароям тақдир кун, бароям осон гардон ва маро баракати бисёр дар он бибахш. Ва ҳам Ту медонӣ, агар ин кор барои ман, дини ман, рӯзгори ман ва оқибати кори ман – ё гуфт: барои ҳозиру ояндаи ман – шарру бадфарҷом бувад, пас онро аз ману маро аз он дур дор ва хайру некиро ҳар ҷо ки бошад, насиби ман гардону маро аз он хушнуд кун). (Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам), афзуд: «Ва бо ҳамин дуо ҳоҷати худ номбар кунад».*

**1167.** Ал-Маккӣ ибни Иброҳим ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Саъид, аз Омир ибни Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр, аз Амр ибни Сулайм аз-Зурақӣ, ки ӯ аз Абӯқатода ибни Рибъӣ ал-Ансорӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст, ки мегуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо ба масҷид дарояд, то ду ракъат намоз нахонад, нанишинад».*

**1168.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо (имоматӣ карда) ду ракъат намоз хонд, сипас бирафт».*

**1169.** Ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Солим ба ман хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду ракъат пеш аз намози пешин, ду ракъат баъди намози пешин, ду ракъат баъди намози ҷумъа, ду ракъат баъди намози шом ва ду ракъат баъди намози хуфтан намоз хондаам».*

**1170.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо хабар дода гуфт: Амр ибни Динор ба мо хабар дода гуфт: аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидам, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми хутба гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо вақти хутба хондани имом – ё баъди ба хутба баромадани ӯ – биёяд, бигузор ду ракъат намоз гузорад».*

**1171.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Сайф ба мо нақл карда гуфт: аз Муҷоҳид шунидаам, ки мегуфт: *«Шахсе назди Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба хонааш омаду гуфт: «Инак пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дохили Каъба*

*шуд». Гуфт: «Ман рӯ ба Каъба овардам, пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидам, ки баромадааст. Билолро дидам назди дар истодааст, гуфтам: «Эй Билол, оё пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Каъба намоз гузорид?» Гуфт: «Оре». Гуфтам: «Дар куҷо?» Гуфт: «Дар миёни ин ду сутун, баъди он баромаду рӯ ба ҷониби Каъба ду ракъат намоз гузорид».*

Ва Абӯабдуллоҳ гуфт: Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, маро васият кард, ки ду ракъат намози зуҳо хонам». Ва Итбон гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, баъди баланд шудани офтоб назди ман омаданд, мо аз пушти ӯ саф кашидем ва ӯ (имоматӣ карда) ду ракъат намоз гузорид».*

## (29) Боб. Андар гузоридани намози нафл баъди адои фарз

**1172.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Нофеъ ба ман хабар дод, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду ракъат пеш аз намози пешин, ду ракъат баъди намози пешин, ду ракъат баъди намози шом, ду ракъат баъди намози хуфтан ва ду ракъат баъди намози ҷумъа намоз хондаам. Лекин ӯ (суннатҳои намозҳои) шому хуфтанро дар хонааш ба ҷо меовард».* Ибни Абуззинод гуфт, аз Мӯсо ибни Уқба, аз Нофеъ: «(Суннати) баъди намози хуфтанро дар хонааш (мехонд)». (Дар ривояти ин ҳадис) Касир ибни Фарқад ва Айюб (ба Убайдуллоҳ) пайравӣ кардаанд, аз Нофеъ.

**1173.** (Ибни Умар афзуд:) Ва хоҳарам Ҳафса ба ман нақл кард: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди дамидани сапеда ду ракъат намози сабук мехонд ва он мавриде буд, ки ман дар он ҳаргиз назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намедаромадам».* (Дар ривояти ин ҳадис) Касир ибни Фарқад ва Айюб (ба Убайдуллоҳ) пайравӣ кардаанд, аз Нофеъ. Ва (ба иснодި дигар) Ибни Абуззинод гуфт, аз Мӯсо ибни Уқба, аз Нофеъ: *«(Суннати) баъди намози хуфтанро дар хонааш (мехонд)».*

## (30) Боб. Дар бораи касе, ки баъди

**адои намози фарз нафл нахонад**

**1174.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз Амр, ки гуфт: аз Абушшаъсо Ҷобир шунидам, ки гуфт: аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидам, ки гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳашт ракъат (пешину аср)-ро якҷоя ва ҳафт ракъат (шому хуфтан)-ро якҷоя хондам»*. Ман гуфтам: «Эй Абушшаъсо, мепиндорам, ки ӯ пешинро ба таъхир ва асрро ба таъҷил, хуфтанро ба таъҷил ва шомро ба таъхир андохта гузоридааст». Гуфт: «Ман низ ҳамчунин мепиндорам».

## (31) Боб. Адои намози зуҳо дар сафар

**1175.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Тавба, аз Муварриқ, ки гуфт: ба Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфтам: *«Оё намози зуҳо мехонӣ?» Гуфт: «Не». Гуфтам: «Умар чӣ?» Гуфт: «Не». Гуфтам: «Абӯбакр чӣ?» Гуфт: «Не». Гуфтам: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ?» Гуфт: «Гумон намекунам»*.

**1176.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Амр ибни Мурра ба мо нақл карда гуфт: аз Абдурраҳмон ибни Абӯлайло шунидаам, ки мегуфт: *«Ба ғайр аз Умм Ҳонӣ касе нақл накардааст, ки ӯ намози зуҳо хондани пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дида бошад». (Умм Ҳонӣ) гуфтааст: «Рӯзи фатҳи Макка пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба хонаи ман даромада ғусл кард ва ҳашт ракъат намоз хонд. Ман пеш аз ин ҳаргиз намозеро сабуктар аз он намози пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, надида будам, лекин ӯ ҳамаи рукӯъ ва суҷудро ба тамомӣ адо намуд»*.

## (32) Боб. Дар бораи касе, ки намози зуҳоро нахонад ва инро мубоҳ донад

**1177.** Одам ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Ман пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, надидаам, ки намози зуҳо хонда бошад, лекин ба ростӣ ки ман ин намозро мехонам»*.

## (33) Боб. Адои намози зуҳо дар ҳазар

*Инро Итбон ибни Молик гуфтааст, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

**1178.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо хабар дода гуфт: Аббос ал-Ҷурайрӣ, ки ӯ Ибни Фаррух аст, ба мо нақл кард, аз Абӯусмон ан-Наҳдӣ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Дӯстам ба ман се корро васият кардааст, ки ман то зиндаам, онҳоро тарк нахоҳам кард: ҳар моҳ се рӯз рӯза доштан; намози зуҳо хондан; ва баъди намози витр хоб рафтан».*

**1179.** Алӣ ибни ал-Ҷаъд ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо хабар дод, аз Анас ибни Сирин, ки гуфт: аз Анас ибни Молик ал-Ансорӣ шунидам, ки гуфт: ансорие, ки марди бузургҷусса буд, ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ман ҳамроҳи ту (дар масҷид) намоз хонда наметавонам». Пас ӯ барои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, таоме сохт ва ӯро ба манзилаш даъват кард. Ва барои ӯ гӯшаи бӯрёеро об зад ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар рӯи он бӯрё ду ракъат намоз хонд».*

Ва фалон ибни фалон ибни ал-Ҷоруд ба Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: *«Оё пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози зуҳо мехонд?» Гуфт: «Ғайри ҳамон рӯз дигар надидаам, ки ӯ ин намозро хонда бошад».*

## (34) Боб. Андар хондани ду ракъат намоз пеш аз (фарзи) пешин

**1180.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, даҳ ракъат намоз ҳифз кардаам: ду ракъат пеш аз намози пешин, ду ракъат баъди он, ду ракъат баъди намози шом дар хонаааш, ду ракъат баъди намози хуфтан дар хонаааш ва ду ракъат пеш аз намози бомдод – ва ин мавриде буд, ки касе назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам намедаромад».*

**1181.** Ҳафса ба ман нақл кард: *«Ҳар гоҳ ки муаззин азон мегуфту сапеда медамид, ду ракъат намоз мехонд».*

**1182.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз

Шуъба, аз Иброҳим ибни Муҳаммад ибни ал-Мунташир, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳаргиз чаҳор ракъат намози пеш аз пешин ва ду ракъат намози пеш аз бомдодро тарк намекард».*

(Дар ривояти ин ҳадис) Ибни Абӯадӣ ва Амр (ба Яҳё) пайравӣ кардаанд, аз Шуъба.

### (35) Боб. Андар хондани нофила пеш аз намози шом

**1183.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл кард, аз ал-Ҳусайн, аз Ибни Бурайда, ки гуфт: «Абдуллоҳ ал-Мазанӣ ба ман нақл кард, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки (се бор) гуфт: *«Пеш аз намози шом намоз хонед». Бори сеюм афзуд: «Ин барои касест, ки хоҳиш дошта бошад». Зеро ӯ нахост, ки мардум хондани он намозро суннат қарор диҳанд».*

**1184.** Абдуллоҳ ибни Язид ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Абӯайюб ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Абӯҳабиб ба ман нақл карда гуфт: аз Марсад ибни Абдуллоҳ ал-Язанӣ шунидам, ки гуфт: *назди Уқба ибни Омир ал-Ҷуҳанӣ рафтаму гуфтам: «Оё мехоҳӣ ба ту дар бораи Абӯтамим хабари тааҷҷубоваре гӯям? – Ӯ пеш аз намози шом ду ракъат намоз мехонад». Уқба гуфт: «Ба ростӣ ки мо дар аҳди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамчунин мекардем». Гуфтам: «Пас ҳоло чӣ туро аз адои он бозмедорад?» Гуфт: «Кору бор».*

### (36) Боб. Андар боҷамоат гузоридани намозҳои нафл

*Инро Анас ва Оиша, разия-л-Лоҳу анҳумо, зикр кардаанд, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

**1185.** Исҳоқ ба мо нақл кард: Яъқуб ибни Иброҳим ба мо хабар дод: падарам ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Маҳмуд ибни ар-Рабеъ ал-Ансорӣ ба ман хабар дод, *ки ӯ пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар хотир дорад ва ҳамчунин дар ёдаш ҳаст, ки ӯ як каф об аз чоҳи манзилаш ба даҳон гирифта, ба рӯи ӯ пуфкунон пошида буд.*

**1186.** Ва ҳамин Маҳмуд ба таъкид гуфтааст, ки ӯ аз Итбон ибни Молик ал-Ансорӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, *ки аз ҳамроҳони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҷанги Бадр буд – шунид, ки мегуфт: «Ман ба қавми худам дар (маҳаллаи)*

*банӣ Солим дар намозҳо имоматӣ мекардам. Ва дар миёни ману ин қавм водие буд, ҳар гоҳ, ки борон меборид, аз водӣ гузашта ба масҷиди онҳо рафтан барои ман душвор мегардид. Бинобар ин ҳузури пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омадаму гуфтам: «Ба ростӣ чашмам заиф шудааст ва ҳар гоҳ борон борад, водие, ки дар миёни ману қавми ман ҳаст, селроҳа мешавад ва гузаштан аз он барои ман басо душвор мегардад. Хоҳиш мекунам, ки ту омада дар ҷое аз манзили ман намоз гузорӣ ва ман он ҷойро намозгоҳ созам». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳамчунин хоҳам кард». Рӯзи дигар баъди баланд шудани офтоб, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, назди ман омаданд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои вориди хона шудан аз ман иҷозат пурсид. Ман иҷозат додам. Ӯ нанишасту гуфт: «Дар куҷои хонаат мехоҳӣ, ки ман намоз хонам?» Ман ба ӯ ҷоеро нишон додам, ки бароям дар он намоз хондан маъқул буд. Он гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба намоз истоду такбир гуфт. Мо аз пушти ӯ саф кашидем. Ӯ ду ракъат намоз хонд, сипас салом дод. Чун ӯ салом дод, мо низ салом додем. Ман ӯро барои тановули хазир (навъе аз шӯрбо, ки ба он орд ҳамроҳ кунанд) нигоҳ доштам, ки махсус барои ӯ пухта буданд. Аҳли маҳалла шуниданд, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар манзили ман аст. Мардони онҳо ба ин ҷо омаданд ва мардуми бисёре дар хона ҷамъ шуданд. Касе аз онҳо гуфт: «Моликро чӣ шудааст, ки намебинамаш?» Марди дигаре аз онҳо гуфт: «Ӯ мунофиқ аст, Худо ва пайғамбарашро дӯст намедорад». Он гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ин тавр нагӯ, оё нашунидаӣ, ки ӯ хушнудии Худоро талабида гуфт: «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» (Нест ҳеҷ маъбуде ҷуз Худо). Ӯ гуфт: «Худову пайғамбари Ӯ беҳтар донанд, лекин, ба Худо қасам, ҳеҷ гоҳ надидаем, ки ба ғайр аз мунофиқон бо касе дӯстӣ дошта ва сухан гуфта бошад». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Дарвоқеъ Худо касеро, ки ризояти Ӯро талабида «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» (Нест ҳеҷ маъбуде ҷуз Худо) гуфта бошад, барои оташи дӯзах ҳаром гардонидааст». Маҳмуд гуфт: «Ман ин воқеаро ба мардуми бисёр нақл кардам: ба Абӯайюб – саҳобаи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам – дар ҳамон ғазвае, ки дар он вафот кард; ба Язид ибни Муъовия – амири онҳо дар замини Рум. Абӯайюб он*

*суханони маро рад карду гуфт: «Валлоҳ, ҳеҷ гумон намекунам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ин суханон гуфта бошад». Чунин рад карданаш бар ман гарон афтод. Он гаҳ дар дилам ба Худо қасам ёд кардам: «Агар Худо маро дар паноҳаш нигоҳ дораду аз ин ғазва саломат баргардам, аз Итбон ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, дар ин бора суол хоҳам кард, албатта, ба шарте ки ӯро дар ҳамон масҷиди қавмаш дар қайди ҳаёт бибинам». Сипас баргаштам, ба нияти ҳаҷ – ё умра – эҳром бастам ва роҳӣ шудам, то ниҳоят ба Мадина расидам. Пас ба (маҳаллаи) банӣ Солим рафтам. Итбонро дидам, ки пири нобино гаштааст ва ба қавмаш (имоматӣ карда) намоз мехонад. Чун пас аз намоз салом дод, ман ба ӯ салом додам ва кӣ буданамро ба ӯ фаҳмондам. Сипас дар бораи ҳамон ҳадис аз ӯ суол кардам. Ӯ ин дафъа ҳам ҳадисро чун бори аввал биайниҳи нақл кард.*

## (37) Боб. Хондани намозҳои нафл дар хона

**1187.** Абдулаъло ибни Ҳаммод ба мо нақл кард: Вуҳайб ба мо нақл кард, аз Айюб ва Убайдуллоҳ, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Баъзе аз намозҳо(-и нафл)-ро дар хона хонед ва хонаҳоятонро шабеҳи қабристон нагардонед».* Ва (дар ривояти ин ҳадис) Абдулваҳҳоб (ба Вуҳайб) пайравӣ кардааст, аз Айюб.

# XX. КИТОБ АНДАР ФАЗИЛАТИ АДОИ НАМОЗ ДАР МАСҶИДҲОИ МАККА ВА МАДИНА

## (1) Боб. Андар фазилати адои намоз дар масҷидҳои Макка ва Мадина

**1188.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Абдулмалик ибни Умайр ба ман хабар дод, аз Қазаъа, ки гуфт: аз Абӯсаъид, разия-л-Лоҳу анҳу, чаҳор чиз шунидам, ки гуфт: «Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам». *Ва ӯ ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дувоздаҳ бор ғазо кардааст* (таҳвил).

**1189.** Ва (ба исноди дигар) Алӣ ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Саъид, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Маҳмил набояд барбаст, магар (барои сафар кардан) ба сӯи се масҷид: Масҷиду-л-Ҳаром, Масҷиду-р-расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва Масҷиду-л-Ақсо».*

**1190.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Зайд ибни Рабоҳ ва Убайдуллоҳ ибни Абӯабдуллоҳ ал-Ағарр, аз Абӯабдуллоҳ ал-Ағарр, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«(Савоби) як (ракъат) намоз дар Масҷиди ман бештар аз ҳазор (ракъат) намоз дар масҷиди дигар, ба ғайр аз Масҷиду-л-Ҳаром аст».*

## (2) Боб. Масҷиди Қубо

**1191.** Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл кард: Ибни Улайя ба мо нақл кард: Айюб ба мо хабар дод, аз Нофеъ: *«Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба ҷуз ду рӯз дигар намози зуҳо намехонд: рӯзе, ки ба Макка медаромад; ӯ одатан ба Макка вақти чоштгоҳ меомад ва Хонаро тавоф мекард, баъди он ду ракъат дар паси мақом(-и Иброҳим) намоз мехонд; ва рӯзе, ки ба масҷиди Қубо меомад – ӯ ҳар рӯзи шанбе ба он ҷо меомад – ва ҳангоми дохили масҷид шудан раво намедид, ки ду ракъат намоз нахонда аз он берун равад». (Нофеъ) гуфт: (Ибни Умар) нақл мекард, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пиёдаву савора ба зиёрат(-и масҷиди Қубо) мерафт».*

**1192.** Боз афзуд: (Ибни Умар) ба ӯ мегуфт: *«Ман корҳоро ончунон анҷом медиҳам, ки ёронам анҷом медоданд. Ва касеро аз он манъ намекунам, ки шабона ё рӯзона дар соати дилхоҳаш намоз гузорад, лекин шумо ҳангоми тулӯъ ва ғуруби офтоб қасди намоз хондан накунед».*

### (3) Боб. Дар бораи касе, ки ҳар рӯзи шанбе ба масҷиди Қубо ояд

**1193.** Мӯсо ибни Исмоил ба ман нақл карда гуфт: Абдулазиз ибни Муслим ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Динор, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳар рӯзи шанбе пиёдаву савора ба масҷиди Қубо меомад. Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, низ ҳамчунин мекард».*

### (4) Боб. Андар пиёда ва савора омадан ба масҷиди Қубо

**1194.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Нофеъ ба ман нақл кард, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, савора ва пиёда ба Қубо меомад».* Ибни Нумайр афзуд: Убайдуллоҳ ба мо нақл кард, аз Нофеъ: «Ва он ҷо ду ракъат намоз мегузорид».

### (5) Боб. Андар фазилати ҷои байни қабр ва минбари пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам

**1195.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр, аз Аббод ибни Тамим,

аз Абдуллоҳ ибни Зайд ал-Мозинӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дар байни хона ва минбари ман равзае аз равзаҳои ҷаннат воқеъ аст».*

**1196.** Мусаддад ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Хубайб ибни Абдурраҳмон ба ман нақл кард, аз Ҳафс ибни Осим, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Дар байни хона ва минбари ман равзае аз равзаҳои ҷаннат воқеъ аст ва минбар бар болои ҳавзам аст».*

### (6) Боб. Масҷиди Байтулмуқаддас

**1197.** Абулвалид ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард, аз Абдулмалик: аз Қазаъа – мавлои Зиёд, шунидам, ки гуфт: аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидам, *чаҳор чиз аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нақл карда мегуфт, ки ҳама бароям аҷибу шигарф буд: «Зан то он ки ҳамроҳи шавҳараш ё маҳраме набошад, ба сафари дурӯза набарояд; ва дар ду рӯз рӯза доштан раво нест: рӯзҳои иди Фитру иди Қурбон; ва баъди гузоридани ду намоз, адои намозе раво набувад: баъди намози бомдод то тулӯъ кардани офтоб ва баъди аср – то ғуруб кардани он; маҳмил баста нашавад, магар барои (сафар кардан) ба сӯи се масҷид: Масҷиду-л-Ҳаром, Масҷиду-л-Ақсо ва Масҷиди ман».*

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# XXI. КИТОБИ АМАЛ ДАР НАМОЗ

## (1) Боб. Андар (ҳукми) истифода аз даст дар коре, ки ба намоз тааллуқ дорад

Ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: «Равост, ки шахс ҳангоми намоз бо ёрии ҳар узви бадан кори дилхоҳашро анҷом диҳад». Ва Абӯисҳоқ ҳангоми адои намоз қалансуваашро ба сар гузошт ва онро аз сар бардошт. Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, дар намоз каф(-и дасти росташ)-ро ба банди дасти чапаш мегузошт, то ки ягон ҷои баданашро нахорад ё либосашро дуруст накунад.

**1198.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Махрама ибни Сулаймон, аз Курайб – мавлои ибни Аббос, ки ба ӯ хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, *ки ӯ шабе дар хонаи холааш Маймуна – модари мӯъминон, разия-л-Лоҳу анҳо, монда буд, гуфт: «Ман бар паҳнои болишт (сар монда) хоб рафтам ва пайғамбари Худо ва занаш бар дарозои он (сар гузошта) хобиданд. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, то ними шаб, ё каме пеш аз он, ё каме баъд аз он, бихуфт. Баъд пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бедор шуду бинишаст ва рӯяшро бо даст молида, худро ҳушёр кард, он гоҳ даҳ ояти хотимаи сураи «Оли Имрон»-ро қироат кард. Сипас бархосту назди машки овезон рафт ва аз он некӯ вузӯ кард. Он гаҳ ба намоз истод». Абдуллоҳ ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: «Ман ҳам бархостаму биайниҳи корҳои ӯро анҷом додам ва рафта дар паҳлӯяш истодам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дасти росташро ба сарам ниҳод ва гӯши ростамро бо дасташ тоб дод.*

*Пас ӯ ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат, боз ду ракъат ва баъд (як ракъат) намози витр хонд. Баъди он то наздаш омадани муаззин дар ҷогаҳ дароз кашид, пасон бархосту ду ракъати сабук намоз хонд. Он гоҳ берун омаду намози бомдод гузорид».*

## (2) Боб. Андар он чӣ аз калом, ки дар намоз наҳй шудааст

**1199.** Ибни Нумайр ба мо нақл карда гуфт: Ибни Фузайл ба мо нақл карда гуфт: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Иброҳим, аз Алқама, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки вай гуфт: *«Мо ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми адои намоз карданаш салом медодем, ӯ ба мо ҷавоби салом мегардонд. Вақте ки аз назди Наҷошӣ баргаштем ва ба ӯ салом додем, ба мо ҷавоби салом надоду (баъди адои намоз) гуфт: «Ба ростӣ, дар намоз шуғлҳоест (бузург, ки ҷуз он набояд кардан)».*

Ибни Нумайр ба мо нақл кард: Исҳоқ ибни Мансур ба мо нақл кард: Ҳурайм ибни Суфён (ҳадисе) монанди инро ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Иброҳим, аз Алқама, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

**1200.** Иброҳим ибни Мӯсо ба мо нақл кард: Исо ба мо хабар дод, аз Исмоил, аз ал-Ҳорис ибни Шубайл, аз Абӯамр аш-Шайбонӣ, ки гуфт: Зайд ибни Арқам ба ман гуфт: *«Дар замони зиндагии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мо ҳангоми адои намоз сухан мегуфтем, баъзеи мо ба ёри ҳампаҳлӯи худ аз ҳоҷату кору бораш нақл мекард. Чун ояти «Ҳофизу ала-с-салавот...» (2:238) (Намозҳоро нигаҳдорӣ кунед) – то охири оят – нозил шуд, ба мо фармуданд, ки (дар намоз) сукут варзем».*

## (3) Боб. Андар он чӣ аз тасбеҳ ва ҳамд, ки барои мардон дар намоз ҷоиз аст

**1201.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард: Абдулазиз ибни Абӯҳозим ба мо нақл кард, аз падараш, аз Саҳл, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои сулҳ кардан миёни (аҳли қабилаи) банӣ Амр ибни Авф баромад ва вақти намоз фаро расид. Билол назди Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳумо, омаду гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва*

*саллам, (дар ин кор) банд шуд, оё ту ба мардум имоматӣ мекунӣ?» Гуфт: «Оре, агар шумо хоҳед». Билол ба намоз иқомат гуфт. Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, пеш гузашту намоз гузорид. Дар ин ҳангом пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад ва аз миёни сафҳо ба худ роҳ кушода қадам зад, то дар сафи якум рафта истод. Мардум ба кафкӯбӣ даромаданд. – Саҳл гуфт: «Оё медонед, ки «тасфеҳ» (кафкӯбӣ) чист? Он «тасфиқ» (чапакзанӣ) аст». – Аммо Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, ҳангоми намоз хондан ба гӯшаи чашм нигоҳ намекард. Ва чун дароз кафкӯбӣ карданд, ба гӯшаи чашм нигарист ва дид, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар саф аст. Ӯ ба Абӯбакр ишорат кард: «Дар ҷоят бош!» Он гоҳ Абӯбакр ду даст бардошта Худоро сипосу ситоиш хонд, баъд пуштнокӣ ақиб гашт. Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш гузашту намоз гузорид».*

### (4) Боб. Дар бораи касе, ки дар намоз надониста қавмеро номбар кунад ё ба каси дигар рӯй оварда салом диҳад

**1202.** Амр ибни Исо ба мо нақл кард: Абӯабдуссамад Абдулазиз ибни Абдуссамад ба мо нақл кард: Ҳусайн ибни Абдурраҳмон ба мо нақл кард: аз Абӯвоил, аз Абдуллоҳ ибни Масъуд, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Мо дар намоз дуруд мегуфтем, номҳо ба забон меовардем ва ба якдигар салом медодем. Он гоҳ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, инро шунида гуфт: «Бигӯед: «Ат-таҳийёту ли-л-Лоҳи ва-с-салавоту ва-т-таййибот. Ас-салому алайка айюҳо-н-набийю ва раҳмату-л-Лоҳи ва баракотуҳу, ас-салому алайно ва ало ибоди-л-Лоҳи-с-солиҳин. Ашҳаду ан ло илоҳа илло-л-Лоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ» (Дуруду ниёиш ва некӯиҳо ҳама аз они Худост. Эй пайғамбар, салом, раҳмати Худо ва баракоти Ӯ бар ту бод. Салом бар мо ва бар бандагони неки Худо бод. Гувоҳӣ медиҳам, ки нест ҳеҷ маъбуде ҷуз Худо ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад бандаву пайғамбари Ӯст). Ва ҳар гоҳ шумо чунин гӯед, дарвоқеъ ба ҳар як бандаи неки Худо дар осмону замин салом мефиристед».*

### (5) Боб. (Ҳангоми намоз) кафкӯбӣ занонро (равост)

**1203.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Тасбеҳ гуфтан мардонро ва кафкӯбӣ занонрост».* (Барои огоҳонидани имом ё ҷалби диққати ӯ ҳангоми адои намоз).

**1204.** Яҳё ба мо нақл кард: Вакеъ ба мо хабар дод, аз Суфён, аз Абӯҳозим, аз Саҳл ибни Саъд, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Тасбеҳ гуфтан мардонро ва кафкӯбӣ занонрост».*

## (6) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми намоз ба сабаби кори пешомадае пуштнокӣ ақиб равад ё (аз саф) пеш барояд

Ин (ҳадис)-ро Саҳл ибни Саъд ривоят кардааст, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

**1205.** Бишр ибни Муҳаммад ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: Юнус гуфт: аз-Зуҳрӣ гуфт: Анас ибни Молик ба ман хабар дод: *«Дар он ҳангом, ки мусулмонон рӯзи душанбе дар намози бомдод истода буданд ва Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, ба онҳо имоматӣ мекард, ногоҳ пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пардаи ҳуҷраи Оишаро, разия-л-Лоҳу анҳо, кушода, назди намозхонҳо баромад. Ба онҳо нигарист, ки дар сафҳо истодаанд, пас хушҳолона табассум кард. Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, ба гумони ин ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба гузоридани намоз баромаданист ва (барои ҷои имомро холӣ кардан) пуштнокӣ ақиб рафт. Ва мусулмонон ҳангоми дидани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мафтун шуда, аз шодӣ хостанд намозро вайрон кунанд. Ӯ бо дасташ ишора кард, ки намозро ба итмом расонанд. Пас ба ҳуҷра даромаду пардаро сар дод. Ва ҳамон рӯз вафот кард».*

## (7) Боб. Фарзандро ҳангоми намоз хонданаш бонг кардани модар

**1206.** Ал-Лайс гуфт: Ҷаъфар ба ман нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни Ҳурмуз, ки гуфт: Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Зане фарзандашро, ки дар савмаа буд, бонг карду гуфт: «Эй Ҷурайҷ!» Ӯ гуфт: «Бор Худоё, (ин) модарам ва (ин) намо-*

*зам (чӣ кунам)?» Модар гуфт: «Эй Ҷурайҷ!» Гуфт: «Бор Худоё, (ин) модарам ва (ин) намозам (чӣ кунам)?» Модар гуфт: «Эй Ҷурайҷ!» Гуфт: «Бор Худоё, (ин) модарам ва ин намозам (чӣ кунам)?» Модар гуфт: «Бор Худоё, Ҷурайҷ то рӯи фоҳишаҳоро набинад, ҷонаш набарояд». Чӯпонзане рамаи гӯсфандонашро чаронида, гоҳ-гоҳ ба ин савмаа меомад. Ин зан бачае зоид. Аз ӯ пурсиданд: «Ин бача аз кист?» Гуфт: «Аз Ҷурайҷ, ӯ боре аз савмааи худ берун омада буд». Ҷурайҷ гуфт: «Он зан, ки даъво дорад бачааш аз ман аст, куҷост?» Пас (ба кӯдак рӯ оварда) гуфт: «Эй Бобус (кӯдак), падари ту кист?» Гуфт: «Чӯпони гӯсфандон».*

## (8) Боб. Ҳангоми намоз аз сангреза пок кардан(-и саҷдагоҳ)

**1207.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Шайбон ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Абӯсалама, ки гуфт: Муъайқиб ба ман нақл кард: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи шахсе, ки хоки саҷдагоҳашро ҳамвор мекард, сухан ронд ва гуфт: «Агар ҳамин корро карданӣ бошӣ, як бор кофист».*

## (9) Боб. Ҳангоми намоз густурдани ҷома барои саҷда

**1208.** Мусаддад ба мо нақл кард: Бишр ба мо нақл кард: Ғолиб ба мо нақл кард, аз Бакр ибни Абдуллоҳ, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар шиддати гармо намоз мехондем. Ҳар гоҳ касе аз мо (аз гармӣ) рӯй ба замин монда натавонад, ҷомаи худро густурда бар он саҷда мекард».*

## (10) Боб. Андар он амалҳое, ки дар намоз ҷоиз аст

**1209.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл кард: Молик ба мо нақл кард, аз Абунназр, аз Абӯсалама, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Дар он ҳангом, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонд, ман поямро ба саҷдагоҳи ӯ дароз мекардам. Ва чун ӯ ба саҷда рафтанӣ мешуд, ба ман даст мерасонд, ман поямро мекашидам; ва чун мехест, боз дароз мекардам».*

**1210.** Маҳмуд ба мо нақл кард: Шабоба ба мо нақл кард,

Шуъба ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни Зиёд, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, *аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ӯ намоз ба ҷо оварду гуфт: «(Ҳангоми намоз) Шайтон ба ман падидор гашт ва бар ман даровехт, то намозамро қатъ кунад. Бо мадади Худо маро муяссар гашт, ки аз гулӯяш гирифта хафа кунамаш. Хостам ӯро ба сутуни масҷид баста монам, то ки вақти бомдод шумо омада бибинедаш, вале суханони Сулаймонро, алайҳи-с-салом, ба ёд овардам: «Эй Парвардигори ман, ба ман он подшоҳиеро ато кун, ки ғайр аз ман ба ҳеҷ кас муяссар нагардад» (38:35). Худо Шайтонро хору забун бозгардонд».*

Сипас ан-Назр ибни Шумайл гуфт: «Фазаъаттуҳу – бо «зол» аст, яъне «ӯро хафа кардан» аст; ва низ «фадаъъаттуҳу» омадааст, аз суханони Худо: «Явма юдаъъуна» (52:13) (рӯзе, ки равон карда шаванд), яъне «такон дода равон карда шаванд»; ва дурусташ «фа даъаттуҳу» аст, вале Шуъба ҳамин тавр гуфтааст: бо ташдиди «айн» ва «то».

## (11) Боб. Ҳангоми намоз агар ҳайвони саворӣ худро раҳо кунад (чӣ бояд кард)?

*Ва Қатода гуфт: «Ҳангоми намоз агар ҷомаи намозхонро бирабоянд, намозро қатъ карда аз паи дузд равад».*

**1211.** Одам ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: ал-Азрақ ибни Қайс ба мо нақл карда гуфт: *«Мо дар Аҳвоз бо ҳаруриҳо (хавориҷ) ҷанг мекардем. Ҳангоми дар лаби оббурдаи рӯд истоданам мардеро дидам, ки намоз мехонд ва лаҷоми чаҳорпояш дар дасташ буд. Ва чаҳорпо ӯро мекашид ва ӯ аз паи чаҳорпо мерафт». – Шуъба гуфт: «Он мард Абӯбарза ал-Асламӣ буд». – Пас марде аз хавориҷ (инро дида) гуфт: «Бор Худоё, ба сари ин мӯйсафед балое бифирист». Ва чун мӯйсафед аз намоз берун шуд, гуфт: «Ба ростӣ ман суханони шуморо шунидам ва ман дар шаш ё ҳафт, ё ҳашт ғазо ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будам ва шоҳидам, ки ӯ намозгузориро ба мардум осон мекард. Барои ман маъқул аст, ки бо чаҳорпоям баргардам, нисбат ба он ки онро сар диҳам, то ба тавилааш баргардад ва корро бароям душвор гардонад».*

**1212.** Муҳаммад ибни Муқотил ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Урва, ки гуфт: Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: *«Офтоб хусуф намуд,*

*пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба намоз истоду сураи дароз қироат кард. Баъди он дароз ба рукӯъ рафт, пасон сар бардошт, он гоҳ ба қироати сураи дигар оғоз кард. Он гоҳ ба рукӯъ рафт ва онро ба итмом расонид ва саҷда кард. Баъд ҳамаи ин корҳоро дар ракъати дуюм айнан анҷом дод. Пасон гуфт: «Ба ростӣ ки ин ду (Офтобу Моҳ) ду нишона аз нишонаҳои Худоанд ва ҳар гоҳ гирифтани онҳоро бибинед, то аз хусуф баромадани онҳо намоз хонед. Ба ростӣ, ман дар ҳамин ҷои истодаам тамоми чизҳоеро, ки ба ман ваъда кардаанд, дидам – ҳатто (ҷаннатро) дидам ва хостам аз он як сар ангур гирам – ва ин ҳамон лаҳзае буд, ки шумо ба пеш қадам мондани маро мушоҳида мекардед. Ва ба ростӣ, ҳамчунин дӯзахро дидам, ки аҷзои он якдигарро аз ҳам шикаста вайрон мекунанд – ва ин ҳамон лаҳзае буд, ки шумо каме ба ақиб рафтани маро мушоҳида мекардед. Ва дар дӯзах Амр ибни Луҳайро дидам ва ӯ ҳамон шахсе буд, ки шутурҳоро соиба мекард (яъне назри бутон карда раҳо мекард).*

## (12) Боб. Ҳангоми намоз он чӣ аз оби даҳон афкандан ва дамидан ҷоиз аст

*Ва аз Абдуллоҳ ибни Амр зикр кардаанд: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар адои намози кусуф, ҳангоми саҷда бидамид».*

**1213.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл кард: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид, ки дар девори ҷониби қиблаи масҷид балғам афкандаанд, ба аҳли масҷид хашм гирифту гуфт: «Ба ростӣ ки Худо дар рӯ ба рӯи ҳар яки шумост ва ҳар кӣ дар намоз бошад, оби даҳон наафканад – ё гуфт – балғам наафканад». Сипас фуруд омаду он ҷойро (аз балғам) бо дасташ пок кард».*

Ва Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: «Ҳар кӣ аз шумо оби даҳон афканданӣ шавад, бигузор ба тарафи чап афканад».

**1214.** Муҳаммад ба мо нақл кард: Ғундар ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: аз Қатода шунидам, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ касе дар намоз бошад, ба Парвардигораш муноҷот кунад; бинобар ин набояд ба пеши худ ё тарафи рости худ оби даҳон афканад,*

*балки ба тарафи чап, зери пои чап оби даҳон афканад».*

## (13) Боб. Ҳар кӣ аз мардон ҳангоми намоз надониста кафкӯбӣ кунад, намозаш фосид нашавад

*Инро Саҳл ибни Саъд, разия-л-Лоҳу анҳу, (нақл кардааст) аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

## (14) Боб. Чун ба намозхон гуфта шавад: «пеш гузар» – ё «мунтазир шав» – боке нест, агар мунтазир шавад

**1215.** Муҳаммад ибни Касир ба мо нақл кард: Суфён ба мо хабар дод, аз Абӯҳозим, аз Саҳл ибни Саъд, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: *«Мардуме, ки ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз мехонданд, изорашонро ба сабаби хурд будан (мисли ридо) ба гарданашон мебастанд. Ва ба занон фармуданд, ки то мардҳо дар ҷалса рост нашаванд, сар (аз саҷда) набардоранд».*

## (15) Боб. Ҳангоми намоз шахс ҷавоби салом надиҳад

**1216.** Абдуллоҳ ибни Абӯшайба ба мо нақл карда гуфт: Ибни Фузайл ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Иброҳим, аз Алқама, аз Абдуллоҳ, ки гуфт: *«Ман ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми дар намоз буданаш салом медодам, ӯ ба ман ҷавоби салом мегардонд. Вақте ки (аз Ҳабаша) баргаштем, ба ӯ салом додам, ӯ ба ман ҷавоби салом нагардонду (баъди адои намоз) гуфт: «Ба ростӣ, дар намоз шуғлҳоест (бузург, ки ҷуз он набояд кардан)».*

**1217.** Абӯмаъмар ба мо нақл карда гуфт: Абдулворис ба мо нақл кард: Касир ибни Шинзир ба мо нақл кард, аз Ато ибни Абӯрабоҳ, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, маро барои анҷом додани кори худаш фиристод. Ман баромадам, баъди иҷрои он кор баргаштам ва назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омада ба ӯ салом додам. Ӯ ба ман ҷавоби салом нагардонд. Ин ҳол ба дили ман ба қадре гарон афтод, ки онро Худо медонаду бас. Ба худ гуфтам: «Шояд пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, «фармудаамро дер анҷом дод» гуфта аз ман ранҷида бошад. Боз ба ӯ салом*

*додам, ӯ ҷавоби салом нагардонд. Ин ҳол ба дилам гаронтар аз бори аввал афтод. Сипас боз ба ӯ салом додам, ӯ ба ман ҷавоби салом баргардонду гуфт: «Ягона чизе, ки ба баргардондани ҷавоби саломат маро монеъ гардид, намоз хондани ман буд». Ӯ дар болои шутури худ рӯ ба ҷониби ғайри қибла менишаст».*

## (16) Боб. Андар бардоштани дастон ҳангоми намоз аз рӯи зарурате

**1218.** Қутайба ба мо нақл кард: Абдулазиз ба мо нақл кард, аз Абӯҳозим, аз Саҳл ибни Саъд, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хабар расид, ки дар байни (қабилаи) банӣ Амр ибни Авф дар Қубо мухолифате ба вуқӯъ омад. Ӯ бо чанде аз ёронаш барои устувор кардани сулҳ дар миёни онҳо ба он ҷо баромад. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ин кор банд шуд ва вақти намоз фаро расид. Билол назди Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳумо, омаду гуфт: «Эй Абӯбакр, ба ростӣ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, банд аст ва вақти намоз фаро расид. Оё ту ба мардум имоматӣ мекунӣ?» Гуфт: «Оре, агар ту хоҳӣ». Пас Билол ба намоз иқомат гуфт. Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, барои мардум пеш даромада такбир(-и таҳрима) гуфт. Дар ин вақт пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад ва аз миёни сафҳо ба худ роҳ кушода қадам зад, то дар саф(-и якум) рафта истод. Мардум ба кафкӯбӣ даромаданд». Саҳл гуфт: «Кафкӯбӣ» чапакзанӣ аст». Боз гуфт: «Аммо Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, ҳангоми намоз хондан ҳеҷ гоҳ ба гӯшаи чашм наменигарист. Чун мардум дароз кафкӯбӣ карданд, ба гӯшаи чашм нигарист ва пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид. Ӯ ба Абӯбакр ишора карду фармуд, ки намозро гузорад. Пас Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, ду даст бардошту Худоро ситосу ситоиш кард, баъд пуштнокӣ ба ақиб гашта дар саф истод. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш гузашту ба мардум имоматӣ карда намозро гузорид. Чун аз намоз фориғ шуд, ба мардум рӯй овард: «Эй мардум, шуморо чӣ шуд, ки чун дар намоз чизе пеш омад, ба кафкӯбӣ даромадед. Кафкӯбӣ кори занон аст. Ҳар кӣ дар намозаш чизе пеш ояд, бояд гӯяд: «Субҳона-л-Лоҳ». Баъд ба Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу рӯй оварду гуфт: «Эй Абӯбакр, вақте ки ба ту ишорат кардам, чӣ чиз туро монеъ шуд, ки ба мардум*

*имоматӣ карда намоз нагузоридӣ?» Абӯбакр гуфт: «Ба писари Абӯқуҳофа насазад, ки пеши пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, истода намоз хонад».*

## (17) Боб. (Ҳукми) дар намоз даст бар тиҳигоҳ ниҳодан

**1219.** Абуннӯъмон ба мо нақл кард: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Муҳаммад, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Дар вақти намоз даст бар тиҳигоҳ гузоштан наҳй шудааст».* Ва (ба исноди дигар) Ҳишом ва Абӯҳилол гуфтанд, аз Ибни Сирин, аз Абӯҳурайра, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

**1220.** Амр ибни Алӣ ба мо нақл кард: Яҳё ба мо нақл кард: Ҳишом ба мо нақл кард: Муҳаммад ба мо нақл кард, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Манъ аст, ки шахс дастҳо бар тиҳигоҳ гузошта намоз хонад».*

## (18) Боб. Ҳангоми намоз дар бораи чизе дигар фикр кардани шахс

*Ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳу гуфт: «Ба ростӣ ки ман дар вақти адои намоз андешаи таҷҳизи сипоҳ мекунам».*

**1221.** Исҳоқ ибни Мансур ба мо нақл кард: Равҳ ба мо нақл кард: Умар, ки Ибни Саъид аст, гуфт: Ибни Абӯмулайка ба ман хабар дод, аз Уқба ибни ал-Ҳорис, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Боре ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози аср хондам. Вақте ки ӯ салом дод, зуд бархосту ба хонаи яке аз занҳояш даромад. Баъдан берун баромад ва дар ваҷоҳати мардум аз шитоби худ тааҷҷубро мушоҳида карда гуфт: «Ҳангоми намоз тиллое ба ёдам омад, ки дар хонаи мо буд. Ман нахостам ҳамин бегоҳ – ё имшаб – дар хонаи мо монад, рафта фармудам, ки онро тақсим кунанд».*

**1222.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Ҷаъфар, аз ал-Аъраҷ, ки гуфт: Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳамин ки азони намоз гуфта мешавад, Шайтон пуштнокӣ меравад ва аз пасаш бодҳо сар медиҳад, то ки овози азонро нашунавад; ва чун муаззин хомӯш гардад, пеш меояд. Ва вақте ки иқомат гуфта мешавад, боз пуштнокӣ меравад ва чун иқоматгӯ хомӯш гардид, боз пеш меояд. Ва ба намозхон дармео-*

*везад ва ба ӯ талқин мекунад чизҳоеро ба ёд оварад, ки ҳаргиз дар ёди ӯ набудааст, то (кор ба ҷое мерасад) ки намозхон чанд ракъат намоз хонданашро намедонад».* Абӯсалама ибни Абдурраҳмон гуфт: «Ҳар гоҳ касе аз шумо чунин кунад, дар вазъи нишаста ду саҷда кунад». Инро Абӯсалама аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст.

**1223.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл кард: Усмон ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯзиъб ба ман хабар дод, аз Саъид ал-Мақбурӣ, ки гуфт: Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: *«Мардум гӯянд: Абӯҳурайра (аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) ҳадиси бисёре нақл мекунад». Ман мардеро вохӯрдам ва аз ӯ пурсидам: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дишаб дар намози хуфтан чиро қироат кард?» Гуфт: «Намедонам». Гуфтам: «Оё дар намоз ҳозир набудӣ?» Гуфт: «Ҳозир будам». Гуфтам: «Лекин ман медонам, ӯ фалону фалон сураро қироат кард».*

# XXII. КИТОБИ САҲВ

## (1) Боб. Он чӣ дар бораи саҳв омадааст: агар намозхон баъди ракъати дуюми намози фарз нанишаста аз ҷой хезад

**1224.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ибни Анас ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Абдурраҳмон ал-Аъраҷ, аз Абдуллоҳ ибни Буҳайна, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз намозҳо(-и фарз) якеро ба мо (имоматӣ карда) ду ракъат хонд. Пас нанишаста аз ҷой бархест. Мардум ҳамроҳи ӯ бархестанд. Ва чун намозро ба охир расониду мо мунтазири салом доданаш шудем, ӯ дар ҳамон вазъи нишаста пеш аз салом додан такбир гуфт ва ду саҷда кард. Баъди он салом дод».*

**1225.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо хабар дод, аз Яҳё ибни Саъид, аз Абдурраҳмон ал-Аъраҷ, аз Абдуллоҳ ибни Буҳайна, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ба ростӣ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду ракъат намози пешин хонда аз ҷой бархост ва дар байни онҳо (яъне ду ракъати аввал ва ду ракъати сонӣ) нанишаст. Ва чун намозро ба охир расонид, ду саҷда кард. Баъди он салом дод».*

## (2) Боб. Агар (ба ҷои чаҳор ракъат) панҷ ракъат хонад (ҳукмаш чист)?

**1226.** Абулвалид ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Ҳакам, аз Иброҳим, аз Алқама, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намози*

*пешинро панҷ ракъат хонд. Аз ӯ пурсиданд: «Оё ба намоз чизе афзуда шуд?» Ӯ гуфт: «Яъне чӣ?» Гуфт: «Панҷ ракъат намоз хондӣ». Пас ӯ, баъди он ки салом дода буд, ду саҷда кард».*

## (3) Боб. Ҳар гоҳ шахс баъди ду ё се ракъат салом диҳад, мисли саҷдаи намоз ё дарозтар аз он ду саҷда кунад

**1227.** Одам ба мо нақл кард, Шуъба ба мо нақл кард, аз Саъд ибни Иброҳим, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо (имоматӣ карда) намози пешин – ё асрро – гузорид, пас салом дод. Зулядайн ба ӯ гуфт: «Эй пайғамбари Худо, оё чизе аз намоз кам карда шуд?» Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ёрони худ гуфт: «Оё он чӣ мегӯяд, рост аст?» Гуфтанд: «Оре». Пас ду ракъати дигар хонду баъд ду саҷда кард». Саъд гуфт: «Ман Урва ибни аз-Зубайрро дидаам, ки аз намози шом ду ракъат хонд ва салом доду сухан гуфт, сипас бақияи намозро ба ҷо овард ва ду саҷда карду гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамчунин мекард».*

## (4) Боб. Дар бораи касе, ки баъди ду саҷдаи саҳв ташаҳҳуд (ат-таҳийёт) нахонад

Ва Анасу ал-Ҳасан салом доданду ташаҳҳуд нахонданд. Ва Қатода гуфт: «Ташаҳҳуд нахонанд».

**1228.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард: Молик ибни Анас ба мо хабар дод, аз Айюб ибни Абӯтамима ас-Сахтиёнӣ, аз Муҳаммад ибни Сирин, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, баъди хондани ду ракъат аз намоз берун шуд. Зулядайн ба ӯ гуфт: «Эй пайғамбари Худо, оё намозро қаср намудӣ ё фаромӯш кардӣ?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (пурсид:) «Рост мегӯяд?» Мардум гуфтанд: «Оре». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бархосту ду ракъати дигар хонд, баъди он салом дод, сипас такбир гуфт ва монанди саҷдаҳояш ё дарозтар аз он саҷда кард. Ва он гаҳ сар бардошт».*

Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл кард: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Салама ибни Алқама, ки гуфт: «Ба Муҳаммад (ибни Сирин) гуфтам: «Оё баъди ду саҷдаи саҳв ташаҳҳуд ҳаст?» Гуфт:

«Дар ҳадиси Абӯҳурайра нест».

## (5) Боб. Дар бораи касе, ки дар ду саҷдаи саҳв такбир гӯяд

**1229.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл карда гуфт: Язид ибни Иброҳим ба мо нақл кард, аз Муҳаммад, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, яке аз ду намози ашӣ (пешину аср)-ро – Муҳаммад гуфт: «Ба эҳтимоли қавӣ асрро – имоматӣ карда ду ракъат хонд. Баъди он салом дод ва назди чӯбе, ки дар пешгоҳи масҷид буд, рафт ва даст ба он чӯб ниҳод. Абӯбакру Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, дар байни ҳозирин буданд, ҷуръат накарданд, ки ба ӯ дар ин бора гӯянд. Мардум бошитоб берун омаданду гуфтанд: «Оё намоз қаср шуд?» Марде он ҷо буд, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ӯро «Зулядайн» (Дудаст) мехонд, гуфт: «Оё фаромӯш кардӣ ё худ (бо амри Худо) кӯтоҳ шуд?» Гуфт: «На ман фаромӯш кардам ва на (бо амри Худо) кӯтоҳ шудааст». (Зулядайн) гуфт: «Балки ту фаромӯш кардӣ». Пас ӯ боз ду ракъат намоз гузорид, баъди он салом дод, пасон такбир гуфт ва чун саҷдаҳои ҳарвақтааш ё дарозтар аз он саҷда кард, баъд сар бардошту такбир гуфт, боз сарашро гузошту такбир гуфт ва ба қадри саҷдаҳои ҳарвақтааш ё дарозтар аз он саҷда кард, боз сар бардошту такбир гуфт».*

**1230.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Лайс ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз ал-Аъраҷ, аз Абдуллоҳ ибни Буҳайна ал-Асадӣ – ҳампаймони банӣ Абдулмутталиб: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми адои намози пешин аз ҷой бархост, вале бояд менишаст. Ва чун намозро ба итмом расонид, дар ҳамон вазъи нишаста пеш аз салом додан ду саҷда кард ва дар ҳар саҷда такбир гуфт. Мардум низ ҳамроҳи ӯ ду саҷда карданд, ин саҷдаҳо ба ҷои он нишастане буданд, ки ӯ фаромӯш кард».*

Дар (ривояти фиқраи «дар ҳар саҷда) такбир гуфт» Ибни Ҷурайҷ (ба Лайс) пайравӣ кардааст, аз Ибни Шиҳоб.

## (6) Боб. Агар шахс чанд – се ё чаҳор – ракъат хонданашро надонад, дар ҳамон вазъи нишаста ду саҷда кунад

**1231.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл кард: Ҳишом ибни

Абӯабдуллоҳ ад-Даставоӣ ба мо нақл кард, аз Яҳё ибни Абӯкасир, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Вақте ки азони намоз гуфта мешавад, Шайтон пуштнокӣ меравад ва аз пас бодҳо сар медиҳад, то овози азонро нашунавад ва чун гуфтани азон ба охир расад, пеш меояд. Ва вақте ки ба намоз иқомат гуфта шавад, боз пуштнокӣ меравад ва чун гуфтани иқомат ба охир расад, боз пеш ояд ва дар байни намозхон ва дили ӯ истода мегӯяд: «Фалону фалон чизҳоро ба ёд биёр!» – чизҳое, ки ҳаргиз дар ёди он мард набуданд. (Коре мекунад, ки) намозхон ҳатто чанд ракъат намоз хонданро ҳам фаромӯш мекунад. Ва ҳар гоҳ касе аз шумо надонад, ки чанд – се ё чаҳор – ракъат намоз хондааст, дар ҳамон вазъи нишаста ду саҷда кунад».*

### (7) Боб. (Ҳукми) саҳв дар намози фарз ва нафл

*Ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, баъди витр хондан ду саҷда кард.*

**1232.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ростӣ ҳар гоҳ касе аз шумо ба намоз истад, Шайтон омада ӯро то ҷое дар шубҳа меафканад, ки чанд ракъат намоз хонданашро намедонад. Ва ҳар гоҳ касе аз шумо ба ин ҳол афтад, бигузор дар ҳамон вазъи нишаста ду саҷда кунад».*

### (8) Боб. Агар ба касе ҳангоми намоз сухан гӯянд, ӯ бо дасташ ишора кунад ва гӯш ба он сухан ниҳад

**1233.** Яҳё ибни Сулаймон ба мо нақл карда гуфт: Ибни Ваҳб ба ман нақл карда гуфт: Амр ба ман хабар дод, аз Букайр, аз Курайб, ки Ибни Аббос, ал-Мисвар ибни Махрама ва Абдурраҳмон ибни Азҳар, разия-л-Лоҳу анҳум, ӯро сӯи Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, фиристоданду гуфтанд: *«Аз ҳамаи мо ба ӯ салом расон ва аз ӯ дар бораи сабаби баъди намози аср хондани ду ракъат намоз суол кун ва ба ӯ бигӯ: «Мо шунидаем, ки ту ин ду ракъатро ба ҷо меорӣ, лекин ба мо хабар расидааст, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хондани онро манъ карда буд».* Ва Ибни Аббос афзуд: *«Ман ҳамроҳи Умар ибни ал-Хаттоб, касонеро, ки ин ду*

*ракъатро ба ҷо меовsecurityанд, чӯб мезадам».* Курайб гуфт: «Назди Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, даромадам *ва ба ӯ ҳар чиро, ки бо он маро фиристода буданд, расонидам». Ӯ гуфт: «Аз Умм Салама пурс!» Ман баромада назди онҳо рафтам ва суханони Оишаро расонидам. Онҳо маро бо ҳамон суолҳое, ки сӯи Оиша фиристода буданд, акнун назди Умм Салама фиристоданд. Умм Салама, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: «Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки хондани ин ду ракъатро манъ мекард, лекин баъд боре дидам, ки худи ӯ он ду ракъатро ҳангоме ба ҷо меовард, ки намози асрро гузорида сипас ба хонаи ман даромада буд ва гурӯҳи занони ансории (қабилаи) банӣ Ҳаром дар хонаи ман буданд. Ман канизакеро назди ӯ фиристодаму гуфтам: «Рафта дар паҳлӯяш биист ва ба ӯ бигӯ: Умм Салама ба ту мегӯяд: «Эй пайғамбари Худо, шунидам, ки ту хондани ин ду ракъатро манъ кардаӣ, ҳоло мебинам, ки худ онро ба ҷо меорӣ». Ва агар бо даст ишорае кунад, ту каме аз ӯ ақибтар рафта ист». Он канизак ҳамчунин кард. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо дасташ ишора кард, канизак аз ӯ ақибтар рафта истод. Ва чун аз намоз берун шуд, гуфт: «Эй духтари Абӯумайя, дар бораи ду ракъати баъди намози аср суол кардӣ. Асли воқеа чунин аст, ки мардуме аз қабилаи Абдулқайс наздам омада маро машғул доштанд ва ду ракъати баъди намози пешинро хонда натавонистам. Ин намоз ҳамон ду ракъат аст».*

### (9) Боб. Андар ишора кардан ҳангоми адои намоз

*Ин (ҳадис)-ро Курайб гуфтааст, аз Умм Салама, разия-л-Лоҳу анҳо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.*

**1234.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл кард: Яъқуб ибни Абдурраҳмон ба мо нақл кард, аз Абӯҳозим, аз Саҳл ибни Саъд ас-Соъидӣ, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чунин хабар расид, ки дар миёни (қабилаи) банӣ Амр ибни Авф мухолифате рух додааст. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо чанд нафар барои ба сулҳ овардани онҳо он ҷо рафт. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ин кор банд шуд ва вақти намоз фаро расид. Билол назди Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, омаду гуфт: «Эй Абӯбакр, ба ростӣ пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, банд шуд ва вақти намоз фаро расидааст, оё*

*ту ба мардум имоматӣ мекунӣ?» Гуфт: «Оре, агар ту хоҳӣ». Пас Билол ба намоз иқомат гуфт ва Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, барои мардум пеш даромаду такбир(-и таҳрима) гуфт. Ҳамин маврид пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду аз байни сафҳо ба худ роҳ кушода қадам зад, то дар сафф(-и якум) рафта истод. Мардум ба кафкӯбӣ даромаданд. Аммо Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, ҳангоми намоз хондан ба гӯшаи чашм нигоҳ намекард. Ва чун мардум дароз кафкӯбӣ карданд, ба гӯшаи чашм нигарист, пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ ишора карду фармуд, ки ин намозро гузорад. Он гаҳ Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, ду даст бардошту Худоро сипосу ситоиш кард. Баъд пуштнокӣ ба ақиб баргашта дар саф истод. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пеш гузашт ва ба мардум (имоматӣ карда) намоз гузорид. Чун аз намоз фориғ шуд, ба мардум рӯй оварду гуфт: «Эй мардум, шуморо чӣ шуд, ки ҳангоми дар намоз чизе рух додан ба кафкӯбӣ даромадед? Кафкӯбӣ кори занон аст. Ҳар кӣ дар намоз чизе рух диҳад, бояд гӯяд: «Субҳона-л-Лоҳ». Ва ҳар кас чун «Субҳона-л-Лоҳ» гуфтанро шунавад, албатта, ба атроф нигоҳ мекунад. Эй Абӯбакр, вақте ки ба ту ишора кардам, чӣ чиз туро монеъ шуд, ки ба мардум (имоматӣ карда) намоз нагузоридӣ?» Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Ба писари Абӯқуҳофа насазад, ки дар пеши пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, истода намоз хонад».*

**1235.** Яҳё ибни Сулаймон ба мо нақл кард: Ибни Ваҳб ба ман нақл карда гуфт: ас-Саврӣ ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз Фотима, аз Асмо, ки гуфт: *«Ба назди Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, даромадам, ба намоз истода буд ва мардум низ. Ман гуфтам: «Ба мардум чӣ шудааст?» Ӯ бо сараш ба осмон ишора кард. Ман пурсидам: «Оё нишона(-и охират) аст?» Ӯ бо ҳаракати сар ишора кард: «Оре».*

**1236.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вақтҳои аз дард шикоят доштан дар хона нишаста намоз гузорид. Қавм аз пушти ӯ рост истода намоз хонданд. Ӯ ба онҳо ишора кард, ки «бинишинед». Вақте ки аз намоз берун шуд, гуфт: «Ҳамоно имом барои он*

*аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд: ҳар гоҳ ба рукӯъ равад, шумо низ ба рукӯъ равед; ва ҳар гоҳ сар бардорад, шумо низ сар бардоред».*

БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

# XXIII. КИТОБИ ҶАНОЗАҲО

## (1) Боб. Дар бораи ҷанозаҳо; ва дар бораи касе, ки суханҳои вопасинаш «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» бошад

*Ва ба Ваҳб ибни Мунаббеҳ гуфтанд: «Оё «ло илоҳа илло-л-Лоҳ» калиди ҷаннат нест?» Гуфт: «Бале, ҳаст, лекин калиде нест, ки дандона надошта бошад. Ва ҳар гоҳ калиде биёрӣ, ки дандона дошта бошад, дарро бароят кушояд, вагарна (бедандона бошад) накушояд».*

**1237.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл кард: Маҳдӣ ибни Маймун ба мо нақл кард: Восил ал-Аҳдаб ба мо нақл кард, аз ал-Маърур ибни Сувайд, аз Абӯзарр, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Аз назди Парвардигорам пайғомоваре омаду ба ман хабар дод, – ё гуфт: ба ман башорат дод – ки ҳар кӣ аз уммати ман ба Худо чизеро ширк наоварда бимирад, ба ҷаннат дарояд». Ман (аз ӯ) пурсидам: «Агар зинову дуздӣ карда бошад чӣ?» Гуфт: «Агар зинову дуздӣ карда бошад ҳам».*

**1238.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл кард: падарам ба мо нақл кард: ал-Аъмаш ба мо нақл кард: Шақиқ ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ ба Худо чизеро ширк оварда бимирад, ба дӯзах дарояд». Ва ман гуфтам: «Ҳар кӣ ба Худо чизеро ширк наоварда бимирад, ба ҷаннат дарояд».*

## (2) Боб. Фармоиши рафтан аз паси ҷаноза

**1239.** Абулвалид ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Ашъас, ки гуфт: аз Муъовия ибни Сувайд ибни

Муқаррин шунидам, аз ал-Баро ибни Озиб, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба мо ҳафт (кор) фармудааст ва аз ҳафт (кор) манъ кардааст. Ба мо аз паси ҷаноза рафтан иёдати бемор, пазируфтани даъват, ёрмандӣ ба ситамдида, вафо кардан ба қасам, ҷавоби салом додан ва ташмити атсазанро фармудааст. Моро аз доштани инҳо манъ кардааст: зарфҳои нуқрагин, ангуштарини тиллоӣ, ҳарир, дебо, қассӣ (ҷомаи катонии омехта бо абрешим), истабрақ (дебои дурушт)».* (Ҳафтум аз ин ривоят афтодааст).

**1240.** Муҳаммад ба мо нақл кард: Амр ибни Абӯсалама ба мо нақл кард, аз ал-Авзоъӣ, ки гуфт: Ибни Шиҳоб ба ман хабар дода гуфт: Саъид ибни ал-Мусайяб ба ман хабар дод, ки Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Як мусулмон бар мусулмони дигар панҷ ҳақ дорад: ҷавоби салом, иёдати бемор, аз паси ҷаноза рафтан, пазируфтани даъват, ташмити атсазан».*

(Дар ривояти ин ҳадис) Абдурраззоқ (ба Амр ибни Абӯсалама) пайравӣ карда гуфт: «Маъмар ба мо хабар дод». Ҳамчунин инро Салома ибни Равҳ ривоят кард, аз Уқайл.

## (3) Боб. Даромадан назди маййит баъди он ки дар кафан печида бошанд

**1241, 1242.** Бишр ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дода гуфт: Маъмар ва Юнус ба ман хабар доданд, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Абӯсалама ба ман хабар дод, ки Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба вай хабар дода гуфт, ки *Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, аз масканаш дар ас-Сунҳ аспсавор омад ва пиёда шуду ба масҷид даромад ва бо касе сухан нагуфта дохили хонаи Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, шуд ва рост ба назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рафт, ки болояшро бо бурди ямонӣ пӯшонида буданд. Абӯбакр рӯи ӯро кушод ва хам шуда бӯсид. Сипас гиристу гуфт: «Падару модари ман фидои ту бод, эй пайғамбари Худо, Худо ба ту ҳаргиз ду марг намедиҳад, лекин он маргеро, ки дар сарнавиштат буд, дарёфтӣ».*

Абӯсалама гуфт: Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба ман хабар дод: *«Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, берун баромад ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, дар ин вақт бо мардум сухан мегуфт.*

*(Абӯбакр ба Умар) гуфт: «Бинишин!» Ӯ рад кард. Абӯбакр боз гуфт: «Бинишин!» Ӯ рад кард. Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, калимаи шаҳодат ба забон ронд. Мардум ба сӯи ӯ майл карданду Умарро ба ҳоли худ гузоштанд. (Абӯбакр) гуфт: «Аммо баъд. Ҳар кӣ аз шумо Муҳаммадро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мепарастид, бидонад, ки Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ростӣ фавтид; ва ҳар кӣ Худоро мепарастид, бидонад, ки Худо Зинда асту нахоҳад мурд. Ва Худои Таъоло гуфтааст: «Ва Муҳаммад ба ҷуз пайғамбар каси дигар нест; ба ростӣ ки пеш аз вай пайғамбарон гузаштаанд. Оё агар бимирад ё кушта шавад, шумо бо пошнаҳои худ ба ақиб бармегардед?» Ва ҳар кӣ бо пошнаҳои худ ба ақиб баргардад, пас ҳеҷ зиён ба Худо нарасонад ва Худо шукргузоронро савоб хоҳад дод» (3:144). Ба Худо қасам, чунин ба назар мерасид, ки мардум то ин оятро тиловат кардани Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, аз нозил шудану будани чунин оят аслан хабар надоштанд ва ин оятро аз ӯ талаққӣ карданд ва фақат бо тиловати ӯ ин оят ба гӯши мардум расид».*

**1243.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл кард: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Хориҷа ибни Зайд ибни Собит ба ман хабар дод, *ки Умму-л-Ало, зане аз ансориён, ки ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, байъат кардааст, ба ӯ (Хориҷа ибни Зайд) хабар дод, ки (ансориён) қуръа партофта муҳоҷиронро тақсим карда ба онҳо маскан доданд. Ва қуръаи мо ба Усмон ибни Мазъун афтид ва мо ӯро дар яке аз хонаҳоямон ҷо додем. Ӯ ба ҳамон дарде, ки оқибат аз он вафот кард, гирифтор шуд. Алқисса, чун фавтид, ӯро бишустанд ва дар ҷомаҳояш такфин намуданд. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, даромад. Ман гуфтам: «Раҳмати Худо бар ту бод, эй Абуссоиб, ман бар ту гувоҳам, ки Худо туро дарвоқеъ икром кард». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ту аз куҷо медонӣ, ки Худо ӯро дарвоқеъ икром кард?» Гуфтам: «Падарам фидои ту бод, эй пайғамбари Худо, пас Худо киро икром мекунад?» Ӯ, алайҳи-с-салом, гуфт: «Ин инсонро ба таҳқиқ маргаш фаро расид, валлоҳ, ки ман дар охират барои ӯ фарҷоми нек таманно дорам, вале ба Худо қасам, ман, ки пайғамбари Худоям, «намедонам бо ман чӣ карда хоҳад шуд» (46:9). (Умму-л-Ало) гуфт: «Валлоҳ, ки баъди он ҳаргиз касеро «ҷаннатӣ» гӯён таъриф накардаам».*

Саъид ибни Уфайр ба мо нақл кард: ал-Лайс (ҳадисе) монанди

инро ба мо нақл кард. Ва Нофеъ ибни Язид гуфт, аз Уқайл: «Бо ӯ чӣ карда хоҳад шуд». Ва ин (ҳадис)-ро ҳамчунин Шуъайб, Амр ибни Динор ва Маъмар пайравӣ кардаанд.

**1244.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: аз Муҳаммад ибни ал-Мункадир шунидам, ки гуфт: аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидам, ки гуфт: *«Вақте ки падарам (дар ҷиҳод) кушта шуд, ман либосашро як сӯ намуда рӯяшро мекушодаму мегиристам. Мардум маро аз гиря манъ карданд, вале пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, манъ накард. Аммаам Фотима низ ба гиря даромад. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ту хоҳ бигирйӣ, хоҳ нагирйӣ, то ӯро (аз майдон) бардоштани шумо фариштагон ба рӯи ӯ бо болҳояшон соя меафкананд».* (Дар ривояти ин ҳадис) Ибни Ҷурайҷ (ба Шуъба) пайравӣ карда гуфтааст: Ибни Мункадир ба ман хабар дод, ки аз Ҷобир, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст.

## (4) Боб. Дар бораи касе, ки хабари мурдаро бевосита ба соҳиби маййит расонад

**1245.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Саъид ибни ал-Мусайяб, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи марги Наҷошӣ дар ҳамон рӯзе, ки фавтид, хабар дод; ба намозгоҳ баромад, мардум дар саф истоданд ва ӯ чаҳор такбир гуфт».*

**1246.** Абӯмаъмар ба мо нақл кард: Абдулворис ба мо нақл кард: Айюб ба мо нақл кард, аз Ҳумайд ибни Ҳилол, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Зайд парчамро гирифт, пасон ҳалок шуд. Баъди ӯ онро Ҷаъфар гирифт ва низ ҳалок шуд. Сипас Абдуллоҳ ибни Равоҳа гирифт, ҳамчунин ҳалок шуд». – Ба ростӣ ки чашмони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ашкбор шуд. – «Пасон Холид ибни Валид бидуни фармон парчамро гирифт ва фатҳу зафар насибаш гашт».*

## (5) Боб. Андар хабар кардан ба ҷаноза

Ва Абӯрофеъ гуфт, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки

гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Чаро маро хабар накардед?»*

**1247.** Муҳаммад ба мо нақл кард: Абӯмуъовия ба мо хабар дод, аз Абӯисҳоқ аш-Шайбонӣ, аз аш-Шаъбӣ, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Марде фавтид, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ӯро иёдат мекард. Он мард шабона вафот кард, мардум ӯро худи ҳамон шаб дафн карданд. Бомдод ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хабар доданд. Ӯ гуфт: «Чӣ чиз монеъ шуд, ки маро огоҳ кунед?» Гуфтанд: «Шаб торик буд ва мо нахостем, ки туро ба машаққат афканем». Ӯ ба сари қабри он (мард) рафт ва бар ӯ намоз хонд».*

## (6) Боб. Андар фазилати касе, ки фарзандаш бимираду ӯ ба умеди савоб таҳаммул кунад

*Ва сухани Худои азза ва ҷалла: «Ва собиронро башорат деҳ» (2:155).*

**1248.** Абӯмаъмар ба мо нақл кард: Абдулворис ба мо нақл кард: Абдулазиз ба мо нақл кард, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Аз миёни мардум ҳар мусулмонеро се фарзанди ба балоғат нарасидааш фавтида бошад, Худо ба фазли раҳмате, ки ба ин фарзандон дорад, (волидонро) дохили ҷаннат мегардонад».*

**1249.** Муслим ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард: Абдурраҳмон ибни ал-Исбаҳонӣ ба мо нақл кард: аз Заквон, аз Абӯсаъид, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Занон ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтанд: «Як рӯзро барои (мавъизаи) мо ҷудо кун». Пас ӯ ба занон мавъиза карду гуфт: «Ҳар занеро се фарзанд фавтида бошад, (фардо) барои ӯ аз оташи дӯзах сипар хоҳанд шуд».* Зане гуфт: «Агар ду фарзанд?» Гуфт: *«Ду фарзанд низ».*

**1250.** Ва (ба исноди дигар) Шарик гуфт, аз Ибни ал-Исбаҳонӣ: Абӯсолеҳ ба ман нақл кард, аз Абӯсаъид ва Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: Абӯҳурайра гуфт: *«Ба балоғат нарасида бошанд».*

**1251.** Алӣ ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл карда гуфт: аз аз-Зуҳрӣ шунидам, аз Саъид ибни ал-Мусайяб, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам,

ки гуфт: *«Чунин нахоҳад буд, ки мусулмонеро се фарзанд бимираду ӯ ба дӯзах дарояд, магар барои дафъи қасам».* Абӯабдуллоҳ (ояти зеринро барои исботи ин ҳадис) овардааст: «Ва аз шумо ҳеҷ кас нест, магар ин ки бар он (Пули Сирот) гузаранда аст» (19:71).

### (7) Боб. Дар сари қабр мард ба зан бигӯяд: «Басабр бош!»

**1252.** Одам ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард: Собит ба мо нақл кард, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди зане бигузашт, ки дар сари қабр мегирист. Ӯ гуфт: «Аз Худо битарсу басабр бош!»*

### (8) Боб. Андар ғусл ва вузӯ додани маййит бо обу сидр

*Ва Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ҷасади писари Саъид ибни Зайдро ҳанут зад, берун баровард ва бар ӯ намоз гузорид, вале ӯро вузӯ надод. Ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: «На зинда ва на мурдаи мусулмон наҷис намешавад». Ва Саъд гуфт: «Агар наҷис мебуд, ман ба ӯ даст намерасонидам». Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Мӯъмин наҷис намешавад».*

**1253.** Исмоил ибни Абдуллоҳ ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Айюб ас-Сахтиёнӣ, аз Муҳаммад ибни Сирин, аз Умм Атийя ал-Ансория, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, он ҳангом, ки духтараш фавтида буд, назди мо даромаду гуфт: «Се бор, ё панҷ бор – ва агар лозим донед аз он ҳам бештар бо обу сидр бишӯед ва дар охир кофур – ё (гуфт): «андаке кофур» – ҳам бар ӯ занед. Чун (аз шустан) фориғ шавед, моро огоҳ созед».* Фориғ, ки шудем, ӯро огоҳ кардем. Ӯ ба мо тагбанди худро доду гуфт: *«Инро таҳпӯши ӯ созед»* – яъне изорашро (дар назар дошт).

### (9) Боб. Мустаҳаб аст маййит ба адади тоқ шуста шавад

**1254.** Муҳаммад ба мо нақл кард: Абдулваҳҳоб ас-Сақафӣ ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Муҳаммад, аз Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоме ки мо ҷасади духтари ӯро мешустем, назди мо даромаду гуфт: «Ӯро се бор, ё панҷ бор, ё зиёда аз он бо обу*

*сидр бишӯед ва дар охир ба ӯ кофур низ занед. Чун (аз шустан) фориғ шудед, маро огоҳ кунед». Чун фориғ шудем, ӯро огоҳ кардем. Ӯ тагпӯши худро ба мо афканд ва гуфт: «Инро таҳпӯши ӯ созед!»*

Ва Айюб гуфт: ва Ҳафса ҳадисе монанди ҳадиси Муҳаммад ба ман нақл кард. Ва дар ҳадиси Ҳафса (ин ибора) буд: *«Ӯро (бо адади) тоқ бишӯед».* Ва дар ҳадис чунин буд: *«Се бор, ё панҷ бор, ё ҳафт бор»;* ва дар ҳадис чунин низ буд, ки ӯ гуфт: *«Аз тарафҳои рост ва ҷойҳои дар вузӯ шусташаванда оғоз кунед».* Ва боз чунин буд: Умм Атийя гуфт: *«Мо мӯи ӯро шона карда, се кокул бофтем».*

## (10) Боб. Шустани (ҳар узви) маййитро аз тарафи рост оғоз кунанд

**1255.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Исмоил ибни Иброҳим ба мо нақл кард: Холид ба мо нақл кард, аз Ҳафса бинти Сирин, аз Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар шустани духтараш гуфт: *«Аз тарафҳои рост ва ҷойҳои дар вузӯ шусташаванда оғоз кунед».*

## (11) Боб. Андар ҷойҳои дар вузӯ шусташавандаи маййит

**1256.** Яҳё ибни Мӯсо ба мо нақл кард: Вакеъ ба мо нақл кард, аз Суфён, аз Холид ал-Ҳаззо, аз Ҳафса бинти Сирин, аз Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Мо (ҷасади) духтари пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мешустем. Гоҳе ки машғули шустан будем, ӯ ба мо гуфт: «Аз тарафҳои рост ва ҷойҳои дар вузӯ шусташаванда оғоз кунед».*

## (12) Боб. Оё занро дар изори мард такфин мекунанд?

**1257.** Абдурраҳмон ибни Ҳаммод ба мо нақл кард: Ибни Авн ба мо хабар дод, аз Муҳаммад, аз Умм Атийя, ки гуфт: *«Духтари пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вафот кард. Ӯ ба мо гуфт: «Ӯро се бор, ё панҷ бор ва агар лозим донед, аз он ҳам бештар бишӯед. Фориғ ки шудед, маро огоҳ созед». Ва чун фориғ шудем, ӯро огоҳ кардем. Ӯ аз тан изори худро кашида ба мо*

*гуфт: «Инро таҳпӯши ӯ созед».*

## (13) Боб. Андар он ки ахиран (ба маййит) кофур зананд

**1258.** Ҳомид ибни Умар ба мо нақл кард: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Муҳаммад, аз Умм Атийя, ки гуфт: *«Яке аз духтарони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фавтид. Ӯ берун омаду гуфт: «Се бор, ё панҷ бор ва агар лозим донед, аз он ҳам бештар бо обу сидр бишӯед ва дар охир кофур – ё (гуфт): «андаке кофур» – низ бар ӯ занед. Фориғ ки шудед, маро огоҳ созед».* (Умм Атийя) гуфт: «Чун фориғ шудем, ӯро огоҳ кардем». Ӯ тагбанди худро ба мо афканд ва гуфт: *«Инро таҳпӯши ӯ созед».* Ва (ба исноди дигар ҳадисе) монанди инро (нақл кардаанд) аз Айюб, аз Ҳафса, аз Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо.

**1259.** Ва (Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо) боз гуфт: (пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: *«Ӯро се бор, ё панҷ бор, ё ҳафт бор ва агар лозим донед, аз ин ҳам бештар бишӯед».* Ҳафса гуфт: «Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: *«(Мӯи) сарашро се кокул бофтем».*

## (14) Боб. Андар кушодани мӯи (бофтаи) зан

*Ва Ибни Сирин гуфт: «Кушодани мӯи (бофтаи) зан зиён надорад».*

**1260.** Аҳмад ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ибни Ваҳб ба мо нақл кард: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дод: Айюб гуфт: ва аз Ҳафса бинти Сирин шунидам, ки гуфт: Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, ба мо нақл кард, ки *онҳо (мӯи) сари духтари пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, се кокул бофтанд: аввал онро кушода, баъд шуста, он гоҳ се кокул бофтанд».*

## (15) Боб. Маййитро чӣ гуна ба кафан мепечонанд?

Ва ал-Ҳасан гуфт: «Бо пораи панҷуми матоъ ду рон ва ду сурин аз зери кафан (пероҳан) баста мешавад».

**1261.** Аҳмад ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ибни Ваҳб ба мо нақл кард: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дод, ки Айюб ба вай хабар дода гуфт: аз Ибни Сирин шунидам, ки мегуфт: *«Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, ки зане аз ансориён ва аз ҷумлаи занонест, ки ба*

*пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, байъат карда буданд, – ба Басра барои дидани писараш омад, вале ӯро наёфт; ба мо нақл карда гуфт: «Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мавриде ки мо ҷасади духтари ӯро мешустем, назди мо даромаду гуфт: «Ӯро се бор, ё панҷ бор ва агар лозим донед, аз ин ҳам бештар бо обу сидр бишӯед ва дар охир бар ӯ кофур низ занед. Ва чун (аз шустан) фориғ шудед, маро огоҳ созед». (Умм Атийя) гуфт: «Чун фориғ шудем, ӯ тагбанди худро ба мо афканд ва гуфт: «Инро ишъор (таҳпӯш)-и ӯ созед». Ва ба он сухан чизе наафзуд».* (Айюб гуфт:) «Ман намедонам, ки кадом духтараш буд» ва боз ба таъкид гуфт, ки маънои «ал-ишъор» – «ӯро ба он печонед» аст. Ва ҳамчунин Ибни Сирин ҳамеша мефармуд, ки ба зани маййита на изор, балки ишъор (таҳпӯш) кунанд.

### (16) Боб. Андар он ки мӯи занро се кокул бофанд

**1262.** Қабиса ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз Умму-л-Ҳузайл, аз Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Мӯи духтари пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бофтем». Манзури ӯ се кокул буд.*

Ва Вакеъ гуфт: Суфён гуфт: *«Як кокул аз пешонӣ ва ду кокул аз ду ҷониби сар».*

### (17) Боб. Андар он ки мӯи зан ба пушт партофта шавад

**1263.** Мусаддад ба мо нақл кард: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл кард, аз Ҳишом ибни Ҳассон, ки гуфт: Ҳафса ба мо нақл кард, аз Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Яке аз духтарони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фавтид. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, назди мо омаду гуфт: «Ӯро бо сидр ба адади тоқ – се бор, ё панҷ бор ва агар лозим донед, аз он ҳам бештар бишӯед. Ва дар охир бар ӯ кофур – ё (гуфт): «андаке кофур» – низ занед ва фориғ ки шудед, маро огоҳ созед». Чун фориғ шудем, ӯро огоҳ кардем. Ӯ тагбанди худро ба мо афканд. Мо мӯи ӯро се кокул бофтем ва ба пушташ партофтем».*

### (18) Боб. Андар он ки кафанӣ матои сафед аст

**1264.** Муҳаммад ибни Муқотил ба мо нақл карда гуфт: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: Ҳишом ибни Урва ба мо хабар дод, аз

падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: «*Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар се пора матои сафеди пахтагини ямонии саҳулӣ такфин карданд, ки дар ин (ҷумла) пероҳану дастор набуд».*

### (19) Боб. Андар он ки кафан ду пора матоъ аст

**1265.** Абуннӯъмон ба мо нақл кард: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Саъид ибни Ҷубайр, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Дар ин ҳангом марде дар Арафа вуқуф дошт, ки аз болои шутур афтоду гарданаш бишикаст – ё гуфт: гарданашро бишикаст – (ва мурд). Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ӯро бо обу сидр бишӯед ва дар ду пора матоъ такфинаш кунед ва ба ӯ ҳанут назанед ва сарашро напечонед, зеро ӯ рӯзи қиёмат дар ҳоли «лаббайк» гуфтан зинда гардонида мешавад».*

### (20) Боб. Андар ҳанут задан бар майийт

**1266.** Қутайба ба мо нақл кард: Ҳаммод ба мо нақл кард, аз Айюб, аз Саъид ибни Ҷубайр, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Дар ин ҳангом марде, ки ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Арафа буд, аз болои шутур афтоду гарданаш бишикаст – ё гуфт: гарданашро бишикаст – (ва мурд). Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ӯро бо обу сидр бишӯед ва дар ду пора матоъ такфинаш кунед ва ба ӯ ҳанут назанед ва сарашро напечонед, зеро Худо ӯро рӯзи қиёмат дар ҳоли «лаббайк» гуфтанаш зинда мекунад».*

### (21) Боб. Одами эҳром бастаро чӣ гуна такфин бояд кард?

**1267.** Абуннӯъмон ба мо нақл кард: Абӯавона ба мо хабар дод, аз Абӯбишр, аз Саъид ибни Ҷубайр, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Дар он маврид, ки ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будем, мардеро шутураш афтонду гарданаш шикаст (ва бимурд). Он мард эҳром баста буд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ӯро бо обу сидр бишӯед ва дар ду пора матоъ такфинаш кунед ва хушбӯӣ ба ӯ нарасонед,*

*сарашро напечонед, зеро ки Худо рӯзи қиёмат ӯро дар ҳоли «лаббайк» гуфтанаш зинда мегардонад».*

**1268.** Мусаддад ба мо нақл кард: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Амр ва Айюб, аз Саъид ибни Ҷубайр, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Марде ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар Арафа вуқуф дошт, аз болои шутур афтод». Айюб гуфт: «Ва гарданаш шикаст» – ва Амр гуфт: «Гарданашро бишикаст» – «ва мурд». (Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Ӯро бо обу сидр бишӯед ва дар ду пора матоъ такфинаш кунед, ҳанут бар ӯ назанед ва сарашро напечонед, зеро ки рӯзи қиёмат – Айюб гуфт: «Лаббайка мегӯяд» – ва Амр гуфт: «Лаббайкагӯён» – зинда мешавад».*

## (22) Боб. Андар кафан сохтан аз пероҳане, ки ҳошияаш дӯхташуда ё дӯхтанашуда аст; ва дар бораи касе, ки ӯро бидуни пероҳан кафан карда бошанд

**1269.** Мусаддад ба мо нақл карда гуфт: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл кард, аз Убайдуллоҳ, ки гуфт: Нофеъ ба ман нақл кард, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Вақте ки Абдуллоҳ ибни Убай фавтид, писараш назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, пероҳанатро ба ман деҳ, ки ӯро ба он такфин кунам ва бар ӯ намоз гузор ва (аз Худо) барояш омурзиш биталаб». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ пероҳанашро доду гуфт: «Моро хабардор кун, то ба ӯ намози ҷаноза гузорам». Ӯро хабардор кард. Ва чун хост намоз гузорад, Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, аз дасташ гирифта сӯи худ кашиду гуфт: «Магар Худо туро аз намоз гузоридан бар мунофиқон манъ накардааст?» Гуфт: «Ман аз ду якеро бояд баргузинам: Худои Таъоло гуфтааст: «Барои онҳо омурзиш талаб кунӣ ё барои онҳо омурзиш талаб накунӣ, агар ҳатто ҳафтод бор омурзиш бихоҳӣ, Худо онҳоро ҳаргиз наомурзад» (9:80). Ва он гаҳ бар ӯ намоз гузорид ва ин оят нозил шуд: «Ва ҳаргиз бар ҳеҷ яке аз онҳо, ки бимирад, намоз магузор» (9:84).*

**1270.** Молик ибни Исмоил ба мо нақл кард: Ибни Уяйна ба мо нақл кард, аз Амр, ки аз Ҷобир, разия-л-Лоҳу анҳу, шунид, ки гуфт: *«Баъди дафни Абдуллоҳ ибни Убай пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад ва фармуд, ки ӯро берун бароранд. Ӯ бар*

*Ибни Убай оби даҳон молиду пероҳани худ ба ӯ пӯшонид».*

## (23) Боб. Бе пероҳан кафан кардан

**1271.** Абӯнуъайм ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар се пора матои пахтагини саҳулӣ такфин карданд, ки дар ин (ҷумла) пероҳану дастор набуд».*

**1272.** Мусаддад ба мо нақл кард: Яҳё ба мо нақл кард, аз Ҳишом: падарам ба ман нақл кард, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар се пора матоъ такфин карданд, ки дар ин (ҷумла) пероҳану дастор набуд».*

## (24) Боб. Бе дастор кафан кардан

**1273.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар се пора матои сафеди саҳулӣ такфин карданд, ки дар ин (ҷумла) пероҳану дастор набуд».*

## (25) Боб. (Харҷи) кафан аз маҷмӯи моли маййит (ҷудо карда мешавад)

*Ва Ато, аз-Зуҳрӣ, Амр ибни Динор ва Қатода ҳамчунин гуфтанд. Ва Амр ибни Динор гуфт: «(Харҷи) ҳанут аз маҷмӯи моли маййит аст». Ва Иброҳим гуфт: «(Аз моли маййит) нахуст ба (харҷи) кафан ҷудо мешавад, сипас ба пардохти қарз, баъди он ба иҷрои васият». Ва Суфён гуфт: «Музди кори гӯрков ва мурдашӯ аз ҷумлаи харҷи кафан аст».*

**1274.** Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Маккӣ ба мо нақл кард: Иброҳим ибни Саъд ба мо нақл кард, аз Саъд, аз падараш, ки гуфт: *«Рӯзе ба Абдурраҳмон ибни Авф, разия-л-Лоҳу анҳу, таом оварданд, ӯ гуфт: «Мусъаб ибни Умайр кушта шуд. Ва ӯ аз ман беҳтар буд – ба ҷуз як бурда (ҷома) дигар чизе ёфт нашуд, ки ӯро ба он такфин кунанд; ва Ҳамза – ё (гуфт): «марди дигар» – кушта шуд, ки аз ман беҳтар буд, ба ҷуз як бурд (ҷома) дигар чизе ёфт нашуд, ки ӯро ба он такфин кунанд. Ба ростӣ тарси ман аз он аст, ки хушиҳо(-и охират)-ро ба мо таъҷилан дар*

*зиндагонии инчаҳониамон медиҳанд». Баъд ба гиря даромад».*

## (26) Боб. Агар ба ҷуз як ҷомавор матоъ ёфт нашавад, чӣ бояд кард?

**1275.** Муҳаммад ибни Муқотил ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: Шуъба ба мо хабар дод, аз Саъд ибни Иброҳим, аз падараш Иброҳим: *«Ба Абдурраҳмон ибни Авф, разия-л-Лоҳу анҳу, ки дар он ҳангом рӯзадор буд, таом(-и ифтор) овularданд, ӯ гуфт: «Мусъаб ибни Умайр кушта шуд ва ӯ аз ман беҳтар буд, ӯро ба як бурда (ҷома) такфин карданд, ки агар сарашро пӯшонанд, пойҳояш берун мемонданд ва агар пойҳояшро пӯшонанд, сараш бараҳна мемонд». Боз гуфт: «Ҳамза кушта шуд ва ӯ аз ман беҳтар буд. Сипас ба мо аз (неъмати) дунё он қадар фарохие, ки мумкин буд, муяссар шуд – ё гуфт: он қадар ки мумкин буд, ба мо доданд – ва ба ростӣ тарсидем, ки хушиҳо(-и охират)-ро таъҷилан бароямон дар ин ҷо медиҳанд». Баъди он ба гиря даромад ва таомро нахӯрда як сӯ гузошт».*

## (27) Боб. Ҳар гоҳ барои кафан ҷуз пораи матоъе чизе набошад, ки сарро пӯшонанд, пойҳо ва пойҳоро пӯшонанд, сар берун бимонад, бигузор сарро пӯшонанд

**1276.** Умар ибни Ҳафс ибни Ғиёс ба мо нақл кард: падарам ба мо нақл кард: ал-Аъмаш ба мо нақл кард: Шақиқ ба мо нақл кард: Хаббоб, разия-л-Лоҳу анҳу, ба мо нақл карда гуфт: *«Мо ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар талаби ризои Худо ҳиҷрат кардем, бинобар ин аҷри мо бар ӯҳдаи Худо буд: дар байни мо касоне буданд, ки аз он аҷри худ чизе баҳраманд нашуда мурданд ва Мусъаб ибни Умайр аз онҳост; ва дар байни мо касоне буданд, ки меваи амалашон пухта расид ва баҳра аз он бардоштанд. (Мусъаб ибни Умайр) рӯзи Уҳуд кушта шуд ва мо ба ҷуз як бурда (ҷома) чизе наёфтем, ки ӯро ба он такфин кунем – агар бо он сарашро мепӯшондем, пойҳояш берун мемонданд ва агар пойҳояшро мепӯшондем, сараш бараҳна мемонд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, амр кард, ки сарашро пӯшонем ва ба рӯи пойҳояш изхир гузорем».*

## (28) Боб. Дар бораи касе, ки дар замони зиндагонии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои

**худ кафан омода намуд ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, инро ба ӯ манъ накард**

**1277.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл карда гуфт: Ибни Абӯҳозим ба мо нақл кард, аз падараш, аз Саҳл, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Зане ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бурда (ҷома)-и бофтаи шерозадоре овард. – Саҳл пурсид: «Оё шумо медонед, ки «бурда» чист?» Гуфтанд: «Шамла аст». Гуфт: «Оре, (шамла аст)». – Он зан гуфт: «Инро ба дасти худ бофтам, овардам, ки ба ту пӯшонам». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ба он бурда ниёзманд буд, онро гирифт, пас назди мо баромад, ки онро чун изор пӯшида буд. Як кас онро таҳсин кард ва гуфт: «Инро ба ман пӯшон, чӣ некӯ аст». Мардум гуфтанд: «Кори хуб накардӣ. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки ниёзманди бурда буд, онро гирифт ва ту медонӣ, ки ӯ ҳеҷ талабро рад намекунад, ту онро талаб кардӣ». Гуфт: «Валлоҳ, ки ман онро барои пӯшидан не, танҳо барои он талабидам, ки кафании ман шавад». Саҳл гуфт: «Дарвоқеъ он кафанаш шуд».*

**(29) Боб. Оё аз паси ҷаноза рафтани занҳо (ҷоиз аст)?**

**1278.** Қабиса ибни Уқба ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард, аз Холид ал-Ҳаззо, аз Умму-л-Ҳузайл, аз Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Моро наҳй мекарданд, ки аз паси ҷаноза равем, лекин қатъӣ манъ намекарданд».*

**(30) Боб. Андар азо гирифтани зан ба фавти каси ғайри шавҳараш**

**1279.** Мусаддад ба мо нақл кард: Бишр ибни ал-Муфаззал ба мо нақл кард: Салама ибни Алқама ба мо нақл кард, аз Муҳаммад ибни Сирин, ки гуфт: *«Писаре аз Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, фавтид. Чун рӯзи сеюм буд, ӯ суфра (хушбӯии зардранг) талабид ва онро ба худ молиду гуфт: «Моро манъ кардаанд, ки ба фавти касе ҷуз шавҳар аз се рӯз зиёд азо гирем».*

**1280.** Ал-Ҳумайдӣ ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Айюб ибни Мӯсо ба мо нақл карда гуфт: Ҳумайд ибни Нофеъ ба ман хабар дод, аз Зайнаб – духтари Абӯсалама, ки гуфт: «Вақте ки аз Шом хабари марги Абӯсуфён омад, Умм Ҳабиба,

разия-л-Лоҳу анҳо, дар рӯзи сеюм суфра (хушбӯии зардранг) талабид ва онро ба ду рухсораву дастонаш то оринҷ молиду гуфт: «Ман аз ин кор бениёз мебудам, агар аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намешунидам, ки мегуфт: *«Ба зане, ки ба Худову рӯзи охират имон дорад, барои мурдае беш аз се рӯз азо гирифтан ҷоиз нест, магар барои шавҳари худ. Зан барои шавҳар чаҳор моҳу даҳ рӯз дар азо менишинад».*

**1281.** Исмоил ба мо нақл кард: Молик ба ман нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Ҳазм, аз Ҳумайд ибни Нофеъ, аз Зайнаб бинти Абӯсалама, ки ба ӯ хабар дода гуфт: «Ман назди Умм Ҳабиба – зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, даромадам, ӯ гуфт: «Аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Ба зане, ки ба Худову рӯзи охират имон дорад, барои мурдае беш аз се рӯз азо доштан ҷоиз нест, магар барои шавҳари худ – чаҳор моҳу даҳ рӯз».*

**1282.** Сипас назди Зайнаб бинти Ҷаҳш, мавриде, ки бародараш фавтида буд, даромадам. Ӯ хушбӯӣ талаб карду онро ба худ молида гуфт: «Ман ҳеҷ эҳтиёҷе ба хушбӯӣ надорам, лекин аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки бар минбар истода мегуфт: *«Ба зане, ки ба Худову рӯзи охират имон дорад, барои мурдае беш аз се рӯз азо доштан ҷоиз нест, магар барои шавҳараш – чаҳор моҳу даҳ рӯз».*

## (31) Боб. Андар зиёрати қубур

**1283.** Одам ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард: Собит ба мо нақл кард, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди зане гузашт, ки дар сари қабре мегирист. Ӯ гуфт: «Аз Худо битарсу басабр бош!» Зан гуфт: «Аз пеши ман дур шав, зеро мусибате, ки ба ман расидааст, ба ту нарасидааст». Зан ӯро намешинохт. Ба ӯ гуфтанд: «Ин пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аст». Баъд(-и чанде) он зан назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омаду дид, ки дари ӯро дарбоне нест, гуфт: «Туро намешинохтам». Ӯ гуфт: «Сабр ҳамон аст, ки ба аввалин зарбаи мусибат пеш гирифта шавад».*

## (32) Боб. Андар суханони пайғамбар, салла-л-Лоҳу

## алайҳи ва саллам: «Маййит ба сабаби гиряҳои аҳли хонааш дар қабр азоб дода мешавад» – агар навҳа кашидан (дар вақти зинда буданаш) одати маййит ва аҳли ӯ буда бошад

*Бинобар суханони Худои Таъоло: «Хештан ва аҳли хонаи худро аз оташи дӯзах нигоҳ доред» (66:6). Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳар яки шумо парасторед ва масъули онҳоед, ки дар зери парастории шумоанд». Ва агар навҳа кашидан одати он маййит набуда бошад, ӯ ба сони он аст, ки Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфтааст: «Ва ҳеҷ бардорандае бори дигареро барнадорад» (17:5). Ва ончунон аст, ки Ӯ гуфтааст: «Ва агар гаронбор – аз гуноҳон – касеро сӯи бори хеш бихонад, аз он бор чизе бардошта намешавад» (35:18). Ва андар он ки ба гиряи ғайри навҳа рухсат шудааст; ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳеҷ кас ба зулм кушта нашавад, магар он ки қисме аз ҷурми хуни ноҳаққи ӯ бар фарзанди нахустини Одам бошад, чун ӯ каси аввал аст, ки қатлро ба ҳукми одат даровард».*

**1284.** Абдон ва Муҳаммад ба мо нақл карда гуфтанд: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: Осим ибни Сулаймон ба мо хабар дод, аз Абӯусмон, ки гуфт: Усома ибни Зайд, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба ман нақл карда гуфт: *«Духтари пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (Зайнаб) ба ӯ кас фиристоду гуфт: «Писарам дар назъи ҷон аст, зуд биё». Ӯ касеро фиристод, то ба онҳо салом бирасонаду гӯяд: «Ба ростӣ ҳама аз они Худост: он чӣ гирифту он чӣ дод. Ва ҳар шайъ назди ӯ мӯҳлати муайян дорад. Бигузор (Зайнаб) сабр бикунад ва чашмдори савоб бошад». (Духтар) боз кас фиристоду қасам ёд кард, ки зинҳор назди ӯ биёяд. Ӯ барои рафтан бархост ва Саъд ибни Убода, Муъоз ибни Ҷабал, Убай ибни Каъб, Зайд ибни Собит ва чанд марди дигар ҳамроҳи ӯ буданд. Ба дасти пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, кӯдакеро доданд, ки дар ҳоли ҷон додан буд. – (Абӯусмон) гуфт: «Ба фикрам Усома гуфт: «Бача монанди машки беоб хушкида буд». – Чашмони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пури ашк шуданд. Саъд гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ин чӣ гиря аст?» Ӯ гуфт: «Ин зуҳури раҳму шафқат аст, ки онро Худо дар дили бандагонаш ҷой додааст. Ба таҳқиқ, Худо аз миёни бандагонаш*

*раҳмдилонро раҳмат мекунад».*

**1285.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл карда гуфт: Абӯомир ба мо нақл карда гуфт: Фулайҳ ибни Сулаймон ба мо нақл кард, аз Ҳилол ибни Алӣ, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Дар (ҷанозаву дафни) яке аз духтарони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳузур доштем». (Анас) гуфт: «Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар сари қабр нишаста буд». Боз гуфт: «Дидам, ки аз чашмонаш ашк мерехт». Боз гуфт: «Ӯ гуфт: «Дар байни шумо оё марде ҳаст, ки дишаб бо занаш ҳамбистарӣ накарда бошад?» Абӯталҳа гуфт: «Манам». Гуфт: «Пас ту даро». (Анас) гуфт: «Ӯ барои гузоштани маййит ба қабр даромад».*

**1286.** Абдон ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Ибни Ҷурайҷ ба мо хабар дода гуфт: Абдуллоҳ ибни Убайдуллоҳ ибни Абӯмулайка ба ман хабар дода гуфт: *«Духтаре аз Усмон, разия-л-Лоҳу анҳу, дар Макка вафот кард. Мо барои (дар ҷаноза) иштирок кардан рафтем. Ибни Умар ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба ҷаноза ҳозир шуданд ва ман дар байни онҳо нишаста будам – ё гуфт: «Ман дар паҳлӯи якеашон нишаста будам, сипас он дигар низ омаду дар паҳлӯи ман нишаст». – Ва он гаҳ Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба Амр ибни Усмон гуфт: «Оё намегӯӣ, ки гиряро бас кунанд? Зеро ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ба ростӣ, маййит аз сабаби он ки хешовандонаш гиряву фарёд кунанд, азоб дода мешавад».*

**1287.** Боз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: «Ба ростӣ ки Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, ҳамчунин мегуфт». Баъд Ибни Аббос нақл карда гуфт: *«Ҳамроҳи Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, аз Макка баромадем, то ба Байдо расидем. Ногоҳ Умар зери сояи дарахти самура корвонеро диду гуфт: «Бираву бибин, ки корвониён киҳоанд?» Ибни Аббос гуфт: «Рафтаму дидам, ки Суҳайб он ҷост. Омада ба Умар хабар додам». Ӯ гуфт: «Ӯро назди ман бихон». Ман баргаштаму ба Суҳайб гуфтам: «Ба роҳ даро ва амирулмӯъмининро дарёб». Ва вақте ки Умар аз зарби корд захмӣ шуд, Суҳайб назди ӯ даромад ва мегиристу мегуфт: «Во бародарам, во ёрам». Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Эй Суҳайб, оё бар ман мегирйӣ ва ҳол он ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст: «Ба ростӣ, маййит аз сабаби гиряҳои хешовандонаш азоб дода мешавад».*

**1288.** Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: *«Чун Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, фавтид, ман инро ба Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ёдрас кардам. Ӯ гуфт: «Худо Умарро раҳмат кунад, валлоҳ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чунин ҳадисеро нагуфтааст: «Ба ростӣ Худо мӯъминро аз сабаби гиряи хешовандонаш азоб диҳад», балки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст: «Ба ростӣ Худо азоби кофирро аз сабаби гиряи хешовандонаш зиёд мекунад». Ва афзуд: «Шуморо гуфтаи Қуръон басанда аст: «Ва ҳеҷ бардорандае бори дигареро барнадорад» (17:15). Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, дар он маврид гуфт: Худо «Он аст, ки механдонаду мегирёнад» (53: 43). Ибни Абӯмулайка гуфт: «Валлоҳ, ки Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, (ҷавобан ба ҳадиси Ибни Аббос) чизе нагуфт».*

**1289.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард, Молик ба мо хабар дод, аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр, аз падараш, аз Амра бинти Абдурраҳмон, ки ба ӯ хабар дод, ки ӯ аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, зани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунид, ки мегуфт: *«Боре пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди (қабри) яҳудизане мегузашт, ки хешовандонаш бар ӯ мегиристанд. Ӯ гуфт: «Инон бар ӯ мегирянд ва он зан, албатта, дар қабраш азоб дода мешавад».*

**1290.** Исмоил ибни Халил ба мо нақл кард: Алӣ ибни Мусҳир ба мо нақл кард: Абӯисҳоқ ва ӯ аш-Шайбонӣ аст, ба мо нақл кард, аз Абӯбурда, аз падараш, ки гуфт: *«Чун Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, (аз зарби корд) захм хӯрд, Суҳайб (ба гиря даромаду) гуфт: «Во бародарам!» Умар гуфт: «Оё надонӣ, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст: «Ба ростӣ, мурда аз сабаби гиряи зинда азоб дода мешавад».*

## (33) Боб. Андар он навҳагарие, ки аз барои мурда макрӯҳ аст

*Ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Ин занҳоро бигузоред, ки бар Абӯсулаймон (Холид ибни ал-Валид) бигирянд, вале хок бар сар напошанд ва овоз баланд накунанд».* Ва «ан-нақъу» хок бар сар пошидан ва «ал-лақлақату» овоз баланд кардан аст.

**1291.** Абӯнуъайм ба мо нақл карда гуфт: Саъид ибни Убайд ба мо нақл кард, аз Алӣ ибни Рабиъа, аз ал-Муғира, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шу-

нидам, ки мегуфт: *«Ба дурустӣ, дурӯғе, ки бар ман гуфта мешавад, ҳаргиз монанди дурӯғе нест, ки бар каси дигар гуфта шавад. Ҳар кӣ бар ман қасдан дурӯғ гӯяд, бигузор ҷойгоҳи ӯ дӯзах гардад».* Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки мегуфт: *«Агар касе бар маййите навҳа кунад, пас маййит ба сабаби он навҳа азоб дода мешавад».*

**1292.** Абдон ба мо нақл карда гуфт: падарам ба ман хабар дод, аз Шуъба, аз Қатода, аз Саъид ибни ал-Мусайяб, аз Ибни Умар, аз падараш, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Маййит ба сабаби навҳае, ки бар ӯ кунанд, дар қабр азоб дода мешавад».* (Дар ривояти ин ҳадис) Абдулаъло (ба Абдон) пайравӣ кардааст: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл карда гуфт: Саъид ба мо нақл кард: Қатода ба мо нақл кард. Ва (бо ҳамин иснод) Одам гуфт, аз Шуъба: *«Мурда аз сабаби гиряе, ки каси зинда бар ӯ мекунад, азоб дода мешавад».*

## (34) Боб

**1293.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард: Ибни ал-Мункадир ба мо нақл карда гуфт: аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидам, ки гуфт: *«Рӯзи (ғазои) Уҳуд падарамро, ки дар он (ҷанг кушта) мусла карда (гӯшу биниашро бурида) буданд, оварданд ва болояшро бо ҷомае пӯшонида назди пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гузоштанд. Ман хостам, ки рӯяшро кушоям, лекин хешовандон нагузоштанд. Бори дигар рафта рӯяшро кушодан хостам. Боз ҳам хешовандон нагузоштанд. Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, амр кард ва тобутро бардоштанд. Дар ин вақт пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, доду фиғони занеро шуниду гуфт: «Ин кист?» Гуфтанд: «Духтари Амр – ё хоҳари Амр». Гуфт: «Чаро? Ӯ хоҳ бигиряд ва хоҳ нагиряд, то бардоштани тобут фариштагон ба рӯи ӯ бо болҳояшон соя хоҳанд афканд».*

## (35) Боб. Ҳар кӣ (дар азо) гиребон чок кунад, аз мо нест

**1294.** Абӯнуъайм ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард: Зубайд ал-Ёмӣ ба мо нақл кард, аз Иброҳим, аз Масруқ, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ (дар азо) бар рӯй латма занад,*

*гиребон чок кунад ва ба дуои ҷоҳилият дуо кунад, аз мо нест».*

## (36) Боб. Андар марсияи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар Саъд ибни Хавла

**1295.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Омир ибни Саъд ибни Абӯваққос, аз падараш, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Соли ҳаҷҷату-л-видоъ, ки дарди ман хурӯҷ карда буд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, маро зуд-зуд иёдат мекард. Боре ба ӯ гуфтам: «Бемориам хурӯҷ кард. Ман шахси босарватам, ба ҷуз як духтар ворисе надорам. Чӣ мешавад, ки аз се ду қисми молу сарватамро садақа кунам?» Гуфт: «Не». Гуфтам: «Шояд нимаашро?» Ӯ гуфт: «Не». Баъд афзуд: «Аз се якро. Аз се як ҳам бузург аст – ё бисёр аст. Ва ба дурустӣ, агар ворисонатро сарватманду бениёз вогузорӣ, беҳтар аз он аст, ки бенаво гузорӣ ва онҳо аз мардум гадоӣ кунанд. Ва ба ростӣ, ту барои хушнудии Худо нафақае намекунӣ, магар он ки подошу савобаш ба ту расад, ҳатто (савоби) он луқмае, ки дар даҳони занат мегузорӣ». Гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, баъди рафтани ёронам ман дар ин ҷо танҳо мемонам?» (яъне мемирам). Гуфт: «Ва агар ки билфарз дар ин ҷо бимонӣ, ба ҷуз мақому мартабаи худро баланд бардоштан, ту ягон кори некеро ба субут намерасонӣ. Ва ҳам шояд ки ту муддати дароз зинда бимонӣ ва мардумон аз ту баҳра бардоранд ва низ мардумоне зарар бинанд. Бор Худоё, ҳиҷрати ёрони маро мукаммал ба итмом расон ва магузор, ки онҳо ақиб баргардонида шаванд. Лекин (вой бар ҳоли) Саъд ибни Хавлаи бечора». Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ марсия гуфт (яъне тараҳҳум кард), ки дар Макка бимирад.*

## (37) Боб. Он чӣ аз тарошидани сар ҳангоми мусибат наҳй карда мешавад

**1296.** Ва ал-Ҳакам ибни Мӯсо гуфт: Яҳё ибни Абӯҳамза ба мо нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни Ҷобир, ки ал-Қосим ибни Муҳаймира ба ӯ нақл карда гуфт: Абӯбурда ибни Мӯсо, разия-л-Лоҳу анҳу, ба ман нақл карда гуфт: *«Абӯмӯсо сахт бемор шуд ва аз ҳуш рафт. Сараш дар бағали яке аз занонаш буд ва ба пурсишҳои зан ҷавобе гуфта натавонист. Чун ба ҳуш омад, гуфт: «Ман аз касоне безорам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу*

*алайҳи ва саллам, аз онҳо безор буд. Ба ростӣ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз касе, ки навҳа кашад, сар тарошад ва гиребон чок кунад, безор буд».*

## (38) Боб. Ҳар кӣ ба рӯй силӣ занад, аз мо нест

**1297.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл кард: Абдурраҳмон ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Абдуллоҳ ибни Мурра, аз Масруқ, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар кӣ ба рӯй силӣ занад, гиребон чок кунад ва ба дуои аҳди ҷоҳилият дуо кунад, аз мо нест».*

## (39) Боб. Он чӣ аз вовайло кардан ва хондани дуоҳои аҳди ҷоҳилият ҳангоми мусибат найҳ карда мешавад

**1298.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл карда гуфт: падарам ба мо нақл кард: ал-Аъмаш ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Мурра, аз Масруқ, аз Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ ба рӯй силӣ занад, гиребон чок кунад ва бо дуои аҳди ҷоҳилият дуо кунад, аз мо нест».*

## (40) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми мусибат бинишинад ва андӯҳ аз ӯ ҳувайдо бошад

**1299.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл кард: Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: аз Яҳё шунидам, ки гуфт: Амра ба ман хабар дода гуфт: аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, шунидам, ки гуфт: *«Вақте ки ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хабари кушта шудани Ибни Ҳориса, Ҷаъфар ва Ибни Равоҳа омад, (дар масҷид) нишаст ва андӯҳ аз ӯ ҳувайдо буд – ман инро аз тарқиши дар (яъне), шикофи дар мушоҳида кардам. Марде назди ӯ омаду – «ба ростӣ ки занони Ҷаъфар...» – гуфта дар бораи гиряи онҳо хабар дод. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ амр кард, ки онҳоро аз гиря манъ кунад. Он мард бирафт. Ва баъд бори дуюм назди ӯ омад: (ӯ гуфт, ки)занҳо ба ӯ итоат накарданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Онҳоро манъ кун!» Ӯ бори сеюм омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, валлоҳ, ки ин занҳо бар мо ғолиб шуданд».*

*(Оиша) ба боварӣ гуфт, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Пас хок ба даҳонашон кун!» Ман гуфтам: «Худо биниатро ба хок расонад, ки фармони пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, иҷро накардӣ ва пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ҳолаш нагузошта, ба сутӯҳ овардӣ».*

**1300.** Амр ибни Алӣ ба мо нақл кард: Муҳаммад ибни Фузайл ба мо нақл кард: Осим ал-Аҳвал ба мо нақл кард, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Вақте ки қориёни Қуръон кушта шуданд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, як моҳ «Қунут» хонд. Ман ҳаргиз пеш аз ин пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, маҳзунтар аз он надида будам».*

## (41) Боб. Дар бораи касе, ки андӯҳи худро ҳангоми мусибат зоҳир накунад

*Ва Муҳаммад ибни Каъб ал-Қаразӣ гуфт: «ал-ҷазаъу» – гуфтори бад ва гумони бад аст. Ва Яъқуб, алайҳи-с-салом, гуфт: «Ҷуз ин нест, ки ғами сахти худ ва андӯҳи худро ба Худо баён мекунам» (12:86).*

**1301.** Бишр ибни ал-Ҳакам ба мо нақл кард: Суфён ибни Уяйна ба мо нақл кард: Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Абӯталҳа ба мо хабар дод, ки аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст, ки мегуфт: *«Яке аз писарони Абӯталҳа бемор шуд». Гуфт: «Пас бимурд. Ва Абӯталҳа дар ин ҳангом дар берун буд. Чун занаш дид, ки ӯ мурдааст, барои маййит чизҳои лозимаро омода кард ва дар гӯшаи хона гузошт. Абӯталҳа омаду пурсид: «Писар чӣ ҳол дорад?» (Зан) гуфт: «Ҷонаш ором гирифт, умед дорам, ки дар роҳат бошад». Абӯталҳа гумон кард, ки зан рост мегӯяд». Анас гуфт: «(Абӯталҳа) ҳамон шаб бихуфт, бомдод бархосту ғусл кард ва чун берун рафтанӣ шуд, зан ба ӯ хабар дод, ки писарак мурдааст. Ӯ ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз гузорид, баъди он ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хабар дод, ки бо ӯву занаш чӣ воқеаҳо гузашт. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Шояд ки Худо ин шабатонро барои шумо муборак гардонад».*

Суфён гуфт: марде аз ансориён гуфт: «Ман нӯҳ фарзанди онҳоро медонам, ки ҳама қуръонхон буданд».

## (42) Боб. Андар сабр кардан дар аввалин лаҳзаи мусибат

*Ва Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Эй хушо ду хислат ва эй хушо савоби онҳо (ки дар ин оят зикр шудааст): «Онон ки чун сахтие ба онҳо бирасад, гӯянд: «Ҳамоно мо аз они Худоем ва ҳамоно мо ба сӯи Ӯ боз хоҳем гашт». Бар ин гурӯҳ аз Парвардигорашон дурудҳо ва бахшоиш аст; ва онҳо роҳёфтагонанд» (2:156/157).*

*Ва суханони Ӯ Таъоло: «Ва бо шикебоию намоз мадад талабед. Ба ростӣ ки намоз душвор аст, магар бар фурӯтанон» (2:45).*

**1302.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл кард: Ғундар ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард, аз Собит, ки гуфт: аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидам, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Сабр ҳамон аст, ки ба аввалин лаҳзаи мусибат пеш гирифта шавад».*

## (43) Боб. Андар суханони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ба ростӣ, мо аз (фироқи) ту андӯҳгинем»

*Ва Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Чашм ашк резад, дил андӯҳ хӯрад».*

**1303.** Ал-Ҳасан ибни Абдулазиз ба мо нақл кард: Яҳё ибни Ҳассон ба мо нақл кард: Қурайш – ва ӯ Ибни Ҳайён аст – ба мо нақл кард, аз Собит, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Ҳамроҳи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба хонаи Абӯсайфи оҳангар даромадем ва ӯ шавҳари дояи Иброҳим (писари пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) буд. Ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Иброҳимро бӯсиду бӯй кашид. Баъди он – вақте ки Иброҳим дар дами вопасини ҳаёташ буд – боз он ҷо рафтем. Аз чашмони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ашк равон шуд. Абдурраҳмон ибни Авф, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Эй пайғамбари Худо, ту низ (мегирйӣ)?» Гуфт: «Эй писари Авф, ба ростӣ ки ин раҳму шафқат аст». Баъд ӯ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, суханашро давом дода гуфт: «Ба ростӣ ки чашм ашк мерезад ва дил андӯҳ мехӯрад. Ва мо ғайр аз суханоне, ки ризои Парвардигорамон дар он аст, чизе намегӯем. Ва эй Иброҳим, ба ростӣ, мо аз фироқи ту андӯҳгинем».*

Ин (ҳадис)-ро Мӯсо ривоят кардааст, аз Сулаймон ибни ал-Муғира, аз Собит, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

## (44) Боб. Андар гиристан дар ҳузури бемор

**1304.** Асбағ ба мо нақл кард, аз Ибни Ваҳб, ки гуфт: Амр ба ман хабар дод, аз Саъид ибни ал-Ҳорис ал-Ансорӣ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Саъд ибни Убода бемор шуд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамроҳи Абдурраҳмон ибни Авф, Саъд ибни Абӯваққос ва Абдуллоҳ ибни Масъуд, разия-л-Лоҳу анҳум, ба иёдати ӯ омад. Чун назди ӯ даромад, ӯро дар ҳалқаи хонаводааш дид ва гуфт: «Оё фавтидааст?» Гуфтанд: «Не, эй пайғамбари Худо». Пас пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бигирист. Чун мардум гиря кардани пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, диданд, низ бигиристанд. Ӯ гуфт: «Оё шунидед? Ба ростӣ ки Худо ба сабаби ашки чашм ва андӯҳи дил касеро азоб намекунад, балки ба сабаби ана ин – ва ба забонаш ишора кард – азоб мекунад ё раҳмат мекунад. Ва ба ростӣ ки маййит ба сабаби садои баланди гиряи хонавода азоб дода мешавад».* Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, ба сабаби чунин гиря одамонро чӯб мезад, сангсор мекард ва хок ба даҳонашон меандохт.

## (45) Боб. Андар он навҳаву гиря, ки наҳй шудааст ва боздоштан аз ин гуна (корҳо)

**1305.** Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Ҳавшаб ба мо нақл кард: Абдулваҳҳоб ба мо нақл кард: Яҳё ибни Саъид ба мо нақл карда гуфт: Амра ба ман хабар дода гуфт: аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, шунидаам, ки мегуфт: *«Вақте ки хабари кушта шудани Зайд ибни Ҳориса, Ҷаъфар ва Абдуллоҳ ибни Равоҳа омад, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар масҷид) биништаст ва андӯҳ дар қиёфаи ӯ намоён буд. Ман инро аз шикофи дар мушоҳида кардам. Марде назди ӯ омаду – «эй пайғамбари Худо, ба ростӣ ки занони хонаводаи Ҷаъфар...» – гуфта дар бораи гиряи онҳо хабар дод. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ амр кард, ки онҳоро аз гиряву навҳа боздорад. Он мард бирафт. Сипас бозомаду гуфт: «Ба ростӣ ки ман онҳоро аз гиря наҳй кардам». Ва афзуд, ки онҳо ба ӯ итоат накарданд. Ӯ бори дигар амр кард, ки онҳоро аз гиря боздорад. Он мард би-*

*рафт, баъд бозомаду гуфт: «Валлоҳ, ки ин занҳо бар ман ғолиб шуданд». Ё (гуфт): «Бар мо ғолиб шуданд». (Ин шак аз ҷониби Муҳаммад ибни Ҳавшаб аст). Оиша ба боварӣ гуфт, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Пас хок ба даҳонашон кун!» Ман (Оиша) гуфтам: «Худо биниатро ба хок расонад, ки ба Худо қасам, ту (аз рӯи амр) коре накардаӣ ва пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, низ ба ҳолаш нагузошта ба сутӯҳ овардӣ».*

**1306.** Абдуллоҳ ибни Абдулваҳҳоб ба мо нақл кард: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард: Айюб ба мо нақл кард, аз Муҳаммад, аз Умм Атийя, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Ҳангоми байъат кардан пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз мо қавл гирифт, ки (бар мурда) навҳа накунем. Аз байни мо ба ин (қавл)ҷуз панҷ зан касе вафо накард: Умм Сулайм, Умму-л-Ало – духтари Абӯсабра – зани Муъоз ва ду зани дигар – ё духтари Абӯсабра, зани Муъоз ва зани дигар».*

## (46) Боб. Андар бархестан барои ҷаноза

**1307.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард: аз-Зуҳрӣ ба мо нақл кард, аз Солим, аз падараш, аз Омир ибни Рабиъа, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ ҷанозаеро бибинед, аз ҷой бархезед ва то аз назди шумо гузашта рафтани он биистед».*

Суфён гуфт: аз-Зуҳрӣ гуфт: Солим ба мо хабар дод, аз падараш, ки гуфт: Омир ибни Рабиъа ба мо хабар дод, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам. Ал-Ҳумайдӣ афзуд: *«То гузашта рафтани ҷаноза аз назди шумо ё ба замин гузошта шудани тобут».*

## (47) Боб. Шахсе, ки барои ҷаноза аз ҷой хеста бошад, кай бинишинад?

**1308.** Қутайба ибни Саъид ба мо нақл кард: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз Омир ибни Рабиъа, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо ҷанозаеро бибинаду ҳамроҳи он ҷаноза равон набошад, аз ҷой бархезад ва то паноҳ шудани худ (аз ҷаноза) – ё (гуфт): то паноҳ шудан(-и ҷаноза аз ӯ), – ё то ба замин гузоштани то-*

*бут аз ғайри паноҳ шуда рафтани он биистад».*

**1309.** Аҳмад ибни Юсуф ба мо нақл кард: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз Саъид ал-Мақбурӣ, аз падараш, ки гуфт: *«Дар ҷанозае будем, Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, дасти Марвонро гирифту ҳар ду пеш аз он ки тобут ба замин гузошта шавад, биништастанд. Абӯсаъид, разия-л-Лоҳу анҳу, омада дасти Марвонро гирифту гуфт: «Бархез, валлоҳ ин кас (Абӯҳурайра) ба таҳқиқ медонад, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, моро аз ин кор манъ карда буд». Абӯҳурайра гуфт: «Ӯ рост мегӯяд».*

## (48) Боб. Дар бораи касе, ки аз паси ҷаноза равад ва то мардон аз китфи худ ба замин гузоштани тобут нанишинад ва агар бинишинад, ба ӯ амр кунанд, ки бархезад

**1310.** Муслим, яъне Ибни Иброҳим ба мо нақл кард: Ҳишом ба мо нақл кард: Яҳё ба мо нақл кард, аз Абӯсалама, аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар гоҳ ҷанозаеро бинед, аз ҷой бархезед. Ва ҳар кӣ аз паси он равад, то ба замин гузошта шудани тобут нанишинад».*

## (49) Боб. Дар бораи касе, ки барои ҷанозаи яҳудие аз ҷой бархест

**1311.** Муъоз ибни Фазола ба мо нақл кард: Ҳишом ба мо нақл кард, аз Яҳё, аз Убайдуллоҳ ибни Миқсам, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Аз назди мо ҷанозае бигузашт ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба хотири он аз ҷой хест. Мо низ аз паи ӯ хестем ва гуфтем: «Эй пайғамбари Худо, ин ҷанозаи яҳудист». Гуфт: «Ҳар гоҳ ҷанозаеро бинед, аз ҷой хезед».*

**1312.** Одам ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард: Амр ибни Мурра ба мо нақл карда гуфт: аз Абдурраҳмон ибни Абӯлайло шунидам, ки гуфт: «Саҳл ибни Ҳунайф ва Қайс ибни Саъд дар Қодисия нишаста буданд. Аз назди онҳо ҷанозаеро гузаронданд. Ҳар ду бархостанд. Ба онҳо гуфтанд: «Ин маййит аз аҳли ҳамин сарзамин, яъне аз аҳли зимма аст». Онҳо гуфтанд: *«Ба ростӣ ки аз назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҷанозае бигу-*

*зашт, ӯ бархост. Ба ӯ гуфтанд: «Ин ҷанозаи яҳудист». Гуфт: «Оё ҷон(-и зинда) набуд?»*

**1313.** Ва (ба исноди дигар) Абӯҳамза гуфт, аз ал-Аъмаш, аз Амр, аз Ибни Абӯлайло, ки гуфт: «Ҳамроҳи Қайс ва Саҳл, разия-л-Лоҳу анҳумо, будам, онҳо гуфтанд: *«Ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, будем»*.

Ва (ба исноди дигар) Закарийё гуфт, аз аш-Шаъбӣ, аз Ибни Абӯлайло, ки гуфт: *«Абӯмасъуд ва Қайс барои ҷаноза аз ҷой мехестанд»*.

### (50) Боб. Андар он ки тобутро фақат мардон, бидуни занон бардоранд

**1314.** Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Саъид ал-Мақбурӣ, аз падараш, ки ӯ аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ майийт ба тобут гузошта шуда, онро мардон ба китфҳояшон бардоранд, агар (майийт) бандаи солеҳ бошад, гӯяд: «Маро зудтар бурда супоред». Ва агар бандаи ғайри солеҳ бошад, гӯяд: «Во вайлато, маро куҷо мебаред?» Овози ӯро ба ғайри инсон ҳамаи ашё мешунавад. Ва агар онро инсон мешунид, ҳуш аз сараш мепарид»*.

### (51) Боб. Андар ҳар чӣ зудтар бурдани ҷаноза

*Ва Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Эй мушояаткунандагон, аз пешу қафо, аз росту чапи тобут қадам зада равед». Дигаре гуфтааст: «Наздик ба тобут (бошед)».*

**1315.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл карда гуфт: инро аз аз-Зуҳрӣ ҳифз кардам, аз Саъид ибни ал-Мусайяб, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Дар бурдани ҷаноза шитоб кунед: агар майийт солеҳ бошад, пас (шитоби шумо аз барои) хайрест, ки ба ӯ зудтар мерасонед; агар ғайри солеҳ бошад, пас (шитоби шумо аз барои) шаррест, ки аз гардани худ зудтар соқит мекунед»*.

### (52) Боб. «Зудтар маро бурда супоред» гуфтани майийт дар тобут

**1316.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард: ал-Лайс ба мо нақл карда гуфт: Саъид ба мо нақл кард, аз падараш, ки вай аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мегуфт: *«Ҳар гоҳ майийт ба тобут гузошта шавад ва мардон онро ба китфҳо бардоранд, агар майийт бандаи солеҳ бошад, гӯяд: «Маро зудтар бурда супоред»; ва агар ғайри солеҳ бошад, ба аҳли худ гӯяд: «Во вайлато, маро куҷо мебаред?» Овози ӯро ба ғайри инсон ҳамаи ашё мешунавад ва агар онро инсон мешунид, ҳуш аз сараш мепарид».*

## (53) Боб. Дар бораи касоне, ки барои (адои намози) ҷаноза аз пушти имом ду ё се саф шаванд

**1317.** Мусаддад ба мо нақл кард, аз Абӯавона, аз Қатода, аз Ато, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар Наҷошӣ намози ҷаноза гузорид. Ман дар саффи дуюм ё сеюм будам».*

## (54) Боб. Андар сафҳо бастан барои (адои намози) ҷаноза

**1318.** Мусаддад ба мо нақл кард: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл кард: Маъмар ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Саъид, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ёрони худ дар бораи вафоти Наҷошӣ хабар дод. Баъди он пеш гузашт, (мардум) аз пушти ӯ саф бастанд ва ӯ чаҳор такбир гуфт».*

**1319.** Муслим ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард: аш-Шайбонӣ ба мо нақл кард, аз аш-Шаъбӣ, ки гуфт: ба ман шахсе хабар дод, ки пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидааст: *«Ӯ ба сари қабре омад, ки аз дигар қабрҳо ҷудо буд. Ҳамроҳони худро фармуд, ки саф бананд. Он гоҳ чаҳор такбир гуфт».* Ман (аш-Шайбонӣ) гуфтам: «Эй Абӯамр, ин ҳадисро ба ту кӣ нақл кард?» Гуфт: «Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо».

**1320.** Иброҳим ибни Мӯсо ба мо нақл кард: Ҳишом ибни Юсуф ба мо хабар дод, ки Ибни Ҷурайҷ ба онҳо хабар дода гуфт: Ато ба ман хабар дод, ки вай аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-

Лоҳу анҳумо, шунидааст, ки мегуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Имрӯз марди солеҳе аз ҳабашиён вафот кард, биёед бар ӯ намоз гузоред». (Ҷобир) гуфт: «Мо саф кашидем, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз гузорид ва мо дар сафҳо истодем».* Абуззубайр гуфт, аз Ҷобир: «Ман дар саффи дуюм будам».

### (55) Боб. Андар сафҳо ҳамроҳи мардон истодани писарбачагон дар намози ҷаноза

**1321.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл кард: Абдулвоҳид ба мо нақл кард: аш-Шайбонӣ ба мо нақл кард, аз Омир, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди қабре гузашт, ки дар он ҳамон шаб маййит дафн шуда буд. Гуфт: «Инро кай дафн карданд?» Гуфтанд: «Дишаб». Гуфт: «Пас чаро огоҳам накардед?» Гуфтанд: «Мо ӯро дар торикии шаб дафн кардем ва нахостем, ки туро бедор кунем». Ӯ ба намоз истод ва мо аз пушти ӯ саф кашидем.* Ибни Аббос гуфт: «Ман дар байни онҳо будам ва ӯ намози ҷаноза гузорид».

### (56) Боб. Андар суннати адои намози ҷаноза

*Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳар кӣ намози ҷаноза гузорад, (савоб гирад). Ва гуфт: «Бар ёри худ намоз гузоред». Ва гуфт: «Бар Наҷошӣ намоз гузоред».* Онро намоз номид, ҳарчанд ки дар он рукӯъ ва суҷуд нест ва дар он сухане (ғайринамозӣ) гуфта намешавад ва дар он такбир мегӯянду салом медиҳанд. Ва Ибни Умар бетаҳорат ҳаргиз намози ҷанозаро намехонд ва онро ҳангоми тулӯъ ва ғуруби офтоб намегузорид ва дар он ду даст боло мекард. Ва ал-Ҳасан гуфт: «Ман ҷамоатеро (аз саҳобагон) дарёфтаам. Онҳо барои имоматии намози ҷаноза касеро сазовортар медонистанд, ки имоматии намозҳои фарзи худро бо ризоятмандӣ ба ӯ супурдаанд. Ва ҳар киро агар ҳангоми намози ид ё ҷаноза таҳораташ шиканад, об талабад ва таяммум накунад. Ва ҳар кӣ ҳангоме расида ояд, ки мардум намози ҷаноза адо мекунанд, такбир гуфта, бо онҳо ба намоз дохил шавад. Ва Ибни ал-Мусайяб гуфт: «Дар ин намоз шахс хоҳ шабона бошад, хоҳ рӯзона, хоҳ дар сафар бошад, хоҳ дар ҳазар, чаҳор бор такбир гӯяд». Ва Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Такбири аввал (такби-

ри таҳримаи) оғози намоз аст. Ва (Худо) гуфт: «Ҳаргиз бар ҳеҷ яке аз онҳо (мунофиқон), ки бимирад, намоз магузор» (9:84). (Абӯабдуллоҳ гуфт:) «Дар он (намоз) сафҳо ва имом ҳаст».

**1322.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз аш-Шайбонӣ, аз аш-Шаъбӣ, ки гуфт: *инро ба ман касе хабар додааст, ки ҳамроҳи пайғамбари шумо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди қабри ҷудоистодае бигузашт: «Ӯ ба мо имоматӣ кард ва мо аз пушти ӯ саф кашидем».* (Аз аш-Шаъбӣ) пурсидем: «Эй Абӯамр, кӣ ин ҳадисро ба ту нақл кард?» Ӯ гуфт: «Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо».

## (57) Боб. Андар фазилати рафтан аз паси ҷанозаҳо

*Ва Зайд ибни Собит, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Агар намози ҷанозаро гузорида бошӣ, воҷиби худро ба ҷо овардаӣ». Ва Ҳумайд ибни Ҳилол гуфт: «Мо намедонистем, ки баъди адои намози ҷаноза барои баргаштан оё рухсат ҳаст, лекин (медонистем): ҳар кӣ намоз ба ҷо орад ва баъди он баргардад, ӯро як қирот савоб мерасад».*

**1323.** Абӯнуъмон ба мо нақл кард: Ҷарир ибни Ҳозим ба мо нақл карда гуфт: аз Нофеъ шунидам, ки гуфт: ба Ибни Умар нақл кардаанд, ки Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу мегуфт: *«Ҳар кӣ аз паси ҷаноза равад, ӯро як қирот савоб мерасад». Ибни Умар гуфт: «Абӯҳурайра ба мо беҳад бисёр (ҳадис) мегӯяд».*

**1324.** Ва ӯ – яъне Оиша – (ҳадиси) Абӯҳурайраро тасдиқ карда гуфт: «Аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки ҳамчунин мегуфт». Ва Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: *«Ба ростӣ, аз ин гуна қиротҳо бисёреро аз даст додаем».* (Абӯабдуллоҳ гуфт:) (Маънои) «Фарратту» – яъне «чизе аз фармудаи Худоро аз даст додаам» аст».

## (58) Боб. Дар бораи касе, ки то дафн кардани маййит мунтазир шавад

**1325.** Абдуллоҳ ибни Маслама ба мо нақл карда гуфт: бар Ибни Абӯзиъб хондам, аз Саъид ибни Абӯсаъид ал-Мақбурӣ, аз падараш, ки ӯ аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, суол кард ва (Абӯҳурайра) гуфт: аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам (таҳвил).

Ва (ба исноди дигар) Аҳмад ибни Шабиб ибни Саъид ба мо

нақл карда гуфт: падарам ба ман нақл кард: Юнус ба мо нақл кард: Ибни Шиҳоб гуфт (таҳвил).

Ва (ба исноди дигар) Абдурраҳмон ал-Аъраҷ ба ман нақл кард, ки Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ ба ҷаноза ҳозир шавад ва то адои намоз ҳамроҳ бошад, як қирот савоб мегирад; ва ҳар кӣ ба он ҳозир шавад ва то дафни маййит ҳамроҳ бошад, ду қирот савоб мегирад». Аз ӯ пурсиданд: «Ду қирот чӣ қадар аст?» Гуфт: «Баробари ду кӯҳи бузург аст».*

## (59) Боб. Андар намози ҷаноза хондани писарбачагон ҳамроҳи мардум

**1326.** Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл кард: Яҳё ибни Абӯбукайр ба мо нақл кард: Зоида ба мо нақл кард: Абӯисҳоқ аш-Шайбонӣ ба мо нақл кард, аз Омир, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба сари қабре омад. Ба ӯ гуфтанд: «Ин маййит – ё ин маййита – дишаб дафн шудааст». Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: «Мо аз пушти ӯ саф кашидем ва он гаҳ ӯ бар он (маййит) намоз хонд».*

## (60) Боб. Дар намозгоҳ ва масҷид гузоридани намози ҷаноза

**1327.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл кард: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Саъид ибни Мусайяб ва Абӯсалама: онҳо ин ҳадисро нақл карданд, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи марги Наҷошӣ – фармонравои Ҳабаша, ҳамон рӯзе, ки фавтид, ба мо хабар доду гуфт: «Барои бародаратон талаби омурзиш кунед».*

**1328.** Ва (ба исноди дигар) аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Саъид ибни ал-Мусайяб ба ман нақл кард, ки Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба онҳо дар намозгоҳ саф кашида чаҳор такбир гуфт».*

**1329.** Иброҳим ибни ал-Мунзир ба мо нақл кард: Абӯзамра ба мо нақл карда гуфт: Мӯсо ибни Уқба ба мо нақл кард, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Яҳудиён як марду як занеро аз (қавми) худ, ки зино карда буданд, назди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, оварданд. Ӯ амр кард,*

*ки дар наздикии мавзеи намози ҷаноза дар пеши масҷид он дуро сангсор кунанд».*

## (61) Боб. Андар он ки қабрҳоро масҷид кардан макрӯҳ аст

Ва ҳангоме ки ал-Ҳасан ибни ал-Ҳасан ибни Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳум, фавтид, занаш бар сари қабри ӯ хайма зад ва як сол бимонд, баъди он хаймаро бардоштанд. Ҳотиферо шунидаанд, ки мегуфт: «Оё гумшудаи худро пайдо карданд?» Ҳотифи дигар ҷавоб дод: «Не, навмед шуда баргаштанд».

**1230.** Убайдуллоҳ ибни Мӯсо ба мо нақл кард, аз Шайбон, аз Ҳилол ва ӯ ал-Ваззон аст, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: ӯ ҳангоми бемориаш, ки аз он вафот кард, гуфт: *«Худо яҳудиёну насрониён-ро лаънат кунод, ки қабрҳои пайғамбаронашон масҷид карда-анд». (Оиша) гуфт: «Ва агар ҳамин сухан намебуд, қабри ӯро намоён мекарданд, лекин тарси ман аз он аст, ки мабодо қабрашро масҷид кунанд».*

## (62) Боб. Андар гузоридани намоз бар занони дар нифос будае, ки ҳангоми нифос фавт карда бошанд

**1331.** Мусаддад ба мо нақл кард: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл кард: Ҳусайн ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ибни Бурайда ба мо нақл кард, аз Самура, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Аз паси пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, истода бар зани дар нифос фавт кардае намоз хондам. Ӯ рӯ ба васати тобут ба на-моз истод».*

## (63) Боб. Ҳангоми намози ҷанозаи зан ва мард имом бояд рӯ ба куҷои онҳо истад?

**1332.** Имрон ибни Майсара ба мо нақл кард: Абдулворис ба мо нақл кард: Ҳусайн ба мо нақл кард, аз Ибни Бурайда, ки гуфт: Самура ибни Ҷундаб, разия-л-Лоҳу анҳу, ба мо нақл карда гуфт: *«Аз паси пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, истода бар зани дар нифос фавт кардае намоз хондам. Ӯ рӯ ба васати то-бут ба намоз истод».*

## (64) Боб. Дар (намози) ҷаноза бар маййит чаҳор такбир (гуфта) шавад

Ва Ҳумайд гуфт: «Анас ба мо (имоматӣ карда) намози ҷаноза хонд ва се бор такбир гуфт, баъди он салом дод. Инро ба ӯ гуфтанд. Ӯ рӯ ҷониби қибла оварду бори чаҳорум такбир гуфт, баъди он салом дод».

**1333.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард: Молик ба мо хабар дод, аз Ибни Шиҳоб, аз Саъид ибни Мусайяб, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи марги Наҷошӣ ҳамон рӯзе, ки фавтид, хабар дод ва бо мардум ба намозгоҳ баромад, баъд бо онҳо саф кашида бар Наҷошӣ чаҳор такбир гуфт».*

**1334.** Муҳаммад ибни Синон ба мо нақл кард: Салим ибни Ҳайён ба мо нақл кард: Саъид ибни Мино ба мо нақл кард, аз Ҷобир, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба асҳама (яъне подшоҳ) Наҷошӣ намози ҷаноза хонд ва дар он чаҳор такбир гуфт».* Ва Язид ибни Ҳорун ва Абдуссамад гуфтанд, аз Салим: *«Асҳама».*

## (65) Боб. Андар қироати сураи «Фотиҳа» дар намози ҷаноза

Ва ал-Ҳасан гуфт: «Дар намози ҷанозаи тифл сураи «Фотиҳа»-ро қироат мекунанд ва мегӯянд: «Аллоҳума-ҷъалҳу лано фаратан ва салафан ва аҷран» (Бор Худоё, ӯро барои мо пешрав ва омодакунандаи манзил гардонӣ ва ӯро аҷри амали мо гардонӣ).

**1335.** Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл карда гуфт: Ғундар ба мо нақл карда гуфт: Шуъба ба мо нақл кард, аз Саъд, аз Талҳа, ки гуфт: *«Аз паси Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, истода намоз хондам».*

Ва (ба исноди дигар) Муҳаммад ибни Касир ба мо нақл карда гуфт: Суфён ба мо хабар дод, аз Саъд ибни Иброҳим, аз Талҳа ибни Абдуллоҳ ибни Авф, ки гуфт: *«Аз паси Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, истода дар ҷанозае намоз хондам. Ӯ сураи «Фотиҳа»-ро қироат кард». Гуфт: «Бидонед, ки ин суннат аст».*

## (66) Боб. Баъди дафни маййит бар сари қабраш намоз гузоридан

**1336.** Ҳаҷҷоҷ ибни Минҳол ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Сулаймон аш-Шайбонӣ ба ман нақл карда гуфт: аз аш-Шаъбӣ шунидам, ки гуфт: *ба ман инро касе хабар додааст, ки ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар қабри ҷудоистодае бигузашт. Ӯ ба онҳо имоматӣ кард ва онҳо аз пушти ӯ истода намоз хонданд. (Аз аш-Шаъбӣ) пурсидам: «Эй Абӯамр, кӣ ин ҳадисро ба ту нақл кард?» Гуфт: «Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо».*

**1337.** Муҳаммад ибни ал-Фазл ба мо нақл карда гуфт: Ҳаммод ибни Зайд ба мо нақл кард, аз Собит, аз Абӯрофеъ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу: *«Марде ё зане сиёҳ, ки масҷидро рӯбучин мекард, бимурд ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз мурдани ӯ хабар надошт. Рӯзе ӯро ёд карду гуфт: «Ба ҳамон инсон чӣ шуда бошад?» Гуфтанд: «Ӯ мурд, эй пайғамбари Худо». Гуфт: «Чаро огаҳам накардед?». Гуфтанд: «Ӯ чунин буду чунон буд» – қиссаи ӯро нақл карданд. – (Абӯҳурайра) гуфт: «Шаъни ӯро паст заданд». – Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Қабри ӯро ба ман нишон диҳед». Пасон сари қабраш омаду бар ӯ намоз гузорид».*

## (67) Боб. Андар он ки маййит шарфаи по(-и зиндаҳо)-ро мешунавад

**1338.** Айёш ба мо нақл кард: Абдулаъло ба мо нақл кард: Саъид ба мо нақл кард: (таҳвил).

Ва (ба исноди дигар) Халифа ба ман гуфт: Ибни Зурайъ ба мо нақл кард: Саъид ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Вақте ки банда дар қабр гузошта мешаваду ёронаш гашта меравaнд – ӯ ҳатто шарфаи пои онҳоро мешунавад – назди ӯ ду фаришта омада ӯро дар ҷояш менишонанду мегӯянд: «Ту дар ҳаққи ин мард – Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чиҳо мегуфтӣ?» Ӯ мегӯяд: «Гувоҳӣ медиҳам, ки вай бандаи Худо ва пайғамбари Ӯст». Пас ба ӯ гӯянд: «Бинигар, ин ҷойгоҳи ту дар дӯзах аст, Худо дар бадали он ба ту дар ҷаннат ҷойгоҳе додааст». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Маййит ин ду ҷойгоҳро якҷо мебинад. Аммо кофир – ё мунофиқ – хоҳад гуфт: «Намедонам, он чӣ мардум дар ҳаққи ӯ мегуфтанд, ман низ ҳамон мегуфтам». Ба ӯ гӯянд: «Ту на ӯро*

*донистаӣ ва на бо тиловати Қуръон ба ӯ пайравӣ кардаӣ». Баъди он бо гурзи оҳанин дар байни ду гӯшаш зарбае зананд ва ончунон (баланд) фарёд кунад, ки онро, ба ғайр аз инсу ҷинн, ҳамаи атрофиён бишунаванд».*

## (68) Боб. Дар бораи касе, ки дар Замини Муқаддас (Байтулмуқаддас) ё ҷойҳои монанди он дафн шуданро дӯст дорад

**1339.** Маҳмуд ба мо нақл кард: Абдурраззоқ ба мо нақл карда гуфт: Маъмар ба мо хабар дод, аз Ибни Товус, аз падараш, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Малаку-л-мавт (Азроил) сӯи Мӯсо, алайҳимо-с-салом, фиристода шуд. Вақте ки наздаш омад, Мӯсо муште сахт бар ӯ зад (ки як чашмаш кӯр шуд). Ӯ сӯи Парвардигори хеш, азза ва ҷалла, баргашту гуфт: «Маро сӯи бандае фиристодӣ, ки мурдан намехоҳад». Худои азза ва ҷалла ба ӯ чашмашро бозпас доду гуфт: «Наздаш рав ва ба ӯ бигӯ, ки даст бар пушти наргов занад ва чӣ миқдор мӯе, ки дар зери дасташ ояд, ба адади онҳо солҳои умраш афзун карда мешавад». (Мӯсо) гуфт: «Эй Парвардигори ман, баъди он чӣ хоҳад буд?» Гуфт: «Баъди он марг хоҳад буд». Гуфт: «Пас бигузор ҳамин ҳозир бошад». Ва аз Худо талаб кард, ки қабри ӯро ба масофаи як сангпарто ба Замини Муқаддас (Байтулмуқаддас) наздик барад. (Абӯҳурайра) гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Агар ман он ҷо ҳозир мебудам, ба шумо қабри ӯро дар канори роҳ, дар наздикии хомаи реги сурх нишон медодам».*

## (69) Боб. Шабона дафн кардани маййит

*Ва Абӯбакрро, разия-л-Лоҳу анҳу, шабона дафн карданд.*

**1340.** Усмон ибни Абӯшайба ба мо нақл кард: Ҷарир ба мо нақл кард, аз аш-Шайбонӣ, аз аш-Шаъбӣ, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Боре пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар марде, ки шабона дафн шуда буд, намоз гузорид: баъд аз он ки пурсид: «Ӯ кист?» Ва гуфтанд: «Фалон кас, ки дишаб дафнаш карданд». Ӯ ҳамроҳи ёрон бархост ва бар он (мард) намоз гузорид».*

## (70) Боб. Андар сохтани масҷид бар рӯи қабр

**1341.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Чун пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бемор шуд, баъзе занонаш канисаеро бо номи Мория ба ёд оварданд, ки дар сарзамини Ҳабаша дида буданд. Умм Салама ва Умм Ҳабиба, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба сарзамини Ҳабаша рафта буданд ва зебоию нигоришҳои он канисаро таъриф карданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, сар аз болин бардошту гуфт: «Онҳо ҳар гоҳ аз байнашон марди солеҳ бимирад, бар рӯи қабри ӯ масҷиде бино мекунанд ва ҳамон суратҳоро мекашанд. Онҳо дар назди Худо бадтарин халоиқанд».*

## (71) Боб. Ба қабри зан киро даромадан ҷоиз аст?

**1342.** Муҳаммад ибни Синон ба мо нақл кард: Фулайҳ ибни Сулаймон ба мо нақл кард: Ҳилол ибни Алӣ ба мо нақл кард, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Дар (ҷаноза ва дафни) духтари пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳозир будем ва пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар сари қабр нишаста буд. Дидам, ки аз чашмонаш ашк мерехт. Ӯ гуфт: «Оё дар миёни шумо касе ҳаст, ки имшаб бо занаш иқтироф (ҳамбистарӣ) накарда бошад?» Абӯталҳа гуфт: «Манам». Гуфт: «Пас ту ба қабр даро». Ӯ ба қабр даромад ва маййит дар лаҳад гузошт».*

Ибни ал-Муборак гуфт: Фулайҳ гуфт: «Ба назарам, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, («иқтироф» гуфта) гуноҳро дар назар дошт». Абӯабдуллоҳ гуфт: «Ли яқтарифу (амали бад кунанд) (6:113), яъне гуноҳ кунанд».

## (72) Боб. Андар гузоридани намози ҷаноза бар шаҳид

**1343.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард: ал-Лайс ба мо нақл карда гуфт: Ибни Шиҳоб ба мо нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни Каъб ибни Молик, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз мақтулони ҷанги Уҳуд ду мардро дар як ҷома (барои такфин) ба ҳам меовард ва пеш аз дафн мегуфт: «Кадоми инҳо аз Қуръон баҳраи бештар гирифтааст?» Ва чун ба ӯ яке аз он дуро нишон доданд, ҳамонро дар лаҳад муқаддам (ба қибла) мегузошт. Ва гуфт: «Ман фардо рӯзи қиёмат бар инҳо шаҳидам (гувоҳам)». Ва амр кард, ки он ду оғуштаи хунро, ношуста дафн кунанд. Ва бар он ду намози ҷаноза нагузорид».*

**1344.** Абдуллоҳ ибни Юсуф ба мо нақл кард: ал-Лайс ба мо нақл кард: Язид ибни Абӯҳабиб ба ман нақл кард, аз Абулхайр, аз Уқба ибни Омир: *«Рӯзе пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун омад ва бар (шаҳидони) аҳли Уҳуд намоз гузорид – аз он намоз, ки бар маййит мехонд. Баъд ба минбар баромаду гуфт: «Ман (ба ҷаннат) пешрави шумоям (ва ҷой омода мекунам) ва ман бар шумо шаҳидам (гувоҳам). Валлоҳ, ки ман ҳамин ҳозир ба ҳавзи худам менигарам. Воқеан калиди ганҷинаҳои заминро – ё калидҳои заминро – ба дасти ман доданд. Ва ман, валлоҳ, ҳеҷ тарсе надорам, ки баъди ман шумо мушрик мешавед, лекин аз он тарс дорам, ки шумо барои дунё мабодо нисбат ба ҳамдигар бартарӣ ҷӯед».*

## (73) Боб. Андар дафни ду ё се мард дар як қабр

**1345.** Саъид ибни Сулаймон ба мо нақл кард: ал-Лайс ба мо нақл кард: Ибни Шиҳоб ба мо нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни Каъб, ки Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба ӯ хабар дод: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз мақтулони ҷанги Уҳуд ду мардро дар қабр якҷо мегузошт».*

## (74) Боб. Дар бораи касе, ки шаҳидонро ношуста дафн кард

**1346.** Абулвалид ба мо нақл кард: Лайс ба мо нақл кард, аз Ибни Шиҳоб, аз Абдурраҳмон ибни Каъб, аз Ҷобир, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Онҳоро оғуштаи хун дафн кунед – яъне рӯзи ҷанги Уҳуд – ва онҳоро нашӯед».*

## (75) Боб. Нахуст киро дар лаҳад бояд гузошт?

Ва «лаҳад» барои он номида шудааст, ки (аз қабр) дар як сӯ аст. Ва ҳар ҷавркунанда мулҳид аст. «Мултаҳадан» (72:22) маъдил аст (яъне мавзеъе, ки аз роҳ як сӯ гузашта ба он раванд). Ва агар (ҳуфраи қабр) рост мебуд, онро «зареҳ» (гӯри шомӣ) мегуфтанд.

**1347.** Ибни Муқотил ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: Лайс ибни Саъд ба ман хабар дода гуфт: Ибни Шиҳоб ба ман нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни Каъб ибни Молик, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз мақтулони ҷанги Уҳуд ду мардро дар як ҷома (барои такфин) ба ҳам меовард. Пеш аз дафн мегуфт:*

*«Кадоми инҳо аз Қуръон баҳраи бештар гирифтааст?» Ва чун ба ӯ яке аз он дуро нишон доданд, ӯ ҳамонро дар лаҳад муқаддам (ба қибла) мегузошт. Ва гуфт: «Ман бар инҳо шаҳидам (гувоҳам)». Ва амр кард, ки онҳоро дар ҳоли оғуштаи хун дафн кунанд. Ва бар онҳо намоз нахонд ва онҳоро нашӯёнид».*

**1348.** (Ба исноди дигар) Ибни ал-Муборак гуфт: ал-Авзоъӣ ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи мақтулони ҷанги Уҳуд суол мекард: «Кадоми инҳо аз Қуръон баҳраи бештар гирифтааст». Ва чун ба ӯ мардеро нишон медоданд, ӯ ҳамонро дар лаҳад муқаддам аз ёраш мегузошт. Ва Ҷобир гуфт: «Падару амакамро дар як намира (бурдаи рахрахи пашмӣ) такфин карданд».*

Ва Сулаймон ибни Касир гуфт: аз-Зуҳрӣ ба ман нақл кард: ба ман касе нақл кард, ки аз Ҷобир, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст.

## (76) Боб. Андар гузоштани изхир ва алаф дар қабр

**1349.** Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Ҳавшаб ба мо нақл карда гуфт: Абдулваҳҳоб ба мо нақл карда гуфт: Холид ба мо нақл кард, аз Икрима, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Худо Маккаро ҳарамгоҳ кардааст. На пеш аз ман ва на баъд аз ман (ҷанг кардан дар он) ба касе раво набуду нахоҳад буд. Фақат барои ман соате аз рӯзе (рӯзи Фатҳ) ҳалол гардиду бас. На кандани гиёҳҳои он ва на буридани дарахтҳояш ва на шикори сайдаш равост ва на гирифтани чизи ба замини он афтода – ба ҷуз он ки бо мақсади пайдо кардани соҳиби он чиз бошад».* Ва дар ин асно ал-Аббос, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Ба ғайр аз изхир, ки дар заргарӣ ва қабрҳоямон ба кор меравад». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ғайр аз изхир».*

Ва Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Барои қабрҳо ва хонаҳоямон».*

Ва Абон ибни Солеҳ гуфт, аз ал-Ҳасан ибни Муслим, аз Сафия бинти Шайба: «(Ҳадисе) монанди инро аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидам».

Ва Муҷоҳид гуфт, аз Товус, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо: *«Барои оҳангарону хонаҳояшон».*

## (77) Боб. Оё бо сабабе майийитро аз қабру лаҳад берун мебароранд?

**1350.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард: Амр гуфт: аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидам, ки гуфт: *«Баъди он ки Абдуллоҳ ибни Убайро ба қабр монданд, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, омад. Фармуд, ки майийитро берун бароранд. Он гоҳ майийитро болои зонуҳояш гирифта ба ӯ оби даҳон молид ва пероҳани худро бар ӯ пӯшонид. Ва сабаби инро Худо донад. (Абдуллоҳ) дар зиндагиаш ба Аббос (амаки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) пероҳане пӯшонида буд».*

Суфён гуфт: ва Абӯҳурайра гуфт: *«Бар тани пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ду пероҳан буд. Писари Абдуллоҳ ба ӯ гуфт: «Эй пайғамбари Худо, он пероҳани ба пӯсти (танат) наздиктарро ба падарам пӯшон».* Суфён гуфт: «Мардум чунин мепиндоранд, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, пероҳани худро ба Абдуллоҳ пӯшонид, ҳамчун подоши ҳар он чӣ ӯ карда буд».

**1351.** Мусаддад ба мо нақл кард: Бишр ибни Ал-Муфаззал ба мо хабар дод: Ҳусайн ал-Муъаллим ба мо нақл кард, аз Ато, аз Ҷобир, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Чун вақти (ҷанги) Уҳуд фаро расид, як шаб пеш падарам маро назди худ хонду гуфт: «Ба назарам, аз ҷумлаи ёрони мақтули пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аввалин хоҳам буд ва азизтарин касе, ки ман дар ин ҷаҳон вомегузорам, баъди ҷони пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ту ҳастӣ. Ман қарзе ба гардан дорам, ҳамонро бипардоз, бо хоҳаронат рафтору муомилаи нек бикун». Дарвоқеъ бомдодон ӯ аввалин касе буд, ки кушта шуд. Ӯро ҳамроҳи каси дигар дар як қабр дафн карданд. Баъдтар ба табъам хуш наомад, ки ӯро бо каси дигаре дар қабр гузорам. Баъди гузаштани шаш моҳ ӯро аз қабр берун овардам ва дар ҳамон ҳолате дидамаш, ки рӯзи аввал дар қабр гузошта будам – ғайр аз як гӯшаш, ки андаке дигаргун шуда буд».*

**1352.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Саъид ибни Омир ба мо нақл кард, аз Шуъба, аз Ибни Абӯнаҷиҳ, аз Ато, аз Ҷобир, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Мардеро ҳамроҳи падарам дафн карданд. Ва ба табъам хуш наомад, ниҳоят, ӯро берун баровардам ва дар қабри алоҳида гузоштам».*

## (78) Боб. Андар (кандани) лаҳад ва шаққ (шикоф) дар қабр

**1353.** Абдон ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: ал-Лайс ибни Саъд ба мо хабар дода гуфт: Ибни Шиҳоб ба ман нақл кард, аз Абдурраҳмон ибни Каъб ибни Молик, аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз мақтулони (ҷанги) Уҳуд ду мардро якҷо ба ҳам меовард ва пеш аз дафн мегуфт: «Кадоми инҳо аз Қуръон бештар баҳра гирифтааст?» Ва чун ба ӯ яке аз он дуро нишон медоданд, ӯ ҳамонро дар лаҳад муқаддам (ба қибла) мегузошт. Ва мегуфт: «Ман фардо рӯзи қиёмат бар инҳо шаҳидам (гувоҳам)». Ва амр кард, ки онҳоро огуштаи хун, нашуста дафн кунанд».*

## (79) Боб. Агар писарбача ислом орад ва бимирад, оё равост, ки бар ӯ намоз гузоранд? Ва ба писарак(-иноболиғ) ислом арза мекунанд?

Ва ал-Ҳасан, Шурайҳ, Иброҳим ва Қатода гуфтанд: «Агар аз волидайн яке ислом орад, пас фарзанд бо волиди мусулмонаш (ҳукм карда) мешавад». Ва Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ҳамроҳи модараш мезист, ки аз ҷумлаи мустазъафин (бечорагон) буд. Ва ҳамроҳи падараш дар дини қавми худ намонд ва гуфт: «Ислом (аз дигар динҳо) авлост ва дине бар он боло нахоҳад буд».

**1354.** Абдон ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо хабар дод, аз Юнус, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Солим ибни Абдуллоҳ ба ман хабар дод, ки Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба вай хабар дод: *«Умар ҳамроҳи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо чанд нафар ба назди Ибни Сайёд рафтагор шуданд ва ӯро дар ҳоле ёфтанд, ки бо бачагон дар назди қалъаи банӣ Мағола бозӣ дошт. Ибни Сайёд он мавқеъ ба синни балоғат наздик расида буд. Ӯ омадани ин ҷамоаро ҳис накард, то он ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба дасташ зад. Баъди он ба Ибни Сайёд гуфт: «Оё гувоҳӣ медиҳӣ, ки ман пайғамбари Худоям?» Ибни Сайёд ба ӯ нигоҳ карду гуфт: «Гувоҳӣ медиҳам, ки ту пайғамбари бесаводон ҳастӣ». Пас Ибни Сайёд ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Оё ту гувоҳӣ медиҳӣ, ки*

*ман пайғамбари Худоям?» Ӯ инкор карду гуфт: «Ба Худову пайғамбаронаш имон овардам». Ва ба ӯ гуфт: «Ту дар (рӯъё) чӣ мебинӣ?» Ибни Сайёд гуфт: «(Дар рӯъё) ба ман (гоҳе хоби) рост меояд ва (гоҳе) дурӯғ меояд». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «(Шайтони огоҳкунандаат) кор бар ту ошуфта кардааст». Боз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт: «Ба ростӣ ки ман барои ту чизеро пинҳон кардаам». Ибни Сайёд гуфт: «Ин «ад-Дух» (дуд) аст». Ӯ гуфт: «Гум шав! Қадри ту ҳаргиз фузунтар аз ин (коҳинӣ) нахоҳад буд». Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Иҷозат бидеҳ гарданаш бизанам». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Агар ин ҳамон (Даҷҷол) бошад, ту бар ӯ ҳаргиз тасаллут наёбӣ; ва агар он набошад, туро дар куштани ӯ хайре нест».*

**1355.** Ва (ба ҳамин иснод) Солим гуфт: аз Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидам, ки мегуфт: *«Баъди ин воқеа боре пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва Убай ибни Каъб сӯи нахлистоне рафтанд, ки Ибни Сайёд он ҷо буд. Ӯ хост (пинҳонӣ) пеш аз он ки Ибни Сайёд ӯро бибинад, аз Ибни Сайёд чизе бишунавад. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дид, ки ӯ дар рӯи қатифа (матои бахмалин)-и худ ёзида буд ва аз он қатифа рамзае (овозе) ё замрае (овозе) мебаромад. Модари Ибни Сайёд дид, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар паси танаи дарахти хурмо пинҳон аст, ба Ибни Сайёд гуфт: «Эй Софӣ – ва ин номи Ибни Сайёд буд – инак Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам». Ибни Сайёд ҷаста аз ҷой бархест. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Агар модар ӯро ба ҳоли худ мегузошт, ӯ ҳақиқати асли худро ошкор мекард».* Ва Шуъайб дар ҳадиси худ афзуд: «Ва бо пояш ӯро такон дод. «Рамраматун» (овози ботинӣ) ё «замзаматун» (чизе гуфта ҳаракат кунондани лабҳо) аст. Исҳоқ ал-Калбӣ ва Уқайл гуфтанд: «Рамраматун». Ва Маъмар гуфт: «Рамзатун» (овоз).

**1356.** Сулаймон ибни Ҳарб ба мо нақл кард: Ҳаммод, ки Ибни Зайд аст, ба мо нақл кард, аз Собит, аз Анас, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Яҳудиписараке ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, хидматгорӣ мекард. Ӯ бемор шуд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба иёдаташ рафту болои сараш нишаст ва гуфт: «Ислом биёр». Писарак ба падараш нигоҳ кард, ки назди ӯ буд. Падар ба ӯ гуфт: «Ба Абулқосим, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, итоат кун». Ва он гоҳ ислом овард. Пайғамбар, салла-*

*л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун баромад ва чунин гуфт: «Сипосу ситоиш Худоеро, ки ӯро аз оташи дӯзах раҳоӣ бахшид».*

**1357.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл карда гуфт: Убайдуллоҳ гуфт: аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидаам, ки мегуфт: *«Ману модарам аз бечорагон будем: ман аз кӯдакон ва модарам аз занон».* (Ишора ба ояти 4:75 аст).

**1358.** Абулямон ба мо нақл кард: Шуъайб ба мо хабар дод: Ибни Шиҳоб гуфт: «Ба ҳар бачае, ки баъди таваллуд фавтад, агарчи валадуззино бошад, намоз бояд хонд, зеро ки ӯ дар фитрати ислом зоида шудааст; волидайнаш – ба хусус падараш – худро мусулмон гӯянд, ҳарчанд ки модараш аз дини ғайри ислом бошад, агар фавран (баъд аз зоида шудан) овоз баровварда бошад, бояд бар ӯ намоз хонд ва бар он ки овоз набаровварда бошад, намоз нахонанд, зеро афгона аст». Ҳамоно Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, нақл мекард: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳеҷ як таваллудшудае нест, ки дар фитрат (қобили ислом) таваллуд нашавад, баъдан волидайнаш ӯро яҳудӣ, насронӣ ё маҷусӣ мекунанд. Ҳамчунон ки чаҳорпо чаҳорпои тандуруст мезояд, оё дидаед, ки чаҳорпое ноқис (бинӣ ё думбурида) зоида шавад?» Баъди он Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, мегуфт: «Дини Худоро пайравӣ кун, ки мардумонро бар он офаридааст» (30:30).*

**1359.** Абдон ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: Юнус ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Абӯсалама ибни Абдурраҳмон ба ман хабар дод, ки Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳеҷ таваллудшудае нест, ки дар фитрат (қобили ислом) таваллуд нашавад. Волидайнаш ӯро яҳудӣ ё насронӣ ё маҷусӣ мекунанд, ҳамчунон ки чаҳорпо чаҳорпои тандуруст мезояд. Оё дидаед, ки чаҳорпое ноқис (бинӣ ё думбурида) зоида шавад?» Баъди он Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, мегуфт: «Дини Худоро пайравӣ кун, ки мардумонро бар он офаридааст. Ин дини Худоро бадал нametавон кард. Ин дини саҳеҳ аст» (30:30).*

### (80) Боб. Агар мушрик вақти ҷон додан «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» гӯяд...

**1360.** Исҳоқ ба мо нақл кард: Яъқуб ибни Иброҳим ба мо ха-

бар дода гуфт: падарам ба ман нақл кард, аз Солеҳ, аз Ибни Шиҳоб, ки гуфт: Саъид ибни ал-Мусайяб ба ман хабар овард, аз падараш, ки ӯ хабар дод: *«Чун вақти вафоти Абӯтолиб фаро расид, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба назди ӯ омад ва Абӯҷаҳл ибни Ҳишом ва Абдуллоҳ ибни Абӯумайя ибни ал-Мугираро дар ҳузури ӯ ёфт. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба Абӯтолиб гуфт: «Эй амак, бигӯ: «ло илоҳа илло-л-Лоҳ (нест ҳеҷ маъбуде ҷуз Худо). Ин калимаест, ки ман бо он барои ту назди Худо гувоҳӣ хоҳам дод». Абӯҷаҳлу Абдуллоҳ ибни Абӯумайя гуфтанд: «Эй Абӯтолиб, оё аз дини Абдулмутталиб берун меоӣ?» Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳамоно он калима ба ӯ арза медошт ва он ду ҳамон суханон такрор ба такрор мегуфтанд, то Абӯтолиб охирин суханашро ба онҳо гуфт, ки ӯ дар дини Абдулмутталиб аст, вале аз гуфтани «ло илоҳа илло-л-Лоҳ» худдорӣ кард. Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Валлоҳ, ман барои ту аз Худо талаби омурзиш хоҳам кард, то аз ин кор наҳй карда нашавам». Ва Худои Таъоло дар ин бора оят нозил кард: «Пайғамбар (ва мӯъминон)-ро раво набувад, (ки барои мушрикон, агарчи хешӣ дошта бошанд – баъди он, ки ба онҳо зоҳир шавад, ки ин гурӯҳ дӯзахиёнанд – талаби омурзиш кунанд»)  (9:113).*

### (81) Боб. Андар гузоштани шохаи нахл бар қабр

Ва Бурайда ал-Асламӣ васият кард, ки бар қабри ӯ ду шохаи нахл гузоранд. Ва Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, бар болои қабри Абдурраҳмон хиргоҳи бузурге диду гуфт, «Эй писар, хиргоҳ баркан, зеро амал(-и нек)-аш бар ӯ соя меафканад».

Ва Хориҷа ибни Зайд гуфт: «Ёд дорам дар аҳди Усмон, разия-л-Лоҳу анҳу, мо ҷавон будем ва аз байни мо дар ҷаҳидан чолоктарин ҳамоне мебуд, ки аз болои қабри Усмон ибни Мазъун ҷаҳида гузарад». Ва Усмон ибни Ҳаким гуфт: «Хориҷа аз дастам бигирифту бар болои қабре бинишонд ва ба ман хабар дода гуфт, аз амакаш – Язид ибни Собит: «Бар болои қабр нишастан ба касе макрӯҳ аст, ки бар он ҳадас карданӣ бошад». Ва Нофеъ гуфт: «Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, бар болои қабрҳо менишаст».

**1361.** Яҳё ба мо нақл карда гуфт:: Абӯмуъовия ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Муҷоҳид, аз Товус, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Ӯ*

*аз назди ду қабр гузашт, ки хуфтагонашон азоб дода мешуданд, гуфт: «Ба ростӣ ки онҳо азоб дода мешаванд, лекин на барои гуноҳҳои кабира азоб дода мешаванд: он яке аз (расидани) пешоб худро эҳтиёт намекард; ва дигарӣ одати суханчинӣ дошт». Он гоҳ як шохаи тари нахлро гирифту ду нима кард, баъд дар сари ҳар қабре як нимаро халонд. Аз ӯ пурсиданд: «Эй пайғамбари Худо, чаро чунин кардӣ?» Гуфт: «Шояд то хушкидани шохаҳо азоби онҳо сабук гардонида шавад».*

## (82) Боб. Андар ваъз гуфтани муҳаддис дар сари қабр ва нишастани ҳамроҳонаш дар атрофи ӯ

«Явма яхруҷуна мина-л-аҷдоси» (70:43) (рӯзе, ки аз қабрҳо бароянд). «Ал-аҷдос» қабрҳо аст. «Буъсират» (82:4) – зеру забар, тагу рӯ шавад; «баъсарту ҳавзӣ» – яъне ҳавзамро тагу рӯ кардам. «Ал-ифозу» (70:43) – ба шитоб рафтан. Ва ал-Аъмаш «ило насбин» (70:43) хондааст – ба сӯи марра, мусобиқакунон мешитобанд. Ва «ан-нусб» шакли танҳо ва «ан-насб» масдар аст. «Янсилуна» (36:51) – мебароянд: рӯзи аз қабрҳояшон баромадан.

**1362.** Усмон ба мо нақл карда гуфт: Ҷарир ба ман нақл кард, аз Мансур, аз Саъд ибни Убайда, аз Абӯабдурраҳмон, аз Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Дар Бақеъу-л-Ғарқад дар ҷанозае будем. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, назди мо омаду бинишаст, мо низ дар гирди ӯ ҷо гирифтем. Ӯ дар даст асо дошт. Ва сар хам карда нӯги асо ба замин мезад. Баъд гуфт: «Дар байни шумо касе, ҷонзоде нест, ки ҷою маконаш дар ҷаннату дӯзах навишта нашуда бошад ва (дар сарнавишташ) бадбахт ё хушбахт навишта нашуда бошад».* Марде гуфт: «Эй пайғамбари Худо, пас оё намешавад, ки ба сарнавиштамон таваккул кунему даст аз амал фурӯ кашем? Ва ҳар кӣ аз мо (дар сарнавишт) аз хушбахтон бошад, хоҳу нохоҳ кори хушбахтонро мекунад; ва аммо ҳар кӣ аз мо (дар сарнавишт) аз бадбахтон бошад, хоҳу нохоҳ кори бадбахтонро мекунад?» Гуфт: *«Аммо барои хушбахтон иҷрои амали хуб ва нек осон хоҳад буд, аммо барои бадбахтон иҷрои амали бад ва зишт осон хоҳад буд». Баъди он қироат кард: «Ва аммо ҳар кӣ ато карду парҳезгорӣ намуд...» (92:5).*

## (83) Боб. Он чӣ дар бораи

**каси худкушикунанда омадааст**

**1363.** Мусаддад ба мо нақл кард: Язид ибни Зурайъ ба мо нақл кард: Холид ба мо нақл кард, аз Абӯқилоба, аз Собит ибни аз-Заҳҳок, разия-л-Лоҳу анҳу, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Ҳар кӣ ба дини ғайри ислом қасдан қасами бардурӯғ хӯрад, ӯ мансуби ҳамон (дин) аст, ки (дар қасамаш) гуфтааст; ва ҳар кӣ худро бо оҳан (тезина) кушад, дар оташи дӯзах бо оҳан азоб дода шавад»*.

**1364.** Ва (ба исноди дигар) Ҳаҷҷоҷ ибни Минҳол гуфт: Ҷарир ибни Ҳозим ба мо нақл кард, аз ал-Ҳасан: Ҷундаб, разия-л-Лоҳу анҳу – дар ҳамин масҷид ба мо нақл карду мо (ҳадиси ӯро) фаромӯш накардаем ва низ ҳаргиз хавф намебурдем, ки Ҷундаб дурӯғе гӯяд, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Марде захме дошт, худро кушт. Худои азза ва ҷалла гуфт: *«Бандаи ман дар (гирифтани) ҷони худ бар ман пешдастӣ кард, Ман ӯро аз ҷаннат маҳрум гардонидам»*.

**1365.** Абулямон ба мо нақл кард: Шуъайб ба мо хабар дод: Абуззинод ба мо нақл кард, аз ал-Аъраҷ, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар кӣ худро хаба (буғӣ) карда кушад, дар оташи дӯзах худро хаба мекунад; ва ҳар кӣ худро захм зада кушад, дар оташи дӯзах худро захм занад»*.

## (84) Боб. Андар он ки намоз(-и ҷаноза) хондан бар мунофиқон ва омурзиш талаб кардан барои мушрикон макрӯҳ аст

Ин (ҳадис)-ро Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ривоят кардааст, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

**1366.** Яҳё ибни Букайр ба мо нақл карда гуфт: ал-Лайс ба ман нақл кард, аз Уқайл, аз Ибни Шиҳоб, аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ, аз Ибни Аббос, аз Умар ибни ал-Хаттоб, разия-л-Лоҳу анҳум, ки гуфт: *«Вақте ки Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салул мурд, пайғамбари Худоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, даъват карданд, то бар ӯ намоз гузорад. Ва чун пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (барои намоз) аз ҷой бархост, ман назди ӯ ҷаста рафтаму гуфтам: «Эй пайғамбари Худо, оё бар Ибни Убай намоз мегузорӣ? Ва ҳол он ки ӯ фалон рӯзу фалон дафъа чунину чунон гуфт» – ман ба ӯ суханони Ибни Убайро баршумур-*

*дам. Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, табассуме карду гуфт: «Эй Умар, аз пеши ман дуртар ист». Ва чун дар ин хусус ба ӯ бисёр гуфтам, ӯ ҷавоб дод: «Ман мухайяр будам, ки (аз ду якеро ихтиёр кунам) ва ихтиёр кардам. Агар медонистам, ки бо беш аз ҳафтод бор талаби омурзиш кардан ӯро меомурзанд, ман аз он бештар (талаби омурзиш) мекардам». (Умар) гуфт: «Пас пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар ӯ намоз гузориду баъд бирафт». Ва дере нагузашт, ки ду оят аз сураи «Бароат»* (9) *нозил шуд: «Ва ҳаргиз бар ҳеҷ яке аз онҳо, ки бимирад, намоз магузор...» – то «ва фосиқ буданд» (9:84). Ман аз он ҷуръату густохӣ, ки он рӯз ба пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, кардам, дар ваҳм афтодам. Ва Худову пайғамбараш беҳтар донанд».*

### (85) Боб. Андар сано хондани мардум бар маййит

**1367.** Одам ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард: Абдулазиз ибни Суҳайб ба мо нақл карда гуфт: аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидаам, ки мегуфт: *«(Ҷамоате) аз назди ҷанозае бигузаштанд, ӯро ба некӣ ёд карданд. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Воҷиб гардид». Баъди он аз назди ҷанозаи дигаре бигузаштанд, ӯро ба бадӣ ёд карданд». Ӯ гуфт: «Воҷиб гардид». Умар ибни ал-Хаттоб, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Чӣ воҷиб гардид?» Гуфт: «Он кӣ ба некӣ ёд кардед, ҷаннат бар ӯ воҷиб гардид; ва он кӣ ба бадӣ ёд кардед, дӯзах бар ӯ воҷиб гардид. Шумо дар рӯи замин гувоҳони Худоед».*

**1368.** Аффон ибни Муслим ба мо нақл кард: Довуд ибни Абулфурот ба мо нақл кард, аз Абдуллоҳ ибни Бурайда, аз Абуласвад, ки гуфт: *«Ба Мадина омадам ва дар он ҷо беморие хурӯҷ карда буд. Назди Умар ибни ал-Хаттоб, разия-л-Лоҳу анҳу, нишастам. Аз он ҷо бо тобуте бигузаштанд. Мардум соҳиби онро ба некӣ ёд карданд. Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Воҷиб гардид». Баъди он боз бо (тобути) дигаре гузаштанд. Мардум соҳиби онро низ ба некӣ ёд карданд. Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт: «Воҷиб гардид». Сипас бо (тобути) сеюм гузаштанд. Мардум соҳиби онро ба бадӣ ёд карданд. Умар гуфт: «Воҷиб гардид». Абуласвад гуфт: ман гуфтам: «Эй амирулмӯъминин, чӣ воҷиб гардид?» Гуфт: «Ман он чиро гуфтам, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мегуфт: «Худо ҳар мусулмонеро, ки*

*чаҳор кас бар ӯ нек гуфта гувоҳӣ диҳанд, ба ҷаннат медарорад». Мо гуфтем: «Ва агар се кас бошад?» Гуфт: «Се кас низ». Гуфтем: «Ва агар ду кас?» Гуфт: «Ду кас низ». Лекин мо дар бораи (гувоҳии) як кас аз ӯ суол накардем».*

## (86) Боб. Андар он чӣ дар бораи азоби қабр омадааст

*Ва суханони Ӯ Таъоло: «Вақте ки золимон дар сакароти марг бошанд ва фариштагон дасти худро дароз кунанд, (мегӯянд:) «Ҷонҳои худро берун оред, имрӯз бо азоби расвокунанда ҷазо дода хоҳед шуд» (6:93). «Ал-ҳун» ҳамон «ал-ҳавон» аст, яъне «расво кардан». Ва «ал-ҳавн» – «ар-рифқ» аст, (яъне «нармӣ, осонӣ»). Ва суханони Ӯ, ҷалла зикруҳу: «Онҳоро ду бор азоб хоҳем кард, сипас ба сӯи азоби бузург гардонида мешаванд» (9:10). Ва суханони Ӯ Таъоло: «Ва хешони Фиръавнро азоби сахт фаро гирифт – оташе, ки субҳу шом бар он ҳозир карда мешаванд ва рӯзе, ки қиёмат қоим шавад, (гӯем:) «Хешони Фиръавнро дар сахттарин азоб андозед» (40:45/46).*

**1369.** Ҳафс ибни Умар ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард, аз Алқама ибни Марсад, аз Саъд ибни Убайда, аз ал-Баро ибни Озиб, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки гуфт: *«Вақте ки мӯъмин дар қабри худ нишонида мешавад, (фариштагон) наздаш меоянд ва ӯ шаҳодат медиҳад: «Ашҳаду ан ло илоҳа илло-л-Лоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулу-л-Лоҳ» (Шаҳодат медиҳам, ки ҳеҷ маъбуде нест ҷуз Худо ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад пайғамбари Худо аст). Ва ин аз қавли Ӯст: «Худо мӯъминонро бо сухани дуруст устувор медорад» (14:27).*

Муҳаммад ибни Башшор ба мо нақл кард: Ғундар ба мо нақл кард: Шуъба айнан ҳаминро ба мо нақл карду афзуд: «Ояти «Худо мӯъминонро устувор медорад» (14:27) дар бораи азоби қабр нозил шудааст».

**1370.** Алӣ ибни Абдуллоҳ ба мо нақл кард: Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл кард: падарам ба ман нақл кард, аз Солеҳ: Нофеъ ба ман нақл кард, ки Ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ба ӯ хабар дода гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба аҳли қалиб (яъне кофирони мақтули дар чоҳи Бадр афканда) нигоҳ карду гуфт: «Акнун донистед, ки он чӣ Парвардигоратон ваъда кард, ҳақ будааст?»* Ба ӯ гуфтанд: «Оё ба мурдагон муроҷиат мекунӣ?» Ӯ гуфт: *«Шумо аз онҳо шунавандатар не-*

*стед, вале онҳо посух дода наметавонанд».*

**1371.** Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба мо нақл кард: Суфён ба мо нақл кард, аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Дар воқеъ, онҳо акнун донистаанд, ки он чӣ ман мегуфтам, ҳақ аст, зеро Худои Таъоло фармудааст: «Дар ҳақиқат ту овозро ба мурдагон шунавонида наметавонӣ» (27:80).*

**1372.** Абдон ба ман нақл кард: падарам ба ман хабар дод, аз Шуъба: аз ал-Ашъас шунидам аз падараш, аз Масруқ, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки *яҳудизане ба хонаи ӯ даромад ва азоби қабрро зикр карду ба ӯ гуфт: «Худо туро аз азоби қабр паноҳ дорад». Пас Оиша аз пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи азоби қабр суол кард. Ӯ гуфт: «Оре, азоби қабр ҳаст». Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, гуфт: «Баъди он ҳаргиз надидаам, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намоз гузорида дар он аз азоби қабр ба Худо паноҳ наҷуста бошад».* Ғундар афзуд: *«Азоби қабр барҳақ аст».*

**1373.** Яҳё ибни Сулаймон ба мо нақл кард: Ибни Ваҳб ба мо нақл карда гуфт: Юнус ба ман хабар дод, аз Ибни Шиҳоб: Урва ибни аз-Зубайр ба ман хабар дод, ки вай аз Асмо бинти Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳумо, шунидааст, ки мегуфт: *«Боре пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои хутба хондан бархосту дар он фитнаи қабрро зикр кард, ки инсон бо он озмуда мешавад. Чун инро зикр намуд, мусулмонон аз тарс фарёд заданд».*

**1374.** Айёш ибни ал-Валид ба мо нақл кард, Абдулаъло ба мо нақл кард: Саъид ба мо нақл кард, аз Қатода, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки вай ба онҳо нақл кард: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ба ростӣ, вақте ки банда дар қабр гузошта мешавад ва ёронаш бозпас мегардандy ӯ шарфаи пои онҳоро мешунавад, назди ӯ ду фаришта меоянду ӯро менишонанд ва мегӯянд: «Ту дар ҳаққи ин мард – Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам – чиҳо мегуфтӣ?» Агар (банда) мӯъмин бошад, мегӯяд: «Гувоҳӣ медиҳам, ки вай бандаи Худо ва пайғамбари Ӯст». Он гоҳ ба ӯ гӯянд: «Бинигар ин ҷойгоҳи ту дар дӯзах аст, Худо дар бадали он ба ту дар ҷаннат ҷойгоҳе додааст». Он ду ҷойгоҳро ҳама мебинанд».* Қатода гуфт: *«Ба мо хабар доданд, ки қабрро барояш васеъ мекунанд».* Сипас ба ҳадиси Анас бозгашту гуфт: *«Агар (банда) мунофиқ ё кофир бошад, ба ӯ гӯянд: «Ту дар ҳаққи ин мард чиҳо мегуфтӣ?» Ӯ хоҳад гуфт:*

*«Намедонам, он чӣ мардум дар ҳаққи ӯ мегуфтанд, ман низ ҳамон мегуфтам». Ба ӯ гӯянд: «Ту на ӯро донистаӣ ва на бо тиловати Қуръон ба ӯ пайравӣ кардаӣ». Баъди он ӯро бо гурзҳои оҳанин зарбае бизананд. Ӯ ончунон фарёд кунад, ки онро ба ғайр аз инсу ҷинн ҳамаи атрофиён бишунаванд».*

## (87) Боб. Андар паноҳ бурдан (ба Худо) аз азоби қабр

**1375.** Муҳаммад ибни ал-Мусанно ба мо нақл кард: Яҳё ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл карда гуфт: Авн ибни Абӯҷуҳайра ба ман нақл кард, аз падараш, аз ал-Баро ибни Озиб, аз Абӯайюб, разия-л-Лоҳу анҳум, ки гуфт: *«Вақте ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, берун баромад, офтоб фурӯ рафта буд. Ӯ овозеро шуниду гуфт: «Яҳудиён дар қабрҳояшон азоб дода мешаванд».*

Ва (ба исноди дигар) ан-Назр гуфт: Шуъба ба мо хабар дод: Авн ба мо нақл кард: аз падарам шунидам: аз ал-Баро шунидам, аз Абӯайюб, разия-л-Лоҳу анҳумо, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам.

**1376.** Муъалло ба мо нақл кард: Вуҳайб ба мо нақл кард, аз Мӯсо ибни Уқба, ки гуфт: духтари Холид ибни Саъид ибни ал-Ос ба ман нақл кард, ки *ӯ аз азоби қабр (ба Худо) паноҳ бурдани пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шунидааст.*

**1377.** Муслим ибни Иброҳим ба мо нақл кард: Ҳишом ба мо нақл кард: Яҳё ба мо нақл кард, аз Абӯсалама, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дуо мекард: «Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика мин азоби-л-қабри ва мин азоби-н-нор ва мин фитнати-л-маҳё ва-л-мамот ва мин фитнати-л-Масеҳи-д-Даҷҷол» (Бор Худоё, ба ростӣ ки ман ба Ту аз азоби қабр, азоби оташ(-и дӯзах), аз фитнаи ҳаёту мамот ва аз фитнаи Масеҳи Даҷҷол паноҳ меҷӯям».*

## (88) Боб. Андар азоби қабр ба сабаби ғайбат кардан ва (эҳтиёт накардан аз) бавл

**1378.** Қутайба ба мо нақл кард: Ҷарир ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Муҷоҳид, аз Товус, ки гуфт: Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз назди ду қабр гузашту гуфт: «Ба ростӣ ки (соҳибони) онҳо азоб дода мешаванд, лекин на барои гуноҳҳои кабира азоб дода*

*мешаванд». Боз гуфт: «Бале, он яке суханчинӣ мекард; ва он дигарӣ (ҳангоми бавл кардан) худро аз (расидани) пешоб эҳтиёт намекард». (Ибни Аббос) гуфт: «Баъди он чӯби тареро гирифт ва шикаста дуто кард ва ҳар яки онро бар қабре халонд, он гоҳ гуфт: «Шояд то хушкидани ин ду чӯб азобашон сабук гардонда шавад».*

## (89) Боб. Андар он ки ба маййит пагоҳу бегоҳ ҷойгоҳаш (дар ҷаннату дӯзах) нишон дода мешавад

**1379.** Исмоил ба мо нақл карда гуфт: Молик ба ман нақл кард, аз Нофеъ, аз Абдуллоҳ ибни Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ касе аз шумо бимирад, бар ӯ ҷойгоҳаш пагоҳу бегоҳ нишон дода мешавад: агар он кас аз аҳли ҷаннат бошад, пас – дар миёни аҳли ҷаннат; ва агар он кас аз аҳли дӯзах бошад, пас – дар миёни аҳли дӯзах. Ва ба ӯ гӯянд: «То он гоҳ ки Худо туро рӯзи қиёмат зинда гардонад, ҷойгоҳи ту ин аст».*

## (90) Боб. Андар сухани маййит дар ҷаноза

**1380.** Қутайба ба мо нақл кард: ал-Лайс ба мо нақл кард, аз Саъид ибни Абӯсаъид, аз падараш, ки ӯ аз Абӯсаъид ал-Худрӣ, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст, ки мегуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар гоҳ ки маййитро ба тобут гузошта мардон онро ба китф мебардоранд, агар бандаи солеҳ бошад, гӯяд: «Маро зудтар бурда супоред, маро зудтар бурда супоред». Ва агар бандаи носолеҳ бошад, гӯяд: «Вовайлатоҳ, маро куҷо мебаред?» Овози ӯро ба ғайр аз инсон ҳамаи ашё мешунавад. Агар онро инсон мешунид, ҳуш аз сараш мепарид».*

## (91) Боб. Андар он чӣ дар ҳаққи фарзандҳои мусулмонон гуфтаанд

Ва Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, гуфт, аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: *«Ҳар киро се фарзанди ноболиғ фавтида бошад, барояш аз оташи дӯзах ҳиҷоб мегарданд ё ӯ ба ҷаннат медарояд».*

**1381.** Яъқуб ибни Иброҳим ба мо нақл кард: Ибни Улайя ба мо

нақл кард: Абдулазиз ибни Суҳайб ба мо нақл кард, аз Анас ибни Молик, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Аз байни мардум мусулмоне нест, ки се фарзандиноболиғаш мурда бошад ва Худо ба фазли раҳмате, ки ба ин (фарзандон) дорад, ӯро дохили ҷаннат накунад».*

**1382.** Абулвалид ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард, аз Адӣ ибни Собит, ки вай аз ал-Баро, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст, ки гуфт: *«Вақте ки Иброҳим, алайҳи-с-салом, (писари пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) вафот кард, пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ба ростӣ ки ӯро дар ҷаннат дояе ҳаст».*

## (92) Боб. Андар он чӣ дар ҳаққи фарзандони мушрикон гуфтаанд

**1383.** Ҳиббон ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: Шуъба ба мо хабар дод, аз Абӯбишр, аз Саъид ибни Ҷубайр, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳум, ки гуфт: *«Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи фарзандони мушрикон суол карданд, ӯ гуфт: «Он мавриде, ки Худо онҳоро меофарид, беҳтар медонист, ки онҳо чӣ амалҳо хоҳанд кард».*

**1384.** Абулямон ба мо нақл кард: Шуъайб ба мо хабар дод, аз аз-Зуҳрӣ, ки гуфт: Ато ибни Язид ал-Лайсӣ ба ман хабар дод, ки ӯ аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, шунидааст, ки мегуфт: *«Аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи фарзандони мушрикон суол карданд, ӯ гуфт: «Худо беҳтар донад, ки онҳо чӣ амалҳое хоҳанд кард».*

**1385.** Одам ба мо нақл кард: Ибни Абӯзиъб ба мо нақл кард, аз аз-Зуҳрӣ, аз Абӯсалама ибни Абдурраҳмон, аз Абӯҳурайра, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Ҳар як таваллудшуда дар фитрат (қобили ислом) таваллуд мешавад. Баъдан волидонаш ӯро яҳудӣ, ё насронӣ ё маҷусӣ мекунанд, ҳамчунон ки чаҳорпо чаҳорпо(-и тандуруст) мезояд; оё дидаӣ, ки чаҳорпое ноқис (бинӣ ё думбурида) зоида шавад?»*

## (93) Боб

**1386.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл кард: Ҷарир ибни Ҳозим ба мо нақл кард: Абӯраҷо ба мо нақл кард, аз Самура ибни

Ҷундаб, разия-л-Лоҳу анҳу, ки гуфт: *«Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чун намоз(-и бомдод) адо мекард, рӯй ҷониби мо оварда мегуфт: «Кадоме аз шумо ин шаб хобе дидааст?» (Ибни Ҷундаб) гуфт: «Агар касе хоб медид, онро қисса мекард». Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, мегуфт: «Мо шоа-л-Лоҳ» (ва он хобро таъбир мекард). Рӯзе аз мо пурсид: «Оё касе аз шумо ин шаб хобе дид?» Гуфтем: «Не». Гуфт: «Лекин ман ҳамин шаб дар хоб ду мардеро дидам, ки назди ман омаданд ва аз дасти ман гирифта ба Замини Муқаддас (Байтулмуқаддас) бурданд. Ва дар он ҷо дидам, ки марде нишаста буду марде рост истода ва дар даст – яке аз ёрони мо гуфт: аз Мӯсо (ибни Исмоил) – чанголе аз оҳан дошт, ки онро аз як кунҷи даҳани шахси нишаста дароварда, онро дарронда то қафояш мерасонид, баъд айнан ҳамин тавр бо кунҷи дигари даҳонаш мекард. (Дар ин фурсат) кунҷи даридаи аввал дуруст мешуд ва ӯ дубора бо он ҳамон корро такрор мекард. Гуфтам: «Ин чист?» Гуфтанд: «Роҳ гард». Қадре роҳ паймудем ва мардеро дидем, ки ба пушт дароз кашида ва марди дигаре болои сари ӯ истода аст ва дар даст санге – ё харсанге – дошт. Ва сари он дарозкашидаро зада мешикаст. Ва ҳар гоҳ ки мезад, он санг як сӯ мегелид ва ӯ барои гирифтани он санг мерафт ва то меомад, ки сари он шахс дуруст мешуд ва ба намуди пештарааш бармегашт. Он гоҳ дубора болои сари ӯ омада, бо санг мезад. Гуфтам: «Ин кист?» Гуфт: «Роҳ гард!» Ва роҳ паймудем, то ба чоҳе расидем монанди танӯр, даҳонаш танг ва поинаш фарох ва андаруни он оташ фурӯзон буд. Оташ чун забона мезад (одамони он ҷо буда) боло меҷаҳиданд ва қариб, ки аз он чоҳ берун паранд. Чун оташ паст мешуд, онҳо низ боз поин мерафтанд. Дар он ҷо мардону занони бараҳна буданд. Гуфтам: «Инҳо кистанд?» Гуфтанд: «Роҳ гард!» Пас роҳ паймудем, то ба рӯде расидем, ки аз он (ба ҷои об) хун ҷорӣ буд. Андаруни рӯд марде меистод ва дар миёни рӯд мард(-и дигаре) буд, дар пешаш сангҳо – Язид ва Ваҳб ибни Ҷарир гуфтанд, аз Ҷарир ибни Ҳозим: «Ва дар соҳили рӯд марди дигаре». – Ва он мард, ки андаруни рӯд буд, пеш омада аз об баромаданӣ мешуд, он марди дигар ба даҳонаш бо санг мезад ва ӯро ба ҳамон ҷои аввалиаш бармегардонд. Ба ҳамин тариқ, ҳар бор, ки он мард аз об баромаданӣ шуда пеш меомад, он марди дигар ба даҳонаш бо санг зада ӯро ба ҷои аввалиаш бармегардонд. Ман гуфтам: «Ин чист!» Гуфтанд: «Роҳ гард!» Пас роҳ*

*паймудем, то ба боғи сабзу хурраме расидем, ки дар он дарахти бузурге ва зери он пиреву кӯдаконе нишастаанд. Ва дар наздикии он дарахт марде дидам, ки дар пеши худ оташ меафрӯхт. Он ду ҳамроҳонам маро болои дарахт баровարданд ва ба хонае даровարданд, ки ҳаргиз хонае беҳтар аз он надидаам: дар он мардону пирону ҷавонон, занону кӯдакон буданд. Баъд маро аз он хона берун оварда болотари дарахт баровարданд ва ба хонае даровարданд, ки аз он аввалӣ зеботару некӯтар буд, дар он пирону ҷавонон буданд. Гуфтам: «Имшаб маро хеле гирд гардонидеду нек тавоф додед, ҳоло дар бораи он чӣ дидам, ба ман хабар диҳед». Гуфтанд: «Оре». Он шахс, ки дидӣ лунҷаш медаронида-нд, дурӯғгӯ аст. Ӯ сухани дурӯғе мегӯяд, онро даҳан ба даҳан нақл мекунанд, то ба офоқ мебаранд. Ва ин муомила, ки дидӣ, бо ӯ то рӯзи қиёмат кунанд. Ва он кас, ки дидӣ сарашро мешиканд, мардест, ки Худо ба ӯ Қуръонро омӯхтааст, лекин ӯ шабҳо (аз қироати Қуръон) канора ҷуста хоб мерафт ва рӯзҳо аз рӯи фармудаҳои Қуръон амал намекард. То рӯзи қиёмат бо ӯ он муомила кунанд. Ва онон, ки андаруни чоҳ дидӣ, зинокоронанд. Ва он кас, ки ту ӯро андаруни рӯд дидӣ, рибохор аст. Ва он пире, ки зери дарахт дидӣ, Иброҳим, алайҳи-с-салом аст ва кӯдакони гирди ӯ фарзандҳои мардумонанд. Ва он ки оташ меафрӯхт, Молик – дарбони дӯзах аст. Ва он хонаи нахустин, ки даромадӣ, хонаи оммаи мӯъминон аст, аммо ин хона хонаи шаҳидон аст. Ва ман Ҷабраиламу ин Микоил аст. Ту саратро бардор. Ман сарамро бардоштаму дар болоям монанди абр ҷоеро дидам. Онҳо гуфтанд: «Ин манзили ту аст». Гуфтам: «Маро бигузоред, ки вориди манзил шавам». Гуфтанд: «Ба ростӣ ки ҳанӯз умри ту боқист ва онро ба интиҳо нарасонидаӣ. Ва ҳар гоҳ ки ба поён расондӣ, ба ин манзилат меоӣ».*

## (94) Боб. Андар фавтидан рӯзи душанбе

**1387.** Муъалло ибни Асад ба мо нақл кард: Вуҳайб ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Ман назди Абӯбакр, разия-л-Лоҳу анҳу, даромадам, ӯ гуфт: «Пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чанд кафан кардед?» Гуфтам: «Дар се (пора) матои сафеди саҳулӣ, ки дар байни онҳо пероҳану дасторе набуд». (Абӯбакр) ба ман гуфт: «Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, кадом рӯз ва-*

*фот кард?» Гуфтам: «Рӯзи душанбе». Гуфт: «Имрӯз кадом рӯз аст?» Гуфтам: «Рӯзи душанбе аст». Гуфт: «Умед дорам, ки дар байни ин вақту шаб (ҷон супорам)». Ва он гаҳ ба ҷомааш нигарист, ки ҳангоми бемориаш ба тан мепӯшид ва дар он доғҳои заъфарон буд, гуфт: «Ин ҷомаи маро бишӯед ва бар он ду ҷомаи дигар биафзоед ва маро дар онҳо такфин кунед». Гуфтам: «Ба ростӣ ки кӯҳнапора аст». Гуфт: «Ба ростӣ ки аз мурда дида одами зиндаро либоси нав сазовортар аст. Ҷуз ин нест, ки кафан барои ҷисми фосид аст». Ӯ чун шаби сешанбе фаро расид, вафот кард. Ва ӯро пеш аз дамидани субҳ дафн карданд».*

## (95) Боб. Андар марги муфоҷот – ногаҳон

**1388.** Саъид ибни Абӯмарям ба мо нақл кард: Муҳаммад ибни Ҷаъфар ба мо нақл карда гуфт: Ҳишом ба ман хабар дод, аз падараш, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо: *«Марде ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ба ростӣ модарам ногаҳон ҷон дод. Ба гумонам, агар ӯ (пеш аз вафот) сухан мегуфт, чизе садақа мекард. Агар ман ҳоло аз (номи) ӯ садақа кунам, оё савобе ӯро мерасад?» Гуфт: «Оре».*

## (96) Боб. Андар он чӣ дар бораи қабри пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Абӯбакру Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, омадааст

*«Фа ақбараҳу»* (80:21) – «ӯро дар гӯр кард». «Ақбарту-р-раҷула» (мардеро дар гӯр кардам) – агар барои ӯ гӯре канда бошам. Ва «қабартуҳу» «ӯро дафн кардам» аст.

*«Кифотан»* (77:25) (ҷамъкунанда) – (замин ҷамъкунандаи) мардум аст, чун зиндаанд, дар он хоҳанд зист ва чун мурданд, дар он дафн хоҳанд шуд.

**1389.** Исмоил ба мо нақл кард: Сулаймон ба ман нақл кард, аз Ҳишом (таҳвил).

Ва (ба исноди дигар) Муҳаммад ибни Ҳарб ба ман нақл кард: Абӯмарвон Яҳё ибни Абӯзакарийё ба мо нақл кард, аз Ҳишом, аз Урва, аз Оиша, ки гуфт: *«Ба ростӣ ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ҳангоми бемориаш азоб мекашид – ва дар интизории навбати бемордории Оиша рӯз мешумурд – (ва мепурсид:) «Имрӯз ман дар куҷоам? Фардо дар куҷо хоҳам буд?» Ва чун рӯзи навбати бемордории ман буд, Худо рӯҳашро дар оғӯши*

*ман аз баданаш бигирифт. Ӯро дар хонаи ман дафн карданд».*

**1390.** Мӯсо ибни Исмоил ба мо нақл кард: Абӯавона ба мо нақл кард, аз Ҳилол, аз Урва, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: *«Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар вақтҳои бемориаш, ки аз он дигар барнахост, гуфт: «Худо яҳудиёну насрониёнро лаънат кунод, ки қабрҳои пайғамбаронашонро масҷид кардаанд». Агар ҳамин сухан намебуд, қабри ӯро шоеъ мекарданд, лекин тарси ӯ аз он буд – ё хавфи он буд, – ки мабодо қабри ӯро масҷид кунанд».*

Ва (бо ҳамон иснод Мӯсо ибни Исмоил) гуфт, аз Ҳилол: «Урва ибни аз-Зубайр ба ман кунияг додааст ва ҳол он ки маро фарзанде набуд».

Муҳаммад ибни Муқотил ба мо нақл кард: Абдуллоҳ ба мо хабар дод: Абӯбакр ибни Айёш ба мо хабар дод, аз Суфён ат-Таммор, ки ба ӯ нақл кардааст: *«Ӯ қабри пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дидааст, ки пуршукӯҳ буд».*

Фарва ба мо нақл кард: Алӣ ба мо нақл кард, *аз Ҳишом ибни Урва, аз падараш: «Дар замони ал-Валид ибни Абдулмалик, вақте ки девор(-и ҳуҷраи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) фурӯ рехт, онҳо ба рост кардани девор шурӯъ намуданд. Пое ба онҳо намоён шуд. Онҳо сахт тарсиданд ва гумон карданд, ки он пои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аст. Ва касеро наёфтанд, ки ҳақиқати онро донад, то Урва ба онҳо гуфт: «Валлоҳ, ки ин пои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, нест. Ин ҷуз пои Умар, разия-л-Лоҳу анҳу, нест».*

**1391.** Ва (бо ҳамон иснод Фарва нақл кард) аз Ҳишом, аз падараш, *аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки ба Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр, разия-л-Лоҳу анҳумо, чунин васият кард: «Маро дар паҳлӯи онҳо дафн макун, маро дар ал-Бақеъ дар паҳлӯи ёронам (занони дигари пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) дафн кун. Ман ҳаргиз сазовору шоистаи (дафн шудан дар) он ҷо нестам».*

**1392.** Қутайба ба мо нақл кард: Ҷарир ибни Абдулҳамид ба мо нақл кард: Ҳусайн ибни Абдурраҳмон ба мо нақл кард, аз Амр ибни Маймун ал-Авдӣ, ки гуфт: *«Умар ибни ал-Хаттобро, разия-л-Лоҳу анҳу, дидам, ки гуфт: «Эй Абдуллоҳ ибни Умар, назди модари мӯъминон Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, бираву бигӯ: «Умар ибни ал-Хаттоб ба ту салом мефиристад». Баъди он аз ӯ (иҷозат) бихоҳ, ки маро дар паҳлӯи ду ёрам дафн кунанд». Оиша*

*гуфт: «Ман он ҷойро барои худам орзу карда будам, ҳоло Умарро сазовортар мебинам». Ва чун Абдуллоҳ бозомад, Умар ба ӯ гуфт: «Чӣ хабар овардӣ?» Гуфт: «Эй амирулмӯъминин, ба ту иҷозат дод». Умар гуфт: «Барои ман аз он оромгоҳ муҳимтар ҷое набуд. Ва ҳар гоҳ ҷон супорам, маро он ҷо баред, баъд салом гӯед, сипас ту бигӯ: «Умар ибни ал-Хаттоб аз ту иҷозат мехоҳад». Агар Оиша ба ман иҷозат диҳад, он гоҳ маро он ҷо дафн кунед. Ва агар иҷозат надиҳад, маро ба гӯристони мусулмонон баред. Ба ростӣ, ман ғайр аз ин чанд нафар каси дигареро намедонам, ки ба ин кор(-и хилофат) сазовортар бошад. Инон касонеанд, ки пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар вақти фавтидан аз онҳо розӣ буд. Онҳо ҳар киро баъди ман ҷонишин баргузинанд, ҳамон халифа аст, гӯш ба сухани ӯ диҳед ва аз ӯ фармон баред». Ва он гоҳ инҳоро ном бурд: «Усмон, Алӣ, Талҳа, аз-Зубайр, Абдурраҳмон ибни Авф ва Саъд ибни Абӯваққос». Ҷавоне аз ансориён назди ӯ даромаду гуфт: «Эй амирулмӯъминин, ба муждаи Худо шодӣ кун: ту дар ислом ҳамон мартабаву манзалате дорӣ, ки худ медонӣ; халифа баргузида шудӣ ва адлу дод кардӣ; ниҳоят, баъди ин ҳама шаҳид шудӣ». (Умар) гуфт: Эй писари бародар, кош чунин бошад ва кош он ҳама кафофе шавад, ки маро аз он на иқобе бошад ва на подоше. Ба халифаи баъди худам васият мекунам, ки ба муҳоҷирони аввалин некӯӣ кунад, қадру ҳаққи онҳоро донад, ҳурмату эҳтиромашон нигоҳ дорад; ҳамчунин ба ӯ васият мекунам, ки ба ансориён некӯӣ кунад, зеро онҳо (муҳоҷирон)-ро дар хонаҳояшон ва имонро (дар дилҳояшон) ҷой доданд, некӯкорашонро бипазирад ва хатокорашонро бибахшад. Ба ӯ васият мекунам, ки ба аҳду паймони аҳли зиммаи Худо ва зиммаи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, вафо кунад ва бо ҳар кӣ дар моварои онҳост, ҷангу набард кунад; ва бештар аз тавону тоқати онҳо бар дӯшашон боре наниҳад».*

## (97) Боб. Андар он чӣ аз дашном додани мурдагон наҳй шудааст

**1393.** Одам ба мо нақл кард: Шуъба ба мо нақл кард, аз ал-Аъмаш, аз Муҷоҳид, аз Оиша, разия-л-Лоҳу анҳо, ки гуфт: пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: *«Мурдагонро дашном надиҳед, зеро онҳо ҳар чӣ (аз неку бад) кардаанд, ба по-*

*доши он расидаанд».* Ва ин (ҳадис)-ро Абдуллоҳ ибни Абдулқуддус ва Муҳаммад ибни Анас ривоят карданд, аз ал-Аъмаш. Ва (дар ривояти ин ҳадис) Алӣ ибни ал-Ҷаъд, Ибни Аръ-ара ва Ибни Абӯадӣ (ба Одам) пайравӣ кардаанд, аз Шуъба.

## (98) Боб. Андар зикри бадиҳои мурдагон

**1394.** Умар ибни Ҳафс ба мо нақл кард: падарам ба мо нақл кард: ал-Аъмаш ба мо нақл кард: Амр ибни Мурра ба ман нақл кард, аз Саъид ибни Ҷубайр, аз Ибни Аббос, разия-л-Лоҳу анҳумо, ки гуфт: *«Абӯлаҳаб, алайҳи лаънату-л-Лоҳи (лаънати Худо бар ӯ бод) ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ҳама рӯзат ҳалокатбор бод». Ва он гаҳ оят нозил шуд: «Ҳалок бод ду дасти Абӯлаҳаб ва ҳалок бод худи ӯ» (111:1).*

# МУНДАРИЧА

АСАҲҲУ КИТОБИН БАЪДА КИТОБИ-Л-ЛОҲ – САҲЕҲ-ТАРИН КИТОБ БАЪДИ КИТОБИ ХУДО ........................ 5
I. КИТОБИ ОҒОЗИ ВАҲЙ ........................................................ 21
(1) Боб. Оғози ваҳй ба сӯи пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна буд ........................................ 21
(2) Боб......................................................................... 21
(3) Боб......................................................................... 22
(4) Боб......................................................................... 23
(5) Боб......................................................................... 24
(6) Боб......................................................................... 24
II. КИТОБИ ИМОН ............................................................ 29
(1) Боб. Сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Бунёди ислом бар панҷ аст»........................................ 29
(2) Боб. Дуои шумо имони шумост ........................................ 30
(3) Боб. Андар умури имон.................................................. 30
(4) Боб. Мусулмон касест, ки мусулмонон аз забону дасти ӯ солим бимонанд .......................................................... 30
(5) Боб. Аз (миёни аҳли) ислом кӣ бартар аст?......................... 31
(6) Боб. Таом додан аз ислом аст ......................................... 31
(7) Боб. Аз ҷумлаи имон он аст, ки кас барои бародари худ он чиро хоҳад, ки барои худ мехоҳад.................................. 31
(8) Боб. Дӯст доштани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз ҷумлаи имон аст............................................. 32
(9) Боб. Андар ҳаловати имон ............................................. 32
(10) Боб. Аломати имон дӯст доштани ансор аст ....................... 32
(11) Боб........................................................................ 32
(12) Боб. Дурӣ ҷустан аз фитнаҳо аз ҷумлаи (корҳои) дин аст ........... 33
(13) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ман дар шинохти Худо донандатарини шумо ҳастам»; ва он ки маърифат кори дил аст.................................. 33
(14) Боб. Аз ҷумлаи имон аст, ҳар гоҳ касе бозгаштан ба куфрро нохуш донад, он чунон ки ба оташ партофта шуданро нохуш медонад ............................................................ 34
(15) Боб. Бартарӣ доштани аҳли имон аз якдигар дар корҳои нек ....... 34
(16) Боб. Ҳаё аз ҷумлаи имон аст............................................ 35
(17) Боб. «Пас агар тавба кунанд ва намоз барпо доранд ва закотро бидиҳанд, онҳоро ба ҳоли хеш бигузоред» (9:5)............. 35
(18) Боб. Дар бораи он кас, ки гӯяд: «Ба дурустӣ ки имон айни амал аст».................................................................... 35

(19) Боб. Агар ислом овардан аз рӯи ихлосу ҳақиқат набошад, пас он ногузир ба сабаби таслим шудан ё аз тарси кушта шудан хоҳад буд ........ 36
(20) Боб. Ба ҳама салом додан аз ҷумлаи ислом аст ........ 36
(21) Боб. Андар носипосӣ ба шавҳар ва куфри қариб ба куфр(-и мутлақ) ........ 37
(22) Боб. Маъсиятҳо аз ҷумлаи корҳои ҷоҳилият аст ва маъсияткунанда бо содир кардани он ба куфр ҳукм карда намешавад, магар он ки ширк оварад ........ 37
(23) Боб. «Ва агар ду гурӯҳ аз мӯъминон бо якдигар ҷанг кунанд, миёни онҳо сулҳ кунед» (49:9) ........ 38
(24) Боб. Ситами фурӯтар аз ситам(-и мутлақ) ........ 38
(25) Боб. Аломатҳои мунофиқ ........ 38
(26) Боб. Шабзиндадории шаби Қадр аз ҷумлаи имон аст ........ 39
(27) Боб. Ҷиҳод кардан аз ҷумлаи имон аст ........ 39
(28) Боб. Бо намози нафл зинда доштани (шабҳои) Рамазон аз ҷумлаи имон аст ........ 39
(29) Боб. Рӯзаи моҳи Рамазон ба умеди савоб аз ҷумлаи имон аст ........ 40
(30) Боб. Дин осонӣ аст ........ 40
(31) Боб. Намоз гузоридан аз ҷумлаи имон аст ........ 40
(32) Боб. Бо сидқу ихлос ислом овардани шахс ........ 41
(33) Боб. Беҳтарин дин (тоату ибодат) назди Худо бардавомтарини он аст ........ 41
(34) Боб. Андар зиёду камии имон ........ 42
(35) Боб. Закот (додан) аз ҷумлаи ислом аст ........ 42
(36) Боб.Аз паси ҷаноза рафтан аз ҷумлаи имон аст ........ 43
(37) Боб. Хавф бурдани мӯъмин аз он ки шояд амалаш бекор шуда бошаду лекин ӯ намедонад ........ 44
(38) Боб. Суол кардани Ҷабраил аз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам дар бораи имон, ислом, эҳсон ва вақти қиёмат ........ 44
(39) Боб ........ 45
(40) Боб. Андар фазилати касе, ки динашро аз нуқсон пок созад ........ 45
(41) Боб. Адои хумс аз ҷумлаи имон аст ........ 46
(42) Боб. Андар он ҷӣ ки омадааст: «Амалҳо ба нияту эҳтисоб вобаста аст ва ҳар мардро он бошад, ки ният кардааст» ........ 47
(43) Боб. (Дар баёни) сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ки «Дин насиҳат (некхоҳӣ кардан) аст аз барои Худо, пайғамбари Ӯ, пешвоёну оммаи мусулмонон» ........ 47
III. КИТОБИ ИЛМ ........ 49
(1) Боб. Андар фазилати илм ........ 49
(2) Боб дар бораи касе, ки ҳангоми суханронӣ аз ӯ дар бораи

илм суол карданд ва ӯ суханрониро ба анҷом расонида сипас ба суолкунанда ҷавоб дод ........ 49
(3) Боб дар бораи касе, ки (дониста) илмро бо овози баланд гӯяд ....... 50
(4) Боб. Андар сухани муҳаддис: «Ба мо нақл кард» ё «ба мо хабар дод» ва «моро огоҳонид» ........ 50
(5) Боб. Имом масъаларо дар миёни ёрони худ матраҳ кард, то дараҷаи илми онҳоро биозмояд ........ 51
(6) Боб. Он чӣ дар бораи илм омадааст ва суханони Ӯ Таъоло: «Ва бигӯ: «Эй Парвардигори ман, маро дониш биафзой» (20:114); (ҳукми) қироат ва арзи ҳадис бар муҳаддис ........ 51
(7) Боб. Он чӣ дар бораи даст ба даст гардонидан, бурдани китоб ва дониши аҳли илм ба кишварҳои дигар зикр шудааст ........ 53
(8) Боб дар бораи касе, ки дар поини ҳалқаи аҳли маҷлис бинишаст; ва касе, ки дар ҳалқа ҷои холӣ ёфта, дар он бинишаст ........ 53
(9) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Шояд касе, ки ба ӯ гуфтаҳои маро мерасонанд, аз касе, ки суханамро ба гӯши худ мешунавад, маъниҳои бештареро ба ақл дарёбад» ........ 54
(10) Боб. Илм бар қавлу амал муқаддам аст ........ 54
(11) Боб. Андар он ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, соатҳои ваъзу илмро риоя мекард, то мардум (дилгир шуда) нараванд ........ 55
(12) Боб. Дар бораи касе, ки барои аҳли илм рӯзҳои махсус таъйин кунад ........ 55
(13) Боб. Худо барои касе некӯӣ хоҳад, ӯро донишманди дин мегардонад ........ 56
(14) Боб. (Андар фазилати) дарки илм ........ 56
(15) Боб. Пужҳон бурдан (ба орзу нигаристан) ба кас дар илму ҳикмат ........ 56
(16) Боб. Он чӣ дар рафтани Мӯсо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар баҳр сӯи Хизр зикр шудааст ........ 57
(17) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Бор Худоё, ба ӯ (Ибни Аббос) Китобро биомӯз» ........ 58
(18) Боб. Дар кадом синну соли хурдсол аз ӯ ҳадис шунидан дуруст аст? ........ 58
(19) Боб. Берун рафтан дар талаби илм ........ 58
(20) Боб. Дар фазилати касе, ки илмро худ омӯхт ва (ба дигарон) омӯзонд ........ 59
(21) Боб. Аз миён рафтани дониш ва падид омадани нодонӣ ........ 60
(22) Боб. Дар фазилати илм ........ 60
(24) Боб. Фатво додани касе, ки савори маркаб ё дар ҷое истода бошад ........ 60

(24) Боб дар бораи касе, ки бо ишораи дасту сар ба фатвопурсандагон ҷавоб медод ........ 61
(25) Боб. Водор намудани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, намояндагони қабилаи Абдулқайсро бар он, ки имон ва илмро ҳифз кунанд ва касони моварои (маҳалли сукунати) худро хабардор созанд ........ 62
(26) Боб. Сафар кардан барои (ҳалли) масъалаи ба миён омада ва таълими хонавода ба он ........ 63
(27) Боб. Бо навбат гирифтани илм ........ 63
(28) Боб. Ҳангоми ваъзу таълим аз дидани нохушие ба ғазаб омадан ........ 64
(29) Боб. Дар бораи касе, ки дар пеши имом ё муҳаддис ба ду зону нишаст ........ 65
(30) Боб. Дар бораи касе, ки ҳадисро се бор такрор кард, то онро аз ӯ бифаҳманд ........ 65
(31). Боб. Андар таълим додани мард канизак ва хонаводаи худро ........ 66
(32) Боб. Занҳоро панд додани имом ва таълими онҳо ........ 66
(33) Боб. Андар майлу рағбати зиёд доштан ба ҳадис ........ 66
(34) Боб. Илм чӣ гуна нест мешавад? ........ 67
(35) Боб. Оё ба занон барои омӯхтани илм рӯзи алоҳида муайян мешавад? ........ 67
(36) Боб. Дар бораи касе, ки чизеро шунидаву барои (саҳеҳ) донистани он дубора мурочиат кунад ........ 68
(37) Боб. Бигузор шахси ҳозир илмро ба ғоиб расонад ........ 68
(38) Боб. Андар гуноҳи касе, ки бар пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дурӯғ бандад ........ 69
(39) Боб. Сабт кардани илм ........ 70
(40) Боб. Омӯзонидани илм ва гуфтани вазъ ҳангоми шаб ........ 72
(41) Боб. Ҳангоми шаб аз илм сухан гуфтан ........ 72
(42) Боб. Андар ҳифз кардани илм ........ 73
(43) Боб. Хомӯш гӯш ниҳодан ба (сухани) уламо ........ 74
(44) Боб. Барои олим писандида он аст, ки чун суол шавад: «Донишмандтарини мардумон кист?» – донистани онро ба Худо ҳавола кунад ........ 74
(45) Боб. Дар бораи касе, ки рост истода аз донишманди нишаста суол кунад ........ 76
(46) Боб. Суол кардан ва фатво додан ҳангоми Рамйу-л-Ҷимор ........ 76
(47) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ва ба шумо аз илм ба ҷуз андаке (чизе) дода нашудааст» (17:85) ........ 76
(48) Боб. Дар бораи касе, ки аз баъзе чизҳои ихтиёркардааш аз бими он даст кашад, ки мардум нодуруст фаҳмида, ба хатои сахттар аз он афтанд ........ 77

(49) Боб. Дар бораи касе, ки гурӯҳеро аз гурӯҳи дигар ҷудо кар-
да, ба илм махсус гардонид, аз бими он ки илмро нодуруст нафаҳманд ... 77
(50) Боб. Шарм доштан дар омӯхтани илм ... 78
(51) Боб. Дар бораи касе, ки аз пурсидан шарм кард ва дигареро фармуд, ки суол диҳад ... 79
(52) Боб. Андар омӯзонидани дониш ва фатво додан дар масҷид ... 79
(53) Боб. Дар бораи касе, ки ба суолкунанда бештар аз он чӣ суол кард, ҷавоб дод ... 79
IV. КИТОБИ ВУЗӮ ... 81
(1) Боб. Он чӣ, ки дар вузӯ омадааст ... 81
(2) Боб. Намоз бе таҳорат қабул намешавад ... 81
(3) Боб. Андар фазилати вузӯ ва касони «пешонисафед ва дастy-пойсафед» (ғуррун муҳаҷҷалун) аз асари вузӯ ... 81
(4) Боб. Шахс то шубҳааш яқин нагардад, вузӯ накунад ... 82
(5) Боб. Осон кардани вузӯ ... 82
(6) Боб. Ба тамомӣ вузӯ кардан ... 83
(7) Боб. Аз як каф об бо ду даст шустани рӯй ... 83
(8) Боб. «Бисмиллоҳ» гуфтан дар ҳар ҳолат, аз ҷумла пеш аз ҷимоъ ... 83
(9) Боб. Он чӣ вақти даромадан ба халоҷой гӯянд ... 84
(10) Боб. Дар наздики халоҷой об гузоштан ... 84
(11) Боб. Рӯ ба қибла бавлу ғоит накардан, магар ки дар назди бино, яъне девор ё монанди он бошад ... 84
(12) Боб. Дар бораи касе, ки болои ду хишти хом баромада ғоит кард ... 85
(13) Боб. Берун омадани занон барои қазои ҳоҷат ... 85
(14) Боб. Ғоит кардан дар хонаҳо ... 85
(15) Боб. Истинҷо кардан бо об ... 86
(16) Боб. Дар бораи касе, ки бо худ барои таҳорат об барад ... 86
(17) Боб. Бурдани найзак бо об дар истинҷо ... 86
(18) Боб. Ба дасти рост истинҷо кардан манъ аст ... 87
(19) Боб. Агар (касе) пешоб кунад, олати худ ба дасти рост нагирад ... 87
(20) Боб. Истинҷо кардан бо санг (кулӯх) ... 87
(21) Боб. Бо саргин истинҷо накунанд ... 87
(22) Боб. Вузӯ якборӣ шустан(-и ҳар узв) аст ... 88
(23) Боб. Вузӯ дуборӣ шустан (-и ҳар узв) аст ... 88
(24) Боб. Вузӯ себорӣ шустан(-и ҳар узв) аст ... 88
(25) Боб. Афшонидани бинӣ (пас аз истиншоқ) дар вузӯ ... 89
(26) Боб. Бо адади тоқи сангҳо (ё кулӯхҳо) истинҷо кардан ... 89
(27) Боб. Шустани ду пой ва масҳ накашидан бар онҳо ... 89
(28) Боб. Мазмаза кардан дар вузӯ ... 90

(29) Боб. Андар шустани пошнаҳо ........................................................ 90
(30) Боб. Шустани пойҳо дар ҳоли дар наълайн будан ва масҳ накашидан бар наълайн........................................................................ 90
(31) Боб. Аз рост оғоз кардани шустан дар вузӯ ва ғусл ...................... 91
(32) Боб. Талаб кардани оби таҳорат ҳангоми фаро расидани вақти намоз....................................................................................... 91
(33) Боб. (Ҳукми) обе, ки бо он мӯи инсон шуста мешавад ................. 92
(34) Боб. Дар бораи касе, ки вузӯро раво надид, магар дар ҳолати баромадан(-и чизе) аз ду махраҷ – аз пешу пас, бинобар сухани Худои Таъоло: «Ё яке аз шумо аз халоҷой биёяд» (5:6) ......................................................................................... 93
(35) Боб. (Ҳукми) вузӯ додани мард ёри худро...................................... 95
(36) Боб. Қироати Қуръон ва ғайри он баъди ҳадас расидан................ 95
(37) Боб. Дар бораи касе, ки ҷуз баъд аз беҳушии гарон вузӯ накард ............................................................................................... 96
(38) Боб. Масҳ кашидани тамоми сар. Бино бар сухани Худои Таъоло: «Ва сари худро масҳ кашед» (5:6) ................................ 97
(39) Боб. Шустани пойҳо то шитоланг................................................... 97
(40) Боб. Истеъмоли бақияи оби таҳорати дигарон .............................. 98
(41) Боб............................................................................................................ 98
(42) Боб. Дар бораи касе, ки бо як каф об мазмаза ва истиншоқ кунад ................................................................................................. 99
(43) Боб. Як бор масҳ кашидани сар ....................................................... 99
(44) Боб. Вузӯ кардани мард ҳамроҳ бо занаш ...................................... 99
(45) Боб. Оби вузӯи худро ба шахси мадҳуш пошидани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ................................ 99
(46) Боб. Ғусл ва вузӯ кардан дар тағора, қадаҳ, зарфи чӯбин ё сангин ............................................................................................... 100
(47) Боб. Вузӯ кардан аз ташт................................................................. 101
(48) Боб. Бо як муд(д) об вузӯ кардан ................................................... 101
(49) Боб. Масҳ кашидан бар мӯзаҳо....................................................... 102
(50) Боб. Дар бораи касе, ки дар ҳоли бо таҳорат будани пойҳо мӯза пӯшида бошад....................................................................... 102
(51) Боб. Дар бораи касе, ки баъд аз (хӯрдани) гӯшти гӯсфанд ва савиқ (талқон) вузӯ накард ........................................................... 103
(52) Боб. Дар бораи касе, ки (баъд) аз (хӯрдани) савиқ даҳон шуст, вале карду вузӯ накард ........................................................ 103
(53) Боб. Оё (баъд) аз шир ошомидан даҳон мешӯянд?...................... 104
(54) Боб. Андар вузӯ кардан (баъд) аз хоб; ва дар бораи касе, ки (баъд) аз як-ду пинак ё ғунудан вузӯро (лозим) намедонад .... 104
(55) Боб. Ҳадас воқеъ нашуда вузӯ кардан ........................................... 104
(56) Боб. Аз гуноҳони кабира аст, агар касе аз расидани пешоб

худро эҳтиёт накунад ........................................................... 105
(57) Боб. Он чӣ дар шустани пешоб омадааст ..................................... 105
(58) Боб.......................................................................................... 105
(59) Боб. Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва мардум аъробиро (ба ҳолаш) гузоштанд, то аз пешоб кардан дар масҷид фориғ шавад.................................................................. 106
(60) Боб. Рехтани об дар он ҷои масҷид, ки бавл кардаанд............... 106
(61) Боб. Рехтани об дар ҷое, ки бавл кардаанд................................ 107
(62) Боб. (Ҳукми) бавли кӯдакон......................................................... 107
(63) Боб. Рост истода ва нишаста пешоб кардан................................ 107
(64) Боб. Деворро паноҳ гирифта дар наздикии ҳамроҳи худ пешоб кардан......................................................................................... 107
(65) Боб. Пешоб кардан дар мазбалаи қавме ....................................... 108
(66) Боб. Шустани хун ............................................................................ 108
(67) Боб. Шустани манӣ ва молида пок кардани он; ва шустани он чӣ ки аз намии зан мерасад..................................................... 108
(68) Боб. Ҳар гоҳ ҷанобат ва ғайри он шуста шаваду асари шустан боқӣ монад ......................................................................... 109
(69) Боб. Ҳукми бавли шутур, чорпои саворӣ ва гӯсфанд; ва оғилҳо ......................................................................................... 109
(70) Боб. Андар наҷосате, ки дар равғани зард ва об афтад.............. 110
(71) Боб. Бавл кардан дар оби истода................................................. 111
(72) Боб. Агар дар пушти намозгузор палидӣ ё мурдорӣ афтад, намозаш фосид намешавад........................................................ 111
(73) Боб. Ҳукми оби даҳону бинӣ ва монанди он, ки дар либос афкандааст......................................................................................... 112
(74) Боб. Андар ҷоиз набудани вузӯ бо май ва моеи масткунанда .... 112
(75) Боб. Аз рӯи падар хунро шустани зан......................................... 113
(76) Боб. Андар мисвок кардан............................................................ 113
(77) Боб. Андар мисвок додан ба калонсолтар ................................... 113
(78) Боб. Андар фазилати касе, ки шаб бо вузӯ хоб равад ................ 114
V. КИТОБИ ҒУСЛ ........................................................................ 115
(1) Боб. Андар вузӯ кардан пеш аз ғусл ............................................ 115
(2) Боб. Ғусл кардани мард бо занаш ................................................. 116
(3) Боб. Бо як соъ об ва каму беш аз он ғусл кардан ......................... 116
(4) Боб. Дар бораи касе, ки ба сараш се бор об рехт ......................... 117
(5) Боб. Ба як бор (об рехтан) анҷом додани ғусл.............................. 117
(6) Боб. Дар бораи касе, ки ба ғусл бо ҳилобу хушбӯӣ шурӯъ кунад............................................................................................ 117
(7) Боб. Мазмаза ва истиншоқ кардан ҳангоми (ғусли) ҷанобат........ 118
(8) Боб. Андар молидани даст ба хок, то поктар шавад..................... 118
(9) Боб. Оё ҷоиз аст шахси боҷанобат пеш аз даст шустан, онро ба оби зарф биандозад – дар ҳоле, ки дасташ ба ҷуз

ҷанобат ба наҷосате нарасида бошад?........................................ 118
(10) Боб. Андар ҷудогона ғуслу вузӯ кардан ...................................... 119
(11) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми ғусл бо дасти рост ба дасти чапаш об резад ........................................................................ 119
(12) Боб. Дар бораи касе, ки ҷимоъ кунад ва баъдтар онро такрор кунад; ва касе, ки бо ҳамаи занҳояш буда бошаду як бор ғусл кунад ........................................................................ 120
(13) Боб. Шустани мазӣ ва вузӯ кардан аз он ..................................... 120
(14) Боб. Дар бораи касе, ки ба худ хушбӯӣ молад, пасон ғусл кунад ва асари хушбӯӣ дар ӯ боқӣ монда бошад ..................... 121
(15) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми ғусл мӯи худ хилол карда, ҳатто ба тар шудани буни мӯй бовар ҳосил карда бошад ҳам, боз ба мӯяш об резад........................................................... 121
(16) Боб. Дар бораи касе, ки баъди ҷанобат вузӯ кунад, пасон бақияи танашро шӯяд вале ҷойҳои дар вузӯ (шустаро) дигарбора нашӯяд................................................................................ 121
(17) Боб. Агар касеро дар масҷид ба хотир расад, ки боҷанобат аст, бо ҳамон ҳол (барои ғусл) берун ояд ва набояд таяммум кунад ................................................................................ 122
(18) Боб. Афшондани дастон баъд аз ғусли ҷанобат ......................... 122
(19) Боб. Дар бораи касе, ки ғуслро аз нимаи рости сар шурӯъ кунад ........................................................................................ 123
(20) Боб. Дар бораи касе, ки ба ҳоли танҳоӣ дар хилват бараҳна шустушӯ кунад; ва касе, ки парда гирад; ва парда гирифтан беҳтар аст ....................................................................... 123
(21) Боб. Ҳангоми ғусл дар назди мардум бо парда худро паноҳ кардан ................................................................................ 124
(22) Боб. Андар эҳтилом шудани зан .................................................. 124
(23) Боб. (Ҳукми) араќи шахси боҷанобат; ва он ки мусулмон палид намешавад........................................................................ 125
(24) Боб. Дар бораи шахси боҷанобат, ки аз хона берун меояду дар бозор ва ғайра мегардад .................................................... 125
(25) Боб. Мондани шахси боҷанобат дар хона (ҷоиз аст), агар вузӯ карда бошад.......................................................................... 125
(26) Боб. Хоб рафтани шахси боҷанобат........................................... 126
(27) Боб. Дар бораи шахси боҷанобат, ки вузӯ карда хоб равад........ 126
(28) Боб. Андар ба ҳам расидани ҷои хатнаи олати таносули марду зан ........................................................................................ 126
(29) Боб. Андар шустани тарие, ки аз аврати зан мерасад ................ 127
VI. КИТОБИ ҲАЙЗ ............................................................................ 128
(1) Боб. Андар он ки оғози ҳайз чӣ гуна бувад .................................. 128
(2) Боб. Ҳайз дидан корест, ки ба занон таъаллуқ дорад...................... 128
(3) Боб. Сари шавҳарашро шустани зани ҳоиза ва бо шона оро-

стани мӯйҳои ӯ ........ 129
(4) Боб. (Қуръон) қироат кардани мард дар канори зани ҳоиза ........ 129
(5) Боб. Дар бораи касе, ки (исми) «нифос»-ро ба ҳайз додааст ........ 129
(6) Боб. Андар бораи тамос бо зани ҳоиза ........ 130
(7) Боб. Рӯза нагирифтани зани ҳоиза ........ 130
(8) Боб. Зани ҳоиза ғайри тавофи Каъба ҳамаи маносики ҳаҷро адо мекунад ........ 131
(9) Боб. Андар истиҳоза ........ 132
(10) Боб. Андар шустани хуни ҳайз ........ 132
(11) Боб. Эътикофи зани дар истиҳоза буда ........ 132
(12) Боб. Оё зан бо либосе, ки дар он ҳайз дидааст, намоз мегузорад? ........ 133
(13) Боб. Ҳангоми аз ҳайз ғусл кардан зан ба худ хушбӯӣ молад ........ 133
(14) Боб. Андар он ки ҳар гоҳ зан аз ҳайз пок шавад, худро молиш диҳад; ва тарзи шустушӯ кардани ӯ; ва андар он ки латтаи мушкзадаро дар ҷои таровидаи хун гузорад ........ 133
(15) Боб. Андар шустани ҷои ҳайз ........ 134
(16) Боб. Зан ҳангоми аз ҳайз ғусл кардан мӯяшро шона кунад ........ 134
(17) Боб. Зан ҳангоми аз ҳайз (пок шуда) ғусл кардан мӯяшро кушояд ........ 135
(18) Боб. Андар гӯштпораи суратдода ва ғайри суратдода (22:5) ........ 135
(19) Боб. Зани ҳоиза барои ҳаҷ ва умра чӣ гуна эҳром мебандад ........ 135
(20) Боб. Андар омадану бозмондани ҳайз ........ 136
(21) Боб. Зани ҳоиза намози қазоӣ нахонад ........ 136
(22) Боб. Бо зани ҳоиза, агар ӯ либос пӯшида бошад, хоб рафтан (равост)? ........ 137
(23) Боб. Дар бораи касе, ки ҷуз либоси замони покӣ либоси ҳайз (низ бо худ) гирад ........ 137
(24) Боб. Андар ҳузур доштани занҳои ҳайздида дар намози Идайн ва ибодати дастаҷамъии мусулмонон; ва берун шудани он занҳо аз намозгоҳ ........ 137
(25) Боб. Дар бораи зане, ки дар як моҳ се бор ҳайз бинад; ва (дар баёни) он чӣ ки занон оид ба (муддати) ҳайз, ҳомила шудан ва имкони (такрори) ҳайз тасдиқ кунанд ........ 138
(26) Боб. Андар зардӣ ва тирагӣ(-и ранги таровишҳое), ки ғайри рӯзҳои ҳайз дида шаванд ........ 139
(27) Боб. Андар бораи хуни раге, ки дар истиҳоза берун ояд ........ 139
(28) Боб. Дар бораи зане, ки баъд аз (тавофи) ифоза ҳайз бинад ........ 139
(29) Боб. Дар бораи зани мустаҳозае, ки покӣ бинад ........ 140
(30) Боб. Андар салоти ҷаноза бар заноне, ки дар ҳоли нифос мурдаанд ва суннати он ........ 140
(31) Боб ........ 140
VII. КИТОБИ ТАЯММУМ ........ 141

(1) Боб........................................................................................ 141
(2) Боб. Агар обу хок наёбад (чӣ кор кунад)?...................................... 142
(3) Боб. Агар шахси муқим об наёбад ва тарсад, ки намоз қазо мешавад, таяммум кунад ........................................................ 143
(4) Боб. Оё шахси таяммумкарда ба дастони худ медамад?............... 143
(5) Боб. Таяммум барои рӯй ва ду каф аст.......................................... 143
(6) Боб. Хоки пок оби таҳорати мусулмон аст, ӯро аз об кифоят мекунад...................................................................................... 144
(7) Боб. Андар шахси боҷанобат, ки аз хавфи бемори ё марг ё ташнагӣ таяммум кунад.............................................................. 146
(8) Боб. Таяммум аз зарб задан ба хок аст.......................................... 147
(9) Боб........................................................................................ 148
VIII. КИТОБИ НАМОЗ ......................................................... 149
(1) Боб. Намоз чӣ гуна дар шаби Меъроҷ фарз гардонида шуд?........ 149
(2) Боб. Андар воҷиб будани адои намоз бо либос; ва сухани Худои Таъоло: «Наздики ҳар намоз либоси худро бигиред» (7:31); ва дар бораи касе, ки бо як пора либоси ба тариқи илтиҳоф пӯшида намоз гузорад................................................ 151
(3) Боб. Гиреҳ кардани (гӯшаҳои) изор дар паси гардан ҳангоми адои намоз ........................................................................ 152
(4) Боб. Худро бо як либос ба тариқи илтиҳоф пӯшонида намоз хондан...................................................................................... 152
(5) Боб. Ҳар гоҳ касе бо як либос намоз хонад, бояд (гӯшаҳои) онро бар дӯш афканад...................................................... 153
(6) Боб. Андар мавриде, ки либос танг бошад .................................. 154
(7) Боб. Андар хондани намоз бо ҷуббаи шомӣ................................ 154
(8) Боб. Андар макрӯҳ будани бараҳнагӣ ҳангоми намоз ва ғайруҳу ........................................................................................ 155
(9) Боб. Андар хондани намоз бо пероҳану шалвор ва туббону қабо........................................................................................ 155
(10) Боб. Андар баёни сатри он чӣ ки аз аврат аст ............................ 156
(11) Боб. Андар хондани намоз бе ридо.............................................. 157
(12) Боб. Андар он чӣ ки дар бобати рон зикр мешавад..................... 157
(13) Боб. Зан дар чанд либос намоз мехонад ....................................... 158
(14) Боб. Дар бораи касе, ки бо либоси нақшдор намоз хонаду ба нақшҳои он нигарад ........................................................... 158
(15) Боб. Оё касе бо либоси нақши салибдор ё суратдор намоз хонад, намозаш фосид хоҳад шуд? Ва чӣ чиз дар ин бобат манъ шудааст........................................................................ 159
(16) Боб. Дар бораи касе, ки бо қабои абрешимии пуштчок намоз хонад, сипас онро бадар кунад ........................................... 159
(17) Боб. Андар хондани намоз бо либоси сурх................................. 159
(18) Боб. Андар хондани намоз дар болои бом, минбар ва тахта....... 160

(19) Боб. Ҳангоми саҷда кардан ба занаш расидани либоси намозгузор ........ 161
(20) Боб. Андар хондани намоз дар рӯи бурё ........ 161
(21) Боб. Андар хондани намоз дар рӯи хумра (ҷойнамози бурёӣ) ........ 162
(22) Боб. Андар хондани намоз дар рӯи бистар ........ 162
(23) Боб. Саҷда кардан дар рӯи либос ҳангоми сахтии гармо ........ 163
(24) Боб. Бо наълайн намоз хондан ........ 163
(25) Боб. Бо мӯза намоз хондан ........ 163
(26) Боб. Дар бораи касе, ки саҷда ба итмом нарасонида бошад ........ 164
(27) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми саҷда таги бағали худро намоён мекунад ва бозувонро аз худ ҷудо медорад ........ 164
(28) Боб. Андар фазилати рӯ овардан ба қибла ........ 164
(29) Боб. Андар қиблаи аҳли Мадина, Шом ва Машриқ ........ 165
(30) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ва аз ҷои қадами Иброҳим намозгоҳ бигиред» (2:125) ........ 165
(31) Боб. Рӯ ба рӯи қибла овардани намозгузор дар ҳар ҷо, ки бошад ........ 166
(32) Боб. Он чӣ дар бораи қибла омадааст ва дар бораи касе, ки дубора гузоридани намозро ба шахсе зарур намедонад, ки саҳван рӯ на ба қибла намоз хондааст ........ 168
(34) Боб. Сутурдани оби даҳон бо даст аз (девори) масҷид ........ 169
(34) Боб. Сутурдани оби бинӣ аз девори масҷид ба сангреза ........ 169
(35) Боб. Ҳангоми намоз ба тарафи рост оби даҳон наафкандан ........ 170
(36) Боб. Ба тарафи чап ё зери пои чап бояд оби даҳон афканд ........ 170
(37) Боб. Андар каффорати оби даҳон афкандан дар масҷид ........ 171
(38) Боб. Бо хок пинҳон кардани балғам дар масҷид ........ 171
(39) Боб. Ҳар гоҳ оби даҳон афкандани шахс ногузир гардад, бигузор ба канори либосаш бигирад ........ 171
(40) Боб. Андар ваъз гуфтани имом ба мардум дар бораи пурра адо кардани намоз ва дар ёд доштани ҷониби қибла ........ 171
(41) Боб. Оё «масҷиди банӣ фалон» гуфтан равост? ........ 172
(42) Боб. Тақсими мол ва овезон кардани хӯшаи хурмо дар масҷид ........ 172
(43) Боб. Дар бораи касе, ки дар масҷид ба таом даъват кард; ва оне, ки даъватро қабул кард ........ 173
(44) Боб. Байни мардону занон қазоват ва лиъон кардан дар масҷид ........ 173
(45) Боб. Шахс ба хонае дарояд, оё дар ҳар ҷое, ки хоҳад, намоз мехонад ё дар он ҷо, ки ба ӯ гуфта шавад ва ҷои намозхонӣ наҷӯяд ........ 173
(46) Боб. Андар (барпо кардани) масҷид дар хонаҳо ........ 174

(47) Боб. Бо пои рост даромадан ба масҷид ва ғайри он .................... 175
(48) Боб. Қабрҳои мушрикони (замони) ҷоҳилиятро барандохта, ба ҷои онҳо масҷид созанд .................... 175
(49) Боб. Хондани намоз дар хобгоҳи гӯсфандон .................... 176
(50) Боб. Хондани намоз дар оғили шутурон .................... 176
(51) Боб. Дар бораи касе, ки дар рӯ ба рӯи танӯр ё оташ ё чизе аз ашёи мавриди парастиш намоз хонад, вале пайваста Худоро дар назар дошта бошад .................... 177
(52) Боб. Андар макрӯҳ будани адои намоз дар қабристон .................... 177
(53) Боб. Намоз хондан дар ҷойҳои фурӯрафта ва Худо азоб фиристода .................... 177
(54) Боб. Хондани намоз дар куништ .................... 178
(55) Боб .................... 178
(56) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Заминро барои ман масҷид ва поккунанда сохтаанд» .................... 178
(57) Боб. Хоб рафтани зан дар масҷид .................... 179
(58) Боб. Хоб рафтани мардон дар масҷид .................... 180
(59) Боб. Адои намоз ҳангоми баргаштан аз сафар .................... 180
(60) Боб. Ҳар кӣ ба масҷид дарояд, (пеш аз нишастан) бояд ду ракъат намоз бихонад .................... 181
(61) Боб. Ҳадас расидан (ба кас) дар масҷид .................... 181
(62) Боб. (Андар сифати) иморати Масҷиди пайғамбар .................... 181
(63) Боб. Ҳамкорӣ кардан(-и мардум) дар сохтани масҷид .................... 182
(64) Боб. Ёрӣ ҷустан аз дуредгарону ҳунармандон дар сохтани минбару масҷид .................... 183
(65) Боб. Дар бораи касе, ки масҷид бино кунад .................... 183
(66) Боб. Агар шахсе (ба тирҳо) даруни масҷид гардад, бояд аз пайкони тирҳояш даст гирад .................... 183
(67) Боб. Гаштан андаруни масҷид .................... 183
(68) Боб. Шеър гуфтан андаруни масҷид .................... 184
(69) Боб. Даромадани найзадорон ба масҷид равост .................... 184
(70) Боб. Дар бораи хариду фурӯш сухан гуфтан аз минбари масҷид .................... 184
(71) Боб. Тақозо(-и пардохти қарз) дар масҷид ва мулозимат (дар ин кор) .................... 185
(72) Боб. Андар (фазилати) рӯфтурӯби масҷид ва барчидани латтапораҳо, чӯбпораҳо ва хаспораҳо (аз он) .................... 185
(73) Боб. Дар масҷид (эълом доштани) таҳрими фурӯши хамр .................... 186
(74) Боб. Дар бораи ходимони масҷид .................... 186
(75) Боб. Бастани шахси асир ё қарздор дар масҷид .................... 186
(76) Боб. Андар ғусл кардани шахси исломоварда ва низ дар

масҷид бастани шахси асир .... 187
(77) Боб. Хайма задан андар масҷид барои беморон ва дигарон .... 187
(78) Боб. Даровардани шутур ба масҷид аз рӯи зарурат .... 187
(79) Боб.... 188
(80) Боб. Кушодани дарича ва сохтани гузаргоҳ дар масҷид.... 188
(81) Боб. Дарҳои Каъбаву масоҷид ва бастани онҳо .... 189
(82) Боб. Андар ворид шудани мушрик ба масҷид.... 189
(83) Боб. Баланд кардани овоз дар масҷид.... 189
(84) Боб. Ҳалқа гирифта нишастан дар масҷид.... 190
(85) Боб. Андар пуштнокӣ дароз кашидан дар масҷид ва пойҳо ёзондан.... 191
(86) Боб. Масҷид дар канори роҳ чунон бояд бино кард, то мардумро бе зарар бошад .... 191
(87) Боб. Хондани намоз дар масҷиди бозор .... 192
(88) Боб. Даромехтани ангуштони ду панҷа бо ҳамдигар дар масҷид ва ғайри он.... 192
(89) Боб. Масоҷиде, ки дар роҳҳои Мадина воқеанд ва мавзеъҳое, ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар онҳо намоз гузоридааст.... 194
БОБҲОИ СУТРАИ НАМОЗГУЗОР.... 196
(90) Боб. Андар он ки сутраи имом барои дар қафои ӯ будагон низ сутра аст.... 196
(91) Боб. Андар он ки фосилаи байни намозгузор ва сутра чӣ қадар бошад.... 197
(92) Боб. Рӯ ба ҳарба (найзак) намоз гузоридан .... 197
(93) Боб. Рӯ ба аназа (найзаки кӯтоҳ) намоз гузоридан.... 198
(94) Боб. Андар сутра гирифтан дар Макка ва ғайри он.... 198
(95) Боб. Рӯй ба сутун намоз гузоридан.... 198
(96) Боб. Андар гузоридани намози беҷамоат байни сутунҳо.... 199
(97) Боб.... 199
(98) Боб. Андар намоз гузоридан рӯ ба чорпои саворӣ, шутур, дарахт ва полони шутур.... 200
(99) Боб. Андар намоз гузоридан рӯ ба тахти хоб .... 200
(100) Боб. Намозгузор ҳар киро, ки аз пешаш гузарад, пас баргардонад.... 200
(101) Боб. Андар гунаҳкор шудани касе, ки аз пеши намозхон гузарад.... 201
(102) Боб. Рӯ ба рӯ шудани мард бо марде (дигар) ҳангоми намозхонӣ.... 201
(103) Боб. Хондани намоз дар пушти шахси хобида .... 202
(104) Боб. Хондани намози нафл дар пушти зан.... 202
(105) Боб дар бораи касе, ки гуфт: «Намозро ҳеҷ чиз қатъ наме-

кунад» ........ 202
(106) Боб. Ҳангоми намоз духтарчаеро ба гарданаш савор кардани намозхон ........ 203
(107) Боб. Оё ба сӯи рахте, ки дар он зани ҳоиза хобидааст, намоз хондан равост? ........ 203
(108) Боб. Оё равост, ки мард ҳангоми саҷда кардан занашро зер кунад, то саҷда карда тавонад? ........ 204
(109) Боб. Дар бораи зане, ки аз (пушти) намозхон чизи озордиҳандаро гирифта партояд ........ 204
IX. КИТОБИ ВАҚТҲОИ НАМОЗ ........ 206
(1) Боб. Андар вақтҳои намоз ва фазилати он ........ 206
(2) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ба сӯи Вай руҷӯъ намуда ибодат кунед ва аз Ӯ битарсед ва намоз барпо доред ва аз мушрикон мабошед» (30:31) ........ 207
(3) Боб. Андар байъат кардан ба барпо доштани намоз ........ 207
(4) Боб. Намоз каффорати гуноҳон аст ........ 207
(5) Боб. Фазилати намоз дар гузоридани он ба вақташ аст ........ 208
(6) Боб. (Хондани) панҷ вақт намоз каффорати гуноҳон аст ........ 209
(7) Боб. Вақти намозро зоеъ кардани намозхон ........ 209
(8) Боб. Намозгузор ба Парвардигори худ, азза ва ҷалла, муноҷот кунад ........ 209
(9) Боб. Ҳангоми шиддати гармо намози пешинро (таъхир карда) вақти гашти тафси ҳаво гузоридан ........ 210
(10) Боб. Ҳангоми сафар намоз(-и пешинро таъхир карда) вақти гашти тафси ҳаво гузоридан ........ 211
(11) Боб. Вақти намози пешин ҳангоми завол(-и офтоб) аст ........ 212
(12) Боб. Таъхири адои намози пешин то вақти намози аср ........ 213
(13) Боб. Вақти намози аср ........ 213
(14) Боб. Андар гуноҳи касе, ки намози аср бар ӯ қазо шудааст ........ 215
(15) Боб. Дар бораи касе, ки намози асрро тарк гуфта бошад ........ 215
(16) Боб. Андар фазилати намози аср ........ 215
(17) Боб. Дар бораи касе, ки пеш аз фурӯ рафтани офтоб фақат як ракъати намози асрро дарёфтааст ........ 216
(18) Боб. Вақти намози шом ........ 217
(19) Боб. Дар бораи касе, ки «ишо» (намози хуфтан) номидани намози шомро макрӯҳ донистааст ........ 218
(20) Боб. Андар зикри маънои «ишо» (намози хуфтан), «атама» (намози хуфтан) ва дар бораи касе, ки ба андешаи ӯ ҳар ду як маъно дорад ........ 218
(21) Боб. Вақти намози хуфтан ҳангоми ҷамъ омадани мардум ё таъхир кардани онҳо аст ........ 219

(22) Боб. Андар фазилати намози хуфтан ........................................ 219
(23) Боб. Андар макрӯҳ будани хоби пеш аз намози хуфтан ............ 220
(24) Боб. Андар хоб рафтани касе пеш аз намози хуфтан, ки хоб бар ӯ ғалаба кунад ............................................................................ 220
(25) Боб. Вақти намози хуфтан то ними шаб аст ................................ 222
(26) Боб. Андар фазилати намози бомдод............................................ 222
(27) Боб. Вақти намози бомдод ............................................................ 223
(28) Боб. Дар бораи касе, ки як ракъат аз намози бомдодро дарёфтааст.................................................................................................... 223
(29) Боб. Дар бораи касе, ки аз намоз фақат як ракъатро дарёфтааст ........................................................................................................ 224
(30) Боб. Андар (ҳукми) хондани намоз баъди бомдод то баланд шудани офтоб ................................................................................... 224
(31) Боб. Пеш аз ғуруби офтоб қасди намоз хондан накунанд.......... 225
(32) Боб. Дар бораи касе, ки ҷуз баъди аср ва бомдод хондани намозро макрӯҳ надонистааст ................................................... 226
(33) Боб. Андар он чӣ аз намозҳои қазоӣ ва монанди он, ки баъди аср хонда шавад........................................................................ 226
(34) Боб. Барвақт хондани намоз ҳангоми абрнок будани ҳаво ......... 227
(35) Боб. Андар гуфтани азон баъди гузаштани вақт ......................... 227
(36) Боб. Дар бораи касе, ки баъди гузаштани вақт ба мардум имоматӣ карда намоз(-и қазоӣ) хонад ....................................... 228
(37) Боб. Ҳар кӣ намозеро фаромӯш кунад ва ҳар гоҳ ба ёдаш ояд, бояд онро бихонад; ва ҷуз он намоз чизи дигареро иода накунад.......................................................................................... 228
(38) Боб. Андар гузоридани намозҳои қазоӣ (ба тартиби) аввал ба аввал........................................................................................... 228
(39) Боб. Он гуна самар, ки баъди адои намози хуфтан макрӯҳ аст ................................................................................................... 229
(40) Боб. Андар сӯҳбат доштан аз фиқҳу корҳои савоб баъди адои намози хуфтан................................................................ 229
(41) Боб. Баъди адои намози хуфтан бо аҳли хона ва меҳмон нишаста сӯҳбат кардан............................................................ 230
X. КИТОБИ АЗОН ................................................................................ 232
(1) Боб. Ибтидои гуфтани азон ............................................................ 232
(2) Боб. Андар он ки (калимоти) азон ҷуфт-ҷуфт аст ......................... 232
(3) Боб. Андар он ки иқомат ба ғайр аз суханони «Қад қомати-с-салот» як бор гуфта мешавад...................................................... 233
(4) Боб. Андар фазилати азон .............................................................. 233
(5) Боб. Андар овоз баланд кардан ҳангоми нидо(-и азон)................. 234
(6) Боб. Андар он ки бо (шунидани) азон аз хунрезӣ даст кашанд .... 234
(7) Боб. Бо шунидани овози муаззин чӣ бояд гуфт? ........................... 234
(8) Боб. Дуои баъди бонги азон ........................................................... 235

(9) Боб. Андар қуръа задан барои гуфтани азон .................................. 235
(10) Боб. Андар (ҳукми) сухан гуфтан аснои бонги азон .................... 236
(11) Боб. Азон гуфтани шахси нобино (равост), ба шарте, ки касе ба ӯ (вақти намозро) маълум кунад ........................................... 236
(12) Боб. Андар гуфтани азон баъди дамидани субҳ ........................... 236
(13) Боб. Андар гуфтани азон пеш аз дамидани субҳ .......................... 237
(14) Боб. Фосилаи байни азон ва иқомат чӣ қадар аст? Ва дар бораи касе, ки мунтазири гуфтани иқомат бошад..................... 238
(15) Боб. Дар бораи касе, ки иқоматро нигарон бошад ........................ 238
(16) Боб. Байни ҳар ду азон (азон ва иқомат ба қадри хондани) як намоз (фосила) ҳаст – барои касе, ки хоҳиш(-и хондани ин намоз) дошта бошад ........................................................... 238
(17) Боб. Дар бораи касе ки гуфт: бояд дар сафар як муаззин азон гӯяд ........................................................................... 239
(18) Боб. Андар он ки агар мусофирон ҷамоат бошанд, азону иқомат бояд гуфт; ҳамчунин (гуфтани азону иқомат) дар Арафа ва Ҷамъ (Муздалифа)................................................... 239
(19) Боб. Оё муаззин ҳангоми гуфтани азон рӯй ба ин сӯву он сӯ мегардонад? Ва оё аз ин тараф ба он тараф бо гӯшаи чашм нигоҳ мекунад?............................................................. 241
(20) Боб. Дар бораи касе, ки гӯяд: «Намози мо фавт шуд» ................ 241
(21) Боб. Шахс ба намоз набояд шитобон, балки орому бовиқор ояд.............................................................................................. 241
(22) Боб. Андар он ки мардум чун имомро ҳангоми гуфта шудани иқомат бибинанд, кай хеста ба намоз истанд? ..................... 242
(23) Боб. Шахс набояд шитобон, балки орому бовиқор ба намоз истад ........................................................................................ 242
(24) Боб. Оё шахс барои зарурате аз масҷид мебарояд?...................... 242
(25) Боб. Ҳар гоҳ имом «Дар ҷойҳоятон бошед, то баргардам!» гӯяд, ӯро мунтазир шаванд ..................................................... 243
(26) Боб. Гуфтани мард ба пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Мо намоз нахондаем»................................................ 243
(27) Боб. Агар баъди гуфтани иқомат имомро ҳоҷате пеш ояд, (оё ба он машғул шавад)?......................................................... 243
(28) Боб. Сӯҳбат кардан баъди гуфтани иқомати намоз ...................... 243
(29) Боб. Андар воҷиб будани намози ҷамоат .................................... 244
(30) Боб. Андар фазилати намози ҷамоат ........................................... 244
(31) Боб. Андар фазилати бо ҷамоат хондани намози бомдод ............ 245
(32) Боб. Андар фазилати барвақт омадан ба намози пешин ............. 246
(33) Боб. Андар ҳисобӣ будани паи қадамҳо (ҳангоми ба масҷид рафтан)....................................................................................... 246
(34) Боб. Андар фазилати боҷамоат хондани намози хуфтан............. 247

(35) Боб. Андар он ки ду нафар ва зиёда аз он ҷамоат бувад............ 247
(36) Боб. Дар бораи касе, ки дар масҷид мунтазири намоз нишинад; ва андар фазилати масҷидҳо ............................................ 248
(37) Боб. Андар фазилати касе, ки саҳару бегоҳ ба масҷид равад ..... 249
(38) Боб. Ҳар гоҳ ба намоз иқомат гуфта шавад, ба ҷуз намози фарз чизе хонда нашавад ........................................................ 249
(39) Боб. Андар ҳадде, ки бемор дар хондани намози боҷамоат ҳозир бошад.............................................................................. 249
(40) Боб. Иҷозати намоз хондан дар манзили худ ба сабаби борон ё иллате (дигар) ............................................................... 251
(41) Боб. Оё имом фақат бо касони ҳозиршуда намоз мегузорад; ва оё рӯзи ҷумъа ҳангоми боридани борон бояд хутба гуфт? ...................................................................................... 251
(42) Боб. Ҳар гоҳ таом ҳозир шаваду ба намоз иқомат гӯянд, (чӣ бояд кард)?.......................................................................... 252
(43) Боб. Ҳар гоҳ имом ба намоз даъват шаваду дар дасташ чизе хӯрданӣ бошад, (чӣ бояд кунад)?............................................ 253
(44) Боб. Дар бораи касе, ки машғули корҳои рӯзгор бошад ва чун ба намоз иқомат гӯянд, берун ояд..................................... 253
(45) Боб. Дар бораи касе, ки фақат бо мақсади омӯзондани тарзи намозхонӣ ва суннати пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бо мардум намоз гузорад........................................... 254
(46) Боб. Аҳли илму фазл барои имоматӣ кардан сазовортаранд...... 254
(47) Боб. Дар бораи касе, ки бо сабабе дар паҳлӯи имом қарор гирад ...................................................................................... 256
(48) Боб. Дар бораи касе, ки пеш даромада ба намози мардум имоматӣ карданӣ шаваду дар ин ҳангом имоми аввал биёяд, он гоҳ каси пешдаромада хоҳ худро қафо кашад, хоҳ не, намозаш равост.............................................................. 256
(49) Боб. Агар ҳама дар қироат баробар бошанд, калонсолтари онҳо бояд (дар намоз) имом шавад........................................ 257
(50) Боб. Ҳар гоҳ имом ба боздиди қавме равад, дар намозашон имоматӣ кунад............................................................................ 258
(51) Боб. Имом барои он аст, ки ба ӯ иқтидо кунанд......................... 258
(52) Боб. Шахси ба имом иқтидокунанда кай саҷда кунад? ............... 260
(53) Боб. Андар гуноҳи касе, ки сарашро пеш аз имом (аз саҷда) бардорад ........................................................................... 261
(54) Боб. Андар ҷоиз будани имоматии ғулом ва мавло (ғуломи озодшуда) .......................................................................... 261
(55) Боб. Агар имом намозро мукаммал адо накунад, аз пушти ӯ будагон онро мукаммал кунанд............................................. 262
(56) Боб. Андар имоматӣ кардани мафтун ва бидъаткор.................... 262
(57) Боб. Агар намозгузорон ду нафар бошанд, яке дар паҳлӯи

рост баробари имом истад ........................................................ 263
(58) Боб. Агар мард дар тарафи чапи имом истад ва имом ӯро ба тарафи рости худ гузаронад, намози ҳар ду фосид нашавад ........................................................ 263
(59) Боб. Ҳар вақт имом бе нияти имоматӣ намоз гузориданӣ бошаду баъдтар қавм биёянд, ӯ ба онҳо имоматӣ кунад ......... 263
(60) Боб. Агар имом намозро ба дарозо адо кунад ва иқтидокунандаро ҳоҷат пеш ояд, аз саф бароянд ва (баъдан худ) намоз гузорад ........................................................ 264
(61) Боб. Имом дар намоз қиёмро сабук ва рукӯъу суҷудро пурра анҷом диҳад ........................................................ 264
(62) Боб. Ҳар гоҳ касе танҳо намоз гузорад, ҳар қадар хоҳад ба дарозо кашад ........................................................ 265
(63) Боб. Дар бораи касе, ки агар имомаш намозро ба дарозо кашад, аз ӯ шикоят кунад........................................................ 265
(64) Боб. Андар муҷаз ва мукаммал хондани намоз........................... 266
(65) Боб. Дар бораи касе, ки бо шунидани гиряи тифл намозро сабук кунад........................................................ 266
(66) Боб. Дар бораи касе, ки намоз гузорад ва баъдан ба намози қавме имоматӣ кунад ........................................................ 267
(67) Боб. Дар бораи касе, ки такбири имомро такрор кунад, то ба мардум шунавонад ........................................................ 267
(68) Боб. Андар раво будани иқтидои марде ба имом ва ба он муқтадӣ иқтидо кардани мардум ............................................ 268
(69) Боб. Оё имом ҳангоми шак (дар намоз) ба сухани мардум амал мекунад?........................................................ 269
(70) Боб. Агар имом дар намоз гиря кунад, (оё намоз фосид мешавад)?........................................................ 269
(71) Боб. Баробар кардани сафҳо ҳангоми гуфтани иқомат ва баъди он ........................................................ 270
(72) Боб. Ҳангоми баробар кардани сафҳо ба мардум рӯй овардани имом........................................................ 270
(73) Боб. Саффи аввал........................................................ 270
(74) Боб. Рост кардани сафҳо аз (ҷумлаи) мукаммал шудани намоз аст........................................................ 271
(75) Боб. Андар гуноҳи касе, ки сафҳоро пурра накунад ................... 271
(76) Боб. Андар китф ба китф ва пой ба пои якдигар расонида истодан дар саф........................................................ 272
(77) Боб. Ҳар гоҳ шахс аз тарафи чапи имом истад ва имом ӯро аз пушти худ гардонида ба тарафи рост гузаронад, намозаш саҳеҳ хоҳад буд ........................................................ 272
(78) Боб. Оё зан худаш танҳо як саф мешавад? ................................. 272
(79) Боб. Ҷой гирифтан дар ҷониби рости масҷид ва аз паҳлӯи

рости имом ........ 272
(80) Боб. Агар байни имом ва қавм деворе ё сутрае бошад, (оё намоз гузоридан дуруст аст)? ........ 273
(81) Боб. Намози шаб ........ 273
БОБҲОИ СИФАТИ НАМОЗ ........ 274
(82) Боб. Воҷиб будани такбир дар ифтитоҳи намоз ........ 274
(83) Боб. Ҳангоми такбири таҳрима баробари ифтитоҳи намоз боло кардани ду даст ........ 275
(84) Боб. Боло кардани дастон ҳангоми такбири таҳрима гуфтан, мавриди ба рукӯъ рафтан ва сар бардоштан ........ 275
(85) Боб. (Ҳангоми намоз) дастҳо то куҷо бояд боло кард? ........ 276
(86) Боб. Боло кардани дастон ҳангоми бархостан аз ракъати дуюм ........ 276
(87) Боб. Андар гузоштани дасти рост болои дасти чап (ҳангоми намоз) ........ 277
(88) Боб. Фурӯтанӣ дар намоз ........ 277
(89) Боб. Баъди такбир чӣ гӯянд? ........ 277
(90) Боб ........ 278
(91) Боб. Андар ҷоиз будани чашм бардошта ба имом нигоҳ кардан ҳангоми намоз ........ 279
(92) Боб. Андар (ҷоиз набудани) чашм бардошта ба осмон нигаристан ҳангоми адои намоз ........ 280
(93) Боб. Андар (ҳукми) ба гӯшаи чашм нигаристан ҳангоми намоз ........ 280
(94) Боб. Оё аз сабаби рух додани воқеае, ё дидани чизе, ё туфе дар (девори) қибла (намозхон) ба гӯшаи чашм нигоҳ мекунад? ........ 280
(95) Боб. Воҷиб будани қироат барои имом ва муқтадӣ дар ҳамаи намозҳо: дар ҳазару дар сафар; ва дар намози чи ҷаҳрйя ва чи хафия ........ 281
(96) Боб. Қироат кардан дар намози пешин ........ 283
(97) Боб. Қироат кардан дар намози аср ........ 283
(8) Боб. Қироат кардан дар намози шом ........ 284
(99) Боб. Баланд қироат кардан дар намози шом ........ 284
(100) Боб. Баланд қироат кардан дар намози хуфтан ........ 284
(101) Боб. Қироати сураи саҷдадор дар намози хуфтан ........ 285
(102) Боб. Қироат кардан дар намози хуфтан ........ 285
(103) Боб. Дароз қироат кардан дар ду ракъати аввал ва тарки қироат дар ду ракъати охир ........ 285
(104) Боб. Қироат кардан дар намози бомдод ........ 286
(105) Боб. Баланд қироат кардан дар намози бомдод ........ 286
(106) Боб. Андар зам кардани ду сура дар як ракъат; ва қироати оятҳои охири сура; ва қироати сурае пеш аз сураи дигар

(баръакси тартиби ҷойгиршавии он дар Китоб); ва қироати аввали сура ........ 287
(107) Боб. Намозхон дар ду ракъати охир сураи «Фотиҳа»-ро хонад ........ 289
(108) Боб. Дар бораи касе, ки дар намозҳои пешину аср паст қироат кунад ........ 289
(109) Боб. Агар имом оятро (дар намози хафия) баланд қироат кунад, (боке надорад) ........ 289
(110) Боб. Андар он ки дар ракъати якум дароз қироат кунанд ........ 290
(111) Боб. «Омин»-ро баланд гуфтани имом ........ 290
(112) Боб. Андар фазилати «омин» гуфтан ........ 290
(113) Боб. «Омин»-ро баланд гуфтани иқтидокунанда ........ 291
(114) Боб. Андар (ҳукми) касе, ки берун аз саф рукӯъ кунад ........ 291
(115) Боб. Ба итмом расонидани такбир дар рукӯъ ........ 291
(116) Боб. Ба итмом расонидани такбир дар саҷда ........ 292
(117) Боб. Гуфтани такбир ҳангоми аз саҷда хестан ........ 292
(118) Боб. Бар зону гузоштани кафҳои даст ҳангоми рукӯъ ........ 293
(119) Боб. Агар намозхон рукӯъро ба итмом нарасонад, (чӣ бояд кард)? ........ 293
(120) Боб. Росту ҳамвор доштани пушт ҳангоми рукӯъ ........ 294
(121) Боб. Андар ҳадди ба итмом расонидани рукӯъ; ва рост будану ором гирифтан дар он ........ 294
(122) Боб. Андар иода(-и намоз) фармудани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба шахсе, ки рукӯъро ба итмом нарасонид ........ 294
(123) Боб. Дуо кардан ҳангоми рукӯъ ........ 295
(124) Боб. Имом ва иқтидокунандагон ҳангоми аз рукӯъ сар бардоштан чӣ мегӯянд? ........ 295
(125) Боб. Андар фазилати гуфтани «Аллоҳумма Раббано, лака-л-ҳамд» ........ 295
(126) Боб ........ 295
(127) Боб. Андар ором гирифтани намозхон баъди аз рукӯъ сар бардоштан ........ 296
(128) Боб. Намозхон ҳангоми ба саҷда рафтан такбир гӯяд ........ 297
(129) Боб. Андар фазилати саҷда кардан ........ 298
(130) Боб. Бозуҳо (аз паҳлӯ) ва шикам аз ронҳо дур доштани намозхон ҳангоми саҷда ........ 301
(131) Боб. Намозхон сари ангуштони пойҳо ҷониби қибла гардонад ........ 301
(132) Боб. Агар намозхон саҷдаро ба итмом нарасонад, (чӣ мешавад)? ........ 301
(133). Боб. Андар саҷда кардан бо ҳафт устухон(-и бадан) ........ 301
(134) Боб. Андар саҷда кардан бо бинӣ ........ 302

(135) Боб. Андар саҷда кардан бо бинӣ ва саҷда кардан дар рӯи лой........ 302
(136) Боб. Андар гиреҳ кардану бастани либос (бар тан); дар бораи касе, ки аз хавфи намоён шудани авраташ либосашро ба худ печонад........ 303
(137) Боб. Намозхон мӯяшро ҷамъ накунад........ 303
(138) Боб. Намозхон ҳангоми адои намоз либосашро ҷамъ нигоҳ надорад........ 303
(139) Боб. Андар тасбеҳ ва дуо гуфтан ҳангоми саҷда........ 304
(140) Боб. Байни ду саҷда фурсате ором нишастан........ 304
(141) Боб. Намозхон бояд ду соиди худ ба замин нарасонад........ 305
(142) Боб. Дар бораи касе, ки баъди ракъати тоқи намоз фурсате рост нишаста, пас, аз ҷой бархезад........ 305
(143) Боб. Ҳар гоҳ намозхон баъди ракъате бархостанӣ шавад, ба замин чӣ гуна такя кунад?........ 305
(144) Боб. Намозхон баъди ду саҷда такбир гуфта аз ҷо хезад........ 306
(145) Боб. Суннати нишастан дар ташаҳҳуд........ 306
(146) Боб. Дар бораи касе, ки ба раъйи ӯ ташаҳҳуди якум воҷиб нест........ 307
(147) Боб. Ташаҳҳуд андар қаъдаи якум........ 308
(148) Боб. Ташаҳҳуд андар қаъдаи ахир........ 308
(149) Боб. Дуои пеш аз салом додан........ 309
(150) Боб. Он чӣ аз дуо, ки баъд аз ташаҳҳуд ихтиёр карда шавад ва воҷиб набудани он дуо........ 309
(151) Боб. Дар бораи касе, ки то адо намудани намоз пешонию бинии худро пок накунад........ 310
(152) Боб. Салом додан (дар охири намоз)........ 310
(153) Боб. Муқтадӣ баробари салом додани имом салом диҳад........ 311
(154) Боб. Дар бораи касе, ки ба имом ҷавоби салом надода, бо салом додан дар охири намоз иктифо кунад........ 311
(155) Боб. Ба зикр рафтан баъди адои намоз........ 311
(156) Боб. Имом баъди салом додан рӯй ба мардум гардонад........ 313
(157) Боб. Дар ҷои намоз мондани имом баъди салом додан........ 314
(158) Боб. Дар бораи касе, ки ба мардум имоматӣ карда намоз гузорад ва зарурате ба ёдаш омада (пеш аз мардум) аз болои сари онҳо гузашта берун равад........ 315
(159) Боб. Андар он ки баъди адои намоз ҳам ба рост ва ҳам ба чап баргаштан ва (ё) баромада рафтан (равост)........ 315
(160) Боб. Он чӣ аз хусуси сир, пиёз ва гандано омадааст........ 315
(161) Боб. Андар вузӯ кардани бачагон; ва кай ғуслу таҳорат бар онҳо воҷиб мегардад? Ҳозир шудани онҳо дар намозҳои ҷамоат, Идайн ва ҷаноза; ва дар саф истодани онҳо........ 316
(162) Боб. Дар вақти шаб ва торикии поёни шаб ба масҷид ома-

дани занон ........ 319
(163) Боб. (Баъди намоз аз ҷой) бархостани имоми донишмандро мунтазир шудани мардум ........ 319
(164) Боб. Андар намоз гузоридани занон аз паси мардон ........ 320
(165) Боб. Андар зуд баромада рафтани занон баъди намози бомдод ва кам таваққуф кардани онҳо дар масҷид ........ 321
(166) Боб. Андар иҷозат пурсидани зан аз шавҳар барои ба масҷид баромадан ........ 321
(167) Боб. Андар намоз гузоридани занон аз паси мардон ........ 321
XI. КИТОБИ ҶУМЪА ........ 323
(1) Боб. Андар фарз будани намози ҷумъа ........ 323
(2) Боб. Андар фазилати ғусл кардан рӯзи ҷумъа ........ 323
(3) Боб. Андар хушбӯӣ задан барои намози ҷумъа ........ 324
(4) Боб. Андар фазилати намози ҷумъа ........ 324
(5) Боб ........ 325
(6) Боб. Ба худ равғани хушбӯй молида ба намози ҷумъа рафтан ........ 325
(7) Боб. (Барои намози ҷумъа ҷоиз аст) шахс аз ҳар чизе, ки дорад, беҳтаринашро пӯшад ........ 326
(8) Боб. Мисвок кардани дандонҳо рӯзи ҷумъа ........ 326
(9) Боб. Дар бораи касе, ки дандонҳо бо мисвоки каси дигар мисвок кунад ........ 327
(10) Боб. Он чӣ дар (замми сураи) намози бомдоди рӯзи ҷумъа қироат карда шавад ........ 327
(11) Боб. Андар (гузоридани) намози ҷумъа дар деҳот ва шаҳрҳо ........ 328
(12) Боб. Оё занон, кӯдакон ва дигарон, ки ба намози ҷумъа ҳозир намешаванд, бояд ғусл кунанд? ........ 328
(13) Боб ........ 329
(14) Боб. Ҳангоми боридани борон намозхонро рухсат аст, ки ба намози ҷумъа ҳозир нашавад ........ 330
(15) Боб. Мардум аз чӣ қадар масофа ба намози ҷумъа оянд ва он киро воҷиб аст? ........ 330
(16) Боб. Вақти намози ҷумъа баъд аз заволи офтоб аст ........ 331
(17) Боб. Агар рӯзи ҷумъа гармо шиддат кунад, чӣ бояд кард? ........ 331
(18) Боб. Андар пиёда рафтан ба намози чумъа ........ 332
(19) Боб. Рӯзи (намози) чумъа аз байни ду кас бурида нагузарад ........ 333
(20) Боб. Рӯзи ҷумъа (намозхон) бародари худро аз ҷой хезонида, ба ҷои ӯ нанишинад ........ 333
(21) Боб. Азони рӯзи чумъа (кай машрӯъ шуд)? ........ 333
(22) Боб. Рӯзи чумъа як муаззин (азон мегӯяд) ........ 334
(23) Боб. Имом дар минбар нишаста ҳар гоҳ азонро шунавад, ба он ҷавоб мегардонад ........ 334
(24) Боб. Ҳангоми азон гуфтан имом бар минбар менишинад ........ 334
(25) Боб. Андар гуфтани азон пеш аз хутба ........ 335

(26) Боб. Андар хутба гуфтан бар минбар........................................ 335
(27) Боб. Рост истода хутба гуфтан ................................................ 336
(28) Боб. Имом рӯй ба қавм оварад; ва мардум ҳангоми хутба рӯй ба имом оваранд ................................................................ 336
(29) Боб. Дар бораи шахсе, ки дар хутба пас аз сано(-и Худо) «аммо баъд» гуфт................................................................ 337
(30) Боб. Андар нишастани имом рӯзи ҷумъа дар байни ду хутба .... 339
(31) Боб. Андар рӯзи ҷумъа ба хутба гӯш андохтан .......................... 340
(32) Боб. Имом ҳангоми хутба гуфтан чун марди ба масҷид омадаро бинад, ба ӯ фармояд, ки ду ракъат намоз хонад ............. 340
(33) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми хутба гуфтани имом ба масҷид ояд ва ду ракъати сабук намоз хонад.......................... 340
(34) Боб. (Ба дуо) бардоштани дастон дар хутба ................................ 341
(35) Боб. Андар истисқо кардан дар хутбаи рӯзи ҷумъа..................... 341
(36) Боб. Рӯзи ҷумъа ҳангоми хутба хондани имом хомӯш нишаста гӯш додан ........................................................................ 341
(37) Боб. Соате аз рӯзи ҷумъа (ки дуо дар он мустаҷоб гардад)........ 342
(38) Боб. Ҳар гоҳ мардум дар намози ҷумъа имомро тарк кунанд, намози имом ва онҳое, ки бо ӯ монданд, равост............................342
(39) Боб. Андар хондани намоз баъди (намози) ҷумъа ва пеш аз он.................................................................................... 343
(40) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ва чун намоз тамом карда шавад, дар замин пароканда шавед ва аз фазли Худо талаб кунед» (62:10) ............................................................ 343
(41) Боб. Андар қайлула кардан баъди намози ҷумъа ........................ 343
XII. КИТОБИ (НАМОЗИ) ХАВФ .................................. 345
(1) Боб. Намози хавф ............................................................................ 345
(2) Боб. Пиёда ва савора хондани намози хавф; «роҷил» (ба пой истода) «қоим» (рост истода) аст ........................................... 346
(3) Боб. Дар намози хавф баъзеҳо баъзеи дигарро посбонӣ кунанд.................................................................................................. 346
(4) Боб. Андар тарзи хондани намоз ҳангоми фатҳи қалъаҳо ва рӯ ба рӯ шудан бо душман...................................................... 346
(5) Боб. Таъқибкунандаи душман ва таъқибшаванда (аз тарафи душман) намозро савора ва бо имову ишора хонанд.............. 347
(6) Боб. Андар гуфтани такбир ва дар торикии поёни шаб хондани намози бомдод; ва адои намоз пеш аз ҳуҷуму муҳораба........................................................................................ 348
XIII. КИТОБ (АНДАР УМУРИ) ИДАЙН............................ 349
(1) Боб. Андар Идайн ва оростани худ дар он ................................... 349
(2) Боб. Андар будан бо найзаҳо ва сипарҳо дар рӯзи ид.................. 349
(3) Боб. Андар суннати гузаронидани Идайн барои аҳли ислом; (суннати дуо кардан дар ид).................................................. 350

(4) Боб. Рӯзи иди Фитр тановул кардан пеш аз баромадан ба намоз ... 350
(5) Боб. Андар (ҳукми) хӯрок хӯрдан рӯзи иди Қурбон ... 351
(6) Боб. Баромадан ба намозгоҳи беминбар ... 352
(7) Боб. Андар пиёда ва савора ба (намози) ид рафтан; ва азону иқомат нагуфта пеш аз хутба намоз гузоридан ... 352
(8) Боб. Андар хондани хутба баъди намози ид ... 353
(9) Боб. Рӯзи ид ва дар Ҳарам бо худ силоҳ бардоштан макрӯҳ аст ... 354
(10) Боб. Барвақт адо намудани намози ид ... 355
(11) Боб. Андар фазилати амал(-и солеҳ) дар рӯзҳои ташриқ ... 355
(12) Боб. Такбир гуфтан дар рӯзҳои Мино ва ҳангоми гузаштан ба Арафа ... 356
(13) Боб. Рӯзи ид рӯ ба ҳарба (найзак) намоз гузоридан ... 356
(14) Боб. Пешопеши имом рӯзи ид бардошта бурдани аназа (найзаки кӯтоҳ) ё ҳарба (найзак) ... 357
(15) Боб. Ба намозгоҳ баромадани занон(-и пок) ва ҳоиза ... 357
(16) Боб. Ба намозгоҳ баромадани кӯдакон ... 357
(17) Боб. Рӯ ба мардум овардани имом дар хутбаи ид ... 357
(18) Боб. Андар нишонае, ки ба намозгоҳ (гузошта шавад) ... 358
(19) Боб. Рӯзи ид ба занон панд гуфтани имом ... 358
(20) Боб. Агар дар рӯзи ид зан чодар надошта бошад, (чӣ кунад)? ... 359
(21) Боб. Занони ҳоиза аз намозгоҳ дар канор истанд ... 360
(22) Боб. Рӯзи иди Қурбон куштан(-и шутур) ва забҳ(-и чорпои қурбонӣ) дар намозгоҳ ... 360
(23) Боб. Андар сухан гуфтани имом ба мардум ҳангоми хутбаи ид ... 360
(24) Боб. Дар бораи касе, ки рӯзи ид (бо роҳе ба намоз рафта) бо роҳи дигар баргардад ... 361
(25) Боб. Ҳар гоҳ намози ид барои касе фавт шавад, ду ракъат намоз гузорад ... 362
(26) Боб. Андар гузоридани намоз пеш аз намози ид ва баъди он ... 363
XIV. КИТОБИ ВИТР ... 364
(1) Боб. Андар он чӣ дар бораи (намози) витр омадааст ... 364
(2) Боб. Вақти адои намози витр ... 365
(3) Боб. Андар бедор кардани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аҳли байташро ба намози витр ... 366
(4) Боб. Намозхон дар охири намозҳояш бояд витр гузорад ... 366
(5) Боб. Андар савори чорпо адо кардани витр ... 366
(6) Боб. (Андар ҳукми) витр ҳангоми сафар ... 367
(7) Боб. Андар гуфтани дуои Қунут пеш аз рукӯъ ва баъди он ... 367
XV. КИТОБИ ИСТИСҚО ... 369
(1) Боб. Андар истисқо. Ва (ба намозгоҳ) баромадани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои адои намози

истисқо........................................................................................ 369
(2) Боб. Дуои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Солҳои қаҳтиро монанди солҳои замони Юсуф бар онҳо бигумор!»........................................................................ 369
(3) Боб. Ҳар гоҳ қаҳтӣ ояд, мардум аз имом дархости истисқо кунанд........................................................................................ 370
(4) Боб. Андар божгуна кардани ридо ҳангоми (намозу дуои) истисқо........................................................................................ 371
(5) Боб. Вақте ки муҳаррамоти Худо шикаста шавад, Парвардигор, азза ва ҷалла, ба халқи Худ қаҳтӣ фиристода интиқом меситонад ........................................................................ 372
(6) Боб. (Адои намозу дуои) истисқо дар масҷиди ҷомеъ .................. 372
(7) Боб. Рӯй ҷониби қибла наоварда дар хутбаи намози ҷумъа талаби борон кардан................................................................ 372
(8) Боб. Аз болои минбар талаби борон кардан ................................. 373
(9) Боб. Дар бораи касе, ки барои истисқо бо намози ҷумъа иктифо намуд ........................................................................ 374
(10) Боб. Ҳар гоҳ аз бисёрии борон роҳҳо бурида шавад, дуо кунанд......374
(11) Боб. Андар он чӣ гуфта шуд: «Дарвоқеъ, пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, рӯзи ҷумъа дар дуои талаби борон ридои худ божгуна накард» ........................................... 374
(12) Боб. Ҳар гоҳ мардум аз имом хоҳиши дуои истисқо кунанд, ӯ набояд рад намояд................................................................ 375
(13) Боб. Агар мушрикон аз мусулмонон дар қаҳтӣ талаби шафоат кунанд, (чӣ бояд кард)?................................................... 375
(14) Боб. Андар дуое, ки ҳангоми бисёр боридани борон кунанд: «Ба гирду атрофи мо бирез, на бар сари мо» .......................... 376
(15) Боб. Андар рост истода дуои истисқо кардан............................. 376
(16) Боб. Адои намози истисқо бо қироати баланд............................ 377
(17) Боб. Андар он ки пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна пушт ба мардум гардонид.................................... 377
(18) Боб. Намози истисқо ду ракъат аст............................................. 377
(19) Боб. Андар (гузоридани намози) истисқо дар намозгоҳ ............ 377
(20) Андар рӯ ба қибла овардан ҳангоми истисқо ............................ 378
(21) Боб. Ҳангоми истисқо мардум ҳамроҳи имом даст ба дуо бардоранд ................................................................................ 378
(22) Боб. Андар даст ба дуо бардоштани имом ҳангоми истисқо ...... 379
(23) Боб. Ҳангоми боридани борон чӣ бояд гуфт?............................ 379
(24) Боб. Дар бораи каси зери борон монда, ки оби борон аз ришаш шоридааст ................................................................ 379
(25) Боб. Ҳангоми вазидани бод (чӣ бояд кард?) .............................. 380
(26) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Бо боди Сабо ба ман нусрат дода шуд»........................ 380

(27) Боб. Он чӣ дар бораи заминҷунбиҳо ва нишонаҳо(-и қиёмат) гуфтаанд ........ 380
(28) Боб. Андар сухани Худои Таъоло: «Ва он (Қуръон)-ро ки ба дурӯғ нисбат мекунед, ризқи худ месозед» (56:82)........ 381
(29) Боб. Вақти боридани боронро фақат Худо донад........ 381
XVI. КИТОБИ КУСУФ........ 383
(1) Боб. Гузоридани намоз ҳангоми кусуфи офтоб........ 383
(2) Боб. Андар садақа додан ҳангоми кусуф........ 384
(3) Боб. Андар нидо кардан ҳангоми кусуф: «Ба намози ҷамоат (шитобед)»........ 384
(4) Боб. Андар хутба хондани имом ҳангоми кусуф........ 385
(5) Боб. Оё офтоб «кусуф кард» бояд гуфт, ё «хусуф кард»?........ 386
(6) Боб. Андар сухани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Худо бандагонашро бо кусуф метарсонад»........ 386
(7) Боб. Андар паноҳ талабидан ба Худо аз азоби гӯр ҳангоми кусуф........ 387
(8) Боб. Дарозо сачда кардан дар намози кусуф........ 387
(9) Боб. Бо ҷамоат гузоридани намози кусуф........ 388
(10) Боб. Андар намоз гузоридани занон ҳамроҳи мардон ҳангоми кусуф........ 389
(11) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми кусуфи офтоб банда озод кардан дӯст дорад........ 390
(12) Боб. Андар гузоридани намози кусуф дар масҷид........ 390
(13) Боб. Офтоб ба сабаби фавтидан ё зистани касе кусуф намекунад........ 390
(14) Боб. Андар зикр(-и Худо) кардан ҳангоми кусуф........ 391
(15) Боб. Андар дуо кардан ҳангоми хусуф........ 392
(16) Боб. «Аммо баъд» гуфтани имом дар хутбаи кусуф........ 392
(17) Боб. Андар гузоридани намоз ҳангоми кусуфи моҳ........ 392
(18) Боб. Ракъати якуми намози кусуф дарозотар аст........ 393
(19) Боб. Қироати баланд кардан дар намози кусуф........ 393
XVII. КИТОБИ САҶДАИ ТИЛОВАТ ДАР ҚУРЪОН........ 395
(1) Боб. Он чӣ дар бораи саҷдаи тиловат дар Қуръон ва суннати он овардаанд........ 395
(2) Боб. Андар саҷдаи (сураи) «Танзилу-с-Саҷда» (32)........ 395
(3) Боб. Андар саҷдаи (сураи) «Сод» (38)........ 395
(4) Боб. Андар саҷдаи (сураи) «Наҷм» (53)........ 396
(5) Боб. Андар саҷда кардани мусулмонон бо мушрикон........ 396
(6) Боб. Дар бораи касе, ки (ояти) саҷда қироат карда, вале саҷда накард........ 396
(7) Боб. Андар саҷдаи (сураи) «Изо-с-самоу-ншаққат» (84:1)........ 397
(8) Боб. Дар бораи касе, ки ба саҷдаи қорӣ саҷда кунад........ 397
(9) Боб. Музоҳими ҳамдигар шудани мардум ҳангоми (ояти)

сачда қироат кардани имом ........................................................ 397
(10) Боб. Дар бораи касе, ки ба раъйи ӯ Худои азза ва чалла сачда(-и тиловат)-ро воҷиб нагардондааст................................ 398
(11) Боб. Дар бораи касе, ки дар намоз (ояти) сачда қироат карда ба сачда равад......................................................................... 398
(12) Боб. Дар бораи касе, ки аз анбӯҳии мардум барои сачда кардан ҷой наёфта бошад........................................................... 399
XVIII. КИТОБИ ҚАСР ХОНДАНИ НАМОЗ........................... 400
(1) Боб. Он чӣ дар бораи қаср омадааст; ва барои қасри намоз муддати иқомат чӣ қадар аст?................................................. 400
(2) Боб. Намоз гузоридан дар Мино ............................................... 400
(3) Боб. Муддати иқомати пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дар ҳаҷҷаш чӣ қадар буд?........................................... 401
(4) Боб. Дар чӣ миқдор (масофаи сафар) намоз қаср хонда мешавад?............................................................................................ 401
(5) Боб. Ҳар гоҳ шахс аз ҷои иқомати худ берун равад, (намозро) қаср кунад........................................................................................ 402
(6) Боб. Намози шом дар сафар (низ) се ракъат хонда мешавад........ 403
(7) Боб. Савори чаҳорпо гузоридани намози нафл ва ба сӯе, ки чаҳорпо равона аст, рӯ овардан ............................................. 403
(8) Боб. Савори чаҳорпо бо имову ишора ба ҷо овардани намоз....... 404
(9) Боб. Шахс барои адои намози фарз бояд (аз чаҳорпо) фуруд ояд.............................................................................................. 404
(10) Боб. Савори хар адо кардани намози нофила............................. 405
(11) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми сафар пеш аз намози (фарз) ва баъди он нофила нахонда бошад............................... 405
(12) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми сафар нофиларо пеш аз намози фарз хонда бошад, на баъди он .................................. 406
(13) Боб. Ҳангоми сафар як карда хондани намозҳои шому хуфтан ............................................................................................ 406
(14) Боб. Оё ҳангоми намозҳои шому хуфтанро як карда хондан азону иқомат гуфта мешавад?................................................... 407
(15) Боб. Ҳар кӣ пеш аз гашти офтоб ба роҳ баромаданӣ бошад, адои намози пешинро то фаро расидани аср ба таъхир гузорад ..........................................................................................407
(16) Боб. Ҳар кӣ баъди гашти офтоб ба роҳ баромаданӣ бошад, намози пешинро хонда, сипас ба роҳ бароянд .......................... 408
(17) Боб. Андар (ҳукми) нишаста адо кардани намоз......................... 408
(18) Боб. Нишаста бо имову ишора ба ҷо овардани намоз................. 409
(19) Боб. Шахс агар илоҷи нишаста намоз хондан надошта бошад, ба паҳлӯ дароз кашида намоз гузорад............................. 409
(20) Боб. Агар шахс дар ҳоли нишаста намоз хондан офият ёбад ё худро сабуктар ҳис кунад, бақияи намозро (чунон ки бо-

яд) ба итмом расонад ... 410
XIX. КИТОБИ ТАҲАҶҶУД ... 411
(1) Боб. (Намози) таҳаҷҷуд дар шаб ... 411
(2) Боб. Андар фазилати шабхезӣ ... 412
(3) Боб. Андар дароз саҷда кардан дар намози шабона ... 413
(4) Боб. Андар (раво будани) тарки шабхезӣ барои бемор ... 413
(5) Боб. Андар ташвиқи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, умматро ба адои намозҳои таҳаҷҷуд ва нофила бидуни воҷиб гардондани ин (намозҳо) ... 413
(6) Боб. Ба шаб намоз гузоридани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чандоне, ки пойҳояш варам карданд ... 415
(7) Боб. Дар бораи касе, ки наздики субҳ хоб равад ... 415
(8) Боб. Дар бораи касе, ки саҳархӯрӣ кунаду то гузоридани намози бомдод нахусбад ... 416
(9) Боб. Дароз қиём кардан дар намози шаб ... 416
(10) Боб. Намози пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ гуна буд? Ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, шабона чанд ракъат намоз мехонд? ... 416
(11) Боб. Бархостани пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ба шаб; хоби ӯ ва он чӣ аз шабхезӣ (барои намоз), ки мансух шудааст ... 417
(12) Боб. Ҳар гоҳ шахс шабона намоз нахонад, Шайтон дар пушти сараш гиреҳ бандад ... 418
(13) Боб. Ҳар кӣ намоз нахонда бихобад, Шайтон дар гӯшаш мешошад ... 419
(14) Боб. Андар дуову намози охири шаб ... 419
(15) Боб. Дар бораи касе, ки аввали шаб хуфта бошад ва охири шабро зинда дорад ... 419
(16) Боб. Андар шабхезии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои намоз дар моҳи Рамазон ва ғайри он ... 420
(17) Боб. Андар фазилати шабу рӯз ботаҳорат будан; ва фазилати шабона ва рӯзона хондани намози баъди вузӯ ... 420
(18) Боб. Андар он сахтгирие, ки дар ибодат макрӯҳ аст ... 421
(19) Боб. Андар он шабхезие, ки тарки он бар каси шабзиндадор макрӯҳ аст ... 421
(20) Боб ... 422
(21) Боб. Андар фазилати касе, ки шабона бедор шуд ва намоз гузорид ... 422
(22) Боб. Аладдавом адо намудани ду ракъат (суннати) намози бомдод ... 424
(23) Боб. Андар дароз кашидан ба паҳлӯи рост баъди адои ду ракъат (суннати) намози бомдод ... 424
(24) Боб. Дар бораи касе, ки баъди адои ду ракъат суннати

намози бомдод сӯҳбат кунад ва дароз накашад .................... 424
(25) Боб. Андар сӯҳбат кардан баъди ду ракъат (суннати) намози бомдод .......... 425
(26) Боб. Илзоман адо намудани ду ракъат (суннати) намози бомдод; ва дар бораи касе, ки ин ду ракъатро нафл номида бошад .......... 425
(27) Боб. Он чӣ дар ду ракъати суннати намози бомдод қироат мешавад .......... 425
(28) Боб. Он чӣ дар бораи ду ракъат-ду ракъат будани намози нафл омадааст .......... 426
(29) Боб. Андар гузоридани намози нафл баъди адои фарз.............. 428
(30) Боб. Дар бораи касе, ки баъди адои намози фарз нафл нахонад .......... 428
(31) Боб. Адои намози зуҳо дар сафар .......... 429
(32) Боб. Дар бораи касе, ки намози зуҳоро нахонад ва инро мубоҳ донад .......... 429
(33) Боб. Адои намози зуҳо дар ҳазар .......... 430
(34) Боб. Андар хондани ду ракъат намоз пеш аз (фарзи) пешин...... 430
(35) Боб. Андар хондани нофила пеш аз намози шом .......... 431
(36) Боб. Андар боҷамоат гузоридани намозҳои нафл .......... 431
(37) Боб. Хондани намозҳои нафл дар хона .......... 433
XX. КИТОБ АНДАР ФАЗИЛАТИ АДОИ НАМОЗ ДАР МАСҶИДҲОИ МАККА ВА МАДИНА .............. 434
(1) Боб. Андар фазилати адои намоз дар масҷидҳои Макка ва Мадина .......... 434
(2) Боб. Масҷиди Қубо .......... 434
(3) Боб. Дар бораи касе, ки ҳар рӯзи шанбе ба масҷиди Қубо ояд..... 435
(4) Боб. Андар пиёда ва савора омадан ба масҷиди Қубо .......... 435
(5) Боб. Андар фазилати ҷои байни қабр ва минбари пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам .......... 435
(6) Боб. Масҷиди Байтулмуқаддас .......... 436
XXI. КИТОБИ АМАЛ ДАР НАМОЗ .......... 437
(1) Боб. Андар (ҳукми) истифода аз даст дар коре, ки ба намоз тааллуқ дорад .......... 437
(2) Боб. Андар он чӣ аз калом, ки дар намоз наҳй шудааст .......... 438
(3) Боб. Андар он чӣ аз тасбеҳ ва ҳамд, ки барои мардон дар намоз ҷоиз аст .......... 438
(4) Боб. Дар бораи касе, ки дар намоз надониста қавмеро номбар кунад ё ба каси дигар рӯй оварда салом диҳад .......... 439
(5) Боб. (Ҳангоми намоз) кафкӯбӣ занонро (равост) .......... 439
(6) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми намоз ба сабаби кори пешомадае пуштнокӣ ақиб равад ё (аз саф) пеш барояд .......... 440
(7) Боб. Фарзандро ҳангоми намоз хонданаш бонг кардани мо-

дар ........................................................................................ 440
(8) Боб. Ҳангоми намоз аз сангреза пок кардан(-и саҷдагоҳ) ............ 441
(9) Боб. Ҳангоми намоз густурдани ҷома барои саҷда........................ 441
(10) Боб. Андар он амалҳое, ки дар намоз ҷоиз аст............................ 441
(11) Боб. Ҳангоми намоз агар ҳайвони саворӣ худро раҳо кунад (чӣ бояд кард)?.................................................................................. 442
(12) Боб. Ҳангоми намоз он чӣ аз оби даҳон афкандан ва дамидан ҷоиз аст ................................................................................ 443
(13) Боб. Ҳар кӣ аз мардон ҳангоми намоз надониста кафкӯбӣ кунад, намозаш фосид нашавад................................................ 444
(14) Боб. Чун ба намозхон гуфта шавад: «пеш гузар» – ё «мунтазир шав» – боке нест, агар мунтазир шавад.............................. 444
(15) Боб. Ҳангоми намоз шахс ҷавоби салом надиҳад ........................ 444
(16) Боб. Андар бардоштани дастон ҳангоми намоз аз рӯи зарурате ........................................................................................ 445
(17) Боб. (Ҳукми) дар намоз даст бар тиҳигоҳ ниҳодан ...................... 446
(18) Боб. Ҳангоми намоз дар бораи чизе дигар фикр кардани шахс ........................................................................................ 446
XXII. КИТОБИ САҲВ ........................................................... 448
(1) Боб. Он чӣ дар бораи саҳв омадааст: агар намозхон баъди ракъати дуюми намози фарз нанишаста аз ҷой хезад............. 448
(2) Боб. Агар (ба ҷои чаҳор ракъат) панҷ ракъат хонад (ҳукмаш чист)? ........................................................................................ 448
(3) Боб. Ҳар гоҳ шахс баъди ду ё се ракъат салом диҳад, мисли саҷдаи намоз ё дарозтар аз он ду саҷда кунад ........................ 449
(4) Боб. Дар бораи касе, ки баъди ду саҷдаи саҳв ташаҳҳуд (ат-таҳийёт) нахонад .................................................................... 449
(5) Боб. Дар бораи касе, ки дар ду саҷдаи саҳв такбир гӯяд ............. 450
(6) Боб. Агар шахс чанд – се ё чаҳор – ракъат хонданашро надонад, дар ҳамон вазъи нишаста ду саҷда кунад ........................ 450
(7) Боб. (Ҳукми) саҳв дар намози фарз ва нафл.................................. 451
(8) Боб. Агар ба касе ҳангоми намоз сухан гӯянд, ӯ бо дасташ ишора кунад ва гӯш ба он сухан ниҳад ...................................... 451
(9) Боб. Андар ишора кардан ҳангоми адои намоз ............................. 452
XXIII. КИТОБИ ҶАНОЗАҲО ............................................... 455
(1) Боб. Дар бораи ҷанозаҳо; ва дар бораи касе, ки суханҳои вопасинаш «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» бошад.................................... 455
(2) Боб. Фармоиши рафтан аз паси ҷаноза.......................................... 455
(3) Боб. Даромадан назди маййит баъди он ки дар кафан печида бошанд ........................................................................................ 456
(4) Боб. Дар бораи касе, ки хабари мурдаро бевосита ба соҳиби маййит расонад............................................................................. 458
(5) Боб. Андар хабар кардан ба ҷаноза................................................ 458

(6) Боб. Андар фазилати касе, ки фарзандаш бимираду ӯ ба умеди савоб таҳаммул кунад ........ 459
(7) Боб. Дар сари қабр мард ба зан бигӯяд: «Басабр бош!» ........ 460
(8) Боб. Андар ғусл ва вузӯ додани маййит бо обу сидр ........ 460
(9) Боб. Мустаҳаб аст маййит ба адади тоқ шуста шавад ........ 460
(10) Боб. Шустани (ҳар узви) маййитро аз тарафи рост оғоз кунанд ........ 461
(11) Боб. Андар ҷойҳои дар вузӯ шусташавандаи маййит ........ 461
(12) Боб. Оё занро дар изори мард такфин мекунанд? ........ 461
(13) Боб. Андар он ки ахиран (ба маййит) кофур зананд ........ 462
(14) Боб. Андар кушодани мӯи (бофтаи) зан ........ 462
(15) Боб. Маййитро чӣ гуна ба кафан мепечонанд? ........ 462
(16) Боб. Андар он ки мӯи занро се кокул бофанд ........ 463
(17) Боб. Андар он ки мӯи зан ба пушт партофта шавад ........ 463
(18) Боб. Андар он ки кафанӣ матои сафед аст ........ 463
(19) Боб. Андар он ки кафан ду пора матоъ аст ........ 464
(20) Боб. Андар ҳанут задан бар маййит ........ 464
(21) Боб. Одами эҳром бастаро чӣ гуна такфин бояд кард? ........ 464
(22) Боб. Андар кафан сохтан аз пероҳане, ки ҳошияаш дӯхташуда ё дӯхтанашуда аст; ва дар бораи касе, ки ӯро бидуни пероҳан кафан карда бошанд ........ 465
(23) Боб. Бе пероҳан кафан кардан ........ 466
(24) Боб. Бе дастор кафан кардан ........ 466
(25) Боб. (Харҷи) кафан аз маҷмӯи моли маййит (ҷудо карда мешавад) ........ 466
(26) Боб. Агар ба ҷуз як ҷомавор матоъ ёфт нашавад, чӣ бояд кард? ........ 467
(27) Боб. Ҳар гоҳ барои кафан ҷуз пораи матоъе чизе набошад, ки сарро пӯшонанд, пойҳо ва пойҳоро пӯшонанд, сар берун бимонад, бигузор сарро пӯшонанд ........ 467
(28) Боб. Дар бораи касе, ки дар замони зиндагонии пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, барои худ кафан омода намуд ва пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, инро ба ӯ манъ накард ........ 467
(29) Боб. Оё аз паси ҷаноза рафтани занҳо (ҷоиз аст)? ........ 468
(30) Боб. Андар азо гирифтани зан ба фавти каси ғайри шавҳараш ........ 468
(31) Боб. Андар зиёрати қубур ........ 469
(32) Боб. Андар суханони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Маййит ба сабаби гиряҳои аҳли хонааш дар қабр азоб дода мешавад» – агар навҳа кашидан (дар вақти зинда буданаш) одати маййит ва аҳли ӯ буда бошад ........ 469
(33) Боб. Андар он навҳагарие, ки аз барои мурда макрӯҳ аст ........ 472

(34) Боб ........ 473
(35) Боб. Ҳар кӣ (дар азо) гиребон чок кунад, аз мо нест ........ 473
(36) Боб. Андар марсияи пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бар Саъд ибни Хавла ........ 474
(37) Боб. Он чӣ аз тарошидани сар ҳангоми мусибат наҳй карда мешавад ........ 474
(38) Боб. Ҳар кӣ ба рӯй силӣ занад, аз мо нест ........ 475
(39) Боб. Он чӣ аз вовайло кардан ва хондани дуоҳои аҳди ҷоҳилият ҳангоми мусибат найҳ карда мешавад ........ 475
(40) Боб. Дар бораи касе, ки ҳангоми мусибат бинишинад ва андӯҳ аз ӯ ҳувайдо бошад ........ 475
(41) Боб. Дар бораи касе, ки андӯҳи худро ҳангоми мусибат зоҳир накунад ........ 476
(42) Боб. Андар сабр кардан дар аввалин лаҳзаи мусибат ........ 477
(43) Боб. Андар суханони пайғамбар, салла-л- Лоҳу алайҳи ва саллам: «Ба ростӣ, мо аз (фироқи) ту андӯҳгинем» ........ 477
(44) Боб. Андар гиристан дар ҳузури бемор ........ 478
(45) Боб. Андар он навҳаву гиря, ки наҳй шудааст ва боздоштан аз ин гуна (корҳо) ........ 478
(46) Боб. Андар бархестан барои ҷаноза ........ 479
(47) Боб. Шахсе, ки барои ҷаноза аз ҷой хеста бошад, кай бинишинад? ........ 479
(48) Боб. Дар бораи касе, ки аз паси ҷаноза равад ва то мардон аз китфи худ ба замин гузоштани тобут нанишинад ва агар бинишинад, ба ӯ амр кунанд, ки бархезад ........ 480
(49) Боб. Дар бораи касе, ки барои ҷанозаи яҳудие аз ҷой бархест ........ 480
(50) Боб. Андар он ки тобутро фақат мардон, бидуни занон бардоранд ........ 481
(51) Боб. Андар ҳар чӣ зудтар бурдани ҷаноза ........ 481
(52) Боб. «Зудтар маро бурда супоред» гуфтани маййит дар тобут ........ 481
(53) Боб. Дар бораи касоне, ки барои (адои намози) ҷаноза аз пушти имом ду ё се саф шаванд ........ 482
(54) Боб. Андар сафҳо бастан барои (адои намози) ҷаноза ........ 482
(55) Боб. Андар сафҳо ҳамроҳи мардон истодани писарбачагон дар намози ҷаноза ........ 483
(56) Боб. Андар суннати адои намози ҷаноза ........ 483
(57) Боб. Андар фазилати рафтан аз паси чанозаҳо ........ 484
(58) Боб. Дар бораи касе, ки то дафн кардани маййит мунтазир шавад ........ 484
(59) Боб. Андар намози ҷаноза хондани писарбачагон ҳамроҳи мардум ........ 485

(60) Боб. Дар намозгоҳ ва масҷид гузоридани намози ҷаноза .......... 485
(61) Боб. Андар он ки қабрҳоро масҷид кардан макрӯҳ аст .............. 486
(62) Боб. Андар гузоридани намоз бар занони дар нифос будае, ки ҳангоми нифос фавт карда бошанд ........................................ 486
(63) Боб. Ҳангоми намози ҷанозаи зан ва мард имом бояд рӯ ба куҷои онҳо истад? ........................................................ 486
(64) Боб. Дар (намози) ҷаноза бар маййит чаҳор такбир (гуфта) шавад ........................................................................ 487
(65) Боб. Андар қироати сураи «Фотиҳа» дар намози ҷаноза ........... 487
(66) Боб. Баъди дафни маййит бар сари қабраш намоз гузоридан..... 487
(67) Боб. Андар он ки маййит шарфаи по(-и зиндаҳо)-ро мешунавад ........................................................................ 488
(68) Боб. Дар бораи касе, ки дар Замини Муқаддас (Байтулмуқаддас) ё ҷойҳои монанди он дафн шуданро дӯст дорад..... 489
(69) Боб. Шабона дафн кардани маййит.............................................. 489
(70) Боб. Андар сохтани масҷид бар рӯи қабр ................................... 489
(71) Боб. Ба қабри зан киро даромадан ҷоиз аст? .............................. 490
(72) Боб. Андар гузоридани намози ҷаноза бар шаҳид....................... 490
(73) Боб. Андар дафни ду ё се мард дар як қабр ............................... 491
(74) Боб. Дар бораи касе, ки шаҳидонро ношуста дафн кард............ 491
(75) Боб. Нахуст киро дар лаҳад бояд гузошт? ................................. 491
(76) Боб. Андар гузоштани изхир ва алаф дар қабр........................... 492
(77) Боб. Оё бо сабабе маййитро аз қабру лаҳад берун мебароранд? .......................................................................... 493
(78) Боб. Андар (кандани) лаҳад ва шаққ (шикоф) дар қабр ............. 494
(79) Боб. Агар писарбача ислом орад ва бимирад, оё равост, ки бар ӯ намоз гузоранд? Ва ба писарак(-и ноболиғ) ислом арза мекунанд? .......................................................................... 494
(80) Боб. Агар мушрик вақти ҷон додан «Ло илоҳа илло-л-Лоҳ» гӯяд... ........................................................................ 496
(81) Боб. Андар гузоштани шохаи нахл бар қабр .............................. 497
(82) Боб. Андар ваъз гуфтани муҳаддис дар сари қабр ва нишастани ҳамроҳонаш дар атрофи ӯ............................................... 498
(83) Боб. Он чӣ дар бораи каси худкушикунанда омадааст............... 498
(84) Боб. Андар он ки намоз(-и ҷаноза) хондан бар мунофиқон ва омурзиш талаб кардан барои мушрикон макрӯҳ аст........... 499
(85) Боб. Андар сано хондани мардум бар маййит............................ 500
(86) Боб. Андар он чӣ дар бораи азоби қабр омадааст ...................... 501
(87) Боб. Андар паноҳ бурдан (ба Худо) аз азоби қабр ...................... 503
(88) Боб. Андар азоби қабр ба сабаби ғайбат кардан ва (эҳтиёт накардан аз) бавл........................................................................ 503
(89) Боб. Андар он ки ба маййит пагоҳу бегоҳ ҷойгоҳаш (дар ҷаннату дӯзах) нишон дода мешавад....................................... 504

(90) Боб. Андар сухани маййит дар ҷаноза ........................................ 504
(91) Боб. Андар он чӣ дар ҳаққи фарзандҳои мусулмонон гуфтаанд ........................................ 504
(92) Боб. Андар он чӣ дар ҳаққи фарзандони мушрикон гуфтаанд ........................................ 505
(93) Боб ........................................ 505
(94) Боб. Андар фавтидан рӯзи душанбе ........................................ 507
(95) Боб. Андар марги муфоҷот – ногаҳон ........................................ 508
(96) Боб. Андар он чӣ дар бораи қабри пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Абӯбакру Умар, разия-л-Лоҳу анҳумо, омадааст ........................................ 508
(97) Боб. Андар он чӣ аз дашном додани мурдагон наҳӣ шудааст .... 510
(98) Боб. Андар зикри бадиҳои мурдагон ........................................ 511

Ал-Бухари, Абуабдуллах Мухаммад ибн Исмаил. Сахих ал-Бухари. В 6-ти т. / Пер. с араб. Умарвоа М. и Бобоева Ф. – М.: Наука. – 2002. – Т.1. 536 стр.

«Сахих» ал-Бухари в полном объеме текста впервые переводится и публикуется на родном языке автора – таджикском. В первый том включены от книги «Начала откровений» до книги «Усопших» включительно.

ББК

Ал-Бухари Абуабдуллах Мухаммад ибн Исмаил

САХИХ АЛ-БУХАРИ

Том 1

Редактор

ИБ №